Чеҳраи Хатлон

(Ба ифтихори 80-солагии рӯзномаи «Хатлон»)

Душанбе-2013

ББК ЛОЗИМ

Мураттиб ва муҳаррир
НОСИРҶОН МАЪМУРЗОДА

Чеҳраи Хатлон

Душанбе: Русская литература, 2013- .... саҳ

Дар китоби мазкур маълумоти кӯтоҳ оид ба таърихи нашрияи «Хатлон» фаъолиятҳои корӣ ва зиндагиномаи бисёре аз кормандони собиқ ва феълии рӯзнома гирд оварда шудааст. Маҷмӯаи мазкур ба доираи васеи хонандагон пешниҳод мешавад.

© Рӯзномаи «Хатлон», 2013

Имрӯз беш аз пеш маълум мегардад, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷомеаи муосир чӣ андоза бузург аст. Дар ҳақиқат матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд.

Онҳо хусусан дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошанд.

Эмомалӣ РАҲМОН

«ХАТЛОН» БА МАНФИАТИ ХАЛҚУ ВАТАН ХИЗМАТИ СОДИҚОНА ВА СОФДИЛОНА МЕКУНАД

Паёми табрикии раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Саидович Авзалов ба муносибати таҷлили 80-солагии рӯзномаи «Хатлон»

«Хатлон» - нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дорои таърихи қадима ва мактаби бузургу эътирофшудаи рӯзноманигории тоҷик буда, тӯли беш аз 80 соли арзи ҳастӣ карданаш барои рушду нумӯи вилоятамон ва дар маҷмӯъ, Тоҷикистони маҳбуб, барои маҳви бесаводии мардум дар нимаи аввали асри гузашта, барои забономӯзию ғановати фарҳангӣ, таблиғу ташвиқи ғояҳои ободкорию созандагии давлат ва таҳкими сулҳу ягонагӣ ва

ваҳдати миллӣ саҳми беандоза гузоштааст.

Ин нашрия, ки дар гузашта бо номҳои «Сохтмони зарбдори Вахш», «Ҳақиқати Кӯлоб», «Роҳи ленинӣ», «Коммунисти Қӯрғонтеппа», «Ҳақиқати Хатлон», «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», «Навиди Вахш» рӯйи чоп меомад, ҳанӯз дар соли 1931 («Сохтмони зарбдори Вахш») ва тибқи маълумоти манбаъҳои дигари таърихӣ дар солҳои 1932 ва 1933 дар водии Вахшу минтақаи Кӯлоб таъсис ёфта, дар охири солҳои 80-уму аввали солҳои 90-ум, дар натиҷаи якҷоя шудани ду вилоят – Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб – идораи ин ду нашрия ҳам ба ҳам омада, номи рӯзнома ҳам номи вилояти нав - «Хатлон»-ро гирифт.

Бешак, метавон гуфт, ки рӯзномаи мазкур ба журналистикаи минтақавӣ дар қаламрави имрӯзаи вилояти Хатлон замина гузоштааст. Нашрия махсусан дар самти инъикоси масъалаҳои вобаста ба бунёди иншооту сохтмонҳои азим, ташкили ҳаёти нав ва масоили адабиву фарҳангӣ нақши созанда ва пешоҳанг дошт.

Дар саҳифаҳои ин рӯзнома асосан меҳнати пурмашаққати бинокорони сохтмони Вахш дар солҳои 30-юми қарни пешин, кору зиндагии фотеҳони водӣ, муҳимтарин масъалаҳои марбут ба зиндагӣ, таъриху тамаддун, фарҳангу адаби тоҷик инъикос меёфтанд. Журналистони машҳуру овозадори тоҷик Насрулло Абдуллоев, Мирсаид Миршакар, Сафо Ашӯров, Бӯриннисо Бердиева, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Муқим Абдураҳмонов, Пиримқул Сатторӣ, Абдулло Муродов, Акбар Муслимов, Ғаффор Мирзо, Ҳақназар Ғоиб, Фотеҳ Ҳомидов, Ашӯр Сафар, Мисралӣ Сониев, Олимҷон Ёрасенов, Аскаралӣ Набиев, Қувваталӣ Холов, Саидалӣ Бобохонов, Файзалӣ Чориев, Саломиддин Мирзораҳматов, Шамсиддин Муҳаммадиев, Бобоҷон Абдулвоҳидов, Шералӣ Яҳёев ва даҳҳо нафари дигар бо навиштаҳои пурмуҳтавои худ дар бедории мардум ва баланд рафтани сатҳи маърифатнокии онон, фош намудани беадолатиҳои иҷтимоӣ саҳми беандоза гузоштаанд.

Боиси ифтихор аст, ки аксари шоирону нависандагони адабиёти навини тоҷик, ки бо асарҳои худ на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар арсаи олам шуҳрат пайдо кардаанд, фаъолияти эҷодии худро дар рӯзномаи вилоятии «Хатлон» оғоз намуда, аз мактаби бузурги ин нашрия сабақ гирифтаанд.

Дар давраи беш аз 80-солаи мавҷудияти рӯзномаи «Хатлон» чандин наслҳои журналистон ба камол расиданд. Қаламкашони қавие назири Ғайбулло Ҳалимов, Давлат Султонов, Асалмо Сафарова, Ҳуриннисо Ализода, Абдулфайз Атоев, Сангаҳмад Зуҳуров, Саттор Қарахонов, Нуриннисо Муртазоева, Усмон Тӯйчиев, Ғафурҷон Расулов, Муҳаббат Мирзораҳимова, Ҳасан Муродов, Наҷот Сафарзода, Ҳусейн Маликов, Гурез Қосимов, Солиҷон Комилов, Аброр Имомов, Абдувалӣ Абдувоҳидов, Сафар Аюбзодаи Маҳзун, Мираҳмади Амиршо ва дигарон то имрӯз дар пайравӣ ба мактаби бузурги эҷодии рӯзнома дар арсаҳои гуногун заҳмат мекашанд. Қисмате аз онҳо ба таҳқиқу пажуҳишҳои илмӣ рӯ оварда, феълан докторону номзадҳои илм ҳастанд, бархе дигар дар намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистону вазорату кумитаҳои давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ дар мақомҳои роҳбарикунанда сарбаландона ифои вазифа мекунанд.

Дар пайравӣ ба ин устодони сухан имрӯз ҳам арзишҳои мактаби эҷодии рӯзномаи «Хатлон»-ро журналистони ҷавону пурмаҳсул Ҳангомаи Исмат, Махфират Шоимова, Носирҷон Маъмурзода, Зокир Ҳасан ва дигарон нигоҳ дошта, бо таълифи матолиби ҷолибу масъалагузориҳои муҳим ба пешрафти ҷомеа ваислоҳи камбудиҳо мусоидат мекунанд.

Имрӯз, ки ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо ба марҳилаи нави таърихии худ, ба муносибатҳои нави иқтисодӣ қадам гузошта, бо роҳи интихобнамудааш дилпурона пеш меравад, дар назди журналистикаи тоҷик, аз ҷумла матбуотчиёни вилояти Хатлон вазифаҳои пурмасъулият меистанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ борҳо рисолати бузурги бар дӯши журналистон

истодаро таъкид намудаанд. Яке аз чунин вазифаҳои муҳим таҳкими фаъолияти иттилоотӣ ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва нуфузи давлатамон дар арсаи байналмилалист. Президенти кишвар ҳам дар яке аз суханрониҳои худ таъкид кардаанд, ки «Манфиатҳои миллӣ ва суботу оромии ҷомеа тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бошанд, балки дар мубориизаи иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус амнияти давлат ва ҷомеа хизмат кунанд». Ба ҷуз ин, мо медонем, ки ҳадафи асосии матбуоти чӣ ҳукуматӣ ва чӣ мустақил ҳамчун ду шохаи бо ҳам пайвастаи матбуоти Тоҷикистон - иҷрои рисолати касбӣ, яъне хизмати содиқона ва софдилона ба манфиати халқу Ватан мебошад.

Садриддин Айнӣ, аз аввалин рӯзноманигорон ва сарамадони матбуоти тоҷик, дар як матлабаш зебо гуфтааст: «Ҳар одаме, ки дуруст фикр мекунад, медонад, ки Ватан модари ӯст, Ватан хеш ва табори ӯст, Ватан шараф ва номуси ӯст, Ватан ҳама чизи ӯ ва ҳаёти ӯст! Ба ин сабаб ҳар фарзанди одам, ки сифати инсонии худро гум накардааст, Ватани худро мисли модари худ, ҳатто аз вай ҳам зиёдтар дӯст медорад, ӯро ҳимоят ва мудофиа мекунад». Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон низ дар тақвияти ин андешаи устод Айнӣ мегӯяд: «Ин суханони воқеан пурарзиш ва ин панди устод барои ҳамаи мо ва хусусан барои аҳли қалам ва рӯзноманигорон сабақи бузург ва чароғи роҳнамо дар фаъолияти ҳаррӯзаамон бояд бошанд!»

Бо қаноатмандӣ бояд зикр кард, ки журналистони рӯзномаи «Хатлон» ҳам дар радифи дигар матбуотчиёни кишвар ҷиҳати инъикоси воқеии зиндагӣ, рушду тараққии хоҷагии халқ, дастоварду навгониҳои вилоят маҳорат, донишу малакаи хешро дареғ намедоранд. Онҳо ҳамдилу ҳамқисмати мардуми вилоят буда, барои ба меҳнати созандаю бунёдкорона ба хотири шукуфоии диёр ҳидоят намудани омма, ба мардум расонидани ҳадафҳои наҷиб, сиёсати хирадмандона ва башардӯстонаи Роҳбари давлат, Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ҳиссаи сазовор мегузоранд. Итминони комил дорам, ки дар оянда низ қаламкашони рӯзномаи«Хатлон», ки нашрияи воқеан мардумист, ба Ватан, ба мардуми худ содиқона хизмат хоҳанд кард.

Ба муносибати 80-умин солгарди таъсисёбии нашрияи «Хатлон» кормандони эҷодию техникӣ ва кулли алоқамандони ин рӯзномаи маҳбубро самимона муборакбод намуда, ба онҳо комёбиҳои эҷодӣ, рӯзгори неку осуда ва бахту иқболи баланд орзу менамоям.

НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ РӮЗНОМА

«ХАТЛОН» - ОЙИНАИ РӮЗГОРИ ХАТЛОНИҲО

Аз замоне, ки нахустин шумораи рӯзномаи «Хатлон» рӯйи чоп омада буд, имрӯз 80 сол сипарӣ мешавад. 80 сол ин рӯзнома бозгӯкунанда ҳавлу ҳол ва таҳаввулоти Хатлонзамин, инъикосгари корномаҳои хатлониҳо, фошкунандаи мушкилоти замон ва мубаллиғи фаъолиятҳои созандаи халқу давлат буд. Воқеиятро рӯзро мисли ойина инъикос мекард. «Хатлон»-и мову шумо дар ин 80 сол ҳар рӯз падида буд, пайку мужда буд, ҳадя буд, ихлосу ирода буд, намунаи матонату ҷасорат буд. Хуллас, «Хатлон» дар ин башт даҳсола Чеҳраи Хатлон буду ҳаст ва боқӣ хоҳад монд.

«Хатлон»-и имрӯза натиҷаи баҳамоии рӯзномаҳои «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ва «Роҳи ленинӣ»-ст, ки мансуб ба вилоятҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб буда, авоили солҳои 90-ум дар пайи ба ҳам омадани ин ду вилоят ва таъсиси вилояти Хатлон, ҳайати эҷодии он низ якҷоя шуд. «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ва «Роҳи ленинӣ» таърихи тӯлонӣ дошта, зодаи «панҷсолаи якум»-и барномаи амали ҳукумати тозабунёди Шӯравӣ мебошад.

Ҳарчанд чунин қабул шуда, ки таърихи таъсиси ин рӯзнома аз соли 1933 бозшумурда мешавад, аммо сарчашмаҳои таърихӣ ва санадҳо бозгӯи онанд, ки ин ду рӯзнома ҳанӯз дар солҳои 1931-1932 ташкил дода шуда ва ба дасти хонандаи худ расидаанд.

«Сохтмони зарбдори Вахш» - нахустин рӯзнома дар Вахшонзамин

8 феврали соли 1931 қароре дар бораи таъсиси рӯзнома бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ ба тасвиб расид. Тибқи

«Хатлон»-и имрӯза натиҷаи баҳамоии рӯзномаҳои «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ва «Роҳи ленинӣ»-ст, ки мансуб ба вилоятҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб буда, авоили солҳои 90-ум дар пайи ба ҳам омадани ин ду вилоят ва таъсиси вилояти Хатлон, ҳайати эҷодии он низ якҷоя шуд. «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ва «Роҳи ленинӣ» таърихи тӯлонӣ дошта, зодаи «панҷсолаи якум»-и барномаи амали ҳукумати тозабунёди Шӯравӣ мебошад.

Ҳарчанд чунин қабул шуда, ки таърихи таъсиси ин рӯзнома аз соли 1933 бозшумурда мешавад, аммо сарчашмаҳои таърихӣ ва санадҳо бозгӯи онанд, ки ин ду рӯзнома ҳанӯз дар солҳои 1931-1932 ташкил дода шуда ва ба дасти хонандаи худ расидаанд.

«Сохтмони зарбдори Вахш» - нахустин рӯзнома дар Вахшонзамин

8 феврали соли 1931 қароре дар бораи таъсиси рӯзнома бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ ба тасвиб расид. Тибқи маълумоте, ки аз асари «История коллективизации сельского хозяйства и колхозного строительства в Таджикской ССР (1926-1937 гг.)» (Сб. документов. - Душанбе, 1973.-Т.1.-С.647) бармеояд, моҳи майи ҳамон сол дар қитъаи марказии сохтмони Вахш комсомолҳо нахустин шумораи рӯзномаи девориро бо номи «Сохтмони зарбдори Вахш» («Ударник Вахшстроя») таҳия карданд, ки баъдтар ҳамчун нашрияи бисёртиражаи (орган)-и кумитаи ҳизбӣ, кумита ва раёсати сохтмон муаррифӣ мешуд.

Ин нашрияи аввалини водии Вахш корҳои зиёдеро дар сохтмону азхудкунии водӣ ба анҷом расонид. Рӯзномаи ҳизбии низоми ирригатсионӣ (обёрӣ)-и Вахш дар маъракаи маҳви бесаводӣ миёни кормандон, бахусус меҳнаткашони бумӣ ё таҳҷоӣ, саҳми қобили мулоҳиза дошт.

Сохтмончиёни низоми ирригатсионии Вахш яке аз гурӯҳҳои коргарии пешоҳанги ҷумҳурӣ буданд, ки дар миёни онҳо ба ҷуз тоҷикон, ҳамчунин русҳо, украиниҳо, қирғизҳо,

олмониҳо, афғонҳо ва қазоқон, кашмирию тоторҳо, гурҷию осетинҳо, ӯзбекону қошғариҳо заҳмат мекашиданд.

Мешавад гуфт, ки солҳои аввали кор дар сохтмони Вахш равияи наве дар журналистикаи тоҷик ба миён омад, ки қиссаҳо аз кору рӯзгори собиқадорони меҳнат буд. Аввалин очеркҳо дар матбуоти вилояти Хатлон маҳз ҳамон солҳо навишта шуданд, ки марбут ба кормандони сохтмони Вахш буд.

«Ударник Вахшстроя» ва Бруно Ясенский

Бо қарори Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, ду нашрия таъсис дода шуд – «Сохтмони зарбдори Вахш» ва «Ударник Вахшстроя». Дар шумораи якуми нашрияи русӣ очерки яке аз пешвоёни комсомолҳои «Вахшстрой» В. Коночкин ба чоп расида буд, ки ин очерк дар бораи ба маҳалли сохтмони мазкур ташриф овардани ҳайати хориҷие зери сарварии адиби лаҳистонӣ Бруно Ясенский қисса мекард. Ба ҳайати бригада Пол Вайян Кутюре – муҳаррири рӯзномаи «Юмоните», Эгон Эрвин Киш – рӯзноманигори машҳур ва амсоли инҳо шомил буданд.

Сохтмони ирригатсионии Вахш диққати бисёр шоирону рӯзноманигоронро ба худ ҷалб менамуд. Нависандаи поляк Бруно Ясенский, ки Вахшро бо чашмони худ дида буд, пас аз боздидаш аз маҳалли сохтмон соли 1932 бо номи «Одам пӯсташро иваз мекунад» романи олиҷанобе офарид. Журналист М. Розенфелд дар саҳифаҳои рӯзномаи «Комсомолская правда» силсилаи очеркҳоро бо номи «Дар сарҳад палангон сайр мекунанд» ба табъ расонд.

Воқеан, вақте Бруно Ясенский дар доираи сафараш дар маҳалли сохтмон қарор дошт, шомгоҳон қисматҳоеро аз романи худ ба бинокорон қироат мекард. Дар аввалини рӯзномаи «Ударник Вахшстроя» ҳамчунин шеърҳои корманди сохтмон Платон Воронко, ки дар оянда шоири маъруфи Украин ва лауреати мукофоти давлатии СССР мешавад, ба чоп расид. Журналистони рӯзнома В. Дорошев и И. Уривков

пас аз анҷоми сохтмон дар рӯзномаи ҷумҳуриявии «Коммунист Таджикистана» кор карда, ихтиёран ба фронт рафта, дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҳалокат расидаанд.

Саҳми рӯзнома дар сохтмони бомуваффақияти системаи обёрии Вахш

Дар сохтмони бомуваффақияти системаи ирригатсионии Вахш мақомоти табъу нашри он таъсири бузурги ахлоқиву маънавӣ мерасонд. Он бо унвони «Уданик Вахшстроя» ба забони русӣ ва ба номи «Сохтмони зарбдори Вахш» ба тоҷикӣ (ҳуруфи лотиниасос) интишор мегардид. Онҳо аслиҳаи тавонои раёсати «Вахшстрой» маҳсуб мегаштанд. Табъу нашри онҳоро худи ҳаёт тақозо менамуд. Тавре ки профессор Маҳамадӣ Ҳамроев дар асараш «Таърихи обёрии Вахш» зикр мекунад, ин нашрияҳо камбудию норасиҳо, саҳву хатоҳоро ошкор мекарданд, коллективи сершумори бинокоронро ба мусобиқаи сотсиалистӣ ва ҳаракати зарбдорӣ, ба тезондани суръати корҳои сохтмонӣ ҳидоят ва сафарбар менамуданд. Дар саҳифаҳои рӯзнома пешқадамҳои истеҳсолотро ҳамаҷониба ташвиқу тарғиб намуда, танбалону бепарвофалаконро бераҳмона зери тозиёнаи танқид гирифта, унсурҳои душманона фош карда мешуданд. Рӯзномаҳо рейд мегузарониданд, рафту суръати корҳоро дар иншооту каналҳо, ҳолати наклиёту механизм ва шароитҳои маданию маишии коргаронро тафтиш мекарданд.

Дар бораи тавлиди номи рӯзномаи «Вахшстрой» В. Г. Коночкин чунин ёдовар мешавад: «Рақами аввали рӯзномаи деворӣ моҳи майи соли 1931 дар қитъаи асосӣ нашр гардид. Ба чоп омода сохтану ороиши онро Леонид Немковский ва ман ба ҷо овардем. Аз байни вариантҳои гуногун номи «Ударник Вахшсторя»-ро интихоб намудем. Ин унвон баъдан органи табъу нашри «Вахшстрой» гардид».

Аз Л.В. Немковский – муншии бюрои ташкилии кумитаи комсомолӣ, С.К. Калижнюк – муовини сардори сохтмон оид ба масъалаҳои механиконӣ ва В.Г. Коночкин – узви бюрои

ташкилии кумитаи комсомолӣ ҳайати таҳририяи сохтмон ба вуҷуд омад. Онҳо мақолаву гузоришҳои мухбирони коргарро ҷамъ оварданд, таҳрир ва ба чоп омода карданд. Л.В. Немсковский маводи чопиро гирифта, ба Сталинобод рафт. Ҳуруфчинӣ ва чопро комсомолони полиграфкомбинат ба ҷо оварданд. Бад-ин тартиб, рақами аввали рӯзномаи «Ударник Вахшстороя» тавлид гардид. Воқеан, онро бевосита дар сохтмон аз чоп баровардан мувофиқи мақсад буд. Вале ин кор душвориҳои зиёде дошт. Дар Сталинобод таҷҳизоти чопӣ ва дигар воситаҳои зарурӣ набуданд. Аз ин рӯ, нашриёти осиёимиёнагии Тошканд ба ёрии сохтмончиён омад. Он чопхонаро бо таҷҳизот, дастгоҳҳо ва ҳуруф таъмин намуд.

Абдуллоев ва Ляхович -
нахустин муҳаррирони рӯзнома

Профессор М. Ҳамроев дар асари худ «Таърихи обёрии водии Вахш» ҳамчунин зикр мекунад, ки дар табъу нашри «Ударник Вахшстроя» ҳамчунин мақомоти осиёимиёнагӣ, бахусус муншии кумитаи ҳизбии шаҳри Тошканд Кронберг, ки конфренсияи дуюми «Вахшстрой» (11-13-уми январи соли 1932) ҳузур дошт, ёрии калон расонданд. Ӯ ба сохтмон муҳаррир ва ду мухбир фиристод. Нашрияи русии рӯзномаи «Ударник Вахшстроя»-ро Семён Ляхович таҳрир мекард.

Рӯзномаи сертеъдоди «Сохтмони зарбдори Вахш»-ро ба забони тоҷикӣ, аммо ҳуруфоти лотинӣ чоп мешуд, аз рӯзи таъсисаш то миёнаҳои соли 1933 муддати кӯтоҳе Облоқул Ҳақбердиев аз Панҷакент омода мекард. Аммо нашрияро Насрулло Абдуллоев таҳрир мекард. Ӯ аввалин муҳаррири рӯзномаи сертеъдоди «Зарбдори сохтмони Вахш» маҳсуб мегардад. Насрулло Абдуллоев то замони ба маҳалли сохтмони Вахш ба ҳайси муҳаррири нашрия омадан ҳамчун муаллими курсҳои маҳви бесаводии назди комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон, баъдан ба ҳайси инструктори калони Кумитаи марказии «Иттифоқи камбағалон» фаъолият кардааст. Барои иштироки фаъолона дар мубориза ба муқобили

босмачиён бо нишони «Фаъол» мукофотонида шуда буд.

Вақте ки Насрулло Абдуллоевро дубора ба Сталинобод, ба рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (имрӯза «Ҷавонони Тоҷикистон») даъват карданд, то ки ин рӯзномаи ҷумҳуриявиро сарварӣ кунад, ба ҷояш Мирсаид Миршакар, шоири ҷавону пуркор, омад.

Миршакар ва хотираҳои ӯ аз «Сохтмони зарбдори Вахш»

М. Миршакар, ки баъдан лауреати мукофоти давлатии СССР ва Шоири халқии Тоҷикистон шуд, дар як мусоҳибааш аз ҷумла нигоштааст, ки азхудкунии заминҳои водии Вахш ба корнамоиҳои панҷсолаҳои аввал тааллуқ дорад. «Ман яке аз иштирокчиёни он будам. Газета оинаи ҳаёт, оинаи қаҳрамониҳои халқ аст», - гуфтааст М. Миршакар. Вай аз аввалин муҳаррирони рӯзномаи «Сохтмони зарбдори Вахш» буд, ки минбаъд рӯзномаи вилоятии «Хатлон» ва чанд рӯзномаи шаҳрию ноҳиявӣ дар заминаи он ташкил ёфта буд. Соли 1982 дар рӯзномаи ноҳиявии «Вахш», ки 50-солагии таъсисёбии он ҷашн гирифта шуд, устод Мирсаид Миршакар аз хотироти солҳои аввали фаъолияташ дар «Сохтмони зарбдори Вахш» чунин менависад: «маро соли 1932 ба Комитети Марказӣ даъват намуда, гуфтанд:

- Ба Вахш меравед. Он ҷо ба газетаи «Сохтмони зарбдори Вахш» муҳаррир мешавад.

- Ҳоло ман ҷавон, - гуфтам.

- Республика ҷавон аст. Сохтмон ҳам. Баробари онҳо қадам мезанед ва камол меёбед, - гуфтанд ба ман. Одамони фидокор ва диловар дар сохтмон бисёр буданд.

Муҳаррири аввалини газетаи «Сохтмони зарбдори Вахш» Насрулло Абдуллоев ба хондан рафту ман ба ҷойи вай гузаштам. Дар назди идораи газета маҳфили адибони ҷавон амал мекард. Он ба пешрафти кори мо - адибони ҷавон кӯмак расонд. Ман дар ҳамин ҷо достони аввалини худ «Ливои зафар»-ро, ки ба дӯстии халқҳо бахшида шуда буд, навиштам».

Баъд устод Мирсаид Миршакар дар суҳбати дигараш ёдовар шуда мегӯяд, ки «газета барои «Вахшстрой» дар ҳақиқат ҳам қувваи бузург буд. Бо кадом масъалае, ки газета баромад кунад, дар муддати кӯтоҳ ҳалли худро, албатта, меёфт.

Кор дар идораи газета чандон осон набуд. Махсусан чоп намудани шумораи тоҷикии «Зарбдори сохтмони «Вахш» меҳнати зиёдро талаб мекард. Мо се нафар ҳама кори омода ва чоп намудани газетаро иҷро мекардем. Бригада ба бригада гашта, барои газета мақола ҷамъ меовардем. Гоҳо газетаро ба воситаи радио хонда медодем».

Воқеан ҳам, тавре устод Мирсаид Миршакар ёдовар шудааст, кор дар рӯзнома чунин мушкилиҳо дорад ва онро танҳо нафароне медонанд, ки ба ин соҳа шинос ҳастанд.

Ғояҳои аслии рӯзнома

«Сохтмони зарбдори Вахш» дар сафарбарии омма баҳри иҷрои супоришҳои бинокорон, ки ибтидои соли 1932 ташкил карда шуд, нақши калону назаррас бозид. Ин рӯзнома байни коргарони тоҷик ва миллатҳои маҳаллӣ шуҳрати тамом дошт. Рӯзномаи ташкилотчии ҳаракати зарбдорӣ ва мусобиқа маҳсуб мегашт, ғояҳои манфиатбахшу судманди обёрӣ, инкишофу вусъати усулҳои кори ҳаракати зарбдориеро, ки бомуваффақият ёфтани сохтмон мусоидат менамуданд, ташвиқу тарғиб мекард. Ҳамзамон рӯзнома ба муқобили зараррасонону зиёнкорон, коршиканону қаллобон ва танбалону коргурезон, ки ба сохтмон халал мерасонанд, муборизаи беамон мебурд.

Василий Григоревич Коночкин, Дмитрий Илич Гойфман, Антонина Степановна, Никалай Тимофеев, Иван Уривков, В. Чурсин ва Нагел ходимони адабии «Ударник Вахшстроя» буданд.

«Ҳақиқати Кӯлоб» - аввалин нашрия дар Кӯлоб

Дар соли 1931 дар шаҳри Кӯлоб низ сохтмони матбааи шаҳрӣ сар шуд ва моҳи июни соли 1932 нахустшумораи

рӯзномаи шаҳрии «Ҳақиқати Кӯлоб» аз чоп баромад. Он ҳам аввалин рӯзнома дар минтақаи Кӯлоб буд, ки нашрияи вилоятии «Роҳи ленинӣ» (ҳоло «Хатлон») меросбари он маҳсуб мегардад. Рӯзнома дар саҳифаҳои худ меҳнати озоди синфи коргар, деҳқонони колхозӣ ва зиёиёни Шӯравиро тараннум менамуд. Он гуна ки дар асари муаррихон Ҳ. Тоатов ва Р. Юлдошев «Хатлон дар масири таърих» омадааст, дар панҷсолаи якум ҳамзамон хатти телеграф ба воситаи Сарой Камар, Фархор, Чӯбек, Кӯлоб кашида оварда шуд. Телеграфи шаҳрӣ дорои таҷҳизоти алоқаи «Мороз» ва «Клонфер» буд. Соли 1930 дар шаҳри Кӯлоб аввалин радиостансия сохта шуд, ки таҷҳизоти он «Қазоқистон» ном дошт. Ин ҳама ба рушди расонаҳои хабарӣ дар минтақаи Кӯлоб дар нимаи аввали асри гузашта мусоидат кард.

Аммо дар маҷаллаи ҷашние, ки бахшида ба 50-солагии таъсисёбии рӯзномаи «Роҳи ленинӣ» соли 1983 ба нашр расидааст, гуфта шудааст, ки шумораи аввалини ин рӯзнома моҳи майи соли 1933 аз чоп баромад. Дар давраи панҷсолаи якум дар рӯзнома ба нашри хабару мақолаҳое бартарӣ дода мешуд, ки рафти сохтмони аввалин корхонаҳои индустриявӣ, ба вуҷуд овардани саноати маҳаллӣ, коллективонидани хоҷагии қишлоқро инъикос менамуданд.

Аз ҳамон вақт рӯзнома дар тамоми давраҳо ифодакунандаи иродаи халқ, фикру зикр ва орзую умеди оммаи меҳнаткашон мебошад. Ҳар як шумораи рӯзнома инъикоси нақшаи фаврии роҳи пуршарафи халқи мо, ҳаёти воқеии қаҳрамонии ӯст. Агар рӯзномаро бодиққат варақ занем, таърихи ба вуҷуд омадан ва тараққӣ кардани вилоят, солномаи озмоишҳои сахти аз сар гузаронидаи халқ ва ғалабаи ба даст овардаи он дар пеши назари мо намоён мегардад.

Мушкилоти созмонёбӣ, сохтор ва функсияҳои рӯзнома

Ташкилёбии рӯзномаи ҳамонвақта ба душвориҳои калон вобаста буд, базаи полиграфии зарурӣ мавҷуд набуд, кадрҳои рӯзноманигорӣ, ҳуруфчинҳо намерасиданд, ҳама

корро айнан дар ҷойи хушку холӣ сар кардан лозим меомад. Идораи рӯзномаҳо бинои худ, воситаҳои алоқа надоштанд. Онҳо дар хоначаҳои хурди идораҳои шаҳр ҷой мегирифтанд. Ҳатто машинкаҳои хатнависӣ намерасид. Дастнависҳо дастӣ рӯбардор карда, ба матбаа супорида мешуданд. Бо вуҷуди ин, рӯзнома муттасил дастраси хонандагонаш мегардид.

Бо забони тоҷикӣ аз чоп баромадани рӯзнома дар ҳаёти мардум воқеаи муҳими маданӣ ва сиёсӣ гардид. Он дар кори сафарбаркунии меҳнаткашон дар мубориза барои мустаҳкам намудани иқтисодиёт ва ба ҳаёти сиёсӣ ҷалб намудани оммаи васеи халқ мадад расонд. Рӯзнома меҳнаткашонро дар мубориза барои барқарор ва мустаҳкам намудани иқтисодиёти хоҷагии халқи вилоят сафарбар менамуд. Мазмун ва роҳи рӯзнома бо вазъияти конкретӣ дар вилоят ва вазифаҳое, ки дар назди халқ гузошта шуда буданд, муайян карда мешуд.

Дар солҳои 1933-1940 «Ҳақиқати Кӯлоб» ҳамагӣ се шуъба дошт: шуъбаҳои ҳаёти партиявӣ, хоҷагии қишлоқ ва шуъбаи умумӣ. Дар рӯзнома аз посбону фаррош то муҳарриру коркунони адабӣ ҳамагӣ 16 нафар кор мекард. Рӯзнома соли 1933 бо тиражи на он қадар зиёд ва аввалҳои соли 1940 бошад, бо тиражи зиёдтар аз чоп баромада, дастраси хонандагони худ мегардид.

Рӯзномаи «Хатлон» дар замони ҶБВ

Соли 1941 даҳшатноктарин ва хунинтарин ҷанг алайҳи фашизм, ки таърих назири онро намедонад, сар зад. Бисёр шаҳрҳо ва ободиҳои ИҶШС миёни оташи ҷанг монданд. «Ҳақиқати Кӯлоб» монанди дигар воситаҳои ахбори омма аз ҳамон рӯзи аввал барномаҳои таблиғоти худро аз нав мувофиқи шароити ҷанг тартиб дода, ҳамаи қувваашро дар роҳи мудофиа ва пирӯзии Ватан ба кор мебурд. Дар ҳар шумора мардумро даъват мекард, ки дар майдони ҷанг бо руҳи қавию фидокориҳои барҷаста душманро мағлуб кунанд. Дар ақибгоҳ бошад, меҳнакашонро ба корнамоиҳои меҳнатӣ, афзоиш додани тавлиди маҳсулот, бо тиру туфанг таъмин наму-

дани аскарон, ба ҷойи бародарони баҷанграфтаи худ меҳнат кардан даъват менамуд. Рӯзнома ҳамчунин меҳнаткашонро даъват мекард, ки бо мақсади ёрдам ба фронт ва ғалаба бар ғосибони фашистӣ дар корхонаҳои саноатӣ, колхозҳо ва МТС-ҳо хизмати содиқона намоянд.

Дар ин давра падидаҳои нави меҳнатӣ, ватандӯстӣ, иродаи шикастнопазир, шуҷоат ва ташаббусҳои пурсамараи халқро дар шароити ҷанг ва дар ҷараёни муборизаи шадид дар истеҳсолот зоҳир месохт ва онҳоро дар саҳифаҳои худ ба таври оперативӣ таҷассум мекард. Ҳамаи фаъолияти рӯзнома бевосита ба ҳаёти халқ, корҳои қаҳрамонаи меҳнаткашони вилоят ва муборизаи онҳо дар сохтмони ҳаёти нав вобастааст. Рӯзнома роли фахрии прогандист, агитатор ва ташкилотчии коллективиро моҳирона иҷро намуда, ҳамеша ёрдамчии содиқи Шӯроҳои депутатҳои халқи вилоят буд.

Таблиғи «мусобиқаи сотсиалистӣ» ва «ҳаракати стахановӣ» дар солҳои 40-ум

Дар давраи панҷсолаи дуюм ва сеюм дар рӯзнома мавзӯъҳои азхудкунии техникаи нав, мубориза барои маданияти баланди истеҳсолот, тарбия намудан ва ба камол расонидани кадрҳои миллӣ афзалият доштанд.

Тавре дар болотар гуфтем, рӯзномаҳои минтақавии Қӯрғонтеппаю Кӯлоб то аввалҳои соли 1941 бо ҳуруфоти лотинӣ дар ҳаҷми чор саҳифа нашр мегардиданд. Рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» дар шумораи рақами чори худ аз 13 январи соли 1941 дар саҳифаи якумаш бо сарлавҳаи «Ёрдами комсомолетсҳо ба колхоз» хабар чоп намуда буд, ки дар он чунин гуфта мегуфта мешуд: «Ташкилоти комсомолии колхози «Тоҷикистони сурх», Совети қишлоқи Деҳқонариқ, ноҳияи Фархор корҳои худро нағз ташкил карда, ҳамаи комсомолетсҳоро ба бригада ва звеноҳои колхозӣ вобаста кардааст. Баробари ҳамин дар колхоз дар байни колхозчиён ва колхозчизанон мусобиқаи сотсиалистӣ ва ҳаракати стахановӣ нағз ба роҳ монда шудааст. Комсомолетсҳои

ба кори колхоз вобастакардашуда рафиқон Шарифов, М. Ҳасанов ва Амоновҳо ба кори колхоз нағз ёрдам карда, худашон ҳам стахановчӣ мебошанд».

Дар худи ҳамин шумора хабарнигорони рӯзнома дар бораи маҷлиси фаъолони партиявии шаҳру ноҳияи Кӯлоб, муваффақиятҳои ноҳияи Шӯрообод, тарбияи ҷавонон, дар бораи корбарии заводҳои пахтаю равған ва ғайра бисёр хабару мақолаҳои диққатҷалбкунанда дарҷ намуда, хонандагони худро ба корнамоиҳои нав ба нави меҳнатӣ даъват менамуд. Мусобиқаи сотсиалистӣ барои пеш аз мӯҳлат иҷро намудани панҷсолаи дуюм дар ҳама ҷо авҷ гирифт. Коргарони муассисаҳои саноатӣ, колхозҳо ва стантсияҳои мошинию тракторӣ дар ин мусобиқа фаъолона иштирок мекарданд.

«Ҳақиқати Кӯлоб» низ дар навбати худ муваффақиятҳои ин мусобиқаро ба таври васеъ дар саифаҳои худ инъикос мекард. Таҷрибаи пешқадамони истеҳсолотро дар шакли ахбор, очерк, ҳикоя мусоҳиба ва ғайра дарҷ намуда, барои паҳн кардани онҳо мекӯшид. Аммо чунин ба назар мерасад, ки ҳар як муваффақияти бадастовардаи вилоят ба чашми душманони халқ хор барин мехалид. Барои пеши роҳи инро гирифтан онҳо ҳамаи воситаю роҳҳоро истифода мебурданд, то ки ба меҳнати эҷодкоронаи халқ халал расонанд, онҳоро аз роҳи пешгирифтаашон гардонанд. Комёбиҳои бузурги панҷсолаҳои якуму дуюм ба унсурони ба сохти нав бегона намефорид. Онҳо, ки обрӯ ва эътибори худро дар байни халқ бакуллӣ гум карда буданд, ба вайронкорӣ даст мезаданд. Бо ҳар роҳ ба идораю муассисаҳо, аз он ҷумла ба органҳои адлия дохил шуда, ҷинояткорӣ мекарданд. Дар ҳама гуна вазъият мухбирони фаъол ҳамчун гӯшу чашми халқ вазифаҳои худро намунавор иҷро менамуданд. Душманонро дар ҳама ҷо ва дар либосе, ки буданд, бо ёрии фаъолони шаҳру қилоқ ошкор сохта, бо қаламони оташинашон хиёнат ва ҷиноятҳои онҳоро дар саҳифаҳои рӯзнома фош мекарданд. Мухбирони коргару деҳқони рӯзнома ба колхозҳо, колхозчиён ва МТС-ҳо ҳарҷониба ёрӣ мерасониданд, бригадаҳои зарб-

дор ташкил мекарданд, мусобиқаи сотсиалистиро дар байни колхозҳо, бригадаҳо ва кохозчиёну тракторчиён ривоҷу равнақ медоданд, бо рафтори неки худ ба ҳама дарси фаъолият меомӯзонданд. Дар чойхонаҳо, маҷлисҳо, ҷамъомадҳо ва ҳангоми истироҳат дар саҳро барои колхозчиён бо овози баланд рӯзномаҳо мехонданд. Қарорҳои ҳукуматиро ба онон мефаҳмонанд, ҳамеша ва дар ҳар ҷо раҳнамои насли ҷавон буданд, зеро медонистанд, ки ояндаи мамлакат бечунучаро ба ҷавонон вобаста аст.

«Пахтакори сурх» ва «Ҳаёти қишлоқ»

Дар вилояти Қӯрғонтеппа бошад, якуми майи соли 1944 газета бо номи «Пахтакори сурх» ташкил дода шуда, он то 10 феврали соли 1947-ум ба нашр мерасид. Дар ин муддати кӯтоҳ 253 шумораи рӯзнома аз чоп баромада буд.

«Пахтакори сурх» дар муддати кӯтоҳи мавҷудияти худ қаҳрамониҳои бемисли фарзандони вилоятамонро дар фронт ва ақибгоҳ ба таври барҷаста инъикос намуда, онҳоро ба ғалабаҳои нав ба нави ҷангиву меҳнатӣ сафарбар мекард.

Соли 1944 ҳамчунин рӯзномаи вилоятии «Курган-Тюбинская правда» ба забони русӣ таъсис дода шуда, аввалин шумораи он рӯйи 1 майи ҳамон сол ба дасти хонанда расида буд.

Соли 1955-ум баъди барҳам хӯрдани вилояти Кӯлоб рӯзномаи шаҳрии «Ҳақиқати Кӯлоб» ба рӯзномаи шаҳрӣ табдил дода буд. Соли 1961-1962 баъди ташкил ёфтани управленияҳои истеҳсоли хоҷагии қишлоқ, рӯзномаи шаҳрии «Ҳақиқати Кӯлоб» ба рӯзномаи байниноҳиявӣ табдил дода шуда, бо номи «Ҳаёти қишлоқ» нашр мегардид.

Саҳифаҳои рӯзномаи вилоятии Қӯрғонтеппаю Кӯлоб барои инъикос кардани навигариҳо, ташаббусҳо ва корҳои муъҷизаноки коргарон, колхозчиён ва равшанфикрон ҳамеша кушода буд. Рӯзнома бо суханони илҳомбахши худ ба дили хонандагон роҳ меёфт, ва онҳоро даъват менамуд, ки тамоми ақлу ҳуш, фикру истеъдодашонро барои хизмати

халқ ба кор баранд, ба одамон илҳом бахшанд, ки ҷасурона ба пеш рафта, ҳамаи он чиро, ки садди роҳ мешуд, дарҳам бишкананд.

«Ҳақиқати Кӯлоб» дар пропагандаи худ саъю кӯшиш менамуд, ки дар муборизаи идеологӣ ҳамеша дар сафи пеш бошад ва барои мавзӯъҳояш шаклҳои дилчаспу ҳаяҷонбахш ва таъсирбахшро пайдо карда, онро ба оммаи заҳматкаш расонад. Яке аз беҳтарин сифатҳои рӯзнома комёбию камбудиҳоро ошкоро баён кардани он буд. Рӯзнома таваҷҷуҳи хонандаҳо ва зимомдоронро бештар ба масъалаҳои муҳими ҳалнашудае, ки бояд дар оянда ислоҳ мешуданд, ба сафарбар кардани омма баҳри иҷрои планҳои хоҷагӣ ва сохтмон, ба таълиму тарбияи насли наврас ва ошкор кардани хатоҳо ва бетартибиҳо ҷалб мекард. «Ҳақиқати Кӯлоб» дар бораи маориф, маданият ва ҳунари халқ, дар бораи таълиму тарбияи наврасон, таъмини онон бо адабиёти бачагона ва тайёр кардани кадрҳои ибтидоии боистеъдод ба воситаи ташкили кружокҳои адабӣ ва ҳунарӣ дар назди мактабҳо бисёр мақолаҳои шавқовар дарҷ менамуд.

«Хатлон» дар солҳои пас аз ҶБВ

Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ давраи фаъолияти беназири халқ барои ободӣ ва саодати ҷумҳурӣ оғоз гардид. Лозим буд, ки дар муддати кӯтоҳ хоҷагии халқ барқарор гардад, он нисбат ба давраи пеш аз ҷанг афзояд, қувваҳои истеҳсолкунанда беш аз пеш тараққӣ ёфта, ба дараҷаи такомул бирасанд ва ҳаёти моддию мадании халқ боло равад. Халқи ҷумҳурӣ ин ҳама мушкилотро паси сар карда, дар анҷоми муваффақиятноки нақшаҳои плани панҷсолаи чорум фидокорӣ нишон дод. «Ҳақиқати Кӯлоб» тавассути қувваи сафарбаркунандаи худ меҳнаткашони вилоятро ба иҷрои вазифаҳои муҳими таърихӣ даъват менамуд. Рӯзнома идеяи мусобиқаи сотсиалистиро дар ҳамаи корхонаҳои саноатӣ, сохтмон, колхозҳо ва МТС-ҳо ба таври боз ҳам васеътар паҳн намуда, натиҷаҳои самарбахши ин мусобиқаро дар саҳифаҳои худ инъикос ме-

кард. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти меҳнатии занон, ки чи гуна дар истеҳсолоти сотсиалистӣ корнамоиҳо нишон медиҳанд, характеру иродаи онҳо камол меёбад ва чӣ гуна дар қатори мардон мушкилот ва оқибатҳои ҷангро бартараф мекунанду ба пеш мераванд, матлабҳо ба нашр мерасонд.

Мухбирони ҷамоавӣ ва дастовардҳои «Хатлон» дар солҳои 70-80-ум

Меҳнати пахтачинро бо тоннаҳо ҳисоб мекунанд, меҳнати ронандаро ба тай кардани роҳ, меҳнати рӯзноманигорро чӣ? Меҳнати рӯзноманигор на бо ҳаҷму миқдори мақолаҳои чопшуда, на бо адади нашри рӯзномаю маҷаллаҳо, балки бо он маълум мешавад, ки ӯ мақсаду мароми давлат ва арзишҳои фарҳанги миллӣ, эҳсоси худшиносиро ба ҳар як хонанда то чӣ андоза бо забони фасеҳу оддӣ мерасонад, ба дили халқ роҳ ёфта, дар он то чи андоза ҳиссиёти беҳтарин ва наҷибтаринро нисбат ба давлату миллат бедор карда метавонад. Рӯзноманигор ҳам мисли нависанда инженери руҳи одамизод аст. Бинобар ҳамин, дар шахси рӯзноманигор бояд беҳтарин хислати одаму шартҳои одамгарӣ таҷассум ёбанд ва ӯ ин хислатҳоро ба дигарон ҳам талқин карда тавонад. Аз дарси рӯзгор баҳра барад, дониши худро муттасил бой гардонад. Фақат дар ҳамин сурат ӯ ҳодисаҳои зиндагиро дуруст дарк намуда, дуруст маънидод карда метавонад. Рӯзноманигорони рӯзномаи «Хатлон» ҳамин хислатҳои наҷиби рӯзноманигориро аз худ намуда, ҳамеша пешсафу намунаи ибрат буданд.

Рӯзнома бе фаъолон вуҷуд дошта наметавонад. Фаъолони ғайриштатӣ сутунҳои рӯзнома мебошанд. Ана барои ҳамин, ҳайати эҷодии рӯзнома ба фаъолони худ такя намуда, бо ёрии онҳо вазифаҳои худро ба ҷо меоварад. Муаллифони ғайриштатии хеле зиёди рӯзнома хабару мақолаҳо навишта, дар ҳар бобат ба рӯзнома мадад мерасонанд. Бо туфайли меҳнати пурсамари муаллифони штатӣ ва ғайриштатӣ рӯзнома якчанд маротиба ғолиби озмунҳои касбии

ҷумҳуриявӣ дониста шуда, сазовори мукофотҳои пулӣ ва диплому ифтихорномаҳо гардид.

6 майи соли 1983 Указӣ Президиуми Совети Олии СССР «Дар бораи бо ордени «Нишони Фахрӣ» мукофотонидани газетаи «Роҳи Ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб» ба имзо расид. Дар ин санад чунин зикр шуда буд: Газетаи «Роҳи Ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб барои кори самарбахш дар тарбияи коммунистии меҳнаткашон, ба иҷрои вазифаҳои сохтмон хоҷагию маданӣ сафарбар намудани онҳо» бо ордени «Нишони Фахрӣ» мукофонида шавад». Ин Қарорро ҷонишини якуми Раиси Президиуми Совети Олии СССР В. Кузнетсов имзо кардааст.

Ба миён омадани вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа ва «Роҳи ленинӣ»-ю «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа»

Рӯзномаи «Роҳи ленинӣ» то соли 1975 бо номи «Ҳақиқати Кӯлоб» нашр мегардид. Соли 1974, ки соли таҷлили 50-солагии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, барои меҳнаткашони вилояти Кӯлоб соли шодию хурсандӣ, соли зафарҳои нав гардид. Дар ин сол вилояти Кӯлоб аз нав барқарор шуд. Рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» мавҷудияти худро то якуми январи соли 1976 идома дод. Аз якуми январи ҳамон сол рӯзнома тағйири ном кард ва бо номи «Роҳи ленинӣ» вориди майдони матбуоти тоҷик шуд. Он ҳар ҳафта панҷ маротиба дар ҳаҷми чор саҳифа, бо теъдоди 32 ҳазор нусха аз чоп баромада, дастраси хонандагон мегардид.

Соли 1978 масъалаи ташкили рӯзномаи вилоятӣ дар Қӯрғонтеппа низ ба миён омад. Қарор шуд, ки рӯзномаи шаҳрии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа»-ро баста, ҳайати эҷодии он пурра ба рӯзномаи вилоятии навтаъсис ба кор мегузаранд. Дар пленуми Кумитаи ҳизби коммунисти вилоят Муқим Абдураҳмонов муҳаррири рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» таъин карда шуд ва аъзои кумита ӯро дар ин мақом тасдиқ намуданд.

Шумораи якуми ин нашрия 1 январи соли 1979 дар ҳаҷми 4 саҳифа ба андозаи А2 (формати имрӯзаи «Хатлон» ва

«Ҷумҳурият») бо теъдоди қариб 28 ҳазор нусха дар чопхонаи шаҳри Душанбе ба нашр расид. Тафсилоти бештар оид ба шумораҳои нахустини ин рӯзнома ва замону шароитҳои ташкили он, ҳайати эҷодӣ ва мушкилоти фаровони корӣ, ки он рӯзҳо дар миён буд, дар маҷмӯаи мазкур аз ҷониби кормандони собиқу имрӯза ба қалам дода шудааст.

Пайдост, ки қисми зиёди кормандони эҷодие, ки дар марҳилаи аввал дар идораи рӯзнома ҷамъ омаданд, асосан кормандони рӯзномаҳои ноҳиявӣ буданд ва таҷрибаю малакаи дар рӯзномаҳои калон ва ҳаррӯза кор кардан надоштанд. Аз ин рӯ, дар назди идораи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» мактаби маҳорати рӯзноманигорӣ ташкил дода шуд, ки машғулиятҳои он моҳе як маротиба барпо мегардид ва дар назди шунавандагон кормандони масъули партиявию хоҷагӣ, мутахассисони варзида, ҳуқуқшиносон, кормандони собиқадори соҳаҳои маориф, фарҳанг, рӯзноманигорони ботаҷрибаи рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ баромад мекарданд. Воқеан ҳам, ин мактаб дар такомули касбии кормандони идора такони зиёд бахшид.

Ташкили вилояти Хатлон ва баҳамоии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа»-ю «Роҳи ленинӣ»

Соли 1989 вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппаро муттаҳид карда, номи вилоятро Хатлон гузоштанд. Моҳи інвари соли 1990 бошад, дар базаи рӯзномаҳои «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ва «Роҳи ленинӣ» рӯзномаи «Ҳақиқати Хатлон» таъсис ёфт. Рӯзнома анъанаҳои пешгузаштагонашро давом дода, меҳнаткашони вилояти навро баҳри мустаҳкам намудани хоҷагии халқ, афзун намудани истеҳсоли маҳсулот ташкилу сафарбар менамуд. Дар ин давра рӯзнома дар кори баҳри корнамоиҳо ташкилу сафарбар кардани заҳматкашон яке аз ёрдамчиёни содиқи ҳукумати маҳаллӣ гардид.

Баъди аз нав ба ду вилоят - Кӯлобу Қӯрғонтеппа ҷудо шудани вилояти Хатлон дар ҳар ду вилоят - дар Кӯлоб ба номи «Хатлон» ва дар Қӯрғонтеппа «Навиди Вахш» - рӯзномаҳо нашр шуданд. Коллективҳои эҷодии ҳар ду рӯзнома дар

ин давра ҳам қувваю ғайрати худро дар роҳи пешрафти иқтисодиёти вилоятҳо, тарбияи одамон сарф карданд.

Дар ин давра дар назди рӯзномаи вилоятии «Навиди Вахш» Иттиҳодияи ҳамкории муомилоти «Шафақ» фаъолият мекард, ки курсҳои шашмоҳаи «Асосҳои журналистика»-ро ба шунавандагон, мухбирони ғайриштатӣ ва алоқамандони рӯзноманигорӣ доир мекард. Раҳбарии онро журналисти ҷавону пуркор Гурез Қосимов ба дӯш дошт. Ин давраҳои омӯзишӣ мисли як донишкадаи халқии рӯзноманигорӣ фаъолият мекард ва бисёре аз хатмкардаҳои муваффақи он баъдан ба кори рӯзномаҳои шаҳрию ноҳиявӣ ва вилоятӣ ҷалб карда шуданд.

«Хатлон» дар солҳои аввали 90-ум

Соли 1991 Тоҷикистон давлати соҳибихтиёру мустақил гардид. Аммо дар ҷумҳурии мо қувваҳои сиёҳкор барои ба мансабҳо соҳиб шудан халқи тоҷикро ба маҳалҳо ҷудо карда, боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардиданд. Дар ин давра ҳам рӯзномаҳои ҳар ду вилоят барои ҷилавгирӣ аз шиддати ҷанги бемаънӣ талошҳои зиёде ба харҷ доданд. Дар айёми даргириҳо бошад, рӯзномаҳо дар бобати муҳофизату ҷо ба ҷо кардани гурезаҳо, инъикоси қаҳрамониҳои фарзандони Хатлонзамин, фош намудани сиёҳкорон кори бузургеро анҷом доданд.

Дар солҳои аввали низоъҳои ҳамватанӣ дар Қӯрғонтеппа рӯзномаи фронтии «Ҳақиқати Хатлон» таъсис ёфт. Дар кори нашр намудани рӯзнома журналистони ҳарду нашрия - «Хатлон» ва «Навиди Вахш» - саҳм доштанд. Муассиси рӯзнома Фронти халқии Тоҷикистон эълон шуда буд ва ба як минбари ин ниҳод табдил ёфта буд. Дар сессияи XVI Шӯрои Олии ҷумҳурӣ вилояти Кӯлобу Қӯрғонтеппа аз нав бо номи Хатлон муттаҳид карда шуданд. Баъди ин рӯзномаҳо ҳам муттаҳид карда шудаанд, ки то имрӯз бо номи «Хатлон» нашр шуда истодааст.

Ҷанги шаҳрвандӣ, талафот ва бозтоби рӯйдодҳо дар «Хатлон»

Солҳои 90-ум рӯзнома бо мушкилоти фаровони молиявӣ, нарасидани коғазу дастгоҳҳо, норасоии кадрҳо рӯ ба рӯ шуд. Моҳе ҳамагӣ 1-2 бор бо теъдоди кам чоп мешуд. Аммо сахттарин талафоти рӯзнома ин буд, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ қавитарин, бузургтарин кормандони эҷодиашро аз даст дод. Шарифамоҳ Кишварова, Олимҷон Ёрасенов, Аюбҷон Неъматов, Пиримқул Сатторӣ, Шарофиддин Қосимов ва чандин нафари дигар аз ҷониби гурӯҳҳои номаълум ба қатл расонида шуданд. То ҳанӯз дар бораи ҷузъиёти куштаб беному нишон шудани онҳо маълумоти дақиқ рӯйи даст нест ва ҳатто ҷасади бархе аз онҳоро пайдо накардаанд. Журналистони собиқадори зиёде ҳам бар асари ҷанги шаҳрвандӣ ноилоҷ тарки рӯзнома карданд.

Бовуҷуди инҳама мушкилот, рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Хатлон» дар солҳои 90-уми асри 20 минбари баёни ақида, муждарасону ҳамрози халқ буд. Ягона нашрияе дар вилоят буд, ки аз воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми водии Вахш иттилоъ медод. Таҳлилҳо нишон доданд, ки мавзӯи маводҳои рӯзноманигорони он давраро воқеаҳои ҳамон айём муайян кардаанд. Дар шароити идомаи муқовимати сиёсӣ, суроғи роҳҳои сулҳу оштӣ масъулияти сухани рӯзнома дучанд буд. Нашрия аз номи ҳукумат ба халқ муроҷиат мекард ва табиист, ки манфиати муборизони зидди мухолифинро ифода менамуд. Дар маводҳои он солҳо ба эҳсосот дода шудани муаллифон, баҳодиҳии яктарафа ба воқеаҳо, ғалатҳои имлоиву сифати пасти чоп ба назар мерасад. Аммо муҳтавои маводҳои рӯзнома аз ин кам нашудааст. Баръакс, саҳифаҳои он рӯзҳои ҳаёту мамоти давлати навистиқлоли тоҷикро пеши назар меояд, арҷ гузоштан ба фидоиёни роҳи ҳақиқату адолатро парвариш медиҳад, ба шукргузориву созандагӣ ҳидоят менамояд. Махсусан, рӯзнома дар кори ҳаматарафа тараққӣ додани хоҷагии халқи вилоят, барқарор намудани харобаҳои ҷанги бародаркуш, ба Ватан баргаштани гурезаҳои ҷилои ватанкарда саҳми арзанда гузоштааст.

Муҳаррирони «Хатлон»

Дар солҳои гуногун масъулияти муҳарририи рӯзномаҳои

вилоятии Хатлонро Насрулло Абдуллоев, Мирсаид Миршакар, Абдулҳамид Ализода, Сафо Ашӯров, М. Орзуев, Қувваталӣ Холов, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳақназар Ғоиб, Муқим Абдураҳмонов, Шералӣ Яҳёев, Абдувалӣ Абдувоҳидов, Нуриннисо Муртазоева ба дӯш доштанд.

Сармуҳаррири имрӯзаи рӯзномаи «Хатлон» журналисти собиқадор ва шогирди мактаби эҷодии ҳамин рӯзнома Асалмо Сафарова мебошад. Дар ин рӯзнома бо раҳбарии ӯ қаламкашони қавию ҳирфаӣ гирди ҳам омада, машғули кору эҷод ҳастанд. Кор дар рӯзнома ҷӯш мезанад. Ҳоло нашрия ҳафтае як дафъа бо теъдоди қариб 10 ҳазор нусха чоп ва дастраси хонандагони худ дар 25 шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон мешавад.

Изҳори сипос ва шарҳи маъзарат

Бо таваҷҷуҳ ба ин масъала, ки мутаассифона, то ҳанӯз таърихи пайдоиш ва динамикаи инкишофи ин рӯзнома, функсияҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он, нақши рӯзнома дар беҳсозии вазъи ҷомеа аз ҷониби олимону муҳаққиқон пажуҳиш ва аз нуқтаи назари илм арзёбӣ нашудааст, ҳайати эҷодии «Хатлон» тасмими нашри ин маҷмӯаро гирифт. Ин нахустин таҷриба ва кӯшиши мост барои таҳқиқи таърихи нашрияи вилоятии «Хатлон».

Дар китоби мазкур маълумоти кӯтоҳ оид ба фаъолиятҳои корӣ ва зиндагиномаи бисёре аз кормандони собиқ ва феълии рӯзнома гирд оварда шудааст. Мо дар чанд шумораи рӯзнома дар нимаи аввали соли 2013 дар саҳифаи якум эълоне нашр карда, аз кормандони собиқи рӯзнома, аз пайвандони онҳо ва алоқамандони нашрия дархоста будем, ки дар таҳияи ин китоб кӯмакашонро дареғ надоранд. Бисёриҳо дар гирдоварии маълумоти лозим оид ба таърихи рӯзнома ва собиқадорони он ба мо ёрӣ доданд. Бахусус аз Саидалӣ Бобохонов, Ғайбулло Ҳалимов, Саттор Қарахонов, Наҷот Сафарзода, Солиҷон Комилов ва дигарон, ки маҷмӯаи мазкур бо машварату маслиҳаташон такмил шудааст, изҳори сипос мешавад.

Мутаассифона, фурсати кӯтоҳи дарихтиёрбуда ба мо имкон

надод, ки доир ба зиндагинома ва осори ҳамаи қаламкашони рӯзнома иттилоъ ба даст оварем. Аммо ин маънои онро надорад, ки бо ҳамин иктифо хоҳад шуд ва нақшу саҳми кормандони собиқи рӯзномаро, ки дар ин китоб шарҳи ҳолу матлабашон ҷой нагирифт, зери шакку шубҳа қарор доданием.

80-умин солгарди рӯзномаи маҳбуби «Хатлон»-ро ба кулли алоқамандони ин нашрия самимона шодбош гуфта, умедворем, ки дӯстдорони «Хатлон» ва муаррихону собиқадорон барои такмили ин маҷмӯа дар нашрҳои оянда мусоидат хоҳанд кард.

Бо эҳтирому самимияти бепоён,
Асалмо САФАРОВА,
Носирҷон МАЪМУРЗОДА

АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. *Азимов А.* **Марзи сухан. – Душанбе: «Дониш», 2008.**
2. **История коллективизации сельского хозяйства и колхозного строительства в Таджикской ССР (1926-1937 гг.) Сб. документов. - Душанбе, 1973. (Т.1. С.647)**
3. *Миралиев А.* **Файзи замини падарон. – Душанбе: «Шарқи озод», 2003.**
4. *Набиев А.* **Прости нас, Господи… - Душанбе: «Сурушан», 2003.**
5. **«Роҳи ленинӣ». 1933-1983. – Кӯлоб, 1983.**
6. *Тоатов Ҳ., Юлдошев Р.* **Хатлон дар масири таърих. – Хуҷанд: «Ношир», 2006.**
7. **«Хатлон». 60 сол. Ҷашннома. – Кӯлоб, 1993.**
8. *Ҳамроев М.* **Таърихи обёрии водии Вахш. – Душанбе: «Ирфон», 2003.**
9. *Шариф Д.* **Таърихи Хатлон. – Кӯлоб: «Сада», 1999.**

АБДУВОҲИДОВ АБДУВАЛӢ

Дар шаҳраки Октябри ноҳияи Вахш (ҳоло шаҳраки Исмоили Сомонии ноҳияи Бохтар) таваллуд шудааст. Пас аз хатми факултаи таъриху филологияи Донишкадаи омӯзгории ба номи Т. Г. Шевченкои шаҳри Душанбе чанд муддат омӯзгорӣ карда, пасон, аз соли 1978 то 1981 дар идораи рӯзномаи ноҳиявии «Вахш», аз соли 1981 то соли 1990 дар идораи рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» (рӯзнома дертар бо унвонҳои «Ҳақиқати Хатлон», «Навиди Вахш» чоп шудааст) кор кард. Аз соли 1990 ба корҳои ҳизбию давлатӣ гузашта, солҳои 2004-2005 сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Хатлон» буд. Аз соли 2011 то имрӯз сармуҳаррири маҷаллаи «Сафо» мебошад.

Абдувалӣ Абдувоҳидов дар тӯли фаъолияти журналистии хеш дар саҳифаҳои рӯзномаи вилоятӣ очерку лавҳа ва мақолаҳои зиёдеро ба табъ расонидааст, ки яке аз онҳо барои ин китоб интихоб шудааст.

ҲОСИЛИ УМР

Ин саҳар мӯйсафеди Саттор аз рӯзҳои дигар барвақттар ба боғ омад. Ҳоло ӯ бо гомҳои гарон-гарон, бо сари пур аз андешаю фикрҳои нохуш байни дарахтони себ мегашт, ҳар дам назди дарахте таваққуф мекард, даст ба танаи пири он мерасонид. Кафҳои шахшӯлаш танаро ба меҳру навозиш мепалмосиданд. Дар ин лаҳзаҳо вай гӯё дақиқае чанд аз қайди андешаҳои сангин раҳо меёфт. Дилаш равшан мегашт, як навъ оташаке дар чашмонаш барқ мезаданд. Аммо ин ҳолат дер давом намекард: мӯйсафед боз ба хотир меовард, ки ҳамин ҳоло бештарини ин дарахтонро решакан хоҳанд кард, боз сар бар зер меафканд, андешаманд, дар ҳоле, ки гӯё пойҳояшро базӯр кашола мекард,

назди дарахти дигаре мерафт.

- Ҳо, - бо овози шунаво худ ба худ гуфт мӯйсафед. – Аксари ин дарахтон пир шуда, аз ҳосил мондаанд. Онҳоро канда ба ҷояшон ниҳолҳои ҷавон шинондан даркор. Аз ин ҷойи гурез нест. Қонуни зиндагӣ чунин аст: оне, ки пир шуд, ҷойи худро ба ҷавон, куҳна ҷойи худро ба нав бояд вогузорад.

Мӯйсафед инро хуб мефаҳмид, зиёда аз он худаш масъалаи нав кардани боғро ба миён андохта буд. Лекин ин субҳ чун ба боғ омад, дарахтони пирро дида, дилаш таҳ кашид. Танаи дарахтон аз шабнам тар шуда буданд ва ба назари пирамарди Саттор чунин расид, ки дарахтон гӯё ашк мерезанд. Мӯйсафедро ҳолате рух дод аҷиб. Гумон кард, ки бо кандани ин дарахтон лахте аз дили ӯро низ хоҳанд канд. Қалбаш фишор хӯрд, худро хастаю бемадор эҳсос кард.

Ба ҷойи бобои Саттор ҳар каси дигар ҳам мебуд, шояд ба чунин вазъ меафтод. Охир, ӯ беш аз 30 соли умри худро ба ин боғ бахшидааст. Беҳтарин солҳои умри ӯ, гуворотарин лаҳзаҳои зиндагиаш барои бунёди ин себу шафтолузор масруф шудааст.

«Хушбахт касест, ки дар умри хеш дарахте сабзонда бошад» мегӯянд. Аз ин ҷиҳат бобои Саттор бояд хушбахттарини хушбахтҳо бошад, зеро вай на яку ду, на даҳу бист, балки садҳо дарахт сабз кардааст. Ва инак, имрӯз, баъд аз андак муддате бештарини ин дарахтонро решакан хоҳанд кард, ки пирамард онҳоро ҳанӯз аз вақтҳои ниҳолакони нозуку наҳиф буданашон дар хотир дорад. Кӣ фарзанди худро бо дасти худ куштаасt?

Баъд, вақте аз боғ берун мерафт, мӯйсафед аз дил гузаронид, ки шукр, ҳанӯз бақувват аст, дасту бозувонаш ба қадре тавону мадор доранд, ки боғи ҷавону бошукуҳтаре бунёд намояд ва агар умр вафо бикунад, аз ҳосилаш даҳон ширин ҳам хоҳад кард.

…Соли 1950 сокини ноҳияи Ҳоит Саттор Атоев аз хидмати ҳарбӣ баргашт. Ду соли умри ӯ дар ҷабҳаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ гузашта, панҷ соли дигар дар шаҳрҳои гуногуни Шӯравӣ адои хидмат карда буд. Инак, вай бо ордену медалҳои қатор

андар қатор дар сари сина, бо ҳазор орзую умед андар дил ба зодгоҳи худ бармегашт. Вале вақте ба Ҳоит расид, зодгоҳи хешро харобу валангор дид. Заминларзаи мудҳиш деҳоти Ҳоит, боғоти шукуфони ин ноҳияро ба хок яксон карда, дар қатори ҳазорҳо шаҳидони дигар падару модар, бародару хоҳарони Сатторро низ замин, замине, ки маъвои инсон, модари ҳама мавҷудот аст, ба коми худ фурӯ бурда буд.

Саттор, агарчи гӯё дарахти орзую омолаш ба якборагӣ решакан шуда буд, ҳарчанд худро муддати тӯлонӣ ба сони мурғи бисмил, мурғи пару болканда ҳис мекард, ба бори сангини ин мусибат тоб овард, ин бадбахтиро бурдборона таҳаммул мекард, чаро ки зиндагӣ ҳанӯз дар пеш буд.

Дере нагузашта тақдир Саттор Атоевро ба водии Вахш, ба хоҷагии ба номи Ленини ноҳияи Қумсангир овард. Ӯ соле чанд дар колхоз кор кард. Вале ҳамеша дар дил орзу мепарварид, ки боғе бунёд кунад ба мисоли боғҳои Ҳоит, ба монанди боғе, ки падари раҳматиаш сабзонида буд. Мехост, ки ин боғ хотирае аз овони тифлию наврасӣ, нишонае аз зодгоҳи ба қаъри замин фурӯрафтааш бошад, ки ҳар як дарахт, ҳар як хонаю ҷодаи он барои ӯ ин қадар ширину азиз буданд.

Нияти неке дошт дар дил Саттор ва шояд «фариштаҳо ҳам омин гуфтанд», ки ӯ соли 1958 сардори бригадаи боғпарварони колхоз таъин шуд.

Соли аввали бригадириаш масоҳати боғ ҳамагӣ 7 гектар буд. Баъд бо кӯшишҳои Саттор Атоев он бамаротиб васеъ шуд. Дар боғи бобои Саттор ба ҷуз себ ҳамчунин анвои дигари дарахтони мевадиҳанда - зардолу, шафтолу, олую олуболу парвариш меёбанд. Вале С. Атоевро ба парвариши себ шавқу ҳаваси вижаест. Ҳар як боғбон медонад, ки парвариши себ дар шароити водии Вахш душвориҳои муайяне дорад. «Намешавад. Мо ҳамин қадар кӯшиш кардем – бефоида. Кирм мезанад, ниҳолҳо касал мешаванд, ҳосил мепӯсад. Хулоса, водии Вахш барои парвариши себ мувофиқ нест» - шунидаам борҳо аз онҳое, ки ба себпарварӣ иқдом намуда, аммо ба зудӣ аз ин кор даст кашидаанд (Воқеан, дар давоми чанд даҳсола дар хоҷагиҳои дигари

ноҳияи Қумсангир, масалан, дар колхози «Победа» се-чаҳор маротиба боғҳои себ сабзонидаанду вале ин боғҳо пас аз чанде хароб гардидаанд. Ин ҳамин тавр, дар омади гап, барои андеша).

Бобои Саттор дар ин маврид ақидаи дигар дорад. Ба қавли ӯ, дар водии зархези Вахш ҳама гуна навъҳои меваро метавон парвариш кард. Ба шарте, ки кас аз меҳнат натарсад. Худи Атоев пайваста анвои нав ба нав ва ба шароити обу замин ва иқлими водӣ мувофиқи себро ҷустуҷӯ, навъҳои мухталифро бо ҳам пайванд мекунад.

Тақрибан панҷоҳ сол муқаддам олими селексионери украин М. Семеренко навъи себеро ихтироъ кард, ки бо серҳосилии худ фарқ мекард. Ин навъ аз ҳар гектар то 200 сентнер ҳосил медиҳад. Ба замми ин то 35 сол умр дида, чӣ ба гармову чӣ ба сармо бас тобовар аст. Себи навъи «Семеренко» ба ҷумҳурии мо солҳои сиюм оварда шуда бошад ҳам, ба таври васеъ солҳои чиҳилум паҳн гардидааст. Саттор Атоев дар ин бора дар кучое хонда буд. Аз ин рӯ, ба фикри он афтод, ки ин навъи себро ба навъи «Қандил» пайванд кунад. Дар ин роҳ заҳмати зиёде ба харҷ дод. Боғбони пуртаҷриба ҳамчунин себи навъҳои «Розмарин», «Антоновӣ», пешпазаки самарқандиро низ парвариш мекунад. Заҳматҳои С. Атоев самараи нек оварданд. Боғпарварони колхоз ҳар сол ба натиҷаҳои баланд муваффақ мешаванд. Себҳои боғи бобои Саттор се маротиба дар Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи Иттиҳоди Шӯравӣ намоиш дода шуда, мақомҳои баландро ишғол кардаанд. Бо вуҷуди ин ҳама, Саттор Атоев як лаҳзае ҳам оромӣ надорад. Ҳарчанд кайҳо давраи бознишастагии ӯ расидааст, боз меомӯзаду меомӯзад. (Ман дар китобхонаи шахсии ӯ даҳҳо китобҳои оид ба боғдориро дидам, ки дар байнашон 4 ҷилд асарҳои Мичурин низ буданд. Ба бобои Саттор дастрас гардидани осори Мичурин, ки умуман камёфту нодир мебошанд, таърихи аҷибе доштааст. Соли 1971 С. Атоев ба Маскав, ба НКХХ меравад. Дар ҳамон ҷо ин китобҳоро дида, гӯё ҳама чизро фаромӯш мекунад. Гаштаю баргашта илтимос менамояд, ки ба ӯ ҳеҷ туҳфа, медал лозим нест. Ҳамин китобҳоро диҳанд, кофист. Мутасаддиёни Намоишгоҳ, ки чунин хоҳишро бори аввал мешунидаанд, гузашт кардаанд.)

Оре, мӯйсафеди Саттор бояд хушбахттарини хушбахтҳо бошад. Хушбахтии ӯ ҳамин боғест, ки сабзонидааст. Хушбахтии ӯ инчунин ниҳолҳои дигаре - 9 нафар фарзандонаш мебошанд, ки вай ҳамроҳи завҷааш - Шура-хола ба камол расонидаанд. Номи барои тоҷикон ғайриодӣ доштани ҳамсари бобои Саттор бесабаб нест: Шура-хола аслан рус мебошад. Дар бадали солҳое, ки бо Саттор Атоев умр ба сар мебарад, забон, нишасту хез, урфу одатҳои тоҷиконро хуб омӯхтааст.

- Ин кампири мо дар нонбандӣ, кулчаю чапотипазӣ чунон усто шудааст, ки мондан гиред. Дар деҳа агар маъракае баргузор шавад, барои кадбонутӣ ҳатман очаи бачаҳоро мебаранд, - бо ифтихор нақл кард С. Атоев.

Шура-хола дар деҳа одами худӣ, ба ҳама наздику қарин аст. Аксари занони деҳа аз ӯ сипосгузоранд, ки пухтани навъҳои гуногуни мураббою шарбат, аз меваю сабзавот тайёр кардани хел-хел консерваҳоро ба онҳо омӯзонидааст.

...Суҳбат кардан бо мӯйсафеди боғбон аҷаб мароқангез аст. Вале намедонам дар ҳаҷми ин мавод кадом лаҳзаҳои зиндагии ӯро ғунҷонам. Кадом гуфтаҳояшро биёварам, кадом хислатҳои вайро нишон диҳам. Шояд бештар дар хусуси он бояд сухан ронд, ки вай ҳамчун раиси кумитаи маҳалла барои баланд бардоштани сатҳи фарҳангию иҷтимоии зиндагии деҳотиён пайваста мекӯшад? Ҳар гоҳ ки мӯйсафед дар ин хусус ҳарф мезанад, суханонаш пуралам, пурсӯзу гудоз садо медиҳанд:

- Охир, ин ба кадом мантиқ рост меояд, ки деҳқон, яъне касе, ки бо замин, бо зироат сару кор дорад, имрӯз пиёзу сабзӣ, караму картошкаро аз бозор мехарад? Магар ин ба шаъни деҳқон айб нест? Деҳқоне, ки дар замини назди ҳавлиаш ба ҷуз алаф чизе намекорад, чӣ деҳқон аст?

Ва боз мегӯяд:

- Мардуми мо мошинсавориро дӯст медорад. Бигузор аҳли хонаводааш соле дувоздаҳ моҳ рӯйи хӯроки дурустро набинад, бигузор фарзандонаш дар фасли зимистон калӯш пӯшида гарданд, бигузор дар хона на китобе бошад, на мизу курсӣ, аммо сардори хонавода мошин дошта бошад - шуд. Баъд менолем,

ки фарзандони мо бемору заифанд, донишу саводи дуруст надоранд. Уболи онҳо ба гардани кист?

Боре дар маҷлиси ҳисоботию интихоботии колхоз ба мӯйсафед сухан доданд.

- Оё медонед, ки ҳар рӯз чанд мошину трактор ба кашондани оби ошомиданӣ ба деҳоти мо машғуланд? - Мӯйсафед пас аз лаҳзае таваққуф гуфт: - 70 мошину трактор! Муздеро, ки ронандагони мошинҳою тракторчиҳо мегиранд, сӯзишвориеро, ки техника барои обкашонӣ сарф мекунад, ҳисоб кунед. Бубинед, ки чӣ маблағе ҳосил хоҳад шуд. Бо ин маблағ яке не, даҳҳо маротиба аз обанбори Калининобод ба деҳоти колхози мо лӯлаи об овардан мумкин буд.

Ҳисобу китоб, ташвишҳои мӯйсафед аксарият, аз ҷумла роҳбаронро мутаассир сохт. Ваъда доданд, ки барои ҳалли ин масъала ҳатман тадбир хоҳанд андешид. Аз байн чанд сол сипарӣ шуд ва аммо ба деҳоти колхози ба номи Ленин ҳанӯз ҳам обро трактору мошинҳо мекашонанд.

Ё шояд дар бораи ҳунари шикастабандии бобои Саттор нақл кунам? Хусусан, ки дастони шифобахшу бахосияти ӯ ба даҳҳо маҷрӯҳшудагон даво бахшидаанду овозаи шикастабанди мумтоз буданаш берун аз ноҳия низ паҳн шудааст. Мегӯянд, ки боре котиби вақти кумитаи ҳизбии ноҳия сардухтури ноҳияро сахт накӯҳиш кардааст:

- Чаро беморone, ки бобои Саттор шикастабандӣ мекунад, зуд сиҳат мeёбанду беморони шумо не? Рафта аз ин пирамард биомӯзед, агар худ коратонро намедониста бошед!

Пас аз ин сардухтур С. Атоевро назди худ даъват намудааст:

- Моро монед, ки дар ноҳия тинҷ кор кунем. Вагарна, мана мизу курсӣ, биёеду ба ҷойи ман нишинед.

Ана ҳамин гуна одамест Саттор Атоев, боғбоне, ки аз меваҳои боғаш садҳо одамон ком ширин мекунанд. Монда набошед, бобои Саттор!

Абдувалӣ АБДУВОҲИДОВ
(«Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», соли 1989)



АБДУЛВОҲИДОВ БОБОҶОН

15 марти соли 1953 дар ноҳияи Кӯлоби собиқ вилояти Кӯлоб таваллуд шудааст. Соли 1976 бахши рӯзноманигории факултаи филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ДМТ)-ро хатм намудааст. Баъдан, то соли 1984 дар вазифаҳои мусаҳҳеҳ, тарҷумон, мухбир, мухбири калон, муовини котиби масъули рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ»-и собиқ вилояти Кӯлоб фаъолият доштааст. Солҳои 1984-1986 тарҷумони Созмони ҷавонони ИҶШС дар Ҷумҳурии Демократии Афғонистон, 1986-1987 котиби раёсати колхози «Ленинград»-и ноҳияи Кӯлоб, 1987-1988 ёвари муовини аввали раиси Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Кӯлоб, 1989-1990 мухбир, мудири шуъбаи рӯзномаи «Ҳақиқати Хатлон», 1991-1993 хабарнигори махсуси рӯзномаи «Садои мардум» дар вилояти Хатлон, 1993-1998 муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» кор кардааст.

Аз 30 апрели соли 1998 то 12 феврали соли 2008 (вопасин рӯзи ҳаёташ) сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» буд.

Бобоҷон Абдулвоҳидов бо ордену медалҳои собиқ СССР ва медали ҷашнии «10-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мукофотонида шудааст.

● ЁДБУДИ ҲУНАРМАНДИ МУМТОЗ

СУРУДИ НОТАМОМИ МУҚАДДАС

…Он рӯз сокинони Фархор чилсолагии зодрӯзи Артисткаи шоистаи Тоҷикистон шодравон Муқаддас Набиеваро ҷашн гирифтанд. Сад афсӯс, ки Муқаддас то ин рӯз нарасид, умр вафо накарду бар асари садамаи автомобилӣ дар айни

гулгулшукуфии ҳаёту эҷодиёт олами зебоpo падруд гуфт. Ситораи тобони кунун рухнамудаи суруди эстрадии тоҷикӣ даҳ сол муқаддам, ҳини авҷи болоравии ҳунар аз назарҳо нопадид гашт. Риштаи умед, тори мақсаду маром дар подомани қуллаи баланди таронаи меҳру вафо канда шуд. Суруди асосии Муқаддас носуруда монд.

Дар зодрӯзи сароянда боистеъдоди тоҷик тамоми дӯстону наздикон, волидайн, мухлисони ҳунари ӯ сарҷамъ шуда буданд. Дар макони хомӯшон - мазористони колхози ба номи Карл Маркс, ки оромгоҳи Муқаддаси сиёҳпичамарг он ҷост, митинги ёдбуд баргузор гардид, ки ҷамъомадагон овозхони шинохтаи мардумиро ба некӣ ёд карда, ба поси хотири ӯ дақиқае бо аломати мотам сукут варзиданд. Аз гулчанбару гулдастаҳои тару тоза, ки шодравон Муқаддаси гулпарвар дӯст медошт, он рӯз рӯйи қабраш гулпӯш гардид. Одамон бо андуҳу алам фиғон бардошта, гиряҳо карданд, гӯё табиат ҳам дар ғами Муқаддаси ҷавонмарг мотам гирифта, болои мазор, рӯю дасти одамонро бо барфи нарму гарме чун меҳри ҳунарпешаи номвар мепӯшонд.

…Чилсолагии зодрӯзу маҳфили ёдбуди Муқаддас Набиева дар хонаи маданият давом кард.

Дар экрани телевизори дар толори Хонаи маданият гузошташуда духтари миёнақади чаканпӯше намудор мешавад. Овози ширадори ӯ тавъам ба ҳаракатҳои ҷаззоб толори тамошоро тасхир мекунад, дили бининдаю шунавандаро ба ваҷду ба ҳаяҷон меорад. Ӯ дар бораи муҳаббат, корнамоии муосирон, замини зархез, Ватани азиз месарояд. Ҳанӯз ҳам яке аз охирин сурудҳои ӯ – «Шарораи хотираҳо» дар хотираҳо нақш бастааст. Ровии (диктори) Комитети телевизион ва радиошунавонии ҷумҳурӣ Абдурашид Хӯҷамқулов, зимнан бояд гуфт ҳамдеҳаи Муқаддас, маҳфили ёдбудро ҷараён дода, ба шоира, муҳаррири маҷаллаи бачаҳо – «Машъал» Латофат Кенҷаева сухан медиҳад. Номбурда бо дарду алам ба хотир меорад:

- Бо Муқаддас дар як ҳуҷраи хобгоҳ зиндагӣ мекардем.

Ниҳоят дугонаҳои ҷонӣ будем. Шодию ғамро, талхию шириниро, неку бадро, дороию нодориро баҳам медидем. Ҳаёти камбағалона доштем, вале чун дӯсти номвари ман месуруд, ҳама чиз фаромӯш мешуд. Ташкилотчии моҳири таронахонӣ ва саҳнаҳо буд…

Гиря гулӯгираш мекунад, давоми сухан дар забону даҳон банд мешавад. Шоира аз ниҳояти меҳру муҳаббати сӯзон ёддоштҳои хешро дар шакли китобча таҳти унвони «Шарораи хотираҳо» гирд оварда, ба нашр супурдааст, ки бақарибӣ манзури ҳаводорони ҳунари Муқаддас мегардад.

Ҷиҳати иштирок дар маҳфили ёдбуд ҳамкорони Муқаддас - овозхони ансамбли эстрадии «Гулшан» Раҳима Шалоэр ва Баҳодур Неъматов ташриф оварданд, ки хотираҳои ширину гуворои хешро дар бораи дӯсти бармаҳал фавтидаашон нақл карданд.

Дар муҳити хонадоне, ки Муқаддас ба дунё омадааст, ҳама сурудро дӯст медоранд. Модари ӯ Муаллимаи хизматнишондодаи Мактаби РСС Тоҷикистон Ҳоҷарбӣ Набиева ҳанӯз дар овони ҷавонӣ ба санъат дилбастагие дошт ва ду духтараш ҳамранги модар санъатпарвар шуданд: Муқаддас ва духтари калонӣ Сабоҳат, ки ҳоло дар театри касбии пойтахт кор мекунад. Дар маҳфили ёдбуд аз ҳама бештар Сабоҳат ғамнок буд. Ӯ бо чашмони ашкбор аз саҳна дар бораи хоҳараш шеърхонӣ мекард, ки дили ҳар як шунаванда беихтиёр моломоли дарду ҳасрат ва чашмонаш пур аз гиряи аламнок мегашт аз навҳааш.

Оре, Муқаддас лаҳну овози ба худ хос дошт, ки онро пайравӣ ба санъаткори дигаре гуфтан нашояд. Ҳарчанд аз таронаҳои овозхони машҳури Шарқ Гугуш боре мехонд, вале ин тақлид ба ӯ не, балки дӯстдорӣ ва меҳру муҳаббат ба ин ситораи Машриқ буд. Ҳар сурудаш, ҳар як таронааш сайқалхӯрдаю такмилёфта буд. Шояд мехост миёни халқ мартабае чун Гугуш ёбад ва Гугуши тоҷикон бошад, ҳарчанд, ки қариб гирогирӣ бад-ин поя мекард.

Созмонҳои ҳизбӣ, шӯравӣ, касабавӣ ва комсомолии ноҳия

бо мақсади абадӣ гардонидани хотираи Муқаддас Набиева тасмим гирифтанд, ки дар шаҳраки Фархор барояш муҷассамаи ёдгорӣ гузоранд. Дар шуъбаи районии Агропромбанк таҳти рақами 70025 ҳисоби махсуси Муқаддас Набиева кушода шудааст, ки аввалин маблағҳо ба ин суроға пардохта шуданд. Аз ҷумла, колхози ба номи К. Маркс, ки зодгоҳ, ҷойи сипаршудаи айёми туфулияту наврасии Муқаддас ва мадфани охирини ӯст, ба ин ҳисоби махсус аллакай панҷ ҳазор сӯм гузаронд. Саррежиссёри театри мазҳакавӣ-мусиқии шаҳри Кӯлоб, Арбоби шоистаи санъати ҷумҳурӣ Мирзоватан Миров хабар расонд, ки коллективи театр маблағи аз барномаи якшабаи ҳунарварӣ бадастомадаро барои бунёди муҷассамаи ёдгории Муқаддас Набиева ирсол медорад. Сардори Упралениаи маданияти вилоят З. Валиев низ аз он хусус тазаккур дод, ки анҷоми кори хайре дар ин маврид таҳти назардошт аст.

Иштирокчиёни маҳфил пешниҳод карданд, ки ба ансамбли «Гулшан» номи Муқаддас гузошта шавад, зеро ин овозхони номӣ дар ҳайати ансамбл ба кишварҳои зиёди олам сафари ҳунарӣ карда, дар боло бурдани обрӯю эътибор ва нуфузи он миёни тӯдаи мардум хизматҳои шоистае ба харҷ додааст. Ҳамзамон хоҳиш карда шуд, ки дар бинои Хонаи маданият, ки нахустин сурудҳои Муқаддас дар толори он аксандоз гардида, ба дуриҳо боли парвоз кушодаанд, лавҳаи навиштаҷоте ба номи Муқаддас Набиева ҳаккокӣ карда шавад.

Ҳофизони халқии ҷумҳурӣ Одина Ҳошимову Файзалӣ Ҳасанов ба сарпарастони оила ва наздикони Муқаддас барои чунин фарзанди барӯманди тоҷикро тарбия карданашон суханони пурҳарорат гуфтанд. Бисёриҳо зикр карданд, ки дар саҳнаи эстрадаи тоҷик ҷойи Муқаддас Набиева ҳанӯз холист.

Дар ин рӯзи барфбоди моҳи январ аз тамоми гӯшаю канори ноҳияи Фархор суруди Муқаддас шунида мешуд. Касе, ки дар ниҳоду бунёдаш завқи санъат дошт, баробари аксандоз шудани овози таронахонии ӯ ҳамҷӯр шуда, овоз меандохт, дӯстдорону мухлисонаш ба тамоми ҳастӣ гӯш мекарданду ба

ёдаш хомӯшу бесадо ва аёну ноаён беихтиёр ашк мерехтанд.

Чӣ талх аст, ки Муқаддаси саропо санъат дар миёни зиндаҳо нест. Сурудаш, оҳангаш чун Муқаддас нотакроранд, чун рӯзи аз миёни мову шумо рафтааш бебозгаштанд. Муқаддас муқаддас аст дар дилҳо, хотираҳо, зинда аст дар сурудҳои ба навор навишташуда. Зиндаи солиёни дигар, зиндаи ҷовиду абад…

Б. АБДУЛВОҲИДОВ
(«Навиди Вахш», № 16, 23 январи соли 1990)

АБДУЛЛОЕВ НАСРУЛЛО

Соли 1906 дар шаҳри Конибодом, дар оилаи дуредгар ба дунё омад. Маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, соли 1924 ба Дорулмуаллимини шаҳри Тошканд дохил шуд. Баъд аз хатми он Насрулло Абдуллоев дар комисариати маорифи халқ мудири шуъбаи тарбияи сотсиалистӣ ва инструктор шуда кор мекард. Солҳои 1930-1931 дар аппарати Комитети Марказии ВКП(б) Тоҷикистон инструктори калони иттифоқи камбағалон буд. Соли 1931 Комитети марказии комсомолии республика Насрулло Абдуллоевро ҳамроҳи 800 нафар аъзои худ ба кори сохтмони Вахш фиристод. Ӯ муҳаррири масъули газетаи «Зарбдори сохтмони Вахш» таъин шуд. Н. Абдуллоев дар ахбори фишурда, мақолаву очеркҳояш мекӯшид, ки набзи сохтмони азимро бо вусъаташ инъикос кунад. Соли 1933 Н. Абдуллоев аввал дар вазифаи ҷонишини муҳаррир ва аз соли 1934 муҳаррири масъули рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» таъин шуд.

Аммо 10 августи соли 1937 Насрулло Абдуллоевро бо тухмату даъвоҳои сохта ба ҳабс гирифта, ба Сибир бадарға карданд. Он ҷо соли 1951 аз олам даргузашт.

Дар бораи аввалин муҳаррири «Зарбдори сохтмони Вахш», ки ҳоло рӯзномаи вилоятии «Хатлон» меросбари он маҳсуб мегардад, маълумоти зиёд рӯйи даст нест. Танҳо дар мақолаи «Баҳори хазонрасида», ки соли 1988 дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (имрӯза «Ҷавонони Тоҷикистон») чоп шудааст, дар бораи ҳаёту фаъолияти ӯ маълумоти мухтасаре мавҷуд аст. Шоири халқии Тоҷикистон Мирсаид Миршакар низ баъзе хотираҳояшро дар бораи Абдуллоев дар китобаш «Ёди ёри меҳрубон» ва повести «Мо комсомол будем» навиштааст.

БАҲОРИ ХАЗОНРАСИДА

Таъқиботи солҳои 30-40-ум ва аввали солҳои 50-ум дар таърихи халқи советӣ яке аз саҳифаҳои фоҷиавиро ташкил медиҳад. Ҷазои оммавӣ, ки бунёдашро ҳукумат ва гумони бад ташкил медод ва дар мамлакат чун ифодагари муборизаи синфӣ тафсир дода мешуд, дар саросари мамлакат паҳн гардида, ҳазорон-ҳазор намояндагони партияи болшевикӣ, ходимони илму фарҳанг, сарлашкарони ҳарбӣ ва роҳбарони хоҷагии халқро аз байн рабуд ва ё сарнавишти онҳоро доғдор намуд.

Журналисти бомаҳорат, собиқ муҳаррири газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» Насрулло Абдуллоев низ дар айни авҷи камолоти эҷодӣ қурбони сталинизм гардида буд. Насрулло Абдуллоев соли 1906 дар шаҳри Конибодом, дар оилаи дуредгар ба дунё омад. Маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, соли 1924 ба Дорулмуаллимини шаҳри Тошканд дохил шуд.

- Ман ҳамроҳи Насрулло Абдуллоев дар Дорулмуаллимини шаҳри Тошканд шарикдарс будам, - он рӯзҳоро ба хотир оварда мегӯяд ветерани партия, ҷанг ва меҳнат генерали мустаъфӣ Мастибек Тошмуҳаммедов. - Вай аз аълохонҳои синфамон буд. Дар андӯхти дониш ҳирси зиёд дошт. Устоди сахтгиру меҳрубонамон аз фанни забону адабиёт Собит Манофзода, муаллимони фанни иқтисодиёти сиёсӣ Мирзоев, риёзиёт Панкратов, табииёт Аббосов, физика Навитский, санъати тасвирӣ Ершова, химия Архангелский ва дигарон дар дили мо чароғи маърифат афрӯхта, дониш меомӯхтанд. Насруллоев махсусан ба омӯзиши забону адабиёт шавқи зиёд дошт. Устод Манофзода муҳаббати Сотим Улуғзода, Насрулло Абдуллоев, Абдураҳмон Бухоризода барин як гуруҳ толибилмони ҳассосро ба омӯзиши забону адабиёт бедор карда тавонист. Дар албоми суратҳоям як акси таърихӣ ҳаст, ки соли 1932 баъд аз Пленуми III комсомоли республика гиронда будем. Дар он сурат аъзои КМ ЛКСМ Тоҷикистон

Абдуллоев ҳам акс ёфтааст. Ҳоло ин сурат дар музейи Шарафи комсомоли республика ба маърази намоиш гузошта шудааст.

Баъд аз хатми Дорулмуаллимин Насрулло Абдуллоев дар Комисариати маорифи халқ мудири шуъбаи тарбияи сотсиалистӣ ва инструктор шуда кор мекард.

Соли 1929 ҳукумати республика тасмим гирифт, ки алифбои лотиниасосро ҷорӣ кунад. Ба комиссариати маориф лозим омад, ки оид ба омӯхтан ва татбиқ намудани алифбои лотинӣ курси такмили ихтисоси муаллимон ташкил намояд. Насрулло Абдуллоевро низ ба ин кор ҷалб карданд. Комиссариати маорифи халқ як гуруҳ фаъолони ин маъракаи сиёсӣ - Насрулло Абдуллоев, Сотим Улуғзода, Абдураҳмон Бухоризода, Ваҳҳоб Шамсиев, Воҳид Бобозода, Рауф Рофиев, Обид Ҷалоловро бо роҳхат ба саёҳати Москваю Ленинград фиристод.

Насрулло Абдуллоев дар кор лаёқати ташкилотчигӣ ва принсипнокӣ зоҳир менамуд. Ин буд, ки ӯро ба аппарати КМ ВКП(б) Тоҷикистон ба кор гирифтанд. Солҳои 1930-1931 дар Комитети Марказӣ инструктори калони иттифоқи камбағалон буд.

Аз ибтидои солҳои сиюм сохтмони азими Вахш оғоз ёфт, ки дар Тоҷикистон рукни асосии плани панҷсолаи якумро ташкил медод. Ба кори ин сохтмон ҳазорҳо нафар коргарону мутахассисони ҷавонро ҷалб мекарданд.

Комитети марказии комсомолии республика 800 нафар аъзои худро ба кори сохтмон фиристод. Дар байни онҳо сарварони ҷавонон Василий Коночкин, Леонид Немковский, Валентина Астафйева, Насрулло Абдуллоев ва Мирсаид Миршакар низ буданд.

Насрулло Абдуллоев муҳаррири масъули газетаи «Зарбдори сохтмони Вахш» таъин шуд. Дар ҳаёти вай имтиҳони санҷиши қалам фаро расид. Ӯ дар ахбори фишурда, мақолаву очеркҳояш мекӯшид, ки набзи сохтмони азимро бо вусъаташ инъикос кунад.

Муҳаррири ҷавон дар ҳамин ҷо ба сафи партияи болшевикӣ дохил шуд.

- Баҳори соли 1932 ба сохтмони канали Вахш омадам, - ҳамкорони меҳрубонро ба ёд оварда мегӯяд Шоири халқии Тоҷикистон Мирсаид Миршакар. - Ман бояд Насрулло Абдуллоевро иваз мекардам. Ин буд, ки чанд вақт ҳамроҳи ӯ дар баровардани газетаи «Зарбдори сохтмони Вахш» кор кардам. Хотираҳоямро дар бораи ин шахси наҷиб, қаламкаши эҷодкор, нахустмуҳаррири рӯзномаи сохтмони Вахш дар китоби хотираҳоям «Ёди ёри меҳрубон» ва повести «Мо комсомол будем» навиштаам.

Баъд партия Насрулло Абдуллоевро барои кор ба рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» фиристод. Соли 1933 аввал дар вазифаи ҷонишини муҳаррир (он вақт муҳаррири масъул Ҳ. Шарифов буд). Аз соли 1934 муҳаррири масъули рӯзнома буд. Кас саҳифаҳои «Комсомоли Тоҷикистон»-и солҳои сиюмро варақ зада, дарк мекунад, ки роли газета дар сохтмони колхозӣ, маҳви бесаводӣ, мустаҳкам кардани мудофиаи Ватан, мубориза бар зидди душманони синфӣ, баланд бардоштани роли комсомол то чӣ андоза бузург будааст.

Баъдтар Насрулло Абдуллоев дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон мудири шуъбаи адабиёти ҷавонон буд.

Баҳори соли 1937 фаро расид. Боди сарди гумонҳои бад сар то сари мамлакат вазид. Гули интеллигенсияи тоҷик, ки бунёди фарҳанги миллатро ташкил медод, низ ба таъқиб афтод. Ҳамсафу ҳамнабардони Абдуллоев яке паси дигаре ба ҳабс гирифта шуданд. Гирдбоди ҷаҳолат ба нашриёт низ расид. Аввал раиси управленияи Нашриёти давлатии Тоҷикистон Аюбҷоновро бурданду ба гарданаш тавқи «душмани халқ» овехта парронданд. Сонӣ, 10 августи соли 1937 Насрулло Абдуллоевро ба ҳабс гирифтанд. Трибунали Округи ҳарбии Туркистон дар асоси қарори махсуси маҷлиси НКВД-и СССР 8 майи соли 1938 ӯро чун «унсури аксулинқилобӣ» ба муддати 8 сол маҳкум кард.

- Тақдири маҳрумияти ман, - мегӯяд аъзои партия аз соли

1923, вакили съездҳои I ва II ВКП(б) Тоҷикистон, нафақахӯри дараҷаи умумииттифоқӣ Мустафоқул Нурмуҳаммадов, - бо маҳрумияти Насрулло Абдуллоев тавъам афтид. Ман раиси комитети радиошунавонӣ ва дар як вақт муҳаррири газетаи «Тоҷикистон сурх» будам. Маро низ чун «унсури аксулинқилобӣ» 8 сол ҳукм дода, ба Магадан фиристоданд. Моро маҳбусони сиёсӣ эълон карда буданд. Ёд дорам, моро ба вагонҳои боркашонӣ андохта, аз роҳи Турксиб ба Сибир мебурданд. Посбонон дар сарамон ҳатто вақти қазои ҳоҷат ҳам рост меистоданд. Маҳбусон маҷбур буданд, ҳар қадам таҳти назорати посбонон гарданд. Ба сармоҳои шадиди Шимол тоқат кардан барои ҷанубиҳо басо душвор буд... Насрулло касби падараш - дуредгариро пеша кард. Хӯроки дуруст намедоданд, аз сифаташ ҷойи гап ҳам набуд. Аз витамин танқисӣ мекашидем.

Дар арафаи соли 1940 аз касалии зангила дандонамон пурра рехт. Вақте ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ сар шуд, моро бештар аз пеш, таҳти назорат гирифтанд, ки мабодо нагурезем. Ва мо тоқат мекардем. Ба иқлими вазнини Сибир мутобиқ шуда, ҳар коре, ки мефармуданд, ба сомон мерасондем. Оқибат субҳи озодӣ дамид. Соли 1946 бисёр фарзандони тоҷик, аз ҷумла ману Насрулло ҳам баъд аз адои мӯҳлати ҳукм ба Сталинобод баргаштем...

Собиқ маҳбусони сиёсӣ, ки акнун дар сарзамини бобоӣ нафаси озод мекашиданд, дар орзуи он буданд, ки ба қадри умри боқӣ расида, зиндагӣ ба хушӣ гузаронанд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Дар ҳаёти Насрулло воқеаи фараҳбахше ба вуқӯъ пайваст. Вай дар 41-солагӣ бо духтари конибодомӣ Роҳатхон Аҳмадова тақдир ба ҳам пайваст ва орзу дошт, ки бачаю качадор шуда, осудаҳолона мезияд. Сад афсӯс, ки ин орзуҳои вай ҷомаи амал напӯшиданд. Сталинизми дар солҳои ҷанг муваққатан хамӯшида боз аз пайи таъқиби собиқ «душманони халқ» афтод. Онҳоро нагузошт, ки озод бошанд.

20 апрели соли 1949 Насрулло Абдуллоевро дубора ба ҳабс гирифтанд. Вай дар маҳбаси шаҳри Сталинобод мехобид, ки

хабари духтарчадор шуданашро шунид.

Мувофиқи хоҳиши падар, номи навзодро чун рамзи орзуву омоли солҳо дар дил парвардааш Матлуба номиданд.

Вақте ки Матлуба думоҳа шуд, хабар расид, ки падарашро ба Сибир бадарға мекардаанд. Ин хабар базудӣ ба Конибодом расид ва Роҳатхону авсунаш Очахон тифлро гирифта, дар се шабонарӯз ба Сталинобод омаданд. Барои видоъ иҷозатнома ҳам гирифтанд. Вақте ки навбати мулоқоти зану шавҳар фаро расид, посбони дарвоза бе паспорт иҷозат надод, ки бо ҳам вохӯранд (Ноомади корро бинед, ки он рӯз паспорти Роҳатхон дар қароргоҳаш монда будааст). Авсунаш Очахон, ки бо худ паспорт дошт, Матлубаи маъсумаро ба даст гирифта, ба мулоқоти Насрулло даромад. Насрулло ҷигарбандашро ба даст гирифту дар чашмонаш ашк ҳалқа зад. Вале хурсанд буд, ки фарзандашро дид…

Поезди махсус рӯ ба самти шарқи Сибир, ба кишвари Красноярск роҳ гирифт. Ин дафъа ҳам тақдир Насруллою Мустафоқулро ба ҳам пайваст. Дар шаҳри Туруханск маскан гузиданд. Чанд соли аввал аз Сушинск, Норилск то Дудинка, ки қад-қади дарёи Енисей воқеанд, боркаши киштӣ буданд.

Моҳи сентябри соли 1951 катери боркаше, ки Насрулло кор мекард, ҳангоми шино дар райони Тура ба лой ғӯтид. Одатан барои катерро аз лой баровардан ба ягон дарахти соҳил трос баста, раҳо медоданд. Ин бор ҳам ҳамин тавр карданд. Чӣ хатое содир шуду троси тобхӯрда аз дасти Насрулло бадар рафта, аз миёнаш сахт зад ва ӯро аз по афтонд. Бо ҳамин дигар ба по хеста натавонист ва дар сарзамини Сибири бекарон абадуддахр бимонд. То баҳори соли 1953 ҳамагӣ ду сол нарасид, ки чун дигар бадарғашудагон ба зодгоҳаш баргардад.

Зани ҷабрдидаи бегуноҳ, зани содиқи шавҳари худ Роҳатхон Аҳмадова як моҳ пеш аз фавти шавҳараш мактубе гирифт, ки дар он чанд байти падар сабт ёфта буд дар ҳаққи духтараш Матлуба:

Аҷаб дилбар, гули бодом дорам,
На шаб хобу на рӯз ором дорам.
Намедонам, ки кай бинам рухашро,
Умеди бӯса субҳу шом дорам.
Ту хуштар аз суман, Матлубаи ман,
Шукуфӣ дар чаман, Матлубаи ман.
Набинад рӯйи ту ранги хазонро,
Нишони умри ман, Матлубаи ман!

Матлуба бе падар ба воя расид. Вале хешовандонаш нагузоштанд, ки ӯ бепадариашро ҳис кунад. Аммааш Муаллимаи Хизматнишондодаи мактаби РСС Тоҷикистон Санавбархон Абдуллоева то охири умраш ҳомии ин оилаи мусибатзада буд. Аз пайи тарбияю таҳсили Матлуба шуд. Матлуба амакаш Ҳабибхон Абдуллоевро, ки аз ӯ бӯйи падараш меомад, «дада» мегуфт.

Матлуба кӣ будани падарашро аз рӯйи мактубҳояш шинохт. Донист, ки падари бегуноҳашро ноҳақ, бе ҳеҷ асос ду бор ҳабс намуда, ба Сибири дурдаст фиристода буданд, ки имрӯз ҳатто қабрашро ҳам дарёфта наметавонад. Ӯ чун фарзанди лоиқи падар ба камол расид. Институти тиббии Душанберо хатм намуд. Соҳиби чаҳор фарзанд аст. Солҳост, ки ҳифзи солимии мардумро ба уҳда дорад.

Ниҳоят ҳақ ба ҳақдор расид. 20 апрели соли 1949 аз хусуси дар делои Абдуллоев Насрулло набудани унсури ҷиноятӣ тафтиши кор қатъ гардид. Ҳамсари марҳум, ҳамсари инсони бегуноҳ аз шунидани ин хабар ашки талх рехт.

Ин ягона санаде буд, ки модару духтарро таскин бахшид.

Наримон АБДУЛЛОЕВ
(«Комсомоли Тоҷикистон», №112 (7973),
аз 16 сентябри соли 1988)

АБДУРАҲМОНОВ МУҚИМ

Соли 1938 дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. хатмкардаи факултаи забонҳои хориҷии Донишкадаи омӯзгории шаҳри Хуҷанд (1961) ва мактаби олии ҳизбии шаҳри Тошканд (1975-1977) аст. М. Абдураҳмонов собиқ муҳаррири рӯзномаҳои «Комсомоли Тоҷикистон» (1971-1975), «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», «Ҳақиқати Хатлон», «Навиди Вахш» (1979-1992), «Шуълаи умед» (1999-2000) мебошад. Вай инчунин дар идораи рӯзномаҳои «Коммунисти Исфара» (1956), «Тоҷикистони Советӣ» (1977-1978) кор кардааст. Солҳои 1993-1999 хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» дар вилояти Суғд буд.

Очерку ҳикояҳояш солҳои гуногун дар маҷмӯаҳои дастҷамъии «Истеъдодҳои ҷавон», «Обу ободӣ», «Поле подвига» чоп шудаанд. Муаллифи китобҳои «Шаҳдрез», «Ситораи Вахш», «Вахшская долина» (ҳамроҳи шодравон Иноят Насриддин), «Хонаи дуюм»(соли 1983, дар бораи коргарони заводи трансформатори ш. Қӯрғонтеппа), «Абри сафед», «Дурахши ахтарон», «Чароғи афрӯхта» ва ғайра мебошад.

Солҳои 1979-1992 якчанд навбат депутати Шӯрои намояндагони халқи собиқ вилоятҳои Қӯрғонтеппа ва Хатлон, раиси созмони вилоятии ИЖТ интихоб гардидааст. Корманди шоистаи маданияти РСС Тоҷикистон (соли 1986) ва аз соли 1998 нафақахӯри шахсии дорои аҳамияти ҷумҳуриявист.

● *ЁДИ РӮЗҲОИ ГУЗАШТА*

ДИЛАМ ГУМ МЕЗАНАД

Ҳар гоҳ чун аз Қӯрғонтеппа, ин шаҳри сарсабзу хуррам ва дар зебоӣ нотакрори кишварамон, ки замоне чордаҳ соли умрам дар он ҷо гузаштааст, паёме мешунавам, ба ваҷд меоям ва пеши назарам беихтиёр Теппаи машҳур, ҷӯи Хонум,

бозори «Фаровон», гулбоғи дилкушо ва чеҳраҳои мардуми заҳматкашу дарёдили он ҷилвагар мешавад.

Инак, хабари тачлили ҷашни 80-солагии таъсисёбии рӯзномаи вилоятии «Хатлон» низ маро хеле шод гардонд. Ба худ болидам, ки имрӯз ҳам ба қадри сухани матбуот ва кормандони васоити ахбори омма мерасанд, онҳоро бо ғамхориҳои ҳамаҷониба фаро мегиранд.

Азбаски вилояти Қӯрғонтеппаи пештара бо собиқ вилояти Кӯлоб на як бор якҷою ҷудо шудааст ва рӯзномаи он ҳам бо рӯзномаи «Хатлон» «хешигарӣ»-и наздик дорад, таърихи онҳо низ то андозае муштарак аст. Ифтихор аз он дорам, ки ман шоҳиди таърихи 14-солаи он мебошам.

…Тирамоҳи соли 1978, дар соли дуюми ташкилёбии собиқ вилояти Қӯрғонтеппа, бюрои комитети партиявии вилоят бо тавсияи КМ ПК Тоҷикистон маро муҳаррири рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» таъин намуд. Охирҳои моҳи ноябр буд. Якуми январи соли 1979 мебоист шумораи нахустини рӯзномаи нав аз чоп барояд. Матбааи шаҳрӣ имконияти чопи рӯзномаи калонро (дар ҳаҷми «Правда») надошт. Бинобар ин, қарор дода шуд, ки рӯзномаро дар матбааи шаҳрӣ тарҳрезӣ карда, бегоҳӣ (бештар шабона) ба комбинати полиграфии Душанбе бурда, аз рӯи матритса чоп намоем. Ин кори хеле пурмашаққату хавфнок (дар фасли сард шомгоҳон аз ағба гузаштан лозим меомад) ва заҳматталаб буд. Хушбахтона, бо супориши обком дар зарфи ҳафт моҳ дар матбааи шаҳрӣ сехи нави чопӣ сохта, ба истифода доданд ва аз моҳи августи ҳамон сол сар карда, рӯзнома дар он сех ба таври офсет чоп мешуд.

Ёд дорам, шумораи нахустини рӯзномаро бо мадади мудири сектори матбуоти КМ ПК Тоҷикистон шодравон Бобо Насриддинов ва мудири шуъбаи рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» ҳамкори собиқам Шоҳмузаффар Ёдгорӣ қариб як моҳи тамом ба чоп ҳозир намудем. Он дар вақташ аз чоп баромад ва ба дасти хонандагон рафта расид. Рӯзнома мебоист ҳафтае панҷ маротиба барояд. Табиист, ки барои ин маводи

зиёде лозим буд. Ҳайати кормандони эҷодӣ ҳанӯз мукаммал набуд. Такягоҳи мо асосан кадрҳои эҷодию техникии рӯзномаи барҳамхӯрдаи шаҳрии «Коммунисти Қӯрғонтеппа» буданд. Аз ин рӯ, рӯзҳои аввал тамоми бори масъулият ба дӯши муҳаррир, ҷонишини ӯ Солиҷон Қаҳҳоров, ки ҳамроҳ аз Душанбе барои адои вазифа омада будем, инчунин пири рӯзноманигорон Аскаралӣ Набиев, Пиримқул Сатторӣ, Исматулло Ибодов, Файзалӣ Чориев, Шарифамоҳ Кишварова ва дигарон буд. Сипас, аз шаҳри Душанбе Тоҳирҷон Асомиддинов, аз ноҳияи Панҷ Мирзо Гадоев ва Саидҷаъфар Сафархӯҷаев, аз ноҳияи Вахш Аъзамҷон Мӯсоев, Ғулом Соҳибов, аз ноҳияи ҳамонвақтаи Куйбишев Насриддин Мирзоев, аз ноҳияи Колхозобод Бурибой Парпоқов, аз шаҳраки Октябр Яхшибой Пирматовро ба кор даъват намудем. Дертар бо ҳидояти обком мудири шуъбаи тарғиботи комитети партиявии нохияи Вахш Тӯрабой Қобилов дар вазифаи ҷонишини муҳаррири рӯзнома тасдиқ гардид.

Ҳамин тавр, тадриҷан дар идораи рӯзнома қувваҳои тозаи эҷодӣ ҷамъ омада, ҳайати кормандон пурра мегардид. Минбаъд, дар солхои гуногун ба сафи мо Сайидалӣ Бобохонов, Саломиддин Мирзоraҳматов, Абдувалӣ Абдувоҳидов ҳамроҳ шуда, дар муддати кӯтоҳ ба туфайли заҳматписандию ҷӯяндагии хеш дар байни ҳамкасбон ба мақому мартабаи баланд расиданд. Дертар ба узвияти ҷомеаи заҳматии мо ҷавонони қобилиятнок Ҳусейнбой Маликов, Шоимқул Облоқулов, Ҳотам Каримов пайвастанд.

Пайдост, ки қисми зиёди кормандони эҷодие, ки мо дар марҳилаи аввал дар идораи рӯзнома ҷамъ овардем, асосан аз рӯзномаҳои ноҳиявӣ омада буданд ва таҷрибаю малакаи дар рӯзномаҳои калон ва ҳаррӯза кор кардан надоштанд. Аз ин рӯ, дар назди идора мактаби маҳорати рӯзноманигорӣ ташкил кардем, ки машғулиятҳои он моҳе як маротиба барпо мегардид ва дар назди шунавандагон кормандони масъули партиявию хоҷагӣ, мутахассисони варзидаи ҳуқуқшиносӣ, маориф, фарҳанг, рӯзноманигорони ботаҷрибаи рӯзномаҳои

ҷумҳуриявӣ баромад мекарданд. Воқеан ҳам, ин мактаб дар такомули касбии кормандони идора такони зиёд бахшид.

Барои такмилу сайқал додани маҳорати касбии ҳамкорон аз ҳамаи роҳу воситаҳо васеъ истифода мебурдем. Маҷлисҳои партиявӣ, иттифоқи касаба, ҳайати таҳририя, «летучка»-ҳо (чапира)-и ҳарҳафтаина низ ба ин мақсад нигаронида шуда буданд.

Рӯзномаи мо дар айёме таъсис ёфта, арзи вуҷуд дошт, ки дар вилоят корҳои бунёдкорӣ авҷ гирифта, дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ пешравиҳои ҷиддӣ ба чашм мерасид. Маркази вилоят - шаҳри Қӯрғонтеппа гӯё эҳё мешуд. Кӯчаҳои он аз нав сохта шуда, биноҳои нави маъмурию истиқоматӣ бунёд мегардиданд. Биноҳои нави комитети вилоятии партия, кинотеатри ба номи «Лоҳутӣ», меҳмонхонаи «Қӯрғонтеппа», прокуратура, кумитаи амният, комиссариати ҳарбии вилоят ва ғайра бунёд меёфтанд. Дар қатори аввалинҳо бинои бонки давлатии вилоят ба истифода супорида шуд, ки мо, кормандони рӯзномаҳои вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ва «Кургантюбинская Правда» дар бинои куҳнаи он (баъди таъмири асосиаш) ба фаъолият оғоз намуда будем.

Он солҳо вилоят дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ пеш рафта, борҳо ғолиби мусобиқаи умумииттифоқӣ гардида буд. Махсусан, ба соҳаи пахтакорӣ диққати зиёд медоданд. Соли 1980 ҷумҳуриамон аввалин бор дар таърих як миллион тонна «тиллои сафед» истеҳсол кард, ки қариб нисфи он ба вилояти мо рост меомад, ҳол он ки он замон дар ҳудуди вилоят, агар хато накунам, ҳамагӣ даҳ ноҳияи пахтакор мавҷуд буду халос. Ҷолиби диққат аст, ки қисми асосии пахтаи вилоят аз навъи пурқиммати маҳиннах иборат буд.

Рӯзномаи мо низ дар инъикоси таҳаввулоти зиёде, ки дар вилоят ба амал меомад, тарғиби таҷрибаи пешқадам, ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии мардуми вилоят фаъолона ширкат намуда, борҳо ғолиби озмунҳои Иттифоқи журналистони Иттиҳоди Шӯравӣ ва Тоҷикистон гардида буд.

Баъди он ки дар соли 1988 бо қарори Кумитаи марказии

партия ва Ҳукумати ҷумҳурӣ вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа барҳам дода, дар заминаи онҳо вилояти нави Хатлон ташкил ёфт, рӯзномаҳои ин ду вилоят низ барҳам хӯрда, рӯзномаи нави «Ҳақиқати Хатлон» таъсис дода шуд, ки шумораи нахустини он бо теъдоди 44 ҳазор нусха 1-уми январи соли 1989 аз чоп баромад. Вазифаи муҳарририи он боз ба дӯши ман вогузошта шуд. Дар шаҳри Кӯлоб дафтари мухбирон ташкил карда, як қисми коргарони собиқ рӯзномаи вилоятӣ он ҷо монданду қисми дигар, аз ҷумла Мисралӣ Сониев, Р. Ташрифзода, Бобоҷон Абдувоҳидов, Тухфа Аҳмадова ба Қӯрғонтеппа, ба идораи нави рӯзномаи вилоятӣ ба кор омаданд. Бояд гуфт, ки ин ҳамқаламонамон дар ҷомеаи мо бегонагӣ ҳис накарда, дар муддати кӯтоҳ ба ҷараёни амалҳои доманадори рӯзноманигорӣ ҳамроҳ шуда рафтанд. Маводҳои ҷолибу хонданибоб омода мекарданд, ба туфайли кӯшишу ғайрат ва заҳматҳои зиёди онҳо ҳаёти ҷомеаҳои меҳнатии минтақаи Кӯлоб ва мардуми он дар рӯзнома ҳамаҷониба инъикос меёфт.

Вале, мутаассифона, ин ҳамкории мо ва мардуми вилоятамон дер давом накард. Ибтидои соли 1990 вилояти Хатлон барҳам хӯрда, вилоятҳои собиқ Қӯрғонтеппаю Кӯлоб боз барқарор карда шуданд. Ба мо ҳам лозим омад, ки рӯзномаи пештараамонро барқарор намоем. Азбаски, акнун вазъи сиёсии кишвар тағйир ёфта, падидаҳои ошкорбаёнӣ, гуногунандешӣ, бисёрҳизбӣ бештар зуҳур меёфт, моро мебоист минбаъд корамонро дар ҳамин асос ба роҳ монем. Дар ин давра бисёр нашрияҳои кишвар номашонро тағйир медоданд. Мо низ дар интихоби номи нави рӯзнома хеле андеша карда, оқибат ба хулосае омадем, ки онро «Навиди Вахш» номем.

Алқисса, рӯзномаи мо аз моҳи апрели соли 1990 сар карда, то моҳи сентябри соли 1992 бо чунин унвон чоп мешуд. Бо тақозои айём ин давра давраи хеле ҳассос ва фоҷеаомези фаъолияти мо гардид. Баъди баҳманмоҳи хунини ҳамон соли 1990 вилояти Қӯрғонтеппаи мо ба нуқтаи аз ҳама доғи

ҷумҳуриамон табдил ёфт. Баҳсҳои сиёсӣ, авҷи маҳалбозӣ, гирдиҳамоиҳои тӯлонӣ, фишороварӣ ба роҳбарони алоҳида, талабҳои ғайриконститутсионӣ ва ғайра фазои вилоятро ғуборолуд гардонида, ба дилҳои мардум яъсу ноумедӣ ворид месохтанд ва фаъолияти сохторҳои ҳизбию давлатӣ ва хоҷагиро фалаҷ мегардониданд. Бо вуҷуди тадбирҳои зиёде, ки зимомдорони вақт меандешиданд, вазъият торафт муташанниҷ мегардид, зеро тавре мегӯянд, «об аз боло лой» шуда буд. Бозсозии горбачёвӣ ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравиро ба талотум меандохт.

Ба мо, рӯзноманигорони вилоят, лозим буд, ки дар чунин вазъияти ҳассос қабл аз ҳама мавқеи худро аниқ муайян намоем, зеро баъзе ҳамкасбонамон ба зери таъсири ифротгароён монда, маводҳое таҳия мекарданд, ки агар онҳоро чоп мекардем, боиси боз ҳам муташанниҷ гардидани вазъият мегардид. Аз ин рӯ, дар яке аз маҷлисҳои васеи ҳайати таҳририя ин масъаларо муҳокима карда, қарор додем, ки пеш аз ҳама воқеаҳоро холисона баён намоем, манфиати ягон гуруҳро ба гуруҳи дигар муқобил нагузорем, бо тамоми фаъолияти хеш ба муътадил гардидани вазъи сиёсии кишварамон мусоидат намоем.

Ин як навъ савганди мо буд дар он рӯзҳои барои Ватанамон хеле душвор ва кулли ҳамқаламонамон то ба охир ба он содиқ монданд. Сад дареғ, ки чанд тан аз онҳо дар роҳи садоқат ба ин савганд ҷон бохтанд. Ман имрӯз он азизонро бо қалби реш ва ашки сӯзон ном мебарам: Тӯрабой Қобилов, Шарифамоҳ Кишварова, Шарофиддин Қосимов, Олимҷон Ёрасенов, Пиримқул Сатторӣ, Абдурашид Ҳомидов, Ҳомидҷон Ҳакимов…

Гирдиҳамоиҳое, ки нимаи дуюми рӯзи 2 сентябри соли 1992 дар назди биноии комиҷроияи вилоят ва кинотеатри «Ватан» барпо гардиданд, ба ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳуриамон оғоз бахшиданд. Табиист, ки дигар ба чопи рӯзнома ҳоҷат ҳам намонда буд, тавре мақоли русӣ мефармояд, «вақте садои туфанг баланд мешавад, мурғи илҳом хомӯш мегардад».

Шукри беадад ба даргоҳи Худованд, ки ба шарофати заҳматҳои тӯлонии фарзандони фарзонаи миллат ва хиради азалии халқамон оташи ҷанги бародаркуш хомӯш карда шуд ва сулҳи деринтизор фаро расид. Шаҳру деҳоти кишварамон, аз ҷумла шаҳру деҳоти харобгаштаи водии Вахши зарнисор имрӯз аз дирӯза ҳам ободу зеботар ва сарсабзу хуррам гардидааст.

Ман шодам, ки ҳамкорони собиқам - адибон ва рӯзноманигорони хушсалиқа Саидалӣ Бобохонов, Абдувалӣ Абдувоҳидов, Асалмо Сафарова, Абдусаттор Қарахонов имрӯз ҳам бори сухан мекашанд ва бо маҳсули қалами хеш дар нашъунамои вилояти овозадор саҳми муносиб мегузоранд. Ифтихор аз он дорам, ки дастпарварони дирӯзаи рӯзномаамон Саломиддин Мирзораҳматов, Гурез Қосимов, Аброри Зоҳир, Исматулло Ибодов, Саидҷаъфар Сафархӯҷаев, Давлатҷон Султонов, Ғафурҷон Расулов ва дигарон дар ҷумҳурӣ ва берун аз он дар вазифаҳои пурмасъулият кор карда, ба рисолати касбии худ низ содиқ мондаанд.

Ҳар гоҳ ба худ меандешам, ки беҳтарин солҳои умрамро дар Қӯрғонтеппа, дар иҳотаи дӯстони қадрдон, дар муҳити бунёдкориву созандагӣ ва эҷодкорӣ гузаронидаам ва имрӯз ба ёди он солҳо дилам гум мезанад. Инак, ҳамаи ҳамкасбон ва хонандагони ҷаридаи «Хатлон»-ро бо ҷашни 80-солагӣ сидқан табрик гуфта, таманнои онро дорам, ки ҳақҷӯию ҳақгӯӣ минбаъд ҳам шеваи асосии кори рӯзнома гардад.

М. АБДУРАҲМОНОВ,
Исфара, апрели соли 2013

АЛИЗОДА АБДУЛҲАМИД

Соли 1910 дар қишлоқи Қарачикуми ноҳияи Конибодом, дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Солҳои 30-юми асри гузашта, пас аз хатми донишгоҳи Тошканд, ба водии Вахш барои машғул шудан ба фаълияти рӯзноманигорӣ меояд. Дар идораи рӯзномаҳои ноҳиявии Шаҳритусу Қубодиён ба ҳайси мухбир ва муҳаррир кор кардааст. охири солҳои 30-м, замоне ки муҳаррири рӯзномаи «Шараф»-и Қубодиён буд, ӯро барои нашри мақолаи танқидие бар зидди кишти пахта дар ин ноҳия ва ба ҷойи он ба роҳ мондани кишти ғалла, ба ҳабс гирифта, ӯро ба қатл расониданӣ мешаванд. Аммо пасон бегуноҳияш исбот шуда, ҳукумати вақт аз ӯ узрхоҳӣ ва ба мақоми пешинааш барқарор мекунад.

Солҳои 50-ум сардабирии рӯзномаи «Болшевики Қӯрғонтеппа»-ро, ки баъдан ба таъсиси рӯзномаи вилоятӣ замина гузоштааст, ба уҳда доштааст. Соли 1965 бар асари бемории тӯлонӣ реҳлат кардааст.

АЛИЗОДА: АЗ ҲУКМИ ҚАТЛ ТО УЗРХОҲИИ ҲУКУМАТ

Маълумоти кофӣ дар бораи ҳаёту фаъолияти рӯзноманигории Абдулҳамид Ализода ниҳоят кам аст. Дар зер ёддошти кӯтоҳи Ҳасан Ализода, яке аз фарзандони Абдулҳамид, оид ба зиндагиномаи ин шахсияти таъсиргузори матбуоти Вахшонзамин ҷой дода мешавад.

Ду соли зиндагӣ бо Турсунзода

Охири солҳои 20-уми асри XX дар муддати 2 сол падарам Абдулҳамид Ализода дар шаҳри Тошканд бо ҳамроҳии

Мирзо Турсунзода, шоири маҳбуб, дар «рабфак» гуфтагӣ факулта таҳсил намудаанд. Чи хеле, ки худи падарам нақл мекарданд, онҳо дар хобгоҳ бо ҳамроҳии М. Турсунзода дар як утоқ зиндагӣ менамуданд.

Аз соли 1933 то соли 1935 Ализода дар ноҳияи Даҳанакиик, Хуросони имрӯза, корманди ГПУ (Государственное Политическое Управление) шуда кор мекарданд. Соли 1934 Аблуҳамиди ҷавонро ба ноҳияҳои Шаҳритус ва Қубодиён барои кор дар редаксияи рӯзномаҳои ноҳиявӣ ҳамчун журналист равон карданд. Аз соли 1937 то 1938 ҳамчун редактори рӯзномаи ноҳияи Қубодиён фаъолият бурд.

Мақолае, ки боиси «ҳукми қатл»-и Ализода шуд

Дар вақти фаъолияташ А. Ализода баромади котиби аввали ҳизби коммунисти ноҳияро бар зидди кишти пахта дар Қубодиён дар газета чоп кардааст. Котиб кишти ғалларо ба ҷойи пахтакорӣ пешниҳод карда будааст, чунки ноҳия аз норасоии об танқисӣ мекашидааст. Барои ин баромад КГБ котибро

ҳамчун душмани халқ эълон карда, ба маҳбас мешинонаду ҳукми қатл медиҳанд.

Азбаски Ализода баромади котиби якумро дар газета чоп карда буд, ӯро ҳам ҳамшарику ҳамақидаи котиб гуфта, аз соли 1938 то 1939дар маҳбаси шаҳри Тошканд нигоҳ медоранд. Ба Ализода ҳам ҳукми қатлро дода буданд, аммо собиқ котиби Қубодиён бо хуни худ дар деволи маҳбас бегуноҳ будани Абдулҳамид ва номи дигар одамони гунаҳкорро менависад.

Соли 1939 як мақола аз Иосиф Сталин дар рӯзномаҳои марказӣ бо номи «Головокружение от успехов» ба чоп мерасад. Ин мақола сабаб мешавад ва Ализодаро аз маҳбас ҷавоб медиҳанд. Ҳукумат аз Ализода бахшиш пурсида, маоши яксолаашро барзиёд ҷуброн карда, ба вазифаи аввалааш барқарор мекунад. Ҳамин тавр, то соли 1942 падарам фаъолияташро дар ноҳияи Қубодиён давом дод.

Диққи нафаси Ализода

Соли 1942 Ализодаро барои хондан ба Омӯзишгоҳи низомии қӯшунҳои хушкигарди шаҳри Подолск равон карданд. То соли 1944 таҳсил карда истода буд, ки гирифтори бемории астма (диққи нафас) шуд. Бо ҳамин сабаб, ӯро «дембилизировать» намуда, ҳамчун узви Политбюро ба шаҳри Қӯрғонтеппа ба номенклатура равон мекунанд.

Аз соли 1944 то 1947 Абдулҳамид ҳамчун мудири шуъбаи пропаганда ва агитатсияи ҳукумати вилояти ҳамонвақта кор мекард. Дар ҳамин солҳо вилояти Қӯрғонтеппа вуҷуд дошта будааст. Баъд аз соли 1947 вилоят барҳам мехӯрад. Аз соли 1947 то 1950 муҳаррири нашрияи ноҳияи Арал (А. Ҷомии ҳозира) шуда кор мекунад. Ногуфта намонад, ки ҳамон солҳо муҳаррирон ва умуман, коркунони нашриёт дар номенклатураи СеКа (Кумитаи марказии ПК) буданд, яъне партия ба куҷое равон кунад, ҳамон ҷо мерафтанд.

Дар ин миён Абдулҳамид Ализода ду сол дар Мактаби олии ҳизбии шаҳри Тошканд низ таҳсил кардааст.

11 фарзанди Абдулҳамид ва Малоҳат

Абдулҳамид тахминан солҳои 1933 ё 1934 бо духтари босаводи замон, ки омӯзишгоҳи занонаи омӯзгории шаҳри Самарқандро хатм кардааст, хонадор мешавад. Ҳамсари Абдулҳамид - Малоҳат Алиева ҳам корманди давлатӣ будааст.

Дар ноҳияҳои Қубодиён, Шаҳритус ва Ғозималик котиби сеюм комиҷроияи ноҳия шуда кор мекард (дар мақоми муовини раиси ноҳия).

Солҳои охир, то ба нафақа баромадаш, дар комиҷроияи шаҳри Қӯрғонтеппа ба ҳайси мудири шуъбаи маъмурӣ фаъолият дошт. Ин солҳо роҳбари Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров буд.

Аз рӯйи қиссаҳои модарам, онҳо соҳиби 11 нафар фарзанд буданд, аммо аз сабаби он, ки кори ободонии Вахш дар авҷ буд, ба фарзандҳо он қадар аҳамият дода наметавони-

станд. Ҳар боре, ки фарзанде бемор мешуд, бинобар масруфияти зиёд, ба табобати комил банд шуда наметавонистанд. Аз сабаби бемориҳои гуногун, аз ҷумла «сурхча» ҳашт фарзандашон вафот кардааст. Танҳо чор бародар аз Абдулҳамид ва Малоҳат боқӣ мондаанд: Музаффар, Ҷӯрабой, Ҳасан ва Аҳмад Ализодаҳо.

Соли 1950 Абдулҳамид Ализодаро сармуҳаррири газетаи «Болшевики Қӯрғонтеппа» таъин намуданд. Соли 1955 бо сабаби бемории диққи нафас, ки чангу ғубори редаксия ба ӯ намефорид, бо хоҳиши худ ба нафақа баромад.

Абдулҳамид Ализода дар натиҷаи диққи нафас ва бемории дурудароз соли 1965 аз олам чашм пӯшид ва дар шаҳри Қӯрғонтеппа дафн шудааст.

Китобати
Ҳангомаи ИСМАТ

АЛИЗОДА ҲУРИННИСО ЮСУФӢ

4 марти соли 1957 дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 1979 Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ)-ро бо ихтисоси филолог ба итмом расонид. Баъди хатми донишгоҳ то соли 1986 ба сифати омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик дар мактаби №29-и ноҳияи Фархор кор кард. Соли 1986 ба олами рӯзноманигорӣ пайваста, дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» ҳамчун мухбир ба кор ҷалб шуд. Аз соли 1988 ба ин сӯ дар ноҳияи Москва ба сифати диктори радиои ноҳиявӣ, муаллимаи забони форсии мактаби №54, мудири шуъбаи САҲШ-и ҳамин ноҳия фаъолият дошт. Солҳои 1991-1995 дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ховалинг» ба ҳайси мудири шуъбаи сиёсӣ кор кардааст. Аз моҳи декабри соли 1995 ба сифати мухбири ғайриштатии рӯзномаи «Ҷумҳурият» фаъолият намуда, аз соли 1997 то моҳи майи соли 2006 дар рӯзномаи «Садои мардум» мухбир ва баъдтар, муҳаррири шуъбаи «Парламент ва ҳокимияти давлатӣ» буд. Моҳи майи соли 2006 ба вазифаи муҳаррири шуъбаи таҳлил ва таҳқиқоти журналистии рӯзномаи «Ҷумҳурият» даъват шуд. Аз моҳи сентябри соли 2006 бо Фармони Президенти кишвар ба вазифаи сармуҳаррири маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» таъин гардид. Аз моҳи октябри соли 2012 то ҳоло ба ҳайси муовини директори Муассисаи давлатии Китобхонаи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Ҳуриннисо Ализода узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон, Аълочии матбуоти Тоҷикистон ва барандаи ҷоизаи ИЖТ ба номи Лоҳутӣ аст.

ОЁ МОДАР КОРГАР НЕСТ?

Якшаба он ранҷ, ки модар кашид,
Бо ду ҷаҳонаш натавон бар кашид.

Холаи Шоҳин барвақтии субҳ бедор шуду аз рӯйи одат аввал ба фарзандони дар паҳлӯяш хобида нигарист. Болои Саодати ҳафтсоларо бо кӯрпа дурусттар пӯшониду сари аз болишт лағжидаи Тоҳирҷони ёздаҳсоларо дурусттар гузошт. Нигоҳи пурмеҳри модар рӯйи фарзандонашро сила мекард. Онҳо орому осуда аз хоби ширини саҳарӣ лаззат мебурданд.

Модар фарзандони калони ҳар тараф пайи мақсаде парешонашро як-як ба хотир оварда, ҳозир дар кадом ҳолат буданашонро тасаввур кард. Фарзанди чорумаш Холмурод, ки донишҷӯи курси дуюми институти политехникии шаҳри Киров мебошад, одати аҷибе дошт. Ҳангоми хоб буданаш тамоми сирри дилашро гуфта медод. Ин одати барои Холмурод ногувор ӯро ба модар боз ҳам қаринтар мекард. Аҷаб бачаи соддадилу софтинатест ӯ. Ҳоло шояд Холмурод воқеаҳои рӯзи гузаштаро нақл мекунаду ҳамкурсҳояш чун худаш масти хобанд. Касе табассумкунон ба рӯяш бо меҳр наменигарад…

Холмурод-ку дар хобгоҳи гарму бофароғати студентон хобидааст, Нурулло чӣ? Шояд, ӯ ҳозир навбатдор асту аз ҳунукӣ ин тарафу он тараф қадам мезанад. Охир, барои аскарон шаб, хунукӣ ва танҳоӣ барин гапҳо вуҷуд надоранд. Нуҳ моҳу бисту як рӯз боз вай хизмат мекунад. Модар ҳар як рӯзу соати ин давраро ҳисоб карда, гузаштани рӯзҳои боқимондаашро интизор мешавад. Нурулло ҳам, чун бародараш Шералӣ, ҳангоми донишҷӯӣ пайи хизмати Ватан даъват шуд. Нурулло аз курси сеюми университету Шералӣ аз курси дуюми институти тиббӣ.

Як гӯшаи осмон сафед шуду модар аз ҷой бархост. 4 сол пеш табибони пойтахт баъди ҷарроҳии вазнину бурида партофтани талхадон ба ин модари қаҳрамон умри дубора бахшиданд. Инак, ӯ аз рӯи маслиҳати онҳо пагоҳӣ дар ҳавои тоза

сайругашт мекунад.

Ба рӯйи ҳавлӣ баромада, ин тарафу он тараф қадам зад. Вале ҳавличаи тангаки онҳо барои сайругашту ҳавохӯрӣ мувофиқат намекард. Баъди хонадор шудани писаронаш Ҷӯрахону Акрамхон дар як гӯшаи ҳавлӣ барояшон хоначаҳои алоҳида сохтанд. «Бечора писарам Ҷӯрахон чунон хоначаи танг дорад, ки шабона қариб, ки дар таги печка хоб мекунад. Албатта, барои се кӯдаку ду нафар калонсол, гаҳворaю кӯрпаю кӯрпача, ҷевони либосу дигар асбобҳои зарурии рӯзгор хонаи ӯ танг аст. Вале аз ҷойи кораш - ҷамъияти матлуботи район ҳатто ваъдаи хона ҳам намедиҳанд» - гӯё барои худ ба хотир овард модар.

Ӯ аз ин ҷиҳат доимо ғам мехӯрад. То аз хоб хестани дигарон ба охӯри модагов коҳу хӯрока андохта, онро хору мол кард. Гӯё ӯро илтиҷо мекард, ки тезтар гӯсола кунаду 5 нафар набераи ширдӯсташро ширмаст гардонад. Охир, дар ҳамин қадар ҳавличаи танг бо ҳамин умед барои ин гов оғилчае ҳам ҷудо кардаанд.

Солҳои ҷавонии холаи Шоҳин дар деҳаи Саричашма гузаштаанд. Он вақтҳо хушдоманаш зинда буд. Кӯдаконашро, ки ҳама ноболиғ буданд, зери тарбияи он кампири меҳрубон гузошта, аз колхоз пила мегирифт, гову моли зиёдро нигоҳубин мекард, хатто якчанд сол дар мактаб фаррош шуда кор ҳам кард. Зиндагии пурфайзу бобаракате доштанд. Ширу ҷурғоти говҳои айлоқ дастархони онҳоро бофайзтар мегардонд. Баъди барҳам хӯрдани районӣ Саричашма, шавҳараш Исмоил Қурбоновро, ки милитсионер шуда кор мекард, ба районӣ Москва ба кор фиристоданд. Инак, бисту шаш сол боз онҳо дар ҳамин район зиндагӣ мекунанд.

Модар ба хотир овард, ки ҳозир духтаронаш Ҷавҳарбӣ, Гулбаҳор ва Саодат ба мактаб мераванд. Чойникро болои оташи газ ниҳоду алови печкаро даргиронд. Болои дастархон нону мураббо гузошт.

Аҳли оила як-як аз хоб бедор шуда, ҳар яке дар тараддуди мактабу кор, набераҳо пайи бозиву келинҳо пайи корҳои

рӯзгор овора гаштанд. Хонаи навакак хомӯшу асрорангез бозорро мемонд. Модар ҳар якеро барои зиёдтар хӯрдану тезтар пӯшидан, саросема нашудану худро дар роҳи мошин эҳтиёт кардан таъкид менамуду кӯшиш мекард, ки ягонтоаш дар канор намонад. Баъд аз ин ҳама ӯ ҷомаи нимкола дӯхтаашро ба даст гирифту нияти нишастан кард.

- Очаш, ҳамон либосҳои маро ҳам як тоза карда биёр, имрӯз пули нафақаамро мегирам, ба бачаҳо пул фиристонам, - гуфтани шавҳараш ӯро водор кард, ки дарзашро ба ҷояш гузорад.

Ҳамин тариқ, чун ҳаррӯза, танҳо соатҳои даҳи рӯз ҳамроҳи ду келинаш навбати ба сари дастархон нишастани онҳо расид.

Ба ҷомашӯӣ ва нигоҳубини кӯдаки гавҳора овора будани келинҳояшро дида, худаш пайи пухтани хӯроки нисфирӯзӣ шуд. «Фарзандонам нисфирӯзӣ баргашта, бояд таоми болаззате хӯранд», - андеша кард модар. Ӯ торҳои чун ришта маҳини угрои буридаашро ба дег андохта, ба хотир овард, ки писари калониаш Бобохон ин таъомро бисёр дӯст медорад. Барои ин писари касби ҳарбӣ ихтиёркардаи вай таъомҳои хонаи модар беҳтарин неъмати зиндагианд. Дасти модар ба кафлезу дилаш ба сӯйи писари раҳдуриаш рафт.

Баъди 4 соли таҳсил дар Қазоқистон, Бобохонро ба шаҳри Мурманск ба кор фиристоданд. Як вақтҳо хабари ба кадом як ҷойи дур ба кор рафтани писарашро шунида, модар беқарор шуд.

«Фарзанд то охири умр барои модар кӯдак аст» - мегӯянд. Модар писарони баркамолу хонадорашро гаштаю баргашта чун кӯдак таъкид мекунаду боз ором намешавад. Мактубҳои навиштаи ӯ ба писараш низ саропо таъкиду маслиҳати дилсӯзонаи модарона буданд. Ва Бобохон аз хизмат баргашт. «Шукр, ҳоло писарам дар ҷойи хуб кор мекунад. Оташ, бачат майор шудааст, мегӯяд, ки хизмати хуб мекунад. Писари боақлу боодоб шудааст». Ба шаҳри Душанбе ба кор рафтанашро шунида, аз шодӣ гул кард модар. Ба ҳар ҳол марказ.

Хабар гирифтанаш осонтар. Барои модар ба ҷуз осоиши фарзанд дигар чӣ лозим?

Духтараш Садбарг, ки донишҷӯи курси якуми институти тиббӣ аст, минбаъд ҳамроҳи бародар зиндагӣ мекунад. Барои оилаи калони онҳо, ки боз чор нафар донишҷӯ доранд, доштани як «хонаи умед» ҳам як сабукиест.

Аз 11 нафар фарзанди ин оила, танҳо 3 нафарашон зиндагии мустақилона доранд. 9 нафари дигар ба 115 сӯм нафақаи пиронсолии падар нигоҳ мекунанд. Дар ҳоле ки як туфлӣ 60-70 сӯм ва як ҷуфт шиму костюм 110-150-сӯмӣ нарх доранд, таъмини 4 нафар студент, ки ҳар кадоме хуб хӯрдану хуб пӯшидан мехоҳанд, барои амаки Исмоилу холаи Шоҳин осон нест, албатта.

Нисфирӯзӣ холаи Шоҳин писараш Тоҳирҷонро, ки дар сменаи дуюм мехонад, ба мактаб гуселониду хост каме истироҳат кунад. Духтарчаи аз ҳама хурдиаш Саодат хабар расонд, ки ҳамсояашон тӯй дораду ӯро барои кулчапазӣ даъват кардааст…

Ин аст чанд соате аз рӯзгори зани серфарзанди тоҷик ва садяке аз ташвишу тараддудҳои ҳаррӯзаи зиндагии вай. Сухан дар бораи Шоҳин Одинаеваи баркамолу серфарзанд меравад. Агар мо зиндагии ӯро ҳангоми хурдсол будани ҳамаи фарзандонаш дар 35-40-солагиаш тасаввур кунем-чӣ? Оё он вақтҳо ӯ барои хӯрдани хӯрок ё хобидан вақт мееёфт? Албатта не? Бар зимми ҳамаи ин вай ҳамсари шахсест, ки нисфи зиёди рӯзаш пайи хизмати давлат мегузашт. Ғайр аз ин, ӯ ҳамчун колхозчӣ бояд ба давлат пилла, пашм, шир ва гӯшт ҳам месупурд.

Ана, аз ҳамин сабаб холаи Шоҳин барин занони серфарзанд ба кори доимӣ машғул шуда, собиқаи доимии корӣ дошта наметавонад. Ва дар ин асос ҳангоми пиронсолӣ нафақаи кам мегиранд. Ҳол он ки ҳамин вақт ҳам, онҳо кӯдакони ноболиғ ва фарзандони донишҷӯ доранд, пас зиндагии эшонро чӣ тавр таъмин кунанд?

Акнун биёед як ҳақиқати ҳолро бикушоем ва ба фактҳо

назар кунем. Агар чунин занони серфарзанд ҳамаашон кор кунанд, барои таъмини кӯдакҳои онҳо чӣ қадар маблағ лозим? Мувофиқи маълумоти додаи котиби Совети посёлкаи Москва Музаффар Муродов солҳои 1985-87 танҳо дар ҳудуди посёлка 1904 нафар духтарону зани аз синни 16 то 54 зиндагӣ мекунанд, ки дар ҳеҷ ҷой кор намекунанд. Аз ҳамин ҳисоб 374 нафарашон аз 6 то 10 кӯдак доранд. 738 нафари онҳо аз 16 то 54 солаанд. Тахминан, агар аз ҳамин ҳисоб 550 нафар занони танҳо ҳамин посёлка аз 6 кӯдак зиёд дошта бошанд, пас, ин модарон ба тарбияи 4400 кӯдак машғуланд. Дар район 2 боғчаи калонтарин барои 140 нафар кӯдак сохта шудааст, ки давлат барои сохтани як боғча 278 ҳазор сӯмро сарф мекунад (Танҳо сохтани боғча!). Барои 4400 кӯдакро ба боғча фаро гирифтан камаш 28-30 боғчаи дигар сохтан даркор, барои сохтани ин миқдор боғчаи бачагона 8 миллиону 340 ҳазор сӯм лозим.

Акнун тасаввур кунед, ки барои ҷиҳозонидан, бо коргар, мураббияву доя, духтуру ошпаз, мудиру методист, ронандаву мошин, фаррошу боғбон ва дигар шахсони зарурӣ таъмин кардану мунтазам маош додан ба онҳо чӣ қадар маблағ лозим мешавад? Агар ин мисолро нисбати як вилоят гирем чӣ?

Оё районҳои вилояти мо барои ба кор таъмин намудани ҳамаи занони хонашин ва ба боғча фаро гирифтани кӯдакони онҳо қодиранд? Албатта, не! Имрӯз зан-модари тоҷик, барои Ватан ҳимоятгару давомдиҳандаи насл тайёр мекунад, аммо ба таври бояду шояд қадр карда намешавад?

Магар 12 ё 16 сӯми ёрии давлат дар ҳолате, ки дар магазинҳои районҳо гӯшт, шир, тухм, ҳасиб, маска, панир барин ғизоҳои барои организми кӯдакон зарур нархи баланду сифати паст доранд, кифоя аст? Пас модаре, ки бо чунин заҳмати зиёд 8-12 тифлро ба воя мерасонад, коргар нест?

Дар боғчаҳои марказии ватанамон (шаҳрҳои Россия дар назар аст) дар як гурӯҳ 12-15 нафар тарбия меёбанд. Аз соати 8-и пагоҳӣ то соати 20 барои ин 15 нафар 1 мураббия, 1

доя, чанд ошпаз, духтур, фаррош, методисту боз даҳҳо одамони дигар банданду маош мегиранд. Як зани серфарзанди маҳаллӣ бошад, танҳо худаш ба ҳамин корҳо шабу рӯз машғул аст.

Барои ҳамин ҳам мо таклиф мекунем, ки чунин модарон коргар ҳисобида шаванд ва ба онҳо нафақат музд, балки барои «стаж»-и корӣ, дафтарчаи меҳнатӣ дода шавад. Боварӣ дорам, ки ин таклифи умум ҳамовозӣ мебинад.

Заҳмати модарон дар тарбияи фарзандон беандоза аст. Ин масъала диққати ҷиддиро талаб мекунад ва барои солиму бардам тарбия ёфтани насли оянда кӯмак хоҳад кард. Биёед, дар ин бора биандешем ва модаронро қадршиносӣ бикунем.

Ҳуриннисо АЛИЕВА
(«Роҳи ленинӣ», апрели 1988)

PS: Масъалаи гузоштаи журналист то имрӯз ҳалли хешро наёфта бошад ҳам, актуалист. Шояд имрӯз бознашри он ба ҳалли мушкилоти модарон воқеан мусоидат кунад...



АМИРОВ БӮРИХОН

Соли 1948 дар деҳаи Лағмани ноҳияи Кӯлоб ба дунё омада, баъди хатми шуъбаи журналистии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, соли 1974 ба шаҳри Кӯлоб омада, дар кумитаи радиои вилояти Кӯлоб ба ҳайси хабарнигор ба кор шурӯъ менамояд.

Дар радио ҳамроҳи шоирон Ҳақназар Ғоиб, Саидҷон Ҳакимзода, Муҳаммад Ғоиб, ва Сайид Раҳмон фаъолият доштанаш боиси пешравии корҳои эҷодии Бӯрихон Амиров гардид. Вай дар баробари дар радиои собиқ вилояти Кӯлоб кор кардан, инчунин бо радиои Тоҷикистон ҳамкорӣ дошта, хабару мақола ва гузоришу фелйетонҳояшон дар радиои ҷумҳурӣ солҳои сол шунавонида мешуд.

Ба ҷуз ин, Бӯрихон чун хабарнигори варзида пайваста бо мақолаю очеркҳои худ дар рӯзномаҳои «Тоҷикистони Советӣ», «Комсомоли Тоҷикистон» баромадҳо мекард ва ҳазорон хонанда навиштаҳои ҷолиби ин хабарнигори соҳибтаҷрибаро мутолеа мекарданд.

Маҳорати Бӯрихон Амиров чун хабарнигор дар жанри фелйетон баръало эҳсос мешуд ва қариб, ки ҳар рӯзи шанбе фелйетонҳои он кас дар барномаи «Суҳбати дӯстон»-и радиои Тоҷикистон садо медод. Яъне ин хабарнигори бомаҳорат бо навиштаҳои хеш дар бартараф намудани нуқсонҳои ҷомеа ва ислоҳ кардани камбудиҳои ҷойдошта ёрии бевосита мерасониданд.

Фаъолияти Бӯрихон Амиров дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» ба ҳайси хабарнигор, мудири шуъба ва ҷонишини котиби масъул боз ҳам инкишоф ёфт. Вай то соли 1991, то замони барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар ин рӯзномаи вилоятӣ

фаъолият карда, дар ин миён ба ҳайси ҷанговари башардӯст дар давлати Афғонистон як сол чун тарҷумон адои вазифа кард.

Аз дарди беамон ва бинобар саҳву хатои табибон, Бӯрихон Амиров дар айни ҷавонмардиаш соли 2004 аз олам даргузашт.

Дар хонаи ободи ӯ дар шаҳри Кӯлоб ҳоло даҳ писару духтараш зиндагии осудаҳолона доранд.

Ёди марди соҳибқалами мумтоз дар дили ҳамкорон абадӣ боқист.

Навиштаи
Сайид РАҲМОН

АМИРШОҲӢ МИРАҲМАД

Фаъолияти эҷодиашро баъди хатми донишгоҳ маҳз аз рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» соли 1977 оғоз карда, пас аз барҳам хӯрдани вилояти собиқи Кӯлоб, дар ҳафтаномаҳои шаҳрии «Роҳи ленинӣ», «Ҳақиқати Кӯлоб» кори рӯзноманигориро давом дод. Айни замон дар Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси роҳбари маркази матбуоти кумита дар сохтмони тақдирсози миллат - Нерӯгоҳи барқи обии Роғун фаъолият дорад.

То ин дам бештар аз дусад асари хурду калонашро ба хонандагон пешниҳод кардааст. Маҷмӯаҳои алоҳидааш бо номи «Дар подомани Золи Зар», «Мероси ҷавонмардӣ», «Тоҷикистон, ғарқаи хун дидамат», «Дар сакарот», «Карашмаи бахт», «Хунро бо хун намешӯянд», «Моҷарои ишқ», «Авроқи захмин», «Девона», «Ишқро анҷом нест», «Тоҷи кист он? Ё бидҳед зи мо наҷот моро», «Маро бубахш, модар» рӯйи чоп дидаанд. Тарҷумаи ду китоби аввали романаш, ки ба мавзӯи ҷанги бемаънии хонаводагии тоҷик бахшида шудааст, бо номи «Раненые страницы» дар шаҳри Маскав бо теъдоди калон чоп ва пешниҳоди хонандаи русзабон гардидааст. Айни замон рӯйи романи ҳуҷҷатии «Армоншикани ҳазорсола - Роғун» кор мекунад.

● *САФҲАИ СИЁҲИ МИЛЛАТ*

ҲАСРАТИ ЧАНОРИ ПИР

Ҳар вақте ба деҳа мераваму чашмам ба чанори бузурги бари болои деҳ меафтад, худро базӯр аз гиристан бозмедорам. Қариб ҳафтод сол боз ин чанори азим мотам дорад, гиряву нола мекунад, аз фарзандони шаҳиди атрофаш бахшиш мепурсад, аммо овозаш ба гӯши касе намерасад. Атрофиён

бошанд, ба ҷойи ба ӯ ҳамдардӣ кардан, аз вай ҳазар мекунанд, аз наздик шудан метарсанд. Ҳамаи он бадбахтиҳои ба сари беҳтарин фарзандони деҳа омадаро аз касофати он медонанд.

Калонтарин кампираки рӯзгордидаи деҳа момаи Назокат, ки имсол наваду чорро пур кард, ягона ғамшарики ин дарахти аламзада аст. То вақте ки чашми биною пойи раво дошт, ҳар рӯз се-чор маротиба ба назди вай мерафт. Тани сарду бо мурури замон аз пӯст ҷудошудаи онро ба оғӯш мегирифту мегирист, навҳа мекард ва баъзан мӯю рӯ меканд, то он лаҳзае, ки ягон кас омада, ӯро кашон-кашон аз пирдарахт ҷудо накунаду ба хонааш набарад. Барои ин рафтораш ӯро девона мегӯянд. Аммо ягон рафтору кирдори ӯ ба девона монандӣ надошт, ғайр аз навҳааш дар пеши ин чанори азим.

Як сабаби давраҳои охир аз бузургчанор ҳазар кардани мардум ҳам ҳамин кампири Назокат аст. Ӯ зиёда аз шаст сол боз бо ин дарахт «гуфтугӯ» карда, дар назди он ғаму дардашро сабук мекунад.

Аммо имрӯз дигар ба назди вай баромада наметавонад. Қувваташ намерасад, пояш намешавад, чашмаш намебинад. Намебинад, вале ҳар саҳари солеҳон аз абераи калонаш хоҳиш мекунад, ки ӯро ба ҳавои кушод барорад ва рӯ ба рӯи чанори пир, болои ғӯлачӯби даҳони дар шинонад. Абера ҳам ҳеҷ вақт хоҳиши ӯро рад намекунад. Болои ғӯлачӯби бо мурури замон суфташуда кӯрпачаи нарм мепартояду модаркалонашро болои он мешинонад.

Кампир то қувват дорад, тоқат мекунад ва «нигоҳаш»-ро аз рӯйи чанор намеканад. Лекин мисли пештара гиря намекунад, навҳа намекашад, мӯю рӯ намеканад. Мешинад, мешинаду монда, ки шуд, боз хоҳиш мекунад ба хона дарорандаш. Ҳарду ин сокини куҳнасолтарини деҳа ҳамтақдиранд. Ҳарду ҳам шоҳиди фоҷиаҳои зиёдеанд, мотами ҳарду ҳам якранг аст, аммо мардум имрӯз онҳоро фаҳмида наметавонанд. Якеро девона мегӯянду дигареро касрат.

- Оҳ, чӣ қадар дар зери ин дарахт хун рехтаанд, - мегӯянд сокинони калонсоли деҳа ва фарзандонашонро гаштаю баргашта таъкид мекунанд, ки ба он наздик нашаванд.

- Базмҷойи мардум буд атрофи ин дарахт, - мегӯяд кампири Назокат. - Баъд, хеле баъд он ҷоро ба мотамсаро табдил доданд.

Аммо имрӯз дигар ба ӯ бовар намекунанд.

- Ҳарза мегӯяд, - ҳукм мебароранд атрофиёнаш.

- Девона-да, - даст меафшонанд мардуми беғам.

Назокат ҳамагӣ чаҳордаҳ сол дошт, ки ба ин ҷо арӯс шуда омад. Чашм кушоду Сайнуриддин ва ҳамин чанори азимро дид. Дар канори ҳардуи онҳо бахти худро ёфт Назокат. Хушбахт буд ва ғайр аз пухтупазу шустушӯ, дигар ташвише надошт.

Даҳ сол бад-ин минвол паси сар шуд. Соҳиби чор фарзанди дӯстрӯ гаштанд. Се писару як духтар. Аммо ногаҳон ба бахташон чашм расид, чашми бад.

Соли сиву сеюм буд. Ҳатто рӯзаш ба хотири момаи Назокат мондааст, рӯзи одина. Мардони деҳа аз намози ҷамоа баромаданду акнун аз пайи кору рӯзгори худ шуданӣ буданд, ки бачаи Раҳимбатраки сутапо аз кучҷое пайдо шуду пеши роҳи мардумро гирифт.

- Ҳама хурду калони қишлоқ бояд дар таги чанор ҷамъ шавед, - фармуд ба мардони деҳ. - Раиси ҷамоат ҳамроҳи сардори гарнизони Хирманҷо ба мулоқот меояд.

Бисёриҳо намедонистанд, ки раиси ҷамоат кист ва ин чӣ хел вазифа аст. Аммо ҳама хуб мефаҳмиданд, ки намояндаи гарнизон афсари инқилоб аст, инқилоби кабири рус. То имрӯз касе аз фиристодагони онҳо ба деҳа наомада буд ва мардум онҳоро танҳо аз рӯйи нақлу ривоятҳои баъзе ҳамдеҳагонашон медонистанд. Ин «ҷаҳондида»-ҳо дар деҳаи онҳо се нафар буданд. Саттор - бачаи Раҳимбатраки сутапо, Салими Азиз ва кали Одина. Ва қисса кӯтоҳ, мардони деҳ дигар ба хонаҳояшон нарафта, назди чанори азим омаданду интизори намояндаи инқилоб шуданд.

Тамоми корҳои муҳими деҳ зери ҳамин чанори пир мегузаштанд. Калонсолҳои калонсолон нақл мекарданд, ки бобоҳои бобояшон низ корҳои муҳимашонро ҳамин ҷо ба сомон мерасондаанд. Ба як гуфтае, ин чанори бузург панҷсад сол умр дораду ба гуфтае, ҳафтсад сол. Ҳоло ин муҳим нест ва аниқ кардани соли чанор ба дарди касе ҳам намехӯрад. Муҳимаш он буд, ки вай вазифаашро иҷро карда меомад ва ҳамеша сарсабзу хуррам буд, чун бахти наварӯсон.

Наварӯсон, ин ҳарф беҳуда ба забон наомад. Ҳамаи тахти арӯсии фарзандони деҳро маҳз ҳамин ҷо мезаданд, тӯю сӯр ва рақсу бозӣ низ ҳамин ҷо мегузашт. Лек ҷамъомади онрӯза аз маъракаҳои пешин бакуллӣ фарқ дошт. Дуруст аст, ки як гуруҳ омадани намояндаи инқилобро хурсандона интизорӣ мекашиданд. Аммо қисми зиёди мардум дар таҳлука буданд. «Дар оянда моро чӣ интизор бошад?», - хонда мешуд аз чеҳраи ҷамъомадагон. Бисёриҳо тарсу ваҳмашонро пинҳон дошта наметавонистанд. Инро шахси боobрӯ, донишманду бофазилати деҳа Домулло Икром ҳис карда, ба пеш баромад.

- Сабур бошед, хешу табор ва фарзандони азизам, - лаб ба сухан кушод ӯ. - Ҳар чизе дар пешонӣ навишта шуда бошад, аз он ҷойи гурез нест. Лекин аз Худои азза ва ҷалла умед дорем, ки мушкиламонро осон гардонад ва иншооллоҳ…

- Омаданд, - гуфтани касе риштаи сухани домуллоро бурид. Якбора ҳама тарафи шарқии деҳа рӯ гардонданд, ки аз ҳамон ҷониб чор аспсавор сӯйи онҳо меомаданд. Се нафар бо либосҳои низомӣ ва як кас маҳаллипӯш буд. То омада расидани онҳо касе дигар даҳон накушод.

Лаҳзае гӯё сар то сари деҳа ях баст. Садое ба ҷуз шарфаи пойи аспҳои саворони омадаистода шунида намешуд. Хонаи нонпазии Назокат, ки тарафи чанори азим мӯрӣ дошт, ҳамаи инро ба нағзӣ медид.

Баъди саломуалейк яке аз афсарон ба кадом лафзе чизе пурсид.

- Рафиқ сардор аз шумо мепурсад, ки дар як лаҳза чӣ тавр

ин қадар одам гирд омад? - ба мардум фаҳмонд ҳамон марди маҳаллипӯш ва хам шуда, ба гӯши Саттор, ки назди ӯ ду даст пеши бар рост меистод, чизе гуфт. Саттор бо даст домуллоро ишора кард.

- Мо ҳама аз намози ҷамоа баромадем, - якбора чанд кас баробар ҷавоб доданд.

- То ҳол мардуми шумо намоз мехонанд? - пурсид ҳамсафари афсарҳо.

Ҳама баробар гиребон дошта тавба карданд.

- Набошад, ба ин мардум гап фаҳмондан мушкил аст, - гуфт ӯ бо ғуруру такаббур ва фармуд, ки ғайр аз домуллои деҳа дигарон хона ба хона раванд. Мардум бо сари хам пароканда шуданд.

Бегоҳ мардумро аз нав дар назди чанор ҷамъ оварданду Сатторро роҳбари деҳа таъин карданд.

- Ҳукумати Шӯро ҳамаи супоришҳояшро дар деҳаи шумо ба воситаи ҳамин одам иҷро мекунад, - гуфт ҳамон ҳамроҳи афсарҳо. - Аз ин рӯз эътиборан сухани ин одам барои шумо қонун, ҳеҷ кас ҳуқуқи аз гуфтаи ӯ берун по ниҳодан надорад.

Мардум аз нав гиребон доштанд.

- Ана ҳамин тавр, - таъкид кард ӯ ва ҳамроҳи афсарон ба роҳи омадаашон пас гаштанд.

Аввалин коре, ки Саттор ҳамчун сардор иҷро кард, барҳам додани намози ҷамоа буд. Аммо гуруҳе бо роҳбарии домулло гоҳ-гоҳ гирд омада, ҷамоа мекарданд. Ва ин ба иззати нафси Саттор расиду ӯро ба ҳукумат супорид. Як ароба бегоҳе бо ду-се низомӣ омаду домуллоро дасту по баста, гирифта ба ким-куҷое бурданд. Аз ӯ дигар на хате шуду на хабаре.

Мардум аз Саттор ҳазар мекардагӣ шуданд. Ӯ дар атрофи худ се-чор бефарҳангу пойлучи деҳаро гирд оварда, акнун дағдаға мекард. Баъзе мардони пешбин инро фоли бад ҳукм карда, ҳамроҳи аҳли байташон шабошаб ба он тарафи об гузаштанд. Хонаву дари обод, молу ҳолашонро ба хешу табор нимбайъ доданду ҷонашонро гирифта гурехта рафтанд.

- Биё, мо ҳам ба онҳо ҳамроҳ мешавем, - шабе пас аз хоби-

дани фарзандонашон маслиҳат пеш овард Сайнуриддин ба Назокат.

- Не, мардак, - баъди андешаи дуру дароз ҷавоб дод Назокат. - Марги бо ёрон тӯй аст, гуфтаанд.

- Дуруст гуфтӣ, - даррав розӣ шуд Сайнуриддин ва гуфтаи домуллоро ба хотир овард: - Ҳар чизе дар тақдирамон бошад, мебинем, аз он ҷойи гурез нест. Лекин китобҳоро дар ягон ҷо руст кардан даркор. Ин бефарҳангон агар гуноҳе наёбанд, ҳамин китобҳоро баҳона карда, ба сарамон ягон балоро меоранд…

Ва ҳамин тавр ҳам карданд. Китобҳоро ба сандуқи калони бобоӣ ҷо карданду ба каҳдон бурда, таги беда намуданд. Аммо ин тадбир онҳоро аз бало раҳонида натавонист. Шабе як даста низомиён ба хонаи онҳо даромаданду аз Сайнуриддин талаб карданд, ки китобҳоро бароварда диҳад.

- Ман китобе надорам, - бо боварӣ назди афсарон ҳозир шуд Сайнуриддин. – Ана, хона дар ихтиёратон, кобед.

- Тез рафта Сatторро гирифта ин ҷо биёр, - фармон дод калони онҳо ба як ҷандапӯши ҳамроҳашон.

Аз афташ Саттор дар пушти дарвоза меистодааст, ки баъди лаҳзае ҳозир шуд.

- Ин мардак китоб надорам мегӯяд-ку? - ҳамон марди ба ҷандапӯш супоришдода пурсид аз Саттор.

- Дурӯғ мегӯяд, - ба байни хона гузашта гуфт Саттор. - Авлод ба авлоди ин китобхону мулло буданд. Ҳамаашон китоб доштанд. Дар куҷое онҳоро пинҳон кардааст.

- Инсоф кун, Саттор, - ба зорӣ даромад Сайнуриддин. - Ту ҳам фарзанди мусулмонӣ. Ба нафрати мардум гирифтор мешавӣ.

- Ту маро беҳуда натарсон, - наздик омада чун мори афъӣ фашшосзанон гуфт Саттор. - Кӯҳна шуданд ин гапҳои ту. Давратон гузашт, акнун даври мо, тан деҳ ва китобҳоро барор.

- Нокас, - ногоҳ хунаш ба ҷунбиш омад Сайнуриддинро ва чанг зада аз гиребони Саттор дошту ба тарафи худ кашид. Якбора се афсар ба Сайнуриддин часпида, дастонашро ба

пушт тофта бастанд. Дар як лаҳза хонаю дарро чаппаю роста карданд, аммо аз китобҳо ному нишоне наёфтанд. Бо вуҷуди ин Сайнуриддинро дигар раҳо накарданд. Ҳамроҳи худ гирифта бурданд ӯро ва пас аз се рӯз бо ҳамон дастҳои баста боз пешандоз гирифта овардандаш.

- Китобро супору ҷонат халос, - нисбат ба шаби аввал хеле ором гуфт роҳбари даста.

- Ман ҳазор бор ба шумо фаҳмондам, ки ягон хел китоб надорам, - ҳамон гапашро такрор кард Сайнуриддин.

- Пас ту туҳмат кардӣ? - ба Саттор рӯ овард ӯ.

- Не, рафиқ сардор, - бо қатъият ҷавоб дод Саттор. - Ман ҳозир дар пеши чашматон исбот мекунам, ки ӯ китоб дорад, - ва аз ҷайбаш «Ҳафтяк»-еро баровcovarда, назди сардор гузошт. - Агар китоб надошта бошад, ба рӯйи ҳамин пой монад, ман бовар мекунам.

Ба рӯйи каломи мубораки ислом пой мондан барои фарзанди мусулмон?! Агар ин лаҳза ба ӯ мушкилтарин санҷишро пеш мегузоштанд, қабул мекард, аммо ба рӯйи каломи шариф ҳеҷ гоҳ пой намемонад.

- Эй рӯт сиёҳ, хонат бисӯзад Сатторе, - гуфт Сайнуриддину гирён шуд.

- Ана дидед, - шод шуд Саттор.

- Пас, маълум мешавад, ки китоб дорӣ? - боз пурсид роҳбари даста.

- Ягон хел китоб надорам.

- Набошад ба болои китоб баро!

- Ин пастӣ аз дасти ман намеояд.

- Зинда пӯст додан чӣ?

- Агар ҷазо додани одами бегуноҳ дар шумо расм бошад, аз дасти ман чӣ меояд?

- Мумкин ҳақ бошад ин мардак? - боз ба Саттор рӯ овард сардори даста.

- Не, ӯ дурӯғ мегӯяд, - як андоза ба таҳлука афтода гуфт Саттор ва барои халосии ҷони худ имтиҳони дигареро пешкаш кард: - Рӯ ба қибла гашта, дар ҳамин ҷӯйбори оби равон

шошад, ман бовар мекунам, ки ӯ китоб надорад ва гуноҳашро ба гардан мегирам.

Ба дасту пойи Сайнуриддин ларза афтод. Аз қаҳру ғазаб сиёҳу кабуд шуд ва тамоми рагу пайвандашро як карда, тарафи Саттор париду байни пойҳояш лағати обдоре фуровард. Саттор «оҳ»-гӯён байни пойҳояшро дошта, ба замин нишаст. Афсарон ба ӯ андармон шуданд. Сайнуриддин мавридро мувофиқ дониста, рӯ ба гурез овард. Бо ҳамон дастони баста худро сари ҳандақ гирифт ва ба ҷарии канори шарқии деҳа парида рафт. Ҳама гумон карданд, ки Сайнуриддин худкушӣ кард. Ва ҳозирон аз тарафи дигари деҳа ба ҷарӣ фуромаданд. Аммо он ҷо аз ӯ нишоне наёфта, ҳама ангушти ҳайрат газиданд.

Назокат ҳамроҳи чор фарзандаш намедонист, ки чи кор кунад. Як ҳафта аз ӯ дарак нашуд. Афсарон гумон карданд, ки ӯ ҳам мисли дигар ҳамсафаронаш ба он тарафи дарё гузаштааст ва ҳавлии ӯро тарк карданд. Вале шаби ҳаштуми ин ҳодиса, пас аз хуфтан ногаҳон пайдо шуд Сайнуриддин.

- Ман барои он омадам, ки китобҳоро ба кӯҳ бурда пинҳон кунам, - мақсади омаданашро изҳор кард Сайнуриддин ва субҳ надамида, китобҳоро кашида ба ким-куҷое бурд.

Вақте вазъият нисбатан ором шуд ва ҳама гумон карданд, ки ӯ ба Афғонистон фирор кардааст, гоҳ-гоҳе шабона барои дидани зану фарзандонаш меомад. Аммо ногаҳон ошкор шуд ва Саттору ҳамтабақонаш огоҳ гаштанд, ки Сайнуриддин дар кӯҳи рӯ ба рӯи деҳа пинҳон аст. Барои ба даст овардани ӯ тамоми чораҳоро диданд, лекин ӯро дошта натавонистанд. Ба ҷойҳое, ки Сайнуриддин баромада пинҳон мешуд, дигарон роҳ намеёфтанд.

Саттор аз қаҳру ғазаб чи кор карданашро намедонист. Чун мор ба худ мепечиду чораи дастгир кардани ҳарифашро меҷуст. Аз боло ба ӯ таъкид карда буданд, ки агар мулло Сайнуриддинро дастгир карда натавонад, худаш ҷазо мегирад. Барои ҳамин як рӯзи офтобӣ ҳарсе писари Сайнуриддинро дасту по басту назди суфаи таги чанор оварда гузошт ва кор-

ди говкушии ҳамеша дар барашбударо бароварда, рӯ ба рӯи кӯҳи пинҳоншудаи Сайнуриддин санг зада истода, ӯро ба таслимшавӣ даъват кард.

Саттор нағз медонист, ки Сайнуриддин аз ҷойи пинҳоншудааш онҳоро чун дар кафи даст мебинад ва ҳамаи суханонашро мешунавад.

- Агар нафуроӣ, тамоми наслатро нест мекунам, - гаштаю баргашта таҳдид мекард Саттор ва кордашро тез карда истода, гирди се ҷигарбанди Сайнуриддин давр мегашт.

Дар аввал чанд ҳангоматалабе гирди онҳо ҷамъ омаданд, аммо дар гиряву нолаи кӯдакон тоқат карда натавониста, пароканда гаштанд. Он ҷо Саттору се сарбози мусаллаҳ монданд. Дар ҳавлӣ бошад, Назокат кайҳо талхакаф шуда, дигар на овоз баланд карда метавонисту на аз ҷояш ҷумбида. Ҷон гӯё кайҳо аз дасту пояш баромада, ба дами гулӯяш расида буд. Чашмони ваҳшатзадаашро аз зери чанор канда наметавонист. «Худоё, дасти қотилро шикан» - мегузашт аз хаёлаш ва ҳамонро ҳам ба забон оварда наметавонист.

Саттор фарзанди калони онҳоро, ки нуҳ сол дошт, рӯ ба қибла гардонду сарашро чун сари ҳайвон ҷудо кард. Фақат ҳамин қадарро дида тавонист Назокат. Дигар чӣ ҳодиса рӯй доданашро дар хотир надорад. Баъди як ҳафта бо сару рӯйи кандаю хуншор ба худ омаду огоҳ шуд, ки Саттор ҳар се фарзандашро зери Чанори азим сар задааст ва боз аз ҳуш рафт, девона шуд, дар ёди фарзандони ҷигарбандаш ба кӯҳу пушта баромад. Баъди ҷустуҷӯи сешабонарӯзӣ Сайнуриддинро дучор омаду ба гиребони ӯ чанг зад.

- Чаро бачаҳоятро сар буриданду ту ҷони худатро аз ҷони онҳо болотар гузошта, ба назди қотил нафуромадӣ?

- Тақдир ҳамин будааст, шукрона кун, - ором карданӣ мешуд Сайнуриддин ҳамсарашро.

Аммо модарро дар чунин маврид магар ором карда мешавад? Ӯ боз сару рӯ, мӯю баданашро канда хуншор кард. Ниҳоят беҳуш шуду ба замин афтод. Вақте ба худ омад, ки боз рӯйи хонаи падар асту Сайнуриддин болои сараш.

- Пагоҳ ба зери чанор омада бин, ки ман қотили фарзандонатро чӣ кор мекунам, - вақте чашм кушод Назакат, гуфт ба ӯ шавҳараш ва дигар интизор нашуда, баромада рафт. Каме ором шуд Назокат, ким-чӣ хел таскин ёфт ва то пагоҳаш тоқат карда, аз хонаи падар берун набаромад.

Баробари чашм кушодани рӯз тарафи чанори азим равон шуд. Ҳанӯз аз дур дид, ки тане дар шохи чанор албонҷ мехӯрад.

- Оҳ, Сайнуриддин, - беихтиёр гуфт Назокат ва саркану покан тохт ба он ҷо.

Сайнуриддин рӯ ба қибла аз паси чанор беҳолу мадор менишасту тани беҷони Саттор дар шохи он албонҷ мерафт.

Ҳамон рӯз афсарон Сайнуриддинро омада бурданд ва дидори ӯ дигар ба Назокат муяссар нагашт. Назокат ҳамроҳи духтарчааш ба хонаи падар кӯчид. Баъди якчанд сол ӯро ҳамроҳи падару бародараш чун зани мулло ба Сибир бадарға карданд. Падару бародараш ҳамон ҷо аз дунё гузаштанд. Духтараш ба шавҳар баромад. Кӯдакдор шуд.

Соле, ки «падари миллатҳо» аз дунё гузашту авфи умумӣ эълон шуд, як набераашро гирифта, ба диёри азизаш баргашт. Акнун зиёда аз 50 сол боз дар хонаи Сайнуриддин истиқомат менамояду ба ҳама афсонаи Чанори пирро нақл мекунад.

…Аммо…

…Шоххҳои шикастаи Чанори куҳан, навдаю пӯстлоххҳои овезони он гӯё аз носипосии зиндагӣ ҳасрат мекунад, аз беқадрии инсон дар ин диёри куҳан шикоят дорад. Аммо мардум ба ҷойи навозишу нигоҳубин аз вай ҳазар мекунад:

«Аз он бӯи хун меояд» - мегӯянд.

Аз ин сафар то он сафар, ба назарам, Чанори азим чун момаи Назокат пиртару пасттар мешавад. Дигар майл ба осмон не, балки ба замин дорад. Гӯё аз шаҳидони атрофаш омурзиш металабад, хуни онҳоро ба гардан мегирад. Аммо атрофиён нолаи ҳасрати ӯро намешунаванд…

Мираҳмад АМИРШОҲӢ,
марти соли 1989, шаҳри Кӯлоб

АСОМИДДИНОВ ТОҲИР

Баҳори соли 1954 дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ зода шудааст. Хатмкардаи бахши журналистикаи факултаи филология Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) аст. Дар баробари таҳсили хуб бо рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ҳамкорӣ дошт. Фаъолияти меҳнатиашро дар соҳаи журналистика дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» оғоз кард. Баъд аз таъсиси рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» (соли 1979) барои кор ба ин рӯзнома даъват шуд. Сипас, мухбири рӯзномаи ҷумҳуриявии «Садои мардум» дар вилояти Хатлон таъин шуд. Соли 2000-ум ба ҳайси роҳбари дафтари матбуотии раёсати минтақавии гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ба кор пардохт. Баъдан сардори шуъбаи кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии ҳамин раёсат таъин гардид.

Тоҳирҷон оиладор буд, 5 фарзанд дошт. Узви ИЖТ буд. 16 майи соли 2009 реҳлат кард.

● *МЕҲРНОМА*

РАФТИЮ НОМУ НИШОНАТ БОҚИСТ

(Дар сӯгвории дӯсти меҳрубону маърифатпарвар ва ҳамкасбам Тоҳирҷон Асомиддинов)

Зиндагӣ саропо дарду доғ будааст. Чун пире аз олам мегузарад, наздикону дӯстон муддате афсӯс мехӯранду ҳасрат мебаранд. Фарзандон сари гӯри эшон бо сари хам ашки ҳасрат аз дида мерезанд. Ҳамин аст оқибати зиндагӣ. Фавти пирони солхӯрда мерос буда. Аммо чун риштаи умри ҷавонмардеро теғи аҷал гусаста месозад, марги ӯ тири алмосест, қалбҳои

пурумедро хунчакону ҷигарҳоро пора мегардонад...

16 майи соли 2009 марги бераҳму бармаҳал дӯсти мо рӯзноманигори варзида, узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон Тоҳирҷон Асомиддиновро дар айёми шукуфоии зиндагиаш аз байни мо рабуд. Ӯ акнун синни 55-солагиро пур карда буд.

...Тоҳирҷон зодаи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ буд. Аз наврасӣ машқи қалам мекард ва навиштаҳои шогирдонааш дар рӯзномаи ноҳиявии «Ба пеш» дарҷ мегардид. Ҳамин шавқу ҳавас ва дилбастагӣ ба касби рӯзноманигорӣ буд, ки ӯ баъди хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳояшро ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (собиқ УДТ ба номи В.И.Ленин) ба бахши филология-рӯзноманигорӣ супурд. Дар баробари таҳсили хуб бо рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ҳамкорӣ дошт. Қаламкаши ҷавон сермаҳсулу навҷӯ, ҳақнависy ҳақбин буд. Ӯ донишгоҳро хатм намуда, фаъолияти меҳнатиашро дар соҳаи журналистика дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» оғоз кард. Баъд аз таъсиси рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» (соли 1979) ӯро барои кор ба ин рӯзнома даъват намуданд. Мо солҳои тӯлонӣ дар ин рӯзнома бо ҳам кор кардем. Сипас, мухбири рӯзномаи ҷумҳуриявии «Садои мардум» дар вилояти Хатлон буд. Соли 2000-ум Тоҳирҷон ба кори дигар гузашт. Дар Раёсати минтақавии гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон вазифаи роҳбари дафтари матбуотиро ба уҳда дошт. Қобилияти кордонӣ, масъулиятшиносӣ, ҳалолкорӣ ва уҳдабароияшро ба назар гирифта, соле пеш Тоҳирҷонро ба вазифаи сардори шуъбаи кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии Раёсат таъин намуданд ва дар ин вазифа то охири умр кор кард.

Тоҳирҷон Асомиддинов рӯзгори ибратбахше дошт. Муддати 30 соли зиндагии якҷояи ширинаш бо завҷаи меҳрубонаш Сокинамо соҳиби 5 фарзанди дӯстрӯяк – 3 духтар ва 2 писар гаштанд. Маърифатпарвар буду баҳри соҳибмаълумот гардонидани ҷигарбандонаш пайваста мекӯшид. Духтаронаш Кимиё, Меҳрангез ва писараш Мирзоро соҳибмаълумот гар-

донд. Писари дуюмӣ Беҳрӯзҷону фарзанди кенҷагӣ Фарзона бошанд, аз пайи таҳсили илманд.

Марги ногаҳонии падар барояшон гарон аст. Ӯ бармаҳал реҳлат намуд. Маризии қалб Тоҳирҷонро ҳамагӣ чор рӯз бистарӣ кард. Оҳ, дод аз дастат аҷали бераҳм! Охир чаро хубонро мерабоӣ, чаро онҳоро аз боғи зиндагӣ гулчин мекунӣ? Чаро Тоҳирҷони меҳрубону чеҳрахандони моро айни авҷи камолот, айни орзую ҳавасҳо рабудӣ? Чанд соли дигар таъхир накардӣ, то ӯ ҳавсҳои ҷигарбандонашро дида, ормон мешикаст. Чаро ин қадар бераҳмию дар кори худ доимо шитоб мекунӣ? Хомӯшӣ, чӣ ҳам мегуфтӣ, охир туро кор ҳамин аст. Акнун фарзандон падарро дигар намебинанду суханҳои ширинашро намешунаванд. Дигар падар ҳам онҳоро меҳрубонӣ намекунад. Ӯ ҳамарӯза баъди анҷоми кор сӯйи хона назди фарзандону наберагонаш мешитофт, сари дастурхон онҳоро сарҷамъ намуда, хушгӯиҳо мекард. Онҳо дигар ин ҳамаро намебинанд, бо падари сухандону шеърдӯсташон байтбараку рақсу бозӣ намекунанд. Оҳ, чӣ душвору ҷигарсӯз аст, ёди он рӯзҳо, лаҳзаҳои нотакрор!

...Имрӯз хома рӯйи коғаз мебараму дар бораи Тоҳирҷон Асомиддинов (ёдаш ба хайр!) хотироте ифшо карданӣ мешавам, симои нуронию чеҳраи кушода, чашмони меҳрубон ва лаҳни ширинаш пеши рӯ меоянд. Боварам намеояд, ки ӯ акнун бо мо нест. Ҷигарбандону дӯстонро тарк гуфта, мавзеи хомӯшонро манзили абадии хеш қарор дода.

Ба расми ӯ менигарам. Чашмони зебою лабони майли табассумаш бо ман гуфтугӯ доштанд. Гумон меояд, ки ӯ зинда аст, рӯ ба рӯям нишаста, чун ҳамешагӣ чизе гуфтанист. Хастаҳол менамояд, чашмонаш низ маҳзунанд. Нигоҳҳояш гӯё мегуфтанд:

Мегузорам кори ноанҷоми худ,
Боз бар дӯши шумоён, дӯстон...

Ин лаҳзаҳо садои қалбаш дар гӯшҳоям садо медиҳанд. Сӯяш оғӯши гарм мекушоям. Вале, сад афсӯс, ки оғӯшам холӣ мемонад, ӯ хомӯшу беҳаракат аст. Дил ба дард меояд,

фарёд мезанам аз дӯсти рафтаам, аз дӯсти ғӯрамарги худ. Охир, ӯ зиндагиро дӯст медошт, орзую ҳавасҳои зиёде дар дил мепарвариду онҳоро надида рафт. Боз мисраъҳои шеърии Шоҳини бузургвор ёдам меояд, ки гуфта буд:

Зи ҳар кас, ки номе дар айём монд,
Чӣ ғам, гар бимирад, к-аз ӯ ном монд.

Тоҳирҷони азизу аз мо дур рафта! Алами мо дар ин рӯз интиҳо надорад. Сӯзиши доғи ту то зиндаем, паст нахоҳад шуд. Осуда бихоб, руҳат шоду охиратат обод бод!

Саттор ҚАРАХОНОВ
(«Хатлон», №29, аз 22 майи соли 2009.)

АТОЕВ АБДУЛФАЙЗ

Мутаваллиди 2 январи соли 1953. Фаъолияти меҳнатии худро аз соли 1974 баъди хатми бахши рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин дар рӯзномаи «Субҳи меҳнат»-и ноҳияи Ленинград (ҳозира Муъминобод) ба ҳайси мухбир (ташкилотчии радиои маҳаллии ноҳия) шурӯъ намудааст. Баъдан 5 сол (1976-1981) мухбири калон, мудири шуъбаи рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб буд. Солҳои 1981-1982 ба ҳайси котиби масъули рӯзномаи ноҳиявии «Барои коммунизм»-и ноҳияи Совет (Темурмалики ҳозира) кор кардааст. Пас аз ду соли хизмат дар артиши Шӯравӣ, солҳои 1984-1985 мудири шуъбаи рӯзномаи вилоятии «Хатлон»-и вилояти Кӯлоб буд. 5 соли минбаъда муҳарририи рӯзномаи ноҳиявии «Зафар»-и ноҳияи Москва (Ҳамадонӣ)-ро ба уҳда дошт. Пас аз он, то соли 1992 мудири шуъбаи рӯзномаи вилоятии «Хатлон»-и вилояти Кӯлоб буд. Аз соли 1993 ба хизмати дипломатӣ дар сохторҳои вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон пардохт. Дар солҳои 1995-2000-ум ҳамзамон вакили Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Солҳои 1998-2004 котиби якуми Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, баъдан мушовири Раёсати кишварҳои Осиё ва Африқои Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, Консули Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Мазори Шарифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (2006-2009), Консули генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Қундузи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (2009-2013) буд. 10 апрели соли 2013 ба вазифаи сардори раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон таъин шуд.

Аз соли 1981 узви Иттифоқи рӯзноманигорони ИҶШС, дорандаи Ифтихорномаи ИҶШС (1983), ордени «Ситораи сурх» (1984). Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ узви Комиссияи оташбас дар раванди сулҳи тоҷикон буд.

ХАНДА, КИ АЗ ДИЛ БИКУШОЯД ГИРЕҲ

- Хандаи беғаш умри одама дароз мекунад, - мегӯяд Абдулфайз Атоӣ. - Барои ҳамин, ман ба ҳамаи ҳамзамононам хандаи беғаш ҳадя меорам…

Ёддоштҳои нависанда Мираҳмади Амиршоҳӣ аз зарофатгӯиҳои Абдулфайз Атоев.

«Ҷонкании Собир, талоши доктор Гиёев ва амалиёти нонхӯрак»

Ҳар вақте акаи Абдулфайзро ёд кунам, ҳамин сарлавҳаи гузоштааш дар саҳифаи нашрияи вилоятии «Роҳи лелинӣ» ба хотирам мерасад. Домани сӣ сол гузашт аз он вақт, аммо гумон мекунам, дирӯз буд, ки мо атрофи ӯ гирд меомадему ӯ шӯхӣ мекард, атрофиёнро машғул медошт ва намегузошт, ки як лаҳзаамон дар ғаму кулфат гузарад. Берӯву риё, бебокона ва бекина ҳазл мекард, ки барои ҳама хуш буд. Бо бузургони замон, чун шоири саршиноси вақт устод Сафармуҳаммад Айюбӣ ба таври ҳамешагӣ «дастобагирон» буд. Ҳар лаҳзаи суҳбати ҳарду хотирмону нигоштанӣ сурат мегирифт…

Дар арафаи пош хӯрдани Шӯравии бузург парешоние мушоҳида мешуд. Русзабонҳо бегумон рахти сафар мебастанд ва ҳатман чизе аз онҳо дар ҳамсоягӣ ё корхона боқӣ мемонд. Аз чунин як собиқ ҳамкорамон гурбаи пахмоқмӯи зебое дар редаксия сайр мекард ва ба ҳар дафтаре медаромад, меҳрубоние медид. Боре Абдулфайз Атоӣ ба котибот медароояд, ки гурба сари зонуи Айюбӣ бароҳат дароз кашидааcту шоир сарашро сила дорад.

-Дидӣ, - ишора ба гурба мегӯяд Аюбӣ ба Абдулфайз Атоӣ. - Ҳатто ҳамин гурба ҳам ба шоир унс гирифт, вале ту бошӣ…

- Ман ҳам аз ин муносибат дар ҳайрат афтодаам, - бурид сухани Аюбиро Абдулфайз Атоӣ. - Дар бораи хушунати сагу

гурба бисёр хондаву шунида будам, аммо дӯстии ин ду танро бори аввал мебинам.

- Э биё, мон, - шоир гурбаро бо қаҳр аз тирезаи кушодаи котибот ба ҳавлӣ мепартояд…

Қитъа:

Ҳазле, ки Аюбию Абдулфайз кунанд,
Ҳар кас шунавад, лаззати бисёр барад.
Гуфтаст Аюбӣ: – эй Абдулфайз, бубин
Ин гурбае, ки гаштаст ба банда қарин.
Гуфтаст Абдулфайз: - аҷиб кор аст,
Ин гурбаву саг ба ҳам дар ин ҷо ёр аст…

(Мазлуми Майдонӣ)

Албатта хонандаи хушзавқ дар ҳайрат афтод аз сарлавҳагузории ман ва ба дигар паҳлӯ бор гирифтани суҳбат, ки ба сарлавҳаи гузоштаамон ҳеҷ нисбате пайдо накарда истодааст. Ман маҳз аз ҳамон лаҳзае, ки боиси чунин номгузорӣ шуда буд, оғоз карданӣ будам, аммо…

Шахсияти худи Абдулфайз Атоӣ чунин аст, ки пайдо шуданаш дар коллектив ё ҳатто дар маъракае гӯё атрофиёнашро пахш мекунад, вуҷуд доштани дигаронро кас дар ҳузури ӯ қариб фаромӯш месозад. Ин муҳобот нест. Касе ӯро аз наздик мешиносад, хуб медонад, ки Абдулфайз Атоӣ бо вуҷуди қаламкаш будану солҳои зиёд дар матбуот фаъолият доштанаш чун суҳбаторо машҳур аст ва дар аксари мавридҳо ӯро чун ширинкор муаррифӣ мекунанд. Ҳол он ки ӯ соате дар саҳна фаъолият надошт. Ӯ табиатан ҳунарманд аст ва дар ҳама маврид бисёр осон лаҷоми суҳбатро ба даст оварда, тамоми намуди маъракаро ба базми шодиву нишот табдил дода метавонад.

Ин қобилияти ӯро кулли атрофиёнаш қоиланд. Ҳатто вақти бори авввал чун дар қатори сарбозони ба ибораи ҳамон замон интернатсионалист, ки ба Афғонистон фиристода мешуд, боиси хурсандии атрофиён гашта буд. Ҳол он ки гусели сарбозони диёр ба Афғонистон дар солҳои ҳаштодуми асри

гузашта ба мотами сахт табдил меёфт, чунки дидори аксари онҳо дигар ба пайвандонашон насиб намегашт - ё мурдаи хунукашонро меоварданд ё бе ному нишон гум мешуданд. Лекин вақте ӯро ба ҳайати артиши Шӯравӣ ба Афғонистон гусел мекардем, собиқ ҳамкорамон, ҷояш ҷаннат шавад, ӯ ҳам солҳои бисёр аст, ки моро тарк гуфта - Валӣ Умар, ба гуселкунандагони сардарандеша муроҷиат кард.

- Аз сафари Абдулфайз ба Афғонистон дар андеша набошед, - бо ханда иброз доштанд марҳум Валӣ Умар. - Агар тасодуф ягон тири дайву аз пушт ин касро нарасад, рӯ ба рӯ ҳатто афғон ҳам Абдулфайзро намепарронад.

- Барои чӣ? - пурсид касе.

- Ин Абдулфайз забони ҷумла мурғонро меёбад ва бешубҳа, аз ҳамон афғонро ҳам…

Гуфтагӣ барин, домони даҳ сол мешавад, ки Абдулфайз Атоӣ дипломатияи тоҷикро дар Афғонистони кулфатзада роҳандозӣ дорад ва айни замон чун консули генералии Тоҷикистон дар Қундуз фаъолият менамояд. Шахсан ман чанд лаҳзаи кори ӯро дар Мазори Шарифу Самангон, Бағлону Пули Хумрӣ ва Тахору Қундуз шоҳид гашта, ба ҳунари дипломатии ӯ қоил шудаам.

Боре атрофи селоварди дарёи Омӯ байни сокинони сарҳадии Тоҷикистону Афғонистон баҳс ба амал омаду ӯ чун намояндаи диёр супориш гирифт, ки сабабҳои баҳс ва роҳҳои ҳалли масъаларо аниқ кунад. Барои иҷрои супориш ӯ аз шаҳри Мазори Шариф, маркази вилояти Балх, ба вулусволии Бибихоними вилояти Тахор роҳ пеш гирифт. Аммо волии вилоят ба сафари ӯ монеъ гашт.

- Ман барои ба он ҷо рафтани намояндаи як мамлакати дигар розӣ намешавам, - гуфт волӣ.

- Барои чӣ? - пурсид Атоӣ.

- Чунки он мавзеъ сар то сар минакорист ва то ҳол фурсати тозакорӣ дар он ҷо даст надодааст.

Ва волӣ шарҳ дод, ки то тоза шудани мавзеъ аз минаҳои замони ҷанги шимол бо толибон он ҷо сафар кардан ниҳоят

хавфнок аст.

- Дидаву дониста одам худро ба марг сар ба сар намекунад, - таъкид намуд волӣ.

- Вале ман супориши давлатамро иҷро накарда наметавонам, - истодагарӣ кард консул дар азмаш. - Ман ягон нафари шуморо маҷбур намекунам, лекин худам ба лаби сарҳад мераваму ҳодисаро дар ҷояш дида, баъд андешаамро ба Ҳукумати Тоҷикистон иброз медорам.

Вақте волӣ дид, ки консулро аз роҳаш боз гардонда наметавонад, супориш дод чанд зиреҳпӯш пеш дароянду онҳоро то лаби дарё ҳамроҳӣ кунанд. Вақти пешин ба лаби соҳил мерасанд, ки аз он ҷо қисмати тоҷикистонии соҳил аз ҷониби Чубеки ноҳияи Ҳамадонӣ чун кафи даст маълум шуда меистод. Он лаҳза мардум омадани чунин ҳайатро дида, атрофашон ҷамъ гашта, таваҷҷуҳ мекунанд, ки онҳо киянду барои чӣ лаби дарё ҷамъ омада.

- Ман ҳам мисли шумо зодаи ҳамин маҳалам, - мегӯяд консул ба мардуми гирдомада ва ба соҳили тоҷикистонии дарё ишора карда меафзояд: - Ана, ҳамон қишлоқаки лаби сарҳад зодгоҳи ман аст.

- Чӣ хел? - ба сар то пойи консул ва техникаи дар ихтиёрбудаи ӯ нигоҳ карда, бо ҳайрат мепурсад марди ҳезумкаше, ки дарзаи ҳезумашро нав аз пушташ фуроварда, ба нақли консул бо таваҷҷуҳ гӯш медод. – Пас, дар Афғонистон чӣ тавр пайдо шудӣ?

- Шояд шунида бошед, ки солҳои аввали Шӯравӣ аксари мардуми Тоҷикистон ҳам аз об ин тараф мегузаштанд, - гуфт консул.

- Бале, падарони мо ҳам ҳамон солҳо аз пундарё гузаштаанд, - гуфт ҳезумкаш.

- Падари ман, ки донишманди ислом будааст, чун дигар ҳампешагонаш азми ба Афғонистон гузаштан карда, аҳли байташро мегираду ба ҳамин ҷо меояд, ки шаб мешавад, - нақл мекунад Абдулфайз. - барои шабгузаронӣ масҷиди деҳаро интихоб карда, бору бунашонро мефуроранду бо на-

мозгузорони атроф дар масҷид якҷоя хуфтанро мехонанд ва мардум аз мулло будани падарам огоҳ шуда, ӯро эмом интихоб мекунанд ва хоҳиш менамоянд, ки то баромадани моҳи шарифи рамазон намози ҷамоаташро сару бар шавад.

Ҳамин тавр ҳам мекунанд ва дар ин миён сарҳад маҳкам мешаваду дигар ба Афғонистон кӯчида наметавонанд ва ҳамон сол ман дар ҳамин ҷо таваллуд мешавам.

- Марди хушбахт будаӣ, - мегӯяд марди ҳезумкаш.

- Барои чӣ? - мепурсад Абдулфайз.

- Агар ҳамон вақт ба ин ҷо мегузаштӣ, айни замон мисли ман ҳезумбапушт будӣ…

Гуфтагӣ барин, дар бораи сарлавҳа: Сӣ сол пеш мо як гуруҳ ҷавонони нав мактаби олиро хатмкарда барои кор ба нашрияи вилоятӣ ба кор омадем, ки дар миёнамон суратгири ҷавоне бо номи А. Собир буд. Бале, маҳз А. Собир! Ӯ то ба редаксия омаданаш дар суратгирхонае дар шаҳри Кӯлоб фаъолият дошт ва бо ҳамин шакл дар суратҳои тайёркардааш имзо мегузошт. Дар газит ҳам чунин имзо мегузоштагӣ шуд ва то ҳол ба мартабаи ҳоҷигӣ расида, то ба яке аз наворбардорони ҳунарманди Шабакаи якуми ТВТ сабзида расида бошад ҳам, дар байни рафиқон чунин ном бурда мешавад. Қисса кӯтоҳ, як рӯзи зимистони қаҳратун дар идораи нашрия овоза паҳн гашт, ки А. Собир ба беморие гирифтор гашта, шабона ӯро ба касалхонаи вилоятӣ бурдаанд. Чанд нафар дар мошини акаи Абдулфайз (ӯ яке аз он эҷодкорони хушбахте буд, ки мошини шахсӣ дошт) нишаста, ба аёдати бемор рафтем. Дар даромадгоҳи бемористони вилоятӣ пайвандони А. Собир бо сари хам интизори ҷавоби духтур болои яхи мисли шиша почак мезаданд.

- Чӣ гап шуд? - пурсид акаи Абдулфайз аз ҳамсари А. Собир, ки аз ҳама бештар дар изтироб буд.

- Ними шаб аз доду вояш бедор шуда, ҳаққу ҳамсоя ва хешу таборро ҷамъ кардему гирифта ба ин ҷо овардем, - нақл кард ҳамсараш бо овози гирифта. - Мегӯянд, ки ҷарроҳӣ мекунанд.

- Кучояшро?
- Сарашро.
- Чӣ шудааст ба сараш?
- Намедонам…

Баъди лаҳзае табибе баромад.

- Дар гӯшаш нонхӯрак даромада будааст, - хабар дод ӯ.

Дар чеҳраи ҳама табассум пайдо шуд.

Бегоҳ атрофи ин ҳодисаи то андозае хандаовар баҳс сар шуд дар идораи нашрия. Акаи Абдулфайз хабаре навишта буд бо ҳамин сарлавҳаи боло ва пояшро дар як мӯза тиқонда даъво дошт, ки агар номи хабарро дигар кунанд, онро аз саҳифа мегирад.

Ва бо ҳамин ном чоп шуд хабару пагоҳаш соати нӯҳ аллакай дар ягон дӯкони шаҳр нусхае намонд аз газета. Аввалин таҷрибаи аз қолаб берун номгузорӣ буд ин амал ва натиҷаи мусбат ба бор овард, вале ташвиши зиёде ҳам. Азм кардем, ки имрӯз танҳо аз некиҳо ёдовар мешавем, ташвишҳоро ягон вақти дигар қисса мекунем.

Акнун чанд лаҳза аз суҳбати хосаи Абдулфайз Атоӣ

Абдулфайзро ҷӯрааш Султон Қувватов ба идораи андози шаҳри Душанбе даъват мекунад ва дар маҷлиси нахустини раёсат ӯ мушоҳида мекунад, ки ғайр аз худи вазир, дигар ҳамаи аъзои раёсат маҷруҳанд. Яке гӯш надораду дигаре даст ва саввумӣ по… Аҷибаш меояд аз ин ҳайат ва хатчае иншо карда, ба раёсат мефиристад.

Вазир хатчаро гирифта мехонаду худ ба худ як табассум карда, рафти ҷаласаро дигар мекунад.

- Бародарон, - муроҷиат мекунад ба аҳли толор. - Аз номи роҳбари нави идораи андози пойтахт мушоҳидаи аҷибе сурат гирифтааст ва аз ман роҳи ҳал мумкин талаб дорад. Азбаски ман ҳам бори аввал ба ин ҷиҳати масъала диққат додам, рост мегӯяд, аммо роҳи ҳал ё ислоҳашро дарк накарда истодаам. Барои ҳамин онро ба шумо пешниҳод карда, дарёфти роҳи ҳаллашро хоҳиш мекунам.

- Диққат кунед, нигоштаро айнан мехонам, - садри ҷамъомад вараќи чорқатъро кушода, ба хондан пардохт: - Ман гумон доштам, ба раёсати андози мамлакат даъват шудаам. Вале ин раёсати маъюбон будааст. Ё ин ҷо ягон сирре ниҳон аст, ки ман аз даркаш оҷизам?

Як лаҳза гӯё нишастагонро сеҳр карданд. Ҳатто нафасгирии иштирокдоронро ҳисоб кардан мумкин буд. Аввал садри маҷлис, баъд аъзои раёсат тоб хӯрда ба ҳамдигар нигаристанд ва ногаҳон хандаи осмонкафе толорро ба ларза овард. Ба якдигар каф дода механдиданду почак мезаданд.

- Ин лаҳзаи нишотро ба мотами навбатӣ баргардондан мумкин нест, - аз байни хандаи осмонкаф овози Султон Қувват баланд гашту гӯё ба оташи ҷӯшу хурӯши хандаи осмонкаф оби хунук рехтанд, ки якбора ҳама хомӯш гаштанду бо як таваҷҷуҳи хосае, ки бинанда гумон мекард. Ленин зинда шуда, аз мавзолей хеста бошад, ба ҳамдигар бо ду чашми аз косахона дар лаҳзаи берун ҷастан менигаристанду китф ба ҳам меоварданд. Касе чунин ранг гирифтани масъалаву корро чашмдор набуд. Бори аввал аст, ки ҷиддияти вазир ба ҳазл поён меёфт. Ҳол он ки мувофиқи шунидашон, бояд он рӯз аксари роҳбарони андози навоҳии гирду атрофро аз вазифа озод мекарданду одамони навро ба ҷойи онҳо таъин. Вале ногаҳон зиёфат…

- Аз Абдулфайз миннатдор шавед, ки ҷонатонро аз чанги Азроил раҳо кард, - мегӯяд вазир.

XXX

Ба ҳар ҳол, ин дар таҷрибаи Абдулфайз Атоӣ нахустин истинтоқи ба зиёфат табдилёфта набуд. Ҳанӯз вақти дар парлумон фаъолият доштанаш аз мавзеи интихобии ӯ ноҳияи Рӯдакӣ шарру шӯр сар мезанаду ӯ вазифаи худ медонад, ки бо роҳбари исёнгарон Раҳмон Гитлер вохӯрад. Раҳмон Гитлер, ки руҳияи исёнгарона дошт, ба намояндаи халқ ва ҳамроҳонаш эътибор надода, ба кори худ давом карданӣ мешавад, ки пеши роҳашро Абдулфайз Атоӣ мегирад.

- Андешаи гаравгонгириро аз сарат бадар кун, - мегӯяд Абдулфайз Атоӣ.

- Барои чӣ? - бо тамасхур мепурсад Раҳмон Гитлер.

- Ин амал боиси бадномии худи шумо мешавад, - мефаҳмонад Абдулфайз ба қумандон. - Чунки дар парлумон ман намояндаи шумоям. Барои ҳамин ҳукумат кучукашро ба намояндаи худатон иваз намекунад…

Ва қумандон супориш медиҳад, ки баҳсу мунозира ба маъракаи зиёфат табдил ёбад.

Пагоҳаш вақте андешаи ӯро дар парлумон фаҳмиданӣ мешаванд, ӯ бо як байти Восифӣ ҷавоб мегӯяд хулосаашро:

Лашкари бадаҳд пароканда беҳ,
Рахнагари мулк сарафганда беҳ.

XXX

Раҳматии Бобоҷон Абдулвоҳидов дар хонаи Абдулфайз меҳмон мешаваду дандонҳои сунъияшро аз ҷайб бароварда, ба даҳон мекунад.

- Ба хайр? - ишора ба даҳони Бобоҷон мепурсад акаи Абдулфайз.

- Бисёр чизи хуб будааст-да, - Бобоҷон дарк мекунад, ки Абдулфайз ӯро ба ҳазл кашиданист. Барои ҳамин ӯро пешгирӣ кардан мехоҳад. - Ба ту ҳам тавсия мекунам ба духтур муроҷиат кун ва аз ин ихтироъ манфиат бардор.

- Чӣ манфиат доштаст?

- Меъда дигар дард намекунад.

- Аҷиб ку! - табассум мекунад Абдулфайз. - Сабаб чӣ будааст?

- Агар сангро ҳам хойӣ, майда мекунад.

- Инро фақат дар вақти меҳмонӣ истифода мебаранд?

- Ба хоҳишу ҳавсалаи худат вобаста.

- Намешавад, ки ҳамин таҷрибаро сари дастархони худат озмоиш кунӣ?

- Барои чӣ?

- Баъди ҳар меҳмонии ту мо як ҳафта бо занак қаҳрӣ мешавем.

- Сабаб?

- Якмоҳа захираи хонадон ба яғмо мераваду мо як моҳи дароз қарз канда мегардем…

- Э биё, моне!

XXX

Абдулфайз ҳамроҳи меҳмони афғонаш таги сояи ангури болои кати ҳавлӣ менишастанд, ки ҳамсараш назди ҷумаки об меояд. Аз мавриди мувофиқ истифода бурда, Абдулфайз суҳбатро сари мавзӯи хонадорӣ мегадонад.

- Ҳоҷӣ соҳиб, мебахшед, шумо чанд зан доред? - мепурсад аз меҳмон.

- Шукри Худованд, панҷ зан дорам, - бо табассум ҷавоб медиҳад ҳоҷӣ. Ӯ ҳис мекунад, ки мизбон зарофате пеш овар-данист.

- Мувофиқи шариати ислом, дар як вақт чор никоҳ иҷозат аст-ку.

- Бале, - розӣ мешавад меҳмон. - Занаки калониро, ки ба чил қадам гузошта буд, халифа кардаму баъд панҷумашро ба никоҳ даровардам.

- Чӣ сир аст, ки занҳои шумо дар чилсолагӣ ба халифагӣ розӣ мешаванду занҳои мо бошанд дар ҳафтод солагӣ ҳам ин мартабаро қабул надоранд?

- Барои он ки он ҷо Афғонистон аст, - мегӯяд ҳамсараш дигар тоқат накарда ва сатели таги ҷумаки обро бо шаст бар-дошта, ҷониби ошхона тоб мехӯрад.

- Чӣ гап шуд? - ҳайрон мемонад меҳмон.

- Ҳамин занак имсол ба ҳафтод қадам мемонад…

XXX

Бозоралӣ Иброҳимов меҳмони хориҷиеро гирифта, ба ҳавлии Абдулфайз меорад, ки он ҷо чанд улфат нишаста, истироҳат доштаанд. Бозоралӣ худро каме нороҳат ҳис кар-да, бахшиш мепурсад барои ташрифи бемаврид.

- Меҳмон зиёфатро дар Варзоб партофта, ба зиёрати шумо

шитофтанд, - мегӯяд Бозоралӣ.

- Кори хуб нашудаст, - худро ҷиддӣ вонамуд карда ҷавоб медиҳад Абдулфайз. - Модоме зиёфати тайёр буд, моро даъват мекардед, беҳтар мешуд. Аз ин нохубтар аз назди хонаи худатон гузаронда, ба ин роҳи дур сарсон карда овардани меҳмон аст. Як даҳон гап мезадӣ, мо худамон ба зиёрати меҳмон мерафтем…

XXX

Чуноне болотар ёдовар шудем, Абдулфайз Атоӣ дар роҳи сулҳи бадастомада аз рӯзҳои аввал дар паҳлӯи Сарвари давлат буд ва барои амалӣ шудани ниятҳои хайру неки ӯ дар ҳамоишҳо саҳми чашмрас дорад. Вале ба ҳама ҳодиса бо шӯхӣ наздик мешавад.

Вақте бори аввал гуруҳи корӣ барои созмон додани шартҳои сулҳ ташкил мешавад, аз Абдулфайз Атоӣ маслиҳат мепурсанд.

- Ба вазир маслиҳат медиҳам, ки бо рищдорони мухолифин наздики бад нашинад, - мегӯяд Абдулфайз.

- Барои чӣ? - мепурсад Сайид Салим, ки дар ҳайати гуруҳи аввали музокирачиён шомил буд.

- Онҳо, ки ҳамеша дар кӯҳу пуштаанд, дар ришашон кайк ҷо гирифтааст. Айб мешавад, ки вазир ба хона бо кайк баргардад…

Мираҳмад АМИРШОҲӢ,
соли 2012

АҲМАДОВА ТУҲФА

29 декабри соли 1956 дар шаҳраки Нефтободи ноҳияи Исфара таваллуд шуда, пас аз хатми мактаби миёна, соли 1974 ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Ленинобод (ҳоло Хуҷанд) шомил гардид. Фаъолияти кориашро соли 1977 ба сифати мураббии боғчаи кӯдакона оғоз намуда, ҳамзамон бо рӯзномаҳои шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ҳамкорӣ дошт. Шавқи рӯзноманигорӣ ӯро соли 1982 ба даргоҳи Донишгоҳи миллӣ оварду соли 1985 ба Донишгоҳи давлатии ба номи Ждановиъ Ленинград (Санкт-Петербург) бурд. Баробари таҳсил дар донишгоҳ бо рӯзномаҳои «Смена», «Маориф ва маданият», «Ҷавонони Тоҷикистон» ва маҷаллаи «Занони Тоҷикистон» ҳамкорӣ дошт. Соли 1988 бо роҳхати донишгоҳ ба рӯзномаи «Роҳи ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб ба кор омада, бо сабаби барҳам хӯрдани вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа ва ташкил шудани вилояти Хатлон, аз соли 1989 то соли 1994 фаъолияташро дар рӯзномаи навтаъсиси «Ҳақиқати Хатлон» идома дод. Солҳои 1994-1997 муҳаррири кумитаи телевизион ва радиои вилоят, аз соли 1997 то соли 2003 мухбири махсуси ҳафтаворҳои «Чархи Гардун», «Тоҷикистон» ва «Оила», баъдан то соли 2012 роҳбари маркази матбуоти иттиҳодияи ҷамъиятии «Ғамхорӣ», мухбири нашрияи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон «Ҳамрози халқ» буд. Айни ҳол муҳаррири телевизиони вилоят аст.

Узви ИЖТ, Аълочии матбуоти Тоҷикистон мебошад.

НАДОМАТ

(Ҳикоя)

...Салому эҳтиромоти худро бароят тақдим медорам. Умедворам сиҳатманду хушҳол ҳастӣ! Шояд ин нома боиси озурдагии хотири нозукат гардад ва шояд баръакс, ба ҳоли муаллифаш як хандаи ширине мекунӣ?! Агар озорат диҳад,

бубахш онеро, ки баъди солҳои хомӯшию гумномӣ ба воситаи ин сатрҳо арзи пушаймонии бесуд мекунад. Ва агар бихандӣ, биханд, зеро ҳоло хандидан навбати туст! Бидуни чунин гумонҳо илтиҷо дорам, соате бароям ҷудо намуда, номаро бихону бидон, ки ин сатрҳоро беҳуда иброз надоштаам.

…Маро маҳз ҳамин таърихи рӯз водор сохт, то ба гузаштаи худ аз нав рӯ ораму китоби умри тайкардаи ҳаётамро варақ занам, аз саҳифаҳои он сатрҳои хушҳолию шодкомиашро хонда, лаззат бараму ба талхиҳои он ашки шӯру талх, ҳасрату надомат резам. Ман чанд соли охир ин санаро чун рӯзи мавлуд, рӯзи муқаддас, рӯзи тиллоии ҳаётам махсус бо олами андешаҳо гоҳ шоду масрур ва гоҳ ғамгину ашкрезон қайд мекунам…

Понздаҳ сол пеш ана ҳамин рӯз дар толори донишгоҳи бошукуҳу пурҳашамати Ленинград ману ту бо дили софу беғубор пойбанди хаёлҳои ҷавонӣ бо ҳам рӯ ба рӯ гаштем. Пас аз ин, хаёли ту ба зиндагиам муҳр зад. Ончунон маҳви ту гаштам, ки дигар ҳамвора дидани туро мехостам. Агар рӯзе набинамат, чун моҳии беоб метапидам, дилам менолиду аз он нидои ҳазини «Охир куҷоӣ?» берун мешуд. Зулмати шаброро бо интизорӣ саҳар карда, бомдод қалби ман саршори лаззати субҳ фарёд мекард: «Туро хоҳам, танҳо туро хоҳам!». Дар ноумедиҳо дилам исён карда бонг мезад: «Туро хоҳам, танҳо туро хоҳам!». Ман дар фалак ситора доштам, вале пазмони ситорае будам, ки ҷуфти ситораам бошад. Ва рӯзе, пас аз заҳмату ранҷҳо, шабҳои бедорхобии беҳисоб, нидои «Охир куҷоӣ»-и маро мавҷи нарму дар айни замон тавонои «Ин манам!»-гӯии ту фурӯ бурд. Минбаъд дурахши шабнам рӯйи ғунчаи гул, навои булбул сари он, боди сабою накҳати гул, ки ба ман ҳамеша ҳаловатбахш буд, бе ту бароям ҳеҷ буд, ҳеҷ! Пеши мардум болида, мағрурона мегуфтам: «ӯ бо ман аст!». Аз меҳру муҳаббату вафодории мо дӯстон шод буданду душманон аз ҳасад борҳо хостанд, ки бо панҷаи кинаву адоват онро пахш карда, аз ҳам дур созанд. Хушбахтона,

дар водии муҳаббат аз муҳорибаи сахту санҷиши садоқат бо ғолибият баромадем. Бо мададу дастгирии якдигар сарбаландона донишгоҳро хатм намуда, ба сарзамини офтобиамон баргашта, бо шодиву нишот ба ҳаёти мустақилона қадам гузоштем.

Оҳ! Ба ёд овардани он рӯзҳо чӣ қадар ширину гуворост. Ту дар зиндагӣ бо оқилию доноӣ, сабру тамкин боиси ободии хонадону сарбаландии ман будӣ. Он рӯзҳои босаодати мо чӣ қадар давом кард? Ману ту панҷ соли донишомӯзӣ дар ҳамсоягӣ ва се сол якҷоя зистем. Ҳоло ба назар чунин мерасад, ки нисфи умрам он рӯзҳо гузаштааст. Дар ин байн як асари калонҳаҷмеро эҷод карда, ба табъ расонидем. Акнун имрӯзҳо онро варақ зада, аз саҳифаҳои он ҷаҳон-ҷаҳон маъниҳои пурҳикмат мехонам. Ҳоло ин сатрҳоро навишта, мехоҳам барои ҳар як сухани хушат, ҳар як нигоҳи пурмеҳрат, барои ҳар як навозишу бӯсаҳои ширини нотакрорат ташаккур гӯям! Он солҳо гузаштанд, ки ту бо лутфу навозиш, ақлу заковат маро водор мекардӣ, то дар пастиву баландиҳои рӯзгор устувор бошам. Ин ҳама туҳфаи муҳаббати ту буд. Аммо ман ба ивази он ба ту чӣ додам?! Аз ҳама аламовар дар «асари эҷодкарда»-амон ин саҳифаҳои махсус ҳастанд, ки ман онҳоро бо ранги сиёҳ ду-се бор хат зада, кӯр кардам. Он саҳифаҳоро ман ҳар шаб хаёлан ба оташ меандозам. Мехоҳам, ки сӯхта нобуд шаванд. Маҳз ин аст, интиқоми ман аз он саҳифаҳои бехосияту талх. Ман то зиндаам, қисман бо онҳо худ низ хоҳам сӯхт. Шояд донистан хоҳӣ, ки он саҳифаҳо кадомҳоянд? Ва шояд медонистию хомӯш будӣ? Ба ҳар ҳол, мехоҳам имрӯз ба ҳамааш иқрор шавам! Ман ба ивази садоқату вафодориат, бо ғаму азоб ҷавобат додам. Боиси озор додани дили нарму ғамхорат гаштам. Аз чашмони шаҳлоят чӣ қадар ашк резонидам! Лаҳзаҳои хушатро ба мотам гардонидам. Ана ҳаминҳоянд он саҳифаҳо. Не, не, аз ин мудҳиштарашро ҳозир мегӯям. Агар ҳамин лаҳза дар рӯ ба рӯям мебудӣ, пеши поят афтода, сари таъзим фуруд меовардаму сару рӯятро бӯсида,

бахшиш мепурсидам. Афсӯс, ки аз ман дар масофаи хеле дурӣ… Бовар кун, ашки чашмонам ба давом додани сатрҳо имкон намедиҳанд.

…Ман дар зиндагӣ устуворию иродаамро гум кардам. Бори зиндагиро то охир бардоштаю пеш бурда натавонистам. Ман аз хушбахтӣ маст шуда, ба дараҷае расидам, ки ҳатто ба сояи худ рашку ҳасад мебурдам ва ин ҳисси нохуш маро оҳиста-оҳиста ба коми худ кашид. Мани аблаҳ ба ҷойи лутфу навозиш ба сарат мушт бардошта, борҳо сару рӯятро сиёҳу кабуд кардам. Нӯшидам, рӯзҳои аввал ба ягон муносибат, баъдтар баҳудаву беҳуда нӯшида, тамоман пойбанди май гаштам. Он вақт ман натанҳо худро, балки ту, хушбахтӣ ва оилаамро ба шароб бахшидам. Ба ҳамаи ин пастфитратии ман нигоҳ накарда, ту чун пештара меҳрубону ғамхор будӣ. Ман бояд аз ин рафтори оқилонаат панд гирифта, қадам аз роҳи хато бозмедоштам. Не, не, мани беақл хомӯшиатро ба дигар маънӣ хулоса кардам. Майхорагию бадмастиам кам буд, ки бадахлоқ ҳам шудам. Ба ту хиёнат кардам. То ҳол дар андешаи онам, ки чаро боре чун зан аз рӯйи вазифаат коҳишам накардӣ? Пас, қисман ба ахлоқан вайрон шудани ман ту ҳам гунаҳкорӣ! Оҳ, ман чӣ дараҷа кӯрдилу бадбин ҳастам, ки ҳоло гуноҳамро ба сари ту бор карда истодаам…

Медонам, ба ман бовар доштӣ, интизор будӣ, ки рӯзе хатои худ фаҳмида, ислоҳ хоҳам шуд. Дар асл бояд чунин мешуд. Баъзан ба дарёи андеша ғӯта мезанаму ба қаъри он намерасам: чаро олим шудан осону одам шудан ин қадар мушкил будааст?!

Ниҳоят, рӯзе аз беҷогардию бадахлоқиам косаи сабрат лабрез шуду гуфтӣ: «Аз роҳе, ки равонӣ, сари вақт баргард, вагарна, оқибаташ нек нахоҳад шуд!». Дертар барои он, ки суханҳоятро ба гӯш нагирифтам, он қадарҳо бороні маломат ба сар рехтаму мерезам, вале суде ку?!

Азизам! Ҳарчанд ба «азизам» гуфтан дигар ҳақ надорам, лек мегӯям, чунки дар ҳар сурат азизи манӣ! Ман ҳоло дар дуриҳои дур аз ту қадратро бештар ҳис мекунам. Ту дар

ҳаётам чун ситораи заррин гузашта рафтӣ. Ту аз ман рафтӣ, гарчанде маро дӯст дошта, замоне аз бароям волидонатро ранҷонида, домонам гирифта будӣ, маро тарк кардӣ. Азизам, рост бигӯ, бо вуҷуде доимо ба гӯшам таронаосо мегуфтӣ: «Зиндагии бе ту бароям марг аст», магар маро, оилаи бо муҳаббат ободкардаатро тарк кардан осон буд? Шояд ҳоло бо адоват бигӯӣ: Оре!

Ба ниҳоли сарсабзи хонадонамон бо бадахлоқию хиёнат табар задам. Рӯзе сари хиёнатам даст гирифтию ҷасурона гуфтӣ:

- Аз ту чунин пастию разолатро чашмдор набудам. Аҳмақиҳоят дар кӯча кам буд, ки хонаву ҷогаҳи покамро олуда сохтӣ! Дигар тоқат надорам, меравам! Чӣ тарзе мехоҳӣ, зиндагии худро ҳамон тарз биорой!

Вақти рафтанат рӯ ба рӯям истода, ба чашмонам нигаристӣ. Дуру дароз, асрорангезу хомӯшона. Ман тоқат накарда, сӯйи дигар дида дӯхтам. Бегумон, он лаҳза аз чашмонам он ҷавонӣ, он ишқи хору зоршудаи худро меҷустӣ?! Ё шояд бо нигоҳ гуфтан мехостӣ, ки аз дастонат дошта, садди рафтанат шавам?!

Ту рафтӣ. Аз байн рӯзҳо, ҳафтаву моҳҳои бисёр гузаштанд, вале ту дигар барнагаштӣ. Волидонам аз асли воқеа огоҳ шуда, хеле сарзанишу надоматам карда, борҳо барои оварданат рафтанд, лек ту наомадӣ. Ба ин ҳақ доштӣ. Зеро ту ҳеҷ гоҳ ғуруру қадратро паст намекардӣ. Ман бошам, ҷуръати бо ту рӯбарӯшавӣ надоштам, медонистам, ки дигар лоиқи ту набудам. Дертар ба воситаи мактуб бо ҷойи корат ҳисобӣ кардӣ.

Дар ду-се соли аввал саргарми озодию маишат шабу рӯз куҷо, бароям фарқ надошт. Дар ин байн ба касофати шароб аз дӯстон дуру аз ҷойи кор ронда шудам. Рӯзе дар ҳолати сархушиам хабар доданд, ки шавҳар кардаӣ.

- «Не!». Нохост ғайриихтиёр бо тамоми овоз дод задаму мушт ба сар кӯфтам. Аввалҳо бо вуҷуди ҷудоӣ, дар гӯшаи дил умеде буд, ки рӯзе боз бармегардиву мо якҷоя хоҳем шуд. Ҳоло чӣ, ману ту бегона! Хабари шавҳар карданат зарбаи

сахте буд бароям, бар замм∗и ин аҳли оилаамон: «Оҳ арӯси нозанину қобили аз даст рафтаамон» гӯён нешам мезананд. Аламу андуҳ ва рашк маро аз олами сархушӣ ба ҳушёрӣ овард. Дигар шаробу зан маро ба худ ҷалб карда наметавонад. Ҳамин ки шишаи шаробро бинам, онро мешиканаму ба ҳама мегӯям:

- Қадаҳ бар лаб нарасонеду нокому бадбахт нашавед!

Ҳоло ҳар бегоҳӣ сархаму малул ба хона меояму ба сақфу деворҳои он чашм медӯзам: ҳама чиз ҷо ба ҷо, ҳамон тарзе ки худ гузошта будӣ. Чашм мепӯшаму тассавур мекунам: гӯё ҳозир аз дар медароиву даст ба гарданам ҳалқа карда, бо ноз сар ба оғӯшам гузошта мегӯӣ: «Азизам, туро пазмон шудам». Ба ёди он лаҳза дилам гум зада, ашк рухсораҳоямро мешӯяд. Лаззату ёди он рӯзҳо то ҳол зиндаам медоранд.

Рӯзе ихтиёр аз даст дода, бо алам наздат рафтам, то бигӯям: «зиндагӣ бе ман бароят марг буд. Мебинам, ки хушбахтӣ?!».

- Гумон дорӣ, ки бароям осон буд?! Ҳамон лаҳза бо шунидани гиряи тифл чеҳраи ғамгину тираатро хушҳолӣ фаро гирифта, тозон рафтӣ. Ба ёдам омад, ки чӣ хел ману ту солҳои донишҷӯӣ шабҳои сафеди соҳили Неваи ором сайркунон орзуву умедҳои наҷиб мекардем. Ба фарзандонамон номҳои беҳтарин ҷуста, ҷойҳои таърихии Ленинградро ба онҳо нишон медодем. Аммо, афсӯс…

Хушбахтии зан дар модар шуда, тифл ба оғӯш гирифтан, хандаву гиряашро дидану шунидан аст. Ман ба ту ҳатто имкони ба чунин рӯз расиданро надодам. Маро бубахш!... Борҳо гуфтанд, ки аз нав оила обод кунам, вале оилае, ки меҳру муҳаббати тарафайн набошад, чӣ лозим боз зани дигареро бадбахт сохтан? Чунки ҷойи ту дар хонаю қалби ман холист, онро ба касе додаву бахшида наметавонам.

Ҳоло ба андозае хаставу ғамгину ранҷурам, ки тасаввурашро нахоҳам тавонист. Рӯзҳо масруфи кор мебошам. Ҳамин ки бекор мондам, аз ту фикр мекунам: аз лабханди зебоят, оромию тамкинат, аз озодагию сариштакориат, аз лутфу навозишат ва билохира, бо ҳамон қадду қомати зебою чеҳраи

дилкашат пеши назарам муҷассам мешавӣ. Бо тамоми эҳсос дарк карда, лаб мегазам, то фарёде аз он бурун наояд. Як мавзӯъ бароям ба исбот расида: фақат бо ёди ту хоҳам зист. Шояд барои чунин густохиам асабӣ шавӣ, бад гӯӣ, аммо бидон, ки бархӯрди хубу бад, дороиву нодорӣ, туро фаромӯш карда наметавонам. Гарчи ишқи зи дил рафта фаромӯши туам, вале як дам аз дил набарам ёди диловези туро. Руҳи ман парешон аст, хоб аз чашмонам парида, шабу рӯз нооромам, ҷароҳати шадиди ҷонкоҳу ҷонгудозе дар дил дорам. Бо ин дарду ғам шабҳо рӯйи бистар аз як паҳлӯ паҳлӯи дигар мегардаму борҳо барқро равшан карда, ба аксҳоят менигарам. Бо онҳо гуфтугӯ мекунам, ашк мерезам ва ин аст дилхушии ман. Баъзе «ғамхорҳо» гуфтанд: «Чӣ дараҷа эътиқотманду дӯстдори касе ҳастӣ, ки кайҳо домони дигаре доштааст!» Бо шодмонӣ, бо табассум, бо чашмони ашкбор ҷавобашон додам: «ӯро, маҳз ӯро аз дилу ҷон дӯст дорам, хаёли ӯро аз сар бадар кардан номумкин ва ғайри ихтиёри ман аст!».

Дилам ба мавҷ худро ба соҳил зада, бо ашк ба рухсораҳоям менависад: танҳо туро мепарастам! То имрӯз ҳудуди сари худ фишор оварда тоқат кардам. Нашуд, барои тасаллии хеш ин номаро ирсол намудам. Магар ба кӣ гӯям ва тақсим бикунам ин ҳама эҳсоси хунин ва ғами худро? Ман ба ту имон дорам, бо ҳама розу ниёз сӯят сари таъзим фуруд меорам. Таманнои онро дорам: ҳар куҷое бошӣ, тансиҳату хушбахт бошӣ, машъали зиндагиат доимо фурӯзону пурнур бошад. Ҳоло пайроҳаи рӯзгори ман холиву хомӯш, сабзаҳои марғзори он хушк гаштаанд. Маро гузашти норасоиям дунболгир аст. Ман ҳамеша хаёлан сари туро ба оғӯш кашида, мӯйҳои хушбӯятро навозишкунон сару рӯятро бӯсида, худоҳофизӣ мекунам…

Туҳфа АҲМАДОВА



АЮБӢ САФАРМУҲАММАД

Моҳи декабри соли 1945 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Баъд аз фориғ шудан аз Донишгоҳи омӯзгории ба номи Рӯдакии шаҳри Кӯлоб дар соли 1976, ба унвони хабарнигори рӯзномаи «Роҳи ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб ба фаъолият шурӯъ кард. Дар охири соли 1992 бо теъдоде аз рӯзноманигорони дигари маҳаллӣ аз Кӯлоб ба шаҳри Душанбе кӯч баст ва дар телевизиони давлатии Тоҷикистон ба кор пардохт. Сафармуҳаммад Аюбӣ аз соли 1996 то 2009 масъули бахши фарҳанг ва равобити ҷамъиятии шаҳрдории Душанбе буд. Дар солҳои ахир раёсати идораи барномаҳои фарҳангию адабии Шабакаи аввали телевизиони Тоҷикистонро ба уҳда дошт.

Солҳои ахир вай аз бемории саратон ранҷ мебурд ва дар яке аз бемористонҳои шаҳри Маскав ҷарроҳӣ ҳам шуда буд. Аммо бар асари хуруҷи бемориаш 22 феврали соли 2011 реҳлат кард.

С. Аюбӣ ҳанӯз соли 1986 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ пазируфта шуда буд. Барои бедории миллӣ, бавижа эҳёи забони тоҷикӣ-форсӣ, фаъолиятҳои назаррасе анҷом додааст.

АНДАРУНИ ЯК ШУМХАБАР

Субҳи имрӯз аз хабари марги Сафармуҳаммад Аюбӣ, шоир ва драмнависи саршиноси тоҷик, сахт афсурда шудам. Ёдаш ба хайр, чеҳрааш пеши назарам омад ва хотираҳое дар зеҳнам зинда шуд, аммо аҷабам омад, ки дилам холӣ буд. Мо мехостем бо ҳам дӯст бошем. Мехостам, аз як сайёра, як Ватан, як диёр бошем…

Кӯлоби деҳмонанд. Соли 1983 ё 84. Ман бо супориши «Комсомоли Тоҷикистон» омада будам, то мактуберо таф-

тиш кунам. Дар идораи нашрияи вилоятии «Роҳи ленинӣ» бо Сафармуҳаммад Аюбзода ошно шудам. Инсони наҷибу хоксор. Аҳли дил. Зуд бо ҳам унс гирифтем, чун ғоибона, аз рӯзномаҳо ҳамдигарро мешинохтем. Аюбзода маро бо Сафармуҳаммад Аюбӣ шинос кард ва шӯхиомез гуфт, ки ду нафар тахаллуси адабии хешро бо машварат баргузидаанд. Зеро ҳарду Сафармуҳаммад буданд ва ҳарду Аюбов. Аюбӣ хандид ва гуфт, узр, барои Салим илоҷе ба ҷуз он нагузоштем, ки худро Аюб ном кунад. Ман ҳам Аюбов будам.

Мушкили ман камтар буд, аммо ҳарду ҳамному ҳамнасабу ҳамқалам, ки як ҷо кор мекарданд, гоҳе сари дастмузде, ки ба номи «С. Аюбов» аз Душанбе ба идораи «Роҳи ленинӣ» меомад, баҳсашон мешуд, зеро навиштаҳои ҳарду зуд-зуд дар нашрияҳои марказӣ ба табъ мерасид.

Бо вуҷуди умумиятҳои зиёд, Аюбӣ ва Аюбзода бо ҳам тафовут доштанд. Аюбӣ ба назари ман каме пурғайрату пурталоштар, аммо як зарра ҳавобаланд ва муддаӣ намуд. Солҳо баъд, вақте шунидам, ки дӯстам Сафармуҳаммад Аюбзода ба худ тахаллуси «Маҳзун» низ гирифтааст, ҳайрон нашудам. Аюбзода хеле хоксор ва заминӣ буд, ҳарчанд дар илҳоми шеър, ба фаҳми мани ношоир (ҳарду Аюбовҳои дигар шеър мегуфтанд), аз рақибаш баландтар парвоз мекард ва ҳанӯз ҳамон солҳо ғазалсароиро дӯст медошт, дар ҳоле ки ин жанр барои адабиёти давр «бозмондаи замони феодалӣ» ба шумор мерафт.

Афсӯс, дигар дидор бо Сафармуҳаммад Аюбзодаи Маҳзун насибам набудааст, Худо кунад, боз бубинем. Муддате нагузашта ба Афғонистон рафтам. Баъд аз бозгашт, вақте дар «Адабиёт ва санъат» кор мекардам, боз чанд бор бо Аюбӣ вохӯрдам, аммо бо Аюбзода чунин иттифоқе наафтод ва баъдаш солҳои ноорому инқилобӣ ҳаёти ҳамаро зерурӯ кард, ба дунболашон ҷангу хуну оташу ғорат омад ва акнун ҳам ғурбату мусофирату муҳоҷират барои ман.

Вале мулоқоти Кӯлобро пештаърихе низ буд. Шарофати Аюбзодаву Аюбӣ буд, ки дар соли 1982 аз имтиҳони сан-

гини устод Соҳиб Табаров баҳои аъло гирифтам. Муаллим Табаров боре рӯзномаеро бо мақолаи яке аз онҳо дар бораи муассисаҳои маърифатию мадании Кӯлоб ба ман нишон дода гуфтанд: «офарин, писарам, хеле хуб навиштаӣ, бозу боз бинавис!».

Ман нофаҳмида, ки мақола аз ман нест, аз устод ташаккур кардам. Лаҳзае баъд, вақте мақоларо дидаму донистам, ки сармояи каси дигарро ба ҷайб меандозам, хостам, иштибоҳи устодро ислоҳ кунам, вале дер шуда буд, он кас кайҳо ба мавзӯъҳое шабеҳи Юхан Смуул ё чизе мисли уқёнуси шимолӣ фурӯ рафта буданд ва ҷуръати чизе гуфтан накардам.

Рӯзи имтиҳон ҳамроҳи панҷ гули сари сабади курс ба синфхона даромадам. Росташ, ҳафтаҳо ба велгардию сабуксорӣ сарф шуда буд ва омодагие надоштам. Билетро гирифтаму дидам, ки аслан як нукта ҳам аз саволҳои онро намедонам. Навбатам омаду пеши устод нишастам. Он кас гарму ҷӯшон аз ҳолу аҳвол ва кору нависонависи ман пурсиданд. Сипас, дар посух ба саволҳои билет, Худо шоҳид, ин қадар ҳарфи дурӯғу подарҳаво гуфтам, ки ҳадду ҳисоб надошт, аммо дар посух устод фақат «офарин, писарам!» мегуфтанд ва ба ҳамкурсонам, ки баргашта медидам, аз таҳайюр чашмашон аз косахона берун баромада, мӯйи сарашон рост хеста буд, нигариста, таъкид мекарданд, «ана ин хел хондан даркор, ана ин хел ҷавоб додан даркор!».

Пеш аз гузоштани баҳои аъло муаллим Табаров афзуданд, ки шеърҳои нави маро хондаанд ва ман ояндаи бузурге дорам. Дертар дар долон ҳамкурсонам маро накӯҳиш карданд, ки муаллимро фиреб додаам. Оре, шеърҳо аз Сафармуҳаммад буданд. Аюбӣ ё Аюбзода. Яке аз онҳо. Шояд ҳам аз ину ҳам аз он…

Шарофати номи Аюбӣ бори дигар дар соли 1989 ба ман кӯмак кард. Дар Хонаи кино намоиши пӯшидаи филми амрикоӣ баргузор мегашт, вале ман даъватнома надоштам. Танҳо ба баргузидагони ҷомеа, аз ҷумла аъзои Кумитаи марказӣ ё афроди ҳукумат чунин даъватномаҳо дода мешуд,

вале бисёр мехостам, ин филмро бубинам ва ба дари Хонаи кино рафтам. Он ҷо тасодуфан, ҳунаршинос Неъматуллоеваро дидам ва дар пеши дар раиси Бунёди кинои тоҷик Юрий Каплунов ҳам истода буд. Неъматуллоева маро ба Каплунов муаррифӣ кард. Пирамард як «оҳҳо!» гуфтаву бо оғӯши боз маро пешвоз гирифт ва гуфт, ки намоишномаи «Фишор»-ро дидааст ва қойил шудааст ва ин як оғози наве барои драматургияи тоҷик аст ва чизҳое мисли ин. Кӯтоҳи сухан, бо вуҷуди он ки Неъматуллоеваро абрӯвон ба ҷабин баромада буданду талош мекард, иштибоҳро ислоҳ кунад ва аммо Каплунов ҳамоно андешаҳои судмандашро дар бораи сужаи «Фишор» ба миён мегузошту ман ба Неъматуллоева чашмак мезадам, то сир нигаҳ дорад. Бо ҳамин ҳол сенафара аз назди дарбонҳо гузаштаву ба Хонаи кино ворид шудем ва он шаб ман филмро тамошо кардаму ғоибона ба Сафармуҳаммад Аюбӣ сипос фиристодам.

Ба худ ваъда дода будам, ки рӯзе ӯро дидам, ин воқеаро барояш қисса мекунам ва узр мехоҳам, ки аз як порчаи шуҳрати ӯ истифодаи сӯ кардаам.

…Ҳанӯз вақти реҳлаташ набуд. Ҷавон ва пур аз нерӯ буд. Бояд менавишту менавишт. Шояд акнун он чизеро менавишт, ки дар умқи дилаш ниҳон буд…

Салими АЮБЗОД
22.02. 2011



БАРОТ САИД

Аввали солҳои 30-юми асри гузашта дар деҳаи Билисуфи ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ба дунё омад. Шоир, нависанда ва рӯзноманигори саршиноси тоҷик. Солҳои зиёд дар рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Хатлон» ва «Хатлон» фаъолият дошт. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ муддате сардабирии ин нашрияи вилоятиро ба уҳда дошт. Марди шӯху ҳозирҷавоб, зиндадилу хушчақчақ, хушсуҳбату маъракаорост.

Узви Иттифоқи нависандагон ва Иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошад. Муаллифи асарҳои зиёди назмиву насрӣ, аз ҷумла «Рангоранг», «Рози дил», «Доллар», «Нишона», «Кошонаи меҳр», асари ёддоштии «Дуд дар осмони Билисуф» иборат аз чор ҷилд, романи «Ёрони Восеъ», повести «Нерӯи ишқ» ва ғайра аст. Иштирокчии Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1992, дорандаи нишони «Сухан»-и ИНТ ва дигар ҷоизаҳои адабию журналистӣ мебошад.

САИД БАРОТ ҲАМ УСТОД ВА ҲАМ ШОГИРДИ МАН АСТ

- мегӯяд шоири шинохта устод Зариф Ибод

- Бале, Барот Саид ҳамчун муаллим устоди ман аст. Мо ҳама аз ӯ дарси адаб, дарси зиндагӣ омӯхтаем. Вале ҳамчун эҷодкор ӯ шогирди ман аст.

Дар маҳфили пуршукуҳе, ки ба ҷашни 50-солагии фаъолияти эҷодии як тан шоир ва нависандаи маҳбуби мо Барот Саид бахшида шуд, бо ин суханони самимиву пурмеҳр ба сухангӯӣ оғоз намуд шоири шинохтаи мо Зариф Ибод. Он рӯз ба сардии ҳаво нигоҳ накарда, толори театри мусиқӣ-мазҳакавии ба

номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа аз маҳфили зарифгӯёну аз табрикоту қадршиносиҳо тасфида буд. Ҳар яке кӯшиш мекард аз ҳамкориву ошногӣ бо ин инсони зарофатзамир, ки табиатан шӯху ҳазлгӯст, хотирае нақл кунад ва ин ёд карданҳо хоҳ-нохоҳ ба ҳазлу шӯхӣ табдил меёфту толор пур аз ханда мегашт.

Ҳамин тавр, устод Зариф Ибод хотирааашро дар хусуси ба чоп омода сохтани китоби аввалини Барот Саид нақл карда, афзуд, ки маҳз бо хоҳишу супориши ӯ ин шоири аллакай шеъраш байни хонандагон машҳур ба ҷамъ кардани китоб омода гаштааст.

- Баъди он ки ман таъкидаш кардам, маҷбур шуду ба меҳмонӣ даъватам кард ва сари дастархон мо ин масъаларо муҳокима намудем. Ҳамаи дастнависи шеърҳояшро ҷамъ овардем ва байни худ аҳд ҳам бастем, ки агар ман кадоме аз шеърашро «намешавад» гӯям, ӯ хафа намешавад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ман яктоякто шеърҳоро аз назар гузаронидаму кадомеаш, ки он қадар маъқулам намешуданд, ба як тараф мегузоштам. Саид Барот бошад, сӯям як нигоҳе мекарду лаб мегазид ва чизе намегуфт. Ана ҳамин тавр ман шеърҳоро барои китоби аввалини Барот Саид ҷудо кардаму баъд ба хона омада, дар мошинка худам чоп намудам. Барои ҳамин ҳам ман мегӯям, ки дар саҳнаи эҷод ман ба ӯ ҳаққи устодӣ дорам.

Тавре Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб таъкид дошт, «Барот Саид дидаву шунидааашро бо дили бузургу пурмуҳаббаташ эҳсос карда, эҷод мекунад. Ӯ пеш аз ҳама одамгарии баланд дорад ва ин чиз дар офаридаҳояш хеле хуб таҷассум ёфтааст. Як ифодаи рехтааш ҳамзамон ёдам меояду аз ин дилам шод мегардад: «Аз мурдан ҳам зиндагӣ беҳтар аст».

Бо ёдовар шудан аз ин ифодаи шӯхиомез Муҳаммад Ғоиб фармони раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бобати ба Барот Саид додани нишони сарисинагии «Аълочии телевизиони тоҷик» ва мукофоти пулиро қироат намуд.

Раиси бахши қӯрғонтеппагии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, шоири шинохта Озар бошад, зимни суханрониаш зарофатгӯӣ ва тоҷикона будани эҷоди Барот Саидро таъкид намуда, қайд кард, ки ӯро Расул Ғамзатови тоҷикон гӯем, хато нахоҳем кард. Инчунин хотирнишон сохт, ки Барот Саид ҳамчун шоири борикхаёл ва нависандаи сеҳрқалам дар тӯли 50

соли эҷодаш асарҳои зиёди назмиву насрӣ офарида, маҷмӯаи шеърҳояшро бо номи «Рангоранг», «Рози дил», «Доллар», «Нишона», «Кошонаи меҳр», асари ёддоштии «Дуд дар осмони Билисуф» иборат аз чор ҷилд, романи «Ёрони Восеъ», повести «Нерӯи ишқ», ҳикояву ҳаҷвияҳо, латифа ва мутоибаҳои зиёдеро ба нашр расонидааст.

Руҳияи миллии қаҳрамонони Барот Саид хеле баланд буда, ифтихори миллӣ ва ватандӯстии ин адиби пуркор дар ҳар варақи эҷодиёташ ба чашм мерасад.

Ҳамзамон Озар табрикоти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба муносибати 50-солагии фаъолияти эҷодии Барот Саид қироат намуда, ба ӯ нишони «Сухан»-ро, ки нишон аз қадршиносии эҷодкорон аст, ботантана супурд.

Зумраи шоирон, шогирдон ва аҳли байти устод Барот Саид низ дар баромадашон аз зиндадиливу фароҳдастӣ, аз он ки ӯ новобаста аз синну солаш пайваста дар пайи омӯзиш асту дар тарбия намудани шогирдони зиёде саҳмгузорӣ кардааст ва зиндагии ӯ худ як панди арзишнокест барои ҳамагон, сухан гуфтанд.

Ашъори ҳаҷвии ӯ ба қавле мурдаро ҳам механдонад. Саид Барот зодаи деҳаи Билисуфи ноҳияи Данғара чун ҳама ҳамдеҳагонаш марди шӯхи ҳозирҷавоби латифабофу мақолгӯ. Зиндадилу хушчақчақ, хушсуҳбату маъракаорост. Бинобар ин аҳли суҳбат, хусусан аҳли қалам ӯро «Базморо» гӯён ном мебаранд. Ӯ як умр ба омӯзгорӣ машғул шуда, аз забону адабиёти тоҷик таълим додааст. Имрӯзҳо баҳори 80-уми худро пушти сар мекунад. Сӯйи баҳори навбатӣ дар гомзанист. Диле дорад пур аз меҳр.

Шоир воситаи тасвири манзараҳои биҳиштосои кӯҳистону водиҳои кишвар, зебочеҳрагию софдилӣ ва меҳнатдӯстии зану марди тоҷик, меҳру садоқати худро ба халқу Ватан нишон дода, мардумро ба ваҳдату худшиносии миллӣ ва ҳимояи истиқлолияту осудагии рӯзгори имрӯзаю оянда даъвату ҳидоят мекунад. Офаридаҳояш бо гуфтори мардуми оддӣ ҳамоҳангӣ дорад. Хусусан ғазалҳову халқияти рубоиву дубайтиҳо ва шеърҳои ҳаҷвиаш писанди ҳаводоронаш хоҳад шуд.

Раиси шаҳри Қӯрғонтеппа Шарифхон Самиев иброз намуд, ки Барот Саидро аз солҳои 1995 инҷониб мешиносад, ки дар он давра вазифаи муовини аввали раиси шаҳрро иҷро мекард.

«Дар ҳамон шабу рӯзи барои мардуми мо хеле душвор Саид Барот ҳамчун иштирокчии Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи чорабиниҳо бa-ромад мекард, мардумро ба якдиливу дӯстиву рафоқат даъват менамуд», - афзуд Ш. Самиев.

Бо Ватан чун ҷисм бо ҷон зиндаам,
Тоҷикам, бо Тоҷикистон зиндаам.

Аз номи раиси вилояти Хатлон соҳибҷашнро муовини раиси вилоят Ҳикоятмо Ҳакимова табрик намуд.

Санъаткорони театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа табъи иштирокдоронро бо савту соз ва сурудҳои дилшишин аз эҷодиёти шоир шод намуданд.

Ҳамагӣ ба Саид Барот, ки чун фарзанди сазовори Ватан бо эҷоди хеш ҳастии томи як миллатро тасвир намудааст, тани сиҳат, парвози хаёл ва дар офариниши асарҳои нав ба нав комёбӣ орзу намуданд.

МУҲАББАТ
(«Хатлон», соли 2011)

БЕРДИЕВА БӮРИННИСО

Соли 1927 дар шаҳри Панҷакент ба дунё омада, таҳсилоташ танҳо дар ду мактаби ҳизби ҳокими вақти коммунист буд. Аммо ин зане, ки дар қурраи ҳизби коммунист ва ақидаҳои коммунистӣ пухта буд, дар ниҳоят бо вуҷуди таъқиботи сахти низоми ҳоким ба як ҳомии барҷастаи арзишҳои миллӣ табдил ёфта, «Маориф ва маданият»-ро ҳам (ки он ҷо аз соли 1960 то соли 1983 сармуҳаррир буд), ба истилоҳ, ба «лонаи диссидентҳои тоҷик» табдил дод ва дар матбуоти тоҷик аввалин шуда, дам аз Наврӯз зад ва бо вуҷуди қаҳру хашми мақомот, ҳар сол шумораи вижаи наврӯзӣ нашр мекард. Дар Тоҷикистон аз ӯ ҳамчун «Қаҳрамони Наврӯз» ном мебаранд. Чанд сол дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» дар шаҳри Кӯлоб низ фаъолият кардааст.

Соли 2003 бар асари бемории тӯлонӣ Бӯриннисо Бердиева реҳлат намуд.

БӮРИННИСО БЕРДИЕВА – ҚАҲРАМОНИ НАВРӮЗ

"Чандин сари сол то ба имрӯз
Дар фикри касе набуд Наврӯз.
Наврӯз савори турна мерафт
Шабҳо, ки касе набинадаш рӯз.
Бо нашри дусад мақолаи ӯ,
Бо кашмакаши дусолаи ӯ,
Наврӯзи Аҷам фаромад охир
Аз шаҳпари турнаи муҳоҷир..."

(Бозори Собир)

Матбуоти тоҷик дар тӯли ин 100 соле, ки аз нахустин шумораи «Бухорои шариф» то имрӯз мегузарад, роҳи печидаву мураккаб ва пур аз шебу фарозеро пушти сар гузоштааст. Аммо як саҳифаи дурахшони таърихи матбуоти мо дар ин садсола, бидуни шакк, «Маориф ва маданият» ва сардабири ёғиву саркашаш Бӯриннисо Бердиева аст, ки ҳар шумораи ин нашрия сутунҳои он низоми вақти оҳанинчангол ва зоҳиран мухками Шӯравиро меларзонд.

Ин ҳолост, ки таҷлил аз Наврӯз як чизи муқаррарӣ шуда, соли нави форсиро дар сатҳи байналмилалӣ ҳам эътироф мекунанд ва дар Тоҷикистон касе барои таҷлили ин ид дигар муҷозот намешавад. Аммо дар даврони Шӯравӣ ҳизби ҳоким Наврӯзро аз боқимондаҳои урфу одатҳои феодалӣ ва ҳатто як иди зараровари динӣ мешумурд ва фақат ба иддае аз равшанфикрон иҷозат шуда буд, ки аз Наврӯз бо номи сохтаи «Сайри лола» таҷлил кунанд. Дар соли 1965 раҳбари вақти Ҳизби коммунисти Тоҷикистон Ҷаббор Расулов хост, то ба Наврӯз ҷомаи идеологии созгор ба ақидаҳои коммунистӣ пӯшонда, дуруст дар рӯзҳои ин ид Иди меҳнат созмон диҳанд. Аммо «Маориф ва маданият» дар 21 марти соли 1966 «ҷомаи наврӯзӣ ба тан» ба дасти хонандагонаш расид ва ҳамин тавр, тамоми он солҳои баъдие, ки мақоми сардабириаш дар дасти Бӯриннисо Бердиева буд.

Дорои Дӯст, аз ҳамкорони Бердиева дар ин нашрия, мегӯяд, ки баъди нашри ҳар шумораи наврӯзӣ аз Кумитаи марказии ҳизби коммунист бо хашм дар суроғи сардабир мешуданд, вале ӯ то фурӯ нишастани ин оташи ғазаби мақомот барои чанд рӯз «ғайб» мезад ва бо вуҷуди занги пайдарпайи мақомот гӯшии телефонашро аслан намебардошт. «Муҳаррир макети шумораи бахшида ба Иди меҳнатро ба кумитаи марказӣ мебурд, онҳо медиданд ва қабул мекарданд. Аммо баъд мо Иди меҳнатро комилан бо Наврӯз иваз мекардем. Баъд онҳо ба кофтани Бердиева сар мекарданд, ки охир маслиҳати мо Иди меҳнат буд, ҳамаи шумора боз Наврӯз шудааст. Бердиева ҳамон рӯз гум мешуду мегуфт, агар маро пурсанд, гӯед, ки дар Кумитаи марказист.

Қаҳрашон меомад, ки мо аз кумитаи марказӣ ӯро мекобем, инҷо нест. Ҳар сол аҳвол ҳамин буд», - ёд меорад Д. Дӯст.

Бозори Собир, ки низ дар солҳои тахти таъқиб қарор доштанаш маҳз дар «Маориф ва маданият» паноҳгоҳ ва ҷойи кор пайдо карда буд, мегӯяд, ки ҳоло касе дигар аз Бердиева ёд намекунад, вале дар он аҳд ин зани резапайкар, вале бузургирода ва боҷасорат аз маҳдуд нафароне буд, ки нотарсона аз Наврӯз дифоъ мекард. Ба бовари Бозори Собир, Қаҳрамони воқеии Наврӯз дар Тоҷикистон ҳамин Бӯриннисо Бердиева аст: «Имрӯз қаҳрамони Наврӯз пуропур аст, ҳар кас дағдағаи Наврӯз мекунад ва аз Наврӯз лоф мезанад. Бердиева ҳатто фаромӯш шудааст. Дар миёни ин ҳама дағдағаҳои наврӯзӣ ман боре номи ӯро нашунидам…»

Лонаи «диссидентҳои тоҷик»

Аммо марзи ҷасорати Бердиева ва «Маориф ва маданият»-и ӯ фақат бозтоби Наврӯз дар саҳифаҳояшу нашри шумораҳои идона набуд. Равшанфикроне, ки дар он айём ба далеле мавриди қаҳри мақомот қарор гирифта, «раддимаъракa» мешуданд, аксар танҳо дар ҳамин нашрия паноҳгоҳ ва ҷойи кор пайдо мекарданд. Вақте Сотим Улуғзода баъди фирори писараш Азиз ба хориҷа аз тамоми дарҳо ронда шуд, «Алломаи Адҳам»-ашро маҳз Бердиева дар «Маориф ва маданият» чоп кард. Ягона минбар барои Ғаффор Мирзову Раҳим Ҳошим низ «Маориф ва маданият» буд. Саидаҳмади Қаландар, аз ҳамкорони Бердиева дар ин нашрия, мегӯяд: «Ӯ ба Сотим Улуғзода замоне минбар дод ва «Суруди Ҳофиз» ва «Аллома Адҳам»-и ӯро чоп кард, ки баъди фирори писараш Азиз касе дар борааш ҳатто суҳбат намекард ва ӯ таки танҳо монда буд. Пурсарусадотарин шеърҳои Лоиқу Бозори Собирро чоп мекард. Бозори Собирро вақте барои андешаҳояш аз Иттиҳодияи адибон берун карданд, Бердиева натарсида, ӯро ҳам овард. Ҷумъаи Одинаро замоне ба «Маориф ва маданият» овард, ки романи «Гузашти айём»-и ӯро бо амри кумитаи марказии ҳизби коммунист аз дӯконҳо барчида, сӯзонданд».

Ҷумъаи Одина маҳз рӯйи мизи кориаш дар идораи «Маориф ва маданият» аз сактаи қалб даргузашт. Чунин таҷаммӯъи афроди, ба таъбири Бозори Собир, «рондашуда ва аз низом норозӣ» дар идораи «Маориф ва маданият» буд, ки ин идораро мақомот ҳатто «лонаи диссидентҳо» ва сардабираш Бӯриннисо Бердиеваро ҳомии тамоми «антисоветчик»-ҳои тоҷик ном мебурданд. Вале бо ин вуҷуд низоми коммунистӣ тайи 23 сол - аз соли 1960 то 1983 - Бердиеваро дар курсии сардабири «Маориф ва маданият» таҳаммул кард. Ҳамсафонаш мегӯянд, ки як далели чунин «дарозумрӣ»-и ӯ дар ин курсӣ забони тундаш буд, ки бо ҳар мансабдор, сарфи назар аз баландии мақомаш, баробар ва хеле бараҳна суҳбат мекард ва мақомот аз тарси сарбасар шудан бо ин хонуми ёғӣ ба барканориаш ҷуръат намекарданд.

Номаи 17 зиёӣ сари Бердиеваро хӯрд

Сари Бердиеваро дар ниҳоят, дар соли 1983 низ нашри мақолае бо номи «Таърих гувоҳ аст...» хӯрд. Ин мақолаи дастаҷамъии 17 зиёии тоҷик посух ба иддаои муаллифи китоби «Алифбо»-и Ҳилол Каримов буд, ки аз минбари телевизиони Маскав гуфт, «тоҷикон то инқилоби Октябр хату савод надоштанд ва ин ду неъматро ба ин мардум инқилоб ва китоби «Алифбо»-и ӯ додааст». Баъди ин мақола Кумитаи марказии ҳизби коммунист билохира ба барканории Бердиева аз «Маориф ва маданият» тасмим гирифт, вале, ба гуфтаи Саидаҳмади Қаландар, ҳайбати Бердиева чунон буд, ки боз 4 моҳи дигар касе ҷуръат накард, ки ин фармон дар даст пой ба идораи нашрия гузорад.

Қаҳрамони хори Наврӯз

Поёни умри Бӯриннисо Бердиева асосан дар хориву зорӣ ва дар гӯшаи фаромӯшӣ гузашт. Аз як сӯ, дарди саратону фақру нодорӣ ва аз сӯйи дигар, дар гирдбоди ҷанги шаҳрвандӣ хоку туроб шудани ормонҳои миллие, ки ӯ тамоми умр алайҳи низоми коммунистӣ барояш мубориза мебурд, ин зани саркаш ва машъали зиндаи бедории фикрии мардуми тоҷикро аз по афканд. Касе аз мақомоти кишвар низ то даргузашти ин

«Қаҳрамони Наврӯзи мо» (таъбири Бозори Собир) дар соли 2003, боре ҳам аз ӯ ёд накард. Дорои Дӯст, аз ҳамсафоне ки то поёни зиндагиаш ба Бердиева содиқ монд, мегӯяд, ки ҳосили тамоми муборизаҳои Бӯриннисо Бердиева фақат як села «виговор» буд, ки баъди нашри ҳар мақолаи пурсарусадо дар «Маориф ва маданият» ба номаи аъмолаш дӯхта мешуд. «Ӯ дар умраш ягон нишони давлатӣ надошт. Ғайри як села «виговор» мукофоте надошт. Дар замони ҷанг, дар рӯзҳои сахтӣ, гоҳ-гоҳ ба хонаи мо меомад. Дасти ҳамаи мо он замон кӯтоҳ буд. Ӯро медидам, ки сахт мариз аст, пуле надорад, ки дору бихарад. Як хонаи сард дошт. Дар фақру бенавоӣ мурд ин зан. Дар як хориву зорӣ аз дунё рафт», - афзуд Д. Дӯст.

Баъди касби истиқлол Наврӯз муҳимтарин ҷашни давлати Тоҷикистон эълон шуд, арзишҳои миллие, ки Бӯриннисо Бердиева барояш бо мақомоти вақти коммунист як умр дастбагиребон буд, дар меҳвари сиёсати расмии давлат қарор гирифтанд. Вале заҳамоти ин зани мубориз то ҳол расман эътироф ва қадршиносӣ нашудааст.

«Баъд он зани беҳтарин куҷо шуд?
Он пайкари нозанин куҷо шуд?
Он сангари шоирони ёғӣ,
Он маъмани олимони осӣ?
Ду панҷаи сар сафед чун барф,
Як ҷуфт калӯши кухна дар пой,
Аз хона ба хона гушна мегашт,
Дар барфи баланди кӯчаю лой.
Охир, ба ҳамин қарибӣ гуфтанд,
Дар гӯшаи ошёнааш мурд
Аз гушнагӣ Қаҳрамони Наврӯз...»

(Бозори Собир)

Мирзои САЛИМПУР

БОБОХОНОВ САИДАЛӢ

Хатмкардаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст. Фаъолияти рӯзноманигории худро соли 1973 дар нашрияи ноҳиявии ноҳияи «Ба пеш»-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ оғоз намуд. Аввал ба сифати ходими адабӣ, сипас ба ҳайси мудири шуъба адои вазифа кард. Баъди таъсис ёфтани рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», соли 1980 ба ҳайати эҷодии ин нашрия пайваст. То соли 1994 дар ин рӯзнома дар вазифаи мудири шуъба, котиби масъул ва муовини сармуҳаррир кор кард. Сипас, соли 1994 ба телевизиони вилоят даъват карда шуд. Дар ин ҷо вазифаҳои директори барномаҳо, муовини сардор ва аз соли 2001 то ба нафақа баромадан масъулияти роҳбарии идораи телевизион ва радиои вилоятро ба зимма дошт. Дар давраи роҳбарии С. Бобохонов ҳайати эҷодии телевизион ва радио боз ҳам ташаккул ёфта, мукаммал гардиданд. Радио вилоят, ки қаблан дар бинои куҳнаю вайрона ҷойгир буд, ба ҷой нав – бинои телевизиони вилоят кӯчонида шуд. Бо талошҳои ӯ ТВ «Хатлон» соҳиби шабакаи алоҳида гардид. То он вақт барномаҳои телевизиони вилоят аз тариқи Шабакаи якуми ТВТ ҳамагӣ дар ҳаҷми як соат пахш мегардид.

Дар давоми 40 соли рӯзноманигорӣ шогирдони зиёдеро ба камол расондааст, ки алҳол онҳо дар расонаҳои гуногуни иттилоотӣ ва соҳаҳои дигари хоҷагии халқи ҷумҳурӣ кор карда истодаанд.

Саидалӣ Бобохонов муаллифи китобҳои «Атои парвардигор», «Меҳрнома», «Вақте Сталин занг мезад» ва «Зиндагӣ ба хотири фардо» мебошад. Барои хизмати содиқона ба Ватан бо ордени «Шараф» сарфароз гардонида шудааст.

УСТОД БА РӮЗИ МАРГИ ХЕШ МЕГИРИСТ

Шукри фарзандони барӯманди миллат, ки турбату тобути Сотим Улуғзода бесоҳиб намонд.

Устод бемор буду бистарӣ, маҳзуну андешаманд. Тани танҳо, побанди ҷогаҳ, асири чаҳор девор ва гирифтори андешаҳои андуҳбор. Авроқи тирагаштаи мусҳафоти рӯзгори гузашта якяк пеши назар меомаду бори гарони андуҳи риққатовар вазнинтар мешуд. Дарду алам ва яъсу ноумедии руҳонӣ ҷонкоҳтар аз ранҷурии ҷисмонӣ буд.

…Сахту вазнину сангин буданд он рӯзҳо. Фарзанд тарки Ватан карду дигар ба Иттиҳоди Шӯравӣ барнагашт. Чӣ хаёле ба сар дошт, худаш медонисту Худо. Шояд ӯ ҳақ ҳам буд. Нахост дар қафаси тиллоӣ зистан, мулки дигарро иқоматгоҳ ихтиёр кард. Вале чӣ шӯру мағале, ки барнахост он замон. Гӯё рӯзи қиёмат фаро расид. Писар рафту борони маломат ба сари падар рехт. Писарро хоину падарро хиёнаткор хонданд. Бархе бо маломат, қисме бо надомат, гурӯҳе бо мазаммат санг меандохтанд ҷониби ӯ. Тоқатшикану ҷонгудоз буданд зарбаҳои сухану ҷароҳатҳои онҳо. Зумрае беибову андеша мегуфтанд: чӣ нависандаест Улуғзода, ки натавонист фарзанди хешро тарбия намояд ва ӯ ба Ватан хиёнат кард. Зумраи дигар, аз ҷумла «ватандӯстон» қотеона қарор доданд: ин гуна адиб ба ҷамъият бегона аст ва ӯ барои асар навиштан ҳуқуқи маънавӣ надорад. Набояд эҷод кунад, таълиф намояд ва асар нависад. Хостанд бо ин роҳ илҳому истеъдодашро «ҳабс» кунанд, қаламу хомаашро бо таънаю таҳдид аз ӯ бигиранд. Эҷодиёташро мамнӯъ эълон доранд. Каму камшумор буданд ононе, ки бо овози ношунавою оҳанги таассуф ҷонибдориаш мекарданд. Дӯстони наздик бо андешаи аз даст надодани ҷоҳу мансаб аз ӯ дурӣ меҷустанд. Ва тоифае аз ҳамтабақон мазамматаш карда, ҳарфи носазо низ мегуфтанд, то ки дар назари ҳукмронон хуб намоянду ба ин васила курсии мансаб ва мақоми баландашонро нигоҳ доранд.

Ҳукму фатвои аксар якранг буд: писар гуноҳ карду ба Ватан хиёнат намуд, пас падар бояд ҷавоб диҳад.

Ва аммо касе нагуфт, ки он фарзанд беш аз панди падар тарбияи боғчаю кӯча, дабистону донишкада гирифтаву каломи аҳли ҷомеа шунида. Ва ҳам касе нагуфт, ки писари падар фарзанди замона аст ва замона ба камолаш расонида. Ва дунёи падар дигар асту дунёи фарзанд дигар. На ину на он. Хостанд бо ҷурми гуноҳи писар падарро ба маҳкама бикашанд. Ба ин ноил ҳам шуданд, мурофиа низ баргузор шуд. Гунаҳгори бегуноҳ - адибе, ки мебоист бо ному эҷоди ӯ миллат ифтихор кунад, ҳадафи беамони таънаю маломати бераҳмона қарор ёфт. Касеро чунин хаёл ба ташвишу изтироб наовард, ки ҳукми ноҳақу маломати нолоиқ метавонад адибро ба нобудӣ барад, ба нестӣ расонад, эҷоди пешинаву ояндаашро маҳв созад. Шояд тоифае маҳз ҳаминро мехостанд. Ва ҳамаи ин ба он ваҷҳ, ки фарзанди ӯ тарки мамлакат кардаю барои идомаи кору зиндагӣ, алорағми хоҳишу иродаи дигарон мулки дигарро ихтиёр намуда. Ба пиндори аксар, ӯ бо ин амали хеш қадру қиммат ва шаъну эътибори Ватани сотсиалистиро коста гардонд, паст зад. Вале дар асл он Ватане буд ориятию муштарак ва умумӣ. Чандин Ватану ватандорони дигар мутеъу фармонбардори ин ватани ягонаву «ҷоноҷон» буданд. Ана аз чунин Ватан фирор кардааст писари ӯ.

Гардиши айёму фаворасии вақт беҳтарин довари ҳақбину ҳақгӯй аст. Ва даррасид он рӯз, ки мардум маънии Ватану ватандориро дарёфтанд. Мулки умумӣ, давлати ягона ва билохир, Ватани муштарак завол ёфт. Парчами Иттиҳод пора гашт, нишони давлатии бедавлатон бишкаст, суруди бузурги давлатӣ ба поён расид. Ватани муқтадир бо амри тақдир пош хӯрд, бесоҳибу бемуттако монд. Ва ҳама донистанду дарк карданд, ки Ватан аз куҷо то ба куҷосту ватандорӣ чист. Сарвати миллат кадому ифтихори миллӣ чист?! Баъди ин ҳама таҳаввулот чӣ сон метавон дараҷаи гуноҳи фарзанду ҷурми падарро муайян кард?!

Вале қисмати азалӣ падарро низ мисли писар аз Ватани

аслӣ, ки ба тозагӣ ҳамчун давлати мустақилу соҳибихтиёр зуҳур меёфт, дур афканд. Устод ба умеди халосӣ аз шиканҷаи андешаҳои ногувор, хост аз ҷой бархезад, натавонист. Пирию ранҷурӣ нерӯи бештаре доштанд, нисбати қуввату дармони ӯ. Ноилоҷ, боз ҷогаҳӣ монд. Боз ҳамон чаҳор девори зиндонию боз ҳамон андешаҳои ранҷовар. Гӯё дар ин ҷаҳон ба ҷуз ӯ касе намонда. Олам низ фурӯ рафтаю одам низ. Ку ҳамдаму ҳамрозе, ку ҳамдилу ҳамдарде? Чаро намепурсанду намеҷӯянд ва намегӯянд: куҷо шуд оне, ки қаҳрамонии Восеъро ҷовидонӣ гардонд, ба Фирдавсӣ умри тоза бахшид? Наход ҳамқисмати офаридаҳои хеш шавад. Дур аз ёру диёр, мисли Восеъ дар хоки бегона гӯраш кунанд. Ва ё шабеҳи Фирдавсӣ турбаташро дар оромгоҳи ҳамагон ҷой надиҳанд. Ва эҳтимол аст, амлокдорони ин сарзамин бигӯянд: ин марди аҷнабӣ ҳаммазҳаби мо нест ва бо ин далел ҷасадамро дар гӯристонашон роҳ надиҳанд. Бо ашку алам нигошта будам, ки чӣ сон хоҳари ҷигарбанди Восеъ сару рӯйи бараҳна, бо ҳазор хорию зиллат садҳо фарсахро паймуда, то дақиқаҳои вопасин ҳамқадамаш буду аз ӯ ҷудо нагашт. Тобути Фирдавсӣ низ бесоҳиб намонд. Дӯстону пайвандон ва шогирдону мухлисони ашъори оламгираш турбаташро соҳибӣ карданд. Оё тобуту турбати ман дар ин диёри мардуми ғайр соҳибе меёфта бошад? Вагарна, ҳоли зоре хоҳад омад ба сари турбати ман. Ва бадтар аз он хоҳад шуд, ки тобути Фирдавсиро дар гӯристони умум ҷой надодаанду ҷасади Восеъ оромгоҳе наёфт. Худо нигаҳ дорад аз он рӯзу соате, ки барои пояи тобутро гирифтан чанд нафаре наёбанд.

Ин қабил эҳсосоти ҳузнангезу пуризтироб аз пешомади қисмат бори ғами устодро боз ҳам меафзуду ӯро бештар ба кӯйи номуродӣ мекашид. Дарди бадан не, ғами фардои ногузир азобу шиканҷа медод устодро. Бисёрҳо мехосту мекӯшид, ки фикри оқибат накунад. Аммо фикру хаёлоти тазйиқдиҳанда чунон домангиру гиребонгираш буданд, ки гумон дошт, то ҷонаш наситонанд, таркаш намекунанд. Розӣ буд ҷонаш бигиранду ӯро аз ин вартаи пуразоб раҳоӣ бахшанд.

Устод мегирист, хомӯшу бесадову талх бар умри рафтаву

рӯзи марги хеш мегирист. Нола дошт қалбу шиква дошт ақл. Ҳама умр омӯхту эҷод кард, моли дунё не, сухани воло ҷуст. Шабҳо нахуфту навишт, азоби бехобӣ кашид, то дигарон бедордил бошанд. Қаноат пеша карду аз пайи неъмат нарафт. Ранҷ бурду ба мардум ганҷи ирфонӣ бахшид. Аз роҳати дунё парҳезгорӣ карду «Субҳи ҷавонии мо» навишт, «Навобод» офарид, қиссаҳо эҷод кард. Фирдавсию Восеъро шуҳрати абад бахшид. Ба он лафзу маъние навишт, ки бихонанду забондонӣ омӯзанд, Ватану ватандорӣ шиносанд, қадри одаму одамгарӣ, садоқату вафодорӣ бидонанд, ба фарҷом аз ҳар сатри навиштааш хираду маърифат дарёбанд. Кӯшид, ки гузаштаро ба имрӯзиён ва имрӯзиёнро ба ояндагон муаррифӣ намоянд, онҳоро бо ҳам бипайвандад, оламиёнро таъкид созад, ки ниёгони мо чӣ фарҳангу маърифати пурғановате доштанд. Ба ин васила, то тавонист, ба халқаш хизмат кард, ба умеде хизмат кард, ки пас аз маргаш бо зикри хайре номаш ба забон гиранд. Дареғо, ки дар зинда буданаш фаромӯшаш карданд. Кӣ медонад, пас аз маргаш чӣ хоҳад шуд?

- Имрӯз ба хонаамон меҳмон меомадааст, Эмомалӣ Раҳмонов!, - девори хаёлоти устодро андаке рахна кард овози ҳамсараш. Чандон эҳсос накард овозро. Пиндошт садо аз ғайб аст ё саробест дар биёбони хаёлоташ.

Вале аснои он лаҳзаҳои гуворое, ки Эмомалӣ Раҳмонов рӯ ба рӯяш нишаста, аз ӯ ҳолу аҳвол мепурсиду бо самимияту эҳтиром сухан мегуфт, боварӣ ҳосил кард, ки ин ҳама на хобу хаёл, балки амри воқеист. Фарзанди барӯманди диёраш, номбардору ифтихори миллаташ, роҳбари давлати тозабунёди Тоҷикистони азизаш, сарвару саробони тоҷикони тамоми дунё, он марди шарифе, ки ҳамчун сиёсатмадори оқилу фозил машҳури ҷаҳон гаштааст, ба аёдаташ омадаасту ӯро ба Ватан мехонад. Барои асарҳои навиштааш таҳсину ташаккураш мегӯяд ва иброз медорад, ки халқу миллат хизмату заҳмати Улуғзодаро фаромӯш накардаанд. Ин суханоне буданд, ки ӯ аз забони сарвари халқу миллат, давлату Ҳукумати Тоҷикистон мешунид. Яъне, сипосномае буд аз номи тамоми тоҷикону тоҷикистониён дар симои

Эмомалӣ Раҳмонов нисбати адиби дур аз Ватан.

Магар қадршиносию эҳтиромдорӣ зиёдтар аз ин хоҳад шуд?! Ташрифи шоҳи хирадманд ба кошонаи як нафар раъияти қаламкаш устодро батамом муассир сохт. Ташрифи меҳмони олиқадр ба манзили ӯ мисли офтобе буд, ки абрҳои тираю хаёлоти андуҳборашро пароканда кард. Ба ҷойи андешаҳои ғамангез эҳсосоти наҷибу гуворои умедбахш падид омад. Не, Улуғзодаро фаромӯш накардаанд, турбату тобути ӯ бесоҳиб нахоҳад монд. Чун қаҳрамонҳои нигоштааш Фирдавсию Восеъ дар дилу дидаи халқаш ҷовидон хоҳад буд.

Устод боқии умри хешро бо чунин умеду орзуҳо ба поён расонд. Сад шукри Худованд, ки умеду орзуи ӯ баръабас нарафт. Фарзандони банангу номуси миллат тобути устодро соҳибӣ карданд. Ва Сотим Улуғзода, ин устоди забардасти каломи бадеъ ва ин сухансарои беҳамтои олами адаб дар хоки Ватан манзили охират ёфту турбати муборакаш зиёратгоҳи соҳибдилон гашт.

P.S. Шигифтбор аст қисмати бузургон. Ба сони Ҳакими Тӯс устод Улуғзода ҳам надид дар зиндагӣ ганҷи ранҷашро. Набуду надид, то бидонад, ки яке аз дурдонаҳои дунёи эҷодаш бо номи «Фирдавсӣ» китоби беҳтарини сол пазируфта шуд дар Эронзамин. Аҳли қалам хуб медонад, ки на ҳар таълифот сазовор мешавад ба чунин баҳои баланд. Хоса дар мулки тамаддунсози диёри Аҷам.

Ва боз набуд устод, то бубинад, ки бо чӣ гуна ихлосу сипос ва иззату эҳтироми бепоён арҷгузорӣ карданд ҳамватанонаш садсолагиашро. Гуфтем, ки надид устод ганҷи ранҷашро. Вале ин ҷо мегӯем: Он ганҷе, ки Сотим Улуғзода дарёфт кард, на ҳар кас метавонад пайдо кунад. Соҳиб гаштан ба қалби ҳама инсонҳо нодиртарин ганҷест барои ҳар инсон.

Саидалӣ БОБОХОНОВ

БОЛТАЕВ МАЛИК

Болтаев Малик Аҷикович 12 декабри соли 1957 дар ноҳияи Қӯрғонтеппа (ҳозира ноҳияи Бохтар) дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1973 мактаби миёнаи рақами 17-и ноҳияи Қӯрғонтеппаро хатм намуда, пасон дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино се сол таҳсил намудааст. Соли 1977 ба сафи Артиши Шӯравӣ даъват шуд. Соли 1979, баъд аз хизмати ҳарбӣ ба редаксияи газетаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ба кор даромада, то соли 1982 дар вазифаҳои мусаҳҳеҳ, сармусаҳҳеҳ, котиби техникии газета кор кардааст. Соли 1982 ба редаксияи газетаи ноҳияи Коммунистӣ - «Байрақи дӯстӣ» ба сифати котиби масъули газета ба кор гузашта, сипас ҳамчун мудири шуъбаи ҳаёти партиявӣ ва ҷонишини муҳаррири газета то соли 1989 кор кардааст. Соли 1989, баъди хатми факултаи биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар мактаби №30-и ноҳияи Бохтар ҳамчун муаллими фанни химия ва биология, ҷонишини директор оид ба қисми таълим ва директори мактаб фаъолият менамояд. Соли 1995 ба Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав ба кор гузашта, ба ҳайси ассистент, омӯзгор, саромӯзгор, мудири кафедра, декани факултаи химия ва биология фаъолият кардааст.

Болтаев М. А. номзади илм, муаллифи беш аз 40 мақолаи илмӣ, 10 дастури методӣ, васоити таълимӣ ва китоби дарсӣ буда, алҳол мудири шуъбаи аспирантура ва докторантураи ДДҚ мебошад. «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», узви ИЖТ (аз соли 1979) аст.

БА НОҲИЯИ ҶИЛИКӮЛ ГУЗАШТАНИ СОВХОЗИ «ГУЛИСТОН»

Таърихи ин ҳодиса нағз дар ёдам набошад ҳам, вале дигар ҷузъиёти онро хуб дар хотир дорам. Як рӯз ману Олимҷон Ёрасенов (руҳашон шод бод!) навбатдори газета будем. Соатҳои дувоздаҳ-дувоздаҳу ними шаб газета баъди чандин маротиба хондани навбатдорон, ба қавле «тоза» шуд. Акнун мебоист барои чопаш имзо мегузоштем. Дар ҳамин лаҳзаи нозук, ки ҳамаи кормандони масъули шумораи ҳамонрӯзаи газета «уф, хайрият тамом шуд!» гуфта, оҳи сабук кашидаву нав гирди чойники чой ҷой гирифтанӣ буданд, ки Олимҷон якбора хитоб кард:

- Бачаҳо, мо як хатои сиёсӣ кардем.

- Чӣ хел хато? - баробар пурсиданд ҳама.

-Медонед, Ҷиликӯл бо ду ҳарфи «л», яъне Ҷилликӯл навишта мешавад. Мо бошем, онро бо як «л» навиштем.

- Охир дар матни асл як «л» омадааст-ку, - гӯён мо матни Указі Президиуми Шӯрои Олии РСС Тоҷикистонро нишон додем.

- Не, - гуфт ӯ паст наомада, - ман дар райони Ҷиликӯл калон шуда, ба воя расидаам. Ҷиликӯл дуто «л» дорад.

- Хайр ду «л» бошад, ду «л», - гӯён мо дар саҳифаи якуми газета дар матни указ ба ҷойи «Ҷиликӯл» «Ҷилликӯл» навиштем ва аз саҳифабанд Александр Ярмухамедов, ки хурду калон ӯро бо меҳр «дед Саша» меномиданд, хоҳиш кардем, ки онро иваз намояд. Дед Саша (руҳаш шод бод!) шояд аз ғояти саросемагӣ ва ё хастагӣ буд, ки он сатрро ба ҷойи зарурӣ неву ба ҷойи дигар ҷойгир карда, «ана, дуруст шуд» гӯён оварданд. Сатри ишорашударо муқоиса кардем. Он ислоҳ нашуда буд. Мо аз сари нав онро ишора карда, ба дасти дед Саша додем, то ислоҳ кунанд ва он кас сатрро дуруст карда оварданд.

Баъди ин Олимҷон «ана, дуруст шуд» гуфта, ба чопи газета имзо гузошт ва ҳама хурсандона аз ҷой бархоста, хона

ба хона шудем.

Рӯзи дигар, баробари ба ҷой кор ҳозир шудан, ҳис кардем, ки чизе шудааст, зеро тамоми кормандони идораи газета бесаранҷом буданд.

- Шумо чӣ кор кардед? - мепурсиданд аз мо.

- Чӣ кор кардаем? - чизеро нафаҳмида, савол медодем мо.

- Указро хонда бинед.

Мо газетаро ба даст гирифта, матни указро аз назар гузаронидем. Дар он омада буд: «Совхози «Гулистон»-и райони Вахш ба ҳайати райони Ҷилликӯли вилояти Қӯрғонтеппа гузаронида шавад.

- Хайр чӣ шудааст? - ҳанӯз ҳам ба асли воқеа сарфаҳм нарафта пурсидем мо.

- Охир, медонед, ки совхози «Гулистон» куҷову райони Ҷиликӯл куҷост? О, дар байн райони Колхозобод ҳаст-ку!

Танҳо баъди ин суханҳо мо дарк кардем, ки ба қавли Олимҷон, чӣ «хатои сиёсӣ»-е содир намудем.

Бо табъи хира оқибати корро интизор будем. Ниҳоят баъди муддате дар ҳузури муҳаррири ҳамонвақтаи газета Муқимҷон Абдураҳмонов ҷамъомаде барпо шуду моро чун «ҷинояткорони сиёсӣ» ба давра баровnarданд. Баъди сарзанишу сурху сафедиҳои зиёде ба мо яктогӣ «виговор» эълон карданд ва қарор шуд, ки дар шумораи навбатии газета ба мазмуни зайл тасҳеҳ дода шавад: «Савхози «Гулистон»-и райони Вахш ба ҳайати райони Колхозободи вилояти Қӯрғонтеппа гузаронида шавад».

Ҳамин тавр, ҳақ ба ҳақдор расид, яъне совхози «Гулистон» соҳиби асосиашро ёфт. Вале баъди ин воқеа ҳама «Ҷилликӯл»-ро «Ҷиликӯл» менавиштагӣ шуданд.

Малик БОЛТАЕВ

ВАЛИЕВ ЗИКРУЛЛО

9 феврали соли 1956 дар ноҳияи собиқ Даҳанакиик (Хуросони имрӯза)-и вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Хатмкардаи факултаи филологияи ӯзбеки Донишкадаи давлатии шаҳри Хуҷанд аст. Фаъолияти эҷодиашро соли 1979 дар шуъбаи ӯзбекии рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» оғоз намуда, соли 1985 ба рӯзномаи ҷумҳуриявии «Совет Тожикистони» («Халқ овози») даъват шуд. Ҳамчун рӯзноманигор ва шоир дар ин рӯзномаҳои муътабари вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ маҳорати худро сайқал дод.

Асарҳои ҷудогонаи Лоиқ Шералӣ, Саидалӣ Маъмур, Низом Қосим, Зулфия Атоӣ, Кароматулло Мирзоев, Зуҳуриддин Суярӣ ва дигар адибони тоҷикро ба забони ӯзбекӣ хеле хуб тарҷума кардааст. Муаллифи се маҷмӯаи ашъор мебошад.

17 декабри соли 1992 Зикрулло Валиев дар синни 36-солагӣ ба таври фоҷиавӣ ҳалок гардид.

МАЪНАВИЯТ

Ӯзининг бадавлат эканини кӯз-кӯз қилишни ӯрнига қӯядиган шуҳратпараст танишим бор. У ҳамиша энг охирги модада кийиниб, хориж матолари билан кӯзларни «куйдиради».

Тоза кийиниш яхши, бироқ ялтир, юлтирларга берилиш, маънавий ҳарислик…

Шуҳрат эмас, бойлик эмас,
Адлу инсоф ёр бӯлсин,
Жулдур либос кийсанг ҳамки,
Одамлигинг бор бӯлсин…

ИНСОФ

Ёш ёзувчи янги битган асарини калондимоғ мунаққидга ӯқитиб маслаҳат олмоқчи бӯлди. Мунаққид асарни менсимасдан қӯлга олиб, эринчоқлик билан кӯз югуртирдида, томдан тараша тушгандай: «Бӯлмабди» деди. Ёш адиб руҳсизланмади. Билъакс ғайрат билан ижод этмоққа киришди. У ҳали яхши асарлаш ёзса не ажаб:

Бир чӯғ алангага айлансин учун,
Қӯзғамоқ жоиздир лахчани ҳар он.
Оловни сӯндирар нафаси билан,
Қалбида музи бор такаббур нодон.
Ҳар кимнинг зеҳнига қаричи мосдир,
Ҳар кимда ӯзгадир таъбу фаҳму дид.
Баҳо бермоқ бӯлсанг қай бир битикка,
Инсоф-андиша қил, Ҳазрат-Мунаққид!

Аз маҷмӯаи «Саъдиёна»-и З. ВАЛИЕВ

ВАЛИЕВ УМАР

1 январи соли 1930 дар ноҳияи Ховалинг ба дунё омадааст. Соли 1947 омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб ва соли 1954 Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанберо бо ихтисоси муаллими забону адабиёт ба поён расонидааст. Чанд муддат корманди кумитаи комсомолии вилояти Кӯлоб ва мудири шуъбаи пропагандаи кумитаи партиявии шаҳри Кӯлоб буд. Баъдан дар мақомҳои котиби масъули рӯзномаҳои «Байроқи коммунизм», «Ҳаёти нав»-и ноҳияи Арал (имрӯза ноҳияи Восеъ) ва аз соли 1966 то соли 1974 ҳамчун муҳарририи рӯзномаи «Мубориз» (имрӯза «Гулхани Восеъ»-и ноҳияи Восеъ) кор кард. Аз соли 1974 то поёни умраш (соли 1984) дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» ба ҳайси мудири шуъбаи саноат ва сохтмон, пасон, котиби масъул ифои вазифа намудааст. Умар Валиев баробари рӯзноманигори хуб будан, дар тарбияи насли ҷавони журналистони вилоят саҳми муносиб гузоштааст.

Узви Иттифоқи журналистони СССР буда, бо чандин ордену медал ва ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шудааст.

ТАФОВУТ АЗ КУЧО ТО БА КУЧО

Мардуми вилоятамон то Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр ба ҷуз деҳқонӣ ва майдакосибӣ, шуғли дигаре надоштанд. Сохтмони заводи пахтатозакунии шаҳри Кӯлоб ба тараққиёту пешрафти саноати вилоят ҳисса гузошт. Баъди ин сохтмони заводҳои равғанкашӣ ва хишт анҷом ёфт. Акнун зиндагии одамон дигар мешуд. Иқтидори иқтисодии вилоят пайиҳам меафзуд. Имрӯзро агар бо гузашта муқоиса кунем, дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи вилоят пешравии азимро

мебинем. Пайиҳам ба кор даромадани корхонаҳои саноатӣ, ба монанди заводҳои таҷрибавии таҷҳизоти технологӣ, ширу равған, нонпазӣ, асфалту комбинати гӯшти шаҳри Кӯлоб, консерва, пахтатозакунӣ, оҳану бетонии райони Москва, пахтатозакунии райони Фархор, асфалти райони Ховалинг, намаки райони Восеъ, муассисаи ғаллақабулкунии шаҳри Кӯлоб ва ғайраҳо дар пешравии иқтисодии вилоят бунёди бобақое гузоштанд. Дар тӯли 50 сол сети роҳҳои аҳамияти маҳаллию давлатӣ дошта зиёд шуданд. Ташкилотҳои калонтарини сохтмонӣ, ба мисли трестҳои «Кӯлобводстрой» ва «Кӯлобоблселстрой» бунёд ёфтанд, ки ҳоло онҳо бештар аз 20-25 миллион сӯмина корҳои сохтмонии деҳотро ба ҷо меоранд. Солҳои охир бошад, партия ва ҳукумат барои азхуд намудани заминҳои бекорхобидаи вилоят, тараққӣ додани соҳаи боғу токпарварию чорводорӣ аҳамияти калон дода истодаанд. Сохтмони туннели ирригатсионии 14-километраи Данғара ба авҷ меравад. Хоҷагиҳои нав ба нави токпарварӣ бунёд ёфта истодааст. Аз рафти тараққиёти имрӯзаи ҷануби республика маълум аст, ки ояндаи саноат, алоқа, сохтмон ва нақлиёти вилоятамон ниҳоят калон аст. Дар солҳои наздик муассисаҳои нави саноатӣ, ташкилотҳои сохтмонӣ, алоқаю нақлиёт ташкил хоҳанд ёфт.

Дар республика сохтмони аввалин комплекси таҷрибавии агросаноатии Ховалинг бомуваффақият давом дорад, ки барои сохтмони навбати якуми он давлат 110 миллион сӯм ҷудо кардааст.

Умуман, дар назди меҳнаткашони вилоятамон вазифаҳои калону масъулиятнок дар пешанд, ки дар роҳи иҷрои онҳо газетаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» бояд ҳиссаи арзандаи худро гузорад. Гуфтан лозим аст, ки дар пропагандаи таҷрибаи пешқадам оид ба корхонаҳои саноатӣ, ташкилотҳои сохтмонӣ, нақлиёт ва алоқа ходимони шуъбаи саноат ва нақлиёт бо ёрии мухбирони коргару деҳқон фаъолона иштирок мекунанд. Қариб дар ҳар шумораи газета аз кору бори ин ё он истеҳсолотчии пешқадам, бригадаи намунавӣ, ронан-

даю сохтмончӣ сухан меравад. Танҳо соли ҷорӣ шуъба оид ба туннели ирригатсионии Данғара силсилаи мақолаҳои зиёди проблемавиро бо номи «Данғара: Користон» пешкаши хонандагон намуд. Силсилаи мақолаҳои «Одамони сарбаланди Ховалинг» низ ба хонандагони сершумори газета хеле писанд омаданд. Бо чунин тараққиёти азим ҳаҷми кори шуъбаи саноат ва нақлиёти газетаамон низ хеле зиёд гардид. Дар назди худ мақсад гузоштаем, ки минбаъд ҳам корҳои пропагандистиро пеш мебарем. Шуъба ба нақша гирифтааст, ки дар оянда доир ба меҳнати фидокоронаи фотеҳони дашти Данғара, туннели ирригатсионӣ, ки он манбаи ҳаёти ин сарзамин мегардад, проблемаҳои ба миёномадаи нақлиёт, саноат материалҳои ҷолиб тайёр намояд.

Умар ВАЛИЕВ,
мудири шуъбаи саноату нақлиёт,
узви Иттифоқи журналистони СССР
(«Роҳи ленинӣ», Ҷашннома, майи соли 1983)



ГАДОЕВ МИРЗО (КӮҲДОМАНӢ)

Соли 1946 дар ноҳияи Шӯрообод таваллуд шудааст. Соли 1966 омӯзишгоҳи маданӣ-маърифатии ноҳияи Ленин (имрӯза ноҳияи ба номи Рӯдакӣ)-ро хатм кардааст. Дертар, соли 1969, пас аз адои хизмати ҳарбӣ дар сафи артиши Шӯравӣ, ба Университети давлатии Тоҷикистон (имрӯза Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) шомил шуда, онро соли 1974 бо ихтисоси журналист хатм кард. Пасон, фаъолияти рӯзноманигориашро дар рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб»-и шаҳри Кӯлоб оғоз намуда, дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ», Кумитаи телевизион ва радиои вилояти Хатлон ифои вазифа намудааст. Муддате, то соли 2008, сармуҳаррири рӯзномаи «Инсон ва қонун» (нашрияи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон) буд.

16 китобаш рӯйи чоп омадааст, аз ҷумла «Мактаби ҳаёт», повести «Вориси Гулзор», «Таърих ривоят мекунад», «Шерозаи таърих», «Нишоне аз нишон» аз зумраи навиштаҳои Мирзо Гадоев буда, ба дасти хонандагон расидааст. Асари тозаэҷоди ӯ бо номи «Ривояти кӯҳи Фурӯш» иборат аз 7 китоб омодаи чоп буда, таърихи даҳҳазорсолаи халқи тоҷикро аз давраи Неолид то ин дам дар бар мегирад.

Мирзо Гадоев соҳиби 7 фарзанд буда, алҳол дар шаҳри Душанбе зиндагӣ мекунад. Узви Иттифоқи журналистони собиқ СССР, узви ИЖТ, узви Итиҳоди нависандагони Тоҷикистон аст. Бо тахаллуси Кӯҳдоманӣ эҷод мекунад.

ҶОЕ, КИ ДАРЁ МЕГУЗАШТ

Одамони сарбаланди Ховалинг

Дар идораи Совети қишлоқи Ховалинг ҷамъомади роҳбарони хоҷагиҳои мавзеи ин ҷо мегузашт. Ба мо лозим омад, ки то анҷоми маҷлис дар кати чойхонаи зери чинорҳо нишинем. Мардуми Хо¬валинг ин чинорҳоро ҳамчун рамзи хотираи гузаштагони сарбаланди худ пос медонанд. Чанде пештар атрофи онҳо ифлос буд, ин ҷо баробари оғоз ёфтани сохтмони иттиҳодияи агросаноатии чорводорӣ симои худро дигар намуд. Атрофи чинорҳоро панҷара гирифтанд. Он ҳавзи хурдакаки пештараро дигар кардаанд. Ҳавзи калони сементӣ барпо намуданд, ки ин ба ҳашамати чинорҳои атроф шукуҳи дигар медиҳад. Дар ин ҷо ошхонаи замонавӣ сохта шудааст. Дар ҳақиқат, ин ошхона зебо буда, аҷаб нест, ки беҳтарин бинои Ховалинг бошад.

Таги чинор, болои кат маҳтали Туғак Дӯстов нишастаем. Он кас баъди маҷлис омада, моро ба майдони чорвофарбеҳкунӣ бурданӣ. Дар кати назди мо мӯйсафеде нишастааст. Вай боқувват ва хеле хушҳол менамуд. Бо ин пирамард то омадани роҳбаладамон гарму ҷӯшон суҳбат оростем:

- Ҳозир Ховалинг аз ҳеҷ шаҳр монданӣ надорад, - мегӯяд мӯйсафеди хушбахт, - обод шудааст.

Баъди маҷлис рафиқ Т. Дӯс¬тов омад ва мо ҷониби майдони молфарбеҳкунӣ роҳ пеш гирифтем. Панҷ сол пеш байни бинои аэропорт ва посёлкаи Ховалинг санговзамин буду бас. Танҳо дар ду тарафи канори роҳ ҷо-ҷо дарахтони ҳархела ба чашм мерасиданд. Имрӯз мо манзараи дигареро мебинем. Роҳи калони асфалтпӯш аз байни иҳотаи дарахтон мегузарад. Дар канори чапи роҳ дигаргуниҳои калоне ба чашм мерасад. Инҷо посёлкаи коргарнишин бунёд ёфтааст. Биноҳои комбинати хизмати маишӣ ва идораю ташкилотҳои гуногуни сохтмонӣ қомат рост карда, аэропортро ба маркази иттиҳодия пайваст намудаанд.

Посёлка қафо мемонад. Дар тарафи роҳ сехи бетонтайёркунӣ беист кор карда истодааст. Мошинҳои пурбор ҳам ҳар дам аз он ҷо баромада, роҳи коргоҳи худро пеш мегирифтанд.

Солҳои пеш, ин ҷо чи, тав¬ре гуфтем, замини беҳосил буд. Одамон заминҳои домани теппаҳоро истифода мебурданду халос. Рости гап, агар шахс якчанд соли охир ба ин ҷо наомада бошаду ин манзарарo якбора бинад, бо чунин сохтмонҳои доманадор дар ҳайрат мемонад.

Дар назди даромадгоҳи майдон меистем. Роҳбаладамон моро ба тамошои бинои нав таклиф кард. Пешайвони биноро сутунҳои сернақшунигору кандакорӣ шуда оро медиҳанд.

- Ин сутунҳоро ҳамон усто Ҳисайн Раҳимове, ки чойхонаи маркази совхозро оро додаст, сохтагӣ, - мегӯяд Т. Дӯстов. Дар ин ҷо устоҳо машғули кор буданд. Дӯстов усто Ҳисайнро пурсид, вале ӯ барои овардани масолеҳи сохтмонӣ ба иттиҳодия рафта будааст.

- Мо ин чойхона-ошхонаро барои он дар ин ҷо сохтем, ки аз он на ин ки коркунони майдони чорвофарбеҳкунӣ, балки ронандагону сафаракиҳо ҳам баҳравар гарданд. Азбаски чойхона бо суратҳои ҳайвоноту манзараҳои зебои табиат оро дода мешаванд, ба он «Чойхонаи табиат» ном монданд.

Дохили майдон мешавем. Дар охири роҳ агрегатҳо машғули майда ва хушхӯр намудани хӯроки чорво мебошанд.

- Вақте ки, - ба нақлаш давом медиҳад рафиқ Дӯстов, ба бинои дуошёна ишора намуда, - ин хона ба истифода дода мешавад, мутахассисон ба он кӯчида меоянд. Кӯчида, ки омаданд, кори назорати майдон хеле осон мешавад.

Аз байни пешайвонҳои чорвонигоҳдорӣ мегузарем. «Дарозии ҳар яки ин пешайвонҳо аз як километр дарозтар аст, - илова кард Дӯстов. - Майдони фарбеҳкунии чорво ба участкаҳои алоҳида ҷудо карда шудааст. Чорво дар ин ҷойҳо вобаста ба зот ва синну сол нигоҳ дошта мешавад. Ҳоло дар ин ҷо як коргар ба ду ҳазор сар чорво нигоҳубин менамояд.

Баъди пурра ба кор даромадани иттиҳодия, мувофиқи нишондод, як кор¬гар 4 ҳазор сар говро парвариш мекунад: ин дар шароити имрӯзаи кӯҳистон як чизи навест. Дар айни замон бошад, дар хоҷагиҳои чорводор як одам 100 сар говро бонӣ карда метавонад».

Мошинҳо хӯрокиро ба охӯрҳо тақсим карда мерафтанд. Дар ин ҷо ба говҳо омехтаи консентрат, оби лаблабу, ему дигар хӯрокиҳо дода мешавад. Дар як шабонарӯз ба чорвои дар ин майдонбуда камаш 200 тонна хӯрокӣ медиҳанд.

- Ояндаи иттиҳодия бисёр калон аст, - мегӯяд рафиқ Т. Дӯстов ва моро ба майдони васеъ, ки нав ҷо-ҷо корҳои сохтмонӣ сар шудаанд, мебарад.

Барои анҷом додани навбати аввали иттиҳодия давлат 110 миллион сӯм ҷудо кардааст. То имрӯз андаке камтар аз 37 миллиони ин маблағ аз худ карда шудааст.

Мо дар назди хонае, ки қисми зиёди он дар зери зи¬мин аст, (ҷойи он чуқур кофта шудааст), қарор мегирем. Ин ҷо аксар ҷавонон кор мекунанд. Дар дохили ин бино 6 насоси пуриқтидор ҷой гирифтааст. Рӯзҳои наздик ин насосҳо ба кор медароянд. Баъди ба кор даромадани насосҳо ҳар сол давлат фоидаи калон мегирад. Поруи чорвои тамоми майдон ба воситаи қубурҳо ба ҳавзи махсус оварда мешавад. Ин насосҳо бошанд, поруро то баландии 300 метр (аз ҷойи майдон) боло бардошта, ба ҳавзи участкаи Тутак мерезанд. Аз ин ҳавз, ки ғунҷоиши он хело калон аст, ба заминҳои атроф қубурҳои махсус кашида шудаанд. Илова бар ин, аз Оби Мазор, аз дурии 13 километр ба ин ҷо канали болопӯшида сохта шудааст. Поруи ба ҳавз овардашуда бо об омехта карда мешавад. Сонӣ, аз ин ҷо мувофиқи нишондоди мутахассисон, ба ғаллазору юнучқазор ва дигар кишти заминҳои хӯроки чор¬во поруоб дода мешавад.

- Барои иҷрои ин кор, - мегӯяд Туғак Дӯстов, - мо қариб, ки ягон сӯм сарф намекунем. Аз ин ҳавз ба кадом замин, ки хоҳем, обро равона карда метавонем.

Ҷавони кушодачеҳрае моро ба сохти ин насосҳои

пуриқтидор, ки дар вилоят бо-ри аввал истифода мешаванд, шинос мекунад. Ин ҷавон Ҷумъа Каримов ном дошта, аз районни Ленинград омадааст ва ду сол боз дар ин ҷо кор мекунад.

- Мо бисёр хурсандем, - мегӯяд Ҷумъа. - Зеро дар сохтмони чунин иншооти бузург иштирок намуда, ҳиссаи худро мегузорем.

Оре, аз байн солҳо мегузаранду Ҷумъа барин чандин ҷавонҳо ба фарзандони худ мегӯянд, ки «Иттиҳодияро мо ташкил карда будем». Ҷумъа моро то беруни бино гусел намуду зуд аз пайи иҷрои кораш рафт. Дар шафати насос як гуруҳ мардони дигар ба гузоштани трансформатори баландшиддати электрикӣ машғуланд. Ин ҷо инчунин, якчанд хонаҳои зебое қомат рост карданд. Ин хонаҳо барои он коргароне, ки дар ин участка кор мекунанд, сохта шудаанд. Дар район аэропорт, ав¬тобаза барои 400 мошин, ошхонаю чойхона, устохонаи таъмирӣ сохта мешаванд. Имрӯзу фардо сохтмони бинои автобаза анҷом меёбад. Аз рӯйи нақшаҳои инженерӣ, ин ҷо кӯчаи васеъ сохта шуда, ду тарафи онро хонаҳои коргарон зеб медиҳанд.

Ховалинг дар ояндаи начандон дур ба яке аз районҳои саноатии мутараққии республика табдил хоҳад ёфт. Дар ин ҷо илова ба анҷом додани майдони чорвофарбеҳкунию дигар корҳои иҷрошуда боз беморхона, клубу китобхона, кинотеатри ҳозиразамон дар назар дошта шудааст. Барои фарзандони коргарон ду мактаби миёнаи боҳашаммат сохта мешавад.

Роҳамонро давом медиҳем. Роҳбаладамон моро боз ба тамошои атроф таклиф ме¬кунад.

- Ҳо ана, дар домани он теппа заводи консерва, дар он сангзор комбинати гӯшт ва дар шафати он заводҳои коркарди пӯст сохта мешаванд. Ба худ як тасаввур кунед, ки дар ин дашти холӣ чӣ гуна корхонаҳои азим бун¬ёд мегардаанду зиндагии ин ҷо чи хел дигаргун мегардад.

Байни замини кишт ва санглоху бекорхобида хатти

қубурҳои обгузар кашида шудаанд. Байни ҳар 60-100 метр сари онҳо намоёнанд. Ба воситаи ин қубурҳо ин заминҳо обшор карда мешаванд.

- Нақшаи 10-15 сол пешро имрӯз ҳал карданамон лозим аст, - мегӯяд Т. Дӯстов. - Аз ин рӯ, мо барои тараққиёти минбаъдаи чорводорӣ тамоми чораҳоро андешида истодаем. Дар айни за¬мон замини корами тобеи иттиҳодия 11 ҳазор гектарро ташкил мекунад, 2 ҳазор гектари дигар зери боғҳо мондаанд. 9 ҳазор гектари дигарро барои парвариши юнучқа пешбинӣ кардаем. Лекин кӯҳҳои Ховалингу домани кӯҳпораи он имконият медиҳад, ки аз замини юнучқа ҳосили дилхоҳ гирем. Аз ин рӯ, мо барои аз ҳар гектар гирифтани ҳосили баланд тамоми воситаҳоро меандешем.

Дар ҷо-ҷои заминҳо чоҳҳои оби зеризаминӣ кофта шудаанд. Ҳоло оби зиёде аз онҳо фаввора зада истодааст. Илова бар ин, майдони 200 гек¬тар юнучқазор дар гармои тобистон, ба воситаи қубурҳои обу борон обёрӣ кар¬да мешавад. Дар ин сурат мо аз юнучқа 2 дарав нею 5-6 дарав мегирем.

Оре, имрӯз бахри ин мақсади наҷиб дар тамоми заминҳои ин ҷо кор ҷӯш мезанад. Экскаваторҳо ба кандани каналҳо машғуланд.

Умар ВАЛИЕВ,
Мирзо ГАДОЕВ
(“Роҳи ленинӣ”, № 81, аз 28-уми апрели соли 1983)



ҒАНИЕВ ДАВЛАТ

Давлат Ғаниев имсол ба синни муборaки 80 расид. Баъди хатми донишкада солҳои тӯлонӣ ба кори пурзаҳматии омӯзгорӣ ва рӯзноманигорӣ машғул шудааст. Дар рӯзномаҳои ноҳиявии «Мубориз»-и нощияи Восеъ ва вилоятии «Роҳи Ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб бештар аз 30 сол ба ҳайси ходим, мудири шуъба ва котиби масъул кор кардааст.

Ҳоло Давлат Ғаниев нафақахӯр ва беш аз ду сол боз дар манзили истиқоматиаш дар ноҳияи Восеъ бемори бистарист. Ҳайати эҷодии рӯзномаи «Хатлон» орзуманди шифои комилу оҷиди ин устоди сухан аст, ки ба кӯмаку ғамхории мақомоти давлатии ноҳияи Восеъ ниёз дорад.

ҒОИБ ҲАҚНАЗАР

7 январи соли 1943 дар деҳаи Офтобликҷои Кӯлоб дар оилаи деҳқон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Ҳақназар Ғоиб баъди хатми мактаби миёна омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлобро ба поён расонида, солҳои 1962-1966 ҳамчунин дар Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб таҳсил кардааст. Аз соли 1966 то ин ҷониб рӯзноманигорӣ мекунад. Раиси комитети телевизион ва радиои вилояти Кӯлоб (1974-1981), котиби масъули бахши Кӯлобии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1989), сармуҳаррири рӯзномаҳои вилоятии «Роҳи ленинӣ», «Хатлон» (1990-1993), сармуҳаррири рӯзномаи «Навиди Кӯлоб» (аз соли 1993 то инҷониб) ва ҳамзамон аз соли 2002 то ин ҷониб сарварии бахши Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро дар вилояти Хатлон ба уҳда дорад.

Ҳақназар Ғоиб яке аз чеҳраҳои шинохта ва намоёни адабиёти муосири тоҷик мебошад. Наздики 30 маҷмӯаи ашъорашро ба табъ расонидааст. Ҳамчунин дар кори тарҷумаи адабиёти ҷаҳонӣ, шиносоии он ба мардуми тоҷик хизмати шоистае кардааст. Тавассути қалами ӯ ашъори Евтушенко, Есенин, Григол Абашидзе, Ҳусейн Ҳусейнзода, Гёте, Мижилайтес, Иван Бунин, Ақсад Мухтор, Махдумқулӣ, Яъқуб Колас, Абдулло Ориф ва дигарон ба забони тоҷикӣ нашр шудаанд.

Шоири Халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, ҷоизаи адабии ба номи устод Мирзо Турсунзода мебошад.

ОН КИ ҒАМИНИ ӮЕМ, ПАРВОИ МО НАДОРАД

Ранҷидан аз дили мо, эй ҷон, киро надорад,
Ин тифли шӯху саркаш ақли расо надорад.
Ҳарчанд пухта тобем, хомем бас, чӣ чора,
Ин хомкории мо ҳеҷ интиҳо надорад.
Ҳар як фиреби ширин дар умри мост талхӣ,
Охир сароб ҳаргиз дасти сахо надорад…
Ин умри бебаҳоро бо чӣ кунам баробар?!
Ғайри мухаббати ту, дигар баҳо надорад…
Оби равонӣ, эй дӯст, ман як ҷавони наққош,
Дар об нақшҳоям умри бақо надорад.
Беҳуда ҳар касеро доғошно нахонанд,
Захме, ки монд дар дил, асло даво надорад.
Дигар чӣ сон бигӯям: парвои кас надорам,
Он ки ғамини ӯем, парвои мо надорад.
Дар ишқи ту хамӯшӣ беҳтар зи розгӯист,
Оҳанги мурдани гул охир садо надорад.
Хӯ гир бо ғам, эй дил, к-ин бенаво ҳама умр
Ҳеҷ одати шикасти расми вафо надорад…
Дар роҳи ҷонгудозӣ бошад саодати мо,
Бе зарби захма торе созу наво надорад.

ПОРЧАЕ АЗ ДОСТОНИ «СУРУШИ ХАТЛОН»

Гар бигӯям бо кадомин сеҳри олам як сари дунё,
Ногаҳон пайваст рӯзе бо сари дигар,
Мекунӣ бовар, аё ёвар?

Гар бигӯям аз пулушки сӯзане дунё гузашт охир,
Мекунӣ бовар, аё ҳамроҳу ҳамтақдир?
На! Ба ҳаштоду дусад тахмин,
Ту надорӣ боварӣ бар ин.

Лек агар гӯям, ки аз Растов
Бо ҳазору як шикасту баст,
Бе савори раҳбалад аз ҷанг
То ба Хатлон аспи Хатлӣ роҳ паймудаст,
Мекунӣ бовар?
Аё ҳамрозу ҳамсоғар?

Қиссаи ман нест афсона,
Қиссае аз ҷанги Гирмон аст,
Қиссае аз бозии ҷон аст.
Аспи Хатлиро падар мегуфт,
Аскарӣ бурданд,
Чокарӣ бурданд.
Аспро ин ҷанг
Буд бегона.
Ӯ ба ҷанги одамӣ бар одамӣ мерафт –
Саргарангона,
Роҳ бегона,
Хок бегона,
Аз замин то гунбади афлок бегона,
Шаҳсавораш бо дили бебок бегона.

З-ин фазои ношиносу нафратовар асп
Дошт рӯзи ғуссабору дошт ҳоли танг...
Оқибат рӯ тофт ҳасратбор,
Аз набарду ҷанг.

Омаду дар хоки Хатлонаш
Ғел зад бо меҳр.
Ин ҳикоят гӯш кун, ай ҷон,
Нест оё сеҳр?

Асп сар то пой
Буд лойолуд,
Асп сар то пой захмин буд…
Дар нигоҳаш оташи кин,
Оташи кин буд…

Дар замони ҷанг гарчи ҷумла фоҷеа
Аз вуқӯоти қаторӣ буд.
Лек медонед, чӣ рӯзи сиёҳу шум
Бар сари аспи фирорӣ буд?

Нозирони давр бо қонуни ондаврӣ,
Суд карданд аспро бо ҳукми инсонӣ.
Ашк аз чашмони аспи бахтбаргашта
Бар замин мерехт арзонӣ.
Ёри ҷон, оё ту медонӣ,
Суди аспи безабон чун аст?
Суди аспи Хатлии мо лаб ба лаб оҳи дили хун аст.
Осмони меҳри вожун аст…

Баъди ҳукми суди ҳарбӣ пеши рӯ овар:
Охирин аспи Хутал дар хуни гарми хеш гулгун аст.

* * *

Як шабистони пурситора шудам,
Ҳама аз нуру нурпора шудам.

Бе хаёлам мабош, эй ҳама Ишқ,
Ки ман аз Ишқ ишқпора шудам.

Эй, ки рӯзи дилӣ, ба шом марав,
Ошиқат садҳазорбора шудам.

Як замон рафтию ба санги дилат
Як шудам, санг, санги хора шудам.

Аз чӣ санги дилат ба хора задӣ?
Ки ду милёну даҳ шарора шудам…

Ошиқат, ошиқат дубора шудам,
Як шабистони пурситора шудам.

Эй, ки рӯзи дилӣ, шабат бинигар:
Ҳама аз нуру нурпора шудам.

ДАВЛАТОВА ТОҶИНИСО

Дар шаҳри Кӯлоб ба дунё омадааст. Соли 1968 мактаби миёнаи №7-и шаҳри Кӯлоб ва соли 1972 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро хатм намудааст. Аз соли 1972 то соли 1990 ба ҳайси рӯзноманигор дар рӯзномаи шаҳрии «Ҳақиқати Кӯлоб» ва рӯзномаи вилоятии «Роҳи Ленинӣ» фаъолият кардааст. Солҳои 1990-1995 корманди китобхонаи вилоятӣ ва солҳои 1995-1998 сардори шуъбаи танзими мутахассисони раёсати фарҳанги вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб буд.

Оиладор, соҳиби чор фарзанд.

БОНУИ ҚАЛАМКАШ

Мусоҳибаи маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» бо Тоҷинисо Давлатова, журналисти собиқадори тоҷик.

- Шуморо ба иди матбуоти тоҷик табрик мегӯем ва баъдан мехостем бидонем, ки чаро омӯзгор неву рӯзноманигор шудед?

- Соли 1972 баъди хатми донишкада, маро бо роҳхати Вазорати маориф ба ҳайси омӯзгор ба ноҳияи Ховалинг фиристоданӣ шуданд. Бо сабаби дурии роҳ ва бе дастёр мондани модари беморам, ман ба ин розӣ нашудам. Баъдтар ба редаксияи газетаи «Ҳақиқати Кӯлоб» ба ҳайси котиба ба кор даъват карданд, пазируфтам. Чор-панҷ сол аз миён гузашта буд, ки рӯзномаи вилоятии Кӯлоб таъсис ёфт. Аксари кормандони рӯзномаи шаҳрии мо ҳам ба он ҷо ба кор гузаштанд. Сармуҳаррири рӯзномаи навтаъсиси «Роҳи ленинӣ» Қувват Холов маро низ ба ҳайси мухбир ба кор гирифт.

Бо қаламкашони ҳирфаиву шинохта фаъолият кардан масъулият ва кайфияти махсусе дорад. Ман ҳатто нафаҳмидам, ки чӣ тавр 23 соли ҳаётам дар ин ҷода сипарӣ шудааст. Даҳ

сол таҳти сарварии рӯзноманигор ва шоири машҳур, шодравон Шоҳмузаффар Ёдгорӣ фаъолият кардаам. Аз ӯ натанҳо нозукиҳои касб, балки дарси одаму одамгарӣ низ аз бар кардаам. Он замон муҳити коргоҳ пур аз муҳаббату зебоӣ буд…

- Муҳити оилавиатон чӣ? Кори эҷодӣ ба он халал намерасонд?

- Шукр, оилаи хубе дорам. Бо шавҳарам якдигарро дӯст дошта, хона бунёд кардаем. Агар муҳити оила солим набошад, бону нафақат кори эҷодӣ, балки ҳеҷ кореро табъи дил ба анҷом расонида наметавонад.

Шавҳарам Ғаффор Давлатов, ки худ омӯзгор (мудири озмоишгоҳи факултаи физикаи ДДК) аст, маро хуб мефаҳмид, кӯшиш мекард, ки дар хона бароям муҳити ороми эҷодӣ фароҳам оварад.

- Дар фаъолияти рӯзноманигориатон ҳолатҳои фаромӯшнопазир рух медоданд?

- Албатта, зиёд буданд чунин лаҳзаҳо. Зиндагии журналист, ки бо баду неки мардум шарик аст, наметавонад якмарому бе моҷаро бошад. Боре ҳамроҳи рӯзноманигор Давлаталӣ Раҳмоналӣ аз колхози «Ленинград»-и ноҳияи Кӯлоб (ҳоло ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) як мақолачаи танқидӣ дарҷ кардем. Пеш аз чоп маводи нимтайёрро ба сармуҳаррир Шоҳмузаффар Ёдгорӣ нишон додем. Он кас маъқул карданд. Мақола нашр шуд. Баъдан он мақола бо кӯшиши Давлаталӣ дар барномаи танқидии «Суҳбати дӯстон»-и радиои Тоҷикистон низ садо дод. Дар он камбудиҳои зиёди хоҷагӣ қайд шуда буд. Раиси ҳамонвақтаи колхоз Абдуҷаббор Зардиев бо даъво чанд карат ба идораи рӯзнома омад. Раис сахт оташин буд. Вале шодравон Шоҳмузаффар Ёдгорӣ як феъли хуб дошт. Ҳеҷ гоҳ мухбиронашонро ба дасти даъвогарон «намесупурд».

- Шумо бештар дар кадом шуъбаи рӯзнома кор кардаед?

- Тӯли ин солҳо дар шуъбаи сохтмони советӣ ва саноат кор кардаам. Бештар бо сохтмончиён, савдогарон, кормандо-

ни суду прокуратура сару кор доштам.

- Матбуоти онвақта аз имрӯза бо чӣ фарқ мекунад?

- Гумон мекунам, таъсири рӯзнома дар даврони Шӯравӣ ба ҷомеа бештар буд. Мақолаҳои танқидӣ нишонрас буданд. Агар далелҳои мақолаи танқидӣ тасдиқ мешуданд, шахси танқидёфта ё аз вазифа сабукдӯш мегардид ё ҳатман ҷазо мегирифт. Ҳатто аз болои баъзе гунаҳкорон парвандаи ҷиноӣ низ боз мегардид.

Мақолаҳои ҷиддии тавсифӣ низ таъсири амиқ доштанд. Шахси сифатшуда ҳатман ба эътибори роҳбарон сазовор мегардид, ҳатто дар вазифа ягон зина боло бароварда мешуд. Рӯзноманигор низ обрӯ ва мақоми махсуси худро дошт. Хубии кор ин буд, ки 70-80 фоизи мардум рӯзномаву маҷалла мехонданд.

- Имрӯз кадоме аз рӯзнома ва маҷаллаҳоро мутолиа мекунед?

- Аз нашрияҳои давлатӣ маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон» ва аз ҳафтаномаҳои ғайридавлатӣ ҳафтавори «Фараж» ва «СССР»-ро мехонам. Дил мехоҳад тамоми матбуоти давриро аз назар гузаронӣ, вале афсӯс, маош намерасад…

- Дар давоми 23 соли фаъолият бо чанд нафар занони рӯзноманигор кор кардаед? Умуман, мавқеи занро дар матбуоти даврони Шӯравӣ чӣ тавр арзёбӣ мекунед?

- Дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» шумораи бонувони рӯзномангор хеле кам буданд. Вақти ба кор омаданам, дар тамоми вилояти Кӯлоб танҳо шодравон Адолат Амирова ба ҳайси натток ва рӯзноманигор фаъолият дошт. Баъдан, Моҳитобон Шарифова ба кор омаданд. Руҳашон шод бод, инсони наҷибе буданд. Чанде бо сардабири имрӯзаи маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон», Ҳуриннисо Ализода низ ҳамкорӣ кардаам.

Билоли ШАМС
(бознашр аз маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон», марти соли 2012)

ДАВЛАТОВ КАРИМ САФАРОВИЧ

17 октябри соли 1951 дар ноҳияи Кӯлоб таваллуд шудааст. Донишгоҳи давлатии Кӯлобро соли 1972 бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик ва Мактаби олии ҳизбии шаҳри Тошкандро соли 1982 бо ихтисоси сиёсатшинос хатм намудааст. Давлатов К. С. фаъолияти меҳнатиашро пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб соли 1974 то соли 1976 ба ҳайси роҳбари ҳарбии мактаби миёнаи №13-и ноҳияи Восеъ оғоз намудааст. Ӯ солҳои 1976-1980 ҳамчун ходими адабӣ, мудири шуъбаи рӯзномаи «Роҳи ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб кор кардааст. Солҳои 1982-1993 муҳаррири рӯзномаи «Мубориз»-и ноҳияи Восеъ, солҳои 1993-1995 дабири коргузори Ҷамъияти саҳҳомии «Чолтош»-и ноҳияи Восеъ, солҳои 1996-2000 хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум», солҳои 2000-2009 мухбири махсус, муовини аввали сармуҳаррир ва муҳаррири шуъбаи ҳуқуқии рӯзномаи «Ҷумҳурият» кору фаъолият намудааст.

Аз соли 2009 то ҳол дар мансаби муовини роҳбари дастгоҳи раиси шаҳри Душанбе кор мекунад.

Давлатов К. С. соли 2002 бо медали «Хизмати шоиста» мукофотонида шудааст. Оиладор, соҳиби 4 фарзанд мебошад.

ДАДАБОЕВ КАМОЛҶОН КОМИЛҶОНОВИЧ

22 апрели соли 1990 дар шаҳри Қӯрғонтеппа, дар оилаи коргар чашм ба дунёи ҳастӣ кушодааст. Таҳсил дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №12-и шаҳрро соли 2007 бомуваффақият ба итмом расонид. Худи ҳамон сол ба рӯзномаи вилоятии «Хатлон» ба ҳайси тарроҳ ба кор омада, ҳамзамон курси кӯтоҳмуддати омӯзиши компютериро хатм намуд. Дар тӯли солҳои кор дар рӯзнома нозукиҳои дизайни саҳифаҳоро аз худ намуда, дар босифату саривақт ба хонанда расидани нашрия саҳмгузор аст. Дар баробари фаъолияти пурсамар нозукиҳои касби хешро ба ҷавонони навкор меомӯзонад. Инчунин донишҷӯи соли 5-уми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав мебошад.

Камолҷон Дадабоев бо кори ҳалолу хислати нек дар байни ҳамкорон соҳибиззат мебошад. Аз соли 2009 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон аст.

НАМУНАҲОИ КОРИ ТАРРОҲӢ

БАНӢ ОДАМ АЪЗОИ ЯК ПАЙКАРАНД

ХАТЛОН

Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон

№ 26 (2868) ЧОРШАНБЕ, 27 июни соли 2012 E-mail: khatlon.tj@mail.ru

Рӯзи Ваҳдати миллӣ муборак, ҳамдиёрони азиз!

ПАЁМИ ТАБРИКИИ

15 ИКТИБОС АЗ СУЛҲУ ВАҲДАТ БА ГИРОМИДОШТИ СОЛИ ВАҲДАТИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

ИТТИЛОИЯ

7 РӮЗИ ХАТЛОН

САТҲИ НОДОРӢ ДАР СОЛИ 2015 ТО 30% КОҲИШ МЕЁБАД

ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТ: СИФАТИ РОҲ ҚАНОАТБАХШ НЕСТ

ОШКОР ШУДАНИ БОЗ ЯК ҶИНОЯТ ДАР КӮБОДИЁН

ТАРОЗУСОН ХИТОЙ – «РАДДИ МАЪРАКА»?

ТАҚДИМИ ШАШ МОШИНИ «ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ» БА ФАРХОР

ДАСТРАСИИ 1900 СОКИНИ БОХТАР БА ОБИ НӮШИДАНӢ

ДЕҲАХО НОМИ ТОҶИКӢ ГИРИФТАНД

Наврӯзи ватан муборак, ҳамватанон!

БАНӢ ОДАМ АЪЗОИ ЯК ПАЙКАРАНД

ХАТЛОН

Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон

№13 (2906) ПАНҶШАНБЕ, 21 марти соли 2013 E-mail: khatlon.tj@mail.ru

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТЕМУРМАЛИК

ТӮЙИ СУННАТӢ ДАР КӮДАКИСТОН

ХАТНАСУРИ 110 КӮДАК АЗ ОИЛАҲОИ НОДОР

НАВРӮЗРО БО ОҒӮШИ ПУРМЕҲР ИСТИҚБОЛ ГИРЕМ

СОЛИМИИ ҶАВОНОН – ОЯНДАИ МИЛЛАТ

Моем дигар мардуми осудаву обод,
Кам ҳаст чу мо рӯи замин мардуми дилшод!

БАНӢ ОДАМ АЪЗОИ ЯК ПАЙКАРАНД

ХАТЛОН

Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон

№ 47 (2889) ЧОРШАНБЕ, 14 ноябри соли 2012 E-mail: khatlon.tj@mail.ru

БА СУЛҲУ САЛОҲ АРҶ ГУЗОРЕМ

ДДК: КОНФЕРЕНСИЯ БА ХОТИРИ АРҶГУЗОРӢ БА «ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ»

Э. ЭСАНКУЛОВ: БАЪЗЕ ВАКИЛОН МЕГУФТАНД, КИ ҲУКУМАТИ НАВ 7 РӮЗ НАМЕПОЯД...

БАНӢ ОДАМ АЪЗОИ ЯК ПАЙКАРАНД

ХАТЛОН

Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон

№ 34-35 (2828) ПАНҶШАНБЕ, 8 сентябри соли 2011 E-mail: khatlon.tj@mail.ru

Мо бояд пеш аз ҳама ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва дигаргуниҳои миллиамонро таҳким бахшида, ҳамеша ба ҳифзи суботи кишвар ва оромии ҷомеа саъю талош намоем. Эмомалӣ РАҲМОН

20 сол

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак, ҳамватанони азиз!

ПАЁМИ ТАБРИКИИ

АРМУҒОН БА ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ

ЗЕРИСТГОҲИ НАВИ БАРҚӢ

ЁДГОРӢ НОЗИР

Ёдгорӣ Нозир 10 феврали соли 1956 дар деҳаи Кадучии ноҳияи Восеи вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Нависанда ва журналисти тоҷик. Шуъбаи журналистикаи факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон (имрӯза ДМТ) -ро хатм кардааст. Ходими газетаи «Роҳи ленинӣ»-и собиқ вилояти Кӯлоб (1978-1981), мухбири махсуси газетаи «Адабиёт ва санъат» (1981-1986) буд. Пас аз соли 1986 ба ҳайси мухбир ва муҳаррири шуъбаи газетаи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») кор кардааст. Аз соли 2000-ум сардори Хадамоти матбуоти ШСХК «Барқи Тоҷик» мебошад.

Нахустин ҳикоя ва тарҷумаҳояш соли 1973 дар саҳифаҳои матбуот пайдо шуданд. Муаллифи маҷмӯаҳои «Лаҳзаи тулӯъ» (1986), «Рӯ ба рӯшноӣ» (1988, қисса ва ҳикояҳо), «Садди оташ» (1994, очеркҳо), «Зиндагӣ дар пояи ду кӯҳи намак» (1995, очеркҳо), «Бӯсаи мор» (2002, қисса ва ҳикояҳо), «Бори вазнин, роҳи дароз» (2010, қисса ва ҳикояҳо) ва асарҳои зиёди публитсистӣ мебошад. Ҳикояҳояш ба забонҳои русӣ, украинӣ тарҷума шуда, дар маҷмӯаҳои дастҷамъӣ ба табъ расиданд. Аз адиби рус В. Распутин қиссаҳои «Пул барои Мария» ва «Валентин ва Валентина», адиби эстон Маатс Трат романи «Рақси гирди деги буғ» ва аз руҳшинос, нависандаи америкоӣ Дейл Карнеги рисолаҳои «Чӣ тавр ташвишу ҳаяҷонро пушти сар кунем?»-ро ба тоҷикӣ гадонидааст.

Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (аз соли 1994), Аълочии матбуот ва барандаи ҷоизаи ба номи Лоҳутист. Соли 2012 бо мукофоти давлатии медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардидааст.

«МУЛЛО АФТОЛ»

Ҳикоя

На мулло асту на худро донишманд метарошад…

На ба касе душманӣ дораду на аз пайи мазоҳу масхараи касе ҳаст…

Бо вуҷуди ин, аз дар ворид шудани мӯйсафеди кулӯлаи айнакӣ кифоя аст, ки маърака пурра ранги дигар гирад; аз ин зуҳурот касе ноҳинҷору нороҳат мегардад ва касеро димоғ чоқ; бисёриҳоро лабҳо ба табассум моил мешавад; ҳангомаҷӯйҳоро худо медиҳад ва онҳо аз пайи кофтану ба гап даровардани ӯ мешаванд.

Аслан гирем, ягон саргузашти ғайриоддӣ ва ягон камиву зиёдие аз дигарон надорад бобои Абдул, ин мӯйсафеди синну солаш дар таги ҳаштод, вале ҳанӯз бақувват. Як умр паси чамбари трактори тасмачарх нишаста, замин кушодаву замин кишт карда, бо обилаи даст нон хӯрдааст. Ва бобои Абдул тӯли умр ба трактору тракторчигӣ чунон одат карда буд, ки ҳоло ҳам дар нутқи худ ҳатман қисмҳои трактор ё ягон ибораи ба он алоқамандро истифода мебурд. Масалан, дилро «матор», пойҳоро «ходовой» мегӯяд. Чанд сол пеш ба Душанбе рафта, чашмҳояшро ҷарроҳӣ карда буд. Пурсидаанд, гуфтааст:

- «Фар»-ҳоро ремонт карда омадем…».

Хислати аз ҳама фарққунандаи бобои Абдул он аст, ки хеле ҳозирҷавоб ва ҳар гапе дар дил дорад, бе ягон хотирбинӣ ба рӯи одам мегӯяд. Оддиву рост, ки ҳаст, дурӯғу дурӯягиро бад мебинад. Ана аз ҳамин рӯ, баъзеҳо аз ӯ ҳаросу истиҳола доранд, вале аксарият ин рафторашро меписанданду ӯро ҳаводорӣ мекунанд. Дар маъракаҳо ӯ бештар бо мулло Хайриддин, ки ба қавли бобои Абдул, онҳо аз хурдӣ якҷоя ба воя расида, амаксифат ҳам ҳастанд, ҳафту ҳашт мекунад. Дигарон ба ӯ «мулло» ё «махсум» гуфта, муроҷиат намоянд, бобои Абдул хушку сард «Хайриддин»-аш мегуфт. Ҳатто баъди ҳаҷ рафта омадану

«Ҳоҷӣ Хайриддин» шуданаш, ӯ барои бобои Абдул ҳамин хел «Хайриддин» монд.

Дар ҳақиқат, гуфтору рафтори Ҳоҷӣ Хайриддин, калонгириву калонтарошиаш ба бисёриҳо маъқул набуд. Махсусан, вақтҳои охир, баъди аз ҳаҷ баргаштан, қонуну қоидаҳое мебаровард, ки дар ягон китоби Худо зикр наёфтаанд. Ин ҳама бобои Абдулро хеле ба ғазаб меовард. Бо вуҷуди ин, онҳо якҷоя, ки калон шуда буданд, бобои Абдул нағз медонист, бо гап ин одамро аз райъаш гардондан, аниқтараш ба ӯ гап маъқул кунонидан ҳеҷ имкон надорад. Ва мӯйсафед ҳар қадар метавонист, Ҳоҷиро музлам ва сирри нағмаҳояшро фош менамуд. Ин ҳама махсус таҳия намегашт, балки худ ба худ, гӯё дар омади гап пайдо мешуд. Воқеан ҳам, ба бобои Абдул ҳеҷ маъқул набуд, ки ин одами аз кӯдакӣ инҷиқу ноқис, ки ҳама хубу гандагияшро нағз медонистанд, имрӯз аз ҳама боло гузашта (таклиф кунанд-накунанд, ӯ аз боло мегузашт) нишинад ва фазилатфурӯшӣ намояд. Вале ҳар қадар бобои Абдул Ҳоҷӣ Хайриддинро борҳо мулзам мекард, ӯ ҳеҷ ор намегирифт.

...Як рӯз, вақте баъди адои намози пешин мӯйсафедҳо дар сояи тути саҳни масҷид нишаста, фароғат доштанд, бобои Абдул аз киса пуфак баровард. Ҳама дам ба дарун кашиданд: «Чӣ гапе мешавад!»

Бобои Абдул ба касе эътибор надода, пуфакро дам мекарду пуч - дам мекарду пуч.

- Боз чӣ номаъқулӣ карда истодаӣ, Авдул!? - аз рӯйи одат тоқат накарда, ба мудохила гузашт Ҳоҷӣ Хайриддин. - Ҳич ай кӯдакбозит намондӣ-да!

- Кӯдакбозӣ нест! Пуфакро бахши ту овардам, - ба ӯ рӯ овард бобои Абдул.

- Чӣ кор мекунам пуфаката?...

- Пури дамаш мекунӣ... Даму нафаси ту, худат мегӯӣ, бисёр тез, ягон дуои зӯрата хонда, ба пуфак пуф кун. Хона мебарам, баҷо мекунам: вақте даркор шуд, шабу нимшаб кӯдак-пудак лоҳаз шуд, оҳиста-оҳиста кушода, ба рӯш сар

медиҳам.

- Науззунбиллоҳ!... - дар ғазаб шуд Ҳоҷӣ Хайриддин. - Даму дуоро ҳам мазоҳ мекунӣ-ҳа, касофат!

- Худо нигоҳ дорад! Асло мазоҳ накардаам… Дина буд ё парер, дидам раиси Холиқро бо шланг дам карда истода будӣ-ку. Як сари шланг дар дасти Холиқ, сари дигараш дар дасти ту. Ту мехондиву куф мекардӣ, ӯ даҳонашро кушода, нӯги шлангро дар даҳон халонда буд.

- Гулӯдард буд… Баъд гуфт, ки нафасам бӯйи нос мекунад. Ҳамин ҳилларо кор фармудем, - гӯё худро сафед мекарда бошад, изҳор дошт Ҳоҷӣ.

- Бо шланг дам кардан мумкин бошад, чаро бо пуфак мумкин нест? Ягон вақт даму дуоят даркор шаваду худат набошӣ, чӣ кор мекунем? Баъдан, о-о-дам, як дам! - гуфтаанд. Кӣ медонад: имрӯз ҳастему пагоҳ не, даму нафасат дар пуфак бошад, то дер боқӣ мемонад…

Худи ҳамон рӯз, қиссаи бо шланг раиси Холиқро дам кардани Ҳоҷӣ Хайриддин ва кашфиёти ба пуфак вобастаи Абдул дар тамоми деҳа паҳн шуд…

Умуман, Ҳоҷӣ Хайриддин аз бобои Абдул ҳол надорад. Ба ҳар «фатво»-и ӯ «шак» меорад, ҳар «кашфиёт»-и нави ӯро «рад» месозад. Тамоми маърака, тамоми маҳалла ба ин шоҳиданд ва ошкору ниҳон аз Ҳоҷӣ дида, бештар Абдулро тарафдорӣ мекунанд. Боре байни онҳо баҳсе рӯй дод, ки Ҳоҷӣ хеле мулзам шуд. Баҳс вақте ба вуқӯъ пайваста буд, ки Хайриддин нав аз ҳаҷ баргашта, чунон ҳаво гирифта буд, ки бо нӯги бинӣ осмонро мехарошид. Ҳар рӯз гапу қонуни наве мебаровард. Дар ҳамин овон як рӯз ӯ фатво дод, ки аз дари масҷид даромадан баробар бояд ягон кас ягон калимаи урусиро ба забон нагирад: ин куфр аст, аз ин дида барои фарзанди мусалмон гуноҳи сахттаре нест!

Ҳама медонистанд, ки ин суханони Ҳоҷӣ Хайриддин аз ҳама бештар ба бобои Абдул равонаанд. Ва ӯ маъракаро дуру дароз интизор накард; даррав ҷавоб гардонд ва боз чӣ гуна ҷавоб…

- Тақсирам, - ба Ҳоҷӣ муроҷиат кард Абдул. Ҳама фаҳмиданд, ки ин муроҷиати ӯ истеҳзонок аст: хеле кам иттифоқ меафтад, ки бобои Абдул ба Ҳоҷӣ Хайриддин ба чунин унвон муроҷиат карда бошад.

- Чӣ мегӯӣ! - теғ кашида нигарист ҷониби Абдул Ҳоҷӣ Хайриддин. Маълум, ба муҳофизати худ тайёрӣ мебинад.

- Як савол доштам: ба биҳишт фақат мусулмонон мераванд ё намояндагони дигар дину мазҳабҳое, ки кори нек мекунанд, зиндагии пок доранд, низ бо ин шарафёб мешаванд.

- Ҷаннатулмаъво фақат ҷойи миллати мусулмон аст. Ба ин шак наоред, - ҷониби бобои Абдул нанигариста, фукашро аз муқаррарӣ баландтар бардошта, ҷавоб гардонд Ҳоҷӣ.

- Ту ба ҳаҷ бо чӣ рафтӣ: пиёда ё харсавор?

- Савора, - ҷавоб дод Ҳоҷӣ Хайриддин аз дигар шудани мавзӯи саволи Абдул каме ҳайрон шуда ва бо фахр афзуд: - Бо самолёт, «Ту-154».

- Хӯш, акнун ҷавоб деҳ: кӣ сохтааст ҳамон самолётро? Туполев ё Тоҷиддини бурёбоф (Падари Хайриддин)? Ин хел, ки бошад, магар беадолатӣ нест, ки дар биҳишт фақат намояндагони як дин ҷой дода шаванду дигар касони некрой фақат бо айби намояндагони дигар дин будан, аз он маҳрум. Охир, ҳамаро Худои яккаву ягона халқ кардааст-ку. Ҳоҷӣ Хайриддин ҷавоб наёфт. Чизе зери лаб ғур-ғуркунон оҳанги хестан намуд. Бобои Абдул аз ғалаба руҳ гирифта, афзуд:

- Хайриддин, шин. Ҳоло ман тамом накардаам. Нав фатво додӣ, ки дар масҷид ягон калимаи русӣ нагӯем. Худат гуфтӣ ку: «самолёт», «Ту…».

Ҳоҷӣ Хайриддин дигар лол монд. Ҳатто чанд рӯз мардум ҳис кард, ки ӯ аз муқаррарӣ камгап шудааст…

Ба ғайр аз баҳсҳои бо Ҳоҷӣ Хайриддин мардум ба қиссаву саргузаштҳои дигари бобои Абдул низ хеле мароқ доранд. Махсусан ҷӯрагӣ ва рафтуомадаш бо Сафари Тоза, ки дар

рафтор пурра хилофи хулқу хислати Абдул аст, хеле аҷиб менамояд. Сафар, марди бағурур, сараш ҳама вақт баланд, хушаш наояд, саломи якто-нимтаҳоро алейк намегирад, низ як умр бо Абдул якҷоя тракторчӣ буд. Бо касе соз намегирифт, танҳо Абдулро эътироф мекард ва гапашро мегирифт. Зиёда аз ин, Абдул худ намозхон шуда, дар солҳои охири пеш аз нафақа баромадан тавонист, ки Сафарро намозхон кунад.

... - Розӣ шуд, - ҳикоя мекунад бобои Абдул дар ин бора. - Аниқтараш розияш кардам. Гуфтам: Сафар, бин, ҳарду пирхар шудем: сарҳо сафед, ришу бурут сафед, соҳиби набераву абера. Хайрият, меъда ғам доду арақа бас кардӣ, набошад, ким-кайҳо дар ягон канал тракторро чаппа карда, ҳаром мемурдӣ. Инаш ҳам тараҳҳуми Худо... Биё, намозхон шав, инаш ҳам он қадар гапе не...

- Ҳо, буртае! - ҷавоб дод Сафар, - мехоҳӣ маро намозхон куниву савоб гирӣ.

- Савоби ту даркор не. Барои худат мегӯям. Пагоҳ-фардо ба нафақа мебароем. Намозхон бошӣ, ақаллан ҷойи рафт меёбӣ: масҷид.

Хулоса, Абдул тавонист, ки Сафарро розӣ кунонад. Ҳамаи фарзу суннатҳои таҳорату одоби намозро омӯзонд, сураҳоеро, ки худаш медонист, ӯро низ аз ёд кунонд. Оқибат, рӯзе фаро расид, ки Сафар мустақил намозхон шуд. Бо вуҷуди ин, дар як кунҷи дили Абдул доимо шубҳае ниҳон буд: «Риоя мекарда бошад ҳамаи қоидаҳоро?».

Як рӯз, вақте Сафар ба канал барои адои таҳорат фуромад, Абдул ӯро поист. Рост баромад тахминаш. Сафар чаппа таҳорат мекардааст.

- Чӣ хел чаппа? – мепурсанд сомеон аз Абдул.

- Чаппа ҳамин хел, ки аввал даҳонашро об мегардонад, дасту рӯ мешӯяд баъд запчасту пойҳояшро.

...Ношукрит Сафаре! Чӣ хел таҳорат кардӣ? - пурсидам аз ӯ вақте боло баромад.

- Чи хел, ҳамаро шустам, пок, фаришта...

- Чаппа таҳорат кардӣ-ку?

- Ҳамин хел қабул шавад, мехонам намоз, нашавад – гуноҳам дар гарданат. Ман ҳеҷ вақт аввал ҷойи ҳаромамро намешӯяму баъд бо ҳамон дастҳо даҳонамро… Дар канал собун набошад!... – гуфт ӯ ва болои буфери трактор баромаду азон дод.

Ин як тараф, аз ҳама қиссаи аҷоиб Абдулро занаш гумон кардани Сафар аст. «Оё ҳамин гап рост аст?» - шахсан худам пурсидам аз бобои Абдул.

- Рост, - тасдиқ кард бобо Абдул ва тафсил дод: - Лалмикории Эшонқудуқро шудгор мекардем. Ҷои хобамон хирман буд. Панҷ-шаш тракторчӣ рӯйи суфа паҳлӯи ҳам мехобидем. Мову Сафар бар ба бар афтодем, кӯрпа кам буд, таги як кӯрпа. Ногоҳ нисфи шаб ҳис кардам, ки Сафар аз китфонам мекашад:

- Малика, Малика (раҳматии занаш ҳамин хел ном дошт) ин сӯ бигард.

Фаҳмидам, ки хоболуд ӯ худро дар хона, дар паҳлӯи занаш гумон кардааст, як мушташ кӯфтам.

- Ношукри к… хестагият. Гум шав, хоб кун. Маликаро дар ин ҷо хоб мебинӣ.

Сафар бедор шуда, хеле шарм дошт. Гуфт, ки хомӯшии ману хомӯшии ту: зиёфат - ду хурӯс. Лекин ин хел корро хап карда намешавад.

***

Баъди гузашти солҳо вақте ба деҳа барои аёдати хешу табор рафтам, хабар ёфтам, ки бобои Абдул ҳам гузаштаасту Ҳоҷӣ Хайриддин ҳам. Ҳарду пасу дунбол, тайи як ҳафта…

Аммо қабл аз вафот бобои Абдул Ҳоҷӣ Хайриддинро боз як бор сахт мулзам кардааст. Ба дараҷае, ки баъди он Ҳоҷӣ соҳиби лақаб ҳам шудааст: «Мулло афтол».

Ҳоҷӣ, ки мудом даъво дошт бобои Абдул дар вақти тракторчӣ буданаш соляркаву афтоли колхозро дуздида мефурӯхт ва инро дар маъракаҳо ҳам борҳо гӯшрас месохт, як рӯз ба хонаи бобои Абдул афтолсуроғ меояд.

- Қулфҳо занг заданд, ним литр афтол даркор, - гуфтааст ӯ. – Ту тракторчӣ будӣ, медонам: хушанҷомӣ…

Аз ин бобои Абдул хеле мутаҳайир шудааст. Охир, бист сол пеш тракторчӣ буду ин одам нав афтолсуроғ омадааст: «Дар таги коса нимкосае ҳаст». Вале дар ин ҳолат ҳам худро аз даст надодааст мӯйсафед:

- Ҳозир, як дақиқа сабр кун! - гуфтаст ва занашро чеғ задааст:

- Тез инҷа биё, занак!

- Лаббай! - ҳозир шудааст дарров момои Шарифа.

- Ба мулло афтол даркор… Имшаб мебарорем?

Нозир ЁДГОРӢ



ЁДГОРӢ ШОҲМУЗАФФАР

Шоҳмузаффар Ёдгорӣ моҳи январи соли 1940 дар деҳаи Бузкушаки ноҳияи Ховалинг ба дунё омад. Баъди хатми мактаби миёнаи деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ, соли 1962 факултаи таъриху филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба итмом расонд. Ш. Ёдгорӣ охири солҳои 50-ум ва аввали солҳои 60-уми қарни гузашта ба майдони адабиёт ворид гардид. Чун ба адабиёт ва рӯзноманигорӣ шавқ дошту шеъру мақолаҳояш пайваста дар матбуот чоп мешуданд, ӯро барои кор ба рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (имрӯза «Ҷумҳурият») даъват карданд. Шоҳмузаффар Ёдгорӣ дар ин даргоҳ солҳои зиёд ба ҳайси ходими адабӣ ва мудири шуъба фаъолият намуд. Пасон, дар вазифаҳои корманди масъули Идораи тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, сармуҳаррири рӯзномаи собиқ вилояти Кӯлоб «Роҳи ленинӣ», котиби масъули шуъбаи Иттифоқи нависандагон дар минтақаи Кӯлоб, сармуҳаррири рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва мудири шуъбаи назми нашрияи адабии «Садои Шарқ» кор карда, дар рушду инкишофи адабиёт, матбуот ва фарҳангу маънавияти тоҷик саҳми арзанда гузошт.

Соли 1974 ба узвияти Иттифоқи нависандагон пазируфта шуда, солҳои зиёд узви садорати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва узви Кумитаи мукофотҳои давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ буд. Китобҳои ӯ «Як шоха гул», «Соҳили бахт», «Даргоҳи деҳқон», «Симои халқ», «Фарзандон», «Ҳар тори мӯ вафоям», «Вохӯрии гуворо», «Ишқи мо пирӣ надорад», «Ҳеҷ кас монанди ман дилдода нест», «Маро бо чашми дил бинед» бо таъбиру ибораҳои халқӣ ороиш ёфта, аз ғояҳои худшиносӣ, ифтихори ватандориву миллӣ саршор мебошад. Шеърҳояш ба забонҳои русӣ, украинӣ, қазоқӣ, ӯзбекӣ, арманӣ, литвонӣ ва қирғизӣ тарҷума шуда-

анд. Дар навбати худ Ёдгорӣ намунаҳои ашъори Қ. Қулиев, М. Ҷалил, Я. Смеляков, О. Туманян, А. Исаакян, Э. Охунова ва Я. Коласро ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст. Китоби очеркҳояш бо номи «Сарбандакҳои сурх албонҷ меҳӯранд» рӯи чопро дидааст.

Дар замони истиқлолияти кишвар Шоҳмузаффар Ёдгорӣ бештар ба наср рӯ овард ва аз рӯзгори ҳамзамонони мо, ҳусну қубҳи инсон дар ҳолатҳои мудҳиш бо номҳои «Васваса» ва «Талош» романҳои ҷолибе эҷод кард. Адиб барандаи Ҷоизаи адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба номи Айнӣ буда, бо унвони Корманди шоистаи Тоҷикистон ва нишону ифтихорномаҳо сарфароз шудааст.

Соли 2009 бар асари беморӣ реҳлат кардааст.

ХАЛҚИ МАН

(Силсила)

Халқи ман,
Бод фидоят ҷонам,
Ҳеҷ гаҳ бесару сомон набудӣ.
Пеши шамшери хунолудаи давр
Сангу сандон будӣ, осон набудӣ.

Бори вазнини замон бар пуштат,
Ҷабри айём ба поят чун хор.
Зулмати аср чу роҳат торик,
Тӯшаи роҳ – азобу озор;

Ҷон чу ашкат ба сари мижгонат,
Дил ба зери сина лабрези умед,
Сабр чун санги қаноат вазнин,
Орзу чун раҳи хуршед сафед.

Зиндагӣ буд чу дарё сархӯр,
Солҳо чун пули ларзонаки он.

Бигузаштӣ,
Бигузаштӣ охир,
Ту аз он пул, ки будат риштаи ҷон.

Бигузаштиву фикандӣ аз пушт,
Бори вазнини замонро чу гуноҳ.
Пок кардӣ арақат чун ашкат,
Аз сарат рафт ғаму кулфати роҳ.

Халқи ман!
Бод фидоят ҷонам,
Достони ту надорад поён,
Қиссаҳоят ҳама пандомӯзанд,
Рӯзгорат ҳама шӯру тӯфон.

XXX

Бечораю бенаво набуд халқ,
Бечораю бенаво замон буд.
Ҳар он чи замона меписандид,
Бо амри замон раво ҳамон буд.

Халқи ману кишвари азизам
Зинҳор, ки бенаво набуданд.
Дар зери сипеҳри бемурувват
Беравнақу безиё набуданд.

Ин кӯҳи баланд мисли тоҷик,
Дар сина диле, ҳарорате дошт.
Ин пири ҷаҳоннагашта аммо,
Зери лаби баста ҳикмате дошт.

Аз минаи чоркӯҳ тоҷик
Ду чашм ба авҷи осмон дӯхт.
Гаҳ гул шуду рӯи санг бишкуфт,
Гаҳ кард ғазо, аланга афрӯхт.

XXX

Гӯянд, ки кӯр буд тоҷик,
Тоҷик на!
Давр кӯр буда.
Бо айби яке баковули шум,
Комаш ҳама умр шӯр буда.

Тоҷик ба айби шомкӯре
Нодида гузашт он чи медид,
Нокарда бирафт он чи мекард,
Ногуфта бимонд он чи бишнид.

Тӯфону шамоли наҳси даврон
Мекушт чароғи орзуяш.
Дар боғи хазонрасида гул буд,
Гул буду набуд кас, ки бӯяш.

XXX

Ин обаки софи рӯди кӯҳӣ
Аз чашмаи ҳазрати Хизр нест.
Ин об зи кӯҳ бо талотум
Чун оҳ зи қалби халқ мехест.

Дарё, ки зи кӯҳ мефаромад,
Аз кӯҳ ҳикояти дигар дошт.
Ҳар мавҷ, ки сар ба санг мехӯрд,
Аз халқ ривояти дигар дошт.

Дарёи равон чӣ роздон аст!
Ҳамқисмати халқи роздор аст!
Ин об, ки нӯш кард тоҷик,
Об аст!
На!
Ашки кӯҳсор аст.

ОТАШАКЕ ЗАНУ БИСӮЗ

Даст ба рӯи дил бинеҳ, пой ба рӯи гул гузор,
Мӯй ба дасти ман бидеҳ, рӯй ба рӯи ман биёр...
Чашм ба чашми ман бидӯз, оташаке зану бисӯз,
К-ин ҳама ҳаст як нафас в-ин ҳама буд як баҳор.

Аз ғами ин ҷаҳони шум ин ҳама ғам кашидаем,
Додраси худему худ доду алам кашидаем.
Ёр ба хонаю вале гирди ҷаҳон бигаштаем,
Даст ба ғайр додаву даст зи ҳам кашидаем.

Санг мазан ба сӯи мо, ҳоҷати мо ба санг нест,
Ранг бубину ҳол пурс, ин ҳама ору нанг нест.
Синаи меҳр во бикун, танг биё ба синаам,
Дар дили ишқбози мо хонаи ёр танг нест.

Ҳасрати ёр то ба кай, ҳаҷри нигор то ба кай,
Чашм ба роҳи омадаш зору низор то ба кай.
Домани сабр меқапам, бахти маро барор бод,
Бехабариву қайсарӣ бо ману ёр то ба кай?

Х Х Х

Хомӯш будан фазилате нест,
Ин косаи заҳри хоб бишкан.
Ин бори гарони расми одоб
Аз пушти хароби хеш афкан.

Худро ту барои худ биомӯз,
Худро бишинос бо дили худ.
Гард аз сари китфи хеш афшон,
Бишнос дигар зиёну ҳам суд.

Аз ғафлати ҷовидонаи хоб,
Чашмат бикушову хешро бин.

Бишнав, ки чи мекунад садо дил,
Медон, ки туӣ ба хеш зомин.

Як бор ба дасти хеш бингар,
Бингар, ки чу путки оҳанин аст.
Ҳар обилае, ки дар кафи туст,
Як чашми кушодаи замин аст.

Бингар ба нигоҳи озмуда,
Бар оламу одамони олам.
Дар гулшани ин ҷаҳони ҳастӣ,
Аз ҳеҷ гуле ту нестӣ кам.

Ҳар субҳ ба офтоб бингар,
Ҳар рӯз бипурс номи худро,
Соҳибватанӣ, ватанбузургӣ,
Дар хонаи хеш бош пайдо.

Х Х Х

Дил бурун аз қафаси сина шуду афғон кард,
Хонаи ишқ бисӯзад, ҳамаро вайрон кард.
Менишастам ба хаёле, ба каноре беғам,
Ханд-хандон мани ҳайратзадаро гирён кард.
Чӣ бало буд, ки омад чу балои сӯзон,
Сӯхтаи худ чӣ бало буд, ки саргардон кард.
Доштам давлати бедору сари осуда,
Омад ин роҳзану бесару бесомон кард.
Лашкари васвасаҳояш тарабу айш рабуд,
Дӯсти душмани мо душманеи осон кард.
Ёдгорӣ зи ғами ишқ, ки месӯхт хамӯш,
Ба забон ҳеҷ нагуфту зи касон пинҳон кард.

Х Х Х

Агар тоҷик давлатдор мешуд,
Тамоми халқ миннатдор мешуд.

Агар тоҷики ман мухтор мешуд,
Ба бахти ҷовидона ёр мешуд.

Агар аз хоб хезад марди тоҷик,
Агар тоҷик бинад дарди тоҷик.
Шиносад хешро ҳар фарди тоҷик,
Баномусу банангу ор мешуд.

Агар тоҷик «ман» мегуфт худро,
Сазовори Ватан мегуфт худро.
Ватандори Ватан мегуфт худро,
Раҳо аз таънаву озор мешуд.

Ба ҳам медид агар фарзандҳояш,
Ба ҳам меканд банди бандҳояш.
Ба ҳам мебаст агар пайвандҳояш,
Агар тоҷики ман бедор мешуд.

Намебурданд агар ганҷи заминаш,
Намекарданд ғорат инчунинаш.
Намеафтид чин рӯи ҷабинаш,
Саодатёру савлатдор мешуд.

XXX

Мардро номардҳо бо дасти мардон мекушанд,
Бин, ки моро инчунин бисёр осон мекушанд.
Дӯстон дидам, ки мебӯсанд дасти душманон,
Дӯстонро душманон бо бӯсаборон мекушанд.
Мардҳоро бо ғазаб куштан сазои мард нест,
Мардҳоро дӯстдорон ханд-хандон мекушанд.
Ҷоншикори зираки мо дӯстдорӣ карду рафт,
Лек дил дод ин гувоҳ: ин дӯстдорон мекушанд.
Аҳди инсонӣ муқаддас мешуморему вале,
Он чунон дидам, ки инсон боз инсон мекушанд...
Ёдгорӣ гуфт пинҳон рози ишқи хешро,
Ошиқонро ғосибони ишқ пинҳон мекушанд.



ЁРАСЕНОВ ОЛИМҶОН

6 сентябри соли 1949 дар деҳаи Шидзи ноҳияи Рӯшони вилояти худмухтори Кӯҳистони Бадахшон дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Ҳанӯз дар вақти мактабхониаш аҳли оилаи ӯ ба ноҳияи Ҷиликӯли вилояти Қӯрғонтеппа кӯч бастаанд. Соли 1966 мактаби №44-и (онвақта ноҳияи Колхозобод) ноҳияи Ҷиликӯлро хатм намудааст. Фаъолияти кориаш аз соли 1966 ба ҳаси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ сар шудааст. Соли 1970 ба шуъбаи рӯзноманигории Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро бо дипломи аъло хатм намуд. Соли 1975 ба нашрияи «Ба пеш»-и ноҳияи Куйбишев ба кор омад ва то соли 1979 он ҷо мухбир буд. Соли 1979 рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» даъват шуда, дар ин нашрия мудири шуъбаи саноат таъин гардид. Аз соли 1986 то соли 1992 мудири шуъбаи хоҷагии қишлоқи ҳамин рӯзнома буд.

Аз моҳи июли соли 1992 дар назди кумитаи иҷроияи вилоят дафтари матбуотӣ таъсис гардид ва сарварии онро ба Олимҷон Ёрасенов супориданд.

Моҳи октябри соли 1992 дар айни авҷи нобасомониҳои Вахшонзамин, ба гуфтаи пайвандонаш, аз ҷойи кораш бедарак шуд. Ӯро мухолифони ҳунари журналистӣ ва мавқеъи шаҳрвандиаш бо худ ба самти номаълуме бурдаанд ва то ҳанӯз далели муътамаде оид ба марг ё зинда буданаш рӯйи даст нест.

Олимҷон табиатан шоир буд ва шеърҳояш пайваста дар рӯзномаҳои гуногуни ҷумҳурӣ чоп мешуданд. Ба ҳикоя ва очеркнависӣ низ рағбати калон дошт. Аммо афсӯс, ки китобат кардани шеъру ҳикояҳояш ба ӯ муяссар нагардид.

АГАР АЙНӢ НАМЕБУД...

Агар Айнӣ дар ин дунё намебуд,
Намебудӣ ту огоҳ аз дили ман.
Намесӯзондамат бо шуълаи шеър,
Намегардид равшан манзили ман.

Агар Айнӣ дар ин дунё намешуд,
Намешуд дар дили ман сӯзи Ҳофиз.
Мани бедил зи Бедил дар канора,
Намедоштам ба дастам хома ҳаргиз!

Агар Айнӣ дар ин дунё намебуд,
Намебудам мани кӯҳзода тоҷик.
Барои модарам бегона гашта,
Бароям асли ман мемонд торик.

Даруни синаам то Айнӣ дил буд,
Набудам аз куҳандунё халосӣ.
Зи «Марши Ҳуррият» дарёфтам охир,
Тариқи зисту тарзи худшиносӣ.

Яке гӯяд, ки Айнӣ – нури дида,
Дигар хонад, ки даври зиндагонист.
Варақгардонҳои давра гӯянд,
Зи панҷоҳ бештар маънои Айнист.

Яке ӯро ба шаҳпуле шабеҳ дод,
Ки байни рафтаву ояндагон аст.
Зи Омӯи дили ӯ Шарқ шодоб,
Ба олам миллати тоҷик нишон аст.

Забони тоҷикӣ устод Айнӣ,
Чу гул аз кӯҳсорон лолачин кард.
Чи хушбахтӣ, ки танҳо як рубоӣ

Туро бо манн, маро бо ту қарин кард.
Зиҳӣ ҷовид, аё устод Айнӣ,
Ки бо ту зинда шуд алфози тоҷик.
Кунун аз ҳар канору гӯшаи даҳр
Ба гӯшам мерасад овози тоҷик.

Хаёлам, зодаи нурест инсон,
Ки аз хуршеди тобон сар бигирад.
Тавонад як ҷаҳон афрӯхт бо дил,
Агар монанди Айнӣ дар бигирад.

ДӮСТӢ

Дӯстӣ хуршеди истиқлоли мост,
Дӯстӣ сарчашмаи иқболи мост,
Дӯстӣ беҳбудии аҳволи мост,
Дӯстӣ афъоли мо, омоли мост,
Дӯстӣ дар зиндагӣ шаҳболи мост,
Зиндаву поянда бодо дӯстӣ!

Боиси фатҳу зафарҳо - дӯстӣ,
Равнақафзои ҳунарҳо - дӯстӣ,
Ҳиммати болоназарҳо - дӯстӣ,
Қудрати дасти падарҳо - дӯстӣ,
Гулшукуфти баҳру барҳо - дӯстӣ,
Меҳрбахшоянда бодо дӯстӣ!

Ёфта раҳ андар дили пурсӯзи мо,
Дӯстӣ шуд маърифатомӯзи мо,
Дӯстӣ шуд инқилобафрӯзи мо,
Ёфт моро толеи фирӯзи мо,
Дӯстӣ хушбахтии имрӯзи мо,
Зинати оянда бодо дӯстӣ!

Дӯстӣ моро ба роҳи рост хонд,
Аз асорат дӯстӣ моро раҳонд,

Доғи чандинасра аз дилҳо равонд,
Фарқ байни миллату ирқе намонд,
Бар сари мо файзи шодӣ барфишонд,
Умросоянда бодо дӯстӣ!

ХАЙРБОД

Боз афтодам ба роҳи хештан,
Баъди чандил солҳо.
Дар дили як қатра ашкам шуд Ватан,
Аз пайи иқболҳо.
Дар дили розпарвари шаб сӯхтан,
Доштам омӯхтан.
Аз фурӯғи сурхранги шамъи шеър
Ёфтам афрӯхтан.
Ёд бод аз гулшани бигзаштаам,
В-аз раҳе, ки то кунун нагзаштаам.
Боз лабханд зад ба рӯйи ман ҳаёт,
Боз дарёфтам субот.
Рафт аз сар дудосо он хаёли тирагун,
Навгули шавқам шукуфт.
В-он ҳама андешаҳои дарднок
Дар канори хотироти ман нуҳуфт.
Боз бикшодам дару дарвозаҳои орзу,
Боз дар шабҳои равшан менамояд гуфтугӯ:
Бо ту, эй тобанда маҳтоб,
Бо ту, эй рақсанда об,
Лек бо ту, хоби ширин, хайрбод!

Олимҷони ЁРАСЕН
(аз дафтари шеърҳо, солҳои
70-уми асри гузашта)

ЗАУРОВ САНГМУҲАММАД

18 марти соли 1952 дар шаҳри Кӯлоб дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст. Пас аз хатми мактаби №6-и шаҳри Кӯлоб, соли 1970 ба Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) шомил шуд. Соли 1975 факултети забонҳои хориҷӣ, шуъбаи форсӣ-англисиро хатм кард. Пасон дар Институти педагогии ба номи А. Рӯдакии ш. Кӯлоб, ба кафедраи забонҳои хориҷӣ ба симмати ассисенти кафедра ба кор оғоз кард. Аз апрели соли 1976 то апрели соли 1979 аз тариқи Вазорати соҳтмонии нақлиётии Иттифоқи Советӣ ба ҳайси тарҷумони забони дарӣ дар шаҳри Кобули Афғонистон дар Вазорати фавоиди омма кор кард. Баъди баргаштан аз хориҷи кишвар, соли 1979 дубора муаллими кафедраи забонҳои хориҷии Института педагогии давлатии ба номи А. Рӯдакии Кӯлоб шуд. Аз аввали моҳи декабри соли 1982 то августи соли 1989 дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» аввал ҳамчун мусаҳҳеҳ, баъд ба ҳайси мухбир фаъолият дошт. Дар соли 1989 бинобар якҷоя гардидани вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа ва барҳам хӯрдани рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ», С. Зауров ба шуъбаи маорифи Кӯлоб ба кор гузашта, то соли 1993 дар вазифаи методисти забонҳои хориҷӣ фаъолият дошт.

Аз июни соли 1993 фаъолияти дипломатии ӯ дар ниҳодҳои гуногуни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ гардидааст. То ин замон дар вазифаҳои котиби II раёсати таҳлил ва тадқиқоти стратегӣ, котиби

II раёсати консулии ВКХ, муовини консули Тоҷикистон дар шаҳри Толиқони вилояти Тахори Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, мушовири раёсати таҳлил ва тадқиқоти стратегии ВКХ мушовири раёсати кишварҳои Осиё ва Африқои ВКХ, Консули Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Файзободи Афғонистон кор кардааст. Солҳои 2002-2007 дар сафорати Тоҷикистон дар Эрон фаъолият дошт. Аз феврали соли 2013 то ба имрӯз дар вазифаи мушовири Раёсати кишварҳои Осиё ва Африқои ВКХ ҶТ кор мекунад.

Бо ордени «Шараф дараҷаи II», медали ҷашнии «50-солагии ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 » ва медалҳои «За боевые заслуги», «От благородного Афганского народа» мукофотонида шудааст.

ИБОДОВ ИСМАТУЛЛО ХОЛОВИЧ

Зодаи ноҳияи Ваҳдат аст. Дастпарвари Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (1974) ва хатмкардаи мактаби олии ҳизбӣ дар шаҳри Тошканд (1985) мебошад. Ихтисосаш рӯзноманигор ва сиёсатшинос. Исматулло Ибодов баъди хатми донишгоҳ кори рӯзноманигорӣро аз нашрияи «Ҳаёти нав»-и ноҳияи Панҷ шурӯъ намуд. Корро аз вазифаи мухбир сар карда, то вазифаи котиби масъул сабзид. Соли 1978 ба кор ба рӯзномаи навтаъсиси «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа»-и вилояти Қӯрғонтеппа (ҳозира «Хатлон»-и вилояти Хатлон) даъват шуда, дар ин ҷо то соли 1981 ба ҳайси котиби масъул фаъолият кард. Солҳои 1981-1985 дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» муовини аввали муҳаррир буд. Солҳои баъдӣ муҳарририи нашрияи ноҳиявии «Коммуна» ва мақомҳои дигари роҳбарикунандаи соҳаҳои хоҷагии халқро ба дӯш дошт. Аз соли 1999 то имрӯз ба ҳайси сармуҳаррири ҳафтавори «Паёми андоз», баъдан «Боҷу хироҷ»-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Соҳиби ду китоби шеърӣ аст. Узви Иттифоқи нависандагон ва Иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошад.

ЗИНДА БОДО ОЛИ СОМОН!

Давлати худро зи таърих ончуноне кофтем,
Қиссаву афсонаи сад давлатеро бофтем,
Чархи гардун чарх зад, мо Оли Сомон ёфтем.

Руҳи Сомон шод бодо, зинда бодо давлаташ,
То ба гардун рафт, ёрон, эътибору шуҳраташ.

Давлати тоҷик буд дар аҳди Сомон муқтадир,
Оли Сомон дошт меҳри халқу кишвар дар замир.
Аз хирадмандии худ карда сағиронро кабир.

Оли Сомон, офарин бар давлату бар шуҳратат!
Сурмасон бар чашм бодо хоки поки давлатат!
Миллати моро ба дунё Оли Сомон зинда кард,
Номи тоҷикро ба покӣ дар ҷаҳон поянда кард.
Халқи моро дилпур аз имрӯзу аз оянда кард.

Зинда бош, эй Оли Сомон, ифтихори мову ман,
Руҳи покат бод умре руҳбардори Ватан!

Номи тоҷик шуҳра шуд чун дӯстпарвар дар ҷаҳон,
Тоҷикистонро сипар гардид ҳар тоҷик зи ҷон.
Ёфт охир давлате нав баъди Сомон ин замон.

Шод бош, эй Тоҷикистон, ҳамчу Сомон зинда бош,
Ҳамчу хуршеди замину осмон тобанда бош.

РУҶӮЪИ РӮДАКӢ

Бо Ватан пайванд зодам модар аз рӯзи азал,
Лафзи ширин дар забонам рехт ӯ аз кӯдакӣ.
Назми ман олам гирифта, меравад аз дил ба дил,
Ҳар куҷо гӯянд акнун «Офарин ба Рӯдакӣ!»

Чун уқобе хона дорам дар дили кӯҳи Ватан,
Резачинӣ кардаам аз накҳати боғу чаман.
Пнчуноне ман сурудам панду ҳикмат бешумор,
Шуҳраи шеърам бирафта аз Адан то бар Яман.

Дар сурудам васф кардам ҳусни хубони замин,
Ҳар ғазал мазмун гирифт аз ҳусни рӯйи маҳҷабин.
Рӯзу шаб дидам ба ҳар ҷо рӯйи хубони ҷаҳон,
Бурд дилро як даме он дилбари зебои Чин.

Бар Бухоро шеъри ман оварда шоҳаншоҳро,
Пеши пояш хам намуд аз арши боло моҳро.
Сорбонам бурд бар мулки дигар он корвон,
Шеъри ман андар забон кӯтоҳ кард ӯ роҳро.

Дар баҳори табъи ман гул буду булбул нағмахон,
З-ин сабаб ояд зи шеърам бӯйи гулҳои баҳор.
Гулшани маънӣ зи маъниям гирифта рангу бӯ,
Ҳусни табъам парда бигрифт аз гули ҳусни нигор.

ЭЙ, ҚАЛАМ!

Эй қалам, шукронаи ту, бо дили ман ҳамдамӣ,
Шод бошам, шодмонӣ, варна чун ман пурғамӣ.

Мебарӣ ҳар шаб маро бас саргарон то дурҳо,
Раҳ ба раҳ бо ман равон ҳастиву дида пурнамӣ.

Ҳамқадам бисёр буду ҳамқалам бисёр буд,
Рафта ҳар сӯ ҷумла умре, як туӣ, ки ҳамдамӣ.

Беш будӣ аз азал, кам гаштӣ охир раҳбараҳ,
Ҷумларо чун дидаӣ бо ман зи бешиву камӣ.

Роҳи ту бошад дар ин дунё раҳи тақдири ман,
Рост буд ону набинад, эй қалам, пушти хамӣ!

Исматулло ИБОД
(аз маҷмӯаи «Накҳати Ромит»,
Душанбе: «Адиб», 2008)



ИБРОҲИМОВ АШӮР

Шарқшинос, мутахассиси забони арабӣ Ашӯр Иброҳим ҳаёти басо рангин дорад. Пас аз хатми омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб дар соли 1957, чанд муддат корманди рӯзномаи шаҳрии «Ҳақиқати Кӯлоб» буд.

Баъди хатми Университети давлатии Тоҷикистон (ДМТ) соли 1964, ба ҳайси омӯзгори забони арабӣ дар мактаби деҳаи Зиракӣ кор мекунад. Баъдтар барои кор ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб даъват мешавад. Аз соли 1967 ба ҳайси мутарҷими Иттиҳоди Шӯравӣ дар давлати Мисри араб чор сол кор мекунад. Пас аз анҷоми вазифаи хизматӣ дар хориҷа, ба Ватан баргашта, дар таълимгоҳи №4-и Кӯлоб ба шогирдон аз забони форсӣ дарс медиҳад.

Бо аз нав таъсисёбии газетаи вилоятии «Роҳи ленинӣ», тарҷумони рӯзнома мешавад. Ашӯралӣ Иброҳимов то соли 1994 ба журналистика пайванд буд ва чун тарҷумон дар рӯзномаи вилоятӣ фаъолияти пурсамар дошт. Дар ин миён боз 4 соли дигар дар Ироқ ба ҳайси тарҷумони вазорати энергетикаи СССР кор кард.

Маҳсули эҷодии ӯ чун тарҷумон аз забони арабӣ наздик ба 300 ҳикоя, қиссаҳои ҷаззоби намояндагони машҳури адабиёти муосири арабанд, ки дар нашрияҳои даврии ҷумҳурӣ дар чанд соли охир ба табъ расиданд.

Устод алҳол бо вуҷуди дар мактаби зодгоҳаш - Корези Болои шаҳри Кӯлоб ба шуғли тарбияи насли наврас машғул будан, аз кори эҷодӣ дурӣ намеҷӯяд. Ду китоби тарҷумаҳояш аз забони арабӣ омодаи чопанд.

ИБРОҲИМОВ КАРИМ

20 январи соли 1965 дар шаҳраки Қизилқалъаи ноҳияи Хуросон таваллуд шудааст. Соли 1982 мактаби миёнаи рақами 20-ро хатм намуд. Баъди як соли хатми мактаб, ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ пайваста, соли 1985 хизмати сарбозиро бо сарбаландӣ ба итмом расонид. Азбаски шумораҳои ҳаррӯзаи рӯзномаҳоро мутолеа мекард, хост, ки дар қатори рӯзноманигорон кору фаъолият намояд. Ҳамин буд, ки баъди адои хизмати ҳарбӣ ба рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ба ҳайси мусаҳҳеҳ ба кор оғоз кард. То ба имрӯз дар қатори эҷодкорони нашрияи «Хатлон» кору фаъолият менамояд.

«ЧАШМИ ХАТОЁБ КӮР ШАВАД!»

Ёддоштҳо аз лаҳзаҳои хандадори кори рӯзнома

Тахминан солҳои 1986-1987 буд. Муҳимаш кадом сол нест. Аҷиб он буд, ки гоҳ-гоҳе бо кормандони рӯзнома воқеаҳои шавқовар мегузашт. Ҳамон солҳо Саидҷаъфар Сафархӯҷаев котиби масъул шуда кор мекард. Ман мусаҳҳеҳи рӯзнома будам. Мо банавбат шабонарӯзӣ дар ду баст кор мекардему рӯзноманигорон баъди кор ба мусаҳҳеҳхона омада, навбатдорӣ мекарданд. Рӯзе Саидҷаъфар Сафархӯҷаев навбатдор шуд. Баъди ба чоп тайёр кардани саҳифаҳо акои Саидҷаъфар дасти дуо бардошт, ки «чашми хатоёб кӯр шавад!».

Мо ба хонаҳои худ рафтем. Пагоҳӣ. Рӯзноманигорон дар ҳуҷраи котибот ҷамъ мешуданд. Акои Саидҷаъфар дар даст рӯзнома аз ҳуҷраи дарун баромаду рӯзномаро паҳн дошта (ба фикрам, дар утоқаш хеле аз назар гузаронидааст), ба рӯзноманигорон бо як ҳиссиёте, ки гӯё дигарон мисли ӯ тоза, бе хато хонда наметавонанд, гуфт:

- Ана ин тавр навбатдорӣ карда, тоза мехонанд!

Хайр аз баъзе рӯзноманигорони ҷавон хатогӣ мегузашт. Барои ҳамин ҳама хомӯш буд. Дар ҳамин вақт чашми ман ба саҳифаи чорум афтод, ки дар поёни саҳифа ному насаби навбатдорон дарҷ мегашт. Дар он ҷо насаби акои Саидҷаъфар ба ҷойи Сафархӯҷаев Саҳархӯҷаев рафта буд.

Хомӯш истодам…

***

Боре ману ҳамкорам Абдураҳмон Солиев дар мусаҳҳеҳхона аз пайи хондани «гранкаҳо» будем. Ҳамон рӯз навбатдор акои Ҳусейнҷон буд. Онҳо дар утоқи дохил саҳифа мехонданд. Ману Абдураҳмон як ибораро нафаҳмидем. Ҳамон лаҳза Абдураҳмон ба акои Ҳусейнҷон мурочиат карда гуфт:

- Акои Ҳусейнҷон, ҳамин калимаи «буқа» (гови нар) ду «қ» мегирад ё як «қ»?

Акои Ҳусейнҷон аз утоқи дохил ҳозирҷавобӣ карда гуфт:

- Агар буқа калон бошад, ду «қ» мегирад, агар хурд бошад, якто…

***

Ғафурҷон Расулов чунон марди хоксор буд, ки дар назар сода менамуд. Ҳангоми навбатдориаш (он вақт дунафарӣ - як мудири шуъба ва дигарӣ ходим навбатдори шумора мешуд) худ танҳо омад. Танҳо хондани саҳифаҳо баъди кор, албатта, душвор буд. Посе аз шаб гузашта буд. Мо «гранка» мехондему акои Ғафурҷон дар утоқи дарун саҳифаҳоро аз назар мегузаронд. Бо саҳифаи охир тайёр шудан ман саҳифаро ба наздаш бурдам. Акои Ғафурҷон рост истода мехонд. Ман ин ҳолро ба ҳамкорам Абдураҳмон гуфтам. Ӯ ба назди навбатдор рафта, ҳол пурсид. Акои Ғафурҷон гуфт, ки мабодо хобам бурда намонад.

Мо машғули кори худ будем. Дар ҳамон лаҳза аз дохил як овози даҳшатнок баромад. Гӯё чизе чаппа шуда бошад. Ману Абдураҳмон дарҳол ба утоқи дарун давидем. Ва манзараи аҷоиберо дидем. Акои Ғафурҷон чунон афтодааст, ки аз ними поёни миёнаш байни курсии пуштакдор ва батареяи

гармдиҳанда дармондаст ва моломоли баромадан дорад, аз ин «дом». Ману Абдураҳмон бо як азоб (акои Ғафурҷон марди бӯзбала буд) ӯро кашида, аз ин «дом» раҳо кардем. Пурсидем, ки чӣ тавр афтодааст, ки чунин манзараи хандаовар ба вуҷуд омадааст.

Акои Ғафурҷон бо тамкинӣ гуфт, ки «хобам бурда мондааст. Худам ҳам намедонам, ки чӣ тавр афтодам…»

***

Ҳамон солҳо дар чопхонаи вилоятӣ боз ду рӯзномаи дигар, яке «Вахш», дигарӣ «Байроқи дӯстӣ»-и ноҳияи Коммунистӣ (ҳозира Бохтар) ба табъ мерасид. Ману Абдураҳмон дар назди саҳифабанд машғули кор будем. Саҳифа тайёр шуду мо саиҳифаро гирифта сӯйи утоқи худ равон шудем. Ман пештар мерафтам, бинам, ки муҳаррири рӯзномаи «Байроқи дӯстӣ» шодравон Тӯра Қобилов дар назди тиреза телефон дар гӯш рост меистод. Вақте ки ман пештар дохили утоқ шудам, шодравон Қобилов бо як сиёсат пурсид:

- Ту кӣ?

Ман гуфтам:

- Ман мусаҳҳеҳ.

Боз пурсид:

- Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ? (ҳоло ҳам аз ҷаҳл нафаромада буд).

Ман як ба сӯйи Абдураҳмон нигаристам. Вай ҳам дар як ҳолати тарс саҳифа дар даст рост меистод. Ман ҷавоб додам:

- Дар ин ҷо кор мекунам.

Дар ҳамин лаҳза шодравон аз аспи ҷаҳл фуромаду гӯшаки телефонро монда гуфт:

- Аблаҳ, вай назди телефон чӣ кор мекунад?! Маданияти сухан гуфтан ҳам надорад.

Баъд фаҳмидем, ки курйери мо дар котибот дар назди телефон нишастааст. Ӯ бемасъулият буду ҳурмати калонсолонро он қадар намедонист.

Карим ИБРОҲИМОВ

ИМОМОВ АБРОР ЗОҲИРОВИЧ

15 январи соли 1965 дар деҳаи Боҳтурободи шаҳри Сарбанд ба дунё омадааст. Фаъолияти корияшро соли 1982 ба ҳайси мусаҳҳеҳи рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» сар карда, пас аз хатми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 1989, дубора ба рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Хатлон» ба кор омадааст. Сипас, дар кумитаи комсомолии вилоят, ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», Иттиҳодияи ҷумҳуриявии кино ва видеои «Тоҷиккино» ба ҳайси сардори раёсат фаъолият дошт. Соли 1998 сармуҳаррири ҳафтаномаи «Ҷаҳони паём», солҳои 2000-2004 директори телевизиони Тоҷикистон, солҳои 2004-2005 директори киностудияи «Тоҷикфилм» буд. Пасон, то соли 2007 ба ҳайси сармутахассиси шуъбаи иттилоотию таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти кишвар ва аз соли 2007 то то соли 2012 ба ҳайси директори китобхонаи марказӣ-шаҳрии ба номи А. Лоҳутӣ фаъолият кардааст. Аз соли 2012 то имрӯз директори Муассисаи давлатии «Фурӯш ва паҳни китобу нашрияҳои даврӣ»-и шаҳри Душанбе мебошад.

Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, узви Иттифоқи киноматографистон, Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» аст.

Аброри Зоҳир муаллифи даҳ китоб, аз ҷумла 15 роман, 20 повест, филмномаву намоишномаҳои телевизионӣ мебошад.

САОДАТ

(Ҳикоя)

Тифли ҳаштум низ духтар шуд, падар аз ғазаб ларзид. «Наход дар бисоти ман фарзанди нар набошад? Наход пеши қавм як умр бо сари хам монам?» Ҷавонмард оби дида рехт, аз бебарорӣ. Ҳамсараш баробари таваллуд зор–зор гирист. Доя тасаллояш дод. «Ҳоло ҷавон ҳастӣ, фарзанди нар мезоӣ, оби дида нарез!» Мард бо хашм дарро пӯшид. Тифлро дар матоъи чиркин печонда буданд.

- Гӯр, ки кардӣ, парпечро биёр, - гуфт модар, ки дар даҳлез оби дида мерехт, ба писари дар ғазабаш. Зан ба чеҳраи тифлакаш нигаристу варо ба синаи пур аз шираш пахш кард, қатраи ашк рӯйи кӯдак чакид. Чашмони дурахшони тифл ба рӯйи модари нотавону беҳуқуқ лағжид. Табассум дар лабонаш links мармузу хаста падид омад. Модар лаб газиду талх гирист. Аз хушдоман ниҳон, пистон ба даҳони тифл гузошт. Тифл синаро ҳарисона макид, дар коми нармаш шир ҷӯшид.

- Бубахш, ҷону ҷигарам, аз ин пеш ҳам зора карда будам, ки падарат ақаллан яктои шуморо барои ояндаи насли одамӣ нигоҳ дорад. Ин нангро ба дӯш нагирифт. Падари мағрурат ҳафт хоҳаратро зинда ба хок супурд. Акнун навбати туст. Фардо ба мардҳои ин қавм зан лозим намешуда бошад? Ё чунон ки маро аз хонадонам дуздида, ба ин биёбон оварданд, ин кори зиштро идома медода бошанд? Ман намедонам хешу ақрабоям дар куҷо мезиянд? Вагарна як соат ин ҷо намеистодам. Бисёриҳо фирор карданд. Аммо насиби сусморҳои биёбон шуданд. Чун дар ин мурдарег хати роҳ вуҷуд надорад, то ки раҳнамоям он бошад. Азизам, ин лаҳза ман бо ту хайрбод мегӯям. Чӣ илоҷ? Ин қавм ба ҷинси шумо таваҷҷуҳ надоранд, - оби дидаи модар ба сони шир, ки дар коми тифл фағона мезад, рӯйи гунаҳои оташинаш мешорид, хати симини он лаҳзае пас чун чакрае, ки дар гӯшаҳои обҷӯшони мисин мешорад, аз

ғояти тафс хушк мешуд.

Хушдоману доя, модару тифлро танҳо гузошта буданд. Ин ҳодиса дар рӯзгори онҳо низ борҳо такрор шуда буд. Ҳар ду зан модари фарзандони баркамол буданд. Яке шаш, дигаре панҷ тифлро аз ин ҷинс ба хок супурда, ҷигари сӯроху сӯхтаашон абгор буд. Қалби онҳо низ ин дам ба сони ахгар месӯхт. Чун садои тез кардани бел ба самъашон мерасид, дарун ба дарун об мешуданд. Ҳине, ки падар тифлро рӯйи даст гирифта, ҷониби саҳро равон шуд, занҳо хомӯш оби дида рехтанд. Падари бераҳм аз ғояти хашм меларзид. Барои ӯ нанг буд, ки боз ҳамсари ӯ духтар ба дунё овард. Калон-калон қадам мемонд. Тифл дар панҷаи дурушту шахшӯли падар ором буд, лаҳзаҳои охирини ҳаёташро таҳаммул мекард. Падар ба атроф назар намекард. Чун ба самъаш расид овои марде, ки истеҳзо дошт: «Занаш духтар зоидааст», дилаш дар кафи ғазаб фишор хӯрд, оҳ кашид.

Ҷаҳолат ҳукмравои даврон буд, ҳарчанд исломи наврас ба салтанати куҳанбунёд таарруз нишон медод, аз роҳи маърифат. Аммо мард курсии ларзонро дудаста дошта буд. «Маро ин нанг оқибат ба дӯзах мебарад». Дар паҳнои васеи биёбони беобу гиёҳ гум шуд. Дигар на биное, на сояе, на касе дида намешуд. Дар шафати хомаи регӣ, ки бод акнун ба вуҷуд оварда будаш, тифлро рӯи замин ниҳод, ду-се бел зада, хокро яксӯ партофт. Ин дам аз мағоке сусмор кала кашид, забони дуқӯшаашро баровард. Падар ба сӯйи сусмор кулӯхеро ғурронд. Белро паҳлӯи парпеч ниҳод, ки тифл дастони нозукашро бароварда буд. Чун сусморро суронд, омад ба назди тифл, ки белро бо панҷаи нозукаш медошт. Ва ширин-ширин ба рӯйи падар нигариста, табассум мекард. Падарро ин манзара об кард, ки паҳлӯи он афтод, аммо нанг, ки айём ба дӯши мардони духтардор ниҳода буд, ба сони вулқон дар замираш таркид. Белро ба даст гирифт. Зӯр зад, натавонист. Тааҷҷубаш зад, охир тифл белро бо ҳамон нерӯи ба назар кӯчакаш дошта буду сар намедод. Падар ҷаҳд мекард, зӯраш намерасид, гӯё ҷисмаш ба хар-

бути карахту беҳис бадал шуда бошад, забонаш ҳатто ба дашном намепечид. Тифл табассум мекард, чунон нигоҳи дилрабо ба падар дӯхта буд, ки ин пайкари мамлӯ аз ғазаб дигар натавонист ҷаҳлро дар қалбаш чира гардонад. Тифлро дар бағал гирифт, надонист чигуна аз ҷабинаш бӯсид, хунаш соф шуд, осема ба сӯйи кулба шитофт.

Чун ҳамсараш дар бағалаш тифлро дид, ҳайрон шуд. Фикр кард, онҳо писарро бар ғалат духтар пиндоштаанд, ки баъдтар писар буданаш исбот шудааст…

Шом ҷавонмард бори ҷаҳолатро аз дӯш партофт, ба масҷид рафт, қатори муслимин калима арза кард. Пайғамбари ислом (с) ба тифл Саодат ном ниҳод.

13.11.2012

ИСЛОМОВ АСЛОН

Моҳи январи соли 1948 дар деҳаи Сангирамаи ноҳияи Ховалинг ба дунё омадааст. Ӯ факултаи таърихи Донишкадаи омӯзгории Кӯлобро хатм кардааст. Аз замони донишҷӯӣ бо нашрияи «Роҳи ленинӣ» ҳамкорӣ дошт. Пас аз хатми донишкада дар соли 1972 ба ноҳияи Ҷиргатол ба сифати сармуҳаррири нашрияи ноҳиявӣ ба кор меравад. Давоми 6 сол дар Ҷиргатол кор мекунад. Аз соли 1978 то соли 1989 дар нашрияи «Роҳи ленинӣ»-и собиқ вилояти Кӯлоб ба ҳайси хабарнигор ва мудири шуъба кор кардааст. Аз соли 1990 сармуҳарририи ҳафтаномаи «Садои коргар» ва баъдан нашрияи корхонаи «Пахта»-и Кӯлобро ба уҳда дошт. Аз соли 1994 то соли 2003-ум ба сифати хабарнигор дар нашрия маҳаллии «Кулябская правда» кор кардааст.

Соли 2004 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб нашрияи «Анвори Дониш»-ро таъсис дод ва то соли 2009 сармуҳаррири он буд.

Моҳи майи соли 2013 пас аз бемории тӯлонӣ даргузашт.

САҲИФАЕ, КИ ҲАМЕША ИНТИЗОРАШ МЕШАВАНД

«Медонед, ман барои чӣ ба газетаҳо обуна мешавам? Барои он ки онҳо саҳифаҳои «Рӯзи истироҳат» мебароранд. Кас шеъру ҳикоя, ҳаҷвияю латифа, очерку лавҳаҳои ба тозагӣ навишташударо хонда, як олам ҳаловат мебарад».

Ин сатрҳо аз мактуби ба редаксия фиристодаи яке аз хонандагони ҷавони газета аст. Мактубҳое, ки бо чунин мазмун ба редаксия меоянд, бисёранд. Хонандагон хоҳиш менамоянд, ки бештар шеъру ҳикояҳои баландмазмун чоп намоем ва баровардани саҳифаҳои «Рӯзи истироҳат»-ро ҳеҷ гоҳ ба таъхир нагузорем. Дар воқеъ, мардуми адабиётдӯсти мо қадри шеъру насри баландро медонанд ва аз мутолиаи материалҳои

адабию бадеӣ лаззати маънавӣ мебаранд.

Кормандони шуъбаи маданияти газета, ки дар баробари инъикоси бисёр мавзӯъҳои ҳаётан муҳими хоҷагии халқи вилоят, инчунин баровардани саҳифаҳои «Рӯзи истироҳат»-ро ба уҳда доранд, пайваста баҳри беҳбудии мундариҷаи идеявӣ ва ғоявии воқеанигориҳо кӯшиш менамоянд. Бой гардонидани мазмуну мундариҷаи саҳифаи «Рӯзи истироҳат» ҳамеша дар маркази диққати шуъба меистад. Натиҷаи ҳамин аст, ки саҳифаҳо аз як шумора то шумораи дигар бештар хонданбоб мешаванд. Аз ибтидои соли ҷорӣ шуъба системанок ва пурмазмун баровардани ин саҳифаро дар madди назар ниҳодааст. Зеро мо нағз медонем, ки ба мардум ғизои маънавӣ бахшидан аз ҷумлаи ғамхориҳои муҳими ҳамарӯзаи Партияи Коммунистӣ ва Давлати Советӣ мебошад. Меҳнаткашони вилоят ба чакидаҳои қалами адибон бо ҳусни таваҷҷуҳ менигаранд ва онҳоро бо рағбати том мутолиа менамоянд. Тавассути каломи бадеъ ба зебоиҳои бемонанди Ватани сотсиалистӣ ва ҳусни дасту ақли марди ҳунар ошноӣ пайдо мекунанд. Дар ин ҷода Ашӯр Сафар, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Муҳаммад Ғоиб ва дигаронро хонандагони гиромӣ хеле хуб мешиносанд. Ашъори ин адибон дар республика ва берун аз он низ маълум шудааст. Илова бар ин, дар шаҳру районҳои вилоят бисёр шоирони халқии мо, ба монанди Хол Ислом, Қурбоналӣ Раҷаб, Саттор Шокирзода кору зиндагӣ ва эҷод мекунанд, ки дар рангинтар баровардани саҳифаҳои адабии газета ёрии калон мерасонанд.

Солҳои охир бисёр ҷавонон дар оламӣ шеъру шоирӣ бо дили гарм ва эҷодҳои умедбахш ворид мегарданд. Ба ин қабил Сафар Аюбзода, Моҳтоббӣ Зокирова, Хосият Вализода, Ғаффоралӣ Сафаров, Искандар Идиевро метавон ном бурд. Дар шуъба ба қадри имкон шеъру ҳикояҳои навқаламон таҳрир мебинанд ва онҳо бо иловаҳо ба хонандагон ва ихлосмандони адабиёт пешкаш карда мешаванд.

Шуъба боз бештар ҷоннок кардани кори маҳфили адибони ҷавонро мақсади худ қарор додааст. Бо ин роҳ қувваҳои

эҷодии вилоят дар як марказ муттаҳид мегардад. Равнақи фаъолияти эҷодии бисёр адибони ҷавон ба ин маҳфил вобастагие дорад. Ҳоло шуъба бо мақсади хонданбоб гардидани саҳифаи «Адабиёт ва санъат» бо унвони «Парвози шоҳин» саҳифаҳои адабӣ баровварданро ба план гирифтааст ва дар рӯзҳои наздик саҳифаҳои аввалини он манзури хонандагон мегардад.

Иди камолоти газетаро қайд карда истода, кормандони шуъбаи маданият мақсад доранд, ки боз ҳам пурмаҳсултар кор карда, маданияти бойи меҳнаткашони вилоятамонро дар газета пайваста инъикос намоянд, барои беҳтаршавии мазмуну мундариҷа ва таъсирнокии баромадҳои газета ҳиссаи арзанда ҳамроҳ намоянд.

Аслон ИСЛОМОВ,
мудири шуъбаи маданият,
аъзои Иттифоқи журналистони СССР
(«Роҳи ленинӣ», майи соли 1983)

ИСМОИЛОВ САЙМУРОД

Соли таваллудаш 1957, зодгоҳаш шаҳри Кӯлоб аст. Хатмкардаи шуъбаи шарқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (соли 1980) ва Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ (2002) мебошад. Дар рӯзномаи «Роҳи ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб аз соли 1983 то соли 1989 дар вазифаҳои тарҷумон, мухбир ва ҷонишини котиби масъул кор кардааст.

Дар риштаи иқтисодиёт соли 2004 рисолаи номзадӣ ҳимоя намудааст. Имрӯз ҳарчанд, ки корманди Кумитаи андози ҷумҳурӣ – сардори шуъбаи андоз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мебошад, чун фарди мактаби журналистика сайқал ёфта, дар ин ҷабҳаи сермасъулият ҳамеша комёб аст. Дар тӯли беш аз 14-солаи фаъолият доштанаш дар ин соҳа чор маротиба ба ифтихорномаи Кумитаи андози ҷумҳурӣ мушарраф гаштааст. Доир ба проблемаҳои соҳаи андозу андозбандӣ Саймурод Исмоилов пайваста мақолаҳои моҳияти омӯзишидошта ба нашр мерасонад.



КАРИМОВ ҲОТАМ

Зодаи шаҳри Панҷакент буда, мактаби миёнаро дар зодгоҳаш хатм намудааст. Орзуи журналист шудан ӯро ба Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) овард. Шуъбаи журналистикаи донишгоҳро соли 1982 бомуваффақият хатм намуда, бо роҳхат барои кор ба рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» («Хатлон») омад. Дар муддати кӯтоҳ ҳамчун мухбири рӯзнома нозукиҳои касби рӯзноманигориро аз худ намуда, маводҳои рӯзмарра ва хонданӣ менавишт ва маводи танқидии навиштааш дар ислоҳи камбудиҳои ҷойдоштаи ҷомеа мусоидат мекард.

Ӯ то оғози ҷанги шаҳрвандӣ фаъолияти рӯзноманигориашро дар ин нашрия босамар идома дод.

КИШВАРОВА ШАРИФАМОҲ

22 июни соли 1951 дар шаҳраки Ломоносов (имрӯза маҳаллаи «Хатлон») шаҳри Қӯрғонтеппа ба дунё омадааст.

Сарфи назар аз ин ки падараш монеи таҳсили ӯ дар мактаби олӣ шуда буд, ба риштаи рӯзноманигории Университети давлатии Тоҷикистон (имрӯза Донишгоҳи миллӣ)-ро ҳуҷҷат супурд. Падар, ки азми қавии Шарифамоҳро барои идомаи таҳсил дар мактаби олӣ ва муҳаббати бемисли ӯро ба эҷоду қаламкашӣ эҳсос кард, барояш дуои нек дод. Шарифамоҳ донишгоҳро бомуваффақият хатм кард ва аз соли 1973 то дами марг (соли 1992 ё 1993)дар рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», баъдан «Навиди Вахш» (имрӯза «Хатлон») кору фаъолият кардааст. Орзуи рӯзноманигорӣ Шарифамоҳи Кишвардухтро ба пайраҳаҳои тангу тори зиндагӣ мебурд. Ҳатто дар шабу рӯзи низоъҳои дохилӣ, ки аз куштори рӯзноманигорон оғоз шуд, Шарифамоҳ аз роҳи интихобкардааш дил канда натавонист.

22 сентябри соли 1992 гурӯҳе аз силоҳбадастони номаълум ба манзили истиқоматии ӯ ҳамла оварда, ӯ ва писараш Дилшодро иҷборан бо худ бурданд. Тибқи маълумоти созмони «The Freedom Forum», вай соли 1993 ба сурати ваҳшиёна кушта шуд. Ҷасадашро, мутаассифона, ҳанӯз пайдо накардаанд.

● *АЗ ДАФТАРИ ТАРОНАҲОИ ШАРИФАМОҲ*

ДАР МОТАМИ УМЕД

«Тамом… тамом... тамом…» мехонад ба гӯши ман беист садои борон. «Ман озодам, ман аз қайди ғуломӣ растам!», - мегӯям худ ба худ. Бале, ман дурудароз дар итоати ӯ будаму асири ишқи бебарор.

Дигар намехоҳам, ки ғуломи танҳо хоҳишҳои ӯ бошам. То даме, ки ишқаш поку ноолуда буд, муҳаббати ӯ қалби маро тасхир карда буд. Аммо имрӯз қалби саркашам, қалби ташнаи

ишқам исёне бардошт, занҷирҳои зарринӣ ғуломиро барканд. Ин исён барои ӯ ғайричашмдошт ва номафҳум буд.

«Тамом… тамом, тамом…» мехонад ба гӯшам борон. «Ман озодам, ман аз қайди ғуломӣ растам!», - нидо мекунад қалби исёнию озодипарасти ман…

НОМА БА МОДАР

Модарҷон, ман дар назди ту гунаҳкорам. Ба хотирам он рӯзҳое мерасанд, ки бар хилофи пиндошти ту, ман азми таҳсил ба Душанбе доштам. Чӣ лаҳзаҳои мушкилу тоқатфарсое буд он лаҳзаҳо, ҳам барои ту ва ҳам барои ман. Аз якравиҳои ман хориат омада, оби дида мерехтӣ. Медонистам, ки ба дили ту аз ҳар тараф неши таънаю маломат мехалад. Он суханҳои таънаомези ҳамсоя ва хешу ақрабо ба дили ту бетаъсир намемонад. Вале чӣ илоҷ, оташи меҳру муҳаббати донишандӯзӣ ва эҷодиёт қалби маро ором намегузошт… Модарҷон, оё гуноҳи маро бахшида метавонӣ? Сар ба пеши поят мегузорам модар, маро бубахш…

ДАР ҚАЙДИ АФСУН

Алвидоъ, дӯсти азизу меҳрубон! Алвидоъ, эй муҳаббати поку бебарор! Алвидоъ, эй орзуҳои дастнорас! Алвидоъ, эй рӯзҳои гузаштаи пур аз сӯзу гудоз, ки дар худ асаре аз ӯ пинҳон доштаед. Ман имрӯз ба ҳамаи Шумо видоъ мегӯям, абадӣ…

Зиндагӣ бароям ҳама тароваташро гум кардаву ман ба хаёлам, дар охирин истгоҳи он қарор дорам. Дигар дилгармие, дилхушиеро итизор набудам. Ҳамаи туҳфаҳои тақдир ба ман барои дигарон будааст. Пеши назарам то домони уфуқи беканор саҳрои мурда, бекасу холӣ, на гиёҳе ба чашм мерасад, на паррандае пар мезанад. Ҳама чиз бемаънӣ, бемантиқ, ҳатто зиндагӣ низ. Шаб хаёл, рӯз хаёл, ҳамеша дар банди хаёлҳои печ дар печу мубҳам…

КОШ МЕБУДӢ ТУ ИМРӮЗ, ЭЙ ҲАМҚАЛАМИ БА МУРОД НАРАСИДА…

Замона нотинҷу айём пурошӯб буд он рӯзҳо. Аксар идораю муассисаҳо бастаю мардум парешон. Гоҳ-гоҳе меомаданд бархе ба коргоҳашон. Вале ӯ меомад мудом.

Чун одати пешин он пагоҳӣ низ субҳи барвақт расид ба идораи рӯзнома. Хастаҳол менамуду пуризтироб. Сояи ғам чеҳраашро гирифта. Анбуҳи гароне дошт ба қалбу ошкор намесохт. Медонистем ин хислати ӯро. Борҳо гулӯгираш мекард ғаму ғусса. Аммо намегуфт ба касе. Шояд дилаш пора-пора мегашту дарди ниҳон пинҳон медошт ва намехост, ки бо изҳори дарди хеш нороҳатӣ бахшад дигаронро. Канораҷӯю камсухан набуд ва парҳезгори ҳазлу мутоиба ҳам. Суҳбатоде буду латифагӯ. Табъи ҳаммаҳфилон болида медошту бори гарони ғаму андуҳашро ниҳон. Ба андешае, ки озурда насозад хотири дигаронро.

Чанд сол пештар хилофи одат дертар омад ба коргоҳ. Аёнамон буд, ки ташвише дошт ба сар. Барои боқимондаи рӯз ҷавоб пурсиду бирафт. Чизе нагуфт. Баъдтар ҳамкори дигарамон, ки дар ҳамсоягии ӯ мезист, бо изтироб хабар овард, ки қарибиҳои субҳидам дар хонаи Шарифамоҳ бо кадом иллате телевизор таркидаю хонааш оташ гирифта, тамоми молу амволаш ҳама сӯхтааст. Хабаргириаш рафтем. Ҳанӯз боло набаромада будем, ки (дар ошёнаи дуюм мезист) дар остонаи даромадгоҳ рӯ ба рӯямон омад. Ҷиҳози сӯхтаро берун мекашонд. Осори ғам наменамуд дар чеҳрааш, ҳарчанд анҷоми рӯзгораш батамом хокистар гашта буд. Шояд хун мегирист, аммо ғаму андуҳашро маълум намекард. Афсӯс хӯрду дареғ гуфт, на барои молу анҷоми пурқимматаш, балки барои китобҳои ба коми оташрафтааш. Хазинаи пурганҷе дошт аз китоб. Ҷустуҷӯ мекарду меёфт ва ҷамъ меовард китобҳои нодирро. Мероси гаронбаҳои гузаштагонро, намунаҳои беҳтарини назму насри муосиронро.

Қисмат бори дигар сахт имтиҳонаш кард. Имтиҳонаш кард, ки метавонад ӯро аз по биафтонад, ё не. Ногаҳон даргузашт яке аз ду

фарзанди бо хуни ҷигар ба камолрасонидааш. Писари калонӣ буд фарзанди бахоксупурдааш. Ҷонкоҳу ҷонситон буд зарбаи қисмат. Шикаст қалбу рехт ҷигараш. Аммо тоб овард, сипар гашт тири тақдирро. Ба по хесту идома дод зиндагиро, кору эҷодро.

Рӯзноманигори касбӣ буд ӯ. Медонист аз чӣ боб, чӣ гуна нависад. Ва метавонист навиштан, хуб менавишт. Нишонрасу дилнишин менавишт.

Солҳои дароз бахши фарҳангии рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа»-ро сарварӣ мекард ӯ. Мекӯшид дар роҳи болоравии маърифату маънавиёти мардум заррае ҳам бошад, саҳм бигирад. Ва шогирдонро низ ҳидоят мекард ба ин роҳ. Қаламкаше буд хушсалиқа ва роҳу равиши хоси худро дошт дар ҷодаи эҷод. Бо самимият менавишт лавҳаро дар ситоиши модар, бо андешаю мулоҳиза менавишт дар боби одобу ахлоқи ҷавонон, бо дарду алам менавишт очерку репортажро нисбати мақоми зан дар ҷомеа, бо қаҳру ғазаб менавишт мақолаи публитсистиро дар боби беадолатии замона.

Ҳақбину ҳақгӯю ҳақнавис буд ӯ. Намеҳаросид аз сухани ҳақ гуфтан. «Рӯзноманигорӣ мубориза аст» мегуфт мудом. Мазаммат мекарду танқид беадолатиро, ҷурмҳои ҷомеаро, иллатҳои зиндагиро ва бедардии соҳибмансабонро. Возеҳу равшан ба қалам медод роҳи ислоҳи нуқсонҳоро, воситаи ҳалли мушкилотро.

Меомаданд ба идораи рӯзнома бо арзу ниёзи хеш ва суроғ мекарданд Шарифамоҳи Кишвардухтро. Надида бошанд ҳам боре, мешинохтанд ӯро. Мақолаҳояшро хондаву имзояшро дидаанд. Боварӣ доранд, ки меёбанд даво ба дардашон. Ва меёфт ӯ даво. Ба ивази ташвишу сарсониҳо, ранҷу азобҳо. Собит месохт ҳақиқатро бо далелу бурҳони қотеъ ва бо лутфи сухану каломи пуртаъсир. Аввал меомаданд ба шикоят ва баъд боз меомаданд барои сипос. Қариб ҳар мақолааш дастгирӣ меёфт миёни мардум, пазируфта мешуд бо эҳтиром. Бештар ситоиш мекард одамони касбу кори оддиро, аз нигоҳи аввал назарногирро. Таъкид мекард, ки онҳо мекунанд кори савобро. Навишт дар бораи кампираки ҳавлирӯбе. Самимӣ навишт. Вобаста ба кору рӯзгори ӯ. Сари чандин масоили дигар андеша кард. Писанд

омад ба ҳамагон, номаҳо омад ба рӯзнома. Гуфтанд офарин ба ӯ. Ситоиш намуд кампираки ҳавлирӯберо, баркушод олами дигареро.

Сураташ дидему очерке дар борааш дар маҷаллаи «Журналист», ки дар Маскав таҳия мешуду дар Иттиҳоди Шӯравӣ ягона нашрияи бонуфузи касбию соҳавии Иттиҳоди журналистони СССР маҳсуб меёфт. Дидем сураташро, хондем тафсилоташро, ҳайрон шудем. Аз он ҳам арзандатар буд. Аммо на ба ҳар қаламкаши музофотӣ муяссар мегардид он гуна шараф, ки таърифу тавсифаш кунанд аз он минбари баланд. Ва кору таҷрибаи эҷодиашро лоиқи ибратомӯзӣ донанд, аз саҳифаи маҷаллаи умумииттифоқӣ.

Чунин рӯзноманигоре буд Шарифамоҳи Кишвардухт. Ва он рӯзе,ки дар ибтидои ин навиштаҳо тасвираш кардем, омад ба идораи рӯзнома, ончунон афтодаруҳу озурдахотир, ки ҳаргиз чунинаш надида будем. Оҳи сарде кашиду оғоз намуд ба дард:

- Кӯчаҳои шаҳр пур аз силоҳбадастон. Алайҳи кӣ меҷанганд онон, киро мехоҳанд бикушанд?! Наход то ба ин ҳол расида бошем, қасди ҷони ҳамдигар намоем, бародар ҳадаф гирад бародарро? Бадбахтӣ аз ин зиёд нахоҳад шуд. Фиғон бояд бардошт, фиғон, вале ба гӯши кӣ мерасад он?! Ҳарду ҷониб ҳақталошӣ доранду силоҳ гирифтаанд ба даст. Дар он ҷою дар он вақте ки ҳукмрон силоҳ аст, ақлу хирад бечора хоҳад монд. Ба ояндагон чӣ мегӯем? Магар намефаҳмем, ки ин гумроҳию ҷоҳилии мо ботил кардани гузаштагону шармсор гардонидани ояндагон аст. Механданд ба мо дигарон, нав мустақил шудему соле ҳам неъмати он надида, баҳсу талош варзидем, кинаю адоват андӯхтем ва оқибат даст ба силоҳ бурдем имрӯз. Фарҷоми кор чӣ мешавад, ояндаи миллат, ҷумҳурӣ ва мардуми он чӣ хоҳад шуд? Ҳатто аз андешаи фардо метарсад одам. Дилам гувоҳӣ медиҳад, хосияти бад дорад силоҳ, рӯзҳои нохуш интизор аст моро. Ҳайфи он ҳама навиштаҳоямон, пандҳои бузургонамон. Хиради миллӣ, заковати аҷдодӣ гуфтанамон, мадҳу санои соҳибмаърифатию фарҳангдӯстиямон. Барбод рафта будааст, он ҳама панду андарзҳоямон.

Инро бигуфту идома дод Шарифамоҳ: «То ба ин ҷо расидан

нигоҳам доштанд чандин бор ҷавонони силоҳдор. Аксар ҳамсоланд бо писарам. Вале суол мекунанд чун истинтоқ, бо кинаву таҳдид: «Куҷо меравӣ, чаро меравӣ?!» Ва худ бо истеҳзо ҷавоб медиҳанд: «Зана чию кор карданаш чӣ, дар хона шинаду таваллуду тарбия кунад фарзандонро. Минбаъд набояд бихонанд духтарон. Ба онҳо вазифа чӣ даркор, идора чӣ лозим?!». Намедонам чӣ ҷавоб гӯям ба онҳо? Медонаму наметавонам изҳор намудан. Вақте калонсолон нафаҳмиданд ҳамдигарро, чӣ сон онҳо бифаҳманд моро?! Ба ростӣ, намедонам чӣ хоҳад омад ба сари мо занҳо, умуман, мо - тоҷикон. Агар ҳаётамон чунин ҷараён гирад, забонам намегардад ба гуфтан: несту нобуд хоҳем шуд. Нишоне нахоҳад монд на аз мову на аз ҷумҳурии мо…»

Ҳеҷ гоҳ чунин дилшикастаю ноумед надида будем ӯро. Ҳатто дар вазнинтарин лаҳзаҳои ҳаёташ. Имрӯз ба хотир меорем суханони он лаҳзаҳо гуфтаашро, чеҳраи ғамолудаашро. Ба фарёди қалби ноумедаш ҳамовоз шуда, гӯё мешунида бошад, мегӯем ба сурати дар маҷаллаи «Журналист» дарҷшудааш:

«Кош мебудӣ ту имрӯз. Мебудию медидӣ, ки пешвои мо Эмомалӣ Раҳмон ҳама навмедиҳоро барҳам заду тухми умеду боварӣ кошт дар замири халқаш. Даво ҳам бахшид он дарди ҷомеарову изтироби бохудбурдаи туро. Қатори ҳазорон фазилатҳояш, амре қабул намуд ба хотири бузургдошти мақоми зан дар ҷомеа. Ва имрӯз роҳбарони аввали шаҳру навоҳиянд, вазиру вакили Маҷлиси Олианд, сарвару роҳнамои мардуманд дугонаҳои ҳамсолат».

Аммо сад дареғ, ки ҳоло миёни мо нест ӯ. Ҳамон соли наҳси 1992, чуноне ҳамсояҳояш гувоҳӣ доданд, як шомгоҳи охирҳои моҳи сентябр, чанд нафар силоҳбадаст омаданд ба суроғи хонаи Шарифамоҳ ва бурданд ӯрову ягона писарашро, охирин навниҳоли боғи хеле бармаҳал хазонгаштаи умеду орзуяшро. Бурданду дигар наомаданду наоварданд. То ҳол касе намедонад куҷост турбати бенишонашон. Кош мебуду медид, ки имрӯз дар ҷумҳурии соҳибистиқлоламон мавқею мақоми зан авлотар аст аз он, ки дар замони устувории Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Болотару авлотар аст аз он, ки ӯ орзу мекарду дар тӯли умри кӯтоҳи хеш баҳри он талош меварзид, мубориза мебурд.

Кош мебудӣ ту имрӯз, эй ҳамқалами бамуроднарасида!

Саидалӣ БОБОХОНОВ



КОМИЛОВ СОЛИЧОН

Соли 1949 чамоати деҳоти «Болғабоскан»-и ноҳияи Октябр (ҳозира Вахш) ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёнаи №26-и шаҳри Қӯрғонтеппа чун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти корӣ шурӯъ намуд. Соли 1968 ба факултаи кимиёи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуд. Аз соли 1964 дар рӯзномаи шаҳрии «Коммунисти Қӯрғонтеппа» ҳамкорӣ мекард. Баъдан дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявии «Совет Тожикистони», «Комсомолец Таджикистана» мақолаҳояш чоп мешуд. Мухбири саҳифаи ӯзбекии рӯзномаи вилоятии «Навиди Вахш» буд. Солҳои 2003-2006 вазифаи сармуҳарририи рӯзномаи вилоятии «Дӯстлик»-ро ба уҳда дошт. Баъдан, то соли 2011 ба ҳайси мутахассис дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон кор кард.

Соли 1985 ба узвияти Иттифоқи журналистони СССР пазируфта шудааст.

● *ШУНАҚАСИ ҲАМ БЎЛАДИ*

«АРСЛОН»НИНГ ҚОНГА БЕЛАНИБ, «ҚОПЛОН»НИНГ УЗАЛА ТУШИШИ

Ё худ Қӯрғонтеппа автостанциясида рӯй берган бир воқеа хусусида

Ушбу ҳодиса иштирокчилари бўлмиш шахсларнинг наслу-насаби ва шахсиятлари маълум бўлса ҳамки номларини келтиришдан кўра муҳимроғи воқеа баёнидир.

Жорий йилнинг 20 феврали, эрталабки соат тўққизларга яқин автостанцияда ҳар кунгидек айни жонланиш пайти. Кимлардир қишлоқлардан келган автобуслардан тушиб корхонасига ва ё бошқа иш билан йўлланишса, айрим шаҳарликлар

қишлоқ томон кетишмоқчи бўлишаяпти.

Шу пайт автостанция майдончасининг четидаги автобусларга чиқиб тушадиган супача-майдончалардан бирида чиройликкина кийинган оқ сумкачали қиз автостанциянинг бошқа бурчидан келаётган дугоналари етиб келишини кутиб турганида ёнига иккита жуссали ғўлабирдай йигит келди. Улардан бири:

- Қадди-қоматингиздан айланай, - дейди дабдурустан.

Қиз йигитнинг гапига парво қилмай индамай дугоналари етиб келишига маҳтал бўлиб турди.

Иккинчи йигит эса:

- Ярашган оппоқ сумкачангиздан акангиз ўргилсин, - деб қўшиб қўйди.

Қиз бу икки тоғни урса талқон қилувчи йигитларнинг «учирма»ларига ўта босиқлик билан амал қилиб индамайгина уларга орқасини ўгириб олди.

Йигитлар эса ўзбек халқининг «Суймаганга суйканма» мақолини умрида эшитмаганидан бўлса керак шилқимликни давом эттираберишди.

Худди шу пайт «Алп қанот» йигитларнинг шилқимлиги ўзининг кульминацион нуқтасига етиб, улардан бири қизга қарата:

- Васлингга бир эришай, -дея очиқчасига беҳаёларча гап қотиб унинг нафсониятига теггач, шу лаҳзагача ибою иффат чизиғидан чиқмаётган қиз улар томон кескин бурилиб нозик жуссасига ёт ўта бир қатъият билан.

- Қани, қайсинг менинг номусимга тегмоқчисан? - деб сўради.

(Қиз бола уларга орқа ўгириб тургани туфайли бу гап қайси «шер»дан чиққанини англай олмаган эди).

- Мана менда, мана шу аканг, - деб йигитлардан бири кўкрагига уриб ўзини кўрсатиши билан юзига қарата қиз боланинг мушти чунонам чиройли тушдики, унинг таърифига қалам ҳам ожизлик қилади.

«Нозик» қўллар мушт бўлгач, пўлат ҳам тоб бермаса керагов. Бунга мушт тушиши билан «арслон йигит»нинг оғзи-бурнидан

тирқираб отилган қон ёрқин гувоҳ бўлди, деб ўйлайман.

Шеригининг «жабрланганга» ёрдам илинжида отилган иккинчи йигит қасд олиш мақсадида бутун важоҳати билан нара тортиб ўлжасига ташланаётган «қоплон» сингари нозик жуссали қизга томон шаст билан йўлланаётганида қорин қисмига тушган қиз боланинг мушти зарбидан гурс этиб чалқанчасига тушди. Қилмиш-қидирмиш, дегани шу бўлса керакда.

(Баъзи ўқувчилар муболаға деб тушинар. Ҳайҳот, бу ерда заррача бўттиришга йўл қўймасдан воқеанинг асл баёнини келтирганимга кафолат бераман).

Ушбу фожиавий ва даб-дурустдан табиий бўлиб ҳаёт ўзи «саҳналаштирган намоиш» автостанциядаги барча кишиларни лол этиб, очиқ «театр» атрофига оломон йиғилди.

Асли воқеани кузатганлар қиз боланинг ўз ҳуқуқини ҳимоя қилиб, уни камситувчиларга нисбатан раво кўрган жазосини маъқуллаб унга нисбатан баракалла қиз бола, деган манна бундай бўлади, дейишса, воқеанинг таг-тугига етмаганлар эса ҳайрат ила ёқа ушлашиб икки ғўлабирдай йигитни мардларча енгган момаҳова зотига мансуб қизалоққа ҳавас билан боқишганда, ғолиб чиққан қизнинг хату-ҳаракатини қоралаб унинг жўн қизлигига шак келтирувчилар ҳам топилади, (бу фикрдагилар воқеиятнинг асл моҳиятини пайқамаганлар эди).

Йиғилган оломон оғзи-бурни қонга тўлиб ерда ётган «паҳлавонжусса» йигитлар ва уларни «қон» қақшатган замон қизи хусусида уларни ўраб олганлар анча вақтгача турли бир-бирига қарама-қарши маънодаги гапларни айтишди.

Бир маҳал ички ишлар бўлими ходимлари келиб «жабрдийда» йигитларга куюнчаклик қилиб, қиз болага дўғи-пўписа қилиб кетишди (сабзи-пиёзнинг нархини сўрамасдан) Бу ҳолатни кўрган айрим кишилар милиция ходимларига:

- ўпкангизни босинг. Айб ўша йигитларнинг ўзида, намунча қиз болага дағдаға қиляпсизлар,-дея қўшилгач, улар «ойим супурги» бўлиб қолишди.

Бу гапу сўзнинг устига тез ёрдам машинаси «индамас

паҳлавонни» олиб кетди.

Ушбу воқеани мӯҳтарам газетхонларга пешкаш қилишдан мақсад жамиятимизда учраб турадиган айрим оғзига кучи етмайдиган ӯспирин йигитлар, шилқимлик отига қамчи урувчиларнинг танобини тортиб қӯйиш қизларнинг ӯзининг ҳам қӯлидан келишини таъкидлададир.

Қани энди шундай шилқим табиат йигитларимиз сӯзларига қизлар ӯз навбатида оғзиларининг суви қочиб жиловларини уларнинг қӯлига осонликча бериб қӯйиб, биргалашиб ҳиринглашмасдан аччиқ-аччиқ гапириб ёки бӯлмасам ана шу қиз каби таъзирини беришса бундай ҳодисалар кескин камайишига кафолат бӯларди.

Бу билан мен қизларимизни урушга ӯргатмоқчи эмасман. Асло. Фақат айрим қуюшқонда турмайдиган, ҳадидан ошган, босар-тӯсарини билмай қолган учар шилқимзодаларга нисбатан уч-тӯрт ана шундай амалиёт қӯлланилса шу кеча-кундузда бекорчиликдан кӯчама-кӯча чанг босиб юрган, текканга тегиб, тегмаганга кессак отувчи ва бирор қиз болани кӯриб қолса оғзининг таноби қочувчиларга сабоқ бӯларди, демоқчиман, холос.

Ҳурматли укалар, бундан буён бирор бир қиз болага гап қотишдан олдин обдон ӯйланг, натижаси нима бӯлар экан деб.

Солижон КОМИЛОВ
(бознашр аз рӯзномаи «Навиди Вахш», №90, аз 14 майи соли 1991)

Мазмун: Ин матлаб аз он ҳикоят мекунад, ки чӣ тавр духтараки зоҳиран нозуку чун фариштаҳо латифе ду марди паҳлавонҷуссаро барои шилқиниашон бо як мушти обдори худ ба хун оғушта карда, худро тавонистааст, ки аз онҳо ҳимоя кунад ва бо ин рафтораш вокунишҳои зидду нақизеро дар миёни шоҳидони ҳол ба бор овардааст.

Ин матлаб дар саҳифаи ӯзбекии «Навиди Вахш» ба табъ расидааст ва ба хотири ҳифзи забони асли мавод аз тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ худдорӣ шудааст.



ҚАРАХОНОВ САТТОР (С. АТТОР)

1 январи соли 1953 дар ноҳияи Колхозобод (ҳозира Ҷалолиддини Румӣ) ба дунё омадааст. Дар соҳаи матбуоти тоҷик собиқаи зиёда аз 40-сола дорад. Фаъолияти рӯзноманигориро аз рӯзномаи ноҳиявии «Ҳақиқати Колхозобод»-и ноҳияи Колхозобод (ҳозира «Навиди Балх»-и ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ) оғоз карда, аз ходими адабӣ то ба мақомҳои мудири шуъба ва котиби масъул расид.

Соли 1978, вақте ки дар вилояти навтаъсиси Қӯрғонтеппа рӯзномаи вилоятӣ бо номи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ташкил ёфт, ӯ ба ин нашрия ба кор даъват шуд. Аввал ҳамчун мухбири калон дар шуъбаи сохтмони советӣ ба кор шурӯъ намуд. Бо мурури замон дар ин рӯзнома, ки се дафъа тағйири ном кард: «Ҳақиқати Хатлон», «Навиди Вахш» ва ҳоло «Хатлон» - ба ҳайси ҷонишини котиби масъул, котиби масъул фаъолият дошт. Феълан дар рӯзномаи «Хатлон» вазифаи котиби масъулро ба уҳда дорад.

Узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Аълочии матбуот ва фарҳанги Тоҷикистон аст.

ИНТИХОБ

(Қиссаи воқеӣ)

...Борони сарди тирамоҳӣ меборид. Он якбора ба барфи тар табдил ёфт. Шамол барфро ба сару рӯйи кас мезад. Лутфия хамир дошт. Хамираш расиду онро зувола гирифта, баъди чанде рост карда монд ва худ рӯйи ҳавлӣ баромада, ҳезуми танӯрро оташ гиронданӣ шуд. Ҳезуми намрасида базудӣ дар нагирифт. Шамоли вазидаистода низ ба оташ гирондан халал мерасонд. Ӯ ҳарчанд коғазеро дар гиронда, зери ҳезум гузошта, пуф-пуф мекард, аммо ҳеҷ не ки аловаш

аланга гирад. Танҳо дуди ғализе баромада, ба димоғаш мерасид ва гулӯгираш мекард.

Лутфия сулфаи дуру дароз зада, қоматашро рост кард. Сӯйи ошхона рафта, дар ҷустуҷӯи карасин шуд. Максим ном русбачаи тахминан ҳаштсола аз дур истода, азоби занро наззора менамуд. Қалби кӯчакаш ба ҳоли Лутфия сӯхт ва дудилаю бо ҳарос назди ӯ омад.

- Холаҷон, агар оташи танӯрро дар гиронам, ба ивазаш як нон медиҳед, бисёр гурусна мондаму шикамам нақора мезанад, - гуфт писарча.

- Майлаш, ман розӣ, - чашмони аз заҳри дуд ба сӯзиш омадаю ҳалқаи об гаштаашро молиш дода, посух дод зан.

Писарча бо як чолокӣ оташи танӯрро дар гиронд. Зан нонҳояшро пухта, ба бача нони гарм дод.

- Холаҷон, ҳар дафъаи нонпазӣ ба Шумо ҳезуми хушк оварам, ба ман якнонӣ медиҳед? – нони гармро ба бағалаш гирифта пурсид бача. Зан розӣ шуд.

… Писарбача минбаъд дастёри ин хонадон шуда монд. Аз кӯча гоҳе ҳезум ҷамъ карда, ба хона меоварду ҳам алаф. Баъзан чорвои онҳоро ба чаро мебурд. Зан подоши хизмат - шиками бачаро сер мекард ва ҳар бегоҳ вақти рафтанаш ба ӯ як дона нон медод.

Максим ҳамон рӯз низ «вазифа»-ашро иҷро карда, ҳамроҳи кӯдакони хонадон сари дастурхон нишаст. Косаи хӯрокро аз ҳама пеш хӯрда тамом кард. Шикамаш сер нашуд, ки бо чашми гуруснаву дили кашол ба косаи ҳамроҳонаш нигарист. Ба «бахташ» кӯдакон ҳам хӯрокашонро батамом нахӯрданд. Баъди оне, ки онҳо барои бозӣ кардан ба кӯча баромаданд, ӯ ноаён косаҳои онҳоро лесида монд. Лутфия ин ҳолатро дида, дилаш таҳ зад ва вуҷудашро ҳиссиёти ғайриоддие фаро гирифт.

- Мардак, мо кӣ ва куҷоӣ будани Максимро намедонем. Шояд бо ӯ гуфтугӯ мекунӣ, - аз шавҳар хоҳиш намуд Лутфия. Соҳиб «хуб шудааст», гӯён бачаро наздаш хонд.

- Максим, ту падару модар дорӣ? - аз бача пурсид Соҳиб.

- Не! – бо сари хам посух дод Максим.

- Онҳо куҷоянд?

- Падар ману модарамро партофта рафтааст. Модарам ҳоло дар Русия зиндагӣ мекунад.

- Шабҳо дар куҷо хоб мекунӣ?

- Дар куҷое рост ояд, бештар дар болохонаю тагхонаи биноҳои бисёрошёна.

- Чаро ҳамроҳи модарат нарафтӣ?

- Хурдсол будам, ки модарам маро ба сағирхонае дар шаҳри Душанбе супорид. Баъд ҷанг сар шуду (ҷанги шаҳрвандӣ дар назар аст) модар дигар маро суроғ накард. Бачаҳои ятимхона азобам медоданд. Ноилоҷ гурехта, назди модарам ба шаҳри Чкаловск (вилояти Суғд) рафтам. Дар он ҷо на модарро дарёфтаму на хонаи зистамонро. Дар хонаи мо аллакай шахсони бегона мезистанд. Аз онҳо фаҳмидам, ки модарам хонаро фурӯхта, аз Тоҷикистон рафта будааст.

Бесарпаноҳ, дар кӯчаҳо оворагардӣ мекардам. Дар ин ҷо низ аз дасти худам барин бачаҳои оворагард рӯзи хуш надоштам. Таваккал карда, ба роҳ баромадам. Оқибат ба шаҳри Қӯрғонтеппа расидам…

Нақли дилрешкунандаи писарбача соҳибхонаро мутаассир сохт. Ӯ ба рӯйи писарбача нигарист. Чашмони бачаро ҳалқаи об дид. Оби чашмони бачаро пок намуда, сарашро падарона навозиш кард.

- Аз ҳамин рӯз эътиборан ту ба ҳеҷ куҷо намеравӣ, - гӯён Соҳиб дасти Максимро гирифта, ӯро ба ҳуҷраи кӯдаконаш бурд…

Максим то 12-солагӣ дар хонаи Лутфияву Соҳиб монд. Ба онҳою кӯдаконаш унс гирифт, бо лаҳни тоҷикӣ равону зебо ҳарф мезадагӣ шуд. Русбачаи оворагард ба боварии соҳибхона даромад. Онҳо бачаро ба фарзандӣ хонда, дар қатори писарони худ дасти вайро низ ҳалол карданд ва ба ӯ номи тоҷикӣ – Мурод гузоштанд. Лутфия бо розигии модараш Баҳринисо бачаро ба деҳа, ба хонаи падару модари хеш бурд. Мурод дар ин ҷо низ фарзанди худӣ шуда монд. Ӯ аз

канори сарди оворагиҳову мушкилоти зиндагӣ ба оғӯши гарму меҳрубононаи як оилаи бофарҳанги тоҷик дохил шуд, ки шабоҳат дошт ба ҷаҳони орзуҳои кӯдаконааш. Ва дар хонаи амаки Мирзо ба камол расид.

- Писарам, Муродҷон, ту дар ин хона зиқ-ку нашудаӣ? Дида истодаӣ, ки урфу одатҳои мо дигар аст, ҳама ба забони модарӣ ҳарф мезананд, - амаки Мирзо рӯзе дар омади гап аз Мурод пурсид.

- Охир, ин хонаи ман ва шумо оилаи ман ҳастед-ку?! Ман акнун мусулмон шудаам, ба тоҷикӣ ҳарф мезанам ва ин забонро дӯст дошта мондам. Акнун забони тоҷикӣ забони ман аст, он бароям ширин аст, - посух дод Мурод.

- Ба камол расидаӣ, шояд ба Русия рафта, модаратро ҷустуҷӯ карда меёбӣ, бо ӯ зиндагӣ мекунию аз миллати худ зан мегирӣ?, - суханашро идома дод амаки Мирзо.

- Русия меҳру дӯстдории Тоҷикистонро ва модарам меҳру муҳаббати шуморо аз дили ман дур кардаву забони русӣ ширинии забони тоҷикиро дар коми ман иваз карда наметавонанд. Аз дигар тараф, Тоҷикистон ба ман маъқул аст, - посух дод Мурод.

- Ихтиёрат, вале рафта модаратро ёбу аз ҳолаш хабар бигир, - насиҳатомез маслиҳат дод амаки Мирзо.

… Мурод бо маслиҳати падархондаш бо баҳонаи мардикорӣ ба Русия рафт. Баъди пурсу суроғҳои зиёд модарашро ёфт. Модар дар хонаи якҳуҷрагӣ мезисту зиндагиаш чандон хуб набуд. Мурод инро дида, ба худ муносиб надонист, ки ҳамроҳи модари аслиаш монад. Ҳушу ёдаш ба Тоҷикистон кашол буд, мехост тезтар ба оилаи тоҷикиаш баргардад.

Дар Тоҷикистон низ амаки Мирзо, Лутфияву Соҳиб ва кӯдакони онҳо ёди ӯро мекарданд. Ҳарчанд мехостанд, ки Мурод бо модари худ зиста, ӯро нигаҳбон бошад, аммо бо вай сахт унс гирифта буданд, чанд моҳи ҷудоӣ онҳоро ғамгин сохт…

Аз байн чанд муддат гузашт. Мурод нияти ба Тоҷикистон

баргаштан кард. Вале модар нахост писари баркамолгаштаашро аз даст бидиҳад. Бо ҳамин мақсад ӯро ҳатто дар хона паси дар баста нигоҳ медошт ва ба кӯча баромадан ҳам намемондаш. Модар хатои дар ҷавонӣ кардаашро бо меҳрубониҳои сохтаю хасакӣ ислоҳ карда натавонист.

- Ман аллакай тақдири худро интихоб намудаам ва бе оилаи нави худ зиндагӣ карда наметавонам, - гуфт ба модар Мурод.

Модар писарро дигар дар «маҳкама»-и хонагӣ дошта натавонист. Мурод рӯзе аз он ҷо фирор кард. Ду сол мардикорӣ кард ва ба Тоҷикистон, ба оилаи тоҷикиаш маблағ ирсол менамуд. Ҳар гоҳ, ки аз номи ӯ маблағ меомад, аҳли оила мегуфтанд: ба ҷойи ин маблағҳо худи Мурод зудтар бармегашт, беҳтар буд, бисёр ёдаш кардаем.

Пас аз ҷудоии дусола Мурод ба Тоҷикистон баргашт. Омадани ӯ барои аҳли оила хушбахтӣ буд. Ҳатто аҳли деҳа ба дидорбиниаш меомаданд.

...Чанде пеш дар оилаи холаи Баҳринисо боз хушбахтии дигаре ба вуқӯъ пайваст. Писархондашон Муродро оиладор карданд. Тӯйи онҳо хоксорона гузашт. Мурод бо арӯси нозанинаш Субҳия зиндагии шоистаро бо дуои неки модархонд Баҳринисо (амаки Мирзо дар он рӯзҳо дар қайди ҳаёт набуд) оғоз намуд...

Саттор ҚАРАХОНОВ
(«Хатлон», 20 июли соли 2007)

ҚОБИЛОВ ТӮРАҶОН

5 майи соли 1935 ба дунё омадааст. Соли 1957 факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ)-ро хатм кардааст. солҳои зиёде дар мақомоти ҳизбию давлатӣ кор кардааст. Дар рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» аз соли 1979 ба ҳайси муовини сармуҳаррир ба фаъолият пардохта, дар тарбияи журналистони ҷавони минтақа ва болоравии обрӯю нуфузи ин рӯзнома ва ҳайати эҷодии он дар миёни аудитория саҳми назаррас доштааст. Рӯзноманигори пуркор, соҳибмактабу қавӣ буд. Баъдан ба рӯзномаи ноҳиявии «Байрақи дӯстӣ»-и ноҳияи Коммунистӣ (ҳоло Бохтар) даъват шуда, он ҷо ба ҳайси сардабир чанд сол кор мекунад.

Тибқи маълумоти созмонҳои дифоъ аз ҳуқуқи журналистон, Тӯраҷони Қобил 22 июл (баъзе манбаъҳо ба санаи 1 август ишора мекунанд)-и соли 1992 дар ҳудудҳои ноҳияи Бохтар ба қатл расонида мешавад. Аммо маълумоти дақиқу саҳеҳ оид ба замон ва макони куштори ин журналисти соҳибҳунари тоҷик рӯйи даст нест.

ҚОДИРОВ ХУДОЙБЕРДӢ

Худойбердӣ Қодиров 17 августи соли 1949 дар хоҷагии «Қизилкӯч»-и ноҳияи Октябр ба дунё омадааст. Соли 1966 мактаби миёнаро хатм кардааст. Солҳои 1968-1970 дар хизмати ҳарбӣ буд. Баъд аз хизмати модар-Ватан дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ кор кард. Ба гуфтаи худаш, аз синфи 7-уми мактаб ба журналистика алоқа дошт. Солҳои 1987-1989 дар «Университети халқии мухбирони коргару деҳқон» таҳсил карда, баъди хатми курси зикршуда, дар редаксияи «Навиди Вахш» ба кор қабул шуд. Ҳоло ба ҳайси мухбири махсуси нашрияи ӯзбекии «Дӯстлик» фаъолият дорад.

Узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва дорандаи нишони «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» аст. Муаллифи се китоб ба забони ӯзбекӣ мебошад.

ОШАР ХУНОБИМ

Сарсонликда аёл дунё кезганда,
Хафаман, ўзини нохуш сезганда.
Чорасизлик баттар бағрин эзганда,
Хунобим ошади, ошар хунобим.

Қаерда ўғлонлар эмас чўрт кесар,
Қароқчилари бор, бордир йўлтўсар.
Албатта жиноят болалаб - ўсар,
Хунобим ошади, ошар хунобим.

Ўғрини, ўғлон деб бўлмаса керак,
Наҳот шундан улар бўлса бедарак?!
Токпилмай қолганда бир, элга керак,
Хунобим ошади, ошар хунобим.

Боши берк кӯчага бошлаб хаёллар,
Ӯйлантираверса яна аёллар.
Чора тополмаса биздайин чоллар,
Хунобим ошади, ошар хунобим.

Кимлигингни сӯраб ӯтирмайдилар,
Порасиз ҳеч ишни битирмайдилар,
Текинга тонгингни отирмайдилар,
Хунобим ошади, ошар хунобим.

Мансаб тайин, мактов унга ёғаси,
Кимнингки тепада бӯлса тоғаси.
Бӯлолмай бечора иним оғаси,
Хунобим ошади, ошар хунобим.

Худойбердӣ ҚОДИРОВ

ҚОСИМОВ ГУРЕЗ

Соли 1960 дар ноҳияи Вахш таваллуд шудааст. Соли 1983 филиали институти давлатии педагогии шаҳри Душанберо дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав), соли 2012 Донишгоҳи славянии Россия-ву Тоҷикистонро бо ихтисосҳои омӯзгор ва ҳуқуқшинос хатм намудааст. Солҳои 1986-1993 дар вазифаҳои баҳисобгирандаи мактубҳо, мухбири рӯзномаҳои «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» (баъдан «Навиди Вахш», «Хатлон»), «Вахш» (соли 1993 муҳаррири рӯзномаи ноҳиявии «Вахш» буд) кор карда, сипас фаъолияташро дар нашрияи «Садои мардум», идораи телевизион ва радиои вилояти Хатлон ба ҳайси мухбир, муҳаррири калон идома додааст. Чанд соле дар дастгоҳи раиси шаҳри Қӯрғонтеппа вазифаҳои сармутахассис, мудири шуъбаро ба уҳда дошт.

Соли 1998 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор омада, дар мансабҳои сармутахассис, муовини мудири шуъба, мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо фаъолият намудааст. Аз соли 2010 муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

МАКТАБЕ, КИ МОРО БА РОҲИ МАСЪУЛИЯТШИНОСӢ ҲИДОЯТ МЕНАМУД

Сатрҳои ёд аз дафтари хотира

Бинои хоксоронаи боҳашамат

Соли 1979. Донишҷӯи курси дуюм будам. Ҳар гоҳе аз назди бинои редаксияи рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» гузар мекардам, ба худ меандешидам: оё рӯзе

ман ба ин бино ворид мешуда бошам. Он ҷо чӣ коре анҷом меёбад? Рӯзнома чӣ гуна аз чоп мебарояд? Кормандонаш киҳоянд? Метавонам аз онҳо сирру асрори рӯзномадорӣ омӯзам? Не, ман куҷову ин бинову кормандони он куҷо. Ҳатто ҷуръат намекардам ин гуна саволҳоро ба рӯзноманигори ҳамдеҳаам Аъзам Мӯсоев диҳам.

Ин бинои хоксоронаи якошёна, вале дилкашу атрофаш пайваста тозаю озода, ба назарам хеле боҳашамат менамуд. Гӯё баландтарину калонтарин дар Қӯрғонтеппа бошад.

Як маротиба ба қавле шеъре навиштаму гуфтам, ки рост бурда ба устод Аъзам Мӯсоев месупорам. Ва рафтам назди ин бино. Ҷуръат накардам аз дарбон устодро пурсам. Соате интизор шудам. Ҳар куҷое бошад, ё аз дар мебарояд ё аз дар медарояд. Тасодуфан устодро дидам, ки аз бино берун мешавад. Зуд наздаш давидам.

- Устод шеъре овардам. Чоп мекардед, - овозам беҷуръатона ва нимғурма баромад.

- Хуб шудааст, - андешамандона коғази дастамро гирифт, - ба шуъба месупорам, мебинанд.

Бори дигар хабараке навиштам, иборат аз ду-се ҷумла. Овардам ва супурдам ба дарбон. Гуфтам, ки ба муаллим Аъзам Мӯсоев супорад.

Хабаре, ки …

Рӯзнома ҳафтае панҷ маротиба чоп мешуд ва аз дӯкон пайваста шумораҳои онро мегирифтам. Бошавқ мехондам. Баъди ба редаксия супурдани аввалин шеъру хабарам бошад, ҳар шумораи онро чанд маротиба саҳифагардон мекардам, ки шеъру хабарам чоп шуда бошад ё на.

Пас аз ду-се рӯз хабарам чоп шуд. Ба ҳар ҳол аз ному фамилияам фаҳмидам, ки хабари ман аст. Шодию хурсандиам сарҳад надошт. Ҷониби хонаи иҷора шитофта, роҳравон хабари чопшударо гаштаю баргашта мехондам, бо овози баланд. Кай маро андешаи ба пеши поям, атроф, роҳгузарон нигоҳ кардан буд. Парвоз мекардам. Хабарам чоп шудааст.

Бо ному фамилияи худам.

Дар хонаи иҷора аз ҳамсабақонам фаҳмидам, ки онҳо маро дар кӯча роҳравон машғули рӯзномахонӣ дида, садо ҳам кардаанду аз пасам хеле мушоҳида ҳам.

Нахустин хабарам дар рӯзномаи вилоятӣ чоп шуд! Нахустин маротиба номи ман ба ин бинои боҳашамат роҳ ёфт. Пас, худам ҳам ворид шуда метавонам.

Вале шеърам чоп нашуд. Хеле баъд дарк кардам, ки на ҳар кас шоир мешаваду шеър менависад.

Ва бори дигар бо маслиҳату таҳрири устоди филиали ҳамонвақтаи Донишкадаи омӯзгории Душанбе дар шаҳри Қӯрғонтеппа Раҷаби Мусулмониён лавҳаеро дар бораи гӯрӯғлисарои шинохта Ҳақназари Кабуд навиштаму якҷоя омадем ба редаксия.

Маро шинос намуд бо устодон Пиримқул Сатторӣ, Алимуҳаммад Муродӣ, Шарифамоҳи Кишвардухт. Лавҳаамро чоп карданд.

...Ва минбаъд зуд-зуд ба ин даргоҳи бароям хеле азиз меомадам.

Чӣ овардӣ?

- Ҳар гоҳ навиштае дар даст ба редаксия меомадам, Шарифамоҳи Кишвардухт бо табассум ва лаҳни хос мепурсид:

- Чӣ овардӣ?

- Як хабар... лавҳа.

- Чоп мекунем.

Оид ба фаъолияти отряди донишҷӯёни бинокори донишкадаамон аз ноҳияи Куйбишев (ҳозира Абдураҳмони Ҷомӣ) ва бригадаи сохтмонӣ ба қавле репортаж навиштаму овардам ба редаксия. Баъди ду рӯз корманди ҷамоат ба хонаамон омаду гуфт, ки туро аз редаксия мепурсанду бояд ҳамин ҳоло мерафтаӣ.

Дарбони редаксия низ бо оҳанги омирона гуфт:

- Куҷо мегардӣ, муаллима Кишварова туро аз дина боз намеёбад.

Давида рафтам назди муаллима.

- Гӯш кун, репортажатро дар саҳифа ҷой кардем. Бинем яке аз қаҳрамонат - бригадири сохтмончиён, ки бо донишҷӯён якҷоя кор мекардааст, фамилия надорад. Навиштаат бо фаъолияти бригада пайваста аст. Агар қисмати матнро дар ин бора истифода набарем, пас репортаж маъно ва мақсадашро гум мекунад. Мабодо намедонӣ фамилияашро. Шояд дар блокнотат навиштаӣ?

Ҳамин қадар фикр кардам, фамилия ба ёдам наомад. Дар дафтарам ҳам нанавишта будаам. Ягона роҳ ин буд, ки зуд ба ноҳияи Куйбышев рафта, фамилияро муайян кунам. Худи ҳамин рӯз.

То бегоҳ «фамилия»-ро оварда, ба Шарифамоҳи Кишвардухт супоридам.

- Чӣ овардӣ? Фамилия? - софдилона хандид ӯ.

Дар шумораи навбатӣ чоп шуд репортажам.

Мухбири ғайриштатӣ

Редаксия ба бинои дуошёна кӯчид. Ҳамкориам идома меёфт. Аз ҳар боб чизе менавиштаму мерафтам сӯйи редаксия. Таҳрир мекарданд, барои такмил ё асоснок кардани далелҳо маводамро бармегардонданд. Вале таъкид медоштанд, ки гурехта наравам. Дасти холӣ наоям. Ҳатман чизе биёрам. Ва дасти пурам, «чизе биёрам» хабар буду мақола ва лавҳаи хому таҳрирталаб.

Ва чоп мешуд навиштаҳоям. Пайваста. Баъзан шуъбаҳо супориш ҳам медоданд.

Як рӯз устод Алимуҳаммад Муродӣ аз дастам гирифту:

-Назди муҳаррир меравем, - гуфт. - Ту мухбири ғайриштатии мо мешавӣ.

Даромадем назди муҳаррир Муқим Абдураҳмонов. Устод аз ҷой бархоста ҷониби дар ба пешвозамон омад. Ҳалимона аҳвол пурсид.

-Ҳамон Қосимов, ки гуфтам, ҳамин кас, - гуфт Алимуҳаммад Муродӣ. - Мехоҳем мухбири ғайриштатии рӯзнома бошад.

Баъзан ташкилотҳо ҳуҷҷати редаксия талаб карда, баъд суҳбат мекунанд, ё факту рақам медиҳанд. Бинобар ин, барои гирифтани дастури Шумо даромадем.

- Албатта, аз навиштаҳояш ғоибона мешиносам, - устод дастамро фишурд. - Майлаш, ҳуҷҷат таҳия кунед.

Ҳуҷҷати редаксия дар хусуси мухбири ғайриштатӣ қабул кардани ман бароям имрӯз ҳам бисёр азиз аст. Ҷойи нигоҳ доштанашро намедонистам. Эҳтиёт мекардам, ки мабодо гум накунам. Ва то соли 1986 ҳамчун мухбири ғайриштатӣ бо редаксия ҳамкорӣ мекардам.

«Бачам, гапи одамони калонро бигир, баракат меёбӣ»

Моҳи декабри соли 1985. Омӯзгори мактаби миёнаи рақами 11-и ноҳияи Вахш будам. Як бегоҳ бехабар аз редаксияи вилоятӣ Ғулом Соҳибов ва Абдувалӣ Абдувоҳидов ба деҳа, хонаи мо омаданд.

- Ба редаксия ба кор меравӣ, - сари мақсад омад устод Ғулом Соҳибов.

Ҳам хурсанд шудаму ҳам дудила будам. Оё аз уҳдаи кор мебаромада бошам? Охир, мухбири ғайриштатӣ дигар. Кай хоҳед, як чиз менависед, ба ягон ташкилоту корхона меравед. Нахоҳед, не. Албатта, давраи таътил дар редаксияи «Вахш» як муддат муваққатан кор кардам. Вале вақте мухбири доимӣ шудед, гапу кор, масъулият тамоман дигар мешавад. Суҳбату вохӯриҳо, иштирок дар маҷлисҳо, санҷиши мактубу шикоятҳо…

- Вале ҳоло дар шуъбаи мактубҳо танҳо вазифаи баҳисобгирандаи мактубҳо холӣ аст. Ҳамон ҷо кор мекунӣ, баъд ягон шуъба, ки холӣ шуд, мухбир мегузаронем. Муҳаррир Муқим Абдураҳмонов фиристонданд. То пагоҳ фикр кун, розӣ бошӣ, редаксия ба шуъбаи маорифи ноҳия барои ба кори редаксия гузаронидан мактуб мефиристонад.

Баъди рафтани меҳмонон ба падарам муроҷиат кардам. Гуфтам, ки ба редаксияи вилоятӣ ба кор даъват мекунанд. Аммо мухбир нею баҳисобгирандаи мактубҳо. Яъне коркуни

техникӣ. Равам, наравам? Наравам, устодон гумон мекунанд, ки вазифаро назарам нагирифт. Равам, аз мактаб, муаллимӣ мемонам. Ба ҳар ҳол одат кардаам. Маоши муаллимӣ ҳам бад не. Мактаб назди хона. Аз деҳа то шаҳр бошад 7-8 километр. Шояд рафтуомад душвор мешавад. Боз маоши коркуни техникӣ тамоман кам.

- Бачам, сухани калонҳоро намегардонанд. Онҳо барои фоидаи ту мегӯянд, ба зарарат не. Гапи одамони калонро бигир, баракат меёбӣ.

- Агар Шумо розӣ бошед, майлаш, меравам.

- Ман розӣ.

Ва 5 январи соли 1986 нахустин рӯзи кориам дар вазифаи баҳисобгирандаи шуъбаи мактубҳои редаксияи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» буд. Муҳаррир Муқим Абдураҳмонов наздаш даъват карду бо тамкинии танҳо ба худи ӯ хос гуфт:

- Додарам, вазифаатон баҳисобгиранда бошад ҳам, вале худатон мухбирӣ мекунед. Баробари кормандони эҷодӣ ба сафар меравед, супоришҳои эҷодиро иҷро мекунед. Асосаш корро сахт гиред.

Дар ҳақиқат баъди муддате маро ба вазифаи мухбир гузарониданд.

…Аз даъвати редаксия ва розигии падар баракат ёфтам. Баракати кору рӯзгор.

Натанҳо мактаби эҷод

Ман ҳеҷ гоҳ муносибат, гуфтори ҳалимона, кӯмаку маслиҳати беғаразонаи устодон Муқим Абдураҳмонов, Тӯра Қобилов, Саидалӣ Бобохонов, Аскаралӣ Набиев, Аъзам Мӯсоев, Пиримқул Сатторӣ, Шарифамоҳи Кишвардухт, Ғулом Соҳибов, Олимҷон Ёрасенов, Саидҷаъфар Сафархӯҷаев, Давлат Султонов, Абдувалӣ Абдувоҳидов, Шарофиддин Қосимов, Алимуҳаммад Муродӣ, Табаралӣ Неъматовро фаромӯш намекунам. Онҳо мактаби бузурги рӯзноманигориананд. Мактабе, ки солҳои ҳаштодум ба мо

- ҷавонон натанҳо сабки эҷоду ҳарфи навиштан омӯхтааст, балки ба роҳи одаму одамгарӣ, тамкину сабру таҳаммул, фаросату масъулият ҳидоят намуда.

Ин мактаб ба мо дарси дуруст навиштан, воқеӣ навиштан, зимни навиштан ба иззату эътибори шахсият нарасидан, камбудиро ошкор кардан омӯхт. Ба мо мегуфтанд: тарзе нависед, ки ба ҳадаф расед, навиштаатон ба манфиати мардум, ҷомеа бошад, барои ислоҳи камбудиҳо мусоидат намояд, беғаразона нависед.

Онҳо мактаби бузурги журналистикаи вилоят мебошанд. Ихтисоси ман омӯзгор аст. Касби журналистикаро дар донишгоҳ аз худ накардаам. Ҳамин мактаб назария ва амалияи чунин як соҳаи бисёр мушкил ва масъулиятнокро ба ман омӯзонд. Ҳамин мактаб маро роҳнамоӣ кард, устодони ҳамин мактаб маро ба кори рӯзнома оварданд, дастамро гирифтанд, боварам кард ҳамин мактаб. Ин мактаб бароям боз як мактаби олии дигар, мактаби касбӣ, мактаби муттаҳидӣ аст. Ин мактаб маро муддати ҳашт сол нони рӯзнома дод.

Таҷрибаи ин мактаб имрӯз ҳам роҳнамои фаъолиятам буда. Хизмати давлатӣ, ки пешаи ман аст, низ эҷодро металабад, сабку забони таҳлил ва муқоисаро, пешниҳодро ба манфиати рушду ташаккули соҳа. Ончуноне ки рӯзноманигор эҷод мекунаду таҳлилу қиёсу пешниҳод.

Солҳои кор дар рӯзнома бо насли нисбатан ҷавон шинос шудам. Аз Тоҳир Асомиддинов, Бобоҷон Абдулвоҳидов, Тошбеки Мирзобек, Ҳусейн Маликов, Тошмуҳаммад Тошев, Саидҷалол Фахриддинов, Ғафурҷон Расулов, Шоимқул Облоқулов, Саттор Қарахонов, Асалмо Сафарова, Ҳотам Каримов, Абдулло Шоимардонов, Тоҳир Азимов, Аҳлиддин Рафиев, Муталиб Ормонов, баъдтар аз Шералӣ Яҳёев ҳам чизе омӯхтаам. Дар фаъолияти ман суратгирон Абдурашид Ҳамидов, Абдулло Абдухалилов, меҳнати бомашаққати мошиннависҳо Қундузой, Ҳимоят, Рафоат, Хурсандой, Замира, мусаҳҳеҳон Абдураҳмон Солиев, Ганҷинисо Мирзоева, Карим Иброҳимов, ҳисобдор Сабоҳат, кормандони матбаа

саҳми арзанда гузоштаанд.

…Ҳар гоҳ ба Қӯрғонтеппа меравам у аз назди биноҳои шиносу гарм, азизу муътабар, ки як вақтҳо редаксия ҷойгир буд, гузар мекунам, беихтиёр насими ёд дафтари хотираамро боз мекунад. Чашмам сӯи биноҳо меравад у ёдам сӯи солҳои рафта, сӯи он рӯзгори ширину нотакрор. Садое маро даъват мекунад аз ин биноҳо, ки биёву қадам бимон дар қадамҷои устодони рӯзноманигорат. Имрӯз биноҳо хизмати маъмурии дигар мақомотро ба уҳда доранд, вале ҳамон бӯйи муаттари гулҳои ҳавлӣ, ҳамон садои фораму хандаи софи Шарифамоҳи Кишвардухт, шӯхию базлагӯии кормандон дар рӯйи ҳавлӣ, нонпораҳои хушки болои мизи кории Пиримқул Сатторӣ, ки бисёр бомазза буданду ҳар меҳмонашро бо як пиёла чойи алафӣ муроот мекард, чақ-чақи мошинаҳои чопӣ, ташвишҳои шабонарӯзии навбатдорӣ аз димоғу аз машому аз ёд намераванд. Вале афсӯс, рафтанд он солҳо. Бо ҳамон солҳои бебозгашт рафта аз миёни мо рафтанд Тӯра Қобилов, Пиримқул Сатторӣ, Шарифамоҳи Кишвардухт, Олимҷон Ёрасенов, Саидҷалол Фахриддинов, Бобоҷон Абдулвоҳидов, Тоҳир Асомиддинов, Ғулом Соҳибов. Дигар барнамегарданд он солҳо ва ин устодон ва ҳамкорони мо. Рафтаанд бебозгашт. Танҳо дар ёд ва дар дилҳои садҳо хонандагонашон мондаву номи нек, хотираҳои ширин аз рӯзгорашон дар саҳифаҳои рӯзнома нақш баста….

XXX

Чун ин сатрҳои ёд дар соли ҷашни муборак рӯйи саҳифа омадаанд, таманно мекунам, ки кормандони рӯзномаи вилоятии «Хатлон» аз пайраҳаи эҷоди ҳамин мактаби таҷрибаи устодон пайваста қадам гузоранд. Боқӣ, 80-солагии рӯзнома барои мардуми шарифи вилоят ва кормандон муборак бошад.

Гурез ҚОСИМОВ,
муовини сардори Раёсати хизмати давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон



ҚОСИМ МИРЗО

Тахаллуси адабиаш Мухбир аст. Соли 1943 дар деҳаи Парамаки ноҳияи Ховалинг дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёнаи ба номи Ленини шаҳри Кӯлоб, соли 1960 ҳуҷҷатҳояшро ба Институти политехникии пойтахт месупорад. Аз сабаби бад шудани шароити оилавиаш маҷбур мешавад, ки аз курси чорум донишкадаи номбурдаро тарк намояд. Як сол дар деҳот омӯзгорӣ мекунад. Хатмкардаи Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Рӯдакии шаҳри Кӯлоб ва Мактаби олии партиявии шаҳри Тошканд аст. Мирзо Қосим соли 1968 ба рӯзномаи ноҳиявии «Мубориз»-и ноҳияи Восеъ даъват мешавад. Дар ин ҷо аввал ба ҳайси мудири шуъба ва шаш соли минбаъда ҷонишини муҳаррир шуда фаъолият кардааст. Аз соли 1976 то соли 1993 дар рӯзномаҳои вилоятии «Рохи ленинӣ» ва «Хатлон» вазифаҳои ҷонишини котиби масъул ва мудирии шуъбаро ба ҷо меорад.

Ба қалами Мирзо Қосим маҷмӯаҳои назмию насрии зайл тааллуқ доранд: «Нури меҳр», «Марди роҳ», «Дар доманаи Санги Сабз», «Дашти кабки рав», «Дили дарё дошту…», «Чашм сӯйи оянда», «Савори Сиёҳмушкин», «Бузургмард», «Қиссаи Пирназар», «Як шаби пуртаҳлука», «Чашмаи ҷонбахш» ва ғайра.

Узви Иттифоқи журналистон ва Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон мебошад.

ДУ ҒАЗАЛ

Гаштаам озурдадил аз гиру дори зиндагӣ,
Хокбӯсам кардааст чангу ғубори зиндагӣ.
Он яке дар тангдастӣ мехӯрад хуни ҷигар,
В-он дигар дар бурдборӣ шаҳсавори зиндагӣ.

Мастии бисёр охир бишканад сарви қадат,
Мастӣ дорад пастие, бошад шиори зиндагӣ.
Пораи нонро ба ҳам дидан надорад ҳеҷ айб,
Шахси хайрандеш ҳар ҷо ғамбарори зиндагӣ.
Фак-факи дунё туро охир биафтонад зи пой,
Бо ҳама ҷонкоҳӣ бошӣ қарздори зиндагӣ.
Дар ҳаёти кӯтаҳат беҳуда, Мухбир, ғам махӯр,
Ҳам тану ҳам ҷони худ бинмо нисори зиндагӣ.

***

Хилъати барги раъно зи шабнам тар нашуд,
Матлаи ман дар замирам сӯхт, хокистар нашуд.
Ноҳақӣ гар мекунӣ, аз кардаат ёбӣ малол,
Ҳеҷ марди оқиле пойбӯси Искандар нашуд.
Бе хирадмандони даҳр осон набуд дар зиндагӣ,
Шахси боинсоф ҳам соҳиби молу зар нашуд.
Борҳо дидам, ки мурғи хонагӣ сӯйи само
Бол агар бикшод, дар гардуни мо шаҳпар нашуд.
Гуфт Мухбир: - умри мо бигзашта, ё Ҳақ, ройгон,
Шеъри дардолудаи мо зиннати дафтар нашуд.

БА НАВРОҲБАР

Фақат донотарошӣ карда, аз ҳад ман-манӣ дорӣ,
Ба карда ҳеҷу аз нокарданиҳо карданӣ дорӣ.
Зи ҷо нохеста ҳамчун хурӯсак нӯлканӣ дорӣ,
Бикарда одамият гум, ту азхудрафтанӣ дорӣ.
Сабукбориюю беақлии ту, дон, бори нав дидем,
Барои мо ту як беақл, қадрат қадри ҷав дидем.
Фазоӣ болу пар бикшоданатро кабки рав дидем,
Ба сӯзиш чӯби хушкеро ҳаме зеби алав дидем.
На нодониву не гумраҳ, басо ҳардамхаёл астӣ,
Ба курсӣ нав нишаста, ҳай сари қолу мақол астӣ.
Намедонӣ рамузи кору аз мардум малол астӣ,
Даҳонатро нигаҳ дор, илтимос, андар завол астӣ.

(Бознашр аз рӯзномаи «Хатлон», №13-14, аз 20-уми марти соли 2003)



ҚОСИМОВ ШАРОФИДДИН

Моҳи майи соли 1943 дар ноҳияи Хуросон ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаби миёна дар колхоз кор мекард. Аз моҳи августи соли 1969 дар рӯзномаи шаҳрии «Коммунисти Қӯрғонтеппа» ба кор пардохт. Моҳи декабри соли 1978, баъди таъсиси рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», ба ин рӯзнома даъват шуд. Мухбири калони шуъбаи хоҷагии қишлоқ буд. Одами оромтабиат ва хушхислат буд. Табъи латиф, қалби шариф дошт. Бо ҷавонони эҷодкор мисли устод муомила менамуд. Қаламкаше буд, ки тамоми мавзӯъҳоро чун мутахассиси соҳа таҳлил мекард. Бо кишоварзон кишоварз, бо олимон олим, бо муаллимон муаллим, бо донишҷӯён донишҷӯ – дар маҷмӯъ, устоди сухане буд, ки мактаби эҷодӣ дошт. Ҳоло фарзандонаш ҳам пайрави касби ӯ шуда, дар расонаҳои ватанию хориҷӣ кор мекунанд.

Тибқи маълумоти созмони «The Freedom Forum Journalists Memorial» ва Кумитаи байналмилалии дифоъ аз журналистон (CPJ), Шарофиддин Қосимов тахминан моҳҳои июн ё июли соли 1993 кушта шуд.

ҚИССАИ ҚАТЛИ «ЭШОНИ ЖУРНАЛИСТ»

Ё «ҳуми қатл» барои тағои «генералӣ мардумӣ» будан

Шарофиддини Қосим рӯзноманигори барҷастае аз Хуросон буд, ки қариб се даҳсола дар рӯзномаи «Коммунисти Қӯрғонтеппа» баъдан «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» кору фаъолият намуда, аммо номаш дар саҳифаҳои таърихи матбуоти Вахшонзамин бо ҳарфҳои сурх ҳаккокӣ шудааст. Оре, номи инчунин рӯзноманигорон, ки дар солҳои даргириҳо бегуноҳ куштаву то имрӯз беному нишонанд, дар зеҳнҳои пайван-

дону дӯстон ва насли пайрави онҳо бо ҳуруфоти сурх нақш бастааст. Мутаассифона, теъдоди шаҳидони рӯзноманигор дар водии Вахш ҳудуди 20 ё шояд бештар аз 20 нафарро ташкил диҳад. Эшони Шарофиддини Қосим - мухбиру мутрибу ҳофизу воизи матбуоти Қӯрғонтеппаи солҳои 1960-1990 аз зумраи ин шаҳидони гулгункафан аст.

Рӯзноманигор ва донишманди маъруфи хуросонӣ Эшони Шарофиддини Қосим санаи 3-юми майи соли 1945 дар деҳаи Меҳнатободи шаҳраки «Қизил-Қалъа»-и ноҳияи имрӯза Хуросони вилояти Хатлон дар оилаи Эшони Саидқосим ба дунё омадааст. Даврони кӯдакии Шарофиддин дар зодгоҳаш гузашта, тақрибан аз 15-20 солагӣ нахуст дар маҳфилҳои мухбирони ҷавон, баъдан дар рӯзномаи «Коммунисти Қӯрғонтеппа» ба ҳайси мухбир фаъолияти рӯзноманигории худро оғоз кардааст.

Шарофиддин ва навқаламон

Давлатҷон Султонов, мухбири минтақавии «Садои Мардум» дар Хатлон, нақл мекунад: «Вақте соли 1967 дар синфи 7-уми мактаби миёна таҳсил мекардам, бо рӯзномаи «Коммунисти Қӯрғонтеппа» мукотиба доштам. Рӯзе аз номи мудири шуъбаи мактубҳои ин рӯзнома - Шарофиддин Қосимов ба номи ман мактубе омада, маро барои таҳсил дар мактаби мухбирони ҷавони назди рӯзномаи «Коммунисти Қӯрғонтеппа» даъват карданд. Дар дидори аввал ман аз симои бовиқору суҳбати дилнишини ин бузургмард таассуроти зиёд бардоштам. Ӯ дар ташаккули истеъдоди рӯзноманигории ману даҳҳо нафар ҳамсолони мо нақши муҳим бозидааст».

Ба гуфтаи Давлатҷон Султонов, ҳарчанд устод Шарофиддини Қосим маълумоти олӣ надошт, аммо бениҳоят шахси босаводу аз илми таърих, дини ислом ва илми адаб бархӯрдор буд: «Ёд дорам, вақте матлаби ӯ «Кавсан аз бедаи колхоз» чоп шуд, чӣ гуна вокунишҳоеро ба бор оварда буд. Он вақтҳо барои мо аҷиб менамуд, ки вақте дар ҷаласаи ҳафтаина ба устод Шарофиддин огоҳӣ медоданд, аз тарафи дигар, матла-

башро дар гӯшаи мақолаи беҳтарини ҳафта ҷой медоданд. Яъне гарчанде барои ба кор дер омадан ё дигар сабабе огоҳӣ мегирифт, аммо мақолаҳои навиштаашро беҳтарин матлаби ҳафта эътироф мекарданд».

Шарофиддин, оши палов ва мақоми зан

Наргис Қосимова, духтари бузурги Шарофиддини Қосим, ки имрӯз пешаи падарро интихоб кардааст, ба ёд меорад, ки ҳар саҳар падарам навиштаҳои шабонаашро гирифта, ба редаксия мерафту ман даста-даста варақҳои сиёҳнависашро бароварда, ба оташдон мепартофтам. Ӯ шабонгоҳон зиёд бехобӣ мекашид. Зимни бозгашт аз сафарҳо беҳтарин туҳфааш барои аҳли оила китоб буд. Солҳои 1980-ум буд, дар китобхонаи колхозӣ сӯхтор ё кадом ҳодисае рух доду падарам барои ҷавобгар нашудани китобдор, бештар аз 1000 нусха адабиёти нодирро ба китобхона супорид. Ӯ зиёд мардумонро кӯмаку дастгирӣ мекард, аммо баъди маргаш баъзе ҳамдиёрону тaборонаш мо - фарзандони ӯро аз хона бехона карданд.

- Гарчанде аз оилаи эшонзодаҳо будем, зан дар назди қиблагоҳи мо мавқеи хоса дошт, - мегӯяд бонуи Наргис. - Вақте модарам бемор буд, падарам саҳаргоҳон тамоми корҳоро ба ҷойи модар иҷро намуда, баъдан ба кор мерафтанд. Ҳунари хуби ошпазӣ, ки доштанд, ҳар шанбе дар коргоҳашон ва якшанбе дар хона ош мепухтанд. Як лаҳзаи ширине аз ҳавлии падар дар ёд дорам. Рӯзе қиблагоҳӣ болои кат нишаста, машғули кори эҷодӣ буданд, ки модарам аз хона баромада, бо сари хам аз назди падарам гузашта, сӯйи ошпазхона рафтанд. Банохост падарам ин сурудро бо оҳанги шашмақом зам-зама карданд:

Чӣ сабаб, ки шӯхи мастам, бари мо надида бигзашт,
Нанишасту нолаи дил, ғами мо нашнида бигзашт.

Инқилоб дар афкори Шарофиддини Қосим

Дӯст ва собиқ ҳамкори Шарофиддини Қосим устод Саидалӣ Бобохонов иброз медорад, ки Шарофиддин яке аз

чеҳраҳои маъруфи соҳаи рӯзноманигории қарни гузаштаи тоҷик маҳсуб меёбад. Ҳарчанд ягон маълумоти касбии дунявӣ нагирифта буд, аммо истеъдоди нодир ва ҷаҳонибинии васеъ дошт. Дар масоили дину таърихи ислом ва фарҳангу маънавиёти ҷомеа кам нафароне тавони баҳс бо ӯро доштанд. Шарофиддини Қосим ва Шарифамоҳи Кишвардӯхт дар коллективи мо яке оташу дигаре тӯфонро мемонд, ки дар андеша ба ҳам созгор намеомаданд. Муқовимати фикрии онҳо ҳанӯз чандин сол қабл аз ҳаводиси шаҳрвандӣ мушоҳида мешуд. Аммо дар вуҷуди ин ду рӯзноманигори ба қавле исёнӣ кина ҷой надошт.

Шарофиддини Қосим аз зумраи рӯшанфикроне буд, ки ҷонибдори табаддулоти давлатии режими Шӯравӣ буд. Ӯ дар суҳбатҳои алоҳида бо дӯстон чунин мавқеъгирӣ мекардааст, ки як инқилобе бояд ба вуқӯъ биояд, то миллати тоҷик давлати ҳазорсола пеш аз дастдодаашро барпо намояд. Нафаре аз собиқ ҳамқаламонаш бо таассуф мегӯяд, ки Шарофиддин бо умеди расидан ба ҳамин гуна рӯзгоре кору зиндагӣ мекард, ки имрӯз насиби мо гардидааст.

Ба гуфтаи пайвандонаш, маҳз амӯи Эшони Қиёмиддини Ғозӣ будани Шарофиддини Қосим сабабгори шиканҷаҳои сангину ба шаҳодат расиданаш гардид. Вақте нерӯҳои собиқ «опозитсионӣ»-и минтақа шикаст мехӯранд, ӯ таклифи хешовандонашро бобати ҳиҷрат ба хориҷи кишвар рад мекунад. Ҳарчанд аксари дӯстону ҳамқаламон таъкидаш мекунанд, ки то ором шудани вазъи сиёсӣ ба ягон шаҳри дигар сафар кунад, аммо «Ман гуноҳе надорам», - гуфта аз Тоҷикистон берун намеравад.

Ба ҷойи «генерал» рӯзноманигор муҷозот шуд

Шӯравӣ барои хидматҳои шоёнаш дар соҳаи рӯзноманигорӣ ба Шарофиддини Қосим боре мошини сабукрав ва бори дувум манзили истиқоматиро аз шаҳри Қӯрғонтеппа тақдим кардааст. Соли 1990-ум устод духтари бузургаш Наргисро ба шавҳар дода, манзили қӯрғонтеппагии

худро ба ӯ медиҳад. Дар замони ҷангҳои шадид Шарофиддину фарзандонаш тарки Қӯрғонтеппаву Ғозималик (имрӯза Хуросон) мекунанду бо ҳамин аз манзилҳои зисти худ маҳрум мешаванд. Аз рӯи нақли фарзандон, онҳо дар солҳои шадиди ҷанги бародаркуш дар як манзили бисёрошёнаи воқеъ дар рӯ ба рӯи бозори марказии ноҳияи Рӯдакӣ зиндагонӣ доштанд. Фарзанди дигару пайрави падар - Аловиддини Шарофиддин, хабарнигори радиои «Садои Хуросон», нақл мекунад, ки рӯзи 23 августи соли 1993 баъди ноништои оши палов занги дар садо доду ман рафта дарро кушодам. Ду-се нафар зада ба хона даромаданду ба модарам гуфтанд, ки мо акои Шарофиддинро бурда, баъзе чизҳоро мепурсем, боз ӯро ба хона бармегардонем. Падарам дар тан таҳпӯши зард, дар сар тоқии сафед ҳамроҳи онҳо аз хона баромаду мо дигар ӯро надидем. Аз байн чанд муддат сипарӣ гардиду аз рӯзноманигор Шарофиддин хабаре нашуд. Ҳоҷиподшоҳ - ҳамсари рӯзноманигори шаҳид, ба деҳаи зисташон шаҳраки Ғозималик баргашта меравад, то аз шавҳараш хабар ёбад. Ҳамсояҳо ба Ҳоҷиподшоҳ мегӯянд, ки «командир» дар сафар асту омаданашро интизор нашавад, ки мабодо балое ба сари худ наорад.

Баъди беному нишон шудани рӯзноманигор ҳамсару 12 нафар фарзандони ӯ дар кӯча мемонанд. Зеро манзили истиқоматии онҳоро дар деҳаи «Меҳнатобод»-и ҷамоати «Ғозималик» Шоҳҳасан ном бригадир ва манзили дар шаҳри Қӯрғонтеппабудаи рӯзноманигорро як фарзанди додарарӯсаш соҳиб мешаванд.

Қиссаи дӯсти вафодори рӯзноманигор

Сентябри соли 1993-юм саги вафодори Шарофиддин шабонгоҳон ба манзили бесоҳибонаш омада, уллос мекашидааст. Баъдан ҷасади он сагро дар берун аз деҳа мёбанду дигар нафаре аз наздикони ин хонадон барои даъвои соҳибмулкӣ ба ин деҳа барнамегарданд. Дар бораи Васкасаги вафодори Шарофиддини Қосим нақлу ривоятҳои зиёд

аст. Наргис мегӯяд, ки ҳар гоҳе қиблагоҳӣ ош мепухтанд, сардегии ошро аввал ба саги вафодораш Васка медоданд. Аловиддини Шарофиддин дар ёддоштҳо дар бораи падараш овардааст, ки ҳар замоне падар аз кор бармегаштанд, саги мо Васка бо пешвози падарам давида, пойҳои ӯро бӯса мекард. Шояд он саг дарк карда буд, ки рӯзе ин марди Худоро аз даст медиҳему аз он фурсатҳо истифода бурда, дар зиндагии падар ба ӯ миннатдорӣ баён мекард. Мо кӯдак будему ба фаҳми ин чизҳо намерафтем, акнун таманнои онро дорем, ки боре пойи падарро бӯса кунем, аммо ӯро зинда дарнамеёбем.

Чашмони интизор

Аҳмад, аз фарзандони калонии Шарофиддини Қосим, тамоми дороии худро сарфи ҷустуҷӯи падар мекунад, то лоақал манзили охирати қиблагоҳашро пайдо кунад. Сурайё, яке аз дигар духтарони нозбӯи Шарофиддин, пайваста хоб медид, ки падараш бо пироҳани сафед аз дарёи Вахш берун мебарояд. Набераи бобо ба модараш мегуфт: «Модарҷон, ман дар хоб дидам, ки бобоям дар лаби як соҳили ҷангалдор миёни «солдат»-ҳои бисёре бо банд баста буд». Ахиран Аҳмади Шарофиддин мавзеи куштори падарро дарёфт мекунад. Фарзандони Шарофиддин мегӯянд, ки дар роҳи мошингарди Душанбе-Қӯрғонтеппа баъд аз пули «Қизил-қалъа»-ро гузаштан, дар лаби соҳил якчанд баландиҳои ба гӯр монанд ба чашм мерасанд, ки дар зери яке аз онҳо шояд падари мо хоб бошад. Ин далелро шодравон Бобои Қурбон аз Хумдони Хуросон, ки рӯзноманигорро аз ҷасадаш шинохтааст, таъйид карда будааст. Ба гуфтаи Аловиддини Шарофиддин, яке аз гумонбаршудаҳо зимни тафтишоти парванда гуфта будааст, ки рӯзноманигорро парронда, ба об партофтаанд. Пайвандон шиканҷаҳое мисли сӯзонидани нохуни ангуштону устухоншиканӣ ва кӯр кардани Шарофиддини Қосимро натанҳо дар хоб дидаанд, балки аз нақли баъзе шоҳидон ҳам шунидаанд.

Ӯ боре ба суроғи ёр омад?

Тақрибан соли 1996 фарзандони рӯзноманигор қотилону ҷойи марги падарро пайдо мекунанд. Наргис мегӯяд, ки вақте яке аз бародаронам хабар меорад, ки падарамро ёфтем, модарам гумон мекунад, ки шавҳараш зинда аст. Ва баъди шунидани он ки «манзили охирataш пайдо шуд», ҳамсари Шарофиддини Қосим бонуи Ҳоҷиподшоҳ гирифтори сактаи дил мешавад. «Баъди 8 соли ғаму ноумедиҳо аз зиндагӣ дили модарам бори дуввум мезанаду ӯ вафот мекунад. Модарам дар арафаи иди Қурбон ба дунё омада, дар рӯзи ин ид аз дунё гузашт», - мегӯяд Наргис. Ҳоҷиподшоҳро дар қабристони рӯ ба рӯи манзили зисташон ба хок супориданд. Ҳоҷиподшоҳ субҳи вопасини умри худ ба духтараш нақл мекунад: «имшаб падаратро дар хоб дидам. Ӯ омаду аз дастам дошта, «Акнун кӯдакон парронҷак шуданд, биё рафтем», - гуфту мо дасти ба даст равон шудем...»

Воқеан ҳам, 12 нафар фарзандони рӯзноманигори шаҳид Шарофиддини Қосим имрӯз парронҷак шудаву пайи ободии зиндагии хешанд. Он рӯзҳои бехонагиву шояд ташнагию гуруснагиҳоро бо сари баланд паси сар карданд. Кору кирдори бадкорони ин хонавода низ оҳиста ба боди фаромӯшӣ меравад, аммо дар рӯзи ҳисоб қотилону «меросбарон»-и ҳаққи ҳамсару 12 наврасу тифлони бепадармондаи Шарофиддини Қосим дар назди Қозии Ҳақ ҷавоб хоҳанд гуфт.

Ҷамолиддин УСМОНИЁН
(бознашр аз сомонаи нашрияи «Миллат»,
14 марти соли 2012)

ҚУРБОНОВ ГРЕЗ

10-уми апрели соли 1954-ум дар ноҳияи Москва (Ҳамадонии ҳозира) дар оилаи деҳқон таваллуд ёфтааст. Пас аз хатми мактаб ба техникуми сохтмонии шаҳри Душанбе дохил шуда, соли 1974 бо роҳхат ба корхонаи хишти шаҳри Кӯлоб ба кор меравад. Аммо дилгармӣ ва ишқаш ба пешаи рӯзноманигорӣ ӯро дар моҳи сентябри соли 1974 ба рӯзномаи ноҳиявии «Гулистон»-и ноҳияи Фархор мебарад.

Муддате он ҷо ба ҳайси мусаҳҳеҳ кор мекунад. Баъди адои хизмати низомӣ, соли 1976, Г. Қосимов дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи Ленинӣ»-и Кӯлоб ба ҳайси телетайпист ба кор пазируфта шуд. Тӯли солҳои зиёди фаъолият вай аз ин мақом ба мусаҳҳеҳӣ, тарроҳию мухбирӣ ва то ба мақоми ҷонишини котиби масъул камол ёфт. Баробари кор дар рӯзнома, вақт ёфта, ғоибона факултаи филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии ба номи Рӯдакии шаҳри Кӯлоб, баъдан факултети ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Моҳи августи соли 1992 прокурори шуъбаи назорати иҷроиши қонунҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар суди шаҳри Кӯлоб таъин шуда, баъди чанде ба унвони ёрдамчии калони прокурори вилояти Хатлон ба кор меояд. Аз моҳи феврали соли 1995 ба ин сӯ, Г. Қосимов ба ҳайси ёрдамчӣ, ҷонишини прокурори ноҳияҳои Бохтару Сарбанд ва А. Ҷомӣ кор карда меояд.

Узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон аст. Оиладор, соҳиби 6 фарзанд мебошад.

ЯК ШАБИ НАВБАТДОРӢ

Банда ба сифати тарроҳ дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб фаъолият мекардам. Рӯзи ҷумъаи охири моҳ аз пагоҳӣ ба омода намудани саҳифаҳои сеюм ва чоруми рӯзнома, ки рӯзи шанбе рӯи чоп меомад, тайёрӣ дида, ба бартараф намудани камбудиҳое, ки бо макети кашидашудаи ҷонишини котиби масъули рӯзнома марҳум Сафармуҳаммад Аюбӣ рост меомаданд, машғул будам. Тариқи телефонӣ бо он кас дар тамос шуда, гилаомез гуфтам, ки оянда сатрҳоро лаҳзаи омода намудани макет дуруст ҳисоб намояд, квадрати расмҳоро дар саҳифа мутобиқи меъёраш гузорад ва ин гила бори аввал набуд. Ӯ, ки пайваста аз пайи эҷоди шеър буд, боварӣ дошт, мо аз рӯйи ҳурмат каму зиёди макетро дуруст менамоем. Саҳифабанд ҷавони харобаи гандумгун Маҳмадҷон, ки ба тозагӣ ба кор омода буд ва ин ҳама самимияти байни рӯзноманигоронро чандон намедонист, зиқ шуда, норозигӣ мекард. Саҳифаҳои сеюму чоруми рӯзнома нисбати саҳифаҳои якуму дуюм дида, пештар барои имзо намудани муҳаррири навбатдор тайёр мешуданд.

Баъди нисфирӯзӣ муҳаррири навбатдор нависандаи шинохта Саид Раҳмон бо аъзояш Мирзо Гадо ва шоир Сафармад Аюбзода ба матбааи вилоятӣ барои саҳифахонӣ ҳозир шуданд. Мусаҳҳеҳ - шоир Хайрандеш, ки баъди хатми Университети давлатии Тоҷикистон навакак ба кор омада буд, саҳифаҳои тайёрро барои хондан ба навбатдорон пешниҳод намуд.

Соат ба 21:30-и шаб расида буд. Саҳифаи дуюм акнун омодаи хондан гардид. Банда саҳифаҳои дуюм ва сеюму чорумро ба назди муҳаррири рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» марҳум Шоҳмузаффар Ёдгорӣ овардам. Муҳаррири рӯзнома, чун ҳарвақта, супориш дод, ки баъзе линейкаҳо ва сарлавҳаи мақолаю хабарҳоро бо шрифтҳои дигар чинанд.

Масофаи байни идораи рӯзнома ва матбаа тахминан се-

сад метр буд. Соат аллакай аз даҳи шаб гузашта буд, ки аз котибот занг зада, хабар доданд, ки аз Маскав тариқи алоқаи телетайпӣ материали «Срочно в номер» - «Дар Бюрои сиёсӣ» омада истодааст. Ҳамон шаб кор тӯл кашид. Муҳаррири навбатдор Саид Раҳмон дар утоқи мусаҳҳеҳон ба ҳамроҳонаш, ки чашмонашон мондаю хоболуд буданд, иброз намуд, ки худи пагоҳ ариза навишта, аз кор меравад.

Саид Раҳмон, ки таҷрибаи баланди корӣ дошт ва худ марди шӯхтабиат низ ҳаст, ба хотири хобпарронии ҳамроҳони навкораш илова карда гуфт, ки умуман навбатдор будан намехоҳад, вале ҳеҷ гоҳ аризаи навиштааш ба дасти муҳаррир намерасад, зеро пагоҳаш, ки ба сафари хизматӣ мераваду зиёфат мехӯрад, худро сарзаниш карда, иқрор мешавад, ки ҳеҷ гоҳ аз кор намеравад ва ҳам рафтанӣ ҳам нест.

Вақт аз як поси шаб гузашту саҳифаҳои аввали шумораи навбатии рӯзномаро, ки аз он бӯйи ранг ба машом мерасид аз мошини чопкунанда гирифтанд. Хурсандии мо ҳадду канор надошт. Гурӯҳи навбатдорон мондагиро ҳис накарда, акаи Розиқ, ронандаи матбааро аз хобаш бедор намуда, хоҳиш карданд, ки онҳоро то манзил расонад. Акаи Розиқ ғурғуркунон аз хоби нозаш бархосту ҳарчанд медонист, ки дар ин шабҳангом ягон «заправка» кор намекунад, боз ҳам шӯхикунон «ба мошин кӣ бензин мерезад?» гуфта, сӯйи мошин раҳсипор шуд. Ману акаи Муродалӣ - беҳтарин ҳуруфчини рӯзнома, марди ниҳоят ботамкин, хушмуомила ва босавод, дар даст якнусхагӣ рӯзномаи нав, ки пагоҳ ба дасти муштариён мерасид, пойи пиёда ба хонаи ӯ, ки ба матбаа наздиктар буд, рафтем.

Гумонам, беҳтарин лаҳзаҳои ҳаёти ҷавонӣ буд, он солҳо.

Грез ҚУРБОНОВ,
собиқ ҷонишини котиби масъули рӯзномаи
вилоятии «Роҳи ленинӣ»-и собиқ вилояти Кӯлоб



МАЛИКОВ ҲУСЕЙН

Баъди хатми Донишкадаи омӯзгории ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи омӯзгории ба номи С. Айнӣ)-и шаҳри Душанбе, соли 1976 фаъолияти кориашро дар мактаби таҳсилоти умумии №4-и ноҳияи Вахш оғоз намуд. Ҳамзамон бо рӯзномаи ноҳиявии «Вахш» ҳамкорӣ мекард ва пас аз чанде пурра ба кори ҳамин рӯзнома гузашт. Соли 1979 баробари таъсисёбии рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» (ҳозира «Хатлон»), фаъолияти журналистиашро дар ин рӯзнома идома дод. Соли 1993 ба кори телевизиони вилоят даъват шуд. Дар ин ҷо солҳои зиёд вазифаи сармуҳаррирро ба ҷо овард. Ҳоло дар ҳамин идора кор мекунад.

Ҳусейн Маликов муаллифи китобҳои «Ду зинаи умр», «Тақдири инсон» ва якчанд маҷмӯаи очеркҳост.

УМРЕ ДАР ХИЗМАТИ МАРДУМ

Тақдир Сафар Саидовро аз азал, ҳанӯз дар ҷавонӣ баъди хатми донишкадаи хоҷагии қишлоқ (ҳоло Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон) водор сохт, ки дар хидмати мардум бошад. Боз водораш намуд, ки баробари итмоми донишкада яку якбора як қитъаи калони як хоҷагии калонро ба ихтиёраш вогузор созанд. Ин барои ҷавоне, ки нав донишгоҳро хатм намудааст, басе душвор буд. Сафар Саидов зода ва парвардаи даврони Иттиҳоди Шӯравист. Сиёсати он давлат намегузошт, ки ҷавонон баъди хатми донишгоҳ базудӣ вазифаҳои баланду масъулиятнокро соҳиб шаванд. Лекин раиси ҳамонвақтаи хоҷагии «Коммунизм»-и ноҳияи Колхозобод (ҳозира хоҷагии Чапаеви ба номи Ҷалолиддини Румӣ) Ниёзмаҳмад Бегов, ки дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа ҳамчун раиси номдор машҳур буд, Сафарро ҳамчун мутахассиси ояндадор шинохт ва пазируфт. Назди котиби якуми ҳизби коммунисти ноҳия

даромад ва арз кард, ки аз ин бача оянда мутахассиси хуби соҳаи хоҷагии қишлоқ мебарояд. Одамшиносии раисро котиби якум медонист. Аз ин рӯ, таклифи ӯро қабул намуд. Вагарна, дар он солҳо касе намеёрост, ки як ҷавони нав мактаби олӣ хатмкардаро ба чунин вазифаи масъулиятнок вогузор созад.

Бовар карданд ва хато ҳам накарданд. Масъулиятро аз аввалин рӯзҳои кораш дарк намуд Сафар Саидов. Падараш, ки як деҳқони оддӣ, заҳматкаш ва дар меҳнат росткору бовиҷдон буд, фарзандонашро низ дар ҳамин руҳия тарбия менамуд. Талқинашон мекард, ки пеш аз ҳама худро аз тамаъкорӣ канора бигиранд. Чаро, ки ин хислати бад обрӯи одамро хоҳ роҳбар бошад, хоҳ коргар, мерезонад. Баъдан роҳбар баъди тамаъкорӣ муттаҳами мардум мегардад. Вақте ки Сафар Саидов бо вуҷуди ҷавонӣ вазифаи сардории як қитъаи калонро ба уҳда гирифт, падараш доиман насиҳаташ мекард, ки аввалан дар назди одамон дурӯғ магӯ. Коре ва хизматеро, ки иқтидорат намерасад, иҷрояшро ба мардум ваъда мадеҳ. Бо хурду бузург дар муомила яксон бош. Ҳамон вақт обрӯ мегирӣ ва қадру манзалат меёбӣ.

Аз ҳамон дам Сафар Саидов бо гуфтаву насиҳат ва роҳи падар пеш мерафту меравад. Ҳар саҳар нахуст пеш аз кор баромадан дуои падарро мегирифт. Аз ин ҷост, ки Худованд дар зиндагонӣ тавфиқаш дод. Кораш ҳамеша ва дар ҳама ҷо бобарор пеш мерафт. Қаблан кам содир мешуд, ки ин қитъа нақшаи пахтасупориро, ки он солҳо зироати асосӣ маҳсуб меёфт, ба иҷро расонад. Лекин сардори ҷавон тавонист, ки ҳамаи бригада ва заҳматкашонро дар меҳнат муттаҳид созад ва нақшаҳо иҷро шаванд. Роҳбарони ноҳияи Колхозобод ҳис намуданд, ки ин ҷавон ояндадор аст ва метавонад корҳои роҳбариро бахубӣ пеш бибарад. Зеро Сафар Саидов бо мардум ва ба ҳар кас муомилаи нек карда метавонад. Муҳим он аст, ки дар кор басе масъулиятшинос аст.

Ин буд, ки ӯро директори омӯзишгоҳи касбҳои техникии ноҳия таъин намуданд. Зеро дар ҳамон айём агарчи

омӯзишгоҳи мазкур дар ҷумҳурӣ машҳур буд, вале тарзи касбомӯзӣ ба талабот ҷавоб намедод. Дар солҳои роҳбарияш Сафар Саидов омӯзишгоҳро тамоман дигар намуд. Аввалан интизоми қатъии кориро дар байни омӯзгорону устоён ба роҳ гузошт. Кор дар омӯзишгоҳ ҷон гирифт. Соле пас миқдори дохилшавандагон ба омӯзишгоҳ бамаротиб зиёд гардид. Ҳамаи ин аз заҳматҳои Сафар Саидов ба амал омад.

Бори дигар қайд мекунем, ки Худованд ин ҷавонмардро аз азал ба роҳи роҳбарӣ раҳоварду ҳидоят карда будааст. Дар омӯзишгоҳ бо хурду бузург муомилаи якхела дошт. Касеро хотир намегирифт. Дар хоҷагӣ хешу табори бисёр дошт. Аммо дар омӯзишгоҳ агарчи хешу табор дошт, вале барои ягонтаашон рӯйи хотир надошт.

Роҳбарони ояндабини ноҳияи Колхозобод фаҳмиданд, ки ин ҷавонмард ояндаи хуб дорад. Раиси комиҷроияи ноҳия интихобаш намуданд. Ҷавон, вале бомасъулият буд. Акнун кору вазифааш бештар гардид. Ӯро лозим меомад, ки дар ҳудуди як хоҷагӣ ва як омӯзишгоҳ не, дар ҳудуди як ноҳия кору фаъолият барад. Ин вазифа сатҳи дуюми роҳбарияти ноҳия ба ҳисоб мерафт. Дар ҳамон синни ҷавонӣ Сафар Саидов эҳсос кард, ки акнун масъулияташ нисбати кор бамаротиб боло рафтааст. Зеро ки дар ҳудуди ноҳия қавму миллатҳои гуногун кору зиндагӣ мекунанд, расму оинҳои худро доранд. Бо ҳар кадоми онҳо муомилаи махсус мебояд, ки туро ҳамчун роҳбари ноҳия бишносанд ва эҳтиром намоянд. Барҳақ, ин кори басе душвор буд барои як ҷавонмарде, ки дар пояи роҳбарии сатҳи ноҳиявӣ қарор дорад. Вале ин корро Сафар Саидов карда тавонист ва бо ҳама мардуми ноҳия забон ёфт.

Ҳамин хислаташ, ба гуфти қиблагоҳаш, барояш самар овард. Мардуми ноҳия, ҳамагон ҳамчун роҳбар эътирофаш карданд ва дӯсташ доштанд. Сипас, роҳбарияти ҷумҳурӣ ӯро ба мартабаи баланд баровард. Дар солиёни басе душвор роҳбарии ноҳияи Колхозобод (ҳозира ноҳияи ба номи Ҷ. Румӣ)-ро бар дӯш дошт.

Дар ин муддат ики кориашашхосе будан д, ки ӯро нафаҳмиданд ва бар муқобилаш муборизаро ҳам сар карданд. Борҳо аз вазифаи роҳбарӣ сабукдӯш шуд. Дар хона бекор монд. Муаллифи ин сатрҳо ёд дорад, ки директори совхози «Гулистон»-ро аз вазифа барканор карданд. Чунин ҷамъомад шабона баргузор шуда буд. Роҳбареро, ки аз вазифа мегирифтанд, пурсидандаш, ки киро ба ҷоят лоиқ медонӣ? Ӯ, ки миллаташ ӯзбек буд, Сафар Саидовро буписандид. Ҳол он, ки Сафар Саидов як одами аз кор бозистода буд. Дар ҷараёни маҷлис аз совхози «Гулистон» мошин фиристода, аз деҳаи Чапаев рафта ӯро бозоварданд ва директори совхоз интихобаш намуданд. Азбаски солҳои зиёд ноҳияро роҳбарӣ мекард, ҳама мардуми онро аз хурд то калон мешинохт. Аз ин рӯ, роҳбарӣ дар хоҷагии «Гулистон» барояш ягон душворӣ намеовард. Ҳама мешинохтандаш. Дар ин хоҷагӣ 3 сол роҳбарӣ намуд. Дар ин айём ҳама нақшаҳои хоҷагии қишлоқ иҷро гаштанд. Симои хоҷагӣ низ таҳти роҳбарии ӯ дигаргун шуд. Аҳли «Гулистон» писандидаш. Баъд аз 3 сол боз ба вазифаи роҳбарии ноҳияи Колхозобод гузашт.

Дар маҷмӯъ, ноҳияи Колхозободро ҳабдаҳ сол роҳбарӣ кард Сафар Саидов. Дар ин давра таҳти роҳбарии ӯ дар ҳудуди ноҳия чӣ қадар биноҳои маъмуриву истиқоматӣ, маорифу тандурустӣ, фарҳангӣ ба истифода дода шуданд.

Имрӯз Сафар Саидов камолоти пирӣ дорад. Вале маслиҳату хизматҳояш барои пешрафти аҳли ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳамарӯза мерасад. Ӯ маънии зиндагии худро дар ҳамин медонад. Тавре худ мегӯяд, ҳамин амал барояш хушбахтии азим аст.

Ҳ. МАЛИКОВ

(«Хатлон», №49-50, аз 13 декабри соли 2010)

МАҲМУДОВ ТӮЙЧИБЕК

20 майи соли 1953 дар деҳаи «Хурсандӣ»-и ноҳияи Октябр (ҳозира ноҳияи Бохтар) таваллуд шудааст. Мактаби миёнаро дар соли 1970 хатм намудааст. Соли 1973 ба сафи Қувваҳои мусаллаҳи СССР сафарбар шуда, соли 1975 хизмати сарбозиро сарбаландона ба охир расонидааст. Соли 1976-ум мактаби яксолаи ҳисобчӣ (бухгалтер)-ро дар шаҳри Душанбе хатм намудааст.

Аз кормандони собиқадори идораи рӯзномаи вилоятии «Хатлон» буда, дар ин ҷо аз соли 1978 ба ҳайси хоҷагидор фаъолият мекунад.

Оиладор, соҳиби 6 фарзанд: 4 писару 2 духтар мебошад.

МАЪМУРЗОДА НОСИРҶОНИ МАЪМУР

16 марти соли 1984 дар шаҳри Қӯрғонтеппа дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Пас аз анҷоми таҳсил дар мактаби №12-и шаҳри Қӯрғонтеппа, соли 2001 шомили факултаи журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шуда, онро соли 2006 бо дипломи аъло хатм кардааст. Собиқаи кории ӯ аз замони донишҷӯияш оғоз гардида, дар мактаби №59-и шаҳри Душанбе як сол омӯзгорӣ, баъдан дар нашрияҳои «Қалам» (ДМТ), «Сабз дар сабз», «Нерӯи сухан», «Рӯзи нав», «Радиои Аврупои Озод/Радиои Озодӣ» ва дигар расонаҳои иттилоотии миллию байналмилалӣ хабарнигорӣ кардааст. Солҳои 2004-2005 муовини директор ва пасон, директори бахши хабарии «Русское радио-Ориёно» буд. Соли 2008 сармуҳаррири Ожонсии иттилоотии «Паём»-и вилояти Хатлон, солҳои 2008-2010 сармуҳаррири «Ҳамрози халқ», нашрияи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ва аз августи соли 2011 мудири шуъбаи иттилоот ва омӯзиши афкори оммаи рӯзномаи вилоятии «Хатлон» мебошад.

Носирҷон Маъмурзода дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Аврупо, Қирғизистон такмили ихтисос кардааст. Узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон (аз соли 2004), «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2009), «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2009) аст.

СЕ ДОҒИ БУЗУРГИ ЯК ДИЛИ КӮЧАКИ МОДАР

Муҳоҷирати корӣ гоҳе нооноварони хонаро якумр маслуқу маъюб мекунад, сабаби интиқоли тобутҳои муҳоҷирон ба Ватан мешавад ва ҳамчунин даҳҳо, шояд садҳо мардикори ҷавони тоҷикро дар кишвари паҳновари Россия беному нишон месозаду хонаводаҳои ниёзмандашонро чашмбароҳ.

Аммо оё қалби модари тоҷик, ки писарони муҳоҷираш яке маъюб, дигаре ҳалок ва саввумӣ нопадид шудаанд, тавони бардошти ин дарди ҷигарсӯзро дорад?

ОХИРИН ҲАРФИ ТОҲИР БА ГӮШИ МОДАР

«Очаҷон, ҳамин қадар мехоҳам, ки ба дидорат бирасам. Очаҷон, ман ба пешат меоям, ақаллан як бор сарамро болои зонуят гузорам, дигар армон надорам. Туро бисёр пазмон шудам, очаҷон! Мехоҳам, ки кӯдаквор оғӯшам гирӣ…»

Ин охирин ҳарфи Тоҳир Каримов, муҳоҷири 44-солаи тоҷик аст, ки тавассути телефон ба гӯши модари пираш расидааст. Ин ҳарфҳои ҷонсӯзро Тоҳир ҳангоме ба модар мегуфт, ки аз дасти бадхоҳонаш захм бардошта, дар беморхонае дар Россия бистарӣ шуда буд. Дили модар аз вуқӯи кадом як ҳодисаи нохуше гувоҳӣ медод. Аз он сӯйи гӯшии телефон писари деринтизорашро ба Тоҷикистон, ба назди худ мехонд, то ба канор бигирадаш, навозиш кунад, аз дидораш сер шавад. «Бачаҷон, акнун пир шудаам, такягоҳе надорам, вагарна, худам ба наздат меравам. Ин қадар сол куҷо будӣ, ки дар интизорият чашмонам хира, дасту пойҳоям беқувват, қалбам реш шудааст. Туро ёд кардам, биё зуд, азизи дилам, биё», - гуфт модар ба писари «бемеҳр»-и аз дида дуру ба дил қаринаш. Аммо аз он сӯйи телефон дигар садое намеомад, ҷуз «гуд-гуд»-и телефон…

Холаи Майгун, ки 85 сол дорад, ба марги писараш Тоҳир,

ки 12 сол бедарак буду танҳо чанд рӯз қабл аз расидани хабари маргаш садои ӯро тариқи телефон мешунид, ҳоло хун мегиряд.

ТОҲИРИ ҶАВОНМАРГ ВА СЕ ФАРЗАНДИ ЯТИМИ Ӯ

Холаи Майгун мегӯяд, ки аз писараш Тоҳир се фарзанд боқӣ мондааст, ки ҳоло дар Қӯрғонтеппа, дар шароити сангин ба сар мебаранд. Фотима, хоҳари Тоҳир (онҳо дугоник будаанд), мегӯяд, ки бародараш азми баргашт ба Ватан, ба назди модар ва хонаводаи худро дошт, аммо мушкили бешиноснома буданаш садди бозгашти ӯ мешуд. «Бо вай чанд рӯз пеш аз кушта шуданаш суҳбати телефонӣ доштем. Гуфт, ки вақте барои дуруст кардани ҳуҷҷатҳо ба берун баромадам, як корманди пулис аз паям шуд. «Гурехта хона омадам» гуфт. Аз Тоҳир сабаб пурсидам. Гуфт, ки ӯ ҳам намедонад, аммо ҳис мекунад, ки вазъияташ хуб нест, ӯро таъқиб мекунанд. Ҳамин ҷо алоқа қатъ шуд. Рӯзи оянда худам тамос гирифтам. Гуфт, ки дирӯз шӯхӣ карда буд, ҳар он чӣ гуфт, гӯё ҳақиқат набуд. «Ҳама ҷоям дард мекунад, маро дигар парешон накунед, монед ба рӯзи худам» гуфт. Овозаш меларзид, дар садояш оҳанги ранҷу азоби ҷисмонӣ эҳсос мешуд. Дар поёни суханаш танҳо ҳамин қадар гуфт, ки пазмони модар ва фарзандонаш шудааст. «Ёдатон кардам, азизонам» - ин буд охирин ҷумлае, ки аз забонаш шунидам», - ёд меорад Фотима.

Ба гуфтаи Фотима, Тоҳир ҳанӯз соли 1999-ум бо мақсади мардикорӣ ба Россия рафта буд. Он замон алоқаи телефонӣ маҳдуд буд, ҳанӯз касе дар деҳа телефони мобилӣ надошт, биноан, робитаҳо гум шуданд ва бо сабабҳои номаълум, Тоҳир ба Ватан барнамегашт.

…Дар Россия Тоҳир мавриди ҳамлаи ду нафари рустабор шуда, бо ду захми корд кушта шудааст. Пулиси рус гумонбаронро боздошт карда, нисбаташон парвандаи ҷиноятӣ кушодааст, аммо пайвандони Тоҳир ҳоло намедонанд, ки таҳқиқи ин парванда ба куҷо расидааст.

КОРШИНОСОН ЧӢ МЕГӮЯНД?

Дар ҳамин ҳол, баъзе коршиносони масоили муҳоҷирати корӣ мегӯянд, ки талошҳои мақомот ва сафорати Тоҷикистон дар Маскав барои ҳимоят аз ҳуқуқи муҳоҷирон ва боло бурдани нуфузи кишвар нокофӣ ба назар мерасад, ки ниҳоят чунин бархӯрди номуносиб бо қатлу бадрафтории шаҳрвандони Россия нисбат ба муҳоҷирони тоҷик анҷом меёбад.

«Ин шахс ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар аз рӯйи ночорӣ рафтааст. Чунки дар дохили кишвар пайдо кардани ҷойи кори мувофиқ бо ҳақмузди шоиста ва кофӣ мушкил аст. Ҳоло агентии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират кӯшиш дорад, ки бо ташкили ярмаркаҳои ҷойҳои холии корӣ, касбомӯзӣ ва ҷудо кардани маблағҳои хурди қарзӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ кӯмак расонад. Ба муҳоҷироне, ки ба ватан бармегарданд, то 2 ҳазор сомонӣ қарзи боимтиёз дода мешавад, ки соҳибкорӣ кунанд ё умури кишоварзиашонро пеш баранд», - мегӯяд Ризоқул Ҷӯраев, корманди сарраёсати агентии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати вилояти Хатлон.

Ба иддаои коршиносони масоили муҳоҷирати корӣ, дар сурати тақсими дурусту оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар Тоҷикистон имкон дорад, ки даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис ёфта, зарурати аз ноилоҷӣ ба мардикорӣ ба кишварҳои хориҷӣ рафтани даҳҳо ҳазор шаҳрванди қобили меҳнат аз миён бардошта шавад. Даҳҳо ва шояд садҳо иншооту корхонаҳои саноатӣ, ки дар ду даҳсолаи ахир хусусӣ карда шуданд, аммо ҳоло аз фаъолият бозмондаанд ё фалаҷ шудаанд, агар дубора фаъол карда шаванд, ё ба ихтиёри давлат вогузор гарданд, ба гумони ғолиб, аз ҳисоби барқарор кардан ин коргоҳҳо ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ҳам бамаротиб коҳиш хоҳад ёфт.

«ТОЛИБҶОНАМРО БАРГАРДОНЕД…»

«Толибамро ёбед, ҷон бачаҷон, писарамро ёбед. Аз ӯ ягон хабар надорам, садқаатон шавам, пайдош кунед, ки биёяд

пеши ману фарзандонаш. Умри ман ҳам рафтааст, 85-сола шудам. Орзу дорам, ки як бор пеш аз мурданам чеҳраашро бубинам…»

Холаи Майгун болои он ки пас аз 12 соли интизории фарзандаш Тоҳир танҳо ҷасади оғуштаи хуни ӯро дид, ҳоло дар фироқи боз як писари гумгаштаи худ месӯзад. Толиб Каримов – писари дигари холаи Майгун низ соли 2004-ум барои мардикорӣ ба Россия рафту тайи чанд соли охир аз ӯ на хат асту на хабар. Ин зани солманди фарзандгумкарда бо шунидани номи Россия нороҳат мешаваду ашки чашмонаш ҷорӣ. Вай пайваста худро сарзаниш мекунад, ки натавонист писаронашро дар пеши худ, дар Ватан нигоҳ бидорад, то имрӯз, дар дами пириаш, замоне ки бояд писарон модарро рӯйи даст бардошта, шароити хубу шоистаи зиндагиро барояш таъмин намоянд, аз кишвари муҳоҷират танҳо хабарҳои нохуше аз сарнавишти ҷигарбандонаш нашунавад. Лек тадбир куҷост…

…Толиб Боронович Каримов 25 майи соли 1969 таваллуд шудааст. Ба гуфтаи Моҳрафтор Абдуллоева, ҳамсари Толиб, вай моҳи январи соли 2004 ба қасди Россия тарки Тоҷикистон кардааст. Вай афзуд: «Кораш дар маркази Маскав буд. Охирин бор соли 2006-ум бо вай телефонӣ суҳбат карда будем. Ҳанӯз телефони мобилӣ надоштем, барои ҳамин ба телефони хонаи ҳамсоя занг заду бо модараш ва ману писари калониам Оятулло суҳбат кард. Суханҳои ширин гуфт, фарзандонашро суроғ намуд. Пас аз он робитаҳо канда шуданд. Натавонистем пайдо кунемаш. Танҳо баъзан овозаҳо мешунидем, ки гӯё дар Россия фавтидааст, ё дар маҳбас нигоҳдорӣ мешавад. Намедонем, ки ҳоло куҷост, чӣ ҳол дорад, саломат аст ё хайр…»

Ҳоло Толибро дар хона, дар деҳаи Гулзори ноҳияи Бохтар модари пир, ҳамсар ва писаронаш Оятуллои 16 ва Ҳумайнии 13-сола интизоранд. Оятулло мегӯяд, ки чеҳраи падарашро тира ба ёд дорад, ки пуртабассум буд ва талош мекард, ки тамоми хостаҳояшро муҳайё созад. Аммо Ҳумайнӣ, ки за-

мони ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани падараш ҳамагӣ 4-5 сол дошт, ҳоло мегӯяд, ки симои падарро танҳо тавассути аксҳо мебинад. Вай орзу дорад, ки мисли бачаҳои дигари деҳа падар дошта бошад. Аммо давраи кӯдакии Оятулло ва Ҳумайнӣ бе иштироки падар сипарӣ шуд. Ҳоло ин ду наврас бовар доранд, ки рӯзе падарашон ба сурoғи онҳо хоҳад омад ва оилаашон ниҳоят комил хоҳад шуд.

АЗОБИ РУҲИИ ХОЛАИ МАЙГУН, КИ ГӮЁ ПОЁН НАДОРАД

Ҳамакнун ба як дарди ин зани куҳансол дарди наве зам шуда, доғи фарзандон ӯро ба зону шинондааст. Ин ҳамон холаи Майгун аст, ки ду сол қабл писари дигари муҳоҷираш Наим дар пайи ҳамлаи мусаллаҳонаи кормандони пулиси Россия маҷруҳ шуда буд.

…Аз моҳи октябри соли 2009 бад-ин сӯ Наим Каримов дар манзили зисти худ, дар деҳаи Гулзори ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон ба сар мебарад. Дар ҳоле ки мебояд вай таҳти муроқибати доимии пизишкон қарор гирифта, чанд амалиёти дигари ҷарроҳӣ дар баданаш анҷом шавад. Аммо холаи Майгун, модари солманди Наим, мегӯяд, ки барои муолиҷаи писари маъюбаш маблағе дар ихтиёр надорад ва аз дасткӯтаҳию нотавониаш баробар бо ранҷу азоби Наим, ӯ низ азият мекашад.

- Ягона нонбиёри хона ҳамин Наимҷон буд, пул мефиристод аз Россия, худаму набераҳо ва келинҳоро таъмину нигоҳубин мекард, - алами дил мекунад холаи Майгун. - Писари дигарам Тоҳирҷонро ҳам миллатгароҳои рус куштанд. Намедонам, ки чаро ба сари мо ин хел азобу уқубат омад. Як писари дигарам ҳам «Россия меравам, оча» гӯён чанд сол пеш баромада рафт. Аз ӯ то ҳол на хат асту на хабар. Намедонам, ки ӯ зинда аст ё хайр. Фарзандони онҳоро ҳам Наимҷон парасторӣ мекард. Аммо ӯро ҳам маслуқ карданду ба пеши ман фиристоданд. Шаб то рӯз ин бачаам, ки бечора, ними одам шудааст, хоби дуруст надорад. Руҳан ва ҷисман ранҷ

мекашад. Ба ҳолаш хун мегирям, аммо чора надорам. Охир худам нерӯ надорам, ки баромада кор кунам, базӯр картошкаю пиёз мекорам дар рӯйи ҳавлӣ, ки рӯзгорамонро пеш барем. Орду дигар озуқаи дуруст надорем ҳоло. Хеле ноумед шудаам дар дами пириам…

Холаи Майгун бо писари маъюбаш Наим ҳоло дар як манзили кӯчаки таъмирталаб, дар шароити вазнин ба сар мебаранд ва муҳтоҷи кӯмаку пуштибонӣ ҳастанд. Ягона роҳату таскинбахши дардҳои ҷисми Наим силаҳои дасти модари пираш будааст.

ОҒОЗИ УҚУБАТИ МАРДИКОРИ ТОҶИК

Н. Каримов мегӯяд, ки 10-уми феврали соли 2009 кормандони полиси Маскав Роман Викторович Селезнев ва ду нафари дигар бо насабҳои Кондратюк ва Тюрин дар маркази шаҳр, дар «Прудний переулок», ба сӯйи вай тир холӣ кардаанд. Полис, ки мехост Наимро аз манзили муваққатии зисташ иҷборан берун кунад, таҳдидкунон, тасодуфан ё шояд қасдан аз пушташ парронда, баданашро сӯрох кардааст. Ба гуфтаи ӯ, пизишкони бемористони ба номи Склифосовский ӯро аз панҷаи марг раҳо намуда, гӯё дубора ба ҳаёт баргардониданд. Зеро ҳароммағзаш тир хӯрда, ӯро фалаҷ кардааст, ки то ҳоло ҳам поинтар аз миёнаш комилан беҳаракат мебошад.

Наим мегӯяд, ки ҳашт моҳ дар бемористонҳои Россия муолиҷа гирифт, аммо ба ҷуз аз 2-3 муҳоҷири тоҷик, нафаре аз масъулони сафорати Тоҷикистон ё мақомоти тафтишотии Маскав аз ӯ суроғ накарданд. Ҳарчанд вай кормандони полисеро, ки ба ӯ ҳамла намуда, ҳадафи тир қарор додаанд, мешиносад (ба гуфтаи ӯ, ҳатто дурбинҳои назоратӣ ё камераҳои хиёбонӣ ҳодисаи ҳамла ва тиркушоии полис ба сӯйи ӯро сабт кардаанд) ва собит кардааст, ки онҳо бе ягон далелу сабаб ба сӯяш тир кушодаанд, мақомоти прокуратура парвандаи ҷиноятӣ боз намуданд, аммо ба қазияи ӯ расидагӣ нашудааст.

Бо ин вуҷуд, Наим мехост ҳақ ба ҳақдор бирасад ва тафтиши парвандаи ӯ аз сар гирифта шавад. Вай ба созмони ҷамъиятии «Мусоидати шаҳрвандӣ»-и Россия муроҷиат карда, аз масъулони ин созмон кӯмаки ҳуқуқӣ дарёфтааст. Ба гуфтаи ӯ, созмони мазкур кормандони полисеро, ки ба ӯ беасос ҳамла кардаанд, мушаххас намуд. Аммо дар ҳоле ки Наим Каримов талаби ҷазо гирифтани онҳоро пеш овард, масъулони созмони «Мусоидати шаҳрвандӣ» бо сабаби бартарияш номуайян ӯро иҷборан ба Тоҷикистон гусел кардаанд.

ЯГОНА ОРЗУИ МАРДИКОРИ МАЪЮБИ ТОҶИК

Наим фақат ҳамин орзуро дар боқии умраш дорад, ки дубора ба пой бархезад ва дар талоши ҳимоят аз ҳуқуқашу ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани полиси ҳамлавари Россия муваффақ шавад.

- Танҳо ҳамин қадар орзую ҳавас дорам, ки одамоне, ки ба сӯйи ман бе ягон гуноҳ, қасдан тир кушода буданд, ҳатман ба маҳбас кашида шаванд, то ба дигар кормандони полиси рус дарси ибрат шавад, - бо озурдагӣ дар оҳанги гуфтораш мегӯяд Наим. - Чунки мисли ман тоҷикони беҳуқуқу муҳтоҷ дар Россия садҳо ҳазор нафаранд. Даҳҳо тобути муҳоҷирбачаҳои тоҷик ҳар солу ҳар моҳ ба Тоҷикистон расида истодааст. Магар шартномаи Тоҷикистону Россия оид ба муҳоҷирати корӣ барои ҳамин аст, ки кормандони полис озодона, дар маркази Маскав ба сӯйи мо тир кушоянду аз ҷавобгарӣ озод бошанд?!

Аммо садои дилу нолиш аз дарди Наимҷонро ҳоло танҳо модар мешунавад, танҳо модар гӯши шунаво дорад…

БА ҶОЙИ ХУЛОСА

…Ҳамин тавр, муҳоҷирати корӣ нонаварони хонаро якумр маслуқ ва мухтоҷи модарони пиру аъзои хонаводаи ниёзмандашон мекунад. Ҳамон гуна ки то ду сол пеш рӯзгори холаи Майгун ва набераҳояшро писари муҳоҷираш Наимҷон таъмин мекард, аммо муҳоҷирати корӣ ин ҷавони 39-соларо аз

сарпарасту таъминкунандаи хонавода ба як нафари маъюбу дастнигари модари пир табдил дод.

…Муҳоҷирати корӣ дар баробари интиқоли миллионҳо доллар маблағ ба Тоҷикистон, мутаассифона, сабаби интиқоли тобутҳои муҳоҷирон ба Ватан низ мешавад, ки бо ҳазорон умеду ниятҳои нек ба хориҷи кишвар сафар кардаанд. Ҳамон гуна ки пас аз 12 соли мардикорӣ дар Россия на худи Тоҳир Каримов, балки танҳо турбати ӯро пеши модари пиру се фарзанди ятиммондааш фиристоданд.

…Муҳоҷирати корӣ ҳамчунин даҳҳо, шояд садҳо муҳоҷирбачаи тоҷикро дар кишвари паҳновари Россия беному нишон мекунаду хонаводаҳои ниёзмандашонро чашмбароҳ. Ҳамон гуна ки пайвандонаш роҳи Толиб Каримовро тайи 8 соли охир мепоянду замони кӯдакии фарзандонаш дар ғайби ӯ сипарӣ шуда, боз ҳам модари пираш аз бенишонии ӯ ҷигархун аст.

…Ва ин се сарнавишти як хонавода, се тақдири ҷигарсӯзи писарони як модари тоҷик мисоли равшани суду зиёнҳои қобили мулоҳизаи муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад.

Аммо офарини он дил, он дили холаи Майгун - модари бузурги тоҷик, ки гаронтарин дарду доғ - доғи ҷигарбандонашро дар вуҷуди хеш нигоҳ медорад.

Шояд танҳо зоҳири ниёзманду нотавонии писари маъюбаш Наим, ки муҳтоҷи парастории модари 85-солаи худ аст ва шояд умеди дидори писари 8 сол боз бедаракаш Толиб аст, ки ба ин модар тавони сабру бардошти ин ҳама сахтиҳои рӯзгор ва санҷишҳои Парвардигорро медиҳад.

Ҳоло танҳо ҳамин умед ва ниёзмандии писар модари пирро зинда медорад…

М. НОСИРҶОН

(«Хатлон», №7, аз 16 феврали соли 2012)



МИРЗО ҒАФФОР

5 январи соли 1929 дар деҳаи Даҳани Шоли ноҳияи Ховалинг дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Ӯ аз волидонаш барвақт ятим монда, дар хонаи кӯдакони бепарастор тарбия ёфтааст. Таҳсилкардаи омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ва аз фаъолони кори маҳви бесаводӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 40-50-уми асри гузашта будааст.

Ғаффор Мирзо соли 1949 ҳамчунин факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Шевченкоро бо дипломи аъло хатм кардааст. Мухбири махсуси рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб», котиби масъули рӯзномаи «Болшевики Ховалинг», ходими идораи маҷаллаи «Шарқи Сурх» («Садои Шарқ») шуда кор кардааст.

Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (аз соли 1952), Шоири халқии Тоҷикистон буд. Муаллифи маҷмӯаҳои шеърии «Аз самими дил», «Фарзанди ҳукумат», «Ҳазор раҳмат», «Давлати меҳнатрӯзӣ», «Ҳангоми дидор», «Рӯйи сурх», «Сесаду шасту шаш паҳлӯ» ва ғайра мебошад.

ВАТАН

«Ватан!»
Вақте ки дар мулки ғарибӣ
Даруни қаср ё шоҳона маҳфил,
Ба ёди кулбае ё чойлобе
Баногаҳ сахт ҷиззӣ мекунад дил;

«Ватан!»
Вақте ки дар мулки ғарибӣ
Миёни нутқҳои галла «фозил»,

Ба ёди чақ-чақе дар чойхона
Ба ногаҳ сахт ҷиззӣ мекунад дил;

«Ватан!»
Вақте ки дар мулки ғарибӣ
Сари хоне, ки нишинӣ мурғ ҳосил,
Ба ёди нони гармею нугул об
Ба ногаҳ сахт ҷиззӣ мекунад дил;

«Ватан!»
Вақте ки дар мулки ғарибӣ
Ба вақти рақс бо арвоҳи комил,
Ба ёди рӯйи гандумгуни хокӣ
Ба ногаҳ сахт ҷиззӣ мекунад дил!

«Ватан!»
Онро, ки дар мулки ғарибист,
Ба сахтии адои қарз муқбил, -
Ватан шояд ба ёд оядш ин тавр,
Ба ёди он, ки ҷиззӣ мекунад дил.

1969

АБРУВОНИ ДУХТАРИ ТОҶИК

Дӯстон, сарлавҳаи шеърам кунам
Абрувони духтари тоҷикро,
Зери он сарлаҳа чинам бонизом
Нуқтаҳои чун хаташ борикро,
Он нигоҳи чун тулӯи офтоб
В-он чашмони чу шаб торикро,
Гардани фаввораеи аз ширро,
Ғунчаи бишкуфа дар табрикро,

Он бари бо нуқраву тиллои давр
Бурда ақлу ҳушу фикру зикрро,

Домани сурхо-сафеди сабзро,
Дар насими ид дар таҳрикро…

Дӯстон, сарлавҳаи шеърам кунам
Абрувони духтари тоҷикро.

ШЕЪРИ МАН

Он арӯси софу таннозе,
Ки дар рӯзи никоҳ
Меҷаҳад пеш аз тулӯи офтоб,
Мегузорад рӯбарӯ оинаро,
Баъд даҳ оим ҳозир мешаванд,
Даҳ санампардози соҳибихтисос,
Он яке устои сурхию сафеда,
Дигаре устои танҳо усмаву сурма,
Он яке дар даст чарбистону шона,
Дигаре бо қуттии пур аз ҳунар,
Аз ҳунарҳои ҳунармандони заргар,
Он якеро рӯйи дастон пираҳан не, -
Як матое тораш аз боди сабо,
Пудаш аз шаббодаҳои нимаи шаб,
Баъд хилъатдор бо зарбарфу кундал
Аз ягон сандуқи кампири бухорӣ,
Оқибат дар рӯи дастони дигар
Кафшҳои румии кафтаргузар…

Ин фаришта то никоҳ,
Ин ҳури хокӣ то никоҳ,
Эй фалонӣ, шеъри туст.

Баъди он, ки хатми ин саҳна муқаррар мешавад,
Баъди он чун зиндагонӣ шеъри ман сар мешавад.

МИРЗОЕВА ГАНҶИНИСО

Аз нахустин рӯзҳои ташкил шудани рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» дар идораи ин нашрия ба ҳайси мусаҳҳеҳ кор карда омадааст.

Мусаҳҳеҳӣ, ҳарчанд аз нигоҳи аввал вазифаи одие ба назар мерасад, вале кори хеле душвор мебошад. Мусаҳҳеҳ шахсест, ки бе саҳву хато, босифат аз чоп баромадани рӯзнома ба ӯ вобаста аст. Мусаҳҳеҳӣ аз кас дониши фарох, саводи баланд, дақиқкорӣ, хуб донистани қавонин ва меъёрҳои забон, ниҳоят дарки масъулияти зиёдро тақозо менамояд. Ганҷинисо Мирзоева аз ҷумлаи чунин кормандоне мебошад, ки ба вазифаи хеш бо ҷиддияти том муносибат менамояд. Дар имтидоди фаъолияти худ борҳо сазовори ифтихорномаву туҳфаҳои гуногун гардида, дар коллектив соҳиби обрӯю нуфузи баланд, иззату эҳтироми кормандон гардидааст.

Мирзоева Ганҷинисо имрӯз низ дар идораи рӯзномаи «Хатлон» вазифаи худ - мусаҳҳеҳиро софдилона, аз сидқи дил иҷро менамояд ва дар нашри сифатноку бехатои ҳар шумораи рӯзнома саҳми назаррас мегузорад.

МИРЗОЕВ БЕКМАТ

Соли 1936 дар ноҳияи Муъминобод ба дунё омада, бо тақозои замон оилаи онҳо чун дигарон ба таҳдашт, ба ноҳияи Кӯлоб муҳоҷир шудааст. Баъди хатми мактаби миёна ва хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС, дар матбааи шаҳри Кӯлоб ба сифати ҳуруфчин ба кор даромадааст. Таҷриба ва маҳорати кордониашро ба назар гирифта, соли 1965 ӯро директори матбааи шаҳри Кӯлоб таъин намудаанд. Соли 1974 Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлобро ғоибона хатм кард.

Овони роҳбарии ӯ рӯзномаҳои вилоятии «Роҳи ленинӣ» бо теъдоди 25 ҳазор ва рӯзномаи «Кулябская правда» бо теъдоди 14 ҳазор нусха ҳафтае панҷ маротиба нашр мегардид. То охири умраш (соли 1989) роҳбарии матбааро ба уҳда дошт.

Бекмат Мирзоев бо чандин ордену медалҳои ҳукумати вақт сарфароз гардонида шудааст. Яке аз беҳтаринҳои соҳаи табъу нашри вилоят маҳсуб меёбад.

МИРЗОЕВ НАСРИДДИН

2-юми январи соли 1931 дар деҳаи «Гулистон»-и ноҳияи Куйбишев (ҳоло ҷамоати Арали ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ) таваллуд шудааст. Дар айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) ва баъдан то соли 1949 муҳосиби бригадаи пахтакории колхоз буд.

Соли 1954 омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Қӯрғонтеппаро хатм кард ва ҳамон сол ба Институти педагогии шаҳри Душанбе (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) дохил шуд. Пас аз хатми донишгоҳ, то соли 1965 ба сифати омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик фаъолият намуд. Соли 1965 ба идораи рӯзномаи ноҳиявии «Ба пеш» (ҳоло «Баҳористон») ба кор даъват шуда, дар вазифаҳои мухбири суратгир ва ҷонишини сармуҳаррир кор кард. Аз соли 1979 то 1991 ба сифати хабарнигори махсуси рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» (ҳоло «Хатлон») фаъолият намуд. Баъди ба нафақа баромадан муддате дар вазифаи раиси Бунёди забони ноҳияи Кӯйбишев кор кард. Солҳои 1994-2004 чун омӯзгор ба шогирдони мактаби №3-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ сабақ омӯзондааст.

Ҳоло нафақахӯр буда, соҳиби 10 фарзанд, 48 набера, ва 74 абера аст. Аълочии матбуоти ҷумҳурӣ, узви Иттифоқи рӯзноманигорони Тоҷикистон аст. Азбаски дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ақибгоҳ хизмат кардааст, бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофонида шудааст ва аз имтиёзҳои иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ бархӯрдор аст.

КИТОБ

Наберачони бобо,
Ҳам дӯстрӯяки момо.
Охир, ту чӣ кор кардӣ?
Китобатро хор кардӣ.
Кунчи хона партофтӣ,
Гӯё аз вай рӯй тофтӣ.
Ин рафторат нохуб аст,
Ҳам баду номатлуб аст.
Китобхонӣ савоб аст,
Ба саволҳо чавоб аст.
Агар китоб бихонӣ,
Рӯи чаҳон бидонӣ.
Бидонӣ қадри модар,
Ҳам падару бародар.
Қадри замин бидонӣ,
Гузаштагонро донӣ.
Ба қадри Ватан расӣ,
Ба боғу чаман расӣ.
Медонӣ, Чомӣ чӣ гуфт?
«Китоб дӯсти чонӣ» - гуфт.
Машав аз дӯстат чудо,
Ҳамеша бихон онро.
Туро хушбахт гардонад,
Шавӣ олиму доно.
Як дуои хайр аз мо:
«Дастгират бодо Худо».
Ҳамин «Китоби хониш»,
Манбаи илму дониш.
Китоб аст дурри ноёб,
Қиматаш ҳам беҳисоб.
Китобро гир дар канор,
Ҳеч зи хотир набарор:
Китоб – дӯсти меҳрубон,
Ҳамрози пиру чавон.

ДУРӮҒГӮ

Рӯзе дар сари кӯча,
Дар назди се-чор бача.
Амин - писари Шариф,
Сагашро мекард таъриф:
- Бисёр саги ҷасур аст,
Аз биму ҳарос дур аст.
Ҳаме чусту чолок аст,
Ҳушёраку бебок аст.
Бачаҳо ҳарсӯ тозон,
Аз тарси вай гурезон.
Аз чизе наметарсад,
«Рақс кун» гӯӣ, мерақсад.
Агар равем ба шикор,
Даме надорад қарор.
Аз паси оҳу равон,
Аз пайи харгӯш давон.
Як рӯз аз ҷафои шер,
Ба ҷарӣ шуд сарозер.
Аз гурба наметарсад,
Аз муш ҳам наметарсад.
Як рӯз корнамоӣ кард,
Ҷангу қаҳрамонӣ кард.
Тарсу ваҳм фаромӯш кард,
Ҳамлае сӯйи муш кард.
Қариб, ки мушро дорад,
Ба гурбача супорад.
Вале мушаки доно,
Халос бишуд ҳамоно.
Дурӯғи бисёр мегуфт,
Якеро ҳазор мегуфт.
Инро шунида Маҳмуд,
Дурӯғашро фош намуд.
Гуфт: дурӯғгӯӣ гуноҳ аст,
Дурӯғгӯ рӯсиёҳ аст.
Аз пагоҳ ба мактаб рав,
Пешсафу аълохон шав.

Насриддин МИРЗОЕВ
(аз маҷмӯаи «Самари умр»)

МИРЗОРАҲИМОВА МУҲАББАТ

2 феврали соли 1956 дар ноҳияи Вахши вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби деҳа дар соли 1972, фаъолияти меҳнатиашро дар комбинати хидмати маишии ноҳияи Вахш ба сифати дӯзанда шурӯъ кардааст. Соли 1978 таҳсилаш дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳозира ДМТ)-ро ба поён расонида, соҳиби дипломи филолог шуд. Фаъолияти рӯзноманигориаш аз соли 1982 дар нашрияи ноҳиявии «Байраќи дӯстӣ»-и ноҳияи Коммунистӣ (Бохтари имрӯза), ки он ҷо муовини сармуҳаррир буд, сарчашма мегирад. Соли 1987 Мактаби олии ҳизбии шаҳри Тошкандро бо ихтисоси журналистика хатм карда, аз соли 1988 то соли 1994 ва солҳои 2010-2012 дар рӯзномаи вилоятии «Хатлон» ба ҳайси мудири шуъба, котиби масъул ифои вазифа кардааст. Солҳои гуногун ҳамчунин мудири шуъбаи САҲШ-и вилоят, хабарнигори нашрияи «Садои мардум» ва муҳаррири телевизиони вилояти Хатлон буд.

Узви ИЖТ аз соли 1988 мебошад.

ОШИҚИ АНДЕШАИ ПОК

Соли 2007 дар таърихи халқи тоҷик чун соли бозёфтҳо ва васлшавиҳо ба асли хеш, чун соли барпогардии Рӯзгори васл, соли баҳамоии наслҳо дар хотири кулли ҷомеа нақши худро гузошт. Дар ин сол ҳарфи Вахш ва Вахшонзамин чун тифли аз нав ба дунёомада аз забони Сарвари давлати тоҷикон, аз минбари баланди ҷаҳонӣ чун зодгоҳи Ҳазрати Мавлонои Рум, садо доду вирди забонҳо шуд. Дар шаҳри Қӯрғонтеппа Маркази фарҳангии Мавлоно барпо шуд ва дар ин ҷо муҷассамаи Ҷалолиддини Румӣ қомат афрохт. Маҳз дар ҳамин соли накӯ дар ин сарзамини куҳанбунёд вориси

сазовори Мавлавӣ, ошиқу огаҳи абёти нотакрораш устод Амиршоҳи Мунаввар «кашф шуд». Ӯ нахустин бор имкони озоду беибо ва самимона ҳарф заданрову ваъз гуфтанро пайдо кард. Мо «кашф шуд» мегӯему иқрор ҳам мешавем, ки маҳз бо шарофати соли бузургдошти Мавлоно ин марзи хомӯшу ба худ фурӯрафта гӯё шуду шунавандаи муштоқ, сомеи ташнаи гуфторашро пайдо кард ва ҳам шунида шуд. Ин дӯстдору шайдо ва шефтаи каломи Мавлоно, нафаре, ки сар то по ҳикмат асту аз ҳар ҳарфаш бӯйи Мавлоно меояд ва чеҳраи нурбораш таҷаллии нури маърифату хирад аст, Махсуми Амиршоҳи Мунаввар аст, ки дар ноҳияи ба номи Ҷалолиддини Румӣ умр ба сар мебарад.

Дар ин рӯзҳои пурфайзи ҷашни муборакии Истиқлол ба устод Амиршоҳи Мунаввар, ки солҳои парешонии халқу миллат аз заҳри ғурбат чашидааст ва ба қадри ин тинҷиву оромӣ беш аз дигарон мерасад, ҳамсуҳбат шуд.

- Устод, Шумо дар суҳбатҳоятон доимо таъкид мекунед, ки дунёи Мавлавӣ баҳрест беохир ва агар касе гӯяд, ки «Маснавӣ»-ро аз бар кардааст, ё хуб медонад, ҷоҳилтарин кас ӯст. Ҳамин олами найи Мавлоноро ба мо каме шарҳ медодед.

- Бишнав аз най, чун ҳикоят мекунад.
В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.
К-аз найистон чун маро бибридаанд,
Аз нафирам марду зан нолидаанд…

Ин он нолаест, пурдард дар фироқи он найистон, ки гулзори биҳишт буд. Нолаест аз ҷудоӣ…

Агар гӯем, ки тамоми мавзӯоту маъниҳое, ки дар «Маснавии маънавӣ»таҷассум меёбад, дар ҳамин гуфтаҳо инъикоси худро меёбанд, хато нахоҳем кард. Ин най, пеш аз ҳама найи рӯзи аласт аст. Вақте ки руҳро аз биҳишт ҷудо мекунанду ба ворид шудан ба ҷисми одам водораш мекунанд, даромадан намехоҳад. Мегӯяд, ки ин ҷисм хатоҳо мекунад, гуноҳҳо мекунад. Вале ҳангоме ки найро менавозанд, зери садои най аз

худ бехуд мешавад ва ба ҷисм медарояд.

Боз ин найро ба худи Ҳазрати Мавлавӣ қиёс додан мумкин аст. Яъне ин най ҳамон солик аст, солики роҳи Ҳақ. Ин ҳамон соликҳоянд, ки нолишҳою сӯзишҳо, гиряву тазарроҳояшон ба нолаи най шабоҳат дорад. Тавре ки най аз найистон, аз малакути руҳ, аз мулки аслии худ, аз дӯстони аслии худ, аз решаи худ канда шуда, нола мекунад, соликон ҳам, аз он ҷумла ҳазрати Мавлавӣ ҳам, аз ҷудоии дӯст, аз ҷудоии Худо ҳамин хел дар нолиш аст. Най ҳалқум аст. Ҳар як ҳалқуме, ҳар як даруне, ки дар ишқи Худо, дар раҳи Худо ҳаракатҳои самимонаву ошиқонаву башавқу завқ дорад, ин ҳамон най аст. Як шабоҳати най бо соликон ҳамин, ки агар найро тоза накунед, вай ба нолиш намедарояд. Бо корд дарунашро тоза менамоед, холӣ мекунед, пас ба нолаву хоҳиш медарояд, ба завқу шавқ медарояд ва дигарҳоро низ мафтун мегардонад. Соликҳо ҳам, аз он ҷумла тасаввуфиҳо ҳам, тариқатиҳо ҳам ҳамин хеланд, ки то даруни худро аз бухлу кина, қудурату ҳасад, умуман хислатҳои бади заминӣ тоза накунанд, нолишҳои онҳо ҳадафманд намешаванд. Яъне лобаву нолаҳои эшон ба гӯши Худо намерасад. Барои он ки нолишҳо таъсирбахш бошанд, ба дарбори Худо расанду мақбул бошанд, пеш аз ҳама дарунро тоза бояд кард. Як чиз мусаллам аст: руҳи инсон дар як покизагӣ қарор дорад ва аз покию озодагӣ ғизо мегирад. Ва инсон чӣ қадаре тавониста бошад, ботини худро пок карда, ҳамон қадар ба осонӣ метавонад пайваст гашта бо асли хеш.

- Ишқи Мавлоно кадом ишқ аст?

- Оташ аст ин бонги нойу нест бод,
Ҳар кӣ ин оташ надорад, нест бод.

Агар ишқе, ки ин бузургон суруданд, ба ишқи заминӣ ё ба шаҳват ягон заррае робита медошт, онҳо ин қадар бузург намешуданд. Вақте Мавлоно мегӯяд, ки «Оташ аст ин бонги ною нест бод», яъне дар назар дорад, ки ин шамол нест, ин он бод нест. Яъне ҳар ки ин ишқро надошта бошад, ин завқро надорад, оташи сӯзони ишқи илоҳиро надорад, намо-

зу рӯза ва тоату ибодаташ самараи дуруст надорад. Яъне оташи ишқи илоҳӣ касро ба сӯзиш меорад, ба шавқ меорад, ба ҳаракат медарорад, ӯро аз худ бехуд мекунад. Вақте ки ишқ ғалаба кард, ҳамаи дигар хислатҳои замима худ аз худ барҳам мехӯранд, яъне кас пок мешавад. Агар ин оташ дуруст риоя нагардад, вай туро сӯзонда нест мекунад, дар акси ҳол бошад, монеаҳоро месӯзад ва туро ба мақсад мерасонад.

Ғайри маъшуқ гар тамошое бувад,
Ишқ набвад, ҳарза савдое бувад.
Ишқ он шуъласт, к-он чун барфурӯхт,
Ҳар чи ҷуз маъшуқ, боқӣ ҳама сӯхт.

Ин ҷо Мавлоно ишқи Илоҳиро дар назар дорад. Дар масъалаи ишқу шавқу завқ, сармастии роҳи ишқи илоҳӣ ягон бузургворе ба ҳазрати Мавлавӣ нарасидааст.

Инсонҳо танҳо дар ваҳдат, дар ягонагиву якдилӣ метавонанд ба мақсад бирасанд. Танҳо ҳамбастагӣ онҳоро ба қуллаи мурод мебарад. Ана дар ҳамин ҳамбастагӣ ваҳдати кулл реша дорад.

Мавлоно дар асл ошиқ буд. Ошиқи андеша. Андешаи пок. Боварӣ дошт, ки танҳо ҳамин ишқ, ҳамин андеша ҳақиқист. Ишқест, андешаест, ки инсонро дар меҳвари одамгарӣ тоб медиҳад. Ӯро аз як мавҷудоти худхоҳ ба дараҷаи инсони комил мерасонад.

- Чун ба таърих менигарем, аз зиндагиномаи гузаштагон дармеёбем, ки беш аз ҳама дарди фироқ, дурӣ аз ватан, ғурбат, дурӣ аз наздикон, ёди меҳан ормони бузурги дили онон будааст. Шумо ҳам аз ин заҳр чашидаед ва бигӯед, ки чӣ шириние дошт ин фироқ?

- Ман ҳамеша гузаштаи начандон дури хешро ёд меораму фикр мекунам, ки мо низ санҷида шудем, аз озмуни қисмат гузаштем. Ин дард, яъне заҳри ғарибиву ғурбатро мо низ дар қатори ҳазорон ҳамватанони худ дар хоки Афғонистон чашидем ва имрӯз ба қадри ин осоишу оромӣ беш аз дигарон расидаем. Ман ана дар ҳамон ғарибӣ, дурӣ аз Ватан, аз хешу

ақрабо ширинии ҳавои кишварро батамом эҳсос кардаам. Дар ҳақиқат, он рӯзҳо пур аз даҳшат буданд. Мо дар гумон будем, ки боз ба Ватан бармегашта бошем? Бисёриҳо дар он ҷо хоку туроб шуданд. Ҳар яке расидани ин рӯзро чун хоби шаб ёд мекардем…

Дар ғарибӣ, ки ҳар лаҳзааш барои ҳамдиёрони мо чун заҳр буд, фурсате даст дод, ки ман бо омӯзиши абёти Мавлоно машғул гардам. Ва ҳамин ғурбат озмуне буд бароям дар расидан ба муроди дил.

Дар даврони Шӯравӣ бошад, ин шуғл мамнӯъ буд ва ҳар чӣ ман омӯхта будам, рустӣ, паноҳӣ буд. Танҳо солҳои ғурбат, вақте дар хоки Афғонистон дар хаймаҳои гурезагон умр ба сар мебурдему вақт ниҳоят оҳиста мегузашт, имкон пайдо шуд, ки ба Маснавӣ аз наздик ошно шавам. Он солҳо, ки қариб ҳафт солро дар бар мегирад, ман шабу рӯз бо Маснавӣ будам. Ана дар ҳамон давра ман «Маснавии маънавиро»-ро пурра азёд кардам. Боварӣ аз он дорам, ки абёти пурфасоҳату ҷовидонаи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ки назир надорад ва чун лаҳни ҷовид ҳукми абадиятро касб кардааст, он «Маснавии маънавӣ», ки Куръон дар забони паҳлавист ва он сухани баланде, ки бо шарофати истиқлолу ваҳдати миллӣ гумкардаҳояш онро боз пайдо кардаанд, ҷудогаштаҳояш бо ӯ аз нав васл шудаанд. бидуни он ҳама мамнӯияту маҳдудиятҳо баъди 800 сол шунида шуд, боз ҳазорсолаҳо ба рӯйи инсонҳои огоҳдил ва ба шоми ошиқони калом нурпошӣ хоҳад кард.

Суҳбаторо
Муҳаббат МИРЗОРАҲИМОВА
(«Хатлон», феврали соли 2012)

МИРЗОРАҲМАТОВ САЛОМИДДИН

1 июни соли 1951 дар деҳаи Ғайрати ҷамоати Заргари ноҳияи Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) таваллуд ёфтааст. Фаъолияти меҳнатияшро соли 1966 ҳамчун колхозчии колхози ба номи Горкийи ноҳияи Қӯрғонтеппа шурӯъ намудааст. Соли 1969, баъди хатми мактаб, муаллими синфҳои ибтидоии мактаби миёнаи №45-и ноҳияи Қӯрғонтеппа шуда кор мекунад. Соли 1976 факултаи забон ва адабиёти руси Институти педагогии ба номи Шевченкои шаҳри Душанберо бо дипломи аъло хатм кардааст. Баъдан, то соли 1978 муаллими кафедраи забони русии ҳамин донишкада шуда кор мекунад. Соли 1978 декани факултаи забон ва адабиёти руси донишкадаи омӯзгории шаҳри Қӯрғонтеппа (он замон филиали донишкадаи Шевченко дар Қӯрғонтеппа маҳсуб меёфт) таъин мешавад. Моҳи январи соли 1982 ба кори журналистӣ мегузарад. То моҳи июни соли 1985 ҳамчун хабарнигор, мудири шуъбаи ҳаёти ҳизбӣ ва пропагандаи рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» фаъолият намудааст. Аз моҳи июни соли 1985 то моҳи октябри соли 1992 мухбири махсуси рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» (баъдтар «Народная газета») шуда кор кардааст.

Дорандаи ҷоизаи ба номи *Лоҳутӣ* (соли 1988), дипломи ғолиби конкурс барои беҳтарин очерк дар бораи рӯзноманигори забардаст Отахон *Латифӣ* (соли 2011, Иттифоқи журналистони Тоҷикистон) мебошад.

Аз соли 1992 инҷониб дар Қазоқистон зиндагӣ дорад.

ТРИУМФ ВАХШСТРОЯ

Восемьдесят лет назад началось освоение Вахшской долины

В начале 20-х годов в Вахшской долине насчитывалось примерно семь тысяч гектаров поливной пашни, расположенных на берегу реки Вахш и ее разливов. Выращивали здесь хлопок египетских сортов с грубым волокном, не пригодным для промышленной переработки. Урожайность его составляла не более пяти центнеров с гектара.

А в остальном эта была почти безлюдная пустыня, или заболоченные земли, заросшие камышами. В 1928 году Вячеслав Андреевич Стариков, выпускник одного из Ленинградских вузов, впоследствии ставший крупным ученым-ирригатором, Заслуженным деятелем науки Таджикистана, по поручению правительства Таджикской АССР создает исследовательский отряд по определению пригодных для орошения земель Вахшской долины. В течение нескольких месяцев со своим отрядом он исколесил всю Вахшскую долину вдоль и поперек, продвигаясь на лошадях по бездорожью. В те годы попасть на Вахш можно было объездными путями по маршруту Янги Базар (ныне Вахдат), Нурек, ущелье Пули Сангин, Дангара, Фархар, Сарой Камар (ныне Пяндж), Джиликуль, Курган-Тюбе.

Его экспедиция проделала огромную исследовательскую работу, определив примерно 90 тысяч гектаров пригодных для орошения земель. Последующие исследования показали, что природно-климатические условия Вахша самые благоприятные для выращивания тонковолокнистых сортов хлопка.

15 сентября 1931 года началось грандиозное строительство Вахшской оросительной системы, получившее название «Вахшстрой». «Вахшстрой» был объявлен Всесоюзной ударной стройкой и включен в число 150 особо важных

строек СССР, таких как «Уралмаш», «Днепрогэс», Магнитогорский металлургический, Сталинградский тракторный, Горьковский автомобильный заводы, строительство Туркестанско-Сибирской железной дороги (Турксиб). О значимости этого проекта для Советского государства свидетельствует тот факт, что Вахшстрой в Москве имел Постоянное представительство для оперативной поставки материальных ресурсов на стройку. Проектная стоимость стройки составляла 155,7 млн. рублей – огромные по тем временам деньги.

В том, что Вахшстрой был включен в число приоритетных проектов СССР – огромная заслуга Нусратулло Махсума, председателя ЦИК Таджикской ССР. Будучи еще руководителем Таджикской АССР, в своих неоднократных обращениях к Советскому руководству и лично Сталину он аргументировано доказывал необходимость освоения пустынных земель Вахша, делая акцент на отсутствие необходимости в проведении земельных реформ, поскольку вновь освоенные земли автоматически поступали в распоряжение государства. Проводимая в те годы земельная реформа в других регионах Таджикистана наталкивалась на жесткое противостояние землевладельцев, не желающих перераспределять земли в пользу безземельных крестьян.

После административно-территориального размежевания 1924 года, а затем небольшой корректировки 1929 года, когда уже Таджикской ССР был отдан город Худжанд и небольшой кусок Ферганской долины, стало ясно – нужно на юге Таджикистана, и прежде всего на Вахше, создать аграрно-промышленный потенциал республики.

Еще в 1926 году Нусратулло Махсум и его соратники разработали программу переселения людей из густонаселенных горных районов в Вахшскую долину. Первые переселенцы на Вахш из Припамирья, Северных районов Таджикистана, Ферганской долины Узбекистана прибывали за период с 1926-го по 1930-й год.

«Факел социализма колониального Востока»

В 1931 году Нусратулло Махсум, опираясь на исследования В.А.Старикова, добился в Москве одобрения проекта строительства Вахшского магистрального канала с развернутой инфраструктурой, рассчитанной на орошение 94 тысяч гектаров земли.

В те годы эта задача многим казалась совершенно невыполнимой. Авторитетные специалисты освоение пустыни считали бессмысленной затеей. Американский инженер Людвил Гордон, приглашенный Правительством СССР как специалист по гидросооружениям, после путешествия по Вахшской долине в 1931 году на заседании Совнаркома Таджикской ССР заявил: «Вы – мечтатели. Вы талантливые фантазеры. Я работал на крупнейших ирригационных системах. Фирмы США ценят меня как практика с трезвым умом. Я привык ценить смелые мысли и смелые планы. Но то, что задумано вами на Вахше – это не тема для серьезного разговора. Я утверждаю, что человечество не знает подобных работ в подобных условиях».

Действительно стройка начиналась в бесчеловечных условиях, о чем свидетельствуют воспоминания первоосвоителей Вахшской долины.

«Сыпучие пески, безжизненная, выжженная нещадным солнцем пустыня. И над всем этим зной, вязкая, одуряющая духота. А чуть ближе к Вахшу – мощная стена тугаев и осоки. И этот необъяснимый каприз природы надо было исправить, возродить к жизни эти мертвые земли, осушить болота, в бесплодную степь привести воды Вахша, который бесновался в отвесных берегах, оправдывая свое имя «дикий», «своенравный»» (Мария Власова, ветеран Вахшстроя).

А вот как описывает дороги другой участник Вахшстроя С.Мирошниченко, заслуженный ирригатор Таджикской ССР, много лет возглавлявший Вахшскую оросительную систему, а затем Министерство водного хозяйства республики: «Летом дороги были похожи на пыльную реку, по которой

машины плавали, погруженные по самые оси. А зимой они превращались в сплошное жидкое месиво». Камышовые заросли были рассадниками тяжелых форм малярии – самой распространенной болезни на стройке. В этих зарослях как в инкубаторе размножались комары и москиты, распространители той самой болезни, от которых не было покоя ни днем, ни ночью. Жилища в современном понимании этого слова на стройке не было. Жили строители в палатках, юртах, землянках. Землянка считалась комфортным жильем – она немного защищала от изнуряющей жары, туда не проникали комары и москиты.

Специалисты, не верившие в возможность орошения Вахшской пустыни, не могли учитывать такой фактор – когда идея охватывает массы, она превратится в величайшую силу, способную преодолеть любые препятствия. Мощная пропагандистская кампания как внутри республики, так и по всему СССР позволила уже к середине 1931 года сосредоточить на стройке десять тысяч человек. Выпускники Ленинградских, Московских вузов, других городов России, Белоруссии, Украины, чаще всего по комсомольским путевкам приезжали на Вахш строить социализм. Вахшстрой называли еще «факелом социализма на рубеже колониального Востока».

На стройку к концу года поступило 500 тракторов, 24 экскаватора, большое количество грузовых автомобилей. Непрерывным потоком поступали сюда стройматериалы, механизмы. Грузы поступали на Вахш по железной дороге до Термеза, а оттуда на баржах по реке Амурдарья до порта Нижний Пяндж. Сравнительно легкие грузы – продовольствие, медикаменты, школьный инвентарь поступали из Душанбе на лошадях, верблюдах, арбе. Через реку Вахш грузы переправлялись на пароме.

Однажды поэт Абдулкоим Лохути собрал в Душанбе обоз для школ – книги, тетради, карандаши и т.д. Через трое суток он добрался до берега Вахша. Во время переправы вдруг трост от парома, не выдержав тяжести, оборвался, и течение

унесло паром. А. Лохути с трудом выбрался на берег со стопкой измятых тетрадей на руках. Праздник для школьников не состоялся, и он расстроенный вернулся в Душанбе. Узнав о его беде в столице, организовали ему новый обоз. В течение нескольких дней он на подводе объезжал школы, раздавая детям книги, тетради.

Жизнь как подвиг

Осенью 1931 года на стройке создалась критическая ситуация. В порту Нижний Пяндж скопилось огромное количество грузов, доставка которых по бездорожью на стройку с каждым днем становилась все труднее. А строительство узкоколейной железной дороги от порта Нижний Пяндж до Сарбанда затягивалось из-за отсутствия шпал. На строительство узкоколейки отправили только что прибывшего на стройку молодого специалиста-ирригатора Сергея Мирошниченко. Секретарь парткома К.А. Кольцман снабдив его книгой «Строительство железных дорог», поручил ему сходу переквалифицироваться на железнодорожного строителя и во что бы то ни стало ускорить стройку. «Без узкоколейки нам здесь делать нечего!» – строго предупредил он.

С. Мирошниченко нашел оригинальный способ решения проблемы – создал бригаду для заготовки шпал в Тигровой балке, и дело сдвинулось с мертвой точки. Пока прокладывали самодельные шпалы – поступили настоящие. 12 марта 1932 года железная дорога протяженностью 102 километра была сдана в эксплуатацию. Это было большое событие в жизни Вахшстроевцев.

Но в первые же дни движения грузов по железной дороге случилось ЧП. Молодой машинист допустил пережог котла на паровозе, и состав встал на полпути от стройки. Это был единственный тепловоз на дороге, и его отправка на ремонт заняла бы не одну неделю. Всех охватила паника. Но паровозный мастер Карташевский (позже он стал начальником узкоколейки) привел всех в чувство: «Мужики, без паники,

все поправимо!». Он попросил облить себя холодной водой, завязал голову, руки мокрой тряпкой и, взяв инструменты, зашел в горячий котел. Через каждые полчаса он выходил оттуда весь красный, чтобы вновь охладить себя и снова заходил в топку. Примерно через два часа паровоз был восстановлен. Карташевский совершил подвиг, но сам он считал это обычным делом.

«Вахшстрой» возглавляли поистине талантливые организаторы, которые приехали из разных городов России, Украины, Белоруссии по заданию ВКП(б). Сменившие друг друга начальники стройки И.А. Толстопятов (опытный инженер с дореволюционным стажем), Ефим Андреевич Башилов, Семен Константинович Калижнюк, главные инженеры С.И. Сыромятников, С.Г. Запрометов; секретари партийного комитета Константин Андреевич Гольцман, Николай Иванович Епифанов, считавшие себя солдатами партии на трудовом фронте, искренне верили в идеалы построения первого в мире государства рабочих и крестьян, и в тяжелейших условиях смогли создать огромную строительную площадку, на которой днем и ночью кипела работа.

На первых порах костяк стройки составляли рабочие и специалисты завершившегося Дильварзинстроя Узбекистана. Они стали наставниками неопытных рабочих. Сходу были организованы многочисленные курсы массовых строительных профессий без отрыва от производства. Ремонтные мастерские вначале были монтированы и пущены в эксплуатацию под открытым небом, а затем вокруг них возводили стены и покрывали их. (После завершения стройки в конце 30-х годов реммастерские перевезли в Курган-Тюбе, и они послужили базой для строительства трансформаторного завода).

***«Даешь соревнование,
Даешь великий план!
Мы выполним задание
Рабочих и крестьян!»***

«Даешь Вахшстрой!», «Добьемся хлопковой независимости СССР!». Эти лозунги, развешанные повсюду, были вовсе не формальными. Идея Вахшстроя, ее судьбоносное значение для Таджикистана и всего Советского государства проникла в сознание широких масс. Тысячи бедных, безземельных переселенцев из Припамирья, Ферганской области Узбекистана, Гиссарской долины, Худжанда, Канибадама, прибывающих сюда непрерывным потоком, хорошо осознавали, что в скором времени они получат землю и воду, будут выращивать хлопок, овощи, фрукты.

Высоким темпам строительных работ способствовала еще и материальная заинтересованность рабочих и специалистов. Вахшстроевцы (особенно бетонщики, землекопы, экскаваторщики) получали высокую зарплату, а те, кто перевыполнял дневные нормы – премиальные. Если сегодня Рогунская стройка для таджиков стала национальной идеей, то в начале 30-х годов Вахшстрой стал интернациональной идеей.

В первый же год строительства лозунг «Комсомольцы на стройке, как на войне! Комсомолец за стройку отвечает вдвойне!» часто, появлявшийся на страницах многотиражных газет был самым актуальным. Это была стройка, временами похожая на фронт. Иногда строителям, среди которых было немало демобилизованных красноармейцев, приходилось с оружием в руках отбивать атаки неразбитых басмаческих банд Ибрагимбека. Из-за частых вооруженных нападков на стройку весной 1931 года был сформирован добровольческий комсомольский отряд по борьбе с басмачеством, на который возложили охрану объектов строительства и рабочих поселков.

…В начале 30-х годов СССР по темпам развития экономики обошел развитые капиталистические страны, а по объему производства продукции вышел на второе место после США. Созданный за кратчайший срок многоотраслевой промышленный комплекс, был, в частности, ориентирован на крупные стройки и выполнял их заказы.

К осени 1933 года канал и его многочисленные ответвления были прорыты, построены десятки крупных и сотни мелких гидросооружений.

Борьба за Вахш

13 сентября 1933 года в 14 часов 15 минут перемычка была взорвана и по магистральному каналу, позже получившему имя Советского вождя Сталина, пошла вода. (Через четыре месяца 27 декабря 1933 года инициатор Вахшстроя Нусратулло Махсум был смещен со своего поста и отправлен на учебу в Москву в Плановую академию, а затем летом 1937 года – расстрелян.) Не только для строителей, но для всех жителей Вахша это был большой праздник. Однако, все строительные участки на всем протяжении канала были сохранены – специалисты предсказывали, что почва, веками не видавшая влаги, может преподнести сюрпризы, и не менее сложные, трудновыполнимые работы были еще впереди.

В течение нескольких лет просадки почвы на многих участках сводили на нет уже завершенные работы. Прорыв воды нередко наносил ущерб полям и населенным пунктам. Неоднократно приходилось восстанавливать берега, через которые прорывалась вода.

То же самое происходило на полях. В начале 80-х годов я часто виделся с одним из покорителей Вахшской долины Героем Социалистического труда, председателем колхоза имени Жданова Кумсангирского района Абдурозиком Рахмоновым. Память сохранила интересные эпизоды его рассказов о 30-х годах на Вахше: «Нередко провалы грунтов проглатывали людей. Был случай, когда мы не смогли спасти человека. Стоит человек на поле, следит за поливом хлопчатника, и вдруг его нет. Тогда мы изобрели оригинальный способ защиты людей от коварства почвы – каждому давали держать на плечах палки длиной 2-3 метра. Если вдруг почва уйдет из под ног, то палка на плечах спасет его от живого захоронения. Как-то раз на поле вдруг исчез трактор. Прибегаем –

видна крыша кабины и зажатый грунтом под самую голову тракторист. Еле его, полуживого вытащили»…

Еще задолго до начала Вахшстроя началась работа ученых-селекционеров по разработке новых сортов «шелкового хлопка». Весной 1927 года группа агрономов под руководством ученого-селекционера П.Г.Артемова в районе Саройкамара (ныне Пяндж) на земле крестьянина Ходжи Ахмада вложили в почву 27 семян, из которых выросло десять кустов хлопчатника. Это было началом селекционной работы ученых на Вахше.

В 1930 году в Курган-Тюбе была создана опытная станция Всесоюзного научно-исследовательского института хлопководства, которую возглавил талантливый ученый-агроном Вячеслав Прокофьевич Красичков. (Через несколько лет станция была преобразована в Вахшский филиал Таджикского НИИ земледелия). Автор более сорока научных работ, он внес огромный вклад в развитие селекции хлопчатника. Его более чем сорокалетняя научная деятельность сравнима с подвигом. Он проделал работу, на которую ушли бы столетия. Выведенные им в 30-е–60-е годы скороспелые, высокоурожайные сорта 553-В, 5595-В, 6465-В, 6249-В сделали Вахшскую долину «Колыбелью Советского тонковолокнистого хлопка» (так еще называли Вахш в те годы). Он решил неразрешимую задачу, заставив поверить ученых-селекционеров в то, что тонковолокнистый хлопок может дать больше урожая, чем средневолокнистые сорта. Заслуги В.П. Красичкова по достоинству были оценены Советским правительством – он стал Лауреатом Государственной премии СССР и Героем Социалистического труда. После смерти В. Красичкова Вахшский филиал НИИ земледелия был назван его именем. Его научное наследие по мнению ученых-селекционеров и в наше время имеет большую ценность для возрождения хлопководства в Вахшской долине. Эстафету выдающегося ученого принял его ученик , ныне академик Бобо Сангинов. В 80-е годы выведенный им сорт 9326-В по урожайности и по

качеству волокна превзошел предыдущие сорта хлопка.

В мае 1939 года комиссия Совнаркома СССР приняла Вахшскую оросительную систему в постоянную эксплуатацию. Еще до принятия Госкомиссией объекта, начиная с 1934 года, началось поэтапное орошение земель Вахшского, Курган-Тюбинского, Кохозабадского, Кумсангирского, Джиликульского районов. Параллельно строились дороги с твердым покрытием, жилые дома, школы, больницы, объекты соцкультбыта. Тигровую балку сохранили как памятник дикой природы 20-х годов на Вахше.

Ради будущих поколений…

Великая Отечественная война приостановила дальнейшее освоение Вахша. Но после войны Таджикистану безмерно повезло. В 1946 году Первым секретарем ЦК Компартии Таджикистана был избран Бободжон Гафуров, и в том же году тридцатитрехлетний Джаббор Расулов назначен председателем Совета Министров республики. Б. Гафуров и Дж. Расулов, а затем Турсун Улджабаев продолжение дела Нусратулло Махсума по освоению Вахша считали своей приоритетной задачей. Была разработана программа комплексного освоения Вахшской долины – строительство гидростанций, промышленных предприятий и на этой основе орошение высокорасположенных земель с помощью электрических насосных станций. Для выполнения этой программы вновь потребовалась переселить людей из густонаселенных горных районов республики в Шаартуз, Кабодиен, Кумсангир, Вахш. Почти все население Хаита после разрушительного землятресения 1949 года переселилось на Вахш. (В 50-е – 70-е годы Б.Гафуров каждый раз приезжая из Москвы обязательно посещал Вахш, встречался с переселенцами). С вводом Перепадной, Головной ГЭС на пустынные земли Бешкентской долины, массивов Карадум, Караултеппа, урочище Гараути, Тошработа, Уртабуза, Караланга, Яванского района, Обикиика пришла вода с помощью насосных станций, черпающих

воду не только из Вахша, но и Пянджа, Кафарнихона. За эти годы было построено около ста насосных станций, что позволило оросить десятки тысяч гектаров земли.

К концу 80-х годов Вахшская оросительная система состояла из 3750 гидросооружений и стала крупнейшей в республике. Длина ее составляла 2375 километров, коллекторно-дренажной сети 1650 километров. Площадь орошаемых земель достигла 200 тысяч гектаров.

«Вахшстрой» стал для многих большой инженерной, хозяйственной и управленческой школой. Люди, прошедшие эту школу в почти бесчеловечных условиях, стали видными учеными, талантливыми хозяйственными руководителями, государственными деятелями. Среди них более 20 возглавлявший Таджикистан Джаббор Расулов, Народный поэт Мирсаид Миршакар, Заслуженный ирригатор Таджикской ССР С.Мирошниченко, Герой Социалистического труда Сироджиддин Исаев, много лет возглавлявший Колхозабадский район, Академик АН Белорусской ССР Ф.П.Винокуров, всех не перечислишь.

Если бы в конце 20-х годов победило мнение тех, кто не верил в возможность возрождения Вахшской долины, то она осталась бы безводной пустыней и сегодня. Ведь первый главный инженер стройки Нельсон-Скорняков, когда начались земляные работы, телеграфировал в Москву: «На Вахшстрое сплошные провалы грунтов, строительство вести нельзя». В Главводхозе мнение авторитетного специалиста могли учесть и закрыть стройку. Но к счастью этого не произошло. В ответ Москва отправила на Вахш более авторитетных специалистов – академика Н.Павловского, профессоров Глушкова, Потапова, Розова, которые на месте дали заключение – провалы грунтов на первых порах неизбежны, нужно продолжить строительство.

Если бы не Вахшстрой, не появился бы на свет второй проект века – Южно-Таджикский производственно-территориальный комплекс. Ведь идея разработки энергоре-

сурсов на Вахше и превращение его в аграрно-промышленную зону зародилась еще в конце 20-х годов.

На великой стройке было немало жертв. Люди умирали от невыносимых условий, болезней, непривычно жаркого климата, тяжелого физического труда. Они стали жертвой ради достойной жизни будущих поколений. Наш нравственный долг чтить их память, помнить об их подвиге, сохранить и приумножить то, что они создали и передать потомкам.

Триумф Вахшстроя историкам необходимо исследовать основательно. В первую очередь для того, чтобы извлечь нравственные уроки. Почему невозможное стало возможным? Потому что на всех участках Великой стройки царил величайший дух патриотизма. Новый Таджикистан можно построить только в том случае, если возродить этот величайший дух.

Саломиддин МИРЗОРАХМАТОВ,
журналист, Курган-Тюбе-Душанбе-Астана,
апрель 2013 г.

МИРШАКАР МИРСАИД

23 апрел (6 май)-и соли 1912 дар рустои Синдеви ноҳияи Шуғнони Тоҷикистон дар оилаи базгар ба дунё омадааст. Хатмкардаи мактаб-интернати шаҳри Хоруғ ва давраҳои омӯзишии Мактаби марказии сохтмони советию ҳизбӣ дар соли 1930 мебошад. Дар сохтмони силсиланерӯгоҳҳои болои рӯди Вахш ширкат доштааст.

Солҳои 1932-1934 Мирсаид Миршакар бо дастури Кумитаи аркази комсомолии Тоҷикистон барои кор дар сохтмону обёрии Вахш мефиристад. Он ҷо Миршакар сармуҳарририи рӯзномаи «Сохтмони зарбдори Вахш» ва ҳамзамон масъулияти котибии кумитаи комсомолро ба уҳда дошт.

Пасон, дубора ба маркази ҷумҳурӣ даъват шуда, дар вазифаҳои масъули ҳизбию давлатӣ кор мекунад. Аз соли 1940 то 1943 котиби масъули Шӯрои Иттифоқи нависандагони РСС Тоҷикистон буд. Баъдан, то соли 1959 ба ҳайси корманди масъули шуъбаи агитатсия ва пропаганди КМ ҲК РСС Тоҷикистон фаъолият кард.

Муаллифи беш аз 20 маҷмӯа, Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи сталинӣ барои асари «Қишлоқи тиллоӣ» (1950), медали ифтихории «Барои мубориз роҳи сулҳ» ва якчанд ордени Ленин аст.

ЁДДОШТҲОИ МИРСАИД МИРШАКАР

Соли 1928 барои таҳсил ба Душанбе омадам. Яке аз орзуҳоям дидани дидори Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ буд.

Лоҳутиро, ки дар Душанбе кор мекард, борҳо аз дур медидам. Лекин Садриддин Айниро дидан имкон надошт, вай дар Самарқанд зиндагӣ ва кор мекард.

Дар августи соли 1929 мо чанд нафар пионерон барои иш-

тирок дар слёти якуми пионерони Ӯзбекистон ба сифати вакил ба Самарқанд рафтем. Бовар доштем, ки дар худи рӯзи аввал бо Садриддин Айнӣ вомехӯрем. Афсӯс, ки дар слёти мо аз нависандагон касе иштирок накард. Дар охири слёт моро раиси Шӯрои вазирони Ӯзбекистон Файзулло Хоҷаев дар боғи худ қабул кард. Садриддин Айнӣ дар он ҷо ҳам набуд.

Дертар устод ба Душанбе омад. Аз дур медидам ва салом медодам. Ҳатто дасти якдигарро мефишурдем, лекин барои суҳбат ё маслиҳат ҷуръат намекардам.

Фотиҳаи устод ба шогирд

Дар соли 1934 нахустин анҷумани нависандагони тоҷик барпо гардид. Чи шуд, ки ман ҳам узви ҳайати раёсати анҷуман интихоб шудам. Дар ин ҷо ҳам ба устодони худ танҳо аз дур салом медодам ва ҳаминро ҳам барои худ як давлати калоне мешумурдам, ки онҳо ба саломам аллакай баъзан ҳатто «ҳа, шоири комсомол, хуб, бақувват ва бардам ҳастӣ?» мегуфтанд.

Дар анҷумани нахустини нависандагони Тоҷикистон, ки дар соли 1934 ҷамъ омада буд, бо Садриддин Айнӣ ҳамсуҳбат шуда будам. Маро чун вакили шоирони ҷавони сохтмони Вахш ба ҳайати президиуми анҷуман коркуни адабии журнали занон Музаффара шеъре ба ман дод ва хоҳиш намуд, ки онро хонда, фикрамро гӯям. Ба Алихуш ин кораш нафорид. Шеърро аз дастам гирифту бо овози баланд гуфт: «Гуфтамку, ин шеърро ислоҳ не, аз нав навиштан лозим аст!».

Устод Айнӣ, ки дар қатори аввал менишаст, ба мо рӯ оварда, бо овози баланд «рафиқ Миршакар» гуфт.

Аз шунидани овози устод рангам канд, дасту поям ба ларза даромад. Дарҳол ба устод нигаристам, устод ишора кард, ки ба наздаш равам. Зуд рафтам, ба нишастан таклиф кард. Ягон боре ҳам дар қатори якум илова бар ин, дар паҳлӯи шахсони муътабари республика нишастанро ҳатто хаёл ҳам накарда будам. Аммо гардондани сухани устодро камоли

беадабӣ дониста, нишастам. Суҳбат сар шуд. Устод баланд-баланд гап мезад. Ба фикрам, натанҳо дар раёсат будагон, балки нисфи ҳозирон сухани ӯро мешуниданд. «Деҳотӣ - гуфт устод, - достонатро оварда ба ман нишон дод, хондам». Аз ин хабари хуш хеле хурсанд шудам. Хостам дар бораи достон фикрашро фаҳмам, аммо ҷуръат накардам, ки пурсам. Домулло гӯё мақсадамро фаҳмида бошад, ки илова намуд: «Дар бораи сохтмони азими Вахш манзума навиштан ҷуръати калонест. Он чизе, ки ту навиштаӣ, қатрае аз баҳр аст. Барои ту аз ҳаёти сохтмон навиштан нисбатан осонтар аст. Ту бевосита ҳам мушоҳидакор ва ҳам иштирокчии кори сохтмон ҳастӣ. Хамаи он воқеаҳои аҷиб дар пеши назари ту ба вуҷуд меоянд…»

Дар ин асно яке аз музокирачиён бо овози баланд, аз «кашфиёт»-и худ ҳамаро ба ҳайрат андохт. Вай эълон кард, ки тамоми калимаҳо ва номҳое, ки ҳарфи «қ» доранд, арабианд. Яке аз ҳозирон барои масхара карданаш пурсид: «Коанович чӣ?»Нотиқ ҷавоб дод, ки арабӣ. Устод ба ғазаб омада, - Ин ҳикмататонро як бори дигар такрор кунед» гуфт…

Домулло аз нав ба сӯям нигоҳ карда, «номи достонат «Ливои Зафар» аст? «Ливои Зафар» номи хубест. Лекин сохтмон ҳанӯз давом дорад ва он чизе, ки ту навиштаӣ, ибтидои зафар аст…»

Устод лаҳзае хомӯш шуд. Ман ҳам чизе нагуфта, интизори давоми сухани ӯ будам. «Достон, ба вазни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ навишта шудааст, ин дуруст аст. Ҷанги одам бо оби Вахш ҳам мавзӯъ, вазну оҳанги ба худаш хоса ёфтан лозим аст…» Баъд устод гуфт, ки дар ин рӯзҳо китобат аз чоп мебарояд ва пурсид:

- Ин китоби нахустинат будааст?

- Бале.

- Муборак шавад! - дастамро самимона фушурда гуфт устод.

Муборак шавад - чунин буд фотиҳаи устод ба шогирдаш.

САРЧАШМАИ ИЛҲОМИ МАН

Вахш, эй сарчашмаи илҳоми ман,
Рӯди қудратбахшу неъматбахши ман,
Ҳамчу фарзанди ту дар базми сухан
Гул кунад ҳарфам, чу гӯям: - Вахши ман!
Хотироти талху ширини маро
Зиндагӣ вобаста бо номи ту кард,
То ҷавон гардӣ, ҷавонии маро
Ишқи оташборам инъоми ту кард.
Шод мегардам, бубинам лаҳзае
Мавҷҳои шӯху хушнуди туро.
Ҷӯш зан! Дил додаю дил бастаям
Мавҷҳои хашмолуди туро.
Зиндагӣ пажмурда бе ҷӯшу хурӯш,
Зиндаи безавқ дигар зинда нест.
Ифтихори Тоҷикистон, рӯди Вахш,
Мавҷ зан! Дар мавҷҳоят зиндагист!

ВАХШ

Маънии номи туро, эй рӯди Вахш,
Ҳар касе аз рӯйи ақлу фаҳми худ
Шарҳ дод.
Он яке «ваҳшӣ» туро номида буд.
Дигарӣ «пурхашм»,
Сеюм «бадниҳод»…
Бишнав аз ман маъниятро:
- Рӯди Вахш –
Ганҷбахшу
Хайрбахшу
Нурбахш!

Мирсаид МИРШАКАР
(Аз Куллиёт. Ҷилди 3, китоби 2. Душанбе-1974)

МУРОДИЁН ҲАСАН

20-уми сентябри соли 1958 дар ноҳияи Вахши вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Хатмкардаи факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад. Солҳои 1979-1992 ҳамчун ҷонишини директор, баъдтар ба ҳайси директори мактаби №33-и ноҳияи Вахш фаъолият дошт. Инчунин дар Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, декани факултаи таҳсилоти ибтидоӣ, ноиби ректор оид ба илм (1992-2006), аз соли 2006 то 2008 сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон ва ҳамзамон сардабири маҷаллаи «Мактаб» буд. Аз соли 2008-ум инҷониб мушовири ректори ДДҚ аст.

Ҳасани Муродиён фаъолияти рӯзноманигориро аз давраи донишҷӯӣ (1978) оғоз намуда, аввалин мақолаю маводҳои журналистиаш дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» ба табъ расидаанд. Фаъолияти пурсамари рӯзноманигории Муродиён дар рӯзномаҳои ноҳиявии «Вахш», вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ва рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ривоҷ ёфтааст. Вай бо имзои мустаори «Ғ. Мардон» низ мавод менавишт.

Ҳасани Муродиён дорандаи унвонҳои илмии номзади илмҳои педагогӣ (1996), дотсент (2006), доктори илмҳои филология (2010), профессор (2012) ва соҳиби нишонҳои сарисинагии Аълочии маориф, фарҳанг ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи ба номи Крупская (1988), узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон (2001) мебошад. Муаллифи 17 рисола ва зиёда аз 150 мақолаи илмӣ-методист.

ПУЛЕМЁТЧӢ

Хабари шуми ҳуҷуми аҳдшиканонаи гитлерчиён ба мамлакати мо орзую умедҳои Носирро барбод дод. Ҳамдиёрони вай ихтиёрӣ ба фронт мерафтанд. Ҷойи онҳоро дар ақибгоҳ занону мӯйсафедон ва кӯда¬кон гирифта, шабу рӯз дар саҳро меҳнат мекарданд.

Носири шонздаҳсола ба ҷавониаш нигоҳ накарда, сарварии яке аз бригадаҳои ғаллакориро ба уҳда гирифт. Аъзоёни бригадааш ҳар кадом нормаи ду-се нафар колхозчиёнро ба иҷро мерасонданд. Онҳо ҳосили фаровони ғалла ба даст оварда, ба ҷанговарони фронт мефиристоданд.

Ҳар рӯз аз фронт хабарҳои нохуш мешуниданд. Гитлерчиён шаҳрҳои мамлакатамонро ишғол намуда, ба дили Ватан - шаҳри Москва наздик мешуданд. Вақте ки Носир хабари ба Москва наздик шудани фашистонро шунид, дигар тоқат карда натавонист. Ба комиссариати ҳарбӣ рафта, хоҳиш намуд, ки ӯро ҳам ба фронт фиристонанд.

Вале чанд бор нарасидани солашро баҳона намуда, талабашро қонеъ нагардониданд. Мақсадаш моҳи фев¬рали соли 1942 амалӣ гардид. Аъзоёни бригадааш ӯро ба фронт гусел карданд. Онҳо шаш моҳ дар шаҳри Ашқобод хондаю машқ карда, тактикаи ҷанг ва кор фармудани яроқро омӯхтанд.

Баъд онҳоро ба фронти сеюми Белоруссия фиристоданд. Ӯ дар полки 71-уми дивизияи 24-уми тирандозии гвардиягӣ фаъолияти ҷангиашро оғоз кард. Носир дар яке аз ротаҳои полк пулемётчӣ шуда, ба муқобили фашистон меҷангид.

Муборизаҳои шадид ба¬рои озод кардани сарзамини республикаи бародарии Латвия махсусан дар хотири вай сахт нақш бастаанд.

- Ҳангоми озодкунии яке аз шаҳрҳои Латвия, - ба хотир меорад Носир Назаров, - гитлерчиён муқобилияти сахт нишон доданд. Аз взводи мо танҳо се кас монда будем. Дигар имконияти пеш рафтан надоштем. Гитлерчиён бо қувваи зиёд ба ҳуҷум гузаштанд. Мо дарҳол камин гирифта, яроқҳои худро

дар ҷойи қулайтар гузошта, нигарони наздик шудани фашистон меистодем. Аз байн чанде нагузашта, ба истеҳкоми мо гитлерчиён наздик шуданд. Дар ҳамин вақт ман пулемётро ба кор даровардам. Ду рафиқи дигарам ҳам бехато аз автомат ба сӯи фашистон тир мекушоданд. Фашистонро ягон қадам пеш омадан намегузоштем. Онҳо талафоти калон дода, маҷбур шуданд, ки ақибнишинӣ кунанд. Дар ҳа¬мин асно ба ёрии мо взво¬ди дигаре омаду ба ҳуҷум гузаштем. Фашистонро торумор намуда, як офитсери немисро бо ёрдамчиаш зинда дастгир кардем.

Дар вақти ба ақиб баргаштан тири тӯпе кафида, маро аз поям ярадор кард. Худро ба хандаке партофтаму аз ҳуш рафтам, дигар чизеро дар ёд надорам. Хоҳари шафқат - Шура ва командири рота Дурасов мани беҳушро бардошта ба гос¬питали ҳарбӣ оварданд.

Носир пас аз шифоёбӣ ба қисми худ баргашта, ба муқобили фашистон мубориза мебурд. Корнамоиҳои бемисл нишон медод. Дар озодкунии сарзамини республикаҳои назди баҳри Балтика иштирок кард. Вай инчунин дар озодкунии хоки як қатор давлатҳои Европа, ба монанди Полша, Руминия, Чехословакия, Булғория, Югославия, Венгрия саҳми худро гузошт.

Вай дар штурми шаҳрҳои Берлин ва Кёнисберг ҳам иштирок намуда, фашистонро дар лонаашон маҳв намудааст. Барои озодкунии шаҳри Кёнисберг бо медали «Барои озод кардани Кёнисберг» мушарраф гардид. Сари синаи ӯро ордени Байрақи Сурх ва медалҳои зиёди ҷангӣ зиннат медиҳанд.

Баъди ғалаба вай бо сари баланд ба зодгоҳаш райони Ховалинги вилояти Кӯлоб бармегардад. Боз сарварии бригадаро ба зимма мегирад. Соли 1954 бо аҳли оилааш ба водии Вахш муҳоҷир мешаванд. Пешаи ғаллакориро бо пахтакорӣ иваз менамоянд. Носирро дар инҷо низ сарвари бригада интихоб мена¬моянд. Ӯ дар азхуд намудани заминҳои бекорхобида саҳми арзанда мегузорад.

Инак, 41 сол мешавад, ки вай сарварии бригадаро дар уҳда

дорад. Ду сол пеш дар совхози ба номи Кирови райони Вахш стансияи навъсанҷӣ ташкил карда шуд ва бригадаи Носир Назаровро ба ихтиёри он супориданд.

Ҳар сол бригадае, ки ба вай Носир-ако сарварӣ мекунад, плани пахтасупориашро пурраю барзиёд иҷро менамояд. Албатта ин натиҷаи хуби кордонию корбарии сардори бригада аст.

Акои Носир дар байни сокинони совхоз ба ҳурмату эҳтироми баланд сазовор гардидааст. Вай маслиҳатгари онҳо мебошад. Ягон тӯю маъракаи бошандагони хоҷагӣ бе иштироки акои Носир намегузарад. Ӯ раиси Совети куҳансолони Совети қишлоқ аст. Доимо барои ҷорӣ намудани расму оинҳои нав кӯшиш менамояд.

Имрӯзҳо акои Носирро тез-тез дар байни хонандагони мактаби миёна ва ҷавонон мебинем. Вай бо онҳо вохӯрда, аз ҳаёти ҷангӣ ва меҳнатии худ нақлҳои диққатҷалбкунанда менамояд. Дар тарбияи ҷавонон дар руҳи ватандӯстию меҳнатдӯстӣ ҳисса мегузорад.

Ҳ. МУРОДОВ
(бознашр аз рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯрғонтеппа», №65, аз 3 апрели соли 1985)

МУРОДОВ АБДУЛЛО

Мувофиқи нишондоди шиноснома, Абдулло Муродов соли 1908 дар шаҳри Кӯлоб зода шудааст. Аммо худи ӯ ба ҳамкорон гуфтааст, ки аслан соли таваллудаш пештар аз 1908-ум аст. Дурустии ин далелро феълан санҷидан берун аз имкон аст.

Абдулло Муродов солҳои 1928-1930 дар Дорулфунуни шаҳри Тошканд таҳсил карда, чанд муддат омӯзгорӣ намудааст. Баъдан ба кори рӯзноманигорӣ гузаштааст. Аз куҳансолтарин кормандони рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» буд. Ба аксари ходимони рӯзнома ҳаққи устодӣ дошт, аз ин хотир, ҳама ба ӯ бо эҳтиром «Устод» гуфта муроҷиат мекарданд.

Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 буда, бо чандин ордену медалҳои ҷангӣ ва меҳнатӣ сарфароз гардидааст. Узви Иттифоқи журналистони СССР буда, то охири ҳаёташ - соли 1990 мудирии шуъбаи сохтмони советии рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ»-ро ба уҳда дошт.

МО ИФТИХОРМАНДЕМ

Газетаи «Роҳи ленинӣ» 50-сола шуд. Ман ҳамчун коркуни куҳансолтарини он дар ҳамин газета бештар аз 37 сол боз кор мекунам ва дар пропаганда кардани идеяҳои зафаровари партияи ленинӣ ҳисса мегузорам. 50 сол. Ин муддати он қадар зиёд нест. Вале газетаи «Роҳи ленинӣ» дар ин муддат дар таҳти роҳбарии ташкилоти партиявии вилоят як олам корҳоро ба ҷо овард ва роҳи пуршарафи ҷанговаронаеро тай намуд. Вай дар анъанаҳои матбуоти болшевикӣ, газетаи ленинии «Правда» асос ёфта, таърихи фаромӯшнашавандаи худро ба даст овард, ки он бо таърихи инкишофи вилоят, ташкилёбӣ ва фаъолияти ташкилоти партиявии вилоят зич вобастааст.

Газетаи «Ҳақиқати Кӯлоб» то январи соли 1976 дарҷ гардида, аз якуми январи ҳамон сол инҷониб бо номи «Роҳи ленинӣ» дар ҳаҷми чор саҳифа, дар ҳар ҳафта панҷ маротиба бо тиражи қариб 30 ҳазор нусха нашр мешавад. Дар газета Р. Ташрифов, С. Аюбӣ, Ғ. Ҳасанов, Н. Худойбахшов, Ҳ. Ғоибов, М. Сониев барин 54 нафар ҷавонони қобилиятноку боистеъдод кор мекунанд. Ҳоло мазмуни материалҳои газетаи мо бо вазифаҳое, ки аз қарорҳои съезди XXVI партия, пленумҳои май ва ноябрии (соли 1982) КМ КПСС бармеоянд, муайян карда мешавад. Қарорҳои таърихии съезди XXVI партия кори коллективи газетаи «Роҳи ленинӣ»-ро ҷоннок намуд ва он акнун ҳақиқатан ба ҳаёт мудохила мекунад, ба амалияи сохтмони коммунистӣ чуқуртар диққат медиҳад. Дар ҳалли вазифаҳои бузурги дарпешистода иштироки фаъолонаи мухбирони коргару деҳқонро таъмин мегардонад ва дар ҳар бобат ба онҳо такя менамояд.

Ман ифтихормандам, ки дар ҳамин газета то ин дам бо муҳаррирони пешинаи газета Бойзоқ Ризоев, Аюбҷон Мамедов, Г. Аҳрорӣ, Тӯйчӣ Ҳасанов, С. Ашӯров, ходимони масъули он А. Ҳалимов, С. Муқимов, Бӯриннисо Бердиева, М. Шукуров, М. Эркаев, К. Аъзамов, Ш. Насриддинов ва бисёр дигарон кор мекардам. Газета дар давоми мавҷудияти худ аввал бо номи «Ҳақиқати Кӯлоб», солҳои 1961-1962 бо номи «Ҳаёти қишлоқ» нашр мегардид. Дар он солҳо газета бо тиражи 6-10 ҳазор нусха бо формати хурд дарҷ мегардид.

Ҳамаи фаъолияти газета бевосита бо ҳаёти халқ, корҳои қаҳрамонаи меҳнаткашони вилоят ва муборизаи онҳо дар сохтмони ҳаёти нав вобаста аст. Газетаи «Роҳи ленинӣ» роли фахрии пропагандист, агитатор ва ташкилотчии коллективиро моҳирона иҷро намуда, ҳамеша ёрдамчии содиқи ҷанговари ташкилоти партиявии вилоят буд ва мебошад.

Коллективи эҷодии газета ба қарорҳои съезди XXVI партия мусаллаҳ гардида, якрангаю носуфта, мавзӯъҳои рӯякӣ ва аз рӯйи қолиб якхеланависиро устуворона бартараф менамояд, кӯшиш менамояд, ки кори газета бештар ҷоннок ва

диққатҷалбкунанда гардад, бузургии даврони моро равшан ва образнок инъикос намояд.

Хушбахтии бузург аст, ки газетаи «Роҳи ленинӣ» бо Указа Президиуми Совети Олии СССР барои кори самарбахш дар тарбияи коммунистии меҳнаткашон, ба иҷрои вазифаҳои сохтмони хоҷагию маданӣ сафарбар намудани онҳо бо ордени «Нишони фахрӣ» мукофонида шудааст. Ин мукофоти олӣ моро руҳбаланд гардонда, ба боз ҳам беҳтар кор кардан ҳидоят мекунад. Худи ман бошам, бо ҳамроҳии ҷавонони боистеъдоди газета кор карда, ба кор қувваю ғайрати нав ҳис мекунам.

А. МУРОДОВ,
мудири шуъбаи сохтмони советии газета, узви Иттифоқи журналистони СССР
(«Роҳи ленинӣ», майи соли 1983)

МУРОДОВ ЗОКИРҶОН ҲАСАНОВИЧ

Зокир Ҳасан 10 апрели соли 1980 дар хоҷагии Кирови ноҳияи Вахши вилояти Хатлон дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Пас аз бо дипломи аъло хатм кардани факултаи забонҳои хориҷии (англисӣ) Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав соли 2002 соҳиби тахассуси муаллими забони хориҷӣ (англисӣ) шуд. Ҳамон сол ба қитъаоти Қӯрғонтеппагии Роҳи оҳани Тоҷикистон ба вазифаи муҳандиси меҳнат ва музди меҳнат қабул гардид ва баъдан, то соли 2005 дар ҳамн корхона муҳандиси шуъбаи техникӣ-истеҳсолӣ буд. Аз моҳи ноябри соли 2005 то моҳи июли соли 2006 дар ФБСИ ба ҳайси ёвар-барномасоз кор кард. Ҳамзамон, аз моҳи августи соли 2002 то моҳи октябри соли 2005 дар мактаби №49-и шаҳри Қӯрғонтеппа аз фанни забони англисӣ дарс гуфт. Аз соли 2006 то соли 2008 аввал мухбир ва пасон котиби масъули маҷаллаи «Мактаб»-и раёсати маорифи вилояти Хатлон буд. Аз соли 2010 то соли 2012 дар рӯзномаи ноҳиявии «Бохтар» ба ҳайси сармуҳаррир ифои вазифа намуд. Аз 1 марти соли 2012 то ҳол дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба сифати сармутахассис ва дар рӯзномаи «Хатлон» ҳамчун мудири шуъба кор мекунад.

Оиладор ва соҳиби се фарзанд аст. Узви ИЖТ аз соли 2011 мебошад.

ЗАМИН, ОБ: МУШКИЛОТИ ЧАНДСОЛА ФАЙСАЛА МЕХОҲАД

Ба ақидаи ағлаби коршиносони арсаи кишоварзӣ, омили калидии аз истифода берун мондани бахши аъзами заминҳои корами вилояти Хатлон дар сарҳангом поккорӣ нагаштани заҳбуру заҳкашҳо ва ба таъмир фаро нагирифтани иншоотҳои обрасон мебошад.

Биноан, чуноне аз кумитаи заминсозии вилояти Хатлон иттилоъ ёфтем, алъон дар миқёси вилоят беш аз 10 ҳазору 600 гектар замини киштбоб ҳолати мелиоративии нохуш дорад, ки аз ин камобеш 70 дарсадаш обӣ мебошад. Ва, мутаассифона, ҳоло дар 18 ноҳия вазъ чунин ранг касб карда, масоҳати аз ҳама фузуни ин гуна заминҳо мутааллиқ ба навоҳии Ҷиликӯл (1698,9 гектар), Панҷ (1343 гектар), Қубодиён (1191,83 гектар), Ҷалолиддини Румӣ (1127,88 гектар), Носири Хусрав (829,58 гектар) ва Шаҳритус (798,48 гектар) мебошад. Заминҳои партов, ки имкон дорад, аз ҳисоби онҳо низ ҳудуди мазрааҳои киштшавандаи вилоят васеъ карда шавад, андаке зиёдтар аз 22 ҳазору 450 гектарро фарогир буда, анқариб 80 дарсад обӣ мебошанд. Ва аз миёни 17 ноҳияе, ки гирифтори чунин ҳоланд, табоҳии бештар дар навоҳии Қумсангир (6372 гектар), Носири Хусрав (4833 гектар), Шаҳритус (2823 гектар), Қубодиён (2600 гектар), Ҷиликӯл (1633 гектар) ва Фархор (1193 гектар) ба чашм мерасад.

Дар ин росто, Мирзохон Менгликулов, муовини раиси кумитаи заминсозии вилояти Хатлон, бар ин назар аст, ки кулли заминҳои ҳоло ғайрикишоварзӣ эъломгашта чанд даҳсола қабл ҳосилдеҳ буданд. "Ҳамаи ин хараҷу мараҷ баъди он ба вуқӯъ пайваст, ки комиссияҳои таҷдиди хоҷагиҳо дар маҳалҳо заминҳоро ба саҳмдорон тақсим кардан пас, дидаю дониста заҳбуру заҳкашҳо, иншоотҳои гидротехникӣ, пойгоҳҳои обкашии хурди ҳудуди хоҷагиҳоро ба онҳо вогузор накарданд, -мегӯяд мавсуф. - Ва акнун ин хоҷагиҳо ба умеди идораҳои обтаъминкунӣ ҳастанд, лекин эшон аз ҷиҳати иқтисодӣ

қудрати анҷоми ин корро надоранд".

Дар тақвияти нуктаи ахир тазаккур доданием, ки дар истинод ба маълумоти раёсати мелиоратсия ва захираҳои оби вилояти Хатлон, дар муддати чаҳор моҳи соли равон маблағгузорӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо ба идораҳои зирабти он ҳамагӣ 14 дарсади нақша (!) сурат гирифтааст. Дар натиҷа, ба ҷойи 5 ҳазору 907 гектар танҳо дар 724 гектар тадбирҳои беҳсозии вазъи мелиоративии заминҳои обёришаванда матраҳ гардидаасту бас. Ва ин боз дар ҳолест, ки иншоотҳои мазкур байниноҳиявиянд, на байнихоҷагӣ. Вале акнун аз ноилоҷист ё чизи дигар, нигоҳубини воситаҳои обёрии байни хоҷагиҳо бар дӯши як ташкилоти ҷамъиятии навқадам - ассотсиатсияи истифодабарандагони об, ки шумораи умумиашон дар вилоят айни замон 95 адад аст, гузошта шудааст.

Шамсиддин Гадоев, муовини сардори раёсати мелиоратсия ва захираҳои оби вилояти Хатлон, бо таъйид аз ҳарфҳои фавқ гуфт, ки азбаски заҳбуру заҳкашҳо бесоҳиб монда буданд ва баъзе нафарон ба шикастану канда бурдани новаҳои бетониву қубурҳо ва пойгоҳҳои обкаши дохили хоҷагиҳо даст заданд, зарурати таъсиси чунин ассотсиатсияҳо пеш омад. "Вале чун саҳмдорони хоҷагиҳо моҳияти ин ассотсиатсияҳоро ҳоло ҳам хуб дарк накардаанду маблағгузории дуруст наменамоянд, онҳо на пули кофӣ доранд ва на кори казоӣ карда метавонанд. Ин аст, ки сатҳи оби зеризаминӣ баланд боқӣ монда, заминҳо оҳиста-оҳиста шӯр шуда истодаанд", - ироа дошт ӯ. Ва баҳри ташреҳи фикраш афзуд, ки дар мавзеи "Ғароутӣ" аз сабаби сад дар сад таъмин нагаштани об, бо вуҷуди оне ки панҷ наҳри обёрӣ дастрас аст, се-чор ҳазор гектар замин аз таъиноти кишоварзӣ берун рафтааст. Бинобар ин, дар наҳрҳои якуму дувум ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ташкил карда шуд, вале дар наҳрҳои сеюму чорум ва панҷум аз миёни мардуми муқимӣ ҳеҷ кас розӣ намешавад, то роҳбарии ассотсиатсияҳоро ба зимма бигирад.

Болотар ишорае кардем дар мавриди он ки идораҳои

байниноҳиявии раёсати мелиоратсия ва захираҳои оби вилоят бинобар норасоии маблағ қодир нестанд, то рисолати хешро комил адо намоянд. Чун боястӣ ин идораҳо маблағи корҳои ҷориву асосиро аз се манбаъ, аз ҳисоби маблағҳои мутамаркази Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби кишвар, аз пардохтҳои ҳаққи об ва аз буҷети мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дарёфт намоянд. Аммо қавли мутасаддиёни соҳа ин аст, ки вазорат бо ин мақсад ҳеҷ гоҳ маблағ ихтисос надодааст ва ба пули пардохтҳо аз ҳаққи истифодаи об ҳам нашояд фирефта гашт, зеро айни замон қарзҳои “боровар”-и обгирандагон миёни 20 шаҳру ноҳия муодил ба 113 миллиону 852 ҳазор сомонӣ шудааст. Ва ҳарчанд боиси таассуф аст, маблағгузории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо низ ба қадри зарурат набуда, балки дар муддати чаҳор моҳи соли ҷорӣ ҳамагӣ 36 дарсад иҷро гардидаасту бас. Мавриди зикр аст, ки агар шаҳрдории ноҳияи Ёвон бо ин мақсад ҳеҷ маблағе ҷудо накарда бошад, пас дигар ноҳиядорон, ба ҷуз шаҳри Сарбанд ва ноҳияи Темурмалик, ин иқдоми муҳимро аз 71 то 4 дарсад (4% - Ҷиликӯл) анҷом додаанду халос. Мурод аз овардани ин арқом он аст, ки агар ҳарсе сарчашмаи молиявии зикршуда бо иловаи ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ барои идораҳои байниноҳиявии об бо чунин ноҷуриҳо дастрас аст, пас, Эмомалӣ Раҳмон, Президенти ҷумҳурӣ, ҳини ифтитоҳи биноии нави Кумитаи давлатии заминсозӣ моҳи ноябри соли мозӣ таъкиди зерро бо камоли ғамхорӣ маҳз ба самъи кӣ расонида буд: “Вазоратҳои кишоварзӣ, мелиоратсия ва захираи об, Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезӣ вазифадоранд, ки якҷо бо роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати пешгирӣ кардани партовшавии заминҳои корам, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии онҳо ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани ҳар як ваҷаб замини киштбоб тадбирҳои зарурӣ андешанд.”? Ва дар робт ба ин, Паёми имсолаи Сардори давлат ба Маҷлиси Олӣ ҳокист, ки истифодаи самараноки обу замин омили муҳими таъми-

ни амнияти озуқаворип мамлакат, манбаи асосии ашёи хом баҳри корхонаҳои истеҳсоли маводи ғизоӣ, ҷанбаи вижаи густариши иқтидори содиротии диёр ва беҳин замина барои таъсиси ҷойҳои нави кор маҳсуб меёбад. Агар манофеъи пешбинишаванда аз ислоҳоти пурраи бахши кишоварзӣ то ба ин ҳад аст, пас мухотабони мазкурро ҳеҷ мушкиле набояд садди роҳ бишавад. Яъне минбаъд месазад, ки ҳам дар мавриди таъсиси ассотсиатсияҳои нави истифодабарандагони об - соҳибони ҳақиқии заҳбуру заҳкашу иншоотҳои обрасони дохили хоҷагиҳо беш аз пеш эҳтимоми шоиста биварзанд ва ҳам маблағгузории идораҳои обтаъминкуниро лоақал мувофиқи нақшаи мавҷуда роҳандозӣ намоянд... Кош чунин бошад. “Одам - ба умед, шайтон - ноумед!”.

Зокир ҲАСАН
(“Хатлон”, №24, 19 июни соли 2013)

МУРТАЗОЕВА НУРИННИСО

Зодаи кухандиёри Қубодиён ва хатмкардаи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) мебошад. Баъди хатми бахши журналистикаи факултаи филология, соли 1978 ба зодгоҳаш - ноҳияи Қубодиён баргашта, фаъолияти меҳнатиашро аз мактаб ба ҳайси омӯзгор оғоз бахшид. Сипас, дар радиои маҳаллӣ кор кард ва соли 1980 ба кори рӯзноманигорӣ гузашт. Дар рӯзномаи ноҳиявии «Шараф» то соли 1985 кор кард. Аз соли 1985 то соли 1994 дар кумитаи телевизион ва радиошунавонии вилояти Хатлон ба ҳайси муҳаррири шуъбаи ахбор фаъолият дошт. Солҳои 1994-2004 дар маркази телевизион ва радиои вилояти Хатлон ба ҳайси сардори шуъбаи радио фаъолияти меҳнатиашро идома дод. Соли 2004-ум Нуриннисо Муртазоева сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Хатлон» таъин шуд. 5 сол роҳбарии ин нашрияро ба уҳда дошт. Соли 2009-ум Н. Муртазоева ёвари раиси вилояти Хатлон таъин гардид. Аз оғози соли 2013 мудири шуъбаи умумии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон шуда кор мекунад.

Н. Муртазоева узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон (аз соли 2005), дорандаи нишони сарисинагии «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» (2005) ва Ифтихорномаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон мебошад.

● *САНҶИШ НИШОН ДОД, КИ...*

ФОРИҒБОЛИИ

масъулини шаҳри Кӯлоб боиси қонуншиканиҳо дар ташаккул ва иҷроиши буҷети маҳаллӣ гардид.

Ин дафъа Кумитаи назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ва иҷроиши буҷети маҳаллии шаҳри Кӯлобро дар солҳои 2004-2006 мавриди санҷиш қарор дод.

Санҷиш муайян кард, ки буҷети шаҳр дар соли 2004-ум 130 фисад иҷро гардида, ба он 9616 ҳазор сомонӣ ворид шудааст. Дар соли 2005-ум бошад, нишондиҳандаҳои нақшавӣ пурра иҷро гардида, иҷроиши қисми даромади буҷет 102,5 фисадро ташкил додааст. Қисми хароҷоти буҷети шаҳр бошад, мутаносибан 97,6 ва 102,5-фоизӣ иҷро гардидааст. Маълум гардид, ки қисми зиёди маблағҳои иловагӣ аз ҳисоби корхонаҳои сохтмонӣ, иншоотҳои ҷашнӣ ба буҷет ворид гардидаанд, ки ин омилҳо дар вақти тарҳрезӣ намудани лоиҳаи буҷет ба назар гирифта нашудаанд. Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми баланд гардидани нишондиҳандаҳои даромади буҷет вобаста ба андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, маблағҳои изофа баъди пурра пардохт намудани моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет, бояд таввассути буҷетҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои роҳи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмир ва барқарорсорзии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум равона карда шаванд. Вале, тавре тафтиш муайян намуд, аз маблағҳои иловагӣ ба буҷет воридшуда ҳамагӣ 159,8 ҳазор сомонӣ аз меъёри муқарраршуда зиёд равона карда шудаасту халос. Бақияпулиҳои андоз дар аввали соли 2006 нисбат ба аввали соли 2004-ум 391,6 ҳазор сомонӣ ва бақияпулиҳои фонди ҳифзи иҷтимоӣ дар соли 2006 нисбат ба аввали соли 2005-ум 28 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст. Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки масъулини як қатор корхонаву муассисаҳои шаҳри Кӯлоб ҳам дар талаву торочи моликияти давлатӣ, сарфи ғайримақсадноки буҷет «маҳорати

хоса» доштаанд. Тафтиши муассисаҳои аз буҷети маҳаллии шаҳр маблағгузоришаванда муайян намуд, ки дар истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва моликияти давлатӣ тартиботи молиявӣ ва истифодаи пурсамари маблағҳо риоя нагардидааст. Ин саҳлангорӣ ва ба иҷрои вазифа аз паси панҷа нигоҳ кардани масъулин аз дастгоҳи раиси шаҳр ва идораи молия шурӯъ шудааст. Ин масъулин ба ҷойи риояи қонуну қоидаҳои мавҷуда ва нигоҳ доштани интизоми молиявӣ, ки вазифаи асосии эшон мебошад, ба чунин фориғболӣ - харҷу сарфи маблағҳои зиёдатӣ роҳ додаанд. Тавре ки санҷиш ошкор сохт, дар ин давра дар асоси қарорҳои раиси шаҳр аз ҳисоби барзиёдии қисми даромати буҷет нисбат ба хароҷот ба воситаи харҷномаи дастгоҳи мақомоти иҷроияи шаҳр ва муассисаҳои аз буҷети ҷумҳурӣ маблағгузоришаванда барои ҳавасмандгардонӣ ва бо воситаҳои электронӣ ва оргтехника (компютерҳо ва телевизор) муҷаҳҳаз гардонидани онҳо ба таври накдӣ ва ғайринакдӣ 13585,0 сомонӣ хароҷот карда шудааст, ки ин боз як далоли риоя нагардидани тартиботи молиявӣ, истифодаи бесамар ва ғайриқонунии маблағҳо мебошад.

Ин амал дар муассисаҳои аз буҷети маҳаллии шаҳр маблағгузоришаванда низ дида мешавад. Чунончи, санҷиши иҷроиши харҷнома ва фаъолияти шуъбаи хазинадори идораи молияи шаҳр муайян намуд, дар соли 2005 харҷномаи идораи молия ба маблағи 1160 сомонӣ зиёд маблағгузорӣ шуда, 682 сомонӣ маблағҳои накдии барои пардохти нафақа ва варақаҳои корношоямӣ пешбинишуда ва дигар моддаҳо хароҷот карда шудааст. Талаву тороҷи моликияти давлатӣ дар бобати истифодаи маблағҳои буҷет дар соҳаи маорифи шаҳр ба ҳукми анъана даромадааст. Дар ин ҷо низ «худамон шоҳу табъамон вазир» гуфта, маблағҳои буҷетро мувофиқи салоҳдиди худ истифода намудаанд. Тафтиши иҷроиши харҷномаи шуъбаи маориф ва мактабҳои миёнаи умумии рақамҳои 1, 2, 5, 8, 10, 30, 31, 40, 52, ки бо мақсади тадқиқот аз 1-уми январи соли 2005 ба маблағгузории мустақил гуза-

ронида шуданд, камбудиҳои молиявиро ба маблағи 7325,0 сомонӣ, аз ҷумла зиёд ҳисобӣ шудани музди меҳнат, зарар аз фурӯши амволи давлатӣ, камомади молу маводи арзишнок, истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои накдиро муайян намуд. Имрӯз Ҳукумати ҷумҳурӣ, махсусан Президенти кишвар бобати компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти умумӣ тадбирҳои судбахш меандешанд. Қабул шудани барномаи компютеркунонии мактабҳо барои солҳои 2003-2007 далели ин гуфтаҳост. Вале, тавре тафтиш собит намуд, дар мактаби рақами 42-и шаҳри Кӯлоб ба ин масъала беътиноӣ зоҳир менамоянд. Агар чунин намебуд, мудири хоҷагии мактаби мазкур Р. Латипова ҳангоми баҳисобгирии компютерҳо ба хатогӣ роҳ намедод ва дар куҷо будани як адад компютерро медонист.

Санҷиши ҳолатҳои иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба шакли нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ гузаронидани муассисаҳои таълимӣ дар шаҳри Кӯлоб собит намуд, ки ин таҷрибаи нав ҷиҳатҳои мусбат ва манфии худро дорад. Агар сари вақт пардохт шудани музди меҳнат, истифодаи сарфакоронаи қувваи барқ, об ва алоқа, гузаронидани таъмири мактабҳо бо қувваи худи онҳо бартарии кор бошад, набудани мутахассисони соҳаи муҳосибот ва роҳ ёфтани шахсони камтаҷриба ба ин кор боиси дуруст ба роҳ монда нашудани ҳисобу китоб дар муассисаҳои таълимӣ гардидаанд. Масалан, таҷҳизоти ба маблағи 26,9 ҳазор сомонӣ ба мактаб-интернати махсуси ёрирасони рақами 1-и шаҳр ҳанӯз соли 2005 аз тарафи фонди миллӣ-иҷтимоии сармоягузории Тоҷикистон (НСИФТ) овардашуда, то давраи санҷиш ба қайди даромад гирифта нашудааст. Чунин камбудиҳо дар шуъбаи фарҳанг, корхонаи коммуналӣ, идораи сохтмони асосӣ ва шуъбаи ҳифзи иҷтимоии шаҳр низ содир гардидаанд. Ҳамчунин тафтиши кумитаи назорати молиявӣ ҳолатҳои алоҳидаи вайрон намудани қоидаҳои интизоми молиявиро дар муассисаи ниҳолпарварӣ ва кабудизоркунии шаҳр, боғи фарҳанг ва истироҳат, боғи миллии ба номи Ис-

моили Сомонӣ, минтақаи истифодабарии роҳҳои рақами 14, маркази мубориза бар зидди бемориҳои тропикӣ, шуъбаи тандурустӣ ва як қатор беморхонаҳои шаҳр ошкор намуд. Зарари умумии дар давраи санҷиш ошкоргардида 47,3 ҳазор сомониро ташакил медиҳад. Албатта, ин ҳама натиҷаи паст будани сатҳи назорати молиявӣ, хароҷоти ғайримақсадноки маблағҳои буҷетӣ, суст будани корҳои муҳосибӣ ва аз ҳама муҳимаш, фориғболии масъулин мебошад, ки ба камбудиҳои дар боло зикршуда оварда расондааст. Агар чунин намебуд, он гоҳ ин маблағи ҳангуфт барои боз ҳам ободу зебо шудани Кӯлоби бостонӣ, ки он имрӯз 2700-солагии хешро таҷлил намудаву басо дилкашу назаррабо гардидааст, сарф мешуду боз як гӯшаи ин диёр ободу мардумаш осуда мегардид.

Магар ҳамин тавр нест?

(«ХАТЛОН», № 49, 3 ноябри соли 2006)

МУРТАЗОЕВ БАХТИЁР

23 майи майи соли 1940 дар ноҳияи Қубодиён ба дунё омадааст. Ҳанӯз дар замони таҳсилаш дар донишгоҳ ӯро дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (имрӯза «Ҷавонони Тоҷикистон») ба кор қабул карданд. Бо ҳунармандӣ, навиштани очерку лавҳаҳои ҷаззоб, ифшои камбудиҳои кори афроди мансабдор дар миёни аудитория маҳбубият касб кард ва то ба сардабирии рӯзномаи маъруфи «Ҷавонони Тоҷикистон» расид (1975-1977). Дар замони бозсозиҳо Бахтиёр Муртазоев дар рӯзномаи вилоятии «Навиди Вахш» фаъолият мекард.

Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар нашрияи «Садои мардум» фаъолият дошт. Бахтиёр Муртазоев яке аз асосгузорони нашрияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон – «Минбари халқ» ба ҳисоб рафта, чандин сол масъулияти сармуҳарририи онро ба зимма дошт.

Бахтиёр Муртазоев муаллифи ҳудуди 20 китоб буда, заҳматҳояш бо унвони «Корманди шоистаи Тоҷикистон», нишони «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» ва ҷоизаи мўътабари журналистии ба номи Лоҳутӣ қадрдонӣ шудааст. Соли 2007 повести мустанадашро бо номи «Нақби Истиқлол» таълиф кард. Барои ин асар Муртазоев барандаи ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ шуд ва Иттиҳодияи публитсистони Тоҷикистон ин повестро беҳтарин асар ва худи ӯро беҳтарин публитсисти сол эълон кард.

«НАҚБИ ИСТИҚЛОЛ» ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ЗАМОНИ МУОСИР

Дар марҳилаҳои нави рушди Тоҷикистон, ки ба замони истиқлол ва озодии афкору андеша мувофиқ меояд, дар публитсистикаи тоҷик низ падидаҳои тоза ба вуҷуд омад. Бар асари сиёсати Президенти кишвар Эмомалӣ Рахмон, ки ба ваҳдату пайванди тамоми гӯшаву канорҳои республика равона карда шуда буд, бунёди роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, шоҳроҳи Душанбе-Хоруғ-Қайроқум, Ваҳдат-Ҷиргатол, Душанбе-Чанак оғоз ёфтанд, ки ҳадафи асосии онҳо пайванди шаҳру навоҳии Шимолу Ҷануб ва Ҷанубу Шарқи ҷумҳурӣ ҳисоб меёфт. Табиист, ки бунёди чунин роҳҳои азим сохтмони нақбҳоро низ тақозо мекард ва зарурати сохтмони нақби Анзоб, Шаҳристон, Шаршар ва амсоли онҳо ба миён омад.

Дар бунёди чунин иншоотҳо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҷаҳду талоши беандоза зоҳир мекард. Ӯ натанҳо ташаббускори бунёди роҳу обанбору шоҳроҳҳои нав буд, балки аҳли қаламро низ дар ҳар вохӯрию мулоқот даъват мекард, ки робитаро бо бунёдкорони чунин сохтмонҳои азим мустаҳкам намоянд. Аз ҷумла, ҳанӯз 20 майи соли 1999 дар суханронии хеш ҳангоми оғози нақби Анзоб ӯ зарурияти чунин сохтмонро таъкид намуда, гуфта буд: «Бо нохун бошад ҳам, бояд аз дили санги хоро роҳро кушоем, то дарвозаи вилояти Суғд, ки дар байни Душанбею Ҳуҷанд қарор дорад, дар чаҳор фасли сол ба рӯйи мардум кушода бошад. Бигузор падарону модарон ва бародарону хоҳарони мо аз азоби баста шудани роҳ дар давоми шаш моҳи барфрезию тармаҳо раҳоӣ ёбанд. Бигузор дарвозаи Зарафшон ва роҳи мошингарди туннели Анзоб кӯпруки зарурие гардад, ки чун давоми силсилаи шоҳроҳи Абрешим қисмати шимоли мамлакатро бо пойтахти он бипайвандад. Бигузор рафтуои мар-

дум аз шарофати ин роҳ ба чаҳор самти олам ва саросари Тоҷикистон осону бемонеа гардад».

Нерӯҳои эҷодии ҷумҳурӣ даъвати Сарвари давлатро бо камоли майл пазируфтанд. Дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва барномаҳои телевизиону радио лавҳаю мақола, намоиш ва барномаҳои мустақил пайдо шуданд, ки аз самтҳои нави коргоҳҳои азим нақл мекарданд. Адибону публитсистони тоҷик Абдулҳамиди Самад, Саттор Турсун, Урун Кӯҳзод, Кароматуллоҳи Мирзо, Равшани Ёрмуҳаммад, Маҷиди Салим, Шералӣ Мӯсо ва дигарон ба сохтмонҳои азим рафта, ё бевосита дар бригадаҳои сохтмончиён меҳнат карда, доир ба корнамоиҳои бунёдкорони иншоотҳои замони нав очерку мақолаҳо эҷод мекарданд.

Яке аз публитсистони тоҷик, ки тасвири корнамоиҳои бунёдкорони иншоотҳои замони навро самти асосии эҷодиёти худ қарор додааст, Бахтиёр Муртазоев мебошад. Ӯ ҳанӯз аз солҳои 70-уми асри XX ба таҳлилу тасвири публитсистии масъалаҳои муҳими хоҷагии халқи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳурии Тоҷикистон машғул гардида, очерку эссеҳои зиёде доир ба сохтмонҳои Сибир, Байкалу Амур ва ғайра эҷод кардааст. Дар очерку эссеҳои Б.Муртазоев «Чанор дар Сомонӣ», «Дар шоҳроҳи Ватан» масъалаҳои дӯстии халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва иштироки онҳо дар сохтмонҳои азими асри XX мавзӯи тасвир қарор мегирад. Силсилаи очеркҳои ӯ аз қабили «Хонаи дарё», «Насими дашти кокул», «Вагони пахта ва зардолуи орифӣ» ва ғайра дар бораи корнамоиҳои деҳқонону заминкушоёни тоҷик баҳс мекунанд.

Бояд гуфт, ки бо таълиму чопи китоби «Нақби истиқлол» марҳалаи тозае дар эҷодиёти Б. Муртазоев оғоз мегардад, зеро он ҳам аз лиҳози фарохии мавзӯъ ва ҳам теъдоди қаҳрамонон густарда ва доманадор аст.

Муаллиф ин асари худро қиссаи ҳуҷҷатӣ мехонад, вале боз таъкид менамояд, ки он солномаи бадеии роҳкушоён аст. Дар ҳар ҳол, дар ин асар нишонаи публитсистикаи асил, ки

ба қавли Генрих Боровик бунёди онро «фикру андешаи дар зеҳни нависанда пухта, бо сухан - образ ифодаёфта, ба дилу фаҳми хонанда наздик» ташкил медиҳад, ба мушоҳида мерасад.

Бино ба таъкиди муаллифи «Нақби Истиқлол», ин асар ба он далел қиссаи ҳуҷҷатист, ки воқеоти он дар замону макони муайяни таърихӣ, яъне дар аґбаи Анзоб ва дар солҳои аввали асри XXI ҷараён меёбанд. Мавзӯи асосии асарро сохтмони нақби Анзоб ташкил медиҳад, вале дар атрофи хатти сужети он даҳҳо рӯйдоду воқеот ва садҳо одамон ба саҳнаи фаъолият меоянд. Дар атрофи хатти асосии сужет, яъне сохтмони нақби Анзоб рӯйдодҳо ва проблемаҳои мухталифи замони муосир, аз қабили оила ва оиладорӣ, озодӣ ва худшиносии инсон, дӯстӣ ва ҳамкории иқтисодии тоҷикону Тоҷикистон бо Русия, Эрон ва кишварҳои дигари ҷаҳон ва амсоли онҳо ба миён гузошта ва ҳал карда мешаванд. Мавзӯи сохтмони нақб тамоми мавзӯот ва масъалаҳои дар қиссаи «Нақби истиқлол» ба миён гузоштаашударо дар хатти ягонаи сужет муттаҳид сохта, яклухт ва ягонагии сужети асарро таъмин менамояд.

Дар ҳақиқат рӯйдодҳои дар «Нақби истиқлол» тасвиршаванда дар асоси факту рақамҳо ва падидаҳои воқеӣ ба вуҷуд омадаанд, ки ин ҳолат аз характери публитсистӣ ва таърихномаи ҳаёти нақбканони тоҷик будани он гувоҳӣ медиҳад. Бо вуҷуди ин, Б. Муртазоев асари худро бо сабки омехта бо тасвирҳои бадеӣ иншо карда ва «солномаи бадеии роҳкушоён»-ро ба вуҷуд овардааст. Ҳатто аз саҳифаҳои нахустини асар, ки бо тасвири муборизаи қаҳрамонони асосӣ - Мафтун бо ҳайвони ваҳшӣ - Юз оғоз меёбад, маълум мегардад, ки нависанда нақли хушку холии воқеаҳои таърихиро шеваи кори худ насохта, бисёр мавридҳо ба онҳо обуранги бадеӣ бахшидааст.

Чунончи, дар тасвири нависанда Мафтун вақте мебинад, ки Юз - «ҳайвони даррандаи гурбашакл бо ду чанголи худ Чамангулро (бузичаи дӯстоштаи Мафтунро – Н.С.) пахш карда, дандонҳои тези заҳрогинашро ба гулӯи он халондаю

хунашро мемакид», бе ҳеҷ тарсу ҳарос ба ҷанги тан ба тан бо ҳайвони дарранда мебарояд ва дар ин муҳориба пирӯз омада, бузичаи дӯстдоштааш – Чамангулро аз марг халос менамояд. Ё худ тасвири воқеаи ҳангоми рехтани хоктарма ҷони худро дар хатар монда, рафиқонашро аз бими марг дар зери теппаи хок халос кардани Мафтун низ сабки ҳикояи бадеиро ба худ мегирад.

Гуфтан бамаврид аст, ки тасвири бадеии чунин воқеаҳо ва таҳсилоти рӯйдодҳои дигари асар ба хотири кушодани характеру хислатҳои қаҳрамони асосӣ – Мафтун ва муносибату амали ӯ ба ҳаёти воқеӣ ва масъалаҳои ҷаҳони муосир баён гардидааст.

Мафтун ҳанӯз аз оғози воқеаҳои асар, яъне аз хидмати аскарӣ дар Ленинград, кор дар туннели Данғара, таҳсил дар институти кӯҳшиносии Тула ва фаъолият дар сохтмони нақби Анзоб бо рӯйдодҳои кишвари худ ва зиндагии мардуми он, бо мушкилоту падидаҳои ҷаҳони имрӯз бепарво ва бетараф нест. Аз кирдори кайҳоннаворд Павел Беляев, ки дар кайҳони кушод рафиқи худ Алексей Леоновро аз марг наҷот дод, ибрат мегирад ва барои атрофиёни худ фидокорӣ мекунад. Ҳамроҳи рафиқони худ Шералӣ ва Ҷобирбек мехоҳад шогирди ғоибонаи Брус Ли шуда, каратею самбо омӯзад ва заифонро ҳимоят намояд, зеро ба андешаи ӯ, «пурқувватон бояд камқувватонро ҳимоя намоянд, идомаю бақои зиндагӣ ҳам дар ҳамин аст». Ӯ сохтмонҳои азими Украина, туннели понздаҳкилометраи Северомуйск ва туннели чилуҳашткилометраи Арманистонро пеши назар меорад ва дар бораи сохтмони чунин нақбҳо дар ватани худ андеша мекунад.

Дар суҳбат бо профессори Институти кӯҳшиносии Тула низ Мафтун аз масъалаҳои рушду нумӯи кишвари худ сухан ба миён меорад ва чун як нафар фарзанди кӯҳшиноси бомаърифати Тоҷикистон бо донишманди рус радду бадали афкор менамояд. Натиҷаи ин суҳбат ва назари некбинонаи мусоҳибонро нависанда аз забони профессор Александр

Иванович Зуйков, ки бо Тоҷикистон шиносоии дерин дошта, кӯҳҳои онро ваҷаб ба ваҷаб омӯхтааст, чунин хулоса менамояд: «…Наваду се фоизи масоҳати кишваратонро кӯҳҳо ишғол кардаанд. Алҳол дар Душанбе мактаби олии кӯҳшиносӣ ташкил наёфтааст. Бинобар ин, донишҷӯёни таълимгоҳи мо бояд бештар аз Тоҷикистон бошанд. Асрори кӯҳҳоятонро омӯзед, ганҷҳои онҳоро ба манфиати халқи кишваратон истифода намоед. Ҳамчунин дар диёри Шумо бояд силсилаи туннелҳо сохта шаванд. Албатта, он рӯз фаро мерасад… Тоҷикистон ба Швейтсарияи Осиёи Миёна табдил меёбад, балки бо шароитҳои табиӣ, обҳои ширин, гулу гиёҳҳои шифобахш ва меваҳои ширину шаҳдбораш аз Швейтсария ҳам бартару болотар хоҳад шуд».

Чунонки қаблан ҳам зикр гардид, ҳадафи асосии нависанда дар «Нақби истиқлол» тасвири ҷараёни сохтмони нақби Анзоб ва ҳаёти роҳкушоёни тоҷик дар замони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ мебошад. Дар асар ҷараёни сохтмони нақб аз оғози он дар солҳои навадуми асри XX аз ҷониби «Спецгидрострой»-и собиқ СССР тасвир гардида, бо суханронии Президенти Тоҷикистон дар маъракаи оғози воқеии ин сохтмон ҷамъбаст карда мешавад. Ҳарчанд ки нақшаи бунёди туннели Анзоб ва омодагиҳо ба он дар охири даврони Шӯравӣ оғоз гардид, иҷрои воқеии он маҳз дар замони соҳибистиклолии кишвар муяссар шуд. Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, бар асари ноороми дар минтақа бунёди сохтмони нақб мавқуф гузошта шуд ва нақбканони тоҷик бо сардории Мафтуни Азим, ки таҷрибаи бузурги касбӣ ҳосил карда буданд, муваққатан бекор монданд. Сардори сохтмони туннел Ҷумъахони Зуҳур баъди машварат бо сардори «Спецгидрострой»-и Русия Николай Владимирович Дмитров бо сардории Мафтун бригадае созмон дода, онҳоро ба сохтмони метрои майдони Наил дар шаҳри Маскав мувazzаф намуд.

Мафтун ва дӯстонаш метавонистанд, ки дур аз Ватан бо касби худ машғул шуда, бо осудагию фароғат зиндагӣ кунанд.

Вале эҳсоси ватандӯстӣ ва ободию беҳбуди кишвари азизи худ баъди фаро расидани оромӣ ва осудагӣ дар Тоҷикистон боз ба Ватан баргашта, ба сохтмони туннели Анзоб идома медиҳанд.

Нависанда дар анҷоми асар бори дигар андешаеро таъкид мекунад, ки дар тамоми воқеоти хати сужети он ба гӯш мерасад. Ин андеша таъкиди сиёсати созандагӣ ва талоши Президенти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои рушду нумӯи халқу кишвари хеш аст. Чунин маънӣ фикру андешаҳои Мафтун ва таассуроти ӯ аз суханронии Президенти мамлакат дар маъракаи оғози воқеии кор дар туннели Анзоб бо нақли нависанда ҷамъбаст мешавад: «Вай (Мафтун – Н.С.) аз ин суханронӣ (суханронии Президенти кишвар – Н.С.) илҳоми бузурге гирифт ва тамоми вуҷудаш, ҷисму ҷонаш саршори нерӯю ғайрат гардида, бо миннатдорию ифтихор эҳсос намуд, ки пешвои миллат ва халқ дар баробари дигар хислатҳои ҳамида барои ободии Ватан чунин сифатҳои некӯро дорост, ки ҳама бо калимаи роҳ сохта шудаанд: Роҳбару Роҳнамою Роҳшиносу Роҳдору Роҳбону Роҳбину Роҳнаварду Роҳсанҷу Роҳсозу Роҳҷӯю Роҳбахш».

Ҳамин тавр, Мафтун ва дӯстону шогирдони ӯ Шералӣ, Ҷобирбек, Азиз, Карим, Маҳмуд, Ислом то охир роҳи интихобкардаи худро идома медиҳанд, ки моҳият ва ҳадафи ин меҳнатдӯстӣ, созандагӣ, инсондӯстӣ, ростию дурустӣ ва ободию оромии Тоҷикистону ҷаҳон аст. Онҳо насли нави коргарони тоҷик мебошанд, ки дар руҳи озодандешӣ, худшиносии миллӣ ва садоқат ба касби худ ба камол расидаанд, бо рӯйдодҳо ва мушкилоти кишвари худ ва ҷаҳони имруз бетафовут нестанд.

Дар рафти хати сужети асар воқеаи издивоҷи Мафтун бо Фароғат, духтари нозпарварди вазир, тасвир мегардад, ки фоҷиаангез анҷом меёбад. Мафтун аз хурдсолӣ духтари холааш Зуҳалро дӯст медошт ва ишқи онҳо поку беолоиш буд. Вале дар тӯли фаъолият дар нақби Анзоб ва рафтуомад ба идораву вазоратҳои шаҳр зиндагӣ ӯро бо Фароғат, ки духта-

ри вазири сохтмон буд, рӯ ба рӯ мекунад. Духтари фаттону зебосурати шаҳрӣ дили ӯро мерабояд ва оқибат ин шиносой бо издивоҷ анҷом меёбад. Дар ин ҷо ду воқеияти мутазод ба чашм мехӯрад: Аввалан, Мафтун аз рӯйи худхоҳӣ ва нияти муғризона бо зинаҳои мансаб ва ба василаи духтари вазир боло рафта, ин издивоҷро ихтиёр мекунад ва сониян, бо ин амалаш ишқи поки нисбат ба Зуҳал доштаи худро пеши по мезанад, онро хор менамояд. Дар натиҷа, дар зиндагии оилавӣ бо Фароғат хушбахтӣ насиби ӯ намегардад, зеро миёни зану шавҳар, ки дар муҳитҳои мухталифи хонаводагӣ ва андешаву ормонҳои гуногун тарбият ёфта буданд, муҳаббат ва ҳамдилии воқеӣ вуҷуд надошт. Аз ин ҷост, ки вақте ки Мафтун дар зери тармаи сангу гилолуд монда, маслуқу маъюб гардид, Фароғат базудӣ ӯро тарк кард ва ҳангоме ки баъди ба ҳуш омадан дар беморхона, чашмони худро кушод, дар болои сараш на Фароғат, балки ишқи поки нахустини худ «духтари рӯмолаки гулобӣ бар сар ва пероҳани бунафшаранг дар бар» Зуҳалро дид.

Аз муҳтавои асари Б. Муртазоев «Нақби истиқлол» маълум мегардад, ки он асари сирф ҳуҷҷатӣ, вале аз нигоҳи сабк ва ҳусни баён бадеӣ-публитсистӣ аст ва аз ин ҷиҳат ба тақозои публитсистика, ки чун ҷинси адабӣ «миёни адабиёти бадеӣ ва илмӣ ва дар ҳамкорӣ бо онҳо қарор дорад», комилан ҷавобгӯст.

Ин асар бо усули нақл ва ҳикоят навишта шуда, аз моҷарои туннели Анзоб оғоз меёбад ва зимни баёни ин мавзӯъ проблемаҳои гуногуни замони истиқлоли ҷумҳуриро ба миён гузошта, дар асоси мисолҳои конкретӣ аз ҳаёти мардуми тоҷик, намояндагони миллатҳои дигар ва арбобони давлативу сиёсии кишвар дар бораи ин проблемаҳо баҳсу андеша менамояд. Аз ин нигоҳ, «Нақби истиқлол» асари замони нав ва падидаи муҳим дар публитсистикаи муосири тоҷик ҳисоб меёбад.

Н. Н. САЛИХОВ,
дотсенти Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон

МУСЛИМОВ АКБАРХОН

Соли 1943 дар ноҳияи Москва (ҳоло ба номи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ) дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст. Мактаби миёнаи ба номи Садриддин Айниро дар ноҳияи Фархор соли 1960 хатм кард. Пас аз дарёфти дипломи Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб, соли 1966 фаъолияти меҳнатиашро аз мактаби №30 оғоз намуда, ба сафҳои Артиши миллӣ пайваст. Соли 1971 ба идораи рӯзномаи «Гулистон»-и ноҳияи Фархор ба кор рафт. Соли 1976 ба рӯзномаи вилоятии «Роҳи Ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб даъват шуд. Баъдан 8 сол мухбири махсуси рӯзномаи ҷумҳуриявии «Тоҷикистони Советӣ» дар вилояти Кӯлоб буд. Аз ин нашрияи марказӣ дубора ба «Роҳи Ленинӣ» (баъдтар номи «Хатлон»-ро гирифт) баргашт ва ба ҳайси мудири шуъбаи иқтисод то соли 1995 кор кард. Аз соли 1995 ба ин сӯ муҳаррири нашрияи «Гулистон»-и ноҳияи Фархор аст.

Акбар Муслимов Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (1994) ва дорандаи мукофоту ҷоизаҳои дигари касбист.

«ГУЛИСТОН» ЧАРО СЕРМУШТАРИСТ?

Чанд сол аст, ки дар байни масъулини васоити ахбори оммаи вилояти Хатлон суоли «Чаро рӯзномаи «Гулистон»-и ноҳияи Фархор чун даврони Шӯравӣ мавқею мартабаашро нигоҳ дошта меояду нашрияҳои дигари маҳаллӣ ҳастияшонро кайҳо боз ба мазмуни мақоми «Хоҷам боғ дорӣ? – Дорам…» баробар кардаанд?» чарх мезанад. Воқеан, ин муаммои сарбаста посух мехоҳад. Бинобар вақти сафари хидматӣ чанд шумораи рӯзномаи «Гулистон»-ро дар соли ҷадид бо худ гирифтем.

Аз варақзании шумораи аввалини соли ҷорӣи «Гулистон» хуб дарёфтем сирри муваффақияту барои хонандагон маҳбубияти рӯзномаи маҳаллиро. Ин ҳам бошад, дар мавзӯъҳои мухталиф ва барои муштариён шавқовару хонданбоб пешниҳод карда тавонистани матлабҳо будааст.

Ҳатто дар нашри идонаи рӯзнома дар баробари мақолаҳои руҳияи табрикию таҳниятидошта маводҳое истифода шудаанд, ки ба хонанда маърифату кайфият мебахшанд.

Ҳамчунин дар ин шумора баробари инъикоси ташаббусҳо, аз истифодаи маводи танқидӣ худдорӣ накардаанд. Ҳарчанд, соҳибқаламони рӯзномаҳои машҳури ҷумҳурӣ чанд сол боз дар шумораҳои идона он тараф истад, чанд ҳафта пешакӣ дар рафти тайёрӣ ба ҷашнҳо чопи танқидро аз рӯйи адаб намедонанд. Ҳол он ки ин ақида билкул хато буда, танҳо баҳона барои гурехтан аз масъулияти барҳақ аст, ки сабаби дар байни хонандагон коҳиш ёфтани маҳбубияти рӯзномаҳои давлатӣ, бинобар ба тамоюли маддоҳона бештар рӯ овардани мудирияти онҳост.

Ҷиноят чӣ дар рӯзҳои хурсандӣ, чӣ вақтҳои муқаррарию даврони мушкилот зери таъқибу баррасӣ бояд қарор дошта бошад. Барои тақвияту паҳншавии он соате сукут кардан ба зарари кор аст. Инро муҳаррири рӯзномаи «Гулистон» - пири қаламкашони ноҳияи Фархор Акбар Муслимов бо тамоми нозукиҳояш, ки дарк мекунад, маводи танқидии бисёр ҷолибро бо номи «Дузана ва қаллоби гузаро» дар шумораи идона пешкаши хонандаҳо намудааст.

Дар шумораи дуюми имсолаи рӯзнома бошад, худи муҳаррир дар нисбати ҳатулкориҳои ҳокимияти судии мамлакат дар мисоли як зани муштипар, ки аз корсозиҳою беадолатии судяҳо 7 сол боз азият мекашад, бонги изтироб мезанад, ки ҳомиёни қонун бо чашмбандиҳояшон эҳсос намекунанд, ки имиҷи Тоҷикистонро дар сатҳи байналмилалӣ кайҳо паст намудаанд. Дар ин мавзӯъ бисёр рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ҳатто ҷуръати танқид навиштанро надоранд.

Хуллас, дилхоҳ рӯзнома новобаста дар кадом сатҳ буда-

наш, агар зиндагиро бо тазодҳояш дар пуштибонӣ аз халқ, бо ахлоқи ҳамида дарҷ созад, дар муқобили доғдоркунандагони ҳаёти диёри азизамон суханро чун яроқ ба ҳадаф расонида тавонад, онро ҳама меҷӯяду мутолиа мекунад.

Фархориҳо, ки мухлиси ашаддии расонаи размандаю созанда мебошанд, ба рӯзномаи «Гулистон» ва муҳаррири собиқадори он Акбар Муслимов эҳтирому эътиқоди тамом доранд. Имсол ба 4 ҳазор расидани шумораи обуначиёни «Гулистон» исботи ин гуфтаҳост.

Ғайбулло ҲАЛИМОВ
(«Хатлон», феврали соли 2013)

МУҲАММАДИЕВ ШАМСИДДИН

Хатмкардаи УДТ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), факултаи забон ва адабиёти рус (соли 1973) мебошад. То моҳи январи соли 1975 омӯзгорӣ кардааст. Сипас, фаъолияти меҳнатиро аз соли 1975 дар бахши рӯзноманигорӣ идома дод. Устод аввал дар рӯзномаи шаҳрии «Коммунисти Қӯрғонтеппа» кор кард. Аз моҳи майи соли 1978 то моҳи декабри соли 1986 ба ҳайси муҳаррири кумитаи вилоятии радио ва телевизиони собиқ вилояти Қӯрғонтеппа фаъолият дошт. Моҳи декабри соли 1986 муовини муҳаррири рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» («Хатлон»-и ҳозира) таъин гардид. Дар ин вазифа то соли 1994 кор кард. Дар ин муддат дар рӯзнома фаъолияти пурсамар дошт. Солҳои баъдӣ фаъолияти журналистии хешро дар рӯзномаи вилоятии «Курган-Тюбинская правда» (ҳозира «Новый Хатлон») ва идораи радио ва телевизиони вилояти Хатлон идома дод.

Шамсиддин Муҳаммадиев собиқадори соҳаи матбуоти тоҷик аст. Ӯ узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон, Аълочии матбуоти тоҷик буда, бо рӯзномаҳои зиёди даврӣ ҳамкории пайваста дорад.

«КОММУНИСТИ ҚӮРҒОНТЕППА» - РӮЗНОМАИ ДӮСТИИ ХАЛҚҲО

Ман дар ҳайати ин рӯзнома аз январи соли 1975 то декабри соли 1978 кор кардаам. «Коммунисти Қӯрғонтеппа» он давра бо ду забон - тоҷикӣ ва русӣ нашр мешуд. Се саҳифааш бо забони тоҷикӣ ва як саҳифааш бо забони русӣ чоп мешуд, ки ин сабабҳои худашро дошт.

Рӯзнома бо сарварии муҳаррир Иноятшо Ҳикоятов (руҳашон шод бод) ва ҳайати 14 ходим, ки дар байнашон ман ва Николай Кобетс будем, ҳафтае се маротиба аз чоп

мебаромад. Ва ҳатман саҳифаи сеюмаш, ки асосан ба ҳаёти истеҳсолии шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Сарбанд (он вақт Калининобод ном дошта, ба шаҳри Қӯрғонтеппа итоат мекард) бахшида шуда буд, ба забони русӣ чоп мешуд.

Ба он хотир, ки дар истеҳсолоти ин шаҳрҳо заводу фабрика, дигар корхонаҳои саноатӣ аз қабили заводҳои трансформаторбарорию нуриҳои азотии Вахш, ки он вақт шуҳрати умумииттифоқӣ доштанд. Корхонаҳои маснуоти оҳану бетонӣ, комбинати хонасозии Калининобод, корхонаҳои таъмири механикию пахтатозакунӣ ва равғанбарорӣ ва даҳҳо дигар корхонаҳои саноатӣ намояндагони халқи рус ва бисёр дигар халқҳо, ки ба қатори русзабонҳо дохил мешуданд, бар ба бар бо мардуми тоҷик кор ва зиндагӣ мекарданд.

Маҳз ба ҳамин хотир як саҳифаи рӯзномаи «Коммунисти Қӯрғонтеппа» гарчанде ҳаҷман кам ҳам буд, аз ҳаёти сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии шаҳр ба онҳо ба забони русӣ маълумот медод.

Дар ин давра, ки ман дар рӯзнома кор мекардам, мо ду нафар ходим будем. Николай Леонтйевич Кобетс ҳамчун мудири шуъбаи саноат ва ман ходим-мухбир-тарҷумон кор мекардам. Вале баъдтар маро мудири шуъба гузарониданд, бо ҳамроҳии ман дар ин бахш Гладаревский ном марди украинӣ, ки вазифаи асосиаш омӯзгори забони хориҷӣ буд, кор кард. Андрей Зайтсев (он вақт корманди клуби заводи трансфарматорӣ ва баъдтар, пас аз таъсис ёфтани вилоят ва рӯзномаи вилоятии «Курган-Тюбинская правда», мудири шуъбаи рӯзнома шуда кор кард.

Дар даврае, ки ман дар ин рӯзномаи дӯстдоштаи шаҳриён кор мекардам, ҳайати кормандони он аз Иноятшо Ҳикоятов - муҳаррир, Ҳаким Набиев – рӯзноманигори куҳнатарин, Аскаралӣ Набиев (ҳарду Набиевҳо иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ буданд), Файзалӣ Чориев, Шарофиддин Қосимов, Шарифамо Кишварова (Кишвардухт), ки имрӯз ҳамаи онҳо дар қайди ҳаёт нестанд (руҳашон шод ва қиёматашон обод бод), инчунин Сафар Зайниддинов, Давлатҷон Султонов,

Сабоҳат Набиевна Абдураҳимова ва дигар ходимон иборат буд. Дар қатори онҳо сарбухгалтер Зинаида Ивановна Кузнетсова, машинистка Настя-хола (мутаассифона, фамилияаш аз хотир баромадааст), инчунин ходимон П. Гладаревский ва Антонина ҳамчун узвҳои як бадан бо ҳамдигар дӯсту рафиқ бародарвор кор кардем.

Ҳаминро ҳам бояд хотиррасон шавем, ки моҳи майи соли 1977 вилояти Қӯрғонтеппа таъсис ёфт, аммо рӯзномаи «Коммунисти Қӯрғонтеппа» то декабри соли 1978 фаъолият дошт ва ман ҳам дар ҳайати рӯзноманигорони он (гарчанде бо якҷоягии И. Ҳикоятов ба кор дар кумитаи телевизион ва радиошунавонии вилояти Қӯрғонтеппа гузаронида шуда будем), то қатъ гардидани фаъолияти он ҳамчун рӯзномаи шаҳрӣ ва ба кор оғоз кардани рӯзномаи вилоятии «Курган-Тюбинская правда» кор мекардам.

Дар охир ҳаминро гуфтаниам, ки рӯзномаи шаҳрии «Коммунисти Қӯрғонтеппа» аз рӯзи аввали фаъолияташ то имрӯз ҳамчун рӯзномаи дӯстии халқҳо хизмати арзанда карда меояд. Ба ин хотир, ҳама муштариёну мухлисони онро бо ҷашни муборaки 80-солагии таъсисёбии рӯзномаи «Коммунисти Қӯрғонтеппа» табрик мегӯям.

Бо эҳтиром
Шамсуддин МУҲАММАДИЕВ,
узви Иттифоқи журналистони СССР аз соли 1981

МӮСО АБДУҚАҲҲОР

Соли 1963 дар ноҳияи Кӯлоб таваллуд шуда, мактаби миёнаи рақами 4-и шаҳри Кӯлобро хатм намудааст. Сипас, ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шомил шуда, соли 1986 таҳсил дар факултаи филологияи тоҷикро ба поён расонидааст. Баъд аз хатми донишгоҳ соле чанд дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» ва нашрияи шаҳрии «Ҳақиқати Кӯлоб» ба ҳайси рӯзноманигор ифои вазифа намудааст. Баробари пешаи рӯзноманигорӣ - нигоштани хабару мақола, ба ҷодаи шоирӣ низ даст зада, чанд маҷмӯаи шеърияшро ба мухлисони назм пешкаш намудааст. Маҷмӯаҳои шеърии «Ҳасрати нигоҳ», «Ману як хомаву дафтар», «Самои сабзи ишқ» аз қабили онҳо мебошанд.

Абдуқаҳҳори Мӯсо алҳол дар шаҳри Кӯлоб зиндагӣ ва фаъолият менамояд.

● *СЕ ҒАЗАЛ*

ДАРСИ МУҲАББАТ

Надорад ҳар касе тоби шароби шавқи ёри мо,
На ҳар сар чун сари мансур дорад зеби дори мо.
Дар инҷо сабз бошад обу хоку боду ҳам оташ,
Аҷаб, дидам зимистон сабз чун фасли баҳори мо.
Дар ин ҷо мурғҳо аз ҷони мо парвоз омӯзанд,
Ба боло пар занад мастона ҷони беқарори мо.
Дар ин майхона ҷуз дарси муҳаббат, ҳеҷ дарсе нест,
Сухан аз ишқ гӯяд ринди пири бодахори мо.
Дар ин ҷо ёр асту ишқ асту шишаву соғар,
Ғами дунё надорад заррае як майгусори мо.
Гурезад аз бари мо марди дунёдору дунёхор,
Касе бар пушти по зад даҳр, ояд бар канори мо.

НИГАҲИ ПАЛАНГ

Дили ман чу шиша, он маҳ дили ҳамчу санг дорад,
Дили ман чу Шарқи Хунин, дили чун фаранг дорад.
Ба замонасоз созиш кунад ин замонаи дун,
Ба замонаномуросо шабу рӯз ҷанг дорад.
Ба куҷо дигар гурезам зи нигоҳи чашми мастaш,
Ки нигоҳи чашми мастaш нигаҳам ба ҷанг дорад.
Ба куҷо барам зи дасташ ғазалу таронаҳояш,
Ки ҳазор шеъри рангини ҳазорранг дорад.
Ту машав ғазоли хушгил, нафасе зи хеш ғофил,
Ба камин адӯи пуркин нигаҳи паланг дорад.

АТРИ РОЗ

Дар шишаҳои чашми сияҳ атри роз дошт,
Дар ҳар нигоҳ ҳарфи муҳаббатнавоз дошт.
Борон ба фикри сабзи дунё шитоб дошт,
Аммо кавир бегаму хоби ба ноз дошт.
Бегонавор суҳбати мо буд мухтасар,
Дил варна орзуи ҳадиси дароз дошт.
Афсонагӯ зиёду ҳам афсонагӯшкун,
Зеро фасона сурату фарҷоми соз дошт.
Боло гирифт оташу хомӯш гашт зуд,
Хокистари хамӯш ниҳонӣ гудоз дошт.

МӮСОЕВ АЪЗАМ

25 июли соли 1945 дар деҳаи «Роҳи нав»-и ноҳияи Вахш дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёнаи №11-и ноҳияи Вахш соли 1965 ба факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) дохил гашта, онро соли 1970 ба итмом мерасонад. Фаъолияти рӯзноманигориашро ба ҳайси ходими адабии рӯзномаи «Вахш»-и ноҳияи Вахш оғоз намудааст. Баъдан дар вазифаҳои ҷонишини муҳаррири рӯзномаи «Коммунисти Қӯрғонтеппа», котиби масъули рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» кор карда, муддати 14 сол (1979-1993) муҳарририи рӯзномаи «Вахш»-и ноҳияи Вахшро бар уҳда дошт. Аз соли 1998 то ҳол дар рӯзномаи «Садои мардум» фаъолият дорад.

Корманди шоистаи Тоҷикистон (соли 2008), Аълочии фарҳанг ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии қӯшунҳои сарҳадии дараҷаи якум, дорандаи Грамотаи фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон (1982), Ифтихорномаи Маҷлиси намояндагон, медалҳои ҷашнии «100-солагии матбуоти тоҷик», 10-солагии Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон сарфароз гардонда шудааст. Очерку мақолаҳояш дар китобҳои дастаҷамъии «Пайки истиқлол», «Дар коргоҳи қонун», «Маром ва мақоми намояндагӣ» чоп шудаанд. Аз соли 1977 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон аст.

● *БА ИФТИХОРИ 80-СОЛАГИИ РӮЗНОМАИ «ХАТЛОН»*

ИНЪИКОСГАРИ ВОҚЕИИ ҲАЁТИ ҶОМЕА

Вилояти собиқи Қӯрғонтеппа соли 1977 ташкил ёфт. Аммо масъалаи таъсиси рӯзномаи вилоятӣ ба таъхир афтод. Тамоми чорабиниҳои сатҳи вилоятӣ дар рӯзномаи дузабонаи шаҳрии «Коммунисти Қӯрғонтеппа» ба нашр мерасиданд. Танҳо охири соли 1978 масъалаи ташкили рӯзномаи вилоятӣ ба миён омад. Қарор шуд, ки рӯзномаи шаҳрии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа»-ро мебанданд ва ҳайати эҷодии он пурра ба рӯзномаи вилоятии навтаъсис ба кор мегузаранд.

Ҳамин тавр, роҳбарият, ҳайати эҷодии ду рӯзномаи вилоятӣ - «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ва «Курган-Тюбинская правда» ташкил ёфт. Мутобиқи талаботи ҳамон давр, аввалан дар бюро ва баъдан дар пленуми Кумитаи ҳизби коммунисти вилоят муҳаррири рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» (Муқим Абдураҳмонов), муовини муҳаррир (Солеҳ Қаҳҳоров), котиби масъул (Аъзам Мӯсоев) ва мудирони шуъбаҳо тасдиқ шуданд.

Рӯзномаи вилоятӣ дар ҳаҷми рӯзномаи «Правда» (Ф-А2) чорсаҳифагӣ (як саҳифаи он бо забони ӯзбекӣ) бояд чоп гардад. Ин ҳаҷм низ расман тасдиқ шуд. Рӯзномаи вилоятиро дар матбааи шаҳри Қӯрғонтеппа имкони чоп намудан набуд. Дастгоҳҳои чопии он танҳо барои рӯзномаҳои шаҳриву ноҳиявӣ мутобиқ буданд.

Шумораи нахустин ва идонаи рӯзномаро давоми моҳи декабр таҳия намудем.

Қарор шуд, ки тамоми маводи рӯзнома дар матбааи шаҳрӣ омода гашта, баъдан дар комбинати полиграфии шаҳри Душанбе чоп шавад. Шумораи аввалини рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа»-ро дар матбааи вилоятӣ матритса (қолаб) намудем. Баъдан муҳаррири рӯзнома Муқим

Абдураҳмонов, муаллифи ин сатрҳо ва ронандаи идораи рӯзнома Зуҳриддин (руҳаш шод бод) ба шаҳри Душанбе роҳсипор гаштем. Ними шаб ба комбинати полиграфии шаҳри Душанбе (воқеъ дар километри 7-ум) расидем. Матритсаҳо, ки хеле вазнин буд, кормандон ба дастгоҳи чопкунӣ насб карданд. Барои озмоиши шумораҳои аввал чандин метр коғаз сарф шуд. Зеро гоҳ ранг аз ҳад зиёд буду гоҳ камранг мегашт, ки сифати рӯзнома коҳиш меёфт. Ва ҳамаи ин корҳо вақтро мегирифт. Ниҳоят, наздики субҳ нахустин рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» - органи комитети вилоятии ПК Тоҷикистон ва Совети депутатҳои халқии вилояти Қӯрғонтеппа чоп гашт.

Давоми шаб мо дар паҳлӯи дастгоҳи чопӣ будем ва якҷоя бо кормандон назорат мебурдем, ки рӯзнома бехато ва босифат чоп шавад. Рӯзномаи нави «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» дар муҳлати муқарраршуда ва дигар нашриёҳои марказӣ бо мошини вазорати алоқа ба муштариён фиристода шуд. Дар саҳифаи чоруми рӯзнома тарзи чопро мо чунин нишон додем: «Газет аз матритсаи матбааи вилоятии Қӯрғонтеппа дар ҳаҷми 4 саҳифаи Ф-А2 бо тиражи 27765 нусха дар комбинати полиграфии шаҳри Душанбе чоп шуд».

Ҳамин тавр, бештар аз ду моҳ рӯзнома дар шаҳри Душанбе чоп мешуд ва кормандони эҷодии рӯзнома банавбат дар ҳар нашри он иштирок мекарданд.

Муҳтавои шумораи аввали рӯзномаро барои хонанда каме шарҳ додан мехоҳам. Дар саҳифаи якуми рӯзнома чунин ёддошт шудааст: «№1 (254) душанбе, 1 январи соли 1979». Чаро дар қавсайн рақами 254 омадааст? Ба ин ҳайати таҳририяи рӯзнома дар мурожиати худ ба хонандагонаш рӯшанӣ андохтаанд. Дар вилоят ҳанӯз якуми майи соли 1944 газета бо номи «Пахтакори сурх» ташкил дода шуда, то 10 феврали соли 1947-ум 253 шумора баромада буд.

«Пахтакори сурх» дар муддати кутоҳи мавҷудияти худ қаҳрамониҳои бемисли фарзандони вилоятамонро

дар фронт ва ақибгоҳ ба таври барҷаста инъикос намуда, онҳоро ба ғалабаҳои нав ба нави ҷангиву меҳнатӣ сафарбар мекард.

Дар ин саҳифа баромади котиби якуми комитети партиявии вилояти Қўрғонтеппа Ғоибназар Паллаев доир ба ҷамъбасти соли 1978 ва вазифаҳо барои соли 1979 бо номи «Дар самти асосӣ» чоп шудааст.

Воқеан ҳам, кор дар рўзнома мушкилиҳо дорад ва онро танҳо нафароне медонанд, ки ба ин соҳа шинос ҳастанд. Рўзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қўрғонтеппа», ки эҳёи дубораи он ба уҳдаи мо гузашта шуда буд, дар ибтидо чандон осон ба дасти хонандаи худ намерасид. Дар аввал қувваи зиёд ҳам надоштем, бар замми ин, рўзнома дар шаҳри Душанбе чоп мешуд. Баъзан лозим меомад, ки шаби дароз дар Душанбе рўзномаро чоп намуда, субҳгоҳон дар идора шуда, шумораи навбатиро омода мекардем. Ҳамчун котиби масъул тамоми душвории кори идораро бахубӣ дарк мекардам. Аммо боре нашунидам, ки нафаре аз мушкилӣ шикоят ё аз иҷрои супориш сарпечӣ карда бошад. Ҳама бо дили гарм, дўстона кор мекардем.

Ба ҳамин тариқ, сафи ҳайати эҷодии рўзнома аз ҳисоби рўзноманигорони собиқадору ҷавон пурра мегашт. Муҳаррири рўзнома Муқим Абдураҳмонов, ки худ натанҳо рўзноманигор, балки нависандаи бомаҳорат низ дониста мешавад, тавонист беҳтарин қаламкашонро гирди ҳам орад. Ў дар кор хеле ҷиддӣ ва сахтгир буд. Аз ин сабаб на ҳар гуна маводи сусту сатҳӣ омодашуда рўйи чопро медид. Бо вуҷуди сахтгир будан, қадри рўзноманигорони боистеъдодро медонист, эҳтиром мегузошт. Ҳар касро мувофиқи қобилият ва завқи эҷодиаш ба вазифа пешбарӣ менамуд. Бо кўмаки роҳбарияти вилоят бисёр кормандони эҳтиёҷманд бо хонаҳои истиқоматӣ таъмин шуданд. Дар ин кор дастгирии муҳаррири рўзнома Муқим Абдураҳмоновро бахубӣ эҳсос менамудем.

Рўзнома аз аввалин шумораash ва минбаъд масъалаҳои

муҳими рӯзро ба муҳокимаи хонандагон пешниҳод менамуд. Ёд дорам, ки масъалаҳои бардоштаи рӯзнома борҳо дар маҷлисҳои бюрои комитети ҳизбӣ ва комиҷроияи вилоят мавриди баррасӣ қарор гирифта буданд.

Рӯзнома берун аз вилоят низ хонанда дошт. Хабарнигори боистеъдоди рӯзнома Давлатҷон Султонов мақолае бо номи «Чор тифли зебо» чоп намуд. Дар он хабар дода мешуд, ки сокини совхози ба номи Куйбишеви (ҳоло хоҷагии ба номи Ф. Саидов) ноҳияи Бохтар дар беморхонаи вилоятӣ чор тифл таваллуд менамояд. Ин ҳолат воқеан ҳам нодир аст, ки якбора чор тифл сиҳату саломат ба дунё оянд. Хабарнигори рӯзномаи марказии «Правда» дар Тоҷикистон Отахони Латифӣ, ки ҳамон солҳо аллакай машҳуру маъруф буд, ба Давлатҷон Султонов занг мезанад. Баъди тасдиқи таваллуди тифлон Отахон Латифӣ аз Давлатҷон Султонов иҷозат мепурсад, ки ин маводро дар рӯзномаи «Правда» чоп кунад. Мо аҳли эҷоди рӯзнома ифтихор доштем, ки ба маводи хабарнигорамон дар чунин сатҳ баҳо медиҳанд. Мо кӯшиш менамудем, ки бештар чунин мақолаҳои ҷолибу хонданӣ омода созем.

Тавре устод Мирсаид Миршакар солҳои сиюм дар назди рӯзнома маҳфили адибони ҷавонро ташкил намуд, дар доираи адабии рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» низ эҷодкорони зиёде аз шаҳру ноҳияҳои вилоят гирд омада буд. Маҳфили адабӣ моҳе як маротиба доир мегашт ва эҷодиёти навқаламон муҳокима мешуданд. Шоири шинохта, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Пиримқул Сатторӣ (руҳаш шод бод) ба маҳфили адабӣ роҳбарӣ мекард. Эҷоди аъзои маҳфил дар саҳифаи адабии «Гулбарг»-и рӯзнома чоп мешуданд. Дар маҳфил Зуҳуриддин Суярӣ, Саидҷамол Зиёӣ, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Зайниддини Ҷомӣ, Сиёвуш, Убайдуллои Ширин, Саидаҳмади Зардон, Саидҷаъфар Баёзӣ, Зариф Ибод, Гулҷаҳон, Исроил Иброҳимов, Мирзо Восеъ, Алимаҳмад Муродӣ ва дигарон иштироки фаъолона доштанд. Минбаъд аксари онҳо ба

узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қабул шуда, соҳиби чандин маҷмӯаю китобҳо гардидаанд.

Дар рӯзнома як идда журналистон буданд, ки ҷасорат ва матонату таҷрибаи бой доштанд. Худ хуб ҳам менавиштанд ва хабарнигорони ҷавонро ба меҳнатдӯстӣ, ростқавлӣ ҳидоят мекарданд. Муовини муҳаррир Тӯра Қобилов, собиқадори ҷангу меҳнат Аскаралӣ Набиев, мудирони шуъбаҳо Олимҷон Ёрасенов, Файзалӣ Чориев, Шарифамоҳ Кишварова, хабарнигорон Шарофиддин Қосимов, Зикрулло Валиев, Ҳомидҷон Ҳакимов, Тоҳирҷон Асомиддинов, Саидҷалол Фахриддинов дар қайди ҳаёт нестанд. Аммо одобу рафтор, муносибати неку хоксорона ва маҳорати касбии онҳоро ҳамкорон, наздиконашон фаромӯш намекунанд.

Рӯзнома ба мактаби эҷодӣ, сайқали маҳорати касбӣ табдил ёфта буд. Баъдан собиқ кормандони рӯзнома ба вазифаҳои масъули давлатӣ, нашрияҳои ҷумҳуриявӣ, шаҳриву ноҳиявӣ ба кор гузаштанд. Сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Бобоҷон Абдулвоҳидов (руҳаш шод бод), сармуҳаррири рӯзномаи «Паёми андоз» нависанда Исматулло Ибодов, хабарнигори ин рӯзнома дар вилояти Хатлон Саидҷаъфар Баёзӣ, хабарнигори махсуси рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа Саломиддин Мирзораҳматов, раиси собиқи Кумитаи телевизион ва радиои вилояти Хатлон Саидалӣ Бобохонов, кормандони ҳамин кумита Ҳусейн Маликов, Шамсиддин Муҳаммадиев, имрӯза котиби масъули рӯзномаи «Хатлон» Абдусаттор Қарахонов, сардабири маҷаллаи вилоятии «Сафо» Абдувалӣ Абдулвоҳидов, директори матбааи вилоятӣ, собиқ муҳаррири рӯзномаи шаҳрии «Набзи Қӯрғонтеппа» Ғулом Соҳибов, мухбири махсуси рӯзномаи «Садои мардум» дар вилояти Хатлон Давлатҷон Султонов, собиқ муҳаррири рӯзномаи «Ҳаёти нав»-и ноҳияи Панҷ Мирзо Гадоев, шоири шинохта Сафармуҳаммад Аюбии Маҳзун, муовини сардори раёсати хизмати давлатии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурез Қосимов, номзади илмҳои иқтисодӣ Ғафурҷон Расулов ва бисёр дигарон дар ин рӯзнома фаъолият доштанд. Нависанда ва рӯзноманигори маъруф Бахтиёр Муртазоев муддате ин ҷо кор кардааст.

Баъди якҷоя шудани вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа рӯзнома аввал номи «Ҳақиқати Хатлон», сипас «Хатлон»-ро гирифт.

Рӯзнома тӯли солҳои зиёд тағйири ном карда бошад ҳам, аммо рисолати худро ҳамоно ба ҷо овардааст. Он инъикосгари воқеии ҳаёти ҷомеа, ҳидоятгари ахлоқи нек, рафтору пиндори нек, ҳомӣ ва баёнгари дастовардҳои давлати соҳибистиқлоламон буду хоҳад монд.

Аъзам МӮСОЕВ,
«Садои мардум»



НАБИЕВ АСКАРАЛӢ

Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд. Дар вазифаҳои раиси деҳшӯрои ҷамоати Пролетари ноҳияи Октябр, корманди комиҷроияи ноҳияи номбаршуда, корманди комиссариатҳои ҳарбии ноҳияҳои Ғарму Шаҳринав то соли 1957 кор кардааст. Аз соли 1957 то ба нафақаи меҳнатӣ баромаданаш (1988) дар рӯзномаи шаҳри Қӯрғонтеппа «Болшевики Қӯрғонтеппа», ки баъд номаш ба «Коммунисти Қӯрғонтеппа» табдил ёфт, дар рӯзномаи минтақавии «Ифтихори Вахш», баъд «Вахш», инчунин дар рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» («Хатлон»-и ҳозира) дар вазифаҳои ҷонишини сармуҳаррир ва мудири шуъбаи хоҷагии қишлоқ кору фаъолият кардааст.

Ӯ ҳамчун рӯзноманигор қалами хуб дошт. Мақолаҳоро бештар аз соҳаи кишоварзӣ менавишт. Устод марди кушодачеҳра буд дар лабонаш доимо табассум ҷӯш мезад. Дар рӯзномаҳои даврӣ фаъолияти босамар дошт ва то охири умр ба рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» («Хатлон») содиқ монд.

● *МЕҲРНОМА*

ЗИНДАВУ ҶОВИД МОНД, ҲАР КӢ НАКӮНОМ ЗИСТ…

Ба падарам, шодравон Аскаралӣ Набиев иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, рӯзноманигори собиқадор мебахшам.

Моҳҳо ва солҳо ноаён мегузаранду фақат аз Шумо дар хотиру андеша ёдҳо боқӣ мемонад. Одамӣ ба ҳама чиз тобовар будааст. Ман як рӯзамро бе Шумо тасаввур карда наметавонистам. Вале пас аз реҳлататон Худованд ба ман сабру тоқат

дод, то ҳақиқатро тан диҳам. Падарҷон, инак 17 сол мешавад, ки бе Шумо субҳи босафоро истиқбол мекунам. Дар ҳар қадаму ҳар нафас ёдатон карда, зор-зор мегирям. Ба сари манзилатон меравам.

Атрофи он давр зада, нишонеро аз Шумо пайдо карданӣ мешавам. Вале сад афсӯс, ки чизеро пайдо карда наметавонам.

Ёд дорам, он рӯзҳоеро, ки ҳамроҳ ба сайругашт ва ҷашнҳо мерафтем. Шумо либосҳои идонаатонро, ки бо ордену медалҳо оро ёфта буд, ба бар карда, ба кӯча мебаромадед. Дар баратон қадам зада, бо завқ ба Шумо менигаристаму фахр мекардам, ки падари қаҳрамон дорам.

Умри пурбаракататон ҳарчанд кӯтоҳ буд, вале тавонистед дар зиндагӣ аз худ номи нек боқӣ гузошта, дар қатори фарзандон боз чандин шогирдонро тарбия намоед. Ҳар боре Шуморо бо дили садпораву дарду алам, бо чашмони пурнам ёд мекунам, ордену медалҳои ҷангию меҳнатӣ, Ифтихорномаи Фахрии Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон, унвони баланди Корманди шоистаи Тоҷикистон ва дигар мукофотҳоятонро як-як ба даст гирифта, аз назар мегузаронаму мефахрам, ки фарзанди чунин як марди бузург ҳастам.

Ҳар гоҳе, ки бо шогирдони Шумо рӯ ба рӯ меоям, бо фахр ба онҳо менигараму гарм-гарм суҳбат мекунам. Аз ин суҳбат лаҳни ширинатон ба гӯшам мерасад, дар онҳо хислатҳои неки Шуморо мебинам. Онҳо имрӯз дар рӯзномаҳои даврӣ фаъолият дошта, бо некӣ ёдатон мекунанд, ки ин боиси ифтихори ман аст. Падарҷон, кас агар заркитоби умратонро варақ занад, хуб дарк мекунад, ки дар куҷое кор ва фаъолият карда бошед, аз худ танҳо хотираи нек боқӣ гузоштаед. Махсусан дар касби рӯзноманигорӣ шогирдони зиёде доред. 31 соли умри худро ба рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» («Хатлон»-и имрӯза») бахшида, дар ҳамин ҷо унвони баланди «Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон»-ро гирифта, сазовори чандин мукофотҳои дигар гаштаед.

Падарҷон, аз хурдӣ моро ба роҳи рост ҳидоят наму-

да, кӯшиш мекардед, ки ҳар яки мо, фарзандонатон хонда, соҳиби маълумоти олӣ шавему дар зиндагӣ роҳи худро ёфта, хушбахт гардем. Имрӯз ҳамаи орзуҳоятон амалӣ гаштаанд.

…Ана, боз иди Шумо, меҳтарони ҷанг, 9 май - Рӯзи Ғалаба бар фашизм фаро расидааст. Ман бо қалби пур аз сӯзу гудоз Шуморо ба ёд оварда, хун мегирям. Кош имрӯз ҳам бо мо мебудед, иди дӯстдоштаатонро дар ҳалқаи дӯстону пайвандон қайд менамудед. Дар ин рӯз фарзандону наздикон падару бобоёни шуҷои худро бо иди Ғалаба табрик намуда, гулдастаҳо тақдимашон менамоянд. Вале ман гулдастаамро ба сари мазоратон, ки дар ин айёми баҳорон пурлола гаштааст, мегузорам ва мегӯям: Идатон муборак, падарҷон, руҳатон шоду охирататон обод бод!

Падарҷон, ёди Шумо, номи Шумо дар қалби ман то абад зиндаву ҷовид хоҳад монд!

Олия НАБИЕВА
(«Хатлон», №20, аз 8 майи соли 2009)



НАЗАРОВ РАҶАБАЛӢ

Тахаллуси адабиаш Раҷабалии Роғӣ. Соли 1937 дар деҳаи Хоҷағалтани ноҳияи Шӯрообод, дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст. Ӯ Донишкадаи педагогии шаҳри Кӯлобро хатм намуда, беш аз 15 сол дар мактаб ба ҳайси омӯзгор кор кардааст. Аз соли 1976 то 1990 ходими адабии рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» буд.

Ӯ аз даврони наврасиаш машқи шеърнависӣ мекард. Се маҷмӯаи шеърҳояш бо унвони «Асари имони пок», «Тоҷики сарзинда» ва «Куллиёт» нашр шудаанд. Шоири қофиягӯю назмнавис нест. Сухани Раҷабалӣ воқеан ҳам маънии баланд дошта, саршори ташбеҳу тасвирҳои шоирона аст.

Шоир дар айни камолоти эҷодӣ буда, шуғли дӯстдоштаашро идома медиҳад.

ДЕҲАИ МАН

Деҳи ман, чун нуқтаӣ дар сарҳади хоки Ватан,
Лек бошӣ оламе бар дидаи пурнури ман.
Аз баҳори сабзапӯши дашти Терай мерасад
Бар машомам ҷовидонӣ бӯйи гулҳои чаман.

Пештар як гӯшаи хомӯши кӯҳистон будӣ,
Давлати Шӯро, валекин Шӯрободат намуд.
Рӯйи фарзандони ту аз лолазорон ранг бурд,
Халқи дилшодам зи рӯйи меҳр дилшодат намуд.

Барқи Норак борад акнун нур доим бар сарат,
Савти шодӣ мерасад бар гӯш аз бому дарат.
Хонаат обод шуд чун хонаҳои тӯйдор,
Маскани файзу сахо шуд Хайркорон дар барат!

Сарбаландиям туӣ бо сарбаландиҳои хеш,
Аз ту бошад обрӯю шаъну бахту тахти ман.
Гарчи аз оғӯши ту рафтам чу рӯди Заркамар,
Лек ту ҷовид монӣ дар дили хушбахти ман.

Раҷабалӣ НАЗАР
(«Роҳи ленинӣ», соли 1983)

БА ФАРДО МЕКУНАМ БОВАР

Ливои сулҳ боло ҳасту боло боз мемонад,
Ҷаҳон яктову зебо ҳасту зебо боз мемонад.
Ғуломӣ гар намонда, лек истисмор боқӣ монд,
Набарди ҳақталошон то ба фардо боз мемонад.
Ҷаҳонхорон ҷаҳонро боз тақсим аз дигар хоҳанд,
Заминро бори дигар ғарқ дар хуни башар хоҳанд.
Вале амрест номумкин, ҳорисони зар хоҳанд,
Муқаррар ҳусни ин дунё, дилоро боз мемонад.
Шикори одамӣ нангест баҳри одаму олам,
Дигар ҷое намемонад ба қатлу ғорату мотам.
Хирадмандӣ зафар ёбад, ҷаҳолат меҳӯрад барҳам,
Замин гаҳвораи инсони воло боз мемонад.
Ба фардои дилафрӯзи мусаффо мекунам бовар,
Ба эъҷози хирад инсони якто мекунам бовар.
Чу бинам рӯйи фарзандони барно, мекунам бовар,
Ниҳоди зиндагӣ беҷанг, бар ҷо боз мемонад!
Ба фардо мекунам бовар, ки дунё мешавад беҳтар,
Ба одам одами дигар намонад бандаю чокар.
Замин зангӯлаи хушбахтӣ дар кайҳони паҳновар,
Худ Инсон кошифи пайдову эҳё боз мемонад.

Раҷабалии РОҒӢ,
соли 1994



НЕЪМАТОВ АЮБҶОН

Моҳи феврали соли 1955-ум дар деҳаи Лангари ноҳияи Муъминободи вилояти Кӯлоб ба дунё омада, солҳои 1973-1978 муҳассили шуъбаи журналистикаи факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон буд. Сипас, мухбири махсуси рӯзномаи вилоятии «Роҳи Ленинӣ» шуда кор мекард. Баъди аз нашр бозмондани ин рӯзнома чанде бекор монда, сармуҳаррири рӯзномаи «Ҷоми Ҷам» таъин мешавад.

Соли 1993 дар ҳудуди Қазоқистон ба шаҳодат расидааст. Рӯзномаи «Посух» (чопи шаҳри Душанбе, соли 1997) бо такя ба маълумоти бародари ӯ - полковники умури дохила Раҳматулло Неъматов, А. Неъматовро 13-уми июни соли 1993 дар қатори хатсайри Маскав-Душанбе (нуқтаи гузариши шаҳри Оқтеппа (Актюбинск) ба тариқи мармуз ва пурасрор ба шаҳодат расонидаанд. Ҷасади ӯро баъдан ба зери қатор ҳавола кардаанд. Фақат баъди як моҳи ҷустуҷӯ бародарони ӯ ҷасадашро дар Оқтеппа пайдо кардаанд.

ФИДОИИ ИСТИҚЛОЛИ ВАТАН

Ёде аз ҷавонмард ва рӯзноманигори асил Аюбҷони Неъмат

Роҷеъ ба рӯзу рӯзгор ва кору пайкори нафарони маъмулӣ навиштан хеле саҳлу осонтар аст. Вале чун дар байни рафиқону дӯстон интихоби ёдкарди Аюбҷонро ба риштаи тасвир кашидан ба дӯши камина афтод, ман камтарин ҷуръатеро пайдо кардам, то битавонам ёди шодравон Аюбҷон Неъматовро оҷилан ба тариқи воқеӣ ва бекаму кост оварам. Чаро ки Аюбҷон воқеан ҳам ҷавонмарди асил буд ва бояд роҷеъ ба рӯзу рӯзгор ва пайкорҳои ӯ ҷиҳати ба даст овардани истиқлоли миллӣ ва ташаккулу таҳаввули демократия дар ҷумҳурӣ чавонмарде ҷавонмардона бинависад.

Нахустин чизе, ки ба хотирам омад ҷонфидоиҳои ӯ зимни

сафарҳои хидмати ҳарбиаш дар Афғонистон ва дарки воқеии ҳолату вазъи миллати тоҷик ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз солҳои бозсозӣ ва баъд аз он буд. Имрӯз нафарони зиёде қариб ҳамарӯза аз ориёӣ будан, мустақилияту истиқлоли миллию давлатӣ, ташаккул ва таҳаввули ҷомеаи маданӣ, таҳким ва тақвияти пояҳои давлату ҷомеаи демократии мо ҳарф мезананд ва ин амал як одати маъмулӣ ва боиси ифтихор ҳам шудааст. Вале, хонандаи гиромӣ, итминон дошта бошед, ки Аюбҷон ҳанӯз бист-сӣ сол қабл роҷеъ ба ин масоил бе тарсу ҳарос ва бо як ҷавонмардии хосае ҳарф мезад. Яъне нисбати аксари мо воқеиятро хеле барвақттар дарку фаҳм карда буд. Аҷибтарину наҷибтарин хулқу хислати ӯ, ки ин шабу рӯз кам касоне мисли Аюбҷон онҳоро соҳибанд – ин нотарсию ростқавлӣ, бепарда сухан гуфтан, ҷуръату ҷасорат ва мустақиман ба чашми раисону саисони замон нигариста суҳбат кардан ва ҳарфи ростинро гуфтан буд.

Ӯ рӯзноманигоре буд воқеъбин ва бетамаллуқ. Тамаъ, дурӯғ, лофу газоф ва тавсифу мадҳияро намеписандид ва гумонам, ҳамин гуна бе тағйир додани ин авсофаш ҷаҳони фониро падруд гуфт.

Ӯ дар ёди хотира ва аксҳо

Аз байн солиёни зиёде сипарӣ шуданд, вале чанд нуктаи хотирмонеро камина ба гӯшаи фаромӯшӣ насупурдаам. Фикр кардам, ки чӣ чизе маро бо Ӯ пайванд медод. Зуд ёдам омад тӯйи арӯсӣ ва чун силсилааксҳои қаблиро варақ мезадам, дидам, ки ӯ чун дӯсти наздикам бари тахт ва ҳам зимни бастани ақди никоҳ дар барам рост истода, ҳоло ҳам ба чашмонам дида медӯзад. Пас, яқин кардам, ки ӯ дӯсти наздикам буд, чаро ки мо мардуми маҳаллӣ одате дорем, ки бари тахти домодӣ дӯсту рафиқони наздик рост меистанд…

Банда аз Афғонистон дар баробари чанд китобе соли 1984 зимни бозгашт 33 адад фита (косет)-ҳои шодравон Аҳмад Зоҳирро низ оварда будам. Хеле аз онҳоро солҳои 1990-1992, ки рӯзноманигорон аз нигоҳ доштани диктофон ва дигар

таҷҳизоти техникӣ мушкилӣ доштанд, Аюбҷон мавриди истифода қарор дода буд, то битавонад оҷилан маводу матолиби таъҷилию фавриашро сабт намояд. Вале чун охирин маротиба баҳори соли 1992-юм ба камина муроҷиат кард, ки боз дар хона фитае дорӣ, гуфтам: «Акаи Аюбҷон, охир чор фитаи ниҳоӣ мондааст, ман бидуни Аҳмад Зоҳир чӣ мекунам?». Гуфт, имрӯз вақти шунидани Аҳмад Зоҳир нест, имрӯз вақти сабту пахши маводу матолибе оид ба вазъи воқеан муташанниҷи ҷумҳурӣ ва то ҳадди имкон ба сулҳу созиш, мусолиҳа ва осоиштагӣ овардани мардум аст! Биёр фитаҳои дигарро!». Ман ҳам ночор охирин фитаҳоро барои дуввумбора сабт кардан ба ӯ бахшидам. Аюбҷон агар тасмиме мегирифт оқилона, кам касоне пайдо мешуданд, ки ӯро аз нияту раъйаш битавонанд пас гардонанд…

Худо ҳофиз, шаҳиди муҳоҷир!

Ман, ки ростӣ, дар чашмони ӯ ахиран як навъ андуҳу фалокатеро эҳсос мекардам ва аз нафароне будам, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ охирин маротиба бо ман мулоқоте сарироҳӣ дошт ва худоҳофизӣ карда, мехост Маскав биравад. Хеле бо риояи одоб ва як навъ шарму хиҷолат дар пешаш аз ӯ хоҳиш кардам, ки ҳамааш хуб хоҳад шуд, шояд сафари Шумо дар ин шабу рӯзҳо ба Маскав натиҷае ба бор нахоҳад овард. Ӯ сӯям нигоҳе мармуз ва пурасрор дӯхту ғарқи хаёлот шуд. Гумонам, меандешид, ки то ҳол маро касе аз нияту раъйам пас нагардонидааст, ту ҳам наметавонӣ! Дӯсти дигарамон Раҳмоналӣ Сироҷов низ он ҷо ҳузур дошт. Бо ӯ дигар имкон ва қудрати суҳбат кардан надоштем, чаро ки аз ҳардуи мо ҳам як навъ маъюс гашт ва худоҳофизӣ кардем. Ӯ худи ҳамон рӯз озими сафари Маскав шуд (моҳи июни соли 1993, дар назди собиқ Бонки миллӣ вохӯрда будем). Вале, мутаассифона, ин сафари охирини ӯ гашт, чаро ки ӯро зимни бозгашт дар ҳудуди Қазоқистон ноҷавонмардона дар дохили қатори хатсайри Маскав - Душанбе ба шаҳодат расониданд…

Озодамард

Ростӣ, ки наҷибтарин хислатҳои инсонӣ дар шароит ва авзои фавқулодда ва ҳолатҳои ҷангӣ зуҳур мекунанд. Тариқе ки Раҳмоналӣ Сироҷов, яке аз дӯстони наздики Аюбҷон, ки бо ӯ дар шароити вазнини солҳои 1986-1988 дар Афғонистон борҳо вохӯрдааст, нақл мекунад: «Бори нахуст чун Аюбҷон аз музофоти Ғазнӣ ба Кобул омад, мо ҳуҷраҳои зисти худро дар ихтиёри ӯ гузоштем, то саргардон нашавад ва чанд рӯзе ҳам бошад, ин ҷо роҳат кунад. Чун рӯзи дигар аз кору хидмат баргаштем, то он дараҷа ҳуҷраҳои зистамон тозаю озода буд, ки кас фикр намекард, ки як нафар мард битавонад, то ин қадар покизакору хушбини тартибу назму низом бошад. Аюбҷон худ чун ботинан тозаю пок ва беолоиш буд, ҳар гуна зоҳирро низ мехост поку беиллат бинад». Раҳмоналӣ Сироҷов меафзояд: «Аюбҷон, ки худ як нафар адабиётдӯст буд, чун медид, ки идеологияи шӯравӣ моро аз тоҷиктабарони афғон чандин даҳсолаҳо ҷудо ва дар инзиво қарор дода буд, дар ҳама гуна лаҳазоти зарурӣ, ки имкон даст медод, дар саҳафоти рӯзномаҳои Ҳироту Ғазнӣ ва Кобул гулчину шоҳбайтҳоеро аз ашъори шоирони муосири Тоҷикистон интишор медод, то афкори ғалату пуриштибоҳе, ки ба тафаккури афғонҳо роҷеъ ба «тоҷикони шӯравӣ» рахна карда буд, аз байн бираванд. Боре, чун ӯро ба ҳайси тарҷумони низомӣ ба музофоти Ҳирот гузаронида буданд, Аюбҷонро, ки ба Кобул ба аёдати мо - дӯстони тоҷикистонии худ омада буд, хеле пурғазаб, асабонӣ ва ошуфтахотир дидем. Чун пурсидем, ки чӣ иттифоқе уфтодааст, ки боиси нороҳатиат гаштааст? Аюбҷон гуфт: «Афсару асокири шӯравӣ, ки худро мутамаддин ва афғонҳоро ҷоҳил меҳисобанд, оромгоҳи бузургвор Абдураҳмони Ҷомиро ба тороҷ бурда, хароб кардаанд ва аз сангу таҷҳизоти мармарини оромгоҳи ин мутафаккири бузург барои худ дар дохили қисми ҳарбии шӯравие дар Ҳирот ҳаммоме ҷӯр кардаанд!». Шодравон Аюбҷон ин лаҳазотро ҳикоят мекард ва дар чашмонаш ашк ҳалқа мезад. Дар вазнинтарин шароити Ғазнию Ҳирот ва Кобул ӯ имкон пайдо карда, худ мутолиа менамуд ва дигаронро низ мутталеъ месохт».

Шефтаи миллат

Яке аз дӯстони даврони донишҷӯиию ҷавонии шодравон Аюбҷон – рӯзноманигор, мутарҷим ва мусташриқи варзида – Ибодуллоҳи Оқилпур ёддоштҳои худро бо хоҳиши муаллифи ин ёднома чунин нигошта: «Дар як рӯзи баҳории соли 1978 писари амуям Сайидаҳмад ҳамроҳ бо ҷавоне хонаи мо омад. Ман тоза аз аскарӣ омада будам ва барои дохил шудан ба донишгоҳ омодагӣ мегирифтам. Шабу рӯз мутолиа мекардаму барномаи таълимиро такрор менамудам. Сайидаҳмад ҷавонро ба ман муаррифӣ кард ва аз он рӯз бо Аюби Неъматзода ошно шудам. Вақте Аюби Неъматзода донист, ки мехоҳам ба факултаи шарқшиносӣ дохил шавам, аввалин кореро, ки бо ман анҷом дод, бо суолҳои хеш сатҳи донишу ҷаҳонбиниамро хост бифаҳмад. Аз адабиёту таърих зиёд суолҳо дод. Банда, ки дар ду соли хидматам пайваста мехондам, ба тамом суолҳояшро ҷавоб гуфтам. Баъдан ӯ китоберо, ки бо хати настаълиқ навишта шуда буд, пешам гузошту гуфт: – Бихон, бубинам, ки сатҳи форсихониат чи гуна аст. Бисёр бо осонӣ чанд саҳифаро хондам, ки гуфт, кофист. Дастамро гирифту гуфт: - Ҳошо, хуш ба ҳолат, ту ҳатман дохил мешавӣ!

Дар давраи донишҷӯӣ чаҳор сол бо Аюби Неъматзода будем ва ӯро тайи солҳои донишҷӯӣ ва кор инсони комил ва донишманду жарфандеш дарёфтам. Шефтаи миллату забон буд ва Тоҷикистонро бо тамоми каму костҳояш дӯст медошт ва мегуфт: - Тоҷикистон беҳтарин сарзамини рӯйи олам, биҳишти дунёст. Ва агар банохост касе мегуфт, ки Тоҷикистон чунин асту чунон ва камтараш медонист, аз гуфтааш пушаймон мешуду ба халосгар зор.

Боре дар троллейбус мерафтем. Аюбҷон чун одат дар мавзӯи шеъру вазну қофия суҳбат мекард. Ӯ зиёд шеър медонист ва нисбат ба шуаро эҳтироми хосе дошт. Дар ин ҳангом зани солхӯрдаи русе бо як хушунату бадбинӣ ба мо рӯ оварда гуфт: – Хватить ругаться! Аюби Неъматзода мисли ин ки оташ гирифт, яку якбора мисли шери жаён ба ӯ

дарафтода, ин занро, ки ҳисси бадбиниаш нисбат ба дигар халқҳо зиёд будааст, бо каломи далоили шайъӣ дар як лаҳза шарманда кард ва гуфт: – Ифтихори ту, танҳо ҳамон шишаи арақат аст, ки ҳар рӯз мехӯриву мисли хук рафтор мекунӣ! Ҳоло ҳам аз бӯйи бадат троллейбус мурдор шуда, имкони нафасгирӣ намондааст. Кор ба ҷое расид, ки русҳои дигаре, ки дар ин троллейбус мерафтанд, ба ин даъво мудохила карда, он занро гунаҳкор гуфтанд ва аз мо узру маъзарати зиёде хостанд. Ӯ мехост ҳама чизро дар шакли воқеиаш бубинад. Дар базлагӯиву ширинсуханӣ ҳамто надошт ва ҳар гоҳ шӯхие мекард, ҳама аз зиндагӣ буду воқеӣ.

Кунҷков

…Як рӯзи истироҳатӣ ҳамроҳ ба тамошои шаҳр баромадем ва дар боғи онвақтаи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) сайругашт мекардем. Аюбҷон, ки марди кунҷков буд, ба ҳар духтаре, ки мегузашт, назар меафканду гоҳ-гоҳе «уф» гуфта, худро месӯзонду мепазонд. Билохира гуфтем, ки чӣ ин қадар месӯзиву месозӣ, аз ин сӯхтанҳову сохтанҳо чӣ фоида? Гуфт:

- Дилам ба ҳоли ҷавонон месӯзад.

Гуфтем:

- Кадом ҷавонон?

Гуфт:

- Онҳое, ки ҳамин духтарҳоро ба занӣ мегиранд.

Гуфтем:

- Матлабатро нафаҳмидем.

Гуфт:

- Агар зан гирифтанӣ бошед, субҳи барвақт рафта дар ҷойгаҳи хоб чеҳраи ҳақиқии ин духтарҳоро, ки ҳоло бо рангу бор худро орову торо додаанд, бубинед, ба пишаке, ки тоза аз об баромадааст, шабоҳат доранд. Худатон мефаҳмед, ки зебоии воқеӣ дар куҷост. Ҳама хандидем…

Ҷони ширин фидои истиқлоли Ватан кард

Неъмати Аюбзода диди тозае дар нисбати ҷамъияту

равишҳои он дошт, ки дар солҳои 80-и асри пор на ҳар кас метавонист ба умқи сиёсату аҳдофи ҷомеаи иштирокӣ сарфаҳм равад. Ҳар бор мегуфт, ки оё рӯзе мерасад, ки Тоҷикистон мисли Эрону Афғонистону Ҳинду дигар мамолики шарқ соҳибистиқлол гардад ва моро ҳамчун давлат бишносанд. Ин фикре буд, ки доимо ва дар ҳама ҷо вирди забонаш буд ва мехост миллату ватанашро озоду соҳибистиқлол бубинад. Баъзан кӯрдилон сухани ӯро ҷуз сафсата ва ормон чизи дигаре намедонистанд, вале ӯ мутмаин буд, ки мо ҳатман ба он рӯзи саодатманд хоҳем расид. Дар воқеъ, мисли ин ки ӯ пешбинӣ карда буд, мурғи Ҳумо сари ин миллат нишаст ва баъди ҳазор сол миллати тоҷик фарри каёнӣ бар сар ниҳод ва давлате бо номи Тоҷикистон сохт, ки имрӯз дар ақсои олам шинохта шудааст. Ватане ободу зебо бо миллати сарфарозу сарбаланд арзи ҳастӣ мекунад ва амокину аркони давлатдории тоҷикро дубора зинда карда. Дар истиқлол ба даст овардани Тоҷикистон Аюби Неъматзода саҳми калон дошт ва яке аз муборизони роҳи саҳеҳ ва яке аз сохтмончиёни низоми нав ва давлати соҳибистиқлол маҳсуб меёбад. Ӯ фидоии миллат буд ва дар ин роҳи пурхатар, вале саодатманд, ҷони ширинашро дареғ надошт ва ормонеро, ки садсолаҳо миллат мунтазираш буд, барои дигарон муҳайё сохт ва акнун орому сокит дар кунҷе аз водии хамӯшон барои ҳамеша маскан гирифта, вале руҳи бузургаш мудом миёни мост ва ёду чеҳраи зебову ҷавонмардонааш пеши чашмонамон аён асту чун шуълаи хуршед медурахшад ва сардиҳои дунёи моро гармӣ медиҳад».

Бигузор, ки мо ҳам бихобем!

...Шабе, ки мақоларо барои нашр омода мекардам, Аюбҷон ба хобам даромад. Дар хобам маро барои кадом амали ноҷоям сарзаниш мекард. Бо сиёсат ҳарф мезад. Ростӣ, ки дар байни ёру дӯстонаш аз ҳама хурдтар будам ва нисбати дигарон маро зиёдтар сарзанишҳо мекард. Бихоб ва ором бош, бародар Аюбҷон ва бигзор, ки мо ҳам хоб равем,

чаро ки ҳоло ҳам қисме аз ҳаммиллатони ману Шумо аз хоби ғафлату гарон нахестаанд!

Аз чашмонат эҳсос карда будам, ки фалокате рӯй доданаш имкон дорад. Он шабу рӯзҳои солҳои 1993-1995 гуруҳҳои сиёҳкору бадсурату бадсиратоне аз пайи ҷисман нобуд кардани ҷавонмардони асилу муътабари тоҷиктабор буданд!

...Боре гапатро Аюбҷон гардонида будам, гуфта будӣ, ки ту хурдтарӣ, бояд мартабаатро донӣ ва сарзанишам карда будӣ. Хеле мехостам ҳамон рӯзи наҳс рӯ ҷониби Маскав наорӣ ва хеле ҳам оромона гуфтамат, ки нарав, ҳамааш хуб мешавад! Вале, магар мани хурдтар метавонистам Туи ҷавонмардро аз сафари охиратат баргардонам?! Наметавонистам, ин яқин буд, ки аз раъйу тасмимҳои гирифтаат барнамегаштӣ. Бубахш, ки натавонистам, бубахш, ки натавонистем, бубахш, ки мо ҳамагон хотира ва ҳофизаи кӯтоҳ дорем, рафтаҳоро зуд фаромӯш мекунем, ҷавонмардона иқрор шуда наметавонем, ки фалонӣ ҷавонмард аст ва ё ҷавонмард буд. Бори дигар бубахш!

Ёдат ба хайр, манзили охиратат обод бод, яке аз нахустин истиқлолталабони Тоҷикистон!

Ҷумъахон АЛИМӢ,
ш. Кӯлоб
(бо ихтисор аз сомонаи
www.millat.tj бознашр шудааст)

НЕЪМАТОВ ТАБАРАЛӢ

21 майи соли 1935 дар ноҳияи Ленингради вилояти Хатлон таваллуд шудааст.

Хатмкардаи УДТ (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) мебошад.

Фаъолияти рӯзноманигориашро дар нашрияи «Ҳақиқати Хатлон» оғоз намудааст. Яке аз мухбирони муваффақи рӯзнома буд ва аз ҳаёти одамони касбу кори гуногун маводҳои ҷолибу хонданӣ таҳия мекард.

Дар риштаи тарҷумонӣ низ муваффақ буд. Ҳикояҳои адибони шинохтаро аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума мекард.

Фаъолияти меҳнатии хешро дар ин рӯзнома то солҳои ҷанги шаҳрвандӣ идома дод.

ОБЛОҚУЛОВ ШОИМҚУЛ ҲАМРОЕВИЧ

Тахаллуси адабиаш Шоҳин Облоқулзода. 15-уми майи соли 1956 дар шаҳри Панҷакент, дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаб, аз моҳи июни соли 1973 то моҳи июни соли 1974 дар рӯзномаи маҳаллии «Зарафшон» ба ҳайси корманди адабӣ фаъолият намуд. Солҳои 1974-1979 дар бахши журналистикаи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин (ҳоло ДМТ) таҳсил кард. Моҳи ноябри соли 1979, бо таъсиси вилояти Қӯрғонтеппа рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» низ таъсис ёфт, ки сардабири он Муқим Абдураҳмонов таъин шуд. Бо даъвати сардабир Шоҳин Облоқулзода ба ин рӯзнома омад ва то 22 сентябри соли 1992 дар шуъбаҳои гуногун кор кард. Баъди ҷангу ҷидолҳои баамаломада дар соли 1992, ҳукумати онвақтаи вилояти Қӯрғонтеппа бинобар таъмин набудани амният муваққатан ҳайати кормандони редаксияи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа»-ро аз кор озод намуда, фаъолияти газетаро низ мутаваққиф кард. Ш. Облоқулзода ба шаҳри Панҷакент рафта, бо чанде аз ҳампаймонҳояш телевизиони мустақили «ТВ Симо»-ро созмон дод ва то соли 1997 сардабири он буд. Аз соли 1997 то соли 1999 телевизиони ғайридавлатии «Доро»-ро таъсис дода, дар он низ ба ҳайси сардабир фаъолият кард. Сипас, аз соли 1999 дар радиои «Озодӣ» ба кор қабул шуда, ҳамчун рӯзноманигори минтақавӣ дар водии Зарафшон мавод таҳия мекард.

Айни замон бо нашрияҳои ҷумҳуриявии «Фараж», «Озодагон», «Тоҷикистон», телевизиони ҷумҳурӣ ва телевизиони маҳаллии Панҷакент ҳамкорӣ дорад.

ЁДЕ АЗ «УСУЛ БА ДАСТИ НАҒОРАЧӢ»

Замоне, ки дар рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ба фаъолият шурӯъ намудам, дарёфтам, ки сардабири он Муқим Абдураҳмонов беҳтарин рӯзноманигоронро дар ин газета ҷамъ овардаанд. Ва ҳамин буд, ки рӯзномаи мазкур тавонист дар як муддати кӯтоҳ бо мақолаву хабарҳо, гузоришу очеркҳо ва лавҳаю репортажҳои пурмазмуну муассираш миёни мардум ва байни рӯзномаҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ соҳибобрӯ гардад. Дар ин рӯзнома беҳтарин қаламкашон, аз қабили муовини сардабир шодравон Тӯра Қобилов, адиб ва рӯзноманигор шодравон Пиримқул Сатторӣ, шодравон Олимҷон Ёрасенов, шодравон Шарифамоҳи Кишвардухт, Мирзо Гадоев, Саидҷаъфар Сафархоҷаев, Сайвалӣ Бобохонов, Ҳусейн Маликов, шодравон Аскаралӣ Набиев, Сангпӯлод Тошев, Ҳотам Каримов, шодравон Ғулом Соҳибов ва даҳҳои дигар ҷалб шуда, бо як самимият кори рӯзномаро пеш мебурданд.

Мақолаҳои танқидӣ, фелйетонҳо, публисистика ва хабару гузоришҳое, ки дар рӯзнома чоп мешуданд, миёни мардум ва ҳукумати онвақта як резонанси таъҷиливу пурсару садоеро ба миён меоварданд, ки дар натиҷа навоқиси мавҷуда дар ҷомеа баъди чопи ин маводҳо зуд ислоҳ мегардид.

Банда низ чандин мақолаи танқидӣ, фелйетону памфлетҳоро тӯли солҳои фаъолиятам ба чоп расонидаам, ки онҳо миёни мардум ҳангомаеро ба бор оварда буд. Масалан, фелйетонеро бо номи «Усул ба дасти нағорачӣ» дар ҳамон солҳо ба чоп расонида будам, ки он оид ба хонафурӯшии мудири шуъбаи ҳукумати шаҳри Қӯрғонтеппа Газоева Ирина Казбековна ва ҳамдастии раиси комиҷроияи онвақтаи шаҳри Қӯрғонтеппа қисса мекард. Дар натиҷа, баъди таҳлилҳову санҷишҳо раиси онвақта ва ин мудири шуъба аз вазифаашон сабукдӯш шуда буданд. Пас аз ин, роҳбарони идораву

муассисаҳо мо, рӯзноманигоронро мухбирони «таппонча-дор» мегуфтанд.

Чунин буд хотироти кӯтоҳи банда аз он солҳо ва ҳамчунин таъсири маводҳои журналистони ҳақиқатгӯву ҳақиқатҷӯ, яъне қаламкашони аламкаш ва сеҳри сухан.

Дар охир бояд бигӯям, ки рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ва таҷрибаи корбарии ҳайати таҳририяи он бо сарварии Муқим Абдураҳмонов барои банда як мактаби бузурги рӯзноманигорӣ ва қаламкашиву адолатпешагӣ буд, ҳаст ва мемонад.

80-солагиат муборак, рӯзномаи ҳақиқатгӯву ҳақиқатҷӯ, бо қаламкашонат, ки адолат, ростӣ ва каломи Ҳақ ҳамеша пешаат буд, ҳаст ва дар арсаи таърих барои хонандагонат боқӣ хоҳад монд!

Бо эҳтиром,
Шоҳин ОБЛОҚУЛЗОДА,
Панҷакент, соли 2013

ОДИНАЕВ НУРМАҲМАД

Соли 1934 дар води Кӯлоб ба дунё омад. Хатмкардаи омӯзишгоҳи омӯзгорӣ ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб буда, ҳанӯз дар даврони донишҷӯӣ ҳикояву ҳаҷвияҳояш дар рӯзномаҳои «Ҳақиқати Кӯлоб», «Ҳаёти қишлоқ» ба чоп мерасид. Охири солҳои 60-уми асри гузашта муҳаррири рӯзномаи «Гулистон»-и ноҳияи Фархор таъин шуд. Он ҷо 8 сол кор кард. Моҳи январи соли 1976 бо барҳам додани рӯзномаи ноҳиявии «Гулисгон» ва таъсиси рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» Нурмаҳмад Одинаев барои кор ба шаҳри Кӯлоб рафт. Баъди чанд муддат муовини аввали сармуҳаррири ин нашрия таъин гардид. Талош мекард, ки дар рӯзнома муҳити хуби эҷодӣ фароҳам шавад ва қаламкашони ҷавонро ҳамеша дастгирию роҳнамоӣ мекард. Охири соли 1980 ба рӯзномаи «Мубориз»-и ноҳияи Восеъ ба ҳайси муҳаррир ба кор пардохт.

Моҳи апрели соли 1982 марги бемаҳал риштаи ҳаёти Нурмаҳмадро дар айни ғурури ҷавонмардӣ канд. Ҳамагӣ 48 сол умр дид. Вале давоми ин умри кӯтоҳаш бо кори неку муомилаи хуш, истеъдоду маҳорати беҳамтои роҳбариаш ба дилҳо ҷо гирифт.

ЁДИ Ӯ ДАР ДИЛУ ДИДАҲОСТ

Саҳифае аз рӯзгор ва фаъолияти меҳнатии инсони комил, рӯзноманигори варзида ва устоди сахтгиру мураббии ғамхори мо - қаламкашони рӯзномаҳои собиқ вилояти Кӯлоб, марҳум Нураҳмад Одинаев, ки бо ҳаёт хеле бармаҳал падруд гуфт.

Дар бораи шахсе, ки кору зиндагӣ ва муносибаташ ба зердастону ҷомеа намуна аст, чизе навиштан ва ё эҷод кардан басо душвор аст. Чунки ҳарос аз он мекунӣ, ки ҷузъиёте ё паҳлӯе аз

ҳаёт ва фаъолияти ӯ нокифоя рӯйи коғаз иншо нагардад. Ба ҳар ҳол, камина ҷуръат пайдо кардам, ки дар бо¬раи эшон ҳарчанд ихчам бошад ҳам, чизе ба қалам диҳам.

Мо ҳама ӯро "Муаллим" гуфта мурочиат мекардем. Дар воқеъ, ӯ устоди мо буд. Зеро дасту фаҳмиши моро ба олами рӯзноманигорӣ эшон росту сайқал дод. Дар хусуси устод сухане ноҷо ё ҳақиқатро нагуфтан магар аз рӯи инсоф аст? Алалхусус, дар бораи устоде, ки ба маънои томаш бароямон наму¬на буд. Ба ҳайси рӯзноманигор ман бо марҳум Нураҳмад Одинаев ҳанӯз аз соли 1971 шиносоӣ пайдо карда, то охири умраш якҷоя кору эҷод кардем. Ёд дорам, ки рӯзҳои аввали фаъолияти рӯзноманигориам эшон муҳаррир буду камина мудири шуъба дар рӯзномаи ноҳиявии «Гулистон» - нашрияи кумитаи ҳизбӣ ва кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи ноҳияи Фархор. Ба ман фармуданд, ки аз ҳаёти кишоварзон чанд мақолаи хурду калон ба табъ расонам. Он вақт дар бо¬раи жанрҳои журналистика чизеро намедонистам. Фақат ҳаминаш бароям фаҳмо буд, ки шакли кӯтоҳи навиштан хабар ё ахбор асту калонтараш мақола.

Аз пайи иҷрои супориши муҳаррир шуда, бо агрономи управлениияи хоҷагии қишлоқи он солҳо Аҳмад Қурбонов вохӯрдам. Матлабамро кушода мусоҳибам гуфт, ки дар хоҷагии қишлоқ чӣ пур - материали навиштанбоб. Аҳмад ҷавонмарди шӯху бебок буда, шиноси наздикам буд. Хулоса, ба сари мақсад омада, аз рӯи ахбороти ӯ оиди чанд соҳа факту рақам гирифтам. Шаб хуб майна об карда, чанд мақола навиштам. Рӯзи дигар пагоҳии барвақт ба ҷойи кор расида, интизори чопкунанда шудам. Муддате нагузашта, ӯ ҳам омада ба ҷойи кори худ гузашт. Хоҳиш кар¬дам, ки супориши калон асту материалҳои маро бенавбат чоп намояд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Мақолаи аввалинамро аз назди мошини чопкунӣ гирифта, ба утоқи кориам рафтам. Бо сад машаққат онро хонда, калимаҳои носуфтаю партофтаи ӯро ҷо ба ҷо карда, ба ҳоли зори чопкунанда хуб хандидам. Бехабар аз ин ки ба ҳоли ман низ дигарҳо механданд. Ҳамаи он чиро, ки навиштаю чоп кунонда будам, назди муҳаррир монда, ба танаффуси нисфирӯзӣ рафтам.

Дар бозгашт бо чанде аз дӯстон вохӯрда, табрикоти онҳоро

бинобар ба касби рӯзноманигорӣ гузаштанам шунида, бо табъи хушу руҳи болида ба идора расидам. «Куҷо будӣ, чаро дер кардӣ, муҳаррир чанд бор пурсид», - гуфтанд ҳамкоронам. Назди эшон даромада бинам, ҳамроҳи ҷонишинашон чунон хандида истодаанд, ки мондан гиред. Банда дар аввал чизеро нафаҳмида, лаҳзае моту мабҳут мондам. Сонитар фаҳмидам, ки кадом як мақолаи навиштаам боиси дилхушии онҳо гардида будааст. Хавотир шудаму аз муҳаррир пурсиданӣ будам, ки худ ба сухан пардохт. Дар ин моҳи декабр магар дар бораи коркарди байни қаторҳои кар¬тошка мақола чоп кардан хандаовар нест? Кӣ ба шумо гуфт, ки дар собиқ колхози ба номи Ломоносов, ҳоло ба номи Сангак Сафаров, ин корҳо пеш бур¬да мешавад? Баъди ин суханҳо гӯё ба сарам як сатил оби хунук рехта бошанд, ки муддате карахт шуда мондам. Акнун фаҳмидам, ки Аҳмади агроном чаро дар бораи картошкапарварон нақл карда, хандаи замири дилашро аз ман пинҳон медошт. «Ҳеҷ гап не, - ба сухан пар¬дохт муҳаррир. - Дар ибтидо ҳа¬ма ба чунин камбудиҳо роҳ медиҳанд. Муҳимаш бояд хулоса баровард, ки минбаъд такрор нашавад». Ӯ хатоҳои услубию ночаспонии фикрҳоро дар ди¬гар мақолаҳоям ошкор сохта, таъкид кард, ки бояд бисёртар омӯзам.

Ҳодисаи дигаре, ки аз хотироти он солҳо дар қалби ман боқӣ мондааст, ин ба сифати муҳаррири навбатдор буданам аст. Ёд дорам, ки рӯзи ҷумъа буду шумораи навбатиро ба чоп иҷозат дода, ҳамроҳи аҳли байтам ба ноҳияи Москва хабаргирӣ рафтем. Рӯзи истироҳат баргашта бинам, дар ҳавлӣ чанд шумора газетаи ғиҷимшуда хобидааст. Кушода бинам, шумо¬раи иҷозатдодаам пур аз хато аст. Маълум гашт, ки Нурмуҳаммад Одинаев баъди ҳар навбат саҳифаҳои газетаро пурра хонда, баъд ба чоп иҷозат медодааст. Ин ба бехатоию пурмазмун баромадани газета имконият медод. Дар кор сахтгиру серталаб буду баъди он мисли бародарони яктану якхун бу¬дем. Қариб ҳар бегоҳ дар ин ё он_хонаи ҳамкорон ҷамъ ома¬да, суҳбатҳои гарму самимӣ мероностем. Мошини хизматии идора се рӯзи ҳафтаи корӣ хизмати ходимону мудирони шуъбаҳоро бахри ҳаётомӯзӣ ва ҷамъ овардани материал ба ҷо меовард.

Нурмаҳмад Одинаев дар оила падари ғамхору меҳрубон

буд. Саъдию Ҷаъфар, Орифу Шодӣ ва духтаронаш аз пайи касби падар нарафта бо¬шанд ҳам, вале одамони нафърасони ҷамъият шуданд.

Соли 1976 рӯзномаи ноҳиявии «Гулистон» бинобар сабаби таъсиси вилоят ва ташкил шудани рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» барҳам хӯрд. Аксар коркунонамон таҳти сарпарастии Н. Одинаев ба вилоят ба кор рафтанд. Аз ҷумла ман мухбири махсус таъин шудам. Бо тавсияи ӯ соли 1982 маро ҳамчун мухбири махсуси рӯзномаи республикавии «Тоҷикистони советӣ» оид ба вилояти Кӯлоб ба кор қабул карданд, ки дар ин вазифа то охири соли 1986 фаъолият намудам. Амри тақдир будаасту бинобар шароити оилавӣ аз нав ба рӯзномаи вилоятӣ ба кор гузаштам.

Дар ин байн мо - шогирдон аз устоди худ якумрӣ ҷудо гаштем. Вай ду-се соли охир аз фишори хун азият мекашид. Дар охир духтурон гуфтанд, ки гурдаҳояш маризанду тамоман аз кор баромадаанд. Хуб дар хотир дорам, ки шаби ҷон доданаш ману ҳамкорам Мисралӣ Сониев дар сари болини ӯ дуру дароз нишастем. Вақти видоъ ӯ аз мо хоҳиш кард, ки шабро ҳамроҳаш гузаронем. Суханронияш қавӣ буду мо ҳеҷ гумон надоштем, ки ӯ субҳидами он шаб мефавтад. Мо ин шумхабарро шунида, пеш аз ҳа¬ма ба хонаи мусибатзадаи ӯ омадем. Зану фарзандони зораш оҳу афғон бардошта, бо ҳасрат нола мекарданд. Рӯзи видоъ митинги серодам барпо гардид, ки дар он хешу ақрабо, ёру дӯс¬тон, ҳамкасбон ва ҳаводорони қалами нуктасанҷу ҳақиқатпарасти марҳум ҷамъ омаданд.

Суханҳои зиёде гуфта шуд, ки онҳо хотироти ин марди шарифу инсони комил, журналисти вар¬зида ва устоди мушфиқу ғамхорро пеши назар меовард. Оре, мо дӯстону шогирдон шахсеро гум кардем, ки ёдаш як умр дар дилу дидаи мо боқӣ хоҳад монд.

Акбар МУСЛИМОВ
(Бознашр аз рӯзномаи «Хатлон», майи соли 1993)

ОМОНОВ ШОИМНАЗАР

10 июли соли 1952 дар деҳаи Чирики ноҳияи Қубодиён дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст.

Соли 1969 мактаби миёнаро хатм намуда, ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Хуҷанд дохил шуд. Онро соли 1973 бомуваффақият хатм карда, як сол дар мактаби зодгоҳаш омӯзгорӣ кард. Моҳи сентябри соли 1977 ба рӯзномаи ноҳиявии «Октябр» (Шаҳритус) ба кор омад.

Соли 1978 ноҳияи Қубодиён таъсис ёфт ва ӯ дар рӯзномаи ноҳиявии «Шараф» ба кор гузашт. Он ҷо вазифаи мудири шуъбаи хоҷагии қишлоқро ба уҳда дошт. Соли 1979, вақте ки дар вилояти навтаъсиси Қӯрғонтеппа рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ташкил дода шуд, Омоновро ба ин рӯзнома барои кор дар шуъбаи ӯзбекӣ даъват намуданд. Шоимназар Омонов дар ин рӯзнома то соли 1991 фаъолият намуд. Ӯ дар фаъолияти рӯзноманигорӣ лавҳаю очерк, маводи публитсистӣ, достонҳои зиёд навиштааст. Соҳиби якчанд китоб мебошад.

Ш. Омонов узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Аълочии матбуоти Тоҷикистон ва дорои дигар унвону ҷоизаҳои соҳавӣ аст. Феълан дар нашриёи ӯзбекии «Дӯстлик» фаъолияти рӯзноманигорӣ дорад.

ОРЗУЕВ МАШАРИФ

23 феврали соли 1937 дар деҳаи Порвори ноҳияи Шӯрообод ба дунё омадааст.

Айёми кӯдакӣ ва мактабхонии ӯ дар шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Ҳисориён (кӯчаи ба номи Киров) гузаштааст. Соли 1954 баъди хатми мактаби миёнаи ба номи Ворошилови шаҳри Кӯлоб, ба Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд (собиқ шаҳри Ленинобод)-вилояти Суғд дохил шуда, соли 1958 онро бо ихтисоси муаллими химия ва биология ба поён мерасонад.

Фаъолияти омӯзгориашро аз мактаби миёнаи ба номи Куйбишеви ноҳияи Восеъ оғоз намудааст. Баъдан дар идораи маорифи шаҳри Кӯлоб, шӯрои депутатҳои халқии шаҳри Кӯлоб фаъолият намудааст.

Аз соли 1985 то соли 1988 дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» кор кардааст. Баъдан ба кори омӯзгорӣ баргашта, солҳои тӯлонӣ ба сифати директори мактаб ифои вазифа намудааст.

Аз соли 1971 узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон буд. Хизматҳои арзандаи ӯ бо нишони «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», медалҳои «Барои меҳнати шоён», «Садсолагии рӯзи таваллуди В.И. Ленин» ва «Ветерани меҳнат» қадр карда шудааст.

Машариф Орзуев 31 майи соли 2003 аз олам даргузашт.

ПАРПАҚОВ БӮРИБОЙ

Баъди хатми факултаи таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва итмоми курси дусолаи назди рӯзномаи ҷумҳуриявии «Совет Тоҷикистони» (ҳоло «Халқ овозӣ») ба рӯзномаи ноҳиявии «Ҳақиқати Колхозобод» ба кор омад. Соли 1978 ба рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ба кор даъват карда шуд. Дар ин ҷо то соли 1992 ба ҳайси мудири шуъбаи ӯзбекии рӯзнома фаъолият намуд. Аз соли 1993 то соли 1996 мухбири махсуси рӯзномаи «Халқ овози» дар вилояти Хатлон буд. Аз соли 1996 то соли 2011 муовини сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Дӯстлик» шуда кор кард.

Муаллифи китоби «Ҷазо» ва китоби дастаҷамъии «Панҷ мехонад тарона» аст.

ДОД АЗ ДАСТИ АНДОЗ

Дӯсти бачагӣ ва ҳамдеҳаам Ҷаҳонгир боре саросемавор ба хонаамон омада, хитоб намуд:

- Абдураҳмон, то кай ҳамин хел мегардӣ?! Ба гирду атрофат як назар кунӣ, намешавад?

- Чӣ кор карданам лозим? Саҳеҳтар гап зан, - бо ҳайрат ҷавоб додам ман.

- Охир, муаллимам гуфта, ба ҷуз хонаю мактаб дигар ҷо нигоҳ намекунӣ? Чанд вақт мешвад, ки дар деҳаамон ба одамон замин карда дода истодаанд. Чӣ қадар ҳамдеҳагонамон заминдор шудаанд. Дар хонадони ту ҳам одамони дар саҳро кор мекардагӣ ҳастанд-ку. Ту ҳам ба монанди онҳо замин гирӣ намешавад?

Суханони дӯстам таъсир карду барои замин гирифтан ба ҷамоати деҳот ариза додам. Комиссия оид ба тақсимоти замин шумораи оиламонро ба назар гирифта, лоиқ донист,

ки дуртар аз деҳа бароям панҷ гектар замин ҷудо кунад.

- Барои сертификат гирифтан ба миқдори панҷсад доллар супоред, - гуфтанд кормандони ҷамоати деҳот.

Писарамро бо мақсади донишгоҳи олӣ фиристодан аз бозории бачаҳо як миқдор пул ҷамъ карда будам. Фармудаи кормандони андозро бурда, ба хазина супурдам.

- Э, муаллим, фоидаи заминро то ҳол надидаем. Ин ҳама ҳаракатҳоятон муборак бод, - киноя зад ҳамсарам. - Лекин ин ҳама пулҳои ба сад ҷон канда ёфтаамон ҳайф мешаванд.

- Бисёр дод назан занак, - кӯшиш мекардам, ки оташи ғазаби ҳамсарамро то андозае паст намоям, - харҷ накунӣ, аз куҷо фоида мегирӣ? Аммо ҳамсарам аз кори кардаи ман ҳар лаҳза хуни дил мехӯрд.

Вале аз замони заминро гирифтан ба сарам дарди сар гирифтам. Баҳор расидан баробар бачаҳо ба саҳро рафтанд. Дар саҳро кор кардан осон набудааст. Дар хонаамон даҳ сотих замин доштем. Ҳамон ҳам меҳнати зиёдро талаб мекард. Боз ин панҷ гектар аст-ку! Ман ҳар рӯз аз хона ба мактаб мерафтам. Аз ин ҷиҳат ташвише надоштам. Акнун ташвишҳоям боло гирифтанд.

Ба хонаи Тошболтаи тракторчӣ бори панҷум рафта бошам ҳам, «Ака, шудгор бо навбаташ» - гӯён ноумедам мекард. Дар маротибаи шашуми рафтанам гуфтам, ки «ҳаққатонро даҳ маротиба медиҳам».

Ӯ дарҳол бархосту тракторашро даргиронда, ба сӯйи заминам ҳай кард.

- Корҳо чӣ тавр? - боз дар хонаам пайдо шуд дӯстам Ҷаҳонгир.

- Аз афташ, барои коркарди замин пули калоне меравад, - қавоқ андохта ҷавобаш додам ман. - Ҳайронам, ки аз куҷо ёбам.

- Бо ҳайрон гаштану қавоқ андохтан кор буд намешавад, - гӯё ягон кашфиётеро кушода бошад, гуфт дӯстам. - Муаллим ҳам бошӣ, аз дунё бехабар будаӣ. Ҳозир кредит гуфтанӣ гапҳо баромадагӣ. Аз бонк ба муҳлати муайяне пул қарз

мегирӣ. Тамом вассалом. Кораш пеш меравад.

- Илоҳӣ баракат ёбӣ дӯстам, - миннатдорӣ кардам ман, - ҳамин хаёл наёмадааст-е.

Ҳуҷҷатҳоямро тахт карда, аз банк пул қарз гирифтам. Замини панҷгектарaамро шудгор ва мола кардам. Ҳамвору кулӯххҳояшро майда кардам. Тошболтаи тракторчӣ дам ба дам асабонӣ мешуд. Бо нармгуфторӣ қошу қавоқашро ба ҷояш мегузоштам. «Ставка»-ашро, ки бардоштам, боз ба кор ҷаҳду ҷадал намуд.

Чигит неш зад. Дар вақти коркарди байни қаторҳо нафси Тошболта боз авҷ гирифт. Чӣ кор карданамро намедонистам. Ҳаво гарм шуда, кори саҳро вазнин мешуд. Сарам гаранг шуда буд. Барои чӣ мегӯед? Саросема нашавед. Ҳамаашро аз як сар нақл нақл мекунам.

Гоҳ ба дарс мешитофтаму гоҳ ба саҳро. Гоҳ ба дарсҳо дер мемондам. Ба ин муносибат аз директор огоҳӣ гирифтам. Аз ташвишҳои мактаб халос шуда, худро ба саҳро мезадам. Кор кардан лозим. Маҷбур шудам, ки дар сари заминам чайла созам. Писару духтаронам ҳам бо ман буданд. Фақат ҳамсарам дар хона монда буд. Дигар ҳамаамон саҳроӣ шуда будем. Лекин бо навбат аз ҳоли хона хабар мегирифтем.

Навбати ба хона рафтани ман ҳам расид.

- Эй мардак, саҳро гуфта, занатонро ҳам аз хотир баровардед, - гилаомез хитоб намуд очаи бачаҳо, - ин ҳам ба хайр аст. Дина аз ду ҷо одамон омаданд. Андози заминро диҳед, андози обро диҳед гуфтанд. Чанд коғазро пур карданду рафтанд.

Пулҳои аз банк қарзгирифтаамро ба харидории дорую сӯзишворӣ сарф карда будам. Ба болои ин Тошболтаи тракторчӣ як дарди сар шуда буд. Ҳар лаҳза ҳаққашро талаб мекард.

- Муаллим, кор фармуда метавонед! Пулашро дода, наметавонед? Мард шудан даркор, бародар!

Аз мадор мондам. Рӯзгорам вазнин шудан гирифт.

- Ана, ака, ин андоз аз ҳифзи муҳити зист, - наздам омад намояндаи идораи ҳифзи муҳити зист.

- Мо аз хоҷагии давлатии об. Марҳамат карда, ҳаққи обро супоред.

- Адози хонаро аз ёд набароред, муаллимҷон!

- Ин коғаз барои андози ҳавлию хонаатон…

Ин ҳам ҳеҷ гап не. Аммо қоғазҳо пайиҳам меомаданд.

- Андози замини панҷгектараатон…

- Андози об…

- Ин андози қувваи барқ…

- Ҳаққи роҳу кӯпрукро аз ёд набароред…

- Экология ҳам андоз дорад. Инро мабодо фаромӯш накунед. Мана коғазаш.

Коғазҳо дар дастам ғарам шуда буданд. Рӯз ба рӯз аҳволам бад мешуд. Муҳлати кредит ҳам тамом шуд. Ҳама пулҳои аз банк қарзгирифтаамон ба коми андоз рафта буд. Ҳамин қадар меҳнат карда, дар охир бо дасти холӣ мондем.

- Аз замини панҷгектараатон фоидае надидед, - бо ғазаб хитоб намуд ҳамсарам.

- Акнун заминро супоред ҳам мешавад.

Ҳамин замон дӯстам Ҷаҳонгир ба хона зада даромад. Дардамро ба ӯ арз кардам.

- Заминро гир гуфтӣ, гирифтам. Ҳамин қадар заҳматамон ба ҳаво рафт. Ҳатто аз Тошболтаи тракторчӣ қарздор шудам. Аз ин қарз чӣ хел раҳоӣ ёбам?

- Саросема нашав. Ман ҳозир акаи Тошболтаро дидам. Ба ӯ ғӯзапоя медиҳӣ, қарзат адо мешавад, дӯстам, - боз Ҷаҳонгир ба ҷонам дармон шуд.

Хуллас, нисфи ғӯзапояамро ба тракторчӣ дода, аз қарз халос шудам. Ташаккур ба дӯстам, ки як ташвиши калонро аз сарам бардошт.

Аз замини «бешгектара» қимоб шудам. Замини худат хуб, кораш ҳам хуб. Лекин андозаш дарди сар. Барои ҳамин ҳам ҳар вақт нидо мекунам: «Дод аз дасти андоз»!

Бӯрибой ПАРПАҚОВ

ПАҲЛАВОНОВА ҲАНГОМА ИСМАТОВНА

Ҳангомаи Исмат 23-юми майи соли 1984 дар деҳаи Зидеҳи ноҳияи Варзоби Тоҷикистон дар хонаводаи омӯзгор ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаби деҳа, тавассути квотаи президентӣ ба факултаи журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) шомил шуд. Аз солҳои донишҷӯӣ бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шабакаи якуми радиои Тоҷикистон ва радиои «Садои Душанбе», ҳамчунин бо нашрияи «Зиндагӣ», чопи Душанбе, ҳамкорӣ мекард. Соли 2006 донишгоҳро бомуваффақият хатм намуда, соҳиби дипломи рӯзноманигорӣ гардид. Пас аз оиладор шудан ба шаҳри Қӯрғонтеппа омада, аз моҳи июни соли 2006 то соли 2007-ум дар нашрияи ҷамъиятии «Бомдод» ба унвони хабарнигор фаъолият намуд ва баъдтар бо нашрияҳои «Ҳамрози халқ» ва «Озодагон» ҳамкорӣ дошт.

Аз соли 2011-ум дар рӯзномаи вилоятии «Хатлон» ба ҳайси мудири шуъбаи адабиёт ва ҳунар фаъолият дорад. Узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (аз соли 2007) аст.

Оиладор, соҳиби се фарзанд.

НАҚШИ МОДАРИ ТОҶИК ДАР СУЛҲИ ТОҶИКОН

Ривоят мекунанд, ки Худованд накҳат аз гул, нӯш аз ангубин, гармӣ аз офтоб, тароват аз борон, шукуҳ аз осмон, қаҳр аз бабру борандагӣ аз абр, вафодорӣ аз қуву равшанӣ аз субҳ, зебоӣ аз баҳору хушилҳонӣ аз андалебро қатра-қатра ҷамъ оварду ЗАНро офарид, то ҷаҳонро равшану инсониятро хушбахт гардонад.

Маҳз некниҳодӣ ва ин қудрати равшангарӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳидоятҳои Зан-Модар буд, ки Тоҷикистонро аз вартаи ҷанги шаҳрвандии охири асри XX бурун кашиду ба қатъи хунрезиҳо боис шуд. Зан буд, ки ба хотири Сулҳ ва Ризоияти миллӣ қатли фарзанду ҳамсару бародари хуниашро бахшид, насли навро ба сӯйи Ваҳдату фарҳанги баланди ҳамзистию рафоқат раҳнамун сохт.

Кӣ чунин хиради волои тоҷиконаю замири равшану пок аз кудурат дорад, ҷуз Модари тоҷик?! Кӣ ҷуръати рад намудани ин даъворо мекунад, ки Сулҳро ба сарзамини тоҷикон маҳз Зан-модари тоҷик дубора ҳоким кард?!

Модари тоҷик - муаллифи тарҳи сулҳи тоҷикон

Бо гузашти 15 сол аз замони баимзорасии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ҳанӯз ҳам нақш ва саҳми занон дар хатми оташи ҷанги шаҳрвандӣ пурра таҳқиқу арзёбӣ нашудааст. Чунин ба назар мерасад, ки бештару пештар аз ҳама маҳз зани тоҷикистонӣ ҷабру ситами ин ҷанги хонумонсӯз ва таҳмилии тоҷиконро кашидааст. Агар ҳам беш аз 60 ҳазор нафар кушта шуд, садҳо ҳазор зан писар, падар, бародар, ҳамсарашро аз даст дод. Агар беш аз 55 ҳазор тифл ятим монд, ҳазорон модарону хоҳарон бори гарони масъулияти парастории онҳоро ба дӯш гирифтанд. Агар беш аз 25 ҳазор зан беваю бечора монд, қисмати талху низоъҳои

ҳамватанӣ онҳоро шикаст надоду мардона ба сӯйи ояндаи неку рахшанда раҳсипор шуданд. Ҳазорон манзили истиқоматӣ ба коми оташ рафт, молу мулки мардум тороҷ шуд ва маҳз занон буданд, ки танга-танга ҷамъ карда, ҷабру ҷафо кашида, зиндагии дубора шурӯъ карданд…

Бо вуҷуди ин ҳама азиятҳои замони ҷанги шаҳрвандӣ, агар бахшояндагӣ ва ҳидоятгарии модарони тоҷик намебуд, то куҷо ҷонибҳои даргири ҷанг талоши тафоҳум мекарданд? Агар исрори модар намебуд, ки мегуфт: «Оштӣ кунед, «хунро ба хун намешӯянд!» Хатми бародаркушӣ кунед, фирефтаи ҷангандозии бегонаҳо нашавед, созишу ҳамоиш кунед», оё базудӣ Сулҳу Ваҳдати миллӣ барпо мешуд?! Пас, мешавад гуфт, ки агар ҷангро мардҳо шурӯъ карданд, модарони Тоҷикистон сулҳро ба мо оварданд! Ё не?

Ҷанг ва сулҳ аз нигоҳи занони Вахшонзамин

Ч. А., як зани ҷабрдида ва шоҳиди бевоситаи харобкориҳои замони ҷанги шаҳрвандӣ, низоъҳои солҳои 90-уми асри гузаштаро «ҷанги шармандагӣ» меномад. Ба андешаи ӯ, дар он ҷанги таҳмилӣ бештару пештар аз ҳама занони водии Вахш ҷабр диданду азият кашиданд. Ҳазорон нафар ба хотири ҳифзи ҷони худу фарзандон аз маҳалли сукунат фирор карда ва дар ниҳоят аз ҳама молу мулк ва дороиҳо, ҳатто пайвандонашон маҳрум гардиданд. Он гуна, ки худи Ч. мегӯяд, соли 1993 вай нав оиладор шудаву дар муддати се моҳи гуреза шуданаш ба минтақаи Кӯлоб ҳама моликияти манзилашро ҳамсоягонаш рабуданд.

- Ҷанг сар шуд, ноилоҷ гурехтем, - ба ёд меорад ҳамсӯҳбати ман. - Баъди баргаштан дар хона чизе наёфтам. Чизу чораи хонаи моро на ғармиҳову кӯлобиҳо, на он боевикҳое, ки аз диданашон дар кӯчаву паскӯча сахт меҳаросидем, балки ҳамсояҳои худам рабуданд. Баъдтар дар хонаи ҳамсояҳо баъзе дороиҳои худро дидам, аммо дигар чизе гуфта натавонистам…

Мутаассифона, ин зан ягона касе набуд, ки чунин сарнавишт насибаш шудааст. Дар замони ҷанги шаҳрвандӣ занон ба ҷуз аз таъминоти рӯзгор ва сарпарастии фарзандон дар танҳоӣ, ин-

чунин ба иборае, кори давлат низ мекарданд, аммо ҳамон ҳам бемаош. Масалан, Сангимоҳ Исоева, сарвари яке аз мактабҳои ҳамагонии Қӯрғонтеппа, ҳоло ба ёд меорад, ки он замон бо ҳарос дар кӯчаҳои шаҳр қадам мезад ва гоҳе зери садои тиру тӯп ба сӯйи мактаб мешитофт. Ба сӯйи мактабе, ки бисёре аз волидон фарзандони худро тарсида, намегузоштанд, ба дарс раванд, ба сӯйи мактабе, ки холӣ аз муҳассилон буд.

Ҳамин гуна, холаи Момахол ҳам аз тарси ҷони фарзандонаш аз ноҳияи Данғара, ки замони ҷанг нисбатан тинҷу ором буд, ба Қӯрғонтеппа, мавзеи ҷангзада фирор мекунад. Вай мегӯяд, волидони шавҳараш тамоми пайвандони худро дар як манзил ҷамъ карда, дар як ҷо беш аз 25 нафар ба сар мебурдаанд. Холаи Момахол дар соли 1992 фарзанди саввуми худро таваллуд мекунад, аммо ҳамин ҷанг боис мешавад, ки писари ӯ маъюб ба дунё меояд. «Касе дод зада вориди хона шуду гуфт, ки боевикҳо ба шаҳр даромаданд, ҳамаро мекушанд! Он замон, ки ҳомиладор будам, шояд аз тарс бошад, ки писарчаамро таваллуд кардам ва вай ноқис ба дунё омад. Ин ҳам ҳамон асари ҷангу ҷидол буд, ки ҳоло фарзанди 19-солаам маъюб аст», - мегӯяд ӯ.

Сарнавишти 25 ҳазор зани бевамондаи ҷанг чӣ шуд?

Чунин ба назар мерасад, ки шумораи бисёр кам аз ҷамъи 25 ҳазор зан, ки дар ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон бева монданд, дубора ба издивоҷ розӣ шудаанд. Бисёре аз модаронро мебинем, ки солҳои 90-уми асри гузашта шавҳарони худро аз даст доданд, аммо ҳарчанд ҷавон буданд, дигар шавҳар накарданд. Ҳанифа, ки соли 1992 акнун 25-сола шуда буд ва баъд аз кушта шудани шавҳараш бо се фарзанд танҳо монд. Вай гуфт, ки то имрӯз ҳатто нафароне, ки чандин сол аз вай хурдтаранд, барояш пешниҳоди издивоҷ кардаанд, вале хотираи шавҳари марҳумаш нагузошт, сари ин мавзӯъ фикр кунад. “Ман ҳар қадар дар ҷойи шавҳари шаҳидам марди дигареро мегузорам, ростӣ, виҷдонам қабул намекунад. Шояд ин аз меҳру муҳаббати самимист, ки мо бо ҳам дар тӯли ҳашт соли ҳаёти оилавӣ доштем. Ё сабақ аз зиндагии дугонаҳоям аст, ки баъд аз ду ва ё

се соли оиладорӣ бо шавҳарашон ҷангу мунокишаҳо оғоз мегардад. Аз ин рӯ, ба танҳо будан бартарӣ додам", - изҳор дошт Ҳанифа.

Воқеан, барои зани тоҷик аз даст додани шавҳар фоҷиаи бузург аст ва танҳо теъдоди андаки онҳо ҳозиранд, зиндагии тозаро бо ҳамсафари нави ҳаёт оғоз намоянд. Ин ҳам дар ҳолест, ки тибқи омори расмӣ, дар ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон 25 ҳазор зан бешавҳар ва 55 ҳазор кӯдак ятим монд. Чун мардҳо қисме куштаву қисме гуреза шуда буданд, занҳо ба сарпарастони оилаҳо табдил ёфтанд ва ин масъулияти сангине буд...

Аммо ба назари Сайфиддин Расулов, равоншиноси тоҷик, чанд омили аслие мавҷуд буд, ки аксаран занонро аз дубора оила сохтан бозмедошт. Аввалан, номувозинатии шумораи занону мардон дар Тоҷикистон дар пайдо кардани номзади хубу арзанда барои занҳо монеа эҷод мекард. Зеро, ба таъкиди С. Расулов, занҳое, ки қаблан шавҳар доштанд, хоҳу нохоҳ номзадҳои навро бо ҳамсари пешин қиёс мекарданд ва хеле кам мешуд, ки ин занон нафари дигареро бannouncementписанданд. "Масъалаи дигаре, ки тобиши психологӣ дошта, барои дуюмбора оиладор шудани ин занон монеъ мешавад, муносибати фарзандон ба "падари ӯгай"-ашон буд. Ин занҳо дар он бора меандешанд, ки то куҷо фарзандон нафари навро дар нақши падар хуб қабул хоҳанд кард? Оё ин амал наметавонад зиндагии бе ин ҳам талхи зани шавҳаргумкардаро боз ҳам талхтар кунад? Ҳамин тарс аксаран занонро аз дубора хонадор шудан бозмедошт", - афзуд равоншинос.

Баҳсҳо бар сари нақши зандар эъмори сулҳу ризоияти миллӣ

Ҳуриннисо Ғафорзода, роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Оштии миллӣ», гуфт, занони тоҷик, ки дар ҷанги шаҳрвандӣ бародар, шавҳар, фарзанд ва дигар саробони хешро гум карда буданд, дар давраи мушкил маҷбур буданд, ки бори зиндагиро ба дӯши хеш гиранд. Гарчанде ки дар ин нобасомониҳо беш аз ҳама занон ба мушкилиҳои иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шуданд, вале, му-

таассифона, то ҳол пурра иштироки занонро дар раванди сулҳи тоҷикон касе баҳогузорӣ накардааст. «Он рӯзҳо, роҳпаймоии сулҳомезро дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Турсунзода, Помир «Марш мира», диалогҳои кушоди водии Рашт бо гуруҳҳои разманда мебурданд. Ин аз он гувоҳӣ медод, ки бонувони Тоҷикистон боҷасоратона барои сулҳ талош меварзиданд ва миёнравии занон байни гурӯҳҳои ихтилофҷӯ, муроҷиатномаҳои гуногуни онҳо, хулоса, ширкати расмӣ ва ғайрирасмии онҳо дар муколамаҳои байни тоҷикон дар дохилу хориҷи кишвар шаҳодати он аст, ки бонувони Тоҷикистон саҳмдори бевоситаи сулҳ ҳастанд», - таъкид мекунад Ҳ. Ғаффорзода.

Профессор Ойниҳол Бобоназарова низ бар ин андеша аст, ки занони тоҷик дар барқарории сулҳу Ваҳдати миллӣ нақши бориз доранд. «Баъзе нафароне ҳастанд, ки масъалаи инкишофи занон ва эътирофи нақши онон дар созандагиҳо ва барқарории сулҳро нодида мегиранд. Ёдам ҳаст, вақте митингҳо дар майдонҳои «Озодӣ» ва «Шаҳидон» барпо шуда буданд, маҳз занҳо гуруҳе ташкил карда, маслиҳат намуданд, ки ҳар нафаре ба берун шудани ҷамъомадагони ин ду майдон, ки писар, шавҳар ё бародарашон мебошанд, аз майдонҳои митинг бояд талош кунад. Зеро занон бисёр хуб дарк мекарданд, ки ҷомеаи мо ҳанӯз ба фарҳанги эътирозкунию митингоронӣ нарасидаанд ва оқибати ин ҳама ҷанг аст. Талошҳои бисёре шуд барои парокандакунии ин майдонҳо, аммо, мутаассифона, он замон комёб нашуданд. Ба ҳар ҳол, мутмаинан метавон гуфт, ки аввалин қадамро ба сӯйи сулҳ маҳз занони тоҷик гузошта буданд», - мегӯяд профессор Бобоназарова.

Масъалаи дигари қобили таъкид ин аст, ки саҳми занони Тоҷикистон дар рафъи оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ (тибқи маълумотҳо, кишварамон дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ чандин миллиард доллар хисорот бардоштааст) ва барқарорсозии хоҷагии халқи кишвар низ бузург аст. Баъди барқарории сулҳ ҳалли тамоми масоили иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва пешрафти оила ба дӯши занон афтод. Паст шудани сатҳи зиндагии мардум ва бекорӣ бори гарон ба дӯши зиндагии занон овард, вале но-

вобаста ба ин, занон баҳри пойдории сулҳи тоҷикон пайваста талош меварзиданд, дар шаклҳои гуногуни ҳамбастагӣ, истиқрори сулҳро ҷонибдорӣ мекарданд. Бо матонати қавӣ натанҳо оилаи худро сарпарастӣ мекарданд, балки бо таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ассотсиасияҳо, гурӯҳҳои ташаббускор дигар хоҳарони худро аз вартаи мушкилоти камбизоатӣ берун мекашиданду ҳазорон ҷойи кории нав ташкил мекарданд.

Метавон роҳҳои гуногуни иштироки занонро дар раванди сулҳ ёдовар шуд. Бархе одамон оғози муколамаҳо ва бо ҳам омадани ҷонибҳои даргирро амри маҳол медонистанд. Аммо бонувони Тоҷикистон ҳамон солҳо ба воситаи мурочиатномаҳои гуногуни худ аз тамоми кишвар, ба Шӯрои Олии ҳамонвақта, ба воситаи матбуоти даврӣ, бо маршҳои сулҳомез ва пешниҳодҳои мушаххас баромад намуда, гурӯҳҳои ба ҳам зидро барои дидору гуфтугӯ ташвиқ мекарданд.

Ва инак, ки ба Ваҳдати миллӣ расидаем, бояд бидонем, ки асоси оромиву осудагии халқ, кафолати инкишофи давлат ва муҳимтарин омили рушди ҷомеа Ваҳдат мебошад. Аз ин рӯ, он гуна ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: «…бояд ҳар як фарди бонангу номус, худогоҳу худшинос ва ватандӯсту ватанпараст дар қалбу шуури худ эҳсоси наҷиби ваҳдатро парвариш диҳад ва барои таҳкиму тақвияти он ҳамчун арзиши нодири милливу дастоварди бебаҳои замони истиқлолият талош намояд. Халқи тоҷик даҳшати ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, рӯзҳои сахту сангин ва ҳисороти гарони онро фаромӯш накардааст. Аз ин хотир, ҳамаи мо бояд беш аз ҳар вақти дигар ҳушёр бошем, шукронаи давлати соҳибистиқлол ва Ватани озоду соҳибихтиёрро ҳамеша ба ҷо орем, соҳиби Ватан буданро аз ҳар чизи дигар авлотар донем».

Мо, занон ва кулли шаҳрвандони Тоҷикистон, бояд кафили сулҳи хеш бошем!

Ҳангомаи ИСМАТ
(«Хатлон», №26, аз 27 июни соли 2012)

ПИРМАТОВ ЯХШИБОЙ

Соли 1943 дар шаҳри Қӯрғонтеппа зода шудааст. Пас аз хатми факултаи таърихи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин (соли 1961), то соли 1979 ба ҳайси омӯзгор фаъолият кардааст. Баъдан, то соли 1985 дар хоҷагии ба номи Куйбишев, ки дорои ордени Ленин буд, раиси иттифоқи касаба буд. Аз соли 1985 дар бахши ӯзбекии рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», баъдан «Дӯстлик» (рӯзномаи вилоятӣ бо забони ӯзбекӣ) ҳамчун мухбир, котиби масъул, сармуҳаррир шуда кор кардааст.

Аз соли 2007 ба ин сӯ сардори хоҷагии деҳқонӣ дар шаҳраки Бохтариёни ноҳияи Бохтар мебошад.

Я. Пирматов дорои нишони сарисинагии «Аълочии матбуоти ҶТ», ҳамчунин узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон, собиқадори меҳнат аст.

СИР ОЧАР ТЕЛЕВИЗОР

(Ҳикоя)

Шамси ўйинга берилиб, кеч бўлганини ҳам сезмай қолди. Эсига телевизор тушди-ю, уйларига қараб чопди. Уйда унинг дадаси, бувиси ва укалари овқатланишиб, телевизор кўриб ўтиргандилар. Шамси ҳовлиққанча эшикдан кириши билан гўё илгаридан тайинлангандек, экран кўрсатмай қўйди. Бу ҳолатни дадаси хазилга бурди.

- Шамсивой, бугун яна «икки» олганга ўхшайсан-а?

- Қаердан билдингиз, - деди Шамси рангги оқаринқираб.

- Телевизордан билдим. Сен келишинг билан телевизор юзини беркитиб олди, - деди дадаси.

- «Икки» олганим йўқ, - деди Шамси бўшашиб.

- Қани кундалигингни олиб чиқ-чи?!, - ҳазилдан қатъиятга ўтди дадаси. Ноқулай аҳволда қолган Шамси ноилож ичка-

ри уйга кириб, кундалигини олиб чиқди.

Дадаси уни варақлар экан, тик турган Шамсининг оёқлари қалтирар эди.

- Айтмадимми! Телевизор доно экан. Мана шу «икки»ми, ахир?! - деди дадаси математикадан олган «икки» баҳоси устига қўлини бигиздай тираб.

Шамси кундаликнинг варағига қараганча, миқ этмасдан турарди. Дадаси олдинига бир қизишди-, ўғлининг авзойини кўриб, яна ўзини босди.

- Гап шу, ўғлим. Ҳар куни дарсингни тайёрламагунча, телевизор кўрмайсан. Вазифаларни доим тайёрласанг, телевизор ҳам яхши, қизиқ нарсаларни кўрсатади. Тайёрламасанг, у ҳам седан юз ўгиради. Овқатингни егину дарс тайёрлашга ўтир.

Шамси аипл-тапил овқатланди-да, дарсхонасига кирди…

Шундан буён Шамси ёмон баҳо олмасликка тиришяпти. Вазифаларини вақтида тайёрлайдиган бўлганидан дадаси, бувиси ва ўқитувчиси ҳам хурсанд. Шамсининг назарида телевизорлари ҳам кун-сайин яхши, қизиқарли томошолар кўрсатадиган бўлган. Бу қандай яхши-я!

Я. ПИРМАТОВ,
2002 й.

РАСУЛОВ ҒАФУР

Тахаллуси адабиаш Ғафури Искодарӣ аст. 11 октябри соли 1953 дар деҳаи Искодари ноҳияи Айнӣ, вилояти Ленинобод (ҳоло вилояти Суғд) таваллуд шудааст. Пас аз хатми мактаби миёнаи №12 ноҳияи Айнӣ соли 1970 ба факултаи забонҳои Шарқи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистан) дохил шуд. Соли 1974 пас аз хатми курси 4, ба Эрон ба сифати тарҷумон-мушовир фиристода шуд ва то соли 1976 дар он ҷо фаъолият намуд.

Баъд аз бозгашт аз сафари хориҷӣ соли 1977 таҳсилро дар факултаи шарқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба итмом расонд.

Солҳои 1977-1984 дар рӯзномаҳои «Коммунисти Қӯрғонтеппа» ва «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ба сифати мухбир ва мухбири калон иҷрои вазифа намуд. Аммо соли 1983 ӯро ба хизмати ҳарбӣ даъват карданд ва то соли 1986 дар Афғонистон вазифаи тарҷумони низомиро иҷро мекард.

Пас аз баргаштан ба Ватан, аз соли 1986 то соли 1989 дар вазифаҳои мудири шуъбаҳои иқтисодии рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», ки баъдан номи «Ҳақиқати Хатлон»-ро гирифт, кор кард.

Хабару мақолаҳо ва очеркҳояш ба ҳаёти аҳли меҳнати вилоят бахшида шудаанд. Ҳамчунин муаллиф дар фелйетонҳояш камбудиҳои мавҷударо инъикос менамуд. Ғ. Расулов дар ҳайати мутахассисони вилоят ба Афғонистон сафар карда, шумораҳои якҷояи рӯзномаҳои вилоятҳои Қӯрғонтеппа ва Қундузро ба чоп омода намудааст.

Соли 1989 ба Душанбе ба кор даъват шуд ва дар рӯзномаҳои «Паёми Душанбе» ва «Садои мардум» вазифаҳои мудирии шуъбаро ба зимма дошт.

Аз соли 1995 фаъолияти худро ба ҳайси сардори шуъбаи

тарҷума, протокол ва кор бо воситаҳои ахбори омма, сардори бахши амволи махсуси Раёсати захираҳои давлатии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дод. Ҳамзамон, вай солҳои 2003-2006 вазифаи менеҷери Намоишгоҳи Тоҷикистонро дар «ЭКСПО-2005» (Ҷопон)-ро иҷро намуд, муовини сармуҳаррири маҷаллаи «Иқтисодиёти Тоҷикистон: стратегияи тараққиёт» низ буд.

Моҳи июни соли 2011 ба вазифаи муовини сардори сарраёсат - сардори раёсати рушди соҳаҳои саноат ва инфрасохтор таъин шуд.

Номзади илмҳои иқтисод ва узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон мебошад.

Курсҳои дипломатии Вазорати корҳои хориҷии Эрон ва маркетинги байналмилалии Институти савдои хориҷии Ҳиндустонро хатм намудааст. Дар бисёр конфронсҳои байналмилалӣ дар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Тайланд, Эрону Ҳиндустон ширкат дошт.

Ғ. Расулов ба омӯзгорӣ низ машғул аст. Вай дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз фанни «Савдои байналхалқӣ» ба донишҷӯён дарс медиҳад.

Расулов Ғафур ҷанговари интернатсионалист низ буда, бо медали «Барои хизматҳои ҷангӣ», Ифтихорномаи Президиуми ИҶШС ва медалҳои дигар мукофотонида шудааст.

Дар муддати фаъолияташ дар Вазорати рушди иқтисод ва савдо ӯ худро ҳамчун инсони хоксор, кордон, ботаҷриба, ташаббускор ва баландихтисос нишон дода, пайваста барои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ҷидду ҷаҳд менамояд.

РАҲИМОВ АМИРШО САФАРОВИЧ

Тахаллуси адабиаш Амиршоҳи Хатлонӣ. 15 феврали соли 1953 дар деҳаи Меҳвари ҷамоати деҳоти Лоҳури ноҳияи Данғара дар оилаи кишоварз ба дунё омадааст. Пас аз мактаби миёнаи русто, омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №25-и ноҳияи Ҷиликӯлро соли 1969 хатм кардааст. Солҳои 1975-1979 донишҷӯи омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳраки Навободи ноҳияи Ғарм буд. Баъдан, то соли 1990 дар навоҳии Данғара ва Бохтар ба фаъолияти омӯзгор машғул шудааст. Солҳои 1990-1991 ҷонишини раиси иттиҳодияи ҳамкорию муомилотии «Сулҳ», 1991-1993 раиси иттиҳодияи ҳамкорию эҷодии «366 рӯз»-и назди созмони Иттифоқи нависандагони вилояти Қӯрғонтеппа, солҳои 1993-1994 муовини раиси кумитаи телевизион ва радиои вилояти Хатлон, аз соли 1994 то соли 2011 директори маркази телевизион ва радиои ҳамин кумита ва аз 18-уми июли соли 2011 то имрӯз ба ҳайси мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон кор мекунад. Дар солҳои 90-уми асри гузашта ва имрӯз ҳамзамон дар нашрияи «Хатлон» ба ҳайси хабарнигор фаъолият дорад.

Амиршоҳи Хатлонӣ ҳамчунин нахустмуҳаррири рӯзномаи «Ҳамрози халқ», нашрияи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон (с. 2005), барандаи ҷоизаи Лоҳутӣ (1994), дорои медали ҷашнии «100-солагии матбуоти тоҷик», Аълочии матбуот ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (2011) ва муаллифи 25 адад китобу филмнома ва сенарияҳо мебошад.

ВАТАНИ ПАДАРАМ БИҲИШТ АСТ

Замин модари модарҳост. Модар ҳамеша ба тифлони хеш дасти сахо кушода, меҳрубониро арзонӣ медорад. Бе ягон шубҳа, замин – модар – Ватан аст, аммо дигар паҳлуҳои асрорангези ҳаёт дар ин сайёра инсонро ба андеша кардан водор месозад. Агар инсон мӯрчаеро, ки донакаш аст, аз манзилаш дур созад, он гоҳ мебинад, ки он мӯрча ба чӣ ҳолати ногуворе дучор мегардад.

Тақдири инсон ва ҳамаи махлуқоте, ки дар замин ба сар мебаранд, чунин аст. Инсон замони мусофирату ғарибӣ бештар ба қадри хоки аҷдодияш мерасад. Марди ғариб вассофи Ватан гаштаю таваҷҷуҳаш ни ба Ватан афзун мегардад. Ба ёди Ватан мехуспаду бармехезад. Хоб мебинад, ки дар меҳан бо ёру дӯстон сайругашт дорад. марди роҳгум роҳ меҷӯяду ғурбатзада ҳамватанро, чун фарде аз Ватан дар ғурбат пайдо шуд, баробари нигоҳҳояшон ба ҳам бархӯрдан якдигарро оғӯш кашида, аз ватану аз хоки аҷдодӣ, аз ёру бародарон, дӯстону ҳамсояҳо аҳволпурсӣ мекунанд.

Муҳаббати Ватан боз онҳоро наздиктар месозад. Ҳамватанони иҷбории мо низ замони инқилоб аз тарси ҷони худу фарзандон тарки ёру диёри азизи худ карда, дар мамлакатҳои ғайр зиндагӣ мекунанд. вале то ҳанӯз оне, ки дар ҳаёт аст, бо ёди ватани аҷдодӣ шаби хешро рӯз мекунад. Оне, ки бо ҳаёт падруд гуфт, ба зану фарзанд аз боби ватани бобову ниёгон қиссаҳои ширину хотирмон ба мерос монд. Зумрае мегӯянд: «Гадоии Ватан аз султонии ғарибӣ беҳтар аст».

Кассе, ки берун аз Ватан дар ба дар гаштаву ранҷ кашид, ин масали халқиро парчами худ мекунад, вале бархе дар ишқи Ватан дарун ба дарун месӯзанд. Ошиқ агар дар ҳаққи маъшуқа обу адо гардад, ғурбатзада то вопасин дам дар фироқи Ватан месӯзад.

Шукри Ватану миллат, шукри сулҳу ваҳдат ва шукри сиёсати хирадмандонаи Эмомалӣ Раҳмон, ки ба ҳар мамлакате сафар мекунад, бо тоҷикону тоҷикистониён маҳфилҳо доир менамояд. Ин амали накӯ боиси устувор гаштани сулҳу ваҳдат шудааст. Дар вохӯрие бо як тан фарзанди ҳамватанамон ошноӣ пайдо кардам, ки қиблагоҳашон дар мусофират бо ёди Ватан то нафаси охирин доғ шудааст, ба фарзанди ягонааш таъкид доштааст: «Устухонам ҳам дар зери хоки мусофирӣ «Ватан» гӯён месӯзад. Чун ҷон ҷисмамро тарк кард, аз ту, ҷигарбандам, хоҳишам ҳамин, ки агар тавонӣ, турбатамро ба Ватан бар ва аз дастат агар ин амал наомад, устухонамро ба зодгоҳам бар ва агар ин имконият ҳам даст надод, хоки Ватанамро дастрас намо. Ҳамин ки пайдо кардӣ, ба рӯйи гӯрам бипош, то ки устхонам аз хоки Ватан баҳра бараду осуда бихобам. Агар ин имконият ҳам пайдо нашуд, ба фарзандон васияти маро бирасон, ки онҳо гуфтаҳои маро фаромӯш накунанду аз ёдҳошон зудуда нагардад. Агар аз дасти фарзандонат ин амал наояд, ба гӯши онҳо такрор ба такрор таъкид кун, то барои фарзандонашон ин васияти манн шиор бошад. Чун ин амал ҳам аз дасти онҳо наояд, то рӯзи қиёмат ҷисму руҳам ба ёди Ватан месӯзаду месӯзад. Дар ду олам домангири тақдир мегардам».

Аз орифе шунида будам, ки чунин гуфта буд: «Марди поку порсо дар ғарибӣ аз олам даргузарад ҳам, руҳаш ба ватани аҷдодаш бармегардад». Кӣ медонад асрори ғайбро, шояд чунин ҳам бошад? Қисматро бубинед, ки умеду ормони шахси дар ғурбат хуфтаи муштоқи Ватан ҷомаи амал пӯшид. Баробари даст додани сулҳу ваҳдат ва сафои кишвар анҷумани тоҷикони бурунмарзӣ дар Душанбе, ки хонаи умеди тоҷикону порсигӯёни олам аст, баргузор гашт. Писари муштоқи Ватан, оне, ки аз падар панд шунидаву васияти падари бузургвораш ҳар дам дар ёду ҳушаш буд, ба ватани падараш – Тоҷикистон, ба анҷумани тоҷикон даъват шуд. Раҳорах дар киштиву тайёра фикраш ба Тоҷикистон, ба ватани падару бобояш, Ватани забони ниёгонаш банд буд. Кӯҳҳои

сарбафалаккашида, чашмаву сабзазорон, хониши мурғони саҳро, насими атрогин пеши чашмаш ҷилвагар мегаштанд. Ба худ мегуфт: «ба фикрам, падарам ватанашро аз ҳад зиёд дӯст медошт, ба ҳамин хотир чунин васфаш мекард. Магар чунин Ватане, ки падарам тасвир мекард, ҳамсони биҳишт аст, вуҷуд дошта бошад?»

Мегуфт Ватанам дорои обҳои ширину поку зулол, кӯҳҳои сарбагардункашида, маскани мурғони ғазалхон, дашту даманҳои сабзу накҳатфишон, боғҳои пурсамару хокаш пур аз ганҷ, заминаш ҳосилхез аст. Не-не, чунин мулки ҳамсони биҳишт дар ин олам нест. худораҳматӣ чун Маҷнун ошиқи Ватан буд. Шояд аз меҳри зиёдаш чунин қисса мебофт...

Бо ҳамин андешаҳо, бо хаёли ватани аҷдодӣ ҳавопаймо дар фурудгоҳи Душанбе ба поин омад. Нардбон ба тайёра насб шуд. Баробари кушода шудани дари тайёра ҳавои кишвари аҷдодӣ ба машомаш расид. Дилаш гум зад. Худро болидахотир пиндошт. Чун аз дари тайёра бурун омад, дар рӯйи нардбон рост истода, ба чор тараф наззора кард. Ғайри ихтиёр ашкҳояш чун борон аз чашмонаш мечакиданд. Дидагони пурашкаш ба қуллаҳои сап-сафеди барфпӯши кӯҳҳои Варзоб бархӯрд. Шаҳри Душанберо дар ҳалқаи тепаю кӯҳҳои сабзқабо дарёфт. Поин омад. Ба пешвозаш омаданд. Бо лаҳни поки модариаш «Хуш омадед, бародари азизу гиромӣ!» гуфтандаш. Ба ақли сар бовар намекард, ки дар ин хоки бобову падар забони модариаш бо ҳама шукуҳу шаҳомат ва нафосаташ побарҷост. Таблиғоти кинахоҳонро ба ёд овард, ки аҳли Шӯравӣ ба гуфти онҳо танҳо бо як забон ҳарф мезаданд. Аз ҷумла тоҷикон кайҳо забони модариашонро фаромӯш карда, забони гуфторашон забони ғайритоҷикӣ гаштаву расму русумашон ба аврупоиҳо омехта шуда, аз оинҳои хеш фарсаххо дур уфтодаанд. Бо ҳамин фикр каме таваққуф кард. Таблиғоти кинахоҳон ботил баромад. Ӯ оҳанги шеъри Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдӣ, Аттору Мавлавиро мешунид. Ангушт ба гӯш мебурд, ба ҳар тараф, ки менигарист, ба ақли сараш бовар намекард. Ба лаҳни роҳбалад

диққат дода, ба ӯ наздик мешуд, нигоҳҳояш як ҷаҳон асрор дошт. Ба духтарони атласпӯшу кокулбофтаи тоҷик, ки ба истиқболи меҳмонон омада буданд, дида медӯхт. Дар саҳрои андеша мусофири роҳгумро мемонд. Чанде таваққуф кард. Худро дар ҷаҳони фараҳу шодӣ сарсабзу хуррам дарёфт. Роҳбалад:

- Бародар, ба шумо чӣ шуд? Магар бемор шудед?

- Не, не!, - гӯён идома дод. Баъди шиносоӣ бо шаҳри Душанбе, вохӯрию дидорбинӣ, меҳмонпазироии аҷдодонаш, сайру саёҳати воҳаҳои Варзобу Ҳисор ва Ваҳдат, гуфтаҳои қиблагоҳашро ба ёд овард.

- Бе муҳобот, Ватани падару аҷдоди манн ҳамсони биҳишт будааст, - аз дил мегузаронид. – Кош падарам ба орзуву ормони худ мерасид, сарсабзию шукуфоии ватанашро медид. Афсӯс, сад афсӯс, ки бахт ба падари бузургворам даст надод. Аз ҳамсуҳбатони ҳамзабонони хеш ифтихор мекард. Ҳини дидорбиниҳо иброз медошт, ки «мо акнун Ватан дорем. Ватани мо Тоҷикистон аст». «Хонаи умеди тамоми тоҷикони дунё ин ҷост» мегуфт. Падари худораҳматиам то нафаси охирин «Ватан» мегуфт. Имрӯз ман дар ватани падарам, дар хоки умеду ормони аҷдодонам қадам мениҳам. Ин хокдон орифону олимони бузург, табибону шоирони ширинбаёнро ба камол расонида, ганҷинаҳояшон писанди оламиён гаштааст. Ҳамду сано ба Президенти Тоҷикистони азиз, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, ки тоҷиконро аз саросари олам ба ҳам овард. Кунун пуштибон дорем, соҳиб дорем. солҳои зиёд аст, ки мо дар кишварҳои бегона кору зиндагонӣ мекунем, моро «фирорӣ», «мусофиру ғариб» ном мебаранд. Мушкилоти зиёде пешорӯи мост. Акнун ҳамаи монеаҳо рафъ шуд. Бо ифтихор, бо хотири ҷамъ мегӯям: «Ватан дорам! Ватани аҷдодиям, Тоҷикистони ба ҷон баробар Ватани ман аст!»

То рӯзи анҷоми анҷуман намехобам, дар меҳани аҷдодам шабу рӯз қадам мезанам. Гулу гиёҳҳояшро мебӯям. Аз ҳавои поку беғубораш нафас мекашам. Оби ҷонбахшашро меошомам, накҳаташро дар мағзи ҷону устухонам ҷо ме-

кунам. Чеҳраи гарму ошно, забони поку бофасоҳат, самимияту меҳрубонии мардуми Тоҷикистонро то вопасин дам фаромӯш намесозам. Замони аз сафар баргаштанам ба сари гӯри падарам меравам. Сар ба саҷда мебарам, хокашро мебӯсам, оҳу афғон мекашам. Ҳамаи дидаю шунидаамро ба гӯши хокаш қисса мекунам. Зеро қалбам пур аз фараҳу пур аз нишот аст. чил шабонарӯз бошад ҳам, дар сари гӯри падарам менишинам, қисса мекунам рушди Тоҷикистонро.

Бо ҳазорон умеду орзу ба зодгоҳи падараш ба Балҷувон омад. Мардуми огаҳдилу меҳмоннавозе, ки аз омадани меҳмон огаҳӣ доштанд, ба истиқболаш баромаданд. Меҳмонро чун фарзанди азизашон пазируфта, эҳтиромаш карданд. Суҳбат тасфид, бо сабаби тангии вақт узрхоҳӣ кард. Ӯро ба деҳа бурданд, деҳаи падарашро дид. Хокашро бӯсид, ба дидаю гунаҳояш молид, саҷда кард. Сари зону нишаст, он ҷое, ки падараш замоне даврони тифли ҷавонӣ, моломоли фараҳу шодӣ, дар ҳалқаи ёру дӯстон, саргарми бозиию давутоз ба сар мебурд, ки онро ҷаҳони беолоиш ном мебарандаш, дар завраќи андеша нишаст. Дар амвоҷи баҳри фикр шино мекард. Андешамандона ба худ суол медод: Чаро аз ин сарзамини сарсабзу хуррам падарам фирор кард? Чаро ба дуриҳои дур рафт? Чаро побанди ғаму андуҳ шуд? Кӣ ва чӣ ӯро ба гирдоби бало фиканд? Баъди чанде сукут сар боло карда, ба пайроҳа нигарист. Шояд пайи пойи падарашро меҷуст. Аз ҷо бархост, ҳамроҳи мӯйсафедону ҳамдеҳаҳои падараш оҳиста-оҳиста ба зиёрати хонаи аҷдодаш рафт. Дар ҳаққи гузаштаҳояш дуо кард. Табиати дилкашу талу теппаҳои хушбоду ҳавои Балҷувон ба ӯ руҳу илҳом мебахшид. Ба атроф назар карда, хешу тabори падарашро аз мардумони таҳҷоӣ пурсон шуд. Як хешованди падарашро пайдо кард. Як-ду мӯйсафеди нуронӣ, қоматбаланду хушлибос дар сифати падараш суханони нек гуфтанду дар бораи донишмандию хирадмандиаш қиссаҳо карданд. Суҳбату маҳфилҳо, меҳмоннавозии мардумони кӯҳистон, ҳамдеҳагони падар дар хотираш нақш мебаст. Аз Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, аз

мадрасаҳои Кангурт ёдрас шуданд. Дар бораи Ҳоҷӣ маълумоти муфассал пайдо намуд. Як ҳамдеҳаи падараш ба ӯ куллиёти Ҳоҷиро туҳфа кард. Ӯ дар бораи Ҳоҷӣ Ҳусайну мадрасаҳои Кангурт аз падари марҳумаш қиссаҳо шунида буд. Аммо қиссаҳое, ки бо дидани он манзараҳо мешунид, дар назар ҷилваву таровати тоза дошт.

Азбаски сафари меҳмон ба поён мерасид, аз деҳаи падараш бо розигии аҳли деҳа як каф хок бо худ гирифта, ба ҳазорон умеду ормон ба назди фарзандону пайвандони хеш баргашт.

Бале, тавре ки иттилоъ ёфтем, ӯ хокро ба рӯйи гӯри падараш пошида, чанд шабу рӯз дар сари гӯри падараш нишаста, дидаву шунидаашро васф кардааст. Шабе хоб дида, ки худоραҳматии падараш солиму бардам бо дасту бозувони тавоно сайри Ватани орзуюормонҳо – Балҷувон дорад…

Амиршоҳи ХАТЛОНӢ,
27 майи соли 2011

РАҲМОН САЙИД

Сайид Раҳмон 9 майи соли 1941 дар деҳаи Тиҳиёни ноҳияи Ховалинг дар оилаи косиб ба дунё омадааст. Мактаби миёнаи рақами 3-и ба номи Сталинро дар шаҳри Кӯлоб хатм кардааст. Баъдан омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №22-ро ба поён расонида, чанд муддат дар хоҷагии ба номи Жданов, ҳозира «Хатлон»-и ноҳияи Кӯлоб, механизатор шуда кор кардааст. Баъди адои хизмати низомӣ соли 1970 факултаи филологияи тоҷики Институти педагогии шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро хатм намуд. Соле чанд дар мактаби рақами 14-и ноҳияи Кӯлоб кор карда, фаъолияти рӯзноманигориашро соли 1982 аз сармуҳарририи радиои собиқ вилояти Кӯлоб шурӯъ намуд. Баъдан дар рӯзномаҳои вилоятии «Роҳи ленинӣ», «Хатлон» фаъолият кардааст. Алҳол корманди рӯзномаи минтақавии «Кулябская правда» («Ҳақиқати Кӯлоб») мебошад.

Сайид Раҳмон муаллифи китобҳои «Дунёи бевафо», «Зиндаҷудо», «Сӯзи дил», «Резабороні тарона», романҳои «Шукронамарг», «Масъуди сипаҳсолор», маҷмӯаҳои насрии «Аз рӯзгоре то рӯзгорон», «Орзуе то ҷовидон» ва ғайра мебошад.

Романи «Масъуди сипаҳсолор»-и ӯ соли 2009 беҳтарин асари сол дар ҳавзаи адабии Хатлон дониста шуда, сазовори мукофоти адабии ба номи Носири Хисрав гардид.

РУБОИҲО

Гулдухтари Ховалинг, ман садқаи ту,
Гулпарвари Ховалинг, ман садқаи ту.
Дар хонаи ту гулхани Восеъ сӯзад,
Хокистари Ховалинг, ман садқаи ту.

Эй ишқ, маро ба он парӣ ошно кун,
Андар дили ӯ муҳаббатамро ҷо кун.
Ман ёри дигар нагирам, ӯ ёри дигар,
Бар ишқи ман ӯро ошиқи шайдо кун.

Ошиқ шудаам, банди дилам месӯзад,
Дар ишқи ту кишту ҳосилам месӯзад.
Як лахчаалов дар дилам афтодаст,
Беаҳдӣ накун, ки манзилам месӯзад.

Ман хокам агар, зи домани кӯҳҳоям,
Ман обам агар, зи чашмаву дарёям.
Ман оташам, ибтидои ман Зардушт аст,
Ман тоҷикаму тоҷи сари дунёям.

Ишқи ману ту қисмати пешонӣ буд,
Ё доди Худо ва ё зи нодонӣ буд.
Аз ид ба ид ҳосили умри азиз,
Идгардаки ман бӯсаи пинҳонӣ буд.

ТАРОНАҲО

Зи Саъдӣ мушк бо анбар гирифтам,
Зи Мавлоно маю соғар гирифтам.
Зи Айнӣ хомаву дафтар гирифтам,
Зи Лоиқ оташе, ки даргирифтам.

Бисӯзам аз барои Тоҷикистон,
Бисӯзам дар вафои Тоҷикистон.
Чу Норак нур бахшам оламеро,
Пайи сулҳу сафои Тоҷикистон.

Факлак ҳар буду нобуди маро кушт,
Дар олам ҷумла мавҷуди маро кушт.
Бипурсам то ба фардои қиёмат,
Кӣ Аҳмадшоҳи Масъуди маро кушт?!

Наметарсам зи банди кундаву дор,
Наметарсам зи неши каждуму мор.
Наметарсам зи хасми шуми хунхор.
Худовандо, маро аз ман нигаҳ дор!

Маро як чашма аз баҳри дамон беҳ,
Гули рӯят зи умри ҷовидон беҳ.
Маро як зарра хоки Тоҷикистон,
Зи кулли давлати рӯйи ҷаҳон беҳ.

Ба дастам пораи шеърам бимирам,
Биҷӯям чораи шеърам, бимирам.
Ба мисли модари шабзиндадоре,
Сари гаҳвораи шеърам бимирам.

Ба назми Рӯдакию ишқи сӯзон,
Равам то мулки Искандар, ба Юнон.
Чӣ тоҷикам, агар Рухшонаамро
Ба шеъри худ наёрам Тоҷикистон?!

САИДОВ АБДУЛВОҲИД

Соли 1945 зода шудааст. Бо лутфу меҳрубонӣ ва муомилаи хубаш дар миёни журналистон фарқ мекунад. Солҳои тӯлонӣ дар рӯзномаи «Вахш»-и ноҳияи Вахш, «Байрақи дӯстӣ»-и ноҳияи Бохтар, Кумитаи радиои вилоят, рӯзномаи вилоятии «Хатлон» ва «Набзи Қӯрғонтеппа» адои вазифа кардааст. Аълочии матбуоти Тоҷикистон аст. Ҳамеша ҳақиқатро ҷонибдорӣ намуда, роҳи зиндагиро рост, бо сари баланду рӯйи сурх тай карда, дурри мақсуд ба каф овардааст.

Алъон Абдулвоҳид Саидзода давлати пирӣ меронад, аммо аз ҳаёти ҷамъиятӣ дур нест. Корманди Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати шаҳри Қӯрғонтеппа буда, ҳар рӯз ба аёдати собиқадоре, барҷомондае меравад. Бо лаҳни хушу чеҳраи пурханда дар дили собиқадорон шӯълаи умед меафрӯзад. Солманд аст, аммо мисли ҷавонон серҳаракату дидидаро мебошад.

ОҒОЗИ ХУРСАНДИБАХШ

Сочигул-апа бегоҳӣ баъди дидани пиллаҳои чанд даста боварӣ ҳосил намуд, ки вақти ба давлат супурдани он расидааст. Бинобар ин, субҳи барвақт аҳли оилааш – шавҳару фарзандонашро бедор карда, ҳар кадомашро супориш дод.

- Шумо, отаи Саодат, дастаҳоро аз катакҳо гирифта, ба берун партоед, - гуфт ӯ ба шавҳараш акаи Ҷӯра. - Ман бошам, ҳамроҳи Саодату Адолат пилларо аз дастаҳо чида, баъд тоза мекунем. Кӯшиш кардан лозим, ки худи ҳамин рӯз тамоми пиллаи ин хонаро чидаю тоза намуда, бурда ба пункти қабул супорем.

- Супориш иҷро мешавад, рафиқ занак, - шӯхикунон изҳор кард акаи Ҷӯра ва зуд аз пайи иҷрои кор шуд. Дигарон бошанд, чобукона пиллаҳои расидаро аз дастаҳо чида, ҷудо карда, як ҷо тӯп карданд.

- Пиллаҳои мулоимро алҳол аз дастаҳо ҷудо кунед, - маслиҳат медод модар. – Онҳо як-ду рӯзи дигар истанд, баъд мечинем. Пиллаҳои паррапачаҳро бошад, дар тағорае алоҳида гиред, то ки бо пиллаҳои хушсифат якҷоя нашаванд.

- Ҳа, албатта, ҳамин тавр амал мекунем, - посух дод Адолат ва суръати пиллачинӣ боз ҳам афзуд. Ҳамин тариқ, аҳли оила то бегоҳ пиллаи чидаи худро ба пункти қабул фиристоданд.

- Хӯш, отаи Саодат, чанд кило шуд? – пурсид апаи Сочигул аз шавҳараш акаи Ҷӯра баъди аз пилласупорӣ баргаштанаш.

- 50 кило, очаш. Бад не-а? - гуфт қаноатмандона акаи Ҷӯра.

- Бад не. Аз катакҳои боқимонда ҳам агар ҳамин хел ҳосил гирем боварист, ки бегуфтугӯ 120 килограмм пиллаи ваъдагӣ мешавад.

- Бале, очаш, имсол дар ҳақиқат ҳосили хуб парвариш намудаем…

Сочигул Бобоева солҳои зиёдест, ки дар участкаи ба номи Чапаеви колхози ба номи Горкий ба кирмакпарварӣ машғул буда, ҳар сол аз 1-2 қуттӣ тухми кирмак ҳосили зиёде рӯёнда ба давлат месупорад.

Имсол низ оилаи онҳо 25 грамм тухми кирмак гирифта, парвариши онро мувофиқи мақсад ба роҳ монданд. Дар парвариши кирмак ба Сочигул-апа шавҳараш акаи Ҷӯра, ки худ ронанда аст ва духтаронаш Саодату Адолат ҳаматарафа ёрӣ расонданд. Дар натиҷаи меҳнати пурмаҳсул дар хоҷагӣ дар қатори аввалинҳо ба пиллачинӣ сар карданд ва чӣ хеле маълум аст, аллакай 50 килограм ашёи хоми гаронбаҳо ба пункти қабулкунӣ бо навъи якум супурданд.

- Агар ҳосили боқимондаро пурра чинем, боз 90 килограмм пиллаи аълосифат ба давлат супурда метавонем, - мегӯяд бо боварӣ Сочигул-апа. – Қавл додем, албатта, иҷро мекунем.

Абдулвоҳид САИДОВ,
17 майи соли 1990



САТТОРӢ ПИРИМҚУЛ

1 августи соли 1938 дар рустои Ҳавзи ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон ба дунё омадааст. Хатмкардаи факултаи таъриху филологияи Дониишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Т. Шевченко (имрӯза Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ) мебошад. Аз моҳи августи соли 1962 то августи соли 1963 дар идораи нашрияи «Ифтихори Вахш»-и ноҳияи Вахши вилояти Қӯрғонтеппа машғул ба кори журналистӣ буд. Пас аз адои хизмати низомӣ, 13 сол (1965-1978) дар рӯзномаи «Вахш» фаъолияти эҷодӣ дошт. Пасон, моҳи январи соли 1979 ба рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ба кор даъват шуд ва то рӯзи маргаш (соли 1993) дар ин рӯзнома фаъолият мекард. Раҳбарии маҳфили адабииии «Гулбарг»-ро ба уҳда дошт, ки худаш онро дар назди рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» таъсис дода буд. Шогирдонаш Зуҳуриддин Суярӣ, Алимуҳаммад Муродӣ, Маҳмадалии Аҷамӣ, Сиёвуш, Ғаффоралӣ Сафар, Хайрандеш, Аюбзодаи Маҳзун, Сайдаҳмади Зардон, Зайниддини Ҷомӣ, Гулҷаҳон, Ширинмоҳ Каримова, Усмон Билолӣ ва даҳҳо нафари имрӯз дар боғи адаби Тоҷикистон бо накҳати шеъру маънӣ ва насри тоза корашро идома медиҳанд.

Тибқи маълумоти манобеи гуногун, Пиримқул Сатторӣ охирҳои моҳи майи соли 1993, ҳангоме ки дар навбати нон пушти дари фурӯшгоҳе меистод, аз ҷониби гурӯҳе боздошт ва иҷборан ба самти номаълум бурда шуд. Расонаҳои хабарии вақт навишта буданд, ки Сатторӣ 10-уми июни ҳамон сол кушта шуд.

Узви Иттиҳоди журналистон ва Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон буд.

«ГӮРӮҒЛӢ»

Дар Ҷамбули овозадор, ҳуснободу хуррам ва мамлакати афсонавӣ ду қувва ба ҳам мубориза доранд. Яке мехоҳад, ки Ҷамбул обод, мардумаш дилшод бошад ва дигаре мехоҳад, ки Ҷамбул манзили душман, макони вайрона ва мотамсаро бошад. Моро ана ҳамин мазмун, ҳамин қувваҳо чун оҳанрабо ба сӯйи худ мекашад.

Шабнаме мереза дар буҳор,
Гул мешукуфид дар лабҳои ҷӯбор…
Хуршеди олам шидай бадар,
Задак афтов ба кӯҳу камар.

Ин манзараи аҷиб як субҳи баҳори Ҷамбули Мастон аст. Гӯяндаи вай сарояндаи достонҳои соҳибқиронии «Гӯрӯғлӣ» - Ҳақназар Кабуд бо ҷӯр кардани тори думбра моро ба мавҷи воқеаҳои шадиди Ҷамбули Мастон мебарад. Номҳои чандин нафар намояндагони Ҷамбул пайи ҳам омадан мегирад. Яке аз онҳо Аваз-паҳлавон аст. Ӯ сарбону муҳофиз ва ободгари Ҷамбул аст. Душман аз ваҷоҳати ӯ ва корномаҳояш дар ҳарос аст.

Воқеаҳо пайи ҳам меоянд. Ба Ҷамбули Мастон торафт чӣ аз хориҷ ва чӣ аз дохил душман таҳдид мекунад. Чӣ бояд кард? Авазро ором намегузоранд, ки Ҷамбулро дар ҳолати ободӣ нигоҳ дорад...

Ин як лаҳзае аз оғози эпоси «Гӯрӯғлӣ», яъне достони «Аз Ҷамбул қаҳр карда рафтани Аваз» буда, давоми нақлро ба шумо, хонандагони гиромӣ, вогузор менамоем. То ҳар кӣ худ бихонад ва аз рафти мазмуни достон огоҳ шавад.

Китоби «Гӯрӯғлӣ»-ро ба қарибӣ нашриёти «Ирфон» дастраси хонандагони сершумор гардонид. Китоби номбурда, чунон ки муаллифи сарсухан Қамариддин Ҳисомов навиштааст, аз 7 достон иборат буда, ҳар кадом мазмун ва мундариҷаи худро дорост. Вале барои мо хонандагон, махсусан сокинони районамон аҷоибаш ин аст, ки гӯяндаи достон Ҳақназар Кабуд истиқоматкунандаи районамон аст ва

дар айни ҳол вазифаи директории мактаби миёнаи рақами 16-ро ба уҳда дорад.

Бояд ҳаминро гуфт, ки ин 7 достон ҳадди охирини достонҳои Ҳақназар Кабуд нест: «Фатҳуллоев Салоҳиддин дар мудати 6 моҳ аз Ҳақназаров Кабуд 30 достон навишта гирифт, ки қариб 60 ҳазор мисраъро дар бар мегиранд», навишта шудааст дар сарсухани «Гӯрӯғлӣ». Салоҳиддин Фатҳуллоев корманди шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ РСС Тоҷикистон буда, ин кори хайрро соли 1960 анҷом додааст.

Солҳо мегузаранд, табиат ба тамом рангу бори худро дигар мекунад. Одамон ҳам дигар мешаванд. Вале чунон ки Фирдавсии бузург дар хусуси «Шоҳнома»-и безаволаш мефармояд:

Биноҳои обод гарданд хароб,
Зи борону аз тобиши офтоб.
Пай афкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд…

Сарояндагони эпоси халқии «Гӯрӯғлӣ» аз даҳон ба даҳон мегузаранд, аз насл ба насл мегузаранд ва ҳамчун қаҳрамононе, к ибо ин ё он корномаашон машҳур гаштаанд, номи онҳо низ чун нигаҳдорандаи эҷодиёти даҳанакии халқ – эпоси безаволи «Гӯрӯғлӣ» вирди забонҳо мешавад.

П. САТТОРӢ
(«Вахш», №49, аз 21 апрели соли 1976)

ЗИ КӮИ ЁР МЕОЯД НАСИМИ БОДИ НАВРӮЗӢ!

Баҳор меояд, баҳори ҷавониҳо, баҳори ормонҳо, баҳори шодмониҳо, баҳори сабзаю гулҳои рангоранг. Баҳоре, ки шохсорони хушкро пӯшоки барг пӯшонаду ҷӯйборони лабхушкро сероб гардонаду саҳрои урёнро гилеми рангаи сабза

рӯшонаду ҳама кӯю барзанро, даштзоронро, кӯҳсоронро пур аз парвози мурғони таронасаро гардонад. Баҳор меояд…

Девони ҳазрати Хоҷаи Ҳофиз бар даст фол мебинам. Фол мебинам, ки лиссонулғайб дар ин лаҳзаи хушҳангомӣ чиро мефармоянд?

Зи кӯи ёр меояд насими боди наврӯзӣ,
Аз ин бод ар мадад хоҳӣ, чароғи дил барафрӯзӣ.
Чу гул гар хурдае дорӣ, Худоро сарфи ишрат кун,
Ки қорунро ғалатҳо дод савдои зарандӯзӣ.

Мехонам, мехонаму дилам лабрези армонҳо мешавад. Мехоҳам дар ин зеболаҳзаҳо боз бо ҳазрати Ҳофиз бошам. Сӯе баҳорҳо дар заминаи дилам гул бипошаду сабза бирӯяду офтоб шуъла нисорам созаду ҳазордастон ҳазоровоӣ кунанду сӯи дигаре боз аз девони Хоҷа фол бубинам. Ин тасодуф аст ё айни муддао, ғазали дигаре рӯёрӯйи оинаи дидагонам меояд. Боз авсофи баҳор, умри гузарон, хуш доштани он, ғанимат шумурдани ҳар дам аз баҳорони зиндагӣ:

Навбаҳор аст, дар он кӯш, ки хушдил бошӣ,
Ки басе гул бидамад бозу ту дар гил бошӣ.

Ва поёнтар:

Дар чаман ҳар варақе дафтари ҳоле дигар аст,
Ҳайф бошад, ки зи кори ҳама ғофил бошӣ.

Хҷаи бузургвор аҷаб суханони ширин ва боистӣ зиндагинома номид, ки дорад. Аҷаб рӯзгороне ва ҳаётгузароние дорем, ки ба ҷузъиёти гуфтаҳояш рукн ба рукн кам аҳамият медиҳем. Ва ҳамсон кам амал мекунем.

Ба саропо зардолуи рӯйи ҳавлӣ менигарам. Обшоронро монад зардолуи шукуфта. Сӯйи дигар шафтолуи пешпаз: Гӯё ин обшори гулон ҳамдигарро зеботару гулоротар менамоянд. Гӯё дар шукуфти гулон мусобиқае доранд. Гулони зардолу сафедвор, гулони шафтолу майле ба ранги сурху сафеду қирмизист.

…Зи оби ҷӯй ҳар соат
Ҳаме бӯйи гулоб ояд.
Дар ӯ шустаст пиндорӣ,
Нигори ман рухи гулгун…

Рӯ ҷониби ҷӯйборон мекунам. Ҷӯйборон гулӯхушканд. Ба пиндорам, гӯӣ тасвири устодро дораду об не, гулоб ҷорист. Аҷаб ҷӯйбороне дошта замон ва асри устод, ки имрӯзӣ он ҷӯйборон қубур ва бетонро бадал кардаву кам андар кам осораш монда.

Шоирон дар тасвири баҳор басе доди сухан додаанд. Баҳорро бо ҳама раъноиҳояш ба риштаи тасвир дода, ба зебоии баҳор бозам шукуҳи тозае зам карда.

Барафганд, эй санам, абри биҳиштӣ,
Заминро хилъати урдубиҳиштӣ…
Зи гул бӯйи гулоб ояд бад-ин сон,
Ки пиндорӣ гул андар гил сириштӣ.

Бовари кас намеояд, ки ҳазор сол пеш ниёгони мо бо чунин забони зебо ва шевои имрӯзи форси тоҷикӣ гуфтугӯ карда, яке аз дигаре дилрастару рангинтар сухан гуфтаву дурри маънӣ суфта. Тасвираҳое, ки ба қалам овардаанд, ҳамагон шаҳкорие буда, ҳайрати имрӯзиёнро ҳазорчанд меафзояд. Тавре ки Робиаи Балхӣ фармуда:

Фишонд аз савсану гул симу зар бод,
Зиҳӣ боде, ки раҳмат бор бар бод!
Аҷаб, чун субҳ хуштар мебарад хоб,
Чаро афганд гулро дар саҳар бод?

Гӯш бар садои боди насим, чашм бар базми гулҳо аз болои сар дар он баҳри бекарони осмон завраҳи турнаҳо шино дорад. Гӯянд, турнаҳо паст ояд, сол серию арзонӣ хоҳад шуд. Аз чӣ бошад, ки турнаҳо хеле баланд таронахон дар парвозанд! Аҷаб зебост он гаҳе ки турнаҳо мепаранд. Вале чаро баланд? Ин ба чашм ва ақлу дил муаммо менамояд. Чаро баланд дар парвозанд?

Мепаранду мепаранду мепаранд,
Турнаҳо рӯ-рӯйи баҳри осмон.
Мебаранду мебаранду мебаранд,
Бо баҳорон аз дили мо ормон.

Мехоҳам ба ҳафт сину ҳафт шин (сир, сабзӣ, суманак, санҷит, сирко, себ, сипанд ва шакар, шамъ, шарбат, шароб,

шибит, шир, шона) чун рамзҳои ниёгон фармуда истиқбол бигирам, то дар дил то баҳорони дигар ормоне намонад. Ва устод Боқӣ Раҳимзода, ки ҳар баҳорон такрори ин байтҳоро дӯст медошт, банда ҳам такрор ба такрор қироат бикунам ва ҳамагонро пайғом ва сароғози наврӯзӣ бирасонам.

Наврӯзу буҳор умаву дағ-дағар шӣ,
Дар домани кӯҳу камар лола падар шӣ.
Абр умаву тирмогару борун шарар шӣ,
Ғули ғулакум гирифт, пан кар шӣ,
Як ганда пияр ума, ки гови шаҳӣ ҷар шӣ.
Наврӯзи дилафрӯз муборак ҳамаро, хурду бузургро!

П. САТТОРӢ
(«Навиди Вахш», 19 феврали соли 1991)

САФАР АШӮР

Ашӯр Сафар 1-уми майи соли 1930 дар собиқ ноҳияи Даштиҷум (ҳоло Шӯрообод) дар оилаи деҳқон зода шудааст. Пас аз хатми мактаби миёна ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб дохил шуда, онро соли 1958 бомуваффақият хатм намуд. Ӯ сараввал ба ҳайси нозири калони шуъбаи маорифи шаҳри Кӯлоб, баъдан корманди рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб», мухбири махсуси радиои Тоҷикистон дар минтақаи Кӯлоб, мудири шуъбаи рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Кӯлоб», сарвари Хонаи пионерон ва директори боғи вилоятии табиатшиносони ҷавон шуда кор кардааст. Дар охири фаъолияти кориаш муаллими забон ва адабиёти тоҷик дар мактаби шабонаи коргарҷавонони Кӯлоб буд.

Дар соли 1967 Ашӯр Сафар ба узвияти Иттифоқи нависандагони ИҶШС пазируфта шуд. Соли 1997 реҳлат кард. Муаллифи маҷмӯаҳои «Ибтидои роҳ», «Илҳом», «Хандаи гулҳо», «Фарзанди аср», «Гули маҳтоб», «Раиси Миралӣ», «Холи фатир» ва ғайра мебошад.

Ашӯр Сафар ба ҷузъитарин хусусиятҳои услубии жанри ғазал чун ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ ва ҳусни тахаллус диққат дода, бо ҳамин маънирасӣ, хаёлангезӣ ва тартиби баёни саромадони назми тоҷикро пайгирӣ намудааст:

Айёми баҳор асту чаман лоладароғӯш,
Аз сабза тани санг бувад балки қабопӯш...
Аз навдаи ҳар нахл чакад оби тароват,
Сардию карахтӣ шуда якбора фаромӯш.
Ҷон дар бадани ҳар гияҳу сабза дамида,
Чун чашмаи хушкида, ки аз нав бизанад ҷӯш...
Аз хотирамояндаву бигзашта равад дур,
Дасти ману гул бошаду дилдору баногӯш.

НАХУСТИН МУРАББӢ

Ҳангоми дар мактаби миёна таҳсил карданам, ман ба газетаи «Ҳақиқати Кӯлоб» («Роҳи ленинӣ») обуна будам. Ба воситаи ин газета аз ҳаёти маданӣ, меҳнатии мардуми вилоят ва воқеаҳои ҷаҳон бохабар мегаштам. Саҳифаҳои газетаро варақ зада, дар он чоп шудани хабару мақолаҳо ва шеърҳоямро (ҳанӯз дар вақти дар мактаби миёна хонданам ба шеърнависӣ сар намуда будам) орзу мекардам. Хабарҳоям дар саҳифаҳои «Ҳақиқати Кӯлоб» пайдо шудан гирифтанд. Баъд ба газета шеър пешкаш карданро ихтиёр кардам. Муҳаррири онвақтаи газета Тӯйчӣ Ҳасанов одами аҷоибе буданд. Шахсан худашон шеърҳои маро хонда, ба хатчопкунаки идора Маслиҳат Носирова мефармуданд, ки онҳоро зуд дар машинка чоп кунанд. Баъд муҳаррир шоири халқ Саидалӣ Ваҳизодаро ба редаксия даъват карда, шеърҳоро якҷоя хонда муҳокима мекарданд. Ҳама, ки ба як қарор меомаданд, шеърҳоро дар саҳифаи газета бетаъхир ҷой медоданд. Ҳатто аз Душанбе адиб даъват карда, баъди муҳокима беҳтарин шеърҳои навқаламонро ба чоп рухсат медоданд, то ки муаллифони ҷавон аз кори эҷодӣ дилмонда нашаванд.

Ёд дорам, ки соли 1951 шоир Абдуҷаббор Қаҳҳориро даъват карда, бо ёрии вай шеърҳои навқаламонро таҳлилу таҳқиқ намуданд ва як саҳифаи газетаро аз эҷоди навқаламон оро доданд, ки шеърҳои ман ҳам буданд. Он рӯзҳо ман худамро аз ҳама кас хушбахттар меҳисобидам, газетаро дар киссаам гардонда, ба ҳамсинфонам ва муаллимонам бо хурсандии бепоён нишон медодам.

Шавқи эҷодӣ рафтуомади маро ба идораи газета доимӣ карда монд. Қариб ҳар рӯз баъди машғулияти хониш худро дар редаксия медидам. Редаксия мувофиқи плани кориаш баъзе супоришҳо медод, ки онро ман дар вақташ ба қадри ҳолам иҷро мекардам. Соли 1959 ба редаксия ба кор омадам. Аввал ба сифати мусаҳҳеҳ кор кардам. Дар зарфи чор-панҷ моҳи мусаҳҳеҳиам ягон хабар нанавиштам, фақат омӯхтам.

Баъди ба дигар вазифаҳо гузаштан тамоми диққатамро ба он равона сохтам, ки ҳарчи бештар хабари хушсифат нависам, дар онҳо ҳаёти мардуми меҳнатиро тасвир намоям.

Ҳар мақсаде, ки ба пеш мегузоштам, газета ба ман дасти мадад дароз мекард. Аз коркунони пуртаҷрибаи газета С. Ашӯров (муҳаррир), Абдулло Муродов, Рустам Содиқов, Мутеулло Сарваров ва дигарон дар ҳар боб маслиҳат гирифта, дар кори ҳаррӯзаам истифода мебурдам. Ҳар як репортаж, лавҳа, фелйетон ва ҳатто хабари навиштаамро аз назари онҳо мегузаронидам. Эроду маслиҳатҳои онҳо ҳамеша дилсӯзона буданд.

Мақсади кор кардани ман дар газета муайян буд: ҳамеша мекӯшидам, ки таҷрибаи фоидабахши одамони меҳнатиро ба қалам дода, ба муқобили ҳаромкорону фиребгарон ва онҳое, ки ба идеологияи ҷамъияти куҳна такя мекунанд, беамон мубориза барам. Аз ин рӯ, маҳсули кори ман асосан аз лавҳаҳои дар мавзӯи рӯз навишташуда ва фелйетонҳо иборат буд. Шеърнависӣ касби иловагии ман ҳисоб меёфт. Лекин ҳаминро бояд ошкоро илова намоям, ки мумкин буд бе газета ман аз шеърнависӣ даст мекашидам. Он навқаламоне, ки бо газета алоқаи доимӣ надоштанд ва аз эроду маслиҳатҳои он ба хулосае наомаданд, ҳеҷ чиз нашуданд. Дар ҳамин газета ман ба сафи аъзогии Иттифоқи журналистони СССР дохил шудам. Вақти ба аъзогии Иттифоқи нависандагони СССР қабул шуданам ҳам дар ҳамин газета кор мекардам. Аз ин ҷиҳат, ман газетаро аввалин мураббии худ мешуморам.

Чанд сол боз ман аз кори газета канда шудаам. Лекин дар ҳар куҷое, ки бошам, худро коркуни газета ҳисоб мекунам. Ба редаксияи «Роҳи ленинӣ» ба таври доимӣ рафтуомад дорам. Дар маҳфилҳои адабии он иштирок карда, ба навқаламон ба қадри фаҳмиши худ маслиҳату ёрӣ медиҳам. Рафту газета аз ман хоҳиш кунад, ё супориш диҳад, бо дилу ҷон иҷро менамоям. Охир газета минбар аст, минбари гуфтугӯ бо мардум, бо ҳар як марду зан, минбари тарбияи одами нав, минбари ба таври оддиву сода фаҳмонда додани мақсад ва ғояҳои бу-

зурги Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ.

Вақтҳои охир газета ба чоп кардани эҷоди адибони ҷавон диққати махсус медиҳад. Ин басо хуб аст. Серталабии газета ба он боис шудааст, ки дар саҳифаҳои он қариб ҳамеша хабару мақолаҳои хушсифат ва шеърҳои аз ҷиҳати бадеӣ камнуқс дарҷ карда мешаванд.

Ояндаи газета аз ин ҳам хубтару равшантар аст. Дар қатори коркунони он шумораи қаламкашони касбӣ торафт зиёд шуда истодаанд. Газета умедгоҳи қаламкашони ҷавон буд ва ҳаст, вай мураббии нахустини шоирону носирони вилоят ба шумор мерафт ва хоҳад рафт.

Ман ҳамчун яке аз аввалин сабақгирифтагони газета онро ба муносибати 50-сола шуданаш табрику таҳният гуфта, дар кори ҳаррӯзааш муваффақияту навовариҳои дилкашу аҷоиб орзу менамоям.

Ашӯр САФАР, шоир
(«Роҳи ленинӣ», майи соли 1983)

САФАР ҒАФФОРАЛӢ

27-уми январи соли 1950 дар деҳаи Пуштаибедҳои ноҳияи Ховалинг дар оилаи зиёӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Вай аз зумраи адибонест, ки солҳои 80-уми садаи XX ба шоҳроҳи адабиёт қадам гузоштааст. Соли 1972 риштаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлобро бомуваффақият ба итмом расонд. Тайи чандин сол дар мактабҳои маҳаллӣ, баъдан дар рӯзномаҳои ноҳиявию вилоятии «Зафар»-и ноҳияи Ҳамадонӣ ва «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» (ҳозира «Хатлон», 1978-1980) ифои вазифа намудааст.

Ҳоло Ғаффоралӣ Сафар мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ дар Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав мебошад.

Дастпарварди маҳфили адабии «Гулбарг»-и назди рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» (роҳбараш шодравон устод Пиримқул Сатторӣ) аст. Муаллифи китобҳои назмию насрии «Фоидаи тағо» (1989), «Намаксанг» (1991), «Роҳдавак» (1991), «Ноҳияи Москва: 50 сол» (1999), «Муборакбодӣ» (2000) мебошад.

Ғаффоралӣ Сафар аз соли 1999 узви Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон ва аз соли 2011 узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон аст.

АРМУҒОНИ ШОИР

Нашриёҳои давлатии Тоҷикистон - «Ирфон» ва «Маориф» бахшида ба Соли байналхалқии бачаҳо дар соли 1979 якчанд китобҳоро аз чоп бароварданд, ки дар байни онҳо маҷмӯаи нави шоир Ашӯр Сафар - «Дастёри додо» туҳфаи хуб аст барои бачаҳои синни томактабӣ.

Маҷмӯа аз 11 шеъру 2 афсона иборат аст. Ҳар яке мавзӯъҳои гуногунро дар бар гирифтааст. Аз мутолиаи китоб пай бур-

дан душвор нест, ки шоир Ашӯр Сафар барои нишон додани хулқу атвор ва психологияи бачаҳои синни томактабӣ саъю кӯшиш намудааст. Хостааст, ки дар парваришу тарбияи ахлоқиву эстетикии онҳо ёрӣ расонад. «Мерос», «Дастёри додо», «Дар ҳар қадам фитодааст», «Шир-шири борон» аз ҷиҳати соддагӣ ва равонии тасвир аз дигар шеърҳои маҷмӯа бакуллӣ фарқ мекунанд.

Дар шеъри «Шир-шири борон» шоир ҷаҳони ботинии қаҳрамонашро бо калимаҳои тақлидии овозӣ хеле хуб тасвир карда, меҳру муҳаббати ӯро нисбат ба модар ба воситаи образи борон, ки байни ҳар ду аз ҷиҳати мантиқӣ монандагӣ ба чашм бармехӯрад, кушода медиҳад:

Хобам шабонгоҳ
Дар таҳи долон.
Ояд ба гӯшам
Шир-шири борон.
...Гӯё, ки бар ман
Монанди модар,
Хонад суруди
«Алла»-ро аз сар.

Шеъри дигар - «Мерос» бошад, образи абадзиндаи нахустин дар ҷаҳон барпокунандаи давлати Советӣ В. И. Ленинро дар бар мегирад. Шоир бо ин шеър таълимоти дуруст ва зӯру тавонои доҳиро нишон дода, бачаҳоро ба пос доштани хотираи В. И. Ленин, азбар намудани кору гуфтаҳои вай даъват менамояд:

Бар аҳд вафо кардан,
Ҳар захм даво кардан,
Бар халқ кафил будан,
Инсони асил будан,
Аз Ленини мо - устоз
Мондаст ба мо мерос.

Ашӯр Сафар дар шеъри дигараш, ки «Дастёри додо» ном дорад, ба мавзӯи муҳим - меҳнат рӯ овардааст. Ӯ бачаҳои озоду хушбахти даврони моро ба воситаи образи бачае тасвир

намуда, хостааст гӯяд, ки барои бачаҳои мамлакати мо ҳамаи шароитҳо муҳайёст, ҳар кадом аз бахт меболад, рӯзгорашон хуррам аст, мехоҳанд, ки зудтар калон шуда, ба халқ хизмат кунанд. Ин хислатҳои некро онҳо дар боғчаю оила аз мураббия ва падару модар мегиранд:

Ҳар саҳар аз хоби худ
Ҳамроҳи падар хезад.
Гирифта чойники об,
Ба дасти ӯ об резад...

Шеър-афсонаи «Шукри навбаҳор» афсонаи халқӣ буда, шоир онро чун анъанаи гузаштагон ба назм даровардааст. Дар ин афсона Ашӯр Сафар мағрурӣ, фиребгарӣ, муфтхӯрӣ, ҳавобаландӣ барин хислатҳои ношоямро дар образи рӯбоҳ ба зери тозиёнаи танқид гирифта, бачаҳоро ба ахлоқи писандида доштан даъват менамояд. Шоир огаҳ карданӣ аст, ки ангушт ранҷа кардани кас бар дари дигарон сабаби ангушт ранҷа кардани нафарони дигар бар дари ӯ хоҳад шуд:

...Рӯбаҳии рӯбаҳак шуд ошкор,
Ҷонварон карданд шукри навбаҳор.

Хулоса, маҷмӯаи нави шоир Ашӯр Сафар «Дастёри додо» бо вуҷуди баъзе камбудиҳо, аз қабили истифодаи калимаҳои душворфаҳми «ҳалқаи чашм», «пираҳан», «бадкеш» ва дигарҳо, барои бачаҳо дар ин соли ҷашнашон армуғони диловезе ба шумор меравад.

Ғаффоралӣ САФАР
(«Ҳақиқати Қӯрғонтеппа»,
5 сентябри соли 1979)

САФАРЗОДА НАҶОТ

10-уми сентябри соли 1956 дар деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёнаи рақами 6 ба факултаи филологияи Университети давлатии Тоҷикистон шомил шуда, бахши журналистикаи факултаи мазкурро соли 1978 ба поён расонидааст. Фаъолияти кориашро аз мусаҳҳеҳии рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» оғоз намуда, минбаъд дар ин ҷо ба сифати тарҷумон ва мухбири калон адои вазифа намудааст. Аз моҳи январи соли 1981 ба рӯзномаи «Мубориз», имрӯза рӯзномаи ноҳиявии «Гулхани Восеъ»-и ноҳияи Восеъ, ба кор омада, аввал ба сифати котиби масъул, ҷонишини муҳаррир ва аз соли 1993 то имрӯз ба сифати муҳаррири рӯзнома фаъолият менамояд. Ҳамзамон хабарнигори рӯзномаи вилоятии «Хатлон» дар минтақаи Кӯлоб буда, дар саҳифаҳои ин нашрия мунтазам маводҳояш ба табъ мерасанд.

Узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон ва дорандаи нишони «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» аст.

ЁДНОМА

Қиссаҳои ёдмони Наҷот Сафарзода аз замони кораш дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб

Солҳо пайи ҳам сипарӣ мешаванд, вале одамӣ бехабар аз он, дар талоши зиндагӣ ҳатто фароғату истироҳатро фаромӯш мекунад. Ҳангоме ба худ меояд, ки ҳушдораш медиҳанд: «омода шав, нафақаат наздик». Ин дам ба гузаштаи умр, шириниву талхиҳои зиндагӣ, неку бад назар мекунад. Дӯстону рафиқон, ҳамкорон ва умуман саҳифаи ҳаёти пешинро варақгардон менамояд. Ин барои ҳар як инсон хос ва аз он дар канор нест.

…Замоне ба рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» ба кор омадам, ки хеле ҷавон будаму нав аз курсии донишҷӯӣ бархоста. Коллективи кормандони рӯзнома калон буд. Хато накунам, шумораааш қариб ба 40 нафар мерасид. Ҷавонтаринашон ману Нозирҷон Ёдгорӣ будем. Нағз қабуламон карданд, маслиҳату ёриашонро дареғ намедоштанд. Хуллас, дар рост кардани қалами мо саҳме гузоштанд. Аз он айём имрӯз 35 сол сипарӣ гардида, бисёре аз он нафарон имрӯз дар паҳлӯи мо нестанд.

Муҳаррири рӯзнома Қувваталӣ Холов, ҷонишинони муҳаррир Нурмуҳаммад Одинаев, Мисралӣ Сониев, котиби масъул Умар Валиев, мудирони шуъба Саидаброр Умаров, Иброҳим Ҷалилзода, Абдулло Муродов, Раҳмат Ташрифзода, суратгирон Аскар Саидов ва Тағаймурод Шарифов, мухбирон Бобоҷон Абдулвоҳидов, Моҳитобон Шарифова, Бӯрихон Амиров, Мирзо Сироҷ ва дигарон, руҳашон шод бод, дар байни ҳамкорон нуфузу эътибори хосаро соҳиб буданд. Гӯё дирӯзакак бошад, симои ҳар кадоми онҳо, гуфтору рафтори онҳо пеши назар аст.

ДАҲ КАРАТ

Дари дафтари корӣ кушода мешавад. Марди солхӯрдаи қоматбаланди тоқии чустӣ бар сар ворид мегардад. Хеле ҷиддӣ аст. Ба пиронсолии худ нигоҳ накарда, назди мизи кории ҳар кадомамон омада, вохӯрӣ намуда, ҳолпурсӣ мекунад. Ин мард устод Абдулло Муродов аст, ки он ҳангом 73-75 сол дошт. Ба пирии худ нигоҳ накарда, сари вақт ба кор меомад. Бе айнак мехонду менавишт. Камгап буд. Вале гоҳе ки ба гап медаромад, ширин чақ-чақ мекарду ҳазлҳои намакин мегуфт. Як хислати аҷоиб дошт. Ҳар саҳар пеш аз оғози кор аввал чойхӯрак ташкил мекард. Ману Нозирҷон гӯё чойхоначӣ бошем, гоҳе ман кулчаю қаймоқ меовардаму Нозирҷон чой дам мекард ва гоҳе баръакс. Пулаш бошад, аз кисаи устод буд. То ҳол намефаҳмам, ки ин корро ба хотири мо мекард, ки аз масофаи зиёда аз 30 километр ба кор меомадем ё худ

гурусна ба кор меомад. Дар ҳар сурат аз ҳисоби устод хеле фоида бурдем.

Абдулло Мурод гоҳо соатҳои дароз бе танаффус менавишту менавишт. Аз дафтари корӣ набаромада, аз номи роҳбарон мақолаҳои ташкилӣ менавишт. Боре дар чунин ҳолат журналисти соҳибқалам Мирзо Гадо дарро кушода, вориди дафтари корӣ шуд ва баъди ҳолпурсӣ каме таҳаммул карда, нимшӯхию нимҷиддӣ гуфт:

- Устод ниҳоят бузурганд, - ба Абдулло Муродов ишора карда, - ва афзуд, - агар навиштаҳояшро сарбасар намоем, гирди курраи замин як маротиб давр мезанад.

Абдулло Мурод қаламро болои коғаз гузошта, ба Мирзо Гадо норозиёна нигариста, гуфт:

- Мирзоҷон, бисёр беинсоф будаӣ, навиштаҳои манро аз куҷо медонӣ, агар онҳоро сарбасар намоем, як бор не, даҳ карат гирди замин мепечад.

- Дуруст мегӯӣ, устод, дуруст мегӯӣ, - гуфту бо табъи болида аз дар берун шуд.

Ҳозирин аз ин гуфтугузор завқ карда хандиданд.

ТАҲРИР

Соли дуюм ё сеюми кориамон буд. Мудири шуъбаамон Карим Давлат барои хондан ба мактаби олии партиявии шаҳри Тошканд рафт. Қариб як моҳ шуъбаи ҳаёти партиявӣ бе мудир монд. Миш-миш шуд, ки Раҳмат Ташрифзода (руҳашон шод бод), ки навакак ҳамин мактабро тамом карда будааст, мудир мешавад. Овоза дуруст баромад. Ташрифзода мудир таъин шуд. Ба қавле ҷазаст мекард. Мо бо ҳамин марди ҷазастӣ кор мекардем. Он вақтҳо ҳамин хел қабул шуда буд, ки то маводи навиштаи ходимро мудири шуъба нахонда, имзо нагузорад, духтарони котиба (машинисткаҳо) онро қабул намекарданд. Ба ҳамин хотир, як хабари навиштаамро, ки қариб як саҳифаи дастнавис буд, назди Ташрифзода гузошта, «устод, як бинед» гуфтам ва ба кори худ андармон шудам. Намедонам чанд вақт гузашта бошад, ки устод гуф-

танд:

- Ма, шогирд, бурда мошинкада те!

Хабарро гирифта, ба он нигаристаму дуд аз димоғам баромад. Аз навиштаҳоям қариб осоре намонда буд. Ҳар ҷумлаи онро ба таври худ таҳрир намуда, имзои мудириашро гузоштааст. Ба рафтан таҳаммул карда, хостам бифаҳмам, ки устод чи таҳрире карда. Ин дам садои Ташрифзода боз ба гӯшам расид, ки мегуфт: «чӣ истодаӣ, бурда ба мошинка деҳ!»

- Устод, як ҷойи дигараш ислоҳ нашуда мондааст, - гуфта, варақро наздаш гузоштаму ба ному фамилияам ишора кардам. Ташрифзода маро хуб фаҳмиданд. Табассум намуда, гуфтанд, ки навиштаатро аз нав рӯйнавис карда, ба мошинка бар. Бо ҳамин таҳрири маводи ходим дар шуъба аз байн рафт.

«ХОНДАМ, ВАЛЕ БОДИҚҚАТ!!!»

Раҷабалӣ Назар дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» вазифаи тарҷумониро адо мекард. Шоири хушзавқе буд. Синну солаш имрӯз шояд ба 75 расида бошад. Боре масъулияти навбатдории «сари тоза» (свежий) ба уҳдааш афтод. Навбатдори «сари тоза» аз ҳама охир, баъди се-чор нафар бо дамгирии рӯзона рӯзномаи тайёрро хонда, ба паҳншавӣ иҷозат медоду имзо мегузошт. Навбатдорӣ кори бисёр ҳам мушкилу пурмасъулият аст. Хоса агар бо корманди матбаа гапат каме мегурехт, каппаат дуд мекард. Иваз кардани ду сатр барояшон миҷзанӣ буд.

Хуллас, баъди навбатдорӣ ва заҳмати шабонаи Раҷабалӣ Назар рӯзнома нашр шуду пагоҳ онро ба идораи рӯзнома оварданд. Шӯру валвалае хест. Суратҳо иваз шуда буданд. Сурати мард бо номи зан чоп шудаасту сурати зан бо номи мард. Дар ҷамъомади пагоҳирӯзӣ (летучка) муҳокима сар шуд. Ҳар баромадкунанда Раҷабалиро неш мезад. Вале Раҷабалӣ ба гардан намегирифт. Мегуфт, ки дар хондаи ман чунин набуд. Баъди фурсате бобои Қамиш, ки вазифаи хаткашонии рӯзномаро адо мекард, газетаи хондаи «свежий»,

яъне Раҷабалӣ Назарро аз матбаа овард. Дар болои саҳифаи аввали рӯзнома бо ҳарфҳои калон-калон навишта шуда буд: «Ба паҳншавӣ иҷозат» ва ҳамчунин таъкидан навиштааст: «Хондам, вале бодиққат» ва се аломати хитоб гузошта, имзо кардааст. Раҷабалӣ Назар.

Муҳаррир инро бо овози баланд хонду аз ғазаб мушт ба рӯйи миз зада, гуфт: «Зор монад, кош бодиққат намехондиву аққалан газетаро тамошо мекардӣ».

САФАРОВА АСАЛМО

Тахаллуси адабиаш Вахшона аст.

Баҳори соли 1961 дар шаҳри Қӯрғонтеппа ба дунё омадааст. Аз ҷамъи собиқаи кории 35-солааш 25 соли он ба журналистика бахшида шудааст. Баъди хатми факултаи филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳамчун ходими шуъбаи мактубҳо дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (ҳозира «Ҷумҳурият») фаъолияти меҳнатиашро оғоз бахшида, пас аз он омӯзгори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №35-и ноҳияи Бохтар, мутахассиси Кумитаи ҳифзи табиати вилояти Хатлон низ буд.

Аввали солҳои 90-ум ба ҳайси мухбири рӯзномаи вилоятии «Навиди Вахш» ба кор пазируфта шуд. Мудири шуъбаи коргузории фабрикаи ресандагии шаҳри Қӯрғонтеппа, мудири шуъбаи рӯзномаи вилоятии «Хатлон» ва сармуҳаррири телевизиони вилоят шуда кор кардааст. Аз соли 2006 то соли 2009 мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон буд.

Баҳори соли 2009 сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Хатлон» таъин шуд.

Солҳои 2006-2012 раҳбарии шуъбаи хатлонии Иттиҳоди журналистони Тоҷикистонро низ ба ухда дошт. Узви раёсати Шӯрои ВАО, Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи Ифтихорномаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва дигар ҷоизаҳои журналистӣ мебошад.

Зери раҳбарии ӯ рӯзномаи «Хатлон» дар озмуни ҷумҳуриявии нашрияҳои даврӣ, ки аз ҷониби вазорати фарҳанги Тоҷикистон эълон шуда буд, моҳи декабри соли 2012 сазовори ҷойи якум ва шоҳҷоизаи озмун гардид.

ЖУРНАЛИСТ БОЯД БА ДИЛИ ИНСОНИ НОУМЕД ШУЪЛАИ ЗИНДАГИРО БАРАФРӮЗАД

Рости гап, имрӯз ман ба ҳайси як журналисти оддӣ аз қисмати ҳамвор меҳрубони худ басе фирӯзу мамнунам, ки 80-солагии рӯзномаи бонуфузи вилоятии «Хатлон»-ро ба ҳайси сармуҳаррири он ҷашн мегирам. Боз аз тақдири худ менозам, ки Худованди муттаол маро ба ҷодаи рӯзноманигорӣ раҳнамун сохт ва дар ин мактаби бузург обутобам дод. Зеро пайваста ба одамони гуногунпеша вохӯрда, аз дастоварду мушкилоташон огоҳ мешавӣ. Дунёи ботиниашонро меомӯзӣ, ранҷу мушкилоти хешро фаромӯш месозӣ ва барои дарди рӯзгори онҳо малҳам меҷӯӣ. Таҷрибаи беш аз 25-солаи касбиам сабақ аз он медиҳад, ки журналисти асил бояд ҳамарӯза аз мактаби зиндагӣ сабақ биомӯзад ва баҳра бардорад. Пайдост, ки зиндагӣ дар ҳар давру замон шебу фарозиҳо дорад. Сано бод бар он журналисте, ки ин шебу фарозиҳоро бидуни ягон ваҳму ҳарос, ҷасуронаю мардона пушти сар созад. Чаро, ки касби басо мураккаб ва пурифтихори журналистӣ соҳиби онро дар ҳар қадам водор месозад, ки бо инсонҳое вохӯрад, мулоқот намояд ва сарбасар ояд, ки тинату хилқати мухталиф дорад. Душвортарин вазифаи журналист аз он иборат аст, ки инсони дар вартаи навмедибударо ба роҳи рост дарорад, ба дилаш шуълаи зиндагиро барафрӯзад.

...Ҳанӯз дар риштаи рӯзноманигории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил карданам амиқан дарк кардам, ки касби басе душвору мураккаберо интихоб намудам. Устодонам дар донишгоҳ Иброҳим Усмонов, Асадулло Саъдуллоев ва бисёр дигарон дар ҳар қадам мо - донишҷӯёнро таъкид месохтанд, ки аз ҳозир ба касби оянда ва зиндагии оянда омодаю муҳайё бошем. «Шуморо ҳеҷ гоҳ тарсонданӣ нестам, - мегуфтанд онҳо, -вале агар ба ин касб омода набошед, пас

шумо журналист нестед».

Таҷрибаи касбиамро дар собиқ рӯзномаи ҷумҳуриявии «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») зери роҳбарии сармуҳаррири он марди бедордилу бомаърифат Нур Табаров гузарондам. Пасонтар, дар шуъбаи мактубҳои ҳамин рӯзнома ифои вазифа намудам. Ҳамарӯза бо тақозои вазифа бо даҳҳо одамони касбу кори гуногун ва дорои хислатҳои мухталиф вомехӯрдаму сари суҳбат меоростам. Онҳо ҳам одамони қаторӣ буданду ҳам зиёӣ. Аз ҳар кадомашон ҳамчун журналисти ҷавон нозукиҳои зиндагиро меомӯхтам. Дар муддати фаъолияти худ чандин сармуҳаррирро дидам ва аз имтиҳонашон гузаштам, ки ҳар кадоми онҳо роҳу равиши махсуси роҳбарии худро доштанд. Аммо дар натиҷа ҳар кадоми эшон мехост ва мекӯшид, ки бо хислатҳои хосаи худ журналистони ҷавонро ба камол расонад. Дар солҳои дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» кор карданам, аз бисёр журналистони овозадор амсоли Саймурод Фаттоев, Нуриддин Қаршибоев, Аловиддин Давлатов, Аваз Юлдошев, Мӯсо Мавлавиев, Ҳабибулло Ёров, Дадаҷон Рӯзиев, Наҷмиддин Азизов, Маҳмудҷон Шаҳобиддинов, Ғуломҳайдар Ғуломалиев, Мутеулло Наҷмиддинов дарси касбу ҳунар омӯхтам. Ва дар ин ҷода то ба имрӯз аз онҳо миннатпазирам.

Хуб ёд дорам, вақте собиқ сармуҳаррири «Тоҷикистони Советӣ» шодравон Мазҳабшо Муҳаббатшоев рӯзномаро идора мекард, айни пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ буд ва, табиист, ки рӯзнома ба бухрони шадиди иқтисодӣ мувоҷеҳ гардид. Мазҳабшо Муҳаббатшоев ҳамчун роҳбари кордону ғамхор роҳи таъмини маоши кормандони рӯзномаро пайдо кард. Ӯ ҳар се мошини «Волга»-и хизматии идораро ба фурӯш баровард ва ба ин восита коргаронашро соҳиби маош гардонд. Рӯзномаи вилоятии «Хатлон» низ дар зарфи 80 соли фаъолияташ чунин роҳбарони ғамхорро бисёр дидааст.

Воқеан, тақдир маро баъди чанд соли корам дар пойтахт ба собиқ вилояти Қӯрғонтеппа овард ва дар рӯзномаи вилоятии «Навиди Вахш» ба кор шурӯъ намудам. Дар ин

ҷо низ сармуҳаррири рӯзнома журналисти басе ғамхору пуртаҷриба Муқим Абдураҳмонов, муовини аввали сармуҳаррир Саидалӣ Бобохонов ва як зумра журналистони собиқадор хуш истиқболам намуданд. Аскаралӣ Набиев, шоир ва журналист Пиримқул Сатторӣ, Шарофиддин Қосимов, Олимҷон Ёрасенов, Солеҳҷон Қаҳҳоров, Шоимназар Омонов, Шарифамоҳи Кишвардухт, Давлат Султонов, Тоҳир Асомиддинов, Ҳусейн Маликов ҳеҷ гоҳ аз саҳифаҳои зиндагиам берун намешаванд.

Агар ба 80 соли фаъолияти рӯзномаи вилоятӣ назар афканем, мебинем ва эҳсос мекунем, ки тайи ин солҳо дар ин рӯзнома чи қадар рӯзноманигорон ранҷу заҳмат кашиданд. Иттиҳоди Шӯравӣ дар ин миён солҳои ҷангу ҷидол ва пурошӯберо аз сар гузаронд. Журналистон ҳам дар қатори ҳамон мардум аз миёни обу оташ гузаштанд. Вале ҳама мақсаду маромашон танҳо иборат аз он буд, ки дар роҳи заҳматдӯстӣ, ватанпарварӣ, созандагию ободгарой ва беҳдошти ахлоқии мардум саҳм бигирад. Ва ҳамарӯза дар ин раҳ худашон пешсаф буданд ва дигаронро низ дар ин ҷода раҳнамой менамуданд. Бидуни шубҳа, ин кори саҳлу осоне набуд. Бисёре аз онҳо ҷонсупори касби худ буданд. Аз ин ҷост, ки ҳамаашон тавонистанд, ки мардумро ҳамқадами ҳаёт созанд.

Дар муддати 80 сол бо талабу тақозои давр вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа борҳо ҷудо шудаву бо ҳам омаданд. Лекин мақсаду ҳадафи журналистон як буд. Ин рӯзномаҳоро дар тӯли солиёни зиёд даҳҳо журналистону адибони номдор роҳбарӣ намудаву садҳо журналистонро ба воя расондаанд. Собиқ сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» (баъдтар «Навиди Вахш») Муқим Абдураҳмонов, сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб, Сафо Ашӯров, Қувваталӣ Холов, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ашӯр Сафар, Шералӣ Яҳёев бо як масъулияти баланд ва шарафмандии зиёд рӯзномаи вилоятиро ба 80 сол оварда расонданд.

Чуноне гуфтем, ҳамаи ин солҳо дар фаъолияти рӯзномаи

вилоятӣ роҳҳои суфтаю ҳамвор набуданд. Вале ба андешаи камина, зиёда аз 20 соли соҳибистиқлолии Тоҷикистон солҳои басе душвореро ба бор овард. Тоҷикистон дар ин раҳ қадамҳои нахустини худро мегузошт. Агарчи Худованд ба тоҷику Тоҷикистониён истиқлолиятро ҳамчун як туҳфаи илоҳӣ бахшиш кард, вале, мутаассифона, на ҳар кас ин саховати Худовандро ба манфиати халқу миллат пазируфт. Гуруҳе аз ҳаммиллатони мо, ки дар замирашон ҷанбаи мансабхоҳию мансабталоширо мепарастиданд, истиқлолиятро ба манфиати худ истифода бурданӣ шуданд. Дар натиҷа, мардум ба гуруҳҳои мухолиф ҷудо гаштанд. Ҳатто кор ба ҷангу кашмокашҳо расид. Ҷанги бародаркушӣ ба он оварда расонд, ки ватандорон иҷборан аз ватани худ ҳиҷрат намуданд.

Ин бори вазнин, қабл аз ҳама, ба дӯши рӯзноманигорон афтод. Ман дар ин айём дар рӯзномаи вилоятӣ адои хизмат доштам. Аз тарафи роҳбарият супориш гирифтам, ки ба сарҳади «Панҷи поён» равам. Дар айни ҷӯшу хурӯши бесомониҳо гуруҳҳои ҳукуматӣ ва мухолифин бо истифода аз ақли солим тасмим гирифтанд, ки дар сарҳади «Панҷи поён» бо ҳам вохӯранд ва баҳри бозгардондани муҳоҷирони тоҷик аз ҷумҳурии Афғонистон ба ватан гуфтушунид кунанд. Ин лаҳзаҳои басе ҳассосу таъсирбахш буданд, барои ҳар ду ҷониб. Ман ҳамчун журналист эҳсос намудам, ки намояндагони гуруҳҳои муҳоҷир ватанро чӣ қадар пазмон шудаанд. Ин ҳиссиёт ҳангоми гуфтушунид аз ҳар ҳарфу ҳиҷои эшон маълум мешуд. Пас аз ин, онҳо гуруҳ-гуруҳ ба ватан баргаштанд. Дар асnои гуфтушуниди аввалин аз ҷониби намояндагони гуруҳи ҳукуматӣ маъруфтарин шахсиятҳои вақт академик Муҳаммад Осимӣ, муовини аввали раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Абдумаҷид Достиев, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Зебо Аминзода ва дигарон ширкат доштанд ва зимни мулоқот таъкид намуданд, ки Тоҷикистон ҳамаи ватандорони худро аз дилу ҷон интизор аст. Ҳамин гуфтушуниди оқилонаву одилона батадриҷ тақдири муҳоҷирони тоҷикро ҳал намуд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар ин бобат хизматҳои фар-

занди барӯманди миллат Эмомалӣ Раҳмон беҳадду ҳудуд аст. Вай ҳанӯз аз минбари баланди Иҷлосияи шонздаҳуми тақдирсози Шӯрои Олии Тоҷикистон эълон дошта буд, ки «Ман то охирин гурезаро ба ватан боз нагардонам, худро тинҷу осуда ҳис намекунам». Бо ҳазорон кӯшишу ҷонбозиҳо Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон ин гуфтаҳои худро ба ҷо овард. Ҳама баргаштанд ва соҳиби хонаю дари худ шуданд.

Ман бо тақозои вазифа бо даҳҳо муҳоҷироне, ки ба ватан баргашта буданд, суҳбатҳо доштам. «Ҳамаашро аз тақдир медонем, - мегуфтанд онҳо. - Вале аз даргоҳи Худованди муттаол шукри онро дорем, ки имрӯз Худо моро ба Ватан расондааст. Дар ғарибиҳо амиқан ҳис намудем, ки ягон сарвату сармояе қимматтару азиз ва муқаддастар аз Ватан набудааст…»

Катибаеро дар санги мазори ғарибе қироат намудам, ки гуфта:

Гадо чун дар Ватан мирад, Амир аст,
Амири бешатан зору ҳақир аст.

Аз ин пас, гумон мекунам, ки имрӯз аз муҳоҷирони баватаномада дида, касе хушбахттару хушрӯзтар нест…

80 сол мешавад, ки рӯзномаи вилоятии «Хатлон» дар хидмати хонандагони худ аст. Роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ба рушди нашрияи мақомоти худ диққати доимӣ медиҳад. Имрӯз рӯзнома бо теъдоди наздики 10 ҳазор нусха ҳафтае як маротиба ба дасти хонандагон мерасад. Бояд гуфт, ки рӯзнома муштариёни доимии худро дорад. Ба ин мактубҳои сершуморе, ки ҳамарӯза ба идораи рӯзнома ворид мешаванд, гувоҳӣ медиҳад. Вазифаи аввалиндараҷаи кормандони эҷодии рӯзномаи вилоят чун ҳамешагӣ тарғибу ташвиқ намудани сиёсати хирадмандонаи пешгирифтаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад. Аз ҷониби дигар, журналистони вилоят дар роҳи ободиву созандагии вилоят саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Имрӯз дар рӯзномаи вилоятии «Хатлон» журналистоне фаъолият доранд, ки тавассути таҷрибаи бойи касбиашон дар байни хонандагони рӯзнома маҳбубияти том пайдо намудаанд. Дар радифи журналистони варзида Саидалӣ Бобохонов, Ғайбулло Ҳалимов, Давлатҷон Султонов, Абдусаттор

Қарахонов, Исматулло Ҳасанов, рӯзноманигорони ҷавоне аз қабили Носирҷон Маъмурзода, Ҳангомаи Исмат, Махфират Шоимова, Зокири Ҳасан фаъолият мекунанд, ки дар мактаби журналистони варзида обутоб меёбанд. Танҳо дар тӯли чанд соли охир рӯзномаи вилоятии «Хатлон» барои инъикоси саривақтии масоили мубрами ҳаёти вилоят ва ошкорбаёнӣ соҳиби Дипломи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Ҳамчунин кормандони рӯзнома барои саҳми арзанда дар тарғибу ташвиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва ҳадафҳои он – тарбияи насли наврас дар руҳияи инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, ғолиби озмуни ҷумҳуриявии «Фарзанд азиз – одобаш аз вай азизатар» шуданд.

Маъмурияти рӯзнома ба ҷуз диққати асосӣ додан ба фаъолияти рӯзноманигорони худӣ, ба тарбияи мухбирони ҷамоатӣ низ аҳамияти доимӣ медиҳанд. Рӯзнома аз ҳисоби коргарону деҳқонон, омӯзгорон, донишҷӯёну хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ зиёда аз 50 нафар мухбири доимии ҷамоатӣ дорад. Ҳар як баромади таҳлилию танқидии рӯзнома аз доираи назари ҳатто Дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакат берун намемонад. Ин аст, ки бо супориши роҳбарияти Дастгоҳи иҷроияи Президент, рӯзнома ба ҳар як мақолаи танқидии худ сари вақт ҷавоб мегирад. Гузашта аз ин, журналистони рӯзнома мудом аз пайи мақолаҳои таҳлилию танқидии худ мешаванд, то аз натиҷаҳои он огаҳии комил ёбанд.

Вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як журналист дар ҳар давру замон, пеш аз ҳама, воқеъбинона инъикос намудан ва нигоштани ҳаёти ҷомеа аст. Хушбахтона, кормандони рӯзномаи вилоятии «Хатлон» имрӯз ин вазифаро бо сари баланд иҷро карда истодаанд. Итминон бар он дорем, ки рӯзномаи вилоятии «Хатлон» аз ин пас низ солҳои зиёде баҳри пешрафти ҳаёти ҷомеа ва тарбияи ватандӯстии заҳматкашон нақши муҳим хоҳад гузошт.

Асалмо САФАРОВА,
сармуҳаррири рӯзномаи «Хатлон»



САФАРОВ ТОЛИБШО ДАВЛАТОВИЧ

Рӯзноманигор ва нависанда Толибшоҳи Давлат гуруҳи махсуси рӯзноманигории Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро соли 1982 хатм кард. Пас аз хатми мактаби миёна чанд муддат дар истеҳсолот заҳмат кашида, пасон ба хизмати аскарӣ даъват шуд. Баъди адои хизмат ва таҳсил дар идораи рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ба идомаи фаъолияти меҳнатӣ мепардозад. Ҳини фаъолият дар ин рӯзнома очеркаш дар озмуни «Симои ҳамзамонони мо» (1987) байни қаламкашони вилоят беҳтарин ва ғолиб дониста шуд. Соли 1988 ба рӯзномаи ноҳиявии «Байрақи дӯстӣ» ба кор таклиф мешавад. Баъди ба шаҳри Душанбе омадан, дар маркази таҳлилию иттилотии «Сипеҳр», ҳафтаномаҳои «Ҷаҳони паём», «Омӯзгор», маҷаллаи «Масъалаҳои маориф», рӯзномаи «Садои мардум» фаъолияти меҳнатияшро идома медиҳад. Ҳоло дар ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» фаъолият дорад.

Муаллифи повести иҷтимоии «Лонаҳои бетурна» (2004), повестҳои детективии «Ханҷари Чингизхон» (2005), «Абрҳои пармонанд» (2007) мебошад. Айни замон повестҳои «Гуларӯсакон барои сарватмандон», «Турнаҳо дар баҳорон», «Сокинони кишвари сангин», романи «Ҷароҳатҳои пурхун» ва маҷмӯаи новеллаҳоро ба чоп омода намудааст.

БО ЁДИ ВАТАН

Ба хотири хоҳараконе, ки замони ҷанги шаҳрвандии соли 1992 бо ҳар гуна сабаб аз хоки диёр берун мондаанд

Деҳи онҳо назди теппае қарор дорад. Қариб ҳар рӯз болои теппа мебарояд. Ба дуродур, ки сарҳад он ҷост, дида медӯзад. Вале самти нигоҳ якранг аст. Чизеро фарқ намудан душвор. Вале ӯ бо умед нигоҳ мекунад. Дуру дароз. Пасон хона меояд. Шавҳараш Саид ба чунин рафтори ӯ одат кардааст. Фақат гоҳо мазамматаш мекунад ва шӯхиомез мегӯяд:

- Э-эҳ, ҳеҷ не, ки ин феълата партоӣ.

Саид медонист, ки ҳамсараш болои теппа барои дидани ватани он тарафи рӯдмонда - Тоҷикистони азизаш мебарояд. Солҳои зиёд аст, ки ҳаёти якҷоя доранд. Лек ёди Ватан, наздикону пайвандон ҳушу ёдашро чунон рабуда, ки гоҳ ба худ асту гоҳ бе худ. Вуҷудашро пайваста месӯзад. Лек ошкор намесозад. Ҳамаи инро Саид фаҳмида, дарк мекунад. То метавонад, дилбардорӣ мекунад. Лек, ҳамсараш месӯзаду месӯзад. Бо ёди Ватан…

* * *

Шаҳбону қатори ҳамсинфон мактаб мехонд. Хонаю дарашон обод. Болои сар волидон. Ташвишу ғаме надошт. Макони зисташон яке аз навоҳии наздисарҳадии диёр буд.

Мактаб мехонду аз гирдиҳамоиҳои тӯлонии дар пойтахт идомаёфта тавассути радио, ойинаи нилгун ва даҳони мардум огоҳ мегашт. Лек аҳамият намедод. Овораи мактабхонӣ дар олами наврасии хеш ба воя мерасид. Камол меёфт. Соҳаи асосии ноҳия чун дигар навоҳии ҷануби кишвар пахтакорӣ маҳсуб меёфт. Аз ин рӯ, айёми ғунучини ҳосили пахта Шаҳбону чун дигар ҳамсинфон ба деҳқонони хоҷагӣ ёрӣ мерасонд.

Дар пойтахт бошад, гирдиҳамоиҳо доманадор шуд. Акнун гирдиҳамоиҳо дар ду майдон ҷараён дошт. Аз деҳаи зисти Шаҳбону мардони бешумор низ кору борро партофта, озими пойтахт, пойбанди гирдиҳамоиҳо шуданд. Норозигӣ дар ду майдон шиддат гирифта, боиси афзоиши хусумат ва ҳамдигарбадбинӣ мегардид.

Гирдиҳамоиҳо натиҷаи бад ба бор овард. Садои тир баромад. Задухӯрдҳо оғоз ёфтанд. Акси садои мунокишаҳои пойтахт ба маҳалҳо расид. Ҳисси маҳалгароӣ сахт боло гирифт. Бародар ба бародар акнун нигоҳи бад дошт. Байни ноҳияю деҳот сангарҳо пайдо гардиданд. Аз як маҳал ба маҳалли дигар сафар кардан душвор гашт. Одамон беному нишон ғайб мезаданд. Тарсу ҳарос дар дили хурду калон ҷо гирифт. Мардуми одии ба доми фиреби мансабдорону мансабхоҳон афтида сахт пушаймон гашта буд. Лек, инро дер фаҳмид. Хеле дер.

Фасли пойиз ҳукм дошт. Дар саҳроҳои беканор ҳосили бо араќи ҷабин парваридаи марди деҳқон - пахта ночида, талаф меёфт. Деҳқон барои ғунучини ҳосил фурсат надошт. Вай дар ғами ҷони хеш буд.

Аз навоҳии ба макони зисти Шаҳбону ҳамсарҳад хабарҳои мағшуш мерасид. Ҳамаи ин мардумро боз ҳам бесаранҷом мекард. Шаҳбону бо ҳамсолон рӯйи кӯча саргарми бозӣ буд. Дар саргаҳи кӯча саворае пайдо шуда, шитобон асп меронд. Бо овози баланд ким-чиҳо мегуфт.

- Ҳой мардум! Гурезед! Омаданд! - хитоб дошт савора.

Шаҳбону ва ҳамсолонаш боз истода, қафои савораи торафт дартоз дуршаванда ҳайрон нигоҳ доштанд. Ба суханонаш дуруст сарфаҳм нарафтанд. Хитобаҳои савора сокинони деҳро аз ҳавлиҳо берун овард. Ҳама бесаранҷом гуфтаҳои ӯро муҳокима доштанд.

- Дигар чора нест, - ба ҳозирон рӯ оварда гуфт мӯйсафеде. – Макони зистро тарк кардан лозим. Фарзандон, чизу чораи заруриро гирифта, ҳама аз қишлоқ мебароем.

Мардуми ҳайратзада ба ҷунбиш даромад. Шаҳбону

ҳамроҳи ҳамсолонаш ҳамоно ба атрофу атрофиён ҳайрон нигоҳ дошт. Нидои модараш ӯву ҳамроҳонашро ба худ овард:

- Духтарҷон, биё, рафтанамон лозим!

Модар инро гуфта, хона даромад. Ҳамсолонашро низ волидон паси ҳам ба манзил хонданд. Шаҳбону вориди ҳавлӣ шуда, дид, ки падараш баъзе ҷиҳози рӯзгорро ба сабукрави «Москвич» саросемавор бор мекунад. Модараш бошад, рӯйи ҳавлӣ ба додарчаи хурдсолаш либосҳои гарм мепӯшонд.

- Камтар либосҳои гарматро аз хона гирифта, тез ба мошин савор шав, - ӯро дида гуфт модар.

Шаҳбону ба ҳуҷраи хоб даромад. Намедонист чиро ба даст гирад. Овози модараш аз берун ӯро сарсема кард. Як-ду либос ба даст гирифту рӯйи ҳавлӣ баромад. Падар муҳаррики мошинро аллакай ба кор андохта, назди он рост меистод. Модару додараш даруни сабукрав менишастанд. Падар ба Шаҳбону ишора кард, ки тезтар нишинад. Падар каме ба хонаю дар нигоҳ афканд.

- Худо медонад, дигар кай ба ин манзилҳо бармегардем, - гӯён оҳи сарде кашиду ба сабукрав нишаст.

Сабукрав аз ҳавлӣ берун баромад. Дарвоза кушода монду онҳо аз манзил дур шудан гирифтанд. Дар кӯчаи ягонаи деҳ мардум савору пиёда саросемавор манзилҳоро тарк мекард. Савори сабукрав ба роҳи калон баромаданд. Рӯйи роҳ нақлиёт ва одамони зиёд ҳаракат доштанд. Ҳама ҷониби сарҳад мешитобид.

* * *

Паси симхори лаби рӯди Панҷ шамоли сард мевазид. Борон меборид. Борони майдаи бо барф омехта. Хурду калон паси симхори сарҳад ғун шуда буданд. Аз ҳар гӯшаю канори навоҳии водӣ. Мардум дар ҳар гуна ҳолат қарор дошт. Баъзеҳо каппа сохта, қисми дигар болои сар ҳар гуна матои обногузар кашида мезистанд. Як гуруҳ зери ҳавои кушод рӯз паси сар мекарданд. Онҳое, ки бо худ нақлиёт доштанд, до-

хили он барояшон манзил ҳисоб меёфт. Вазъ хеле душвор буд ва хӯрока намерасид.

Паси симхори сарҳад гӯристон пайдо шуда, хеле доман паҳн кард. Аз ҳисоби гурезаҳо. Гурезаҳои диёри хеш.

Ба лаби сарҳад низ овозаи омад-омад расид. Мардуми овора боз ҳам зиёдтар бесаранҷом шуд. Рӯди Панҷро убуркунон ба кишвари ҳамсоя паноҳ мебурд. Молу ҷиҳоз, наклиёти сабукрав ва ҳар гуна ашёи рӯзгор лаби рӯд бесоҳиб мехобид. Мардум акнун танҳо ҷон мераҳонд.

Айёми сардиҳо оби рӯди Панҷ хеле коҳиш ёфта буд. Ин ҳолат убури дарёро қадре осон мекард. Вале дар баъзе қитъаҳо ба сатҳи паст нигоҳ накарда, ҷараёни тез дошт. Сатҳи об аз зону боло, дар баъзе ҷойҳо қариб то миён мерасид.

Ба Шаҳбону ва волидонаш лозим омад, рӯдро маҳз аз чунин ҷойи тезоб убур намоянд. Падар писарчаи хурдсолаш дар бағал пешопеш, аз қафо модар бо Шаҳбону даст ба даст қадам мегузоштанд. Ҳар лаҳза аз рафтан бозистода, падар овоз медод, ки эҳтиёт шаванд. Ҳарчанд начандон дур аз соҳили рӯд ба воя расид, боре ҳам канораш наомад. Ҳоло садои пурхурӯши он ба қалби духтар ҳарос меандохт.

Болои об одами зиёд рӯдро убур дошт. Садои фиғони ваҳшатнок тез-тез ба гӯш мерасид. Ин гувоҳи он буд, ки касе дар об ғарқ шудааст. Дар ин маврид ҳеҷ кас ҷуръат надошт ба ёрӣ шитобад. Мардум дар вартаи марг қарор дошт.

Аз пеш садои «Воҳ!» гуфтани падар ба гӯши Шаҳбону расид. Дид, ки қомати падараш қадре ларзид, ба пеш хам хӯрда, пасон рост шуд. Ҳамин кифоя шуд, додари хурдсолаш аз дастони падар раҳо шавад. Маҷрои тез ӯро дарҳол хеле поён бурд. Танҳо «Оча-а» гуфтани додарашро шуниду халос. Миёни маҷрои об тифл аз назарҳо нопадид гардид. Фоҷиа чунон тез сурат гирифт, ки касе ба он сарфаҳм нарафт. Онро дарк карда натавонист. Зеро ҳар кас дар ғами ҷони хеш буд.

Бо азобе аз об раҳо ёфта, ба соҳил расиданд. Гӯё акнун ба худ омаданд, ки навҳаи модар баланд шуд. Қатори модар Шаҳбону ашк мерехт. Падар ҳам. Соҳили рӯд мотамсаро

гардид. Доду фиғон, навҳаи гурезагони тоҷик дар ғами наздикону пайвандони ғарқшуда ҷигарсӯз буд. Даҳҳо нафарро об бурд. Панҷро мардум «дарёи одамхӯр» номид. Ҳарчанд рӯд ин ҷо гунохе надошт.

* * *

Ба ҷоҳилӣ, нодории хеш нигоҳ накарда, мардуми афғон тоҷиконро хуш қабул кард. То таъсис ёфтани ҷойҳои махсус гурезагони тоҷик дар ҳар куҷо барои хеш макони зист пайдо намуд. Аксар дар деҳот байни мардуми таҳҷо, манзилҳои эшон мезист. Бо аҳли байт.

Шаҳбону бо падару модар дар манзили як марди афғон барои хеш сарпаноҳ ёфтанд. Марди афғон, ки Шараф ном дошт, барояшон ҳуҷрае ҷудо кард. Аммо зиндагӣ барояшон дигар қариб таровате надошт. Ёди манзил, макону диёри хеш қалбҳояшонро месӯзонд. Чун дигар тоҷикони ғарибу бeватан.

Модар ба хотири тифли ғӯрамаргаш аксар вақт ашк мерехт. Падар рӯзҳоро назди мардони ҳамдеҳа кӯтоҳ мекард. Шаҳбону деҳаро сахт пазмон шуд. Айёмеро пеши рӯ меовард, ки бо дугонаҳояш назди ҳавлӣ, рӯйи кӯча бо ҳам саргарми бозӣ мешуданд. Беғамона. Дилаш таҳ мезад.

Созмонҳои гуногуни байналмилалӣ саъй доштанд, тоҷикони гурезаро як ҷо гирд оваранд. То ин ки расондани кӯмак ба онҳо осон гардад. Майдони бағоят васеъ интихоб ва хаймаҳои бешумор доман паҳн кард, дар бошишгоҳи гурезагони тоҷик.

Шаҳбону ҳамроҳи волидон дар хаймае ҷо гирифтанд. Дар бошишгоҳ афроди бегона ва яроқбадаст беибо рафтуомад мекарданд. Ин ҳолат мардуми тоҷики гурезаро дар мулки ғарибӣ ба ташвиш овард. Ҳарос доштанд. Аз боиси аҳли байт. Хусусан, духтарони қадрас. Аз ин ваҷҳ, чанд оила бо ҳам хеш шуданд.

Шарафи афғон падари Шаҳбонуро бародархонд гирифт. Гоҳо ба аёдаташ меомад. Чун аз ташвиши мардуми гуреза

огаҳӣ ёфт, ба падари Шаҳбону таклифи хешӣ кард. Тақдири сарнавишт чунин созгор афтод, ки Шаҳбону арӯси хонадони афғон шавад.

Соле пас бозгашти муҳоҷирин ба диёри хеш оғоз ёфт. Дафъаи охир волидон ба аёдати Шаҳбону рафтанд. Барои видоъ. Наварӯсро ваҳшат фаро гирифт. Акнун дарк намуд, ки дар мулки бегона танҳо мемонад.

* * *

Аз он айём қариб бист сол сипарӣ гардид. Шавҳараш Саид инсони хубест. Ба тиҷорат машғул аст. Дар рӯзгор ҳеҷ камбудӣ надоранд. Соҳиби ду писар ва як духтар шуданд. Писари калонӣ аллакай домоди тайёр. Лек ёди Ватан, наздикону пайвандон чун каҳдуд дарунашро месӯзад.

Саид вазъи ӯро ҳис мекард. Пас, қарор дод, ки илоҷи корро ёбад. Бо чандин ронандаю тоҷирони тоҷикистонӣ вохӯрд. Аз наздикони Шаҳбону, яъне хусуру хушдоманаш пурсон гардид. Ниҳоят нафаронеро вохӯрд, ки аз рӯзгори волидони Шаҳбону воқифанд. Маълум шуд, ки дар диёри хеш зиндагиашон тинҷу осуда аст. Соҳиби чанд фарзанд ҳам шудаанд. Лек дар ин хусус ба Шаҳбону чизе нагуфт. Танҳо фаҳмонд, ки ба суроғи волидони ӯ ба Тоҷикистон хоҳанд рафт. Якҷоя бо фарзандон.

Шаҳбону пас аз шунидани ин хабар тамоман тағйир ёфт. Чеҳрааш шукуфт. Дар бораи зодгоҳ, мардуми он нақлҳои шавқовар мекард, ки ҳатто фарзандон шайдою муштоқи дидани ватани модарӣ гаштанд. Аз он ки модари доимо хомӯшу маҳзун имрӯз чеҳрахандон, булбули гӯё шудааст, ҳайрон буданд.

Шаҳбону аз Саид ҳар лаҳза пурсон мешуд, ки кай ба роҳ мебароянд. Вай бошад, овораи тахт намудани ҳуҷҷатҳои лозима буд. Ниҳоят вақти сафар фаро расид. Шаби пеш аз рафтан Шаҳбону аз шодию ҳаяҷон то рӯз мижа таҳ карда натавонист. Саидро низ ором нагузошт.

- Гӯш кун, - ба ҳамсараш мефаҳмонд Саид бо шеваи дарӣ.

- Пагоҳ ватанат меравем, мефаҳмӣ. Ором бош.

Лек Шаҳбону оромиро гум карда буд. Беист гап мезаду кӯдаквор шодӣ дошт.

- Як кор кунем-чӣ? - гӯё чизе ба хотираш расид, ки рӯйи бистар нишаста, ба идомаи гуфтораш пардохт Шаҳбону.

- Боз чӣ кор будааст? - хоболуд пурсид Саид.

- Аз Тоҷикистон дигар баргашта наоем-чӣ?

- Чи хел намеоӣ? - ҳушёр гашта, чун Шаҳбону болои ҷогаҳ нишаста пурсид ӯ. - Он ҷо ба муҳлати муайян меравем. Муҳлат анҷом ёфт, хоҳу нохоҳ маҷбурем, тарки ватанат кунем. Набошад, ҷазо медиҳанд.

- Он ҷо ватани ман аст, мефаҳмӣ? Чаро маро пеш мекардаанд?

- Шояд туро иҷозат диҳанд, вале ману фарзандонро гумон аст.

- Агар иҷозат шавад, меистӣ?

- Ростӣ гап, намедонам, лекин дар бораи Тоҷикистон ҳарфҳои хуб мезананд. Он ҷо нисбат ба Афғонистон зиндагӣ хеле беҳ будааст.

- Беҳ, ки бошад, ҳамон ҷо мемонем.

- Хайр, агар иҷозат диҳанд…

Қариби саҳар ҳардуро хоб бурд.

* * *

Субҳи дигар фарзандон онҳоро аз хоб бедор намуданд. «Очаамон нияти ватанаш рафтан дораду ҳоло хоб аст», - шӯхиомез мегуфтанд фарзандон. Саросема омодаи сафар шуда, ҳатто субҳона нахӯрд.

Сабукраверо киро намуда, лаби рӯд расиданд. Аз болои пули замонавии навсохт, пойи пиёда рӯдро убур карданд. Ҳама бори сафар бар дӯши фарзандон буд. Онҳо бефарқ ба атроф дида дӯхта, суҳбаткунон роҳ кӯтоҳ доштанд. Саид медид, ки соҳили муқобил ҳар қадар наздик мегашт, авзои ҳамсараш бештар тағйир меёфт. Ҳаяҷонаш меафзуд.

Ҳукми фасли пойиз буд. Фасле, ки Шаҳбонуи наврас

ҳамроҳи волидон, ҳамдеҳагон тарки ватан кард. Дарахтон акнун майли қабои зарди тиллоранг ба бар доштанд.

Дар соҳили муқобил сарҳадбонон ҳуҷҷатҳои эшонро бодиққат меомӯхтанд. Саид бо ҳамсару фарзандон дар гӯшае мунтазир меистод. Тез-тез ба ҳамсараш нигоҳ меафканд. Дид, ки чашмони Шаҳбону пурашку аз рухсораҳояш об шоридан гирифт. Оҳиста ба роҳ даромад. Аз роҳи калони мумфарш поин шуда, даруни замини канори дидбонгоҳи сарҳадчиён даромад. Лаҳзае рост истод. Пасон гӯё саҷда ба ҷо меоварда бошад, ба замин хам шуд. Рӯй ба замин молидан гирифт. Замини зодгоҳу диёри хеш.

Чанд тан аз аскарбачаҳои сарҳадбон ин амали зани қабои афғонӣ пӯшидаро ҳайрон назора доштанд. Хусусан, фарзандон. Гоҳ ба модар, гоҳ ба падар дида медӯхтанд. Танҳо Саид истисно буд. Вай ҳолати руҳии ҳамсарашро хуб ҳис мекард.

Шаҳбону аз замин ҳеҷ нияти сар бардоштан надошт. Пас аз чандин соли тӯлонии ғурбат ниҳоят ба Ватан баргашт. Намедонист, ки чун ӯ бисёр гулдухтарони тоҷик дар ғурбат мондаанд. Қисми бештар бо зӯрӣ. Ӯ баргашт, онҳо не…

Толибшоҳи ДАВЛАТ,
27 июни соли 2013



САФАРХӮҶАЕВ САИДҶАЪФАР

Тахаллуси адабияш Баёзӣ. Соли 1947 таваллуд ёфтаю парвардаи дарёканори Панҷи вилояти Хатлон мебошад. Баёзӣ баъди хатми донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе соли 1970, ба дунёи рӯзноманигорӣ пайваст. То соли 1979 дар рӯзномаи ноҳиявии «Ҳаёти нав»-и ноҳия Панҷ фаъолият намуда, сипас, ба газетаи вилоятии ҳамонвақтаи «Ҳақиқати Қӯрғонтаппа» (ҳозира «Хатлон») ба кор омад. Дар ин рӯзнома то соли 1992 дар вазифаҳои гуногун адои вазифа намуд. Дар ҳамин замина, ба навиштани назму насри бадеӣ даст зада, «Зулол» ном маҷмӯаи шеърҳояшро соли 2001 ва «Найи маҳзун»-ро соли 2013 ба табъ расонид. Ҳикояву ҳаҷвия ва асарҳои саҳнавиаш дар маҷмӯаҳои дастҷамъӣ нашр шудаанд.

Алҳол Баёзӣ мухбири махсуси ҳафтаномаи «Боҷу хироҷ» дар вилояти Хатлон мебошад, ки он нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

ЗАНГ АЗ ҚАБРИСТОН

(Ҳаҷвия)

Бароталӣ миёни коғазҳо ғӯтида, машғули хондани ким-чи хел ҳуҷҷатҳо буд, ки занги телефон баланд-баланд садо дод. Бе он ки Бароталӣ аз коғазҳо чашм канад, даст дароз намуда, гӯшакро бардошт.

- Гӯш мекунам, - хаёлолуд гуфт Бароталӣ ва овози мусоҳибашро шинохта, дар як дам шукуфта рафт, - Э, ин туӣ, Шаҳбоз, саломатиҳо чӣ хел? Шунидам, ки каме нотоб шудӣ. Хостам хабаргирӣ раваму сабил монад, аз серкорӣ дастам ба сархорӣ нарасид. Узр, ҷӯраҷон, ҳазор бор узр. Ҳеҷ гап не, тани гарм бе дард намешавад. Беморӣ дар бадани одам меҳмон. Имрӯз ҳаст, фардо ту дидию ман не. Исто,

ки ҳоло куҷо занг зада истодаӣ? Аз хона ё аз ҷойи кор? Нее, э, шӯхиро мон, ҷӯраҷон. Бо ин корҳо ҳазл намекунанд. Ба ростӣ аз қабристон? Сад атанга-а. Кай ба он ҷо рафтӣ? Ҳамин саҳарӣ?!

Бароталӣ сигор гиронда, гуфтугӯро давом дод, ҳоло ман аз қабристон гӯй. Одамгарӣ ин хел нашудааст, ҷӯраҷон. Охир рафтанӣ, ки будӣ, чаро як даҳон нагуфтӣ-а? Шукр, мо мардем, дар сар тӯппию дар камар миёнбанд дорем. Такудави ҷанозаю гӯруҷӯбатро мекардем. Дӯстон дар ҳамин рӯз ба якдигар даркор нашаванд, кай заруранд? Кори нағз накардӣ, ҷӯраҷон, ки хайрухушро насия монда рафтӣ. Ҳайфи хонаҳои дакаданг, мошину бӯстонсаро, пули молат, ки бесоҳиб монданд.

Лекин, ҷӯраҷон, ту бало! Чӣ хел бало? Дар ҳамон қиёмат ҳам сарҳисоби коратро меёбӣ. Мана, саҳарӣ ба қабристон рафтӣ-а? Бале, саҳарӣ рафтию аллакай телефон гузарондӣ. Худи ба чанд хонаи нави дар зиндагӣ кӯчидагиат барин. Дар як мижа задан! Охир мурдаҳо чандсадсолӣ дар навбатанду ҳеҷ не, ки мисли ветеранҳои ин дунё телефон гузаронда тавонанд. Ту бошӣ, аллакай телефондор.

Исто, ки масъалаи хонаро текис кардӣ? Фаҳмо, нагӯӣ ҳам мешавад. Аз дусар ягон чорбоғи кооперативиро соҳибӣ мекунӣ. Ту, Шоҳбоз, балои осмонӣ, балои осмонӣ! Ғайр аз мошини шахсӣ, албатта, дар ихтиёрат чорчархаи хизматӣ ҳам будагист. Бе ин намешавад. Бозору кочор, сайру саёҳат… Лекин аз ман як насиҳат, ҷӯраҷон. Асло мошини шахсиятро ароба накун. Худат медонӣ, ки аз дасти он савдогарҳо қисмҳои эҳтиётӣ чун нӯшдору ноёфт шудааст. Мошини хизматӣ бошад, бало ба сараш, Худо ягон илоҷашро меёфтагист. Воқеан, мабодо ба мункиру накир ва боз ба ягон дарвозабони биҳишт як чиз-ним чиз лозим шуда монад, шарм накарда, занг задан гир. Хориҷии коғазпечашро ёфта мефиристам. «Фатир дорӣ, хотир дорӣ» гуфтаанд. Бе пора дар ду дунё корат буд намешавад. Ҳоло қоида ҳамин. Ба куҷое, ки наравӣ, аввал ба дастат менигаранд.

Лекин ту ҳам моро фаромӯш накун, ҷӯраҷон. Баъзан аз ҳамон меваҳои биҳиштӣ кам-кам савғо фиристода ист. Худат қимматии бозорҳои моро медонӣ. Кисаи кас на ба нархи себу нок тоб меораду на ба нархи мағзу мавиз. Ҳа, мегӯянд, ки дар он дунё дидан ҳасту хӯрдан не. Ин тавр, ки бошад, ҷон ҷӯраҷон, фиристодани гӯштро ҳам фаромӯш накун. Ҳамин шабу рӯз гӯшти исқотӣ дар мо тухми анқо шуда мондааст…

Алло, алло, Шоҳбозҷон, маро шунида истодаӣ? Хок бар сари ҳамин хел зиндагӣ. Ҳамон се-чор кулча собуну ду-се қуттӣ хокаи ҷомашӯии номзадҳо додагӣ кайҳо тамом шуд. Калӯшҳои занак ҳам аллакай дариданду ҳеҷ не, ки касе аз ҳоламон хабар гирад. Рафи магазинҳо ҳама лесидагӣ. Агар илоҷаш бошад…

Хайр, биё, ҷӯраҷон, ин гапҳоро як тараф монему аз паризодҳо чорто чақ-чақ кунем. Мегӯянд, ки дар он ҷо ҳурони биҳиштӣ чунон бисёр, ки мондан гир. Оё ҳамин рост аст? Албатта, ягон паричеҳраашро аллакай таги чашм ҳам карда мондагистӣ. Ту дар ин кор устухон надорӣ. Ба ростӣ, ки кайф кайфи ту, ҷӯраҷон. Оби Зам-зам, сояи тубо, ҳурони сарвқомат… Мо бошем, дар таги кор мурдем.

Чӣ, чӣ? Ту намурдаӣ? Пас, чӣ хел аз қабристон занг мезанӣ? Ё маро аҳмақ мекунӣ? Масхарабозиро бас кунам? Коргарони идораатонро барои тоза кардани гирду атрофи қабристон баровардед? О, ҳаминро барвақттар гӯӣ намешавад. Ман бошам, гумон кардам, ки ту дар ҳақиқат мурдаӣ!

С. САФАРХӮҶАЕВ
(«Навиди Вахш», 13 майи соли 1990)



СИРОҶОВ МИРЗО

Мирзо Сироҷов соли 1947 дар шаҳраки Ховалинг, дар оилаи савдогар ба дунё омадааст.

Соли 1966, пас аз соҳиби маълумоти олӣ гардидан, ҳаёташро ба кори рӯзноманигорӣ мепайвандад. Солҳои зиёд дар рӯзномаҳои ноҳиявӣ ва вилоятии «Роҳи ленинӣ» кору фаъолият менамуд.

Мирзо дар ҳамаи жанрҳои журналистика қобилияти бесобиқа дошт. Сухани нишонрас, даъваткунанда, руҳбаландкунандаи ин эҷодкор ҳамеша самараи мусбат ба бор меовард.

Соли 2011 қалби аз муҳаббати ба зиндагӣ саршори Мирзо ногаҳон аз тапидан монд.

Ҳоло фарзандони солеҳу ватандӯсти рӯзноманигор бо ҳамсари меҳрубонаш - апаи Шамъигул дар Кӯлоби бостон шамъи хонадони ӯро фурӯзон медоранд.

СОДИҚОВ АБДУЛХОЛИҚ

Соли 1922 зода шудааст.

Дар бораи ҳаёту фаъолияти Абдулхолиқ Содиқов маълумоти кофӣ дастрас нест. Солҳои мадид корманди бахши ӯзбекии рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» буд ва навиштаҳояш муддавом дар саҳифаи ӯзбекии нашрия ба чоп мерасид.

Баъдан А. Содиқовро ба рӯзномаи ҷумҳуриявии «Халқ овози», ки он ҳам ба забони ӯзбекӣ нашр мешуд, ба кор даъват карданд.

Дар бораи мушкилоти доғи ҷомеа менавишт ва қалами қавӣ дошт. То замони маргаш ба кори журналистӣ содиқ монд ва аз эҷод канор нарафт.

Моҳи сентябри соли 1993 дар айни даргириҳо мафқудуласар шуд.

СОЛИЕВ НАМОЗ

4 июни соли 1951 дар хоҷагии ба номи Карл Маркси шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳозира шаҳри Сарбанд, хоҷагии Боҳтуробод, ҷамоати деҳоти Гулистон) дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Соли 1971 ба шуъбаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб дохил шуд. Баъди хатми он (соли 1975) ба мактаби зодгоҳаш ба кор омад. Солҳои 1978-1980 дар рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» (ҳозираи «Хатлон») кор кард. Пас аз он, дубора ба кори омӯзгорӣ ба шаҳри Сарбанд баргашт.

Аз соли 1993 то имрӯз дар мактаби миёнаи №6-и шаҳри Сарбанд омӯзгор аст.

● *БА ОЗМУНИ «ВОЛИДАЙНИ ИФТИХОРИИ СОЛ»*

ОИЛАИ НАМУНАВӢ

Бо иқдоми Раёсати маорифи вилоят барои муайян кардан ва дарёфти волидайни беҳтарини хонандагони муассисаҳои таълимии вилоят тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» озмун эълон шудааст. Дар маводи мазкур дар бораи як оилаи намунавӣ нақл мекунем.

Бо пайроҳаи падар

Ҳоҷӣ Нурулло ва бародаронаш пайваста ба қабристони деҳ рафта, зиёрати гузаштагонро ба ҷо меоранд. Қиблагоҳи бузургворашон низ дар ин қабристон хуфтааст…

Баҳор ҳама ҷоро сабзу хуррам гардонида буд. Гулҳои сурху сафеду зардак ва бойчечаку сабзаҳои навхез ба манзараи табиат ҳусни нав зам мекард. Аз ҳавои тозаву гуворо ва табиати дилкаш тамоми мавҷудоти олам ба худ нерӯи тоза гирифтаанд. Танҳо хуфтагони водии хамӯшон аз ин баҳори

нозанин ва обу ҳавои худодода маҳруманд. Қарзи инсонии мо дар ҳаққи ин хуфтагон хайру саховат ва сухани нек гуфтан аст. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ дар ин маврид фармудааст:

Солҳо бар ту бигзарад, ки гаҳе,
Накунад ёди турбате падарат.
Ту ба ҷойи падар чӣ кардӣ хайр,
Ки ҳамин чашм дорӣ аз писарат.

Бале, на ҳар фарзанд дар зиндагӣ ёди падар мекунад. Ҳоҷӣ Нурулло ва бародаронаш, ки тарбияи хубу рафтори ҷавонмардонаро дар зиндагӣ аз падар омӯхта буданд, мекӯшанд, ки мисли ӯ сарбаланду комрон ва номбардори гузаштагон шаванд.

Падарашон Убайдулло дар зиндагӣ шахси одӣ, ҳалиму меҳрубон буд. Ӯ дар фермаи ширию молӣ механизатор шуда кор мекард, ҳамкоронаш ӯро «марди ҳамакора» мегуфтанд. Зеро ӯ пагоҳӣ аз ҳама пеш ба ҷойи кор ҳозир шуда, ҳама кори фермаро ба сомон мерасонд. Гоҳе аз ҷӯйбор ба ферма об меоварду ба чорво хӯрок медод ва гоҳи дигар зери пойи онҳоро тоза менамуд ва баъзан алафи хушккардаи саҳроро мекашонд. Ба қавле дасташ ба ҳама кор мерасид. Ӯ одати «не», «вақт надорам» ё «наметавонам» гуфтанро надошт. Бо меҳнати ҳалол оиларо мехӯронд ва мепӯшонд, ба дастурхони касе ҳасад намебурд. Фарзандонашро насиҳат мекард, ки дар зиндагӣ ҳеҷ гоҳ луқмаи ҳаромро ба даҳон нагиранд. Ӯ орзу дошт, ки фарзандонаш соҳиби касби хуб шаванду дар ҷомеа сарбаланд бошанд. Зуд-зуд ба мактаб меомад. Аз омӯзгорон хоҳиш мекард, ки дар дониш омӯхтан ба фарзандонаш кӯмак кунанд.

Дар дил нисбати касбазхудкунии фарзандонаш ҳаваси зиёде дошт. Вале тақдир риштаи ҳаёти ӯро аз зиндагӣ канда намуд. Ӯ аз дарди бедармон халосӣ наёфт. Бо вуҷуди ба дарди ҷонхарош гирифтор шуданаш бо дастгирии фарзандонаш хонаи Худоро ҳам зиёрат кард. Вай аз ин олам бе ному нишон нарафт, ба фарзандонаш номи нек гузошт, ҳамаи онҳоро хо-

нонд. Боғ ҳам бунёд кард ва ятимбачаи бекасу кӯеро низ тарбия карда, ба камол расонд.

Боре ӯ ҳангоми ба кор рафтан дар боғи хоҷагӣ писарбачаи тахминан 7-8 солаеро дид, ки зери дарахти зардолу аз хунукии рӯзҳои тирамоҳ ҳалқа зада хоб аст. Убайдулло фикр кард, ки писарбача дар ин саҳарии барвақт, дар зери дарахт аз куҷо пайдо шудааст? Бо ин фикру андеша тракторро дошту рафта писарбачаро бардошта ба оғӯш гирифта, ба хонааш бурд. Ба оилааш таъкид намуд, ки ба ӯ шири гарм диҳанду то омаданаш бегоҳ аз хона берун баромаданӣ намонад. Ҳамон рӯз Убайдулло аз кор ба хона барвақттар омад. Писарбачаро дид, ки бо фарзандонаш машғули бозӣ аст. Ӯ аз писарбачаи бозёфташ хурсанд шуд, зеро дар қатори фарзандонаш боз яктои дигар зам гардид. Дар вақти суҳбат маълум гашт, ки писарбача забони тоҷикиро намедонад ва бо забони русӣ сухан мегӯяд. Номаш Коля будааст, модараш ӯро дар ҳамин ҷо гузошта рафтааст. Ҳоҷӣ Убайдулло ба ӯ Қурбон ном гузошт. Қурбон мактаби миёнаро хатм карда, касби механизаториро аз худ намуд ва дар қатори фарзандони Ҳоҷӣ Убайдулло кору зиндагӣ дорад. Имрӯз фарзандон бо пайроҳаи падари бузургвор қадам мегузоранду мехоҳанд чун ӯ дар зиндагӣ нафърасонӣ мардум бошанд.

Нозон - модари меҳрубон

Холаи Нозон баъди адои намози бомдод ба хонаи наберагон гузашта, кӯрпаи болои онҳоро дуруст карда, ба хонаи чойнӯшӣ гузашт ва интизори омадани писаронаш шуд. Фарзандони холаи Нозон ҳар кадом дар алоҳидагӣ ва мустақил зиндагӣ мекунанд. Лекин одати онҳо ҳамин аст, ки ҳар рӯз субҳонаро ҳамроҳи модар тановул намуда, бо нияти нек аз пайи кор мешаванд.

Ин субҳ чун рӯзҳои дигар фарзандон Нурулло, Нуралӣ, дере нагузашта Сафар, Шариф, Саидмурод, Рустам ва Қурбон пасопеш вориди хона гардида, гирди дастурхони модар нишастанд.

...Имрӯз холаи Нозон қадам ба ҳаштод мегузорад. Дар ҳалқаи фарзандону наберагонаш давлати пирӣ меронад. Ӯ соҳиби 7 писару 5 духтар, 38 набераю 11 абера мебошад. Фарзандонаш ҳама соҳибмаълумот буда, дар касбҳои гуногун кор мекунанд. Дар каму кости рӯзгор дасти якдигарро мегиранд. То ҳол сарварии ин хонадони бузургро холаи Нозон бар дӯш дорад. Тамоми аъзои оила аз ин зани рӯзгордида таҷрибаи зиндагӣ меомӯзанд.

Дасти дуои чунин модарон, баракати ҳар як хонадон мебошад. Орзу мекунем, ки онҳо чун офтоб дар болои сари мо дурахшон бошанд:

Модар, ту ҳамеша як дуо мехонӣ,
Аз меҳр дуои ҷони мо мехонӣ.
Мехонӣ дуо, ки тинҷ бошад олам,
Ту сураи сулҳи босафо мехонӣ.

Масъулияти волидайн

Баробари оғози дарс Ҳоҷӣ Нурулло бо ҳамроҳии муаллим вориди синфхона гардид. Дар синфи нуҳум аз фанни забон ва адабиёти тоҷик машғулият мерафт. Муаллим ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ шогирдаш Абдувалиро ба тахтаи синф баровард. Ӯ дар ҷавоби вазифаи хонагӣ хомӯш монд. Муаллим хост, ки аз Абдувалӣ сабаби ба дарс бе тайёрӣ омаданашро пурсад, аммо ба ҷойи ӯ падараш Ҳоҷӣ Нурулло ба тахтаи синф баромада гуфт: шаби гузашта мушоҳида кардам, ки Абдувалӣ ҳамроҳи бародаронаш ба бозӣ машғул шуда, дарсҳояшро тайёр карда натавонист. Дар ҳузури шумо натиҷаашро фаҳмида гирифтам. Яъне хонандае, ки ба корҳои беҳуда машғул гардид, ӯ аз гирифтани дониш дур мемонад. Дар ин шабу рӯз бояд шумо хонед, дарс тайёр кунед, ба корҳои беҳуда машғул нашавед. Шумо фаромӯш накунед, ки дар ин бора Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба тасвиб расидааст. Дар моддаи 5, қисми 2 гуфта мешавад: «вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ

ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд мебошад».

Аммо дар баробари иҷро нагардидани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, дар боби 5, моддаи 15, қисми 2-и ҳамин қонун низ гуфта мешавад: «Падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии баробар доранд». Аз ин рӯ, аз шумо хоҳиш мекунам, ки аз хислатҳои бад ва зараровар парҳез кунед, обрӯю эътибори падару модарро дар ҷомеа пастназанед. Шумо дар ин шабу рӯз беҳтар аз китоб дигар рафиқи хубе намеёбед. Ҷомии бузургвор гуфтааст:

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.
Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,
Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.

Оилаи Ҳоҷӣ Нурулло дар деҳа оилаи намунавӣ ба шумор меравад. Ӯ дар омӯзиш ва тарбияи дурусти фарзандон кӯшиш мекунад. Узви комиссияи доимӣ оид ба амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои амалӣ кардани ин қонун пайваста ба мактаб омада, барои баланд бардоштани таълиму тарбияи фарзандон, ободонии мактаб, гузаронидани ҳар гуна корҳои ташкилии беруназсинфӣ ба омӯзгорон дасти ёрӣ дароз мекунад. Дар кори ҷалб намудани духтарони қобилиятнок ба мактаб, дур намондани онҳо аз мактаб ва шароити дуруст фароҳам овардан барои дарсазхудкунии шогирдон дар таълиму тарбия бо падару модарон вохӯрӣ ва суҳбатҳо мегузаронад. Мақсади ӯ танҳо гирифтани пеши роҳи ҳаргуна ҷинояткорӣ ва амали бад аз ҷониби ноболиғон мебошад.

Дар таъмир ва таъмини ашёҳои мактабӣ низ Ҳоҷӣ Нурулло ҳиссагузор аст.

Намоз СОЛИЕВ,
омӯзгори мактаби таҳсилоти
миёнаи умумии №6-и шаҳри Сарбанд
(«Хатлон», №21 (2914), аз 30 майи соли 2013)



СОНИЕВ МИСРАЛӢ

25-уми июни соли 1937 дар деҳаи хушманзари Рӯйкаши ноҳияи Шӯрообод (собиқ Даштиҷум) ба дунё омадааст. Соли 1962 баъди хатми факултаи забон, адабиёт ва таърихи Институти омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (ҳозира ба номи С. Айнӣ), дар мактаби деҳаи Калинини ноҳияи Фархор ба ҳайси омӯзгор ба фаъолият оғоз менамояд. Соли 1967 Мисралӣ Сониевро директори мактаби ба номи Некрасови деҳаи Ҷайралии ҳамин ноҳия таъин мекунанд. Солҳои 1974-1977 дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» ба ҳайси мухбир, мудири шуъба ва ҷонишини муҳаррир адои вазифа намудааст. Солҳои 1977-79 шунавандаи мактаби олии партиявӣ, бахши рӯзноманигорӣ буд. Баъди хатми мактаби олии партиявӣ чанд муддат дар ҳукумати шаҳри Кӯлоб адои вазифа намуда, аз нав ба фаъолияти рӯзноманигорӣ мепардозад. Дар рӯзномаҳои вилоятии «Роҳи ленинӣ», «Хатлон», «Кулябская правда» фаъолият намудааст.

Мисралӣ Сониев то дами вопасини ҳаёташ - соли 2007 корманди рӯзномаи ҷамъиятию сиёсии «Кулябская правда» буд.

● *АЗ ПАЙИ БАРОМАДҲОИ ГАЗЕТА*

ДУРӮҒГӮЙ ИЛОҶИ НАҶОТ НЕСТ

Дар комитети партиявии райони Восеъ ба мақолаи танқидии «Газета чаро ба колхоз нарасид?» баҳои принсипиалии партиявӣ надоданд.

Хонандагони газетаро ёдовар мекунем, ки 11 сентябри соли ҷорӣ дар газетаи «Роҳи ленинӣ» мақолаи танқидӣ бо номи «Қиссаи ғарази «Муборизони ҳақиқат» интишор гар-

дида буд. Вале баъди чанд рӯзи рӯйи чоп баромадани мақола ба унвонии редаксия хабар омад, ки 11 сентябр он ба обуначиёни участкаҳои Пахтакор ва Пушёни мобайни колхози ба номи Киров, ки маҳалли танқид ба ҳисоб мерафт (ҷамъи обуначиёни ин маҳал 317 нафаранд), расонда нашуд.

Барои фаҳмидани ҳақиқати ин ҳол муаллифони ин сатрҳо ба районии Восеъ командировка шуда, сабаби ба обуначиён нарасидани газетаро айну дайн карда, 27 сентябр бо сарлавҳаи «Газета чаро ба колхоз нарасид?» мақолаи танқидӣ чоп карданд, ки дар он аз хусуси хунукназарию беэътибории шуъбаи пропаганда ва агитатсияи комитети партиявии район, аз ҷумла котиби комитети партиявии район М. Маҳмадинова, инчунин сардори узели алоқаи район Ғ. Абдураҳмонов, ки гум шудан ва ба обуначиён нарасидани газетаро як чизи муқаррарӣ ҳисоб карда, барои пешгирӣ кардани чунин воқеаи ғайричашмдошт чорае наандешиданд, сухан мерафт.

Редаксия ин мақоларо барои санҷиш ва чораҷӯӣ ба комитети партиявии районии Восеъ фиристода, умедвор буд, ки роҳбарон ва бюрои райком ба ин воқеаи таассуфовару ҷиддӣ баҳои принсипиалии партиявӣ медиҳанд. Вале афсӯс, ки ин тавр нашуд.

Ба қарибӣ ба унвони газета бо имзои котиби якуми комитети партиявии районии Восеъ Ш. Мустафоқулов ба он материали танқидӣ ҷавоб фиристода шуд. Аз ҷавоб маълум гардид, ки мақола на дар комитети партиявии район, балки ба муҳокимаи худи гунаҳкорон вогузор карда шудааст. Аз ҷумла, дар ҷавоби ба редаксия фиристода гуфта мешавад, ки «… маълум шуд, ки коркунони узели алоқа қариб ҳар рӯз аз матбааи шаҳри Кӯлоб кам газета мегиранд. Аз ҷумла 11 сентябри низ 571 дона кам гирифта шудааст.

Маҷлиси кушоди партиявии узели алоқа сардори шуъба Ғаффор Абдураҳмонов, котиби ташкилоти ибтидоии партиявӣ Саломат Ҷӯраева ва сардори агентии «Союзпечат» Сабоҳат Маҷидоваро огоҳонид. Маъмурият бо фармони рақами 28 аз 1 октябри соли 1986 ба мудири шуъбаи тақсимот

М. Қулаев барои муносибати хунукназарона нисбат ба иҷрои вазифаи хизматиаш виговор эълон кард.

Ташкилоти ибтидоии партиявӣ ва маъмурият ҳоло чораҳои конкретӣ андешидаанд, ки камбудиҳои содиршуда такрор нашаванд».

Мо дар ҳамин ҷо аз зикр намудани давоми ҷавоби комитети партиявии район ба редаксия худдорӣ карда, гуфтанием, ки ин ҷавоб мантиқан ба рафти кор дар узели алоқаи район рост намеояд ва редаксияро қаноатбахш накард. Бо мақсади дуруст фаҳмидани натиҷаи ҷавоб мо дубора ба райони Восеъ рафтем ва ба сардори шуъбаи алоқа рафиқ Ғ. Абдураҳмонов бори дигар ҳамсуҳбат шудем. Пеш аз ҳама, нусхаи қарори маҷлиси ташкилоти ибтидоии партиявиро аз вай ва котиби ташкилоти ибтидоии партиявӣ Саломат Ҷӯраева пурсон шудем. Нусхаи қарорро ба мо пешниҳод карданд. Сардори шуъбаи алоқа дар якҷоягӣ бо қарор, инчунин папкаи ҳуҷҷатҳоро, ки иборат аз актҳои бисёри якхела ва баёнот буданд, бо ахбороти хаттии худ, ки ба унвони комитети партиявии район аз рӯзи 29 сентябр фиристода буд, пеши мо гузошт. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳамаи ин «ҳуҷҷатҳо» дар ҷавоби мақолаи танқидӣ тайёр шуда, ба ҷойи он ки дар шуъбаи алоқаи район корро беҳтар ба роҳ монанд, сардори он Ғ. Абдураҳмонов кӯшиш ва исбот карданӣ мешуд, ки фактҳои мақолаи танқидиро нодуруст нишон диҳад ва дар нарасидани газетаи 11 сентябр ба обуначиёни колхози ба номи Киров матбааи вилоятиро айбдор кунад, ҳол он ки дар санҷиши аввала нарасидани газетаи онрӯза ошкор гардида буд. Гап дар ин ки ин ҳодиса бемасъулиятӣ ва фориғболии коркунони узели алоқаи район рӯй дода буд. Ба ин чунин далелҳои раднашаванда шаҳодат медиҳанд: аввалан, ҳамаи актҳои дар папка ҷамъовардаи сардори узели алоқаи район Ғ. Абдураҳмонов баъди 3-4 рӯзи гум шудани газета тартиб дода шуданд; дуюм, ӯ ҳамон рӯз на комитети партиявии район ва на маъмурияти матбааи вилоятию управленияи алоқаи вилоятро аз хусуси нарасидани газета огоҳ накарда буд. Ҳатто

дар нусхаи акте, ки тартиб доданд, муҳри шуъбаи алоқаро аз 12 сентябр гузоштаанд. Инчунин дар ахбороти хаттии Ғ. Абдураҳмонов (аз 16 сентябр ва 29 сентябр) ба унвони комитети партиявии район зикр карда нашудааст, ки аз ин ҳодиса ба управленияи алоқаи вилоят телеграмма додааст ё не. Дар управленияи алоқа бошад, ба мо фақат як телеграммаи ӯро, ки аз нарасидани газетаи «Коммунист Таджикистана» хабар дода будааст, нишон доданд. Дар поёни нусхаи ахбороти вай ҷонишини сардори управленияи алоқаи вилоят М. Зарифов чунин қайд кардааст: (айнан меорем) «Телеграмма ё акт дар бораи нарасидани 317 нусха газетаи «Роҳи ленинӣ» аз узели алоқаи райони Восеъ ба мо нарасида буд».

Воқеан, чӣ ҷойи исбот, ки ба шуъбаи алоқаи райони Восеъ пурра фиристодани газетаи рӯзи 11 сентябрро сардори шуъбаи ба навъҳо ҷудокунии узели алоқаи шаҳри Кӯлоб Ҳасан Ғоибов, справкаи саринженери иттиҳодияи матбааҳои вилоят Х. Худойдодов, ронандаи мошини ГАЗ-51 (рақами давлатиаш 08-35 КОА) тасдиқ мекунанд. Пас, ахбороти хаттии Ғ. Абдураҳмонов ба унвони комитети партиявии районии партия, папкаи баёнот ва актҳои ӯ ҳама қалбакӣ ва бардурӯғанд. Ҳатто зимни суҳбат ва вохӯрии ходимони газета дар ҳузури котиби комитети районии партия рафиқ М. Маҳмадаминова ва ҷонишини мудири шуъбаи пропаганда ва агитатсия рафиқ Хоҷаев, сардори шуъбаи алоқаи район Ғ. Абдураҳмонов рӯирост дурӯғ гуфта, изҳор намуд, ки доир ба нарасидани газетаи «Роҳи ленинӣ» ба управленияи алоқаи вилоят борҳо телеграмма фиристодааст.

Ба ҳамин тариқ, Ғ. Абдураҳмонов аз об хушк баромаданӣ шуда, комитети партиявии район, редаксияи газетаи вилоятӣ ва обуначиёни онро фиреб дода меояд. Ин фиребгарӣ ва дурӯғгӯии вай бошад, бевосита ба осиёби як гуруҳ туҳматчиёне, ки дар газета танқид шуда буданд, об мерезад.

Дар бораи ҳолати ҳозираи кор дар шуъбаи алоқаи район ҳам беҳбудие ба чашм намерасад, ба ибораи дигар, кор беҳ нашуда, бадтар шудааст. Рӯзи 25 октябр мо ба шуъбаи алоқаи

район даромада, ҳамон бетартибии аввалаauthor мушоҳида кардем. Дар ҳама ҷойи шуъбаи ба навъҳо ҷудокунии газетаю журналҳо ва мактубҳо бесарусомонӣ ба назар мерасад, қариб 30 адад журнали адабии «Садои Шарқ» (рақами 7, моҳи июл) аз хотирҳо фаромӯш гардида, ба обуначиён расонда нашудаанд ва зери хоку чанг мехобиданд. Газетаи «Тоҷикистони советӣ» аз 19 октябр то ин рӯз «бесоҳиб» мехобид, ки аз муддати ба хонандагон расонданаш 6 рӯз гузашта буд.

Умуман, тартиби кор дар байни коркунони шуъбаи алоқаи район ба ҳоли худ гузошта шуда, он касеро андаке ҳам бошад, ба ташвиш наоварда истодааст. Аз ин рӯ, ба фикри мо, комитети партиявии районро зарур аст, ки ба ин вазъияти ногувор баҳои принсипиалӣ дода, барои такрор наёфтани чунин камбудиҳо чораҳои судбахш андешад. Сари вақт ба обуначиён расонидани матбуоти даврӣ корест дорои манфиати сиёсӣ.

М. СОНИЕВ, Р. НАЗАРОВ,
мухбирони махсуси газетаи «Роҳи ленинӣ»
(№213 (8448), аз 5 ноябри соли 1986)

СОТИЕВ МУРОД

Соли 1963 дар шаҳри Қӯрғонтеппа зода шудааст. Хатмкардаи шуъбаи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав мебошад. Пас аз хатми донишгоҳ дар солҳои 1987-1988 ҳамчун омӯзгор дар яке аз макотиби ноҳияи Вахш кор кардааст. Солҳои 1988-1990 корманди кумитаи комсомолии ноҳияи Вахш буд. Ба журналистика соли 1991 рӯ оварда, солҳо дар нашрияи «Курган-Тюбинская правда» кор кардааст. Аз соли 2006 ба ҳайси хабарнигори АМИТ «Ховар» дар минтақаи Қӯрғонтеппа фаъолият дорад. Аккосӣ яке аз шуғлҳои писандидааш буда, тӯли чанд сол боз дар нашрияи «Хатлон» ба унвони суратгир заҳмат мекашад. Аз моҳи июли соли 2013 муҳаррири нашрияи вилоятии «Новий Хатлон» мебошад.

«Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», дорандаи Ифтихорномаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (аз соли 1995) аст.





СОҲИБОВ ҒУЛОМ

Ғулом Соҳибов зодаи Хатлонзамин буда, пас аз хатми факултаи физикаю математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чандин сол дар мактаби рақами 8-и ноҳияи Вахш ба ҳайси омӯзгор фаъолият намудааст. Аммо муҳаббаташ ба касби рӯзноманигорӣ боло гирифта, соли 1979 ба идораи рӯзномаи «Вахш»-и ноҳияи Вахш ба кор омадааст. Пас аз чанде ӯро ба идораи рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» даъват намуданд. Бо нашри маолиби таҳлилию интиқодиаш шуҳрат пайдо кардааст.

Ғулом Соҳибов аз соли 2005-ум то соли 2011-ум дар рӯзномаи шаҳрии «Набзи Қӯрғонтеппа» ба сифати сармуҳаррир фаъолият намуда, дар ҷодаи тарбияи рӯзноманигорони ҷавон низ саҳми босазо гузоштааст.

Узви ИЖТ, барандаи чандин ҷоизаи журналистӣ мебошад.

Ғулом Соҳибов соли 2011 бар асари бемории тӯлонӣ реҳлат кард.

ДИЛБОХТАИ КАСБ

Ёде аз устод Ғулом Соҳибов

Ин марди фидоии Ватан солҳои тӯлонӣ дар матбуоти кишвар фаъолияти назаррас намуд. Ӯ аз хурдӣ ба навиштани ҳикояву мақола шавқу ҳаваси беандоза дошт. Ғулом Соҳибов айёми наврасиашро ба ёд оварда, мегӯяд: «Вақти таҳсил дар мактаби миёна мақолаҳои хурд менавиштам ва ба рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» мефиристодам. Шумораи навбатии ин рӯзномаро бесаброна интизорӣ кашида, бо дидани мақолаи худ дар саҳифаи рӯзнома хеле хурсанд мешудам. Чун ба навиштан шавқу рағбати зиёд доштам,

аз хурдсолӣ мехостам рӯзноманигор шавам. Аммо он замон ками дар кам хоҳиш ба назар гирифта мешуд. Бештар эҳтиёҷоти соҳаҳоро ба эътибор гирифта, ҳукуматдорон дар якҷоягӣ бо роҳбарияти шуъбаҳои маориф хоҳишмандонро ба донишгоҳҳо мефиристоданд. Ман низ маҷбур будам, ки бо тавсияи роҳбарияти мактаби хатмкардаам ва шуъбаи маориф ихтисоси омӯзгори фанни физика ва математика шуданро ихтиёр намоям. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шомил гардидаму ин мактаби олиро бо ихтисоси зикршуда хатм кардам. Фаъолияти кориамро дар мактаби миёнаи рақами 8-и ноҳияи Вахш оғоз бахшидам. Дар ин муассисаи таълимӣ то соли 1979 ба сифати омӯзгори фанни физика-математика кор кардаам. Дар ин фосила низ бо рӯзномаи ноҳиявии онвақтаи «Вахш» ҳамкории хеле зич доштам».

Меҳри рӯзноманигорӣ дар дили ҷавони Ғулом Соҳибов туғён мезад. Шояд ҳамин муҳаббат буд, ки ӯ соли 1979 ба рӯзномаи ноҳиявии «Вахш» ба кор омад. Фурсате дар ин рӯзнома фаъолият намуда, баъдан ба рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» даъват шуд.

- Талаботи корӣ дар рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» хеле ҷиддӣ буд, - ба ёд меорад Ғулом Соҳибов. - Таҳлилу танқиди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, инъикоси воқеъбинонаи рӯйдоду воқеаҳо, тарғибу ташвиқи қонуният, тасвири зиндагии мардум вазифаи ҷонии рӯзноманигорон буд.

Ғулом Соҳибов ҳамчун рӯзноманигори пурмаҳсул ҳамеша саъю кӯшиш менамуд, ки проблемаҳои рӯзмарраро ба қалами тасвир кашад. Инро метавон аз бойгонии устод Ғулом Соҳибов баръало мушоҳида кард. Таҳти рубрикаҳои «Аз пайи мактуб» (доир ба арзу шикояти шаҳрвандон), «Дӯкони спортлото ё макони қиморбозҳо» (оид ба ғайримақсаднок истифода шудани толори варзишӣ), «Хосияти наъли асп», «Гап байни худамон» (дар хусуси баъзе кормандони БДА-и онвақта, ки ба ришвагирӣ машғул буданд), «Эй нафс, балои

ҷон шудастӣ…» (фелйетон оид ба роҳбарони порахӯри баъзе совхозу колхозҳо), «Молҳои камёфт» (онҳоро киҳо мехаранд?) «Ба ҷойи собун – лабсурхкунак» (дар мавриди камчинии баъзе молу маҳсулоти камёфт ва ба таври ҷӯрабозӣ савдо шудани онҳо), «Як рӯзи сарди зимистон» (доир ба омода набудани маркази вилоят ба фасли зимистон) ва як зумра рӯйдоду воқеаҳои дигари замони худро моҳирона ба қалам додааст.

Устод бо сухани созандаи худ, ҳақиқатнигорӣ, воқеъбинона баҳо додан, ҳақиқатро ҷустану адолатро пойдор сохтанҳо мушкили садҳо нафар ҳамзамонони худро осон намуда, чун рӯзноманигори асил байни ҷомеа обрӯву эътибори хоса пайдо намудааст. Як лаҳзаи фаъолияташро дар рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ёд оварда, мегӯяд: «Он вақт эҳтиром нисбат ба ҳомиёни ҳуқуқу тартибот аз имрӯз дида зиёдтар буд. Гӯё, ки агар кас корманди мақомоти қудратӣ бошад, хато содир намекунад ва на ҳар кас ҷуръат мекард, ки кормандони ин мақомотро таҳлил ва ё танқид кунад. Аммо чунин шуд, ки ба суроғаи рӯзнома аз болои корманди ин мақомот мактуби шикоятӣ омад. Таҳлили мактуб ба зиммаи банда гузошта шуд.

Воқеа чунин буд: Айёми пахтачинӣ. Баъзе роҳбарони колхозу совхозҳо бо мақсади сарфаи сӯзишворӣ дар як трактор то 3 адад тележкаи пурборро пайваст мекарданд, ки ин рафтори эшон ғайриқонунӣ ҳисоб мешавад. Чунин трактор ба садама дучор меояд. Ронанда бедарак мемонад, ки тележкаи 3-юми дар трактор пайвастшуда ба мотосикли сечарха бархӯрда, самада ба миён меояд. Дар натиҷа, зане, ки дар ин мототсикл қарор дошт, бо ҷароҳати вазнин ба беморхона меафтад ва муддати шаш моҳ бистарӣ мешавад. Аммо кормандони мақомоти милитсияи онвақта ҳодисаро сар-сарӣ тафтиш намуда, мототсиклро барои санҷиши ҳолати техникӣ ба милисахона меоранд. Аз байн шаш моҳ мегузарад. Зан аз шифохона баргашта, суроғи мототсикл ба милисахона меояд. Аммо аз мототсикли нав ба ҷуз сӯроб чизе боқӣ намонда-

аст. Ҳама қисмҳои мототсикл аз ҷониби таҳлилгарон ба яғмо бурда шудааст. Ин ҳолатро дида, зан аз болои кормандони мақомот мактуби шикоятӣ менависаду ҳақиқатро талаб мекунад…»

Ғулом Соҳибов бо намояндагони прокуратура дар ин самт таҳлили амиқ мебараду дар баробари таҳлили мактуби шикоятӣ боз чанд гуноҳи дигари кормандони милитсияро ошкор месозад. Ҳақ ба ҳақдор мерасад ва гунаҳкорон ҷазо мебинанд. Маҳз ҳамин гуна ҷасорат, ҷуръат, адолатпарвар будан, ҳақиқатро нигоштан устод Ғулом Соҳибовро ба қуллаҳои баланди касбӣ расонидааст.

Кори неку номи неки ӯ дар дилу дидаҳо абадӣ мемонад.

СТЕЧЕНТСЕВ ВЛАДИМИР

В. Стечентсев дар суратгирхонае, дар шафати боғи истироҳатию мадании шаҳри Қӯрғонтеппа, адои вазифа мекард.

Солҳои 80-уми асри гузашта дар рӯзномаи шаҳрии «Коммунисти Қӯрғонтеппа» ва баъдан дар рӯзномаҳои вилоять суратҳояш чоп мешуданд. Дере нагузашта чун фотомухбири ТоҷикТА маъруф гашт. Дар нашрияҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ суратҳои пурмазмунаш бо имзои «В. Стечентсев. Таджикистан – ТАСС» чоп шудаанд.

Яке аз шогирдони В. Стеченстев Абдурашид Ҳомидов, ки солҳои тӯлонӣ дар рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» фаъолият намуда буд, низ то ба дараҷаи мухбири ТАСС сабзид.

НАМУНАҲОИ КОРИ В. СТЕЧЕНТСЕВ

Посадка герани с помощью болгарской сельскохозяйственной машины СКНБ-4 на поле Кумсангирского совхоза-завода Герань. На переднем плане - цветовод А.Сайрехманова 1968 г.

Қумсангир, соли 1968

Колонна машин совхоза Ильич, доставивших зерно в Курган-Тюбе (1965)

соли 1974

Ошхонаи пирони бекасу танҳо

СУЛТОНОВ БӮРӢ

18 ноябри соли 1940 дар деҳаи Қалъаи Золи Зари ноҳияи Колхозобод дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст.

Дар 3-солагӣ аз падар маҳрум монда, дар синни 7 ӯро барои таҳсил ба парваришгоҳи шаҳри Қӯрғонтеппа супориданд. Пас аз адои хизмати сарбозӣ, соли 1964 дар мактаби №33-и ноҳияи Қӯрғонтеппа ба ҳайси муаллим ба кор шурӯъ мекунад.

Моҳи августи соли 1971 ба идораи рӯзномаи шаҳрии «Коммунисти Қӯрғонтеппа» ба унвони мухбири суратгир ба кор даъват мешавад. Соли 1974 факултаи забону адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлобро хатм кард.

Бо таъсис ёфтани рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» охирҳои соли 1978 Бӯрӣ Султонов ба ин ҷо ба кор мегузарад ва то соли 1980 фаъолият мекунад. Баъдан як сол дар нашрияи «Байраќи коммунизм»-и ноҳияи Коммунистӣ (ҳозира Бохтар) ва 2 сол дар рӯзномаи «Курган-Тюбинская правда» ба ҳайси мухбири суратгир ифои вазифа мекунад.

Нашрияҳои «Байраќи дӯстӣ», «Ҳақиқати Хатлон», «Элчӣ» ҷойҳои минбаъдаи кори Бӯрӣ Султонов ба ҳайси мусаҳҳеҳ ва хабарнигор буд.

Аз соли 1999 то замони маргаш раиси созмони хатлонии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон буд.

Соли 2011 Бӯрӣ Султонов бар асари бемории тӯлонӣ дар шаҳри Сарбанд аз дунё даргузашт.



СУЛТОНОВ ДАВЛАТ

6 июли соли 1953 дар ноҳияи Имрӯзаи Бохтари вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Соли 1975 бахши журналистикаи факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ДМТ)-ро хатм намудааст. Фаъолияти рӯзноманигориаш соли 1975 ба сифати мухбири рӯзномаи шаҳрии «Коммунисти Қӯрғонтеппа» оғоз ёфтааст. Солҳои 1976-1977 мухбири калон, 1977-1978 котиби масъули ҳамин рӯзнома буд. Соли 1979 рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» таъсис ёфт ва Давлат Султон ба сифати мухбир ба кор қабул шуд. Баъдан, дар ин рӯзнома ҳамчун мухбири калон (1981-1983), мудири шуъба (1983-1988), муовини сармуҳаррир (1988-2000) фаъолият дошт. Аз моҳи июли соли 2000-ум инҷониб хабарнигори махсуси рӯзномаи «Садои мардум» дар вилояти Хатлон шуда кор карда истодааст.

Давлат Султон муаллифи маҷмӯаҳои «Падидаҳои айёми бозсозӣ», «Гард дар миҷгон» ва «Гулҳои зиндагӣ» мебошад. Узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

БА ҚАЛАМКАШИ РӮЗНОМАИ «ХАТЛОН»

Рӯзномае чу «Хатлон», то рӯи чоп бинад,
Ҳар як қаламкаши он ранҷу азоб бинад.
Аз баҳри халқу кишвар эҷод менамояд,
Дар ҳифзи он қаламро шамшод менамояд.

Ҳар як қаламкаши он фарзанди халқи хеш аст,
Бо тору пуди халқаш пайванд чун ширеш аст.
Аз хештаншиносӣ, аз миллату зи кишвар,
Ифшои ҳарф кардан ӯро мароми беш аст.

Давлати СУЛТОН

● *УНВОНИ ОЛӢ МУБОРАК!*

КАШФИ СИТОРА

(Очерк)

Ҳушу ёди мӯйсафед ба бемории писараш банд буд. Барои ҳамин ҳам пойи пиёда ва дили озурда ба роҳ баромад. Ҳарчи тезтар писараш, банди дилу ҷигарашро, ки дар бемохона афтидааст, дидан мехост. Синну соли ба як ҷо расидааш ҳам садди роҳ шуда наметавонист. Роҳи секилометраро пойи пиёда тай кардан хост. Ҳамин вақт мошини раис дар наздаш қарор гирифт. Чеҳраи офтобхӯрдаи акаи Талбак аз кабинаи мошин намоён шуд. Ба пешвози бобои Нишон, ба хотири мӯйи сафеди ӯ аз мошин фаромад. Баъди аҳволпурсӣ ӯро ба паҳлӯи худ шинонд. Раис барои иҷрои кори муҳими хоҷагӣ ба район мерафт. Вале аз раъйаш гашт. Ҳамроҳи мӯйсафеди ба обу арақ таршуда ҷониби беморхонаи колхоз роҳ гирифт.

Одати раис ҳамин аст. Мӯйсафедонро дар роҳ бинад, албатта ба манзил мерасонад. Хабари бемориӣ ва ё ягон дарду ғами ба сари колхозчиён расидаро шунавад, ҳамон лаҳза ба дилбардорӣ меравад. Ба дарди мардум шарик мешавад. Мадад мекунад. Илоҷи дарди ҳамдиёрон меҷӯяд.

Раис ба идораи колхоз телефон кард. Сарагроном Абдумуъмин Баротовро ёфта, ба район, аз пайи кори хоҷагӣ фиристод. Худ дар паҳлӯи мӯйсафед монд. Сутуни дилу мадори бозувони ӯ гардид. Мӯйсафед ин лаҳза аз зиқӣ чӣ кор карданашро намедонист. Вале ҳар гоҳ, ки дар паҳлӯи худ раисро медид, руҳаш бардошта мешуд, ба баданаш қувваю мадор медамид. Шикастагии дилашро каме фаромӯш мекард.

...Пас аз соати муборизаи табибон бо марг ҷигарбанди мӯйсафед ба ҳуш омад. Ба рӯйи рангпаридааш сурхӣ дамид. Бобои Нишону раис нафаси осуда кашиданд. Боз як муборизаи шадиди ҳаёту мамот ба фоидаи зиндагӣ ҳал шуд.

Мошини раис аз байни кӯчаҳои ободу зебо дар гузар аст. Пардаи хаёлоти ӯро насими форами аз ҷониби Туюнтоғ ба вазиш даромада дарронд. Ӯ насими анбарафшони баҳорӣ,

ҳарорати офтоби баъди хунукиҳои тӯлониро дӯст медорад. Имрӯз, хушбахтона, баъди интизориҳои зиёд офтоб аз паси абри сиёҳ рух нишон дод. Ба болои ин насими дӯстдоштааш ба вазиш даромадааст. Талбак-ака тирезаи мошинро бештар кушод. Боди баҳор, бӯйи хуши гулҳои дарахтони қад-қади роҳ кабинаро муаттар гардонд. Бо ишораи ӯ мошин дар назди яке аз хонаҳои навбунёд қарор гирифт. Ронанда бе ишораи раис ҳам, албатта, манъ мекард. Зеро то ҳол аз назди ин хонадон даргузар шуда, кампири Ҳоҷигулро зиёрат накарда гузашта рафтани раисро ба хотир надорад. Кампир солҳост, ки дар ин ҳавлӣ зиндагӣ мекунад. Айёми ҷавонӣ хубиҳои умрашро пайи кори колхоз гузаронд. Акнун солаш ба ҷое расидааст. Нафақаи хуб мегирад. Давлати пирӣ меронад. Аз ҷиҳати хӯрду хӯрок ва пӯшок камбудие надорад. Вале дили холӣ дорад. Сутуни хона - фарзандаш нест. Танҳоӣ гоҳ-гоҳ озурдааш месозад. Дар ҳамин мавридҳо гӯё аз дарди дилаш бохабар шуда, раис дарашро мекушояд. Чанд муддат дар ҳузураш нишаста, ғубори хотирашро мебарорад. Талбак-ака агар ба тӯю маъракаи сокинони ин қишлоқ равад, пеш аз ҳама мепурсад, ки модархонди ӯ- кампири Ҳоҷигулро овардаанд ё не? Чанде пеш колхоз барои кампири Ҳоҷигул хонаи нав сохт. Ин панҷсадумин хонаи типи нави колхоз буд, ки дар солҳои раисии Талбак-ака ва бо ташаббусу ёрии бевоситаи ӯ бунёд гардидааст.

Ин дафъа ҳам суҳбати онҳо гарму самимӣ, суҳбати модару писар гардид. Раис ба нею нестони модархондаш нигоҳ накарда, куртавории аз Тошкент ба номи ӯ овардаашро ҳадя кард. Талбак-ака чандин сол боз депутати Совети Олии СССР аст. Пайи иҷрои вазифаи масъули хеш соле ду бор ба Москва, ба Сессияи Совети Олӣ меравад. Дар бозгашт ба модархондаш, албатта, туҳфае мегирад. Гоҳе барои фарзандони худ ҳадя гирифтанро фаромӯш мекунад. Вале ҳеҷ гоҳ, ҳаргиз кампири модархондашро аз ёд набаровардааст.

Корвони умри кӯтоҳи инсонӣ бо роҳҳои пасту баланд, қуллаю пастхамиҳои зиёде даргузар аст. Хушбахттарин ин-

сон ҳамон касест, ки аз файзи қадами неки ӯ дунё обод, тавассути меҳнати ҳалолу ақлу заковату кордониаш дили мардум шод аст. Талбак-ака аз ҷумлаи ҳамин шахсон аст. Боре ба сари пахтазори колхоз офат афтод. Тундбоде аз ҷониби Туюнтоғ сахт ба вазиш даромад. Муддате пас хоку чанги дашти Бешкент ҳам ба осмон хест. Бод ба тӯфон мубаддал шуд. Раис дар ин мавридҳо дар куҷо шудани худро пешакӣ медонад. Дар хати роҳи ҳаракати шамол - пахтазори бригадаи Қудрат Ҷӯрабоев. Шамоли сахт бештар қитъаҳои обгирифтаро зарар мерасонад. Раис рӯзона замини даҳгектараи бригадаро дар об дида хурсанд шуда буд. Ҳозир бошад, бо табъи хира ба ҳамон сӯ равон аст. Деҳқонон бо роҳбарии саркор аллакай дар сари пахтазор буданд. Саросемавор оби ҷӯякҳоро мехушконданд. Вале ин тадбир ҳанӯз ниҳолҳоро аз хавфи нобудшавӣ намераҳонд. Чораи дигаре бояд ҷуст. Вале чӣ тавр?

Тундбоди қаҳролуд ба сари ниҳолҳои арӯсакшуда мушти аҷал мекӯфт. Пеши чашми раис ниҳолҳо мешикастанд. Решакан мешуданд. Талбак-ака аз ин ҳолат гӯшти бадан кам мекард. Вале илоҷе намеёфт. Назди ҳар як ниҳол, байни обу лой сар хам карда, онҳоро рост карданӣ мешуд. Вале муддате пас пахтаҳо боз ба замин яксон мешуданд. Дар сари қитъа, бари ҷӯйи обгузар, дуртар аз ҷойи исти онҳо шохаҳои якчанд ниҳоли тут аз зарби шамоли сахт «нола» мекарданд. Раис ба он тараф нигоҳ кард. Андешаеро аз дил гузаронд. Ҷониби дарахтони тут равон шуд. Пахтаҳои рости тутзор аз таъсири шамол камтар зарар дида буданд.

Ҳамон шаб шамол ниҳолҳои зиёдеро хоку туроб кард. Рӯзи дигар лозим омад, ки ба ҷойи пахтаҳои «захмдор» дастӣ чигит шинонанд. Коркарду парваришро аз сари нав оғоз намуд.

Фикри Талбак-ака дар бораи дар хати роҳи шамолгузар барпо намудани ҷангалзор саросари район дастгирӣ пайдо кард. Бо ин мақсад бештар шӯразаминҳо, қад-қади роҳҳои мошингузарро истифода бурданд. Деҳқонони бригадаи

Қудрат Ҷӯрабоев ҳамон сол планро иҷро карда бошанд ҳам, ҳосили баланд гирифта натавонистанд. Тундбоди нафасгардон кори худро карда буд. Соли гузашта бошад, ҳамин бригада аз ҳар як гектар 48-сентнерӣ хирмани зар бардошт. Қитъаи даҳгектара 50-сентнерӣ ҳосил дод. Ҷангалзори бо маслиҳати раис дар шӯразамин, хати роҳи шамолгузар барпонамудаи деҳқонони бригада ба ин сабаб шуд. Ҷамъи пахтаи бо араққи ҷабини деҳқонони хоҷагӣ ғундошта бошад, 5 ҳазору 700 тоннаро ташкил медод.

Талбак-ака таҷрибаи 43-солаи корӣ дорад. Аз ин 35 солашро сарфи хизмати деҳқонони колхози ба номи Ломоносов кардааст. Ҳаждаҳ сол қабл, вақте ки колхозчиён ӯро сарвари худ интихоб намудан, хоҷагӣ ниҳоят камбағал буд. Солҳои сол планҳои давлатӣ аз рӯйи ҳамаи намудҳои маҳсулот иҷро намешуданд. Пайи ҳам чанд бор иваз шудани роҳбарони хоҷагӣ ҳам фоидае, дигаргуние набахшид. Соли 1963 раиси правленияи колхоз интихоб шудани Талбак-ака Садриддинов баъзеҳоро ба гирдоби шубҳаю нобоварӣ афканд. Ҳамин қадар мутахассисон - агроному иқтисодчиву зоотехниҳо колхозро аз қафомонӣ набароварданд. Муаллими ҳатто маълумоти олӣ надошта ин корро карда метавонад магар? – мегуфтанд онҳо. Таънаю пичингҳоро Талбак-ака бисёр вақт бо гӯши худ мешунид, вале тан намедод. Кӯшиш мекард сазовори боварии аксари ҳамдиёрон гардад. Боварӣ карда, сарвари худ интихоб намудани колхозчиён ӯро ба масъулияту ташаббускорӣ, ҷуста ёфтани тадбирҳои аз қафомонӣ баровардани колхоз водор месохт. Худ таҷрибаи бойи деҳқонӣ дошт, вале ба ин қаноат намекард. Аз деҳқонони куҳансол - пирони рӯзгор бештар маслиҳат мепурсид. Мутахассисони болаёқатро дар атрофи худ ҷамъ кард. Ба ҳар як маслиҳати нек гӯш медод. Ҳар як тадбиру ташаббуси хубу шоистаро тарафдорӣ мекард.

Кордонию дилёбӣ ва қувваю маҳорати роҳбарӣ самар бахшид. Хоҷагӣ аз қафомонӣ баромад. Рӯ ба тараққӣ ниҳод. Соли 1963 колхоз аз ҳар гектар 24,4-сентнерӣ пахта гирифт.

Соли гузашта бошад, ин рақам аз 39-сентнерӣ ҳам гузашт. Соли 1963 колхоз аз ҳар як сар гов 584-килограммӣ шир гирифт. Вазни зиндаи чорво 150-килограммиро ташкил дод. Порсол бошад, ширҷӯшӣ аз ҳар сар гов ба 3267-килограммӣ расид. Вазни зиндаи чорвои ба гӯшт месупурдагӣ 500-килограммиро ташкил дод. Ҳаждаҳ сол қабл даромади умумии колхоз 1 миллиону 715 ҳазор сӯм буд. Порсол хоҷагӣ 6 миллиону 390 ҳазор сӯм даромад карда, ба ҳар як рӯзи меҳнати деҳқонон 8 сӯму 28-тинӣ тақсим намуд. Хоҷагӣ ҳозир ягон соҳаи қафомонда надорад. Плани панҷсоларо аз рӯи ҳамаи намудҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ пурраю барзиёд иҷро кард. Қариб ҳамаи колхозчиён соҳиби хонаҳои типи нав гардиданд. Бисёр объектҳои маданию маишӣ ва маърифатӣ бунёд шуданд. Дар панҷсолаи гузашта колхоз барои ободонӣ қариб 5 миллион сӯм сарф намуд. Пайи ҳам чор бор ғолиби мусобиқаи сотсиалистии умумииттифоқӣ дониста, бо Байрақи Сурхи сайёри КМ КПСС, Совети Вазирони СССР, ВСПС ва КМ ВЛКСМ мукофонида шудани колхоз гувоҳи меҳнати ҳалолу маҳорату кордонии аҳли колхоз ва роҳбарони он аст.

Хушхабари соҳиби унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, ситораи тилло ва чорумин ордени Ленин гардидани Талбак-ака дар саросари колхоз базудӣ паҳн гардид. Хурду калон, пиру барнои хоҷагӣ ба чунин қадршиносии баланди партияю ҳукумат сазовор гардидани раисро баҳои ҳақиқии меҳнати босамару босуботи ӯ медонанд. Шоданд. Аз қаҳрамони худ ифтихор мекунанд. Мавҷи таҳнияту табрикҳо гӯё интиҳо надорад. Аз гӯшаю канорҳои гуногуни республика ва берун аз он телеграммаҳои табрикӣ меоянд. Телефон беист занг мезанад. Шуъбаи алоқаи район дар давоми ду рӯз ба унвони Талбак-ака телеграммаҳои зиёд гирифт. Ҳамон миқдор, ки дар давоми ду моҳ мегирад.

Дар байни табрикномаҳои зиёд раис телеграммаи Зоҳир ном шахсро дида бештар хушнуд шуд. Сабаб пурсидем. Вале чизе нагуфт. Сарзоотехники хоҷагӣ Нусрат Шашаев

ҳайронии моро пай бурда, шарҳи ҳол кард. Зоҳир аз хурдӣ ятиму бекас монд. Раис ӯро қатори ҳашт нафар фарзанди худ тарбия кард. Хононд. Ба воя расонд. Техникумро хатм кард. Ҳоло хизмати Ватанро ба ҷо оварда истодааст. Сабаби хурсандии раис ҳамин аст, ки писархондаш камол ёфтааст. Посбонии халқу Ватан мекунад.

...Раис имшаб ҳам дер аз идора баромад. Чун одати муқаррарӣ ба осмон нигарист. Баъди қавоқгирониҳои чандиншаба ҳоло чеҳраи осмон кушода буд. Ситораҳо худнамоӣ мекарданд. Онҳо дар замин кашф гардидани боз як ситораи нав - ситораи тиллоии Талбак-ака Садриддиновро гӯё бо хушнудию чашмакзанӣ истиқбол менамуданд.

Давлат СУЛТОНОВ, райони Шаҳритус
(«Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», 5 марти соли 1981)

Аз муаллиф: Иншои ин очерк таърихи аҷиб дорад. Ҳангоме ки Талбак Садриддинов барои заҳматҳои шоистааш унвони олии Қаҳрамони меҳнати сотсиалистиро сазовор гардид, сармуҳарири ҳамонвақтаи рӯзномаи вилоятӣ Муқимҷон Абдураҳмонов маро ба дафтари кории худ даъват намуданд. Супориш доданд, ки таъҷилан ба хоҷагии ба номи Ломоносови ноҳияи Шаҳритус, ки аз шаҳри Қӯрғонтеппа дар масофаи қариб 150 километр дурӣ қарор дошт, сафар мекунед. Барои шумораи навбатӣ як маводи хонданбоб омода месозед. Ҳамчунин боз таъкид намуданд, ки кӯшиш намоед нисбати дигар рӯзномаҳо дар бораи ин қаҳрамон рӯзномаи мо пештар мавод ба нашр расонад. Рӯз бегоҳ мешуд. Ман хостам рӯзи дигар ба сафар бароям. Вале сармуҳаррир гуфтанд, ки пагоҳ дер мешавад. Ҳамин рӯз, балки ҳозир ба сафар бароед. Тариқи автобуси мусофиркаш ба маркази ноҳияи Шаҳритус расидам. Аз он ҷо то ба хоҷагӣ ба воситаи мошини колхозӣ. Мардуми зиёде барои табрики қаҳрамон дар хонадони ӯ ҷамъ омада буданд. Муяссар нашуд дар он лаҳзаҳо бо қаҳрамон суҳбати тӯлонӣ ба анҷом расонам. Зеро нафарони зиёде ба-

рои табрику муборакбодиаш меомаданд. Вале, хушбахтона, суҳбат бо ҳамсолону ҳамдеҳагон ва ҳамкасбонаш барои дастрасии маводи зарурӣ кӯмак намуд. Сипас, аз соҳиби хона илтимос намудам, ки бароям ҷойи алоҳидае муҳайё созад, то маҳсули эҷодамро болои коғаз оварам. Шаб нахуфтам. Маводи заруриро барои шумораи навбатии рӯзнома навиштам, бо номи «Кашфи ситора». Субҳгоҳӣ сафари бозгашт намудам. Бо чашмони аз бехобӣ сурх мувофиқи ваъда маводро ба дасти сармуҳарир расонидам. Дар шумораи навбатӣ дарҷ гардид. Воқеан ҳам мо аввалин шуда дар бораи ин қаҳрамони заҳмат мавод ба нашр расонидем. Талаботи рақобати эҷодӣ ҳамин гуна буд. Дигар рӯзномаҳо дертар ин корро ба сомон расониданд.

Имрӯз, хушбахтона, қаҳрамони очерки мо бобои Талбак Садриддинов дар қайди ҳаёт буда, ба синни муборакi 93-солагӣ расидаанд. Хизматҳояш дар назди халқу Ватан хеле зиёданд. Ӯ аз ҷумлаи нафаронест, ки дар ҳайати комиссияи ҳукуматӣ ба давлати Афғонистон сафар намуда, барои ба Ватан баргашта овардани гурезаҳои тоҷик ва густариши ваҳдати миллӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Давоми фаъолияти роҳбарӣ ба хоҷагӣ на 500 (тавре дар очерк зикр гардидааст), балки беш аз 1000 хонаи истиқоматӣ бунёд намуда, ройгон ба мардум тақдим намудаанд.

ТАБАРОВ СОҲИБ

Соли 1923 ба дунё омадааст. Мунаққиди тоҷик, адабиётшинос, доктори илми филология, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муддате дар идораи рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» дар шаҳри Кӯлоб машғул ба фаъолияти рӯзноманигорӣ буд. Аз ҷумлаи олимони сермаҳсул буда, солиёни зиёдест, ки дар соҳаи илму адаб фаъолияти густурда дорад. Ӯ атрофи зиндагиву эҷоди Мунзим, Фитрат ва дигар шоирони тоҷик тадқиқоти илмӣ бурдааст. Ҳанӯз соли 1962 перомуни зиндагӣ ва осори адабии Пайрав Сулаймонӣ китобе навишта буд. Соли 2010 низ нашриёти «Дониш» китоби нави Соҳиб Табаров - адабиётшиноси маъруфи тоҷикро бо номи «Пайрав Сулаймонӣ. Очерки ҳаёт ва эҷодиёт» ба нашр расонд. Китоб оид ба зиндагинома ва осори Пайрав Сулаймонӣ маълумот медиҳад.

Тобистони соли 2010 узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон Соҳиб Табаров барои силсилаи рисолаҳои адабии тарбиявии солҳои охираш бо ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ дар соҳаи эҷодиёти бадеӣ барои наврасон сарфароз гардонда шуд.

ФАРЗАНДИ АСЛИ ДАВРОН

Қайдҳо бо усули устод Соҳиб Табаров дар ҳошияҳои аврок

«Ба ганҷинаи нодири Китобхонаи давлатии миллии Тоҷикистон ин рисоларо супорида ҳазорҳо раҳ хоҳиш мекунам, ки онро ба дасти ягон хонандаи каминтеллекту бехираду ғайриақл надиҳад, чунки нусхаҳои ин рисола ниҳоят камёбанд ва агар гум шавад, онро ба мисли «Саёҳат аз Петербург ба Маскав» аз ҳеҷ ҷой дарёб кардан мумкин нест.

Танҳо онро дар назди китобдоратон мутолиа кунанду рӯнавис намоянд. Хонандаатон аз соли 1939 Соҳиб Табарови қарздори адабиатон. 20 марти соли 2000». Ин қайдест, ки устоди мо Соҳиб Табаров дар ҳошияи китоби тақдимкардааш ба китобхона гузоштааст.

Бо ин гуна қайдҳои устод мо, шогирдон, хуб шинос ҳастем. Намунаи онро дар гӯшаҳои корҳои курсиву дипломии мо дидан мумкин аст, чун: «ин чӣ гап!!!», «дурӯғ нагӯед!…», «адабиёти советиро хонед, адабиёти советиро-о-о-о!»… Ҳамчунин, камина ҳарфҳои ӯро аз қабили: «ҳа, шумо акнун доно шудед-у», «фақир», «бесавод!!!»… ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Сахтгирона, вале ҳақ асту рост. Яъне, Аёз, ҳадди худро бишнос…

Имрӯз устоди навадсолаи мо чунон ки буд: бо ҳамон хислату руҳияи ҷанговарона. Шояд мо дигар шудаем, андак рӯинатану худдонам, зеро акнун дар рӯбарӯяш гапамонро мегӯем. Инро устод пай мебарад, вале суст намеояд. Ҷанг накунад ҳам, суханиморо бурида, гапи худашро мегӯяд. Фақат гумон накунед, ки ӯ шогирдонашро нашинохтааст. Не, хотираи устод бисёр мустаҳкам аст. Чунончи, маро дар ҳамон бори аввал ба хонааш рафтанам, баъди 30 соли хатми донишгоҳ бишнохт. Гуфт, ки «шумо фалониед, аз фалон ҷоед. Ман маззаи биринҷу ғӯлинг ва нони Самарқанду Панҷакентро фаромӯш намекунам». Боз нақл кард, ки чи тавр дар кӯдакӣ дар боғи атрофи сағирахона (имрӯз литсейи Панҷакент) тутхӯрӣ мекарданду шариконаш соҳиби боғро дида, аз болои дарахт парида парешон шуда рафтанд, ӯ монд, соҳиби боғ ӯро зери истинтоқ гирифт, баъд, дид, ки бача ёрои ҳаракат кардан надорад, маъюб аст, дилаш сӯхт, ба дарсхонааш оварда монд. Номи он одам аз ёдаш рафтааст, вале номи як духтари панҷакентиро, ки онҳо-бародаронро бо кулча, ҳалвову қанд зиёфат мекард, фаромӯш накардааст. Соҳибу бародарашро, ки барвақт ятим монда буданд, давлати Шӯравӣ соҳибӣ карда, ба шаҳри Самарқанд ба хондан бурда буд. Соҳиби даҳсола дар сағирхона тарбия мeёфт. Баъд, онҳоро ба Панҷакент оварданд. Бародараш, ҳарчанд омӯзишгоҳи омӯзгориро хатм кард, ба танҳо гузоштани додари маъюбаш дилаш нашуда, як

соли дигар бо ӯ дар сағирхонаи шаҳри Панҷакент монд. Ин ҷо бо духтаре шинос шуд, вале маслиҳаташон напухт. Бародараш ба кори муаллимӣ ба Кӯлоб баргашт. Духтар ҳам аз пасаш рафта, хеле ӯро ҷустуҷӯ кард. Аз куҷо донад, ки Кӯлоб танҳо аз Кӯлоб иборат нест, боз Муъминобод ҳаст. Ҳамин тавр, наёфта умрбод ҳамон ҷо монд, дар шуъбаи фарҳанг ба кор даромад, ба шавҳар баромад. Баъди чандин солҳо дар як маҷлиси вилоятии аҳли маорифу фарҳанг вохӯрдаанд онҳо…

Дар ҳар омаданам ман аз ӯ нақли наве мешунавам, барои худ таҷрибаи нави зиндагӣ пайдо мекунам. Аксар хотираҳои устод маҳзунонаанд. Охир, зиндагиаш чунин аст. Ин бор ҳам дарро ба рӯям духтари устод мекушояд. Мешиносад маро ва бо меҳрубонӣ ба хона даъват мекунад. Устод ба ман гуфта буд, ки духтараш ба нафақа баромадааст ва тамоман ба назди ӯ омада, нигоҳубини ӯро ба зимма дорад. Ин дафъа пеш аз ҳама ба он эътибор додам, ки фарши хонаи калон холӣ аст, фақат пок шуста шудааст. Барои он ки устод андак гарм шавад, гармкунаки барқиро ба ҷойхоби ӯ, ки дар дивани кӯҳна густурдаанд, наздик гузоштаанд. Тақдири аксар олимони ҳақиқӣ чунин аст. Бешак, дар пойтахт хонаҳое ҳастанд, ки пур аз гилему палоси қиматанд, дар онҳо бемалол тани курта мегардед. Вале дар хонаи шахсиятҳои бузургу арзандаи мо чун академики кӯҳансолу маъруф Соҳиб Табаров танҳо ба ҷома печида истодан мумкин аст. Мегӯед, ки ба ин одат кардааст? Бале, ба ин шукр ҳам мекунад. Гап ҷойи дигар аст: чаро дигаронро аз ин парвое нест? Албатта, баъди он ки чунин бузургон раҳматӣ шуданд, афсӯсу надомат мехӯрем: одами бузург буд, дар зиндагиаш ба қадраш нарасидем, хизматашро ба ҷо наовардем. Хислати одамӣ чунин аст…

Аз чеҳрааш ранҷурию афсурдаҳолиро пай мебарам. Тамоми умр азобу машаққати беинтиҳо кашидану ба ин синну сол расидан ва соҳиби обрӯю эҳтироми зиёд гаштан нишони бурдборию мардонагист. Аз омаданам хурсанд шуда, дар болин нимхез шуд. «Охир, ба навад даромадам», - гуфта бо табассум узрхоҳӣ кард. Сару риши расидаашро палмосида изҳори

миннатдорӣ кардам. Андак ба ҳайрат ҳам мондам: «соли оянда ба навад медарояд-ку». Андешаи маро шояд пай бурд, ки гуфт:

- Дар ин бобат ҳам муаллимат ҷабр дидагӣ. Дар идораҳои қайди шаҳрвандӣ ҷуссаи харобу назарногирамро дида, ба гапам бовар накарданд. Дар ҳуҷҷатҳо як сол хурд, яъне, 1923 нею 1924 навиштанд. Дар асл соли таваллудам 1923 аст. Ман аллакай ба навад даромадам.

Устод Соҳиб Табаров пас аз андак таваққуф суханашро идома медиҳад. Боз дар бораи солҳои наврасию ҷавонӣ ҳарф мезанад.

- Касе, ки хидмати халқи русро дар пешравии илму маданият ва фарҳанги тоҷик ба назари эътибор намегирад, носипос аст, - чун ҳамеша устод дар баҳодиҳӣ қатъист, истилоҳа, духӯрагиро намеписандад. - Ҳам дар омӯзишгоҳ, ҳам дар донишгоҳ муаллимони ман рус буданд. Ҳар муаллими русзабон тарҷумон дошт. Муаллим ҳарф мезад, тарҷумон гапи ӯро тарҷума мекард. Мо ба дафтар менавиштем. Ҳатто муаллимони фанни забон ва адабиётамон русзабон буданд…

Ба хотирам расид, ки ҳатто муаллифи аксари мақолаҳои илмӣ, методии соҳаҳои забоншиносию адабиёти тоҷик, ки матбуоти маорифи солҳои бистуму сиюм чоп кардаанд, русзабонҳоянд. Бале, ҳоло кам кас ба ин бовар мекунад. Вале ҳамин тавр буд. А. Мирзоев, Л. Бузургзода, Ш. Ҳусейнзода ва дигарон, ба қавли устод Соҳиб Табаров баъдтар ба миён омаданд. Ӯ номи он муаллимонро ёд дорад. Аз кадом фан кӣ лексия мехонд, тарҷумонаш кӣ буд, бехато гуфта медиҳад. Кони таърих, маърифат аст Соҳиб Табаров.

Ин аст, ки меҳри устод ба давлати Шӯравию халқи рус махсус аст. Вобаста ба ин, аз дил гузарондам, ки давлати Шӯравию сохти давлатдории онро шояд маҳз онҳое наҳ мезананд, ки то андозае бо сарватмандону бойҳои замони пеш ягон пайвандие доранд. Ҳол он ки аслан гиред, дар замони шӯравӣ чунин одамон чизи зиёд бой надоданд. Баръакс, мардуми оддӣ, камбағал ҳарчанд аз имтиёзҳои замони шӯравӣ баҳраи кирои нагирифт,

ба ин давлат то ба охир содиқ монд. Маҳз барои он ки дар он давр аз нобудшавӣ раҳо ёфт, нони беминнат ёфта хӯрд. Ҳаққи гапро гӯем, агар Соҳиб Табарову мо барин сағираҳо дар давроони дигар (ғайр аз давлати Шӯравӣ), зиндагӣ мекардем, ё хидматгори дари бое мешудем ё нобуд мегаштем. Ба ҳар ҳол, дар давлати Шӯравӣ хондаю маълумотнок ва соҳиби касбу коре шудем ва аз ин рӯ, то охири умр мо аз чунин давлат изҳори шукргузорӣ менамоем. Ин ҳақиқат аст. Дар ин бобат, барои исботи фикр боз аз як қайди устод дар гӯшаи китоби дигари тақдимкардааш мадад мепурсам: «Ба махзани бузургтарини маънавияти Ҷумҳурияти Тоҷикистон, китобхонаи ба номи Фирдавсӣ. Мусаннифи дар асри 20 солу моҳҳои талху ширинро аз сар гузаронда, залилоти беандозае аз нотавонбинони сершумораш аз сар гузаронда, ин рисолаи охирини ҷамъбастии хешро тақдим менамояд. Ҳақир хоҳиш менамояд, ки ба ин рисола ба мисли рақибонаш беэътиёноёна назар наафканед ва онро абадан маҳфуз доред, чунки солеву даҳсолаеву қарне фаро хоҳад расид, моҳияти онро хоҳанд фаҳмид.

Иродатманду миннатдори ҷовидони китобхонаатон Соҳиб Табаров, ки бе мадади ҳазорҳо китобҳои он аз соли 1939 то ҳол фақир ба мисли садҳо ҳазор ҳаммилатонам дар гузашта нодон, ҷоҳил, хурофотпараст, бемаърифат мемондам. Ташаккур ба ёрии доимии кормандони китобхонаатон, махсусан аз соли 1939 то 1999. Соҳиб Табаров, 27.Х.1999".

Фаъолияти омӯзгории устод Соҳиб Табаров аз 12-13-солагӣ шурӯъ шудааст. Аз нимаи дуюми солҳои сиюми асри бист дар курсҳои маҳви бесаводӣ ба калонсолон хондану навиштан меомӯхт. Минбаъд ҳам тамоми қувваю нерӯи хешро ба кори илму тарбия бахшид. Дар факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон усули нави таълим, фанну курсҳои нави таълимӣ, мактаби нави илмӣ-таҳқиқотии хешро ба вуҷуд овард. Дар ин бора кам мегӯянд, вале бояд иқрор шуд, яке аз хидматҳои бузурги устод Соҳиб Табаров он аст, ки мавсуф асосгузори курси таълими танқиди адабӣ мебошад, ки ҳоло таълими онро шогирдонаш идома медиҳанд. Ӯ оид

ба адабиётшиносӣ, мадхали адабиёт, матншиносӣ, танқиди адабӣ мактаби ҳақиқии худро ба вуҷуд овард. Таълифоти ӯ махсусияти худро дорад. Аз ҷумла, ӯ ягон ҳарфро бемақсад барои суханбозӣ намеорад, ҳар ҷумлаву иборааш далелу асноде ва мақсади аниқе доранд. Ин хусусияти осору усули таълиму тарбияи устодро онҳое, ки бо навиштаҳои ӯ шиносанд, ҳам аз шогирдону ҳам аз бадхоҳон эътироф кардаанд. То ба ҳол донишмандони калонсол аз дурусткорӣ, шартакигӯии ӯ ёдовар мешаванд. Ба нақле ҳатто соли 1952 устод Айнӣ дар Пленуми нависандагон нисбати рӯшодгӯии Соҳиб Табарови он вақт ҷавон латифаеро ёдовар шудааст, ки чи тавр шахсе аз хислати шартакигӯӣ, беэҳтиётии худ сарашро барбод додааст. Худи устод Соҳиб Табаров дар ин бора мегӯяд: «Тақдири Белинский, Чернишевский, Добролюбов ва дигаронро ба хотир биёред», «Мунақиди хуб рӯз намебинад. Ё мунақид нашав, ё шудӣ мисли Белинский, мисли Табаров шав» (Аз китоби «Ҷустуҷӯҳои адабӣ», Маҷмӯи мақолаҳо, ба муносибати 75-солагии С. Табаров, Душанбе, «Ирфон», 1999). Монанд ба ин, касе аз донишмандони тоҷики даврони шӯравӣ монанди устод Табаров дар зиндагиву кор ин қадар ҷабру ситам, азобу уқубат накашидааст. Ӯ яке аз он се нафарони аввалине буд, ки соли 1951 дар ДМТ унвони дотсентиро соҳиб шуданд, вале дар роҳи ҳимояи кори докториаш донишмандони таърифию машҳури мо ду бор чунон садди чинӣ гузоштанд, ки ин масъала то ба ҳол кашол ёфта омад.

Боз аз Соҳиб Табаров гила мекунем, ки сахтгир аст. Баъзеҳо дар бораи усули таълими устод мегӯянд, ки ӯ асабӣ, аз ҳад сахтгир аст. Магар лаҳзае худро ба ҷои ӯ мегузоред? Соҳиб Табаров шахсест, ки дар шароиту имконияти душвор бо меҳнати худ ва ёрдами давлат хонда соҳибкасб гардид. Бинобар ин, ба ӯ писанд нест, ки ҳар беғаму маҳмадоное пеши ӯ шайтонӣ кунад ва бо макру ҳиялу суханбозию шиносбозӣ баҳо гирад. То ба ҳол методи таълими устод Соҳиб Табарову Худоӣ Шарифов барин муаллимон писанди ман аст, ҳарчанд дарси онҳо аз суханбозӣ, адабгуфторӣ, тумтароқгӯӣ орӣ буду то андозае хушку дур аз

эҳсосот менамуд. Ба назарам, дар донишгоҳ-макони илмомӯзӣ мавқеи чунин усули таълим бояд баланд бошад.

Ниҳоят, аз устод мепурсам: дар рӯзҳои сарди зимистон чӣ камбудӣ дорад, оби гарму барқ ҳаст? «Дар маҳаллаи мо барқ ҳамеша ҳаст, - мегӯяд. - Камбудӣ фақат ҳамсуҳбат. Исто, ки Абдуҷабборро мебинӣ?» Ман медонам, ки вазири собиқи маориф ҳамеша аз устод хабар мегирад. Шогирдонашро ҳам ташвиқ мекунад. Соҳиб Табаров боз чандин нафарро аз ман пурсон шуд. Изҳори сипос кард, ки аз ҳолаш пурсон мешаванд. Хабар ёфтам, ки ба қарибӣ Худойназар Асозодаю Муртазо Зайниддинов ва дигарон омадаанд. Дидори устодон, пирони кор ғанимат. Устод дар охир хоҳиш кард, ки ҳар чизе вобаста ба ӯву кору бораш дар дастам бошад, ба осорхонааш супорам. Воқеан, ин хона-музейро чанд сол пеш ҳукумати ноҳияи Муъминобод дар зодгоҳи устод сохтааст, ки кори хайрест. Ваъда додам, ки дастнависҳоямро бо қайдҳои ӯ ба он ҷо месупорам. Шод шуд, беихтиёр бо дастони ларзон қатраҳои ашкро аз чашмонаш пок кард. Якбора ба хотирам расид, ин одат - дар ҳошияи чизҳои хондаам гузоштани қайдҳо - дар худи ман ҳам ҳаст. Сабаби ин то андозае руҳияи ба ҳам наздик доштани ману устодам бошад даркор. Устод аз кӯдакӣ азоби сағирагӣ, бекасӣ, беморию ранҷуриро кашидааст. Ҳамаи инро ман ҳам то андозае пушти сар кардаам…

Ҳамин тавр, имсол устоди азизи мо, узви вобастаи АИ Тоҷикистон, профессор Соҳиб Шухратиевич Табаров ба синни муборахи 90 медароянд. Ба он кас саломативу руҳи болида таманно дорем. Боварӣ дорем, ки имсолу соли дигар бо дастгирии шогирдонашон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДМТ ба ин муносибат чорабиниҳои хотирнишин баргузор хоҳанд гашт.

Маҳмадшарифи РУСТАМ,
рӯзноманигор
(бознашр аз сомонаи рӯзномаи
«Омӯзгор», 1 марти соли 2013)

ТАШРИФЗОДА РАҲМАТ

25 майи соли 1938 дар қишлоқи Паткунови ноҳияи Дарвоз таваллуд шудааст. Давраи наврасӣ ва мактабхониаш дар Дарвоз, ноҳияҳои Муъминободу Фархор мегузарад. Донишгоҳи шаҳри Кӯлобро дар риштаи таъриху филология бо дипломи аъло хатм кардааст. То соли 1976 ба ҳайси омӯзгор, нозири шуъбаи маориф ва директори мактаб кор кардааст. Солҳои минбаъда котиби масъули рӯзномаи «Субҳи меҳнат»-и ноҳияи Муъминобод ва газетаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» буд. Пас аз барҳам хӯрдани вилояти Кӯлоб, Р. Ташрифзода ба шуъбаи маънавиёти ҳукумати шаҳри Кӯлоб ба кор даъват шуд ва то замони реҳлаташ (сои 2010) он ҷо ифои вазифа мекард.

Раҳмат Ташрифзода забондону луғатшиносӣ беназир буд. Адабиёти классикии тоҷик ва муосирро ба таври аъло медонист. Дар рӯзнома ба ҷуз офаридаҳои ҷолиби журналистиаш, мушоҳидаҳояшро аз зиндагӣ дар шакли бадеият – суруду тарона, қатраҳо ба қалам медод. Чанде пеш фарзандонаш маҳсули адабии Ташрифзодаро бо номи «Сатрҳои нотамом» китоб карданд.

Як даста гул зи кӯҳсор овардам,
Савғои нави фасли баҳор овардам.
То гум накунад таровати наврӯзӣ,
Тар карда ба оби чашмазор овардам.
Бар хотири ошиқони ҳамдил якҷо,
Бо дастаи гул савти ҳазор овардам.
Раққоса, баро ба саҳнаи наврӯзӣ,
Оҳанги хуши чангу дутор овардам.
Пайғом зи номи марди деҳқон ба шумо,
Як муждаи нав зи кишту кор овардам.

ҚАТРАҲО

Ҷозиба

Аз шукуфаҳои хушранг гулдастае баста, ба ту тақдим карданӣ будам. Нигоҳи шармину табассуми ширинатро дида, фаромӯш кардам, ки дар даст гулдаста гулдаста дорам.

Дил гувоҳ

Нигоҳи раҳмовари маро мижа таҳ кардӣ. Ин чӣ рамз буд, надонистам. Фақат ҳис кардам, ки сар то пойи маро қувваи бузурге такон дод ва дил гуфт: - Осуда бош, ӯро дил майли туст.

Нисбат

Гулро хушрӯй гуфтаанд. Ин шитобкорӣ буд. Он кӣ чунин гуфт, ё дил надошт ё эҳсос. Вагарна, куҷост нисбати гулу ҳусни рӯйи ту.

Тафовут

Маро ба сангдилӣ маломат кардӣ. Шояд ҳақ бошӣ. Аммо ҳайронам, ки табассуми ту ба оби чашми ман чӣ маънӣ дорад.

Муқаллид

Духтаре, ки дӯсташ медоштам, боре ба танҳоӣ гуфт: - Чаро ба сӯям дуздида менигарӣ? Гуфтам: - Ба ту пайравӣ дорам.

Дар роҳи васл

Васли ту гавҳари қаъри дарё бошад, ман он ғаввосам, ки бим ба тӯфони баҳру коми наҳанг надорам.

Завқ

Аз он, ки туро лутф хасис гуфтам, маранҷ. Агар ту дар лутф хасису ман парвонаи кӯйи ту намешудам, ишқро завқе набуд.

Андеша

Умри ҷавони худ чун гул ба ҳукми бад мадеҳ, ки майли бод ба ҷуз бӯидану қоматшиканӣ коре нест.

Фирефтаи ҳарфе машав, ки аз забон берун меояду аз дил не. Меҳр дар қалб аст, на дар забон.

***

Дар роҳи ишқ муҳаббат аз парвона, сӯхтан аз шамъ, нола аз булбул, ханда аз гул омӯхтан ҳанӯз маънои онро надорад, ки ту ошиқӣ. Парвона дил, шамъ эҳсос, булбул вафо ва гул бақо надоранд.

***

Шитоб дар боби ишқ ҳубоби рӯйи дарёст, ки аз ларзиши мавҷ ноаён гардад. Ҳосили ишқ – хонаи ободу бақои умр хоҳӣ, интизори он соате шав, ки туро ба кӯйи мурод барад.

***

Эй дил, пеш аз он ки мафтуни қомати гуландому шеваҳои дилфиребу ҷодуи чашмони нозанине шавӣ, андеша кун, ки гули қоматаш аз оби муҳаббат, нозҳои дилфиребаш аз шарораи ишқ ва чашмони афсунгараш аз нури эҳсон дарак доранд ё на.

***

Халқро ҳикматест: тири ҷастаю оби рехта ва шарафи аз дастрафта бебаргаштанд. Онҳо ба лаҳзае содир шаванду бо умре барқарор не.

***

Қатраи шабнам рӯйи гул дидаму ашки марворидгуни ту рехтаи рӯйи хок. Гул аз шабнам меболиду ту аз ашки рехтаат афсӯси соатҳои беандешагӣ мехӯрдӣ. Тафовути ин ду маънӣ дарёб, ки дарси ибратанд.

Р. ТАШРИФОВ
(«Роҳи ленинӣ», майи соли 1983)

ТОЛИБОВ АБДУРАҲМОН

21 феврали соли 1952 дар ноҳияи Восеъи вилояти Хатлон таваллуд шудааст.

Соли 1976 Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ва соли 1983 факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдулоҳи Рӯдакиро хатм кардааст.

Солҳои 1976-1983 аввал мусаҳҳеҳ, баъдан мухбир, мухбири калони рӯзномаи вилоятии «Роҳи Ленинӣ» буд. 4 соли оянда ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Коммунисти Ховалинг»-и ноҳияи Ховалинг буд. Пасон, баргашт ба рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» ва то соли 1990 он ҷо ба ҳайси мухбир фаъолият кард.

Аз соли 1990 то соли 2000-ум ба кори ҳукумат гузашт. Дар вазифаҳои ёвари раиси Шӯрои шаҳри Кӯлоб, котиби комиҷроияи Совети депутатҳои халқии шаҳри Кӯлоб, сардори шуъбаи тиҷоратии ҳукумати шаҳри Кӯлоб, мутахассиси бахши раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, сармутахассиси шуъба оид ба корҳои дини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва роҳбари дастгоҳи раиси ноҳияи Восеъ кор кардааст.

Аз моҳи марти соли 2013 то ҳоло мудирии шуъбаи кадрҳои дастгоҳи раиси вилояти Хатлонро ба дӯш дорад.



ТӮЙЧИЕВ ИСМОНАЛӢ БИЛОЛОВИЧ

Тахаллуси адабиаш Усмон Билолӣ аст. 18-уми ноябри соли 1957 дар деҳаи Фидокор, ҷамоати деҳоти Тоҷикободи ноҳияи Вахш зода шудааст. Соли 1981 факултаи филологияи тоҷики УДТ (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси филолог-журналист хатм намудааст. Аз соли 1981 корро ба ҳайси ходими адабӣ ва баъдтар мудири шуъба дар рӯзномаи «Вахш»-и ноҳияи Вахш шурӯъ кард. 1 сол дар мактаби деҳотӣ муаллимӣ ҳам кардааст. Аз соли 1990 то сентябри соли 1992 мудири шуъбаи ахбори радиои вилояти Хатлон буд. Аз соли 1997 то соли 2002 котиби масъул, сармуҳаррири рӯзномаи «Бохтар»-и ноҳияи Бохтар буд. Сипас, то соли 2006 ба ҳайси муҳаррири калони кумитаи телевизиони вилояти Хатлон ифои вазифа намуд. Аз моҳи августи соли 2006 то моҳи июни соли 2009 ба ҳайси мудири шуъбаи адабиёт ва ҳунари рӯзномаи вилоятии «Хатлон» фаъолият кард. Баъдан муддате дар шаҳрдории Қӯрғонтеппа ба ҳайси котиби матбуотӣ ва дар нашрияи ҳизбии «Ҳамрози халқ» ба ҳайси муҳаррир кор кард. Феълан сармуҳаррири рӯзномаи шаҳрии «Набзи Қӯрғонтеппа» мебошад.

Маҷмӯаи шеърҳояш таҳти унвони «Бистари хор» (2003), «Ширинтарин таронаи оғоз» (2005), «Сад шукри Рӯдакӣ» (2008, барои ин маҷмӯа Билолӣ ба гирифтани ҷоизаи вилоятии ба номи Шамсиддини Шоҳин мушарраф гардидааст) ва «Замини сабзи ҳавасҳо» (2011) ба табъ расиданд.

Аз соли 2008 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва аз соли 1987 узви Иттифоқи журналистони СССР мебошад.

САЙРЕ ДАР ДӮКОНИ АТТОР
(очерк)

Рӯзноманигорӣ кори саҳл нест. Бори қалам кашидан дониш, маҳорат, бурдборӣ, малака, таҷриба, худфидоӣ ва диди тоза мехоҳад. Ҳамаи ин сифатҳоро дар тинате парваридан лутфи Худованд аст. Агар чунин намебуд, ҳамаи онҳое, ки дар айёми наврасиву ҷавонӣ бо ҳаваси журналист шудан хома ба даст мегиранд, ангуштнамои давр мегардиданд. Қаламкашони хуб ангуштшуморанд. Ва рӯзноманигорони хуб бар замми он сифатҳое, ки дар оғоз қаламдодашон намудем, хислаташон аз ҷӯяндагӣ, фурӯтанӣ, бомулоҳизагӣ, муқоиса кардан, хоксорӣ, дидадароӣ, масъулиятшиносӣ, дилсӯзӣ ба пеша барин қисмҳо мукаммал гашта, суханашон равону дилнишин аст. Илова бар ин, содагиву содабаёнӣ, донистани феълу атвори ҳамзамонон, қавонини инкишофи ҷомеа, талаботи эҷод ва масъулият дар назди хонанда ба гуфторашон ҷаззобият мебахшад. Ҳар сатри эшон бори замон мекашад. Бори ғами одамон мекашад ва дар ҳар ҳаҷму ҳар жанре бошад, хусусияти тарбиявӣ дорад. Аз ин рӯ, муштариён маводи ин гуна қаламкашонро ҷустуҷӯ мекунанд. Ба суроғи муаллиф меоянд. Мехоҳанд бубинанд, ки эҷодкори дарди дили онҳоронигошта чӣ гуна одам аст? Саттор Қарахонов ба шумули чунин рӯзноманигорони варзида дохил мешавад.

Тахаллусаш С. Аттор аст ва ин далел боиси бисёр воқеаҳои фаромӯшношуданӣ гардида, дар худ талхию ширинӣ, такопӯ, ҳазлу шӯхӣ ва ҳаяҷону изтироби пешаи рӯзноманигориро ба миён меорад ва бо воқеият мепайвандад…

Як рӯз дар утоқи корӣ нишаста, ба омода кардани маводи шумораи навбатӣ машғул будам. Дар утоқи рӯ ба рӯ Саттор Қарахонов чун ҳамешагӣ бо қалам тез-тез чизе менавишт. Бисёриҳо шояд намедонанд, ки акои Саттор хеле рӯзноманигори сермаҳсул аст ва дар баъзе маводҳояш С. Аттор имзо мегузорад. Қисса кӯтоҳ, мо баъзан шӯхиомез

мегӯем, ки аз Се Аттор дида як Саттор беҳтар аст. Акои Саттор бо табассуми малеҳе ин ҳазлро мепазирад. Мавҷи ханда дар чеҳрааш паҳн шуда, баъди оне симояш боз ҷиддӣ мешавад. Лаҳзаҳои ҳассос, тавре ки мо - қаламкашон мегӯем, ба нӯги бинниаш бо ангушти ишоратиаш зада, нафасашро рост мекунад ва як синчакорона ба коғазу қалам нигариста, уқдаҳои фикрро мекушояд, илҳомаш дучанд мегардад. Баъзан он гуна ба эҷод дода мешавад, ки аз мавҷудияти ашёи гирду атроф ва даро-барои мо, ҳамқаламон, фаромӯш мекунад. Гоҳо мо ҳамкорон лутф карда мегӯем, ки «Шумо, акои Саттор, пайи тақдирҳо рафта, худро ҳам фаромӯш мекунед, вале Ватан ин ҷонфидоии Шуморо фаромӯш нахоҳад кард». Боз механдад. Хуллас, он рӯз мо ҳарду супориши таъҷилӣ доштем. Фурсати аскиягӯӣ набуд. Ҳамин вақт ҷавоне аз ноҳияи Хуросон омада, аз ман пурсид:

- Ако, ба ман С. Аттор лозим, он касро чӣ гуна ёфтан мумкин?

Аз навиштан боз истода, суоли ӯро ба Саттор шунавонда, такрор кардам. Саттор гулӯ афшонда, ишора кард. Фаҳмонд, ки сиррашро фош накунам. Агар сирро фош кунам, ин ҷавон чанд соат андармонаш мекунад ва маводи супоришӣ дар вақташ омода намешавад.

Банда дурӯғи маслиҳатомез гуфта, сирро бой надодам. Саттор бошад, бо нишони миннатдорӣ ишора кард ва ба ман фаҳмонд, ки ман аз ту қарздор. Он ҷавон ишораҳои моро пай набурд ва баромада рафт. Саттор он нисфирӯзӣ моро бо самбӯса зиёфат кард.

Рӯзи дигар саҳарӣ бо абрӯи гирифта вориди идораи рӯзнома шуд.

- Ҳа, устод, хайру хайрият аст? - баъди салому алейк пурсидам аз ӯ.

- Шукр, ҳама тинҷу осуда, сиҳат, саломат. Аммо дирӯз акси калла дар шӯрбо зад.

- Чӣ тавр?

- Он ҷавон дирӯз аз дигар бачаҳо, ба фикрам, сирри

пинҳонӣ ва суроғаи хонаамро фаҳмидааст, ки банда С. Атторам ва ба шӯхии мо бо шӯхӣ ҷавоб гардонда, бо ду рафиқаш, ки аз хешовандони мо буданд, ба хонаамон ташриф овард. Зиёфаташон додем ва қиссаи гуфтаашро навишта гирифтам.

- Тақдири эҷодкори хуб ҳамин аст, акои Саттор ва ана ҳамин гуна лаҳзаҳо лаҳзаи хушбахтии журналистанд. Яъне туро мехонанд, наздат меоянд, дарди дил мекунанд, таскин меёбанд, ба оянда умедвор мешаванд. Боварии хонанда ба журналист баландтарин мукофот аст, - гуфтам дар дил.

- Ин аввалин бор нест, - гуфт ӯ.

- Ва охирин бор ҳам нест, - ҷавоб гардондам ман.

Акои Саттор худро ҳамоно озурда вонамуд мекард. Дидам, ки намешавад, гуфтам:

- Пири кор, ғам нахӯр, имрӯз самбӯса аз ҳисоби ман мешавад.

Чеҳрааш андаке кушода шуд ва дар ҷавоби ин лутфи банда лутфи ширинтар кард:

- Ман боварӣ доштам, ки дар байни мо қаламкашони боақл низ ҳастанд, - ҳарду бозавқ хандидем. Табъи акои Саттор хуш шуд.

Рӯзномадорӣ ва рӯзноманигорӣ кори сангинест. Гӯё устод Лоиқ дар бораи ҳоли имрӯзаи мо гуфта буд, ки «Нест коре сангин аз кори сухан». Вале рӯзноманигорӣ он қадар пешаи рангин аст, ки сангиниаш ба назар наметобад. Солҳои пеш ҳамкори собиқамон Ҳусейн Маликов аз пайи мактуби шикоятие меравад. Далелҳо тасдиқ мешаванд ва дар замини корам мансабдоре хона сохтааст. Оҷилан ба идораи рӯзнома баргашта, фелйетон менависад ва ба назди сармуҳаррир медарорад. Сармуҳаррир маводро хонда, филфавр мепурсад:

- Акси (сурати) ин иморатро гирифтӣ?

- Не, - мегӯяд Ҳусейн.

- Хезед, ҳамроҳи суратгир рафта, акси ин иморатро гирифта биоред.

Ҳусейну суратгир рӯзи дигар ба колхоз мераванд, меби-

нанд, ки иморат нест, дар ҷояш аллакай кишт гузаронидаанд.

Ин қиссаро акои Саттор ҳикоя карда, дақиқан ба мо мефаҳмонад, ки журналист бояд зирак, дар кори хеш сипоҳ ва ботааммул бошад. Агар мавод асоси воқеӣ надошта бошад, ба сари муаллиф бало меорад. Яъне қаламкаш бо тақдири одамон сару кор дорад. Хатои ӯро намебахшанд ва бар зимми ҳамаи ин бояд нигоштааш омӯзанда бошад. Дар маводҳои солҳои охир навиштаи Саттор Қарахонов руҳи тарбияткунанда ҷавҳари асосӣ ҳисоб меёбад ва ҳамеша дар хулосаҳояш некиро бар бадӣ пирӯзманд мегардонад. Ва хеле сода, одӣ ва дилчасп менависад.

Ҳар боре, ки нависандаи ӯзбекзабон Эшмуҳаммад Донохонов ба идораи мо биояд (ӯ мухбири рӯзномаи ҷумҳуриявии «Халқ овози» дар вилоят аст), бо Саттор самимона вохӯрӣ мекунад. Зеро онҳо якҷоя корро дар рӯзномаи «Ҳақиқати Колхозобод» оғоз кардаанд. Якдигарро панҷ панҷаашон барин медонанд. Як дафъа дар ғайби Саттор аз Донохонов дар бораи Саттор пурсидам:

- Саттор меҳнаткашу хоксор аст, - гуфт ӯ дар ҷавоб ва боз афзуд, - дар ҷавонияш низ ҳамин тавр хасташавиро намедонист. Тозакор буд. Ин се хислати ӯ дар давраи баркамолиаш ӯро хоксортар нишон медиҳанд. Вақте қиссаву очерк ва мақолаву мусоҳибаҳои ӯро мутолиа менамоем, гумон мекунем, ки Саттор худро бо қаҳрамонҳояш ҳамтақдир меҳисобад, барои ҳамин ҳам суханаш дар ҳама маврид накҳати андарзу панд дорад. Агар ӯ хислати шахсеро мазаммат кунад, ба ин восита дигаронро насиҳат менамояд. Аз ҳар навиштааш бӯи хулосаи ҳикматомез ба машом мерасад. Касбашро, хислати мардумро, талаботи эҷодро, ҳалли мавзӯъро чун як устоди забардасти риштаи рӯзноманигорӣ медонад.

Дар хислату рафтор ва гуфтору эҷоди акаи Саттор ягон хел таассуб нест. Ӯ нисбат ба ҳамкорон ва умуман инсонҳо хушбин аст. Худотарсу инсонпарвар буда, дилу нияти пок дорад. Аз ин рӯ, ҳама бо ӯ муносибати ҳасана доранд.

Журналистонро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард. Гурӯҳи аввал онҳоеанд, ки барои мазмуну мундариҷаи маводи чопӣ, офаридани симои қаҳрамон, тасвиру таҳлилу таҳқиқ кӯшиш менамоянд. Дар журналистика тозакорӣ мекунанд. Диди хоса доранд. Аммо ба гурӯҳи дигар онҳое дохил мешаванд, ки акси сифатҳои гурӯҳи якумро доранд. Сифати муайянкунандаи ботинашонро на такмили ҳунару маҳорати нигорандагӣ, балки шуҳратталабию хушомадгӯӣ ба хотири дарёфти мукофоту обрӯ ташкил мекунад. Акои Саттор ба гурӯҳи якум дохил мешавад. Ва дар лаҳзаҳои фароғату шӯхӣ низ сухани тозае мегӯяд, хулосаи мантиқан саҳеҳ мебарорад.

Акои Саттор беш аз 40 сол боз рӯзноманигор аст. Ӯ оғози фаъолияташро дар рӯзномаи «Ҳақиқати Колхозобод»-и ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ борҳо ёдовар шуда, аз насиҳату ғамхориҳои сармуҳаррири онвақтаи рӯзнома Амиршо Мунавваров (яке аз муфассирони беҳтарини «Маснавии Маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ) сипосгузорӣ карда мегӯяд: «Аз устод Амиршо Мунавваров мақсадноку кӯтоҳ навиштанро ёд гирифтам. Устод кашолгапиро хуш надоштанд, пухта ва рехта гуфтанро ба мо омӯзонданд».

Соли 1979 Саттор Қарахонов ба рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» ба кор гузашт. Дар ин ҷо паҳлӯи дигари кори эҷодиро аз Муқим Абдураҳмонов (собиқ муҳаррир) омӯхт. Дақиқкорӣ, ҳафт бор андешидану баъд хулоса бароварданро Муқим Абдураҳмонов талқин мекард. Мегуфт, ки 10 далел, 100 далелро собит кунед ва 1-2 тоашро истифода баред. Боқимондаашро дар мавриди норизоӣ ва шикоят пеш овардани қаҳрамони мақола корбаст кунед. Журналист бояд ҳамеша барои баҳсу талош бо агроному муҳандис, иқтисоддону ҳуқуқшинос ва намояндагони дигар касбу кор омода бошад. Чизе гуфт, ё навишт, онро аз нигоҳи талаботи қонунгузории мавҷуда исбот карда тавонад. Журналист дар тарафи ҳақиқат бошад.

Ҳеҷ аз ёди акои Саттор як сафарашон, ки ибтидои солҳои 80-уми асри гузашта ба ноҳияи Шаҳритус ба вуқӯъ пайва-

ста буд, намеравад. Онҳо се нафар - суратгир Абдурашид Ҳамидов, хабарнигори ӯзбекзабон Шоимназар Омонов ва Саттор Қаҳрахонов таксиеро киро карданд. Ронандаи таксӣ 50 тини Шӯравӣ зиёд аз онҳо роҳкиро гирифт. Санад тартиб доданд ва Қарахонов як луқмаи барои матбуоти он давра хос навишта, хулоса карда буд, ки ронанда даромади муфташро бо раисашон тақсим мекунад. Раис «маро туҳмат кардӣ» гуфта, ронандаро аз кор сабукдӯш намуд. Ронанда бошад, ба идораи рӯзнома шикоят пеш овард ва акои Саттор ба байн даромада, ба Шаҳритус рафт. Бо роҳбарияти муассисаи нақлиётӣ моҳияти масъаларо дуруст фаҳмонд ва ронандаи аз кор рондашударо ба кор барқарор намуд. Дар натиҷаи ин баҳсу талош ронанда соҳиби «Волга»-и нав гардид ва Сатторро бародар хонд. Саттор бошад, аз ин ҳама панди хубе гирифт. Бамулоҳизатар шуд.

Аз саргузаштҳои айёми тифлии шодравон Нурхон Ниёзов (собиқ сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Новый Хатлон») дар «Чархи гардун» қиссае ба нашр расонд. Дар он мавод сухан дар бораи он мерафт, ки Нурхон бо духтарони аммааш тифлии хуррамонае дошт ва баъди он, ки Нурхонро ба интернати Орҷоникидзеобод оварданд, аз онҳо ҷудо гардид. Дигар эшонро надидааст. Нурхон таҳсилро идома дода, журналист шуд. Борҳо ба Қубодиён - зодгоҳаш сафар кард. Дар бораи тақдири одамон навишт. Одаму оламро шинохт, вале ҷойи холии духтарони аммаашро дар зиндагии ӯ касе пур карда натавонист. Пас аз чопи мавод дар «Чархи гардун» зане аз Душанбе ба суроғи акои Саттор омад, ки духтари аммаи Нурхон будааст. Хоҳараш бошад, дар Колхозобод (Румӣ) ба сар мебурдааст. Онҳо баъд Нурхонро пайдо карда, робитаи хешу табориро барқарор намуданд. Саттор шоҳиди хушбахтии қаҳрамони хеш гардид, бо нашри як мақола ҷудоии 30-соларо аз байн бурд.

…Дар айёми бесарусомониҳо хонаашро ду маротиба дузд зад. Акои Саттор ва завҷааш Ганҷинисо одамони хуб, ки ҳастанд, ҳамсояҳояшон кӯмакашон карданд ва бомаром

зиндагиашон ба маҷрои пешина баргашт. Аз ин давраи ҳассос вохӯриаш бо Раҳматулло Шарипов, сардори Агентии дар минтақаи Қӯрғонтеппабудаи паҳнкунандагони матбуоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ (собиқ раиси иттифоқи касабаи кормандони тиб) фаромӯшношуданист. Аз байни як даста рӯзномаҳое, ки Раҳматулло дар даст дошт, рӯзномаеро бо номи «Чархи гардун» дида, мутолиа кард ва рӯзи дигараш қиссае таҳти унвони «Ашки падар» навишта, ба «Чархи гардун» фиристод. «Ашки падар» чоп шуд. Аз ин руҳбаланд гашта, акои Саттор ба ин рӯзнома пайи ҳам маводҳои рӯзмарра ва хонданӣ навишта фиристод. Ва ҳаққи қаламе, ки мегирифт, ба беҳдошти рӯзгораш мусоидат мекард. Се сол бо ин рӯзнома ҳамкорӣ кард ва танҳо баъди се сол бо сардабири ин рӯзнома Акбари Саттор дар тӯйи худи Раҳматулло шинос шуд ва дӯстии ин ду қаламкаши шинохта идома дорад.

- Ӯ шуҳратҷӯ нест. Сода карда гӯем, ҳалолкор аст. Аз ин рӯ, маводҳояш ба ҳама писананд, - мегӯяд акои Раҳматулло.

- Вақти чоп кардани маводҳои акои Саттор хасташавӣ ва гузаштани вақтро эҳсос намекунам. Ҳар навиштааш як навигарӣ дорад, - мегуфт компютерчиамон Зуҳробону.

Ин андешаи Зуҳробону комилан дуруст аст. Ва ман ба гуфтаҳои ӯ меафзоям, ки хонандагон 40 сол боз навиштаҳояшро мехонанду лаззат мебаранд, хаста намешаванд ва мехоҳанд, ки боз 40 соли дигар ин қаламкаши дӯстдоштаашон хомаронӣ кунад.

Ҳамин тавр, фаъолияти эҷодии Саттор Қарахоновро ба се давра шартан метавон тақсимбандӣ кард. Рӯзномаи ноҳиявии «Ҳақиқати Колхозобод», «Навиди Вахш», «Хатлон» ва «Чархи гардун»: Аммо дар ҳамаи ин давраҳо бар замми сифатҳои дигараш - қатъият ӯро роҳнамо буд. Борҳо даъваташ карданд ба дигар соҳа, ба кор нагузашт ва оқибат роҳи дили хонандагонаш нишон дод, ки тай кардани ин роҳи пуршараф на ба ҳар эҷодкор муяссар мешавад.

- Вақте Саттор тасвиргарӣ мекунад, аз лаҳзаи муқаррарие зебоӣ меофарад. Асное, ки муҳокима меронад, хонандаро

ба андешамандӣ ва некбинӣ мебарад. Ҳангоме ки таҳлилу муқоиса менамояд, хулосаи дуруст бароварданро талқин мекунад, - мегӯяд дар ҳаққи ӯ Давлатҷон Султонов (мухбири «Садои мардум» дар вилояти Хатлон).

Ӯ эҷодкори эътирофшуда аст. Бо сари хам дар ҷодаҳои Қӯрғонтеппа қадам мезанад, вале хаёлаш осмонӣ ва суханаш гирову ҷаззоб аст. Аз он ба қуллаи баланди эҷод расидааст, ки ҳамаро эътироф мекунад, ба кулли одамон меҳр дорад. Ва ин зиндагӣ барои ӯ як олами меҳри беолоиш, як ҷаҳони пуртазоди зебо аст. Одамон нек мегӯянд, бад мегӯянд, сифат ё ғайбат мекунанд, ҳамаи инро мебинад ва дар мизони андешаву хаёл баркашида, сипас, воқеъбинона ба эҷоди очерку лавҳа, гузоришу хабар, ҳаҷвияву фелйетон ва ғайра даст мезанад. Интихоби мавзӯъ ва қаҳрамонаш, ки саҳеҳ, аниқ аст, таҳлилу муқоиса ва хулосаҳояш ҳам ҳаётӣ мебароянд. Аз ин рӯ, ӯ ҳамаро мешиносад ва ҳама ӯро чун хабарнигори чирадаст пазируфтаанд.

Одати аз ҳама хуби акои Саттор ҳамчун эҷодкор он аст, ки эроди ҳамкоронро мепазирад ва навиштаашро ислоҳ мекунад. Аз эроди шогирдони навкор ҳам шод мешавад.

- Маводро бо ҳамкорон муҳокима кардан, фикри онҳоро фаҳмидан мактаби омӯзиш аст, - мегӯяд акои Саттор.

Хуллас, мо аз ӯ меомӯзем, ӯ аз мо. Ҳамин аст рӯзноманигорӣ. Ба яке меомӯзонӣ, аз дигаре меомӯзӣ.

Барои ман акои Саттор воқеан ҳам Атторе дар рӯзноманигорӣ аст. Ҳар як навиштааш мисли гуле ё гулбуне мебошад, ки рангу бӯ ва накҳати хоса дорад. Ва аз он диди тозаи муаллиф ба хонанда роҳи нуру рӯшноиро нишон медиҳад. Ин шаъшаъа роҳи байни дили одамонро мунаввар карда, дар оинаи замон симои онҳоро мунъакис менамояд. То худро бубинанду бишносанд. Ин ҳамаро акои Саттор эҳсос мекунад ё не? Намедонам. Вале як чиз аниқ аст, ки ӯ дар зиндагӣ рисолати инсонӣ ва вазифаашро чун рӯзноманигор пурра иҷро карда, ба бузургӣ расидааст. Ва дар ин бузургӣ ӯро хоксорию фурӯтанӣ, шикастанафсию ботавозӯӣ, дидадароию шикебоӣ комилтар кардаанд.

У. БИЛОЛӢ

УБАЙДУЛЛОЕВ ФАЙЗУЛЛО

Хатмкардаи факултаи забону адабиёти Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад. Ҳамкориаш бо рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» (пасон, «Ҳаёти қишлоқ», «Роҳи ленинӣ», «Ҳақиқати Хатлон» ва «Хатлон») ҳанӯз дар солҳои 50-уми асри гузашта, замоне ки донишҷӯ буд, шурӯъ кардааст. Соли 1960, вақте ҷонишини сардори яке аз мактабҳои ноҳияи Данғара буд, ӯро комиҷроияи ҳизбии ноҳия ба рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» ба кор фиристод. Он ҷо Ф. Убайдуллоев мудири шуъбаи ҳаёти партиявию комсомолӣ ва касабагӣ буд. Солиёни зиёде бо навиштаҳои ҷолибу хонданияш дар хизмати муштариёни рӯзнома буд.

Ҳоло дар ноҳияи Данғара зиндагӣ мекунад. Бо вуҷуди дар нафақа буданаш, пайваста дар мавзӯъҳои доғи ҷомеа мақолаҳои таҳлилӣ менависад.

МАКТАБИ МАҲОРАТУ ИСТЕЪДОД

Охирҳои моҳи январи соли 1960. Дар мактаби миёнаи рақами якуми ноҳияи Данғара вазифаи ҷонишини аввали директорро адо мекардам. Директор Ғаюр Қараев хабар расонд, ки «Шуморо котиби дуюми кумитаи ҳизбии ноҳия А. И. Борисов пурсида истодааст». Баъди навбатпоӣ вориди ҳуҷраи кории ӯ шудам.

- Дар рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» намояндаи ноҳияи мо лозим будааст. Ҷойи яке аз шуъбаҳоро барои ноҳияи мо ҷудо кардаанд. Мо шуморо тавсия карданием. Шумо дар рӯзномаҳо кор карда будаед. Фикратон чӣ? - изҳор дошт Александр Иванович.

Гап ҳамин шуду баъди ним соате мактубчаи роҳнаморо бо имзои котиби аввали кумитаи ҳизби коммунистии ноҳия

Асадулло Қосимов ба дастам дода, таъкид карданд, ки тезтар ба Кӯлоб раҳсипор шавам.

Муҳаррири рӯзнома, шодравон Сафо Ашӯрро дар утоқи кориаш маро хуш пазируфта, гуфт, ки «мо шуморо чун аъзои ҳизби коммунист мудири шуъбаи ҳаёти партиявию комсомолӣ ва касабагӣ таъин менамоем. Дар як вақт ҷонишини муҳаррир низ ҳисоб меёбед…»

Кор аз рӯйи нақша пеш мерафт. Супоришҳо бекаму кост иҷро мегардиданд. Ҳамроҳи ходими шуъба Қувват Холов маводҳоро ба котиби масъул Умар Валиев месупурдем. Қариб дар ҳар шумора маводҳои тайёркардаи шуъбаи мо ба табъ мерасиданд.

Он айём хурсанду ифтихорманд будем, ки бо чунин пирони кори рӯзноманигорӣ чун Абдулло Муродов, Рустам Содиқов, Умар Валиев, Кенҷа Исмоилов, Қамиш Каримов, ҷавонони навкор Ашӯр Сафаров, Саидҷон Ҳакимзода, Ҳабибулло Файзуллоев ва дигарон кор карда истодаем.

Коре, ки табъи дили олим набуд…

Чанд лаҳзаи он солҳо аз лавҳи хотирам ҳеҷ гоҳ зудуда намегардад. Устоди донишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, мудири кафедраи таърихи КПСС шодравон Моёншо Назаршоев, ки он солҳо оид ба ҳалли масъалаҳои миллӣ дар Осиёи Марказӣ кори илмӣ мебурд, ба идораи рӯзнома ташриф оварда, доир ба мавзӯи «Ташаккули миллати тоҷик баъди инқилоби Октябр» мақолаи ҳаҷман калоне пешкаш намуд. Муҳаррир маро наздаш хонда, фармуд, ки мақолаи мазкурро ба чоп омода созам. Бинам 2 саҳифа дастнавис. Ба муаллим М. Назаршоев масъаларо фаҳмондаму сари ихтисори мақола ҳар ду хуб майна «об» кардем. Устод аз чунин ранг гирифтани кор каме ранҷиду озурдахотир гардид. Охир, кӯтоҳ кардани мақолаи илмии олим кори шӯхӣ не-ку! Ниҳоят бо ҳамдастии кори котиби масъул Умар Валиев ба қароре омадем, ки мақоларо баъди «қайчӣ» дар ҳаҷми 500 сатри чопӣ дар зерсаҳифаи 2-3-4 (чун подвал) чоп намо-

ем. Ҳамин тавр ҳам шуд. Вале, ман худ аз ин кори кардаам розӣ набудам, зеро ин корамон табъи дили олими таърихшинос буд.

Ҳабибуллои 15-сола ва нобоварии Ашӯру Саидҷон

…Ҷавони он солҳо 15-16 сола Ҳабибулло Файзулло, ки дар рӯзнома ёрдамчии мусаҳҳеҳ (подчитчик) шуда кор мекард, ба ман чун ҳамкори нисбатан калонсол унс гирифта буд. Вақтҳои холиашро бо ман мегузаронд. Чакидаҳои нахустини хомаашро ба ман нишон дод. Ба қадри имкон ислоҳ карда, ба котибот месупурдам. Вале онҳо рӯи чопро намедиданд. Фаҳмидам, ки шоиронамон Ашӯр ва Саидҷон эрод гирифта мегуфтаанд, ки «Ҳабибулло ин шеърҳоро аз куҷое дуздидааст». Гапро бо Аловуддин Давлатов ва Умар Валиев пазонда як шеъри шогирдонаи Ҳабибуллоро, ки ҳамагӣ аз ду банд (ҳашт мисраъ) иборат буд, дар саҳифаи «Рӯзи шанбегӣ»-и шумораи навбатӣ ба табъ расондем. Рӯзи дигар шӯру валвалае хест ва то ҷаласаи пагоҳирӯзӣ (летучка) расид. «Даъвогарон» писхандзанон мегуфтанд, ки «Ин шеър аз кадом як шоири гумноме дуздида шудааст. Вагарна, бачаи 15-16 сола чунин шеъри равон навишта наметавонад». Мо бошем, истодагарӣ карда, изҳор менамудем, ки агар ҳамин тавр бошад, ёбед, исбот кунед, сипас, мо масъулияташро ба зимма хоҳем гирифт. Эродгириҳо дер давом накард. Чакидаҳои нахустини хомаи Ҳабибулло тадриҷан ба табъ мерасиданд…

Дастгирию кӯмаки ҳамкорон

- Ба Кӯлоб рафтан лозим будааст, - гуфтанд дар кумитаи ҳизбии ноҳия.

Охирҳои моҳи январи соли 1981 буд. Утоқи кории ҷонишини мудири шуъбаи идеологии кумитаи ҳизби вилоят Ҳабиб Рабиев моломоли кормандон буд. Баъди анҷоми машварат бо иҷозат назди он кас даромадам.

- Шумо кӣ ва аз куҷо?

- Аз Данғара, - гӯён худро шиносондам.

Баъд даст ба гӯшаки телефон бурда, ба кучҷое занг зад.

- Ҳа, домулло, Шумо нағзед? Корҳо хубанд? Моро ҳозир як хабар мегирифтед, - хоҳиш кард Ҳабиб Рабиев ва сӯи ман ишорае кард.

Баъди 5-6 дақиқа марди миёнақади хушсимои мӯйҳои сараш чун барф сап-сафед вориди утоқ гашта, бо мо вохӯрӣ карду рӯйи курсӣ нишаст.

- Шоҳмузаффар Ёдгорович, - гуфт Ҳабиб Рабиев, - Шумо дида истодаед, ки ноҳияи Данғара имрӯзҳо майдони корзорро мемонад. Мо бошем, дар рӯзномаи вилоятиамон рафти ин сохтмонҳоро ғайриқаноатбахш инъикос карда истодаем. Чӣ мешавад, ки яке аз ходимони редаксияро ба он ҷо доимӣ вобаста кунем, чуноне ки редаксияи «Кулябская правда» ҳамин тавр кардааст.

- Мешавад-ку, вале… мо бачаҳоро бо навбат ба Данғара фиристода, кам-кам маводҳо низ чоп карда истодаем…

- Кам-кам намешавад, домулло. Мо мехоҳем, он ҷо коргоҳи доимии мухбирон дошта бошему касе аз ходимони редаксия ба он роҳбарӣ намояд. Оиди ин масъала роҳбарият розианд, балки худашон таклиф ҳам пешниҳод кардаанд. Ана барои ҳамин ҳам мо ин касро (сӯи ман ишора карда) аз Данғара даъват кардем, ки бо ҳам маслиҳат кунем.

- Ин кас чандсола бошанд? – пурсид муҳаррири рӯзнома Шоҳмузаффар Ёдгоров.

- Соли оянда ҳамин вақт 50-солагиашро қайд мекунем, - нимшӯхию нимҷиддӣ хандида гуфт Ҳабиб Рабиев.

- Охир ин кас дар шароити рӯзномаи ноҳиявӣ кор кардаанд, талабот дар рӯзномаи вилоятӣ дигар. Аз уҳдаи кор набароянд- чӣ? Қаламкашон кундӣ кунанд-чи? Бар замми ин синну солашон ҳам анча рафтагӣ. Корро ёд мегирад ё не? Кӣ медонад!

Ҳабиб Рабиев сӯи ман нигоҳи маънидоронае кард, ки фавран пай бурдам.

- Агар ҳис кунам, ки мувофиқи талаботи редаксия кор карда наметавонам, бо хоҳиши худ аз кор даст мекашам, ақидаи

ман ҳамин аст, - гуфтам ба ҳарду.

Гап ҳамин шуду баъди ду-се дақиқа ману муҳаррир пасу пеш вориди утоқи кории ӯ гаштем. Вай ба котиба фармуд, ки ҳайати таҳририяи рӯзномаро наздаш даъват кунад. Супориш батезӣ иҷро гардид. Чеҳраҳои шиносу ношинос пайи ҳам дар утоқи кории муҳаррир ҷамъ омаданд. Онҳо қаламкашони собиқадори матбуот Ҳақназар Ғоибов, Раҳмат Ташрифов, Мирзо Қосимов, Умар Валиев, Абдулло Муродов, Мисраль Сониев, Аслон Исломов, Неъматулло Худойбахшов, Иброҳим Ҷализода ва дигарон буданд. Муҳаррир маро ба ҳозирин чун мухбири махсуси рӯзномаи «Роҳи ленинӣ» дар ноҳияҳои Данғараю Совет муаррифӣ карда, фармуд, ки ба ман супоришҳо диҳанду иҷрои онҳоро қатъӣ талаб намоянд. Ва боз илова кард, ки ин касро (яъне маро) ба таври санҷиш ба муҳлати як моҳ қабул мекунему бигзор ҳоло ҳамроҳамон дар ҳамин ҷо кор кунад, корро ёд гираду сипас мустақил амал намояд.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Ҷойи корам идораю ҷойи хобам меҳмонхонаи шаҳрӣ. Рӯзҳои шанбею якшанбе ба Данғара омада, далелу рақамҳо гирд оварда, маводҳо навиштам. Хурсанд будам, ки навиштаҳоям дар рӯзномаамон чоп мешаванд баъди ду ҳафтаи корӣ муҳаррир дар роҳрави бино маро дида, ба утоқи кориаш даъват намуд.

- Акнун шумо аз санҷиш гузаштед, - гуфт бо қиёфаи ҷиддӣ, - раведу дар Себистон пункти мухбирон кушоед. Илоҷе карда, ҳар рӯз ахборе, лавҳае, мақолае фиристед ё бо телефон дикта кунед. Ноҳияи Советро ҳам аз хотир набароред. Ба шумо барори кор…

«Хатлон» - пайвандгари наслҳо

Ибораи «пайвандгари наслҳо»-ро мавриди истифода қарор дода, мо нашрияи «Хатлон»-ро чун идомадиҳандаи кори нашрияҳои пешини Хатлонзамин дар назар дорем. Бо боварии комил метавон гуфт, ки ин нашрия имрӯзҳо чун нашрияҳои гуногунноми пешини худ вазифаҳои дар назди

хукумати вилоят ва меҳнаткашони он бударо бо сарбаландӣ ба ҷо оварда, инъикосгари ҳаёту фаъолияти мардуми Хатлонзамин гардидааст.

Мо худ шоҳиди он будем, ки даҳсолаи охир ба душвориҳои иқтисодиву молиявӣ нигоҳ накарда, нашрия аз фаъолият бознамонд, чун солҳои пешин мунтазам набошад ҳам, ба табъ расид. Муштариёни рӯзнома ва хабарнигорони хушсалиқа парешон нагашта, бо пешниҳоди маводҳои зарурӣ ба нашри рӯзнома кӯмаки беғаразона расонданд.

Инак, имрӯз нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят - «Хатлон» ҷашн дорад. Ҷашни камолот. Нашрияе ҷашн дорад, ки 80 сол инҷониб пайвандгари наслҳо, оинаи ҳаёт ва кӯмакрасони мардуми Хатлонзамин буд ва ҳаст. Чунин аст нақши рӯзнома ва рӯзноманигорони вилоят дар пешрафти зиндагии мардум.

Ф. УБАЙДУЛЛОЕВ,
Аълочии матбуоти ҷумҳурӣ

УМАРОВ САИДАБРОР

Соли 1937 дар деҳаи Тиёни ҷамоати Ховалинги ноҳияи Ховалинг дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1961 Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлобро ба поён расонидааст. То соли 1975 дар мактаб-интернати ба номи Шаталов, мактаби миёнаи ба номи Фирдавсӣ ва омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб ба ҳайси омӯзгор кор кардааст. Аз соли 1976 то соли 1983 дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» мудири шуъба будааст. Баъдан дар вазифаҳои гуногун, аз ҷумла идораи шуғли меҳнат, ҳифзи муҳити зист, Хазинаи кӯдакони вилоят ва ғайраҳо фаъолият намудааст.

Соли 2010 аз нав ба коллеҷи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба кор омада, то рӯзҳои охирини умр (апрели соли 2013) ба сифати омӯзгори фанни забону адабиёти тоҷик ба толибоилмон дарс гуфтааст.

МАРҲАМАТ, ХУШ ОМАДЕД!

Ман чунин гумон мекунам, ки шуъбаи мактубҳо аз кадом як ҷиҳат ба яслӣ – боғчаи бачагон шабоҳат дорад. Шояд ин ташбеҳ як андоза нораво бошад. Вале баъзе андешаҳо маро водор месозад, ки ҳамин тавр монандиҳо ҷӯям. Тасаввур кунед: шахсеро, ки қалам ба даст мегираду мақола менависад ва ӯ ба редаксия маслиҳатпурсӣ меояд. Аввалин қадам ҳамеша қадами тифлона аст. Вале тифл бояд роҳгардиро ёд гирад. Барои вай мураббӣ даркор. Ана ҳамин тавр, шахси ба ин ҷода қадамниҳода ҳам, ба маъние ба дасти мураббӣ меафтад, баъд мактабхон мешаваду ба камол мерасад. Чизи дигар ихтирооти кӯдакон аст, ки на ҳамаи он дар плани мураббия нишон дода шудааст. Ба ҳамин мақсад гоҳо мухбирони мо низ ихтироот мекунанд, ки он дар тарзи навишт ва масъалагузориашон зуҳур меёбад. Илова бар ин, байни мову мухби-

рон, гоҳо чун ҷанҷолҳои бачагон ҳангоми бозӣ баҳсу талош ба вуҷуд меояд, ки онро дар боғча мураббӣ ва дар мо шахсе, ки маҳорати хуби навиштану хуб фаҳмонда тавонистан дорад, ҳал карда метавонад. Хулоса, дар ҳардуи ин ҷо будани мураббии сахтгиру меҳрубон, серталабу ғамхор, доною тадбирандеш шарт асту зарур.

Акнун мехоҳам ба хонандагони гиромӣ аз тартиби кор гап занам. Кори шуъбаи мактубҳо ҳар рӯз аз мутолиаи мактубҳои меҳнаткашон сар мешавад. Ин мактубҳо аз мухбирони деҳот, аз гӯшаю канори вилоят, республика ва берун аз он меоянд. Ходимони шуъба ба рӯйи лифофаҳо менигаранд. Ба онҳо ном, хат ва аксари муаллифон шиносанд.

- Ана, фалон лифофаро кушоед, дар вай ҷону ҷигари хабарҳои тоза.

- Ана, ин мухбири наву ношинос, канӣ бинем, он кас чӣ навиштааст?

Занги телефон:

- Ман ба Шумо хабар фиристода будам, аммо аз тақдираш то ҳол…

Дари кабинетро пири қоматхамидае кушода, «мумкин дароям?» - гуфта мепурсад бо овози хаставу ларзон. «Марҳамат-марҳамат», - мегӯем мо. Баробари дар курсӣ нишастан пир оҳи вазнин аз дил мекашаду арзи ҳол мекунад. Ҷавоне дарро кушода, мактуб дар даст рухсати даромадан мепурсад ва ҳанӯз ба курсӣ нанишаста, аз ҳамсару модарарӯсаш шикояту гила мекунад…

- Бовар кунед, додар, ин корҳо аз рӯйи рашки ҳамсару модарарӯсатон, аз муҳаббату дӯстдории онҳо сар задааст, бовар кунед, додар, - мегӯем мо ба ҷавон… Ҷавони дигаре ба кабинет даромада, хабари навиштаро бо даст ба шуъба месупорад: «Адреси маро «шуъбаи алоқа «До востребования» нависед, мешавад. Ман ҳамеша дар командировка. Аз ҳаёти коргарону роҳсозон ва бинокорон хабар менависам. Марҳамат, канӣ як хонда бинед. Ман барои ҳамин худам мақоларо ба дастам гирифта омадам, ки шуду нашудашро аз

шумо фаҳмида, баъд дар кадом хусус мақола навиштанамро пурсида гирам.

Мақолаи аҷоиб, дар бораи таҷрибаи кори ветерани меҳнат, нафақахӯрони шахсӣ факту рақамҳои аҷиберо нишон додааст. Вале ҷавонро баробари хонда баромадани ҳар як сатри мактуб дилаш монанди дили студенте, ки дар назди муаллим имтиҳон месупорад, дартакопӯ аст. Ҳар дақиқаи интизорӣ барояш гӯё сари сол мекашад. Аз шарм чеҳрааш гулгун мешаваду ба мӯйлаби навмайсааш беихтиёрона даст мебарад.

- Додар, хабаратон мешавад. Дар оянда боз ҳам ҳамин гуна хабарҳои ба обу ранг навишта, бо мо ҳамкорӣ кунед.

- Агар ман номамро дар зери мақолаам дар газета хонам, мухлису аъзои якумраи газетаи шумо мешавам, - изҳор мекунад ҷавон шармгинона.

Ана, кор дар шуъбаи мактубҳо. Хулоса, кор ҳар рӯз ҳамин ҳол аз кушодани лифофа, хондан, ба шуъбаҳои дахлдор супоридани мақолаҳо сар мешавад. То бегоҳ бошад, мо ба туфайли мактубҳои мухбирон аз кору аҳволи меҳнаткашони вилоят огоҳ мегардем. Агар рӯзе ба шуъба мактуб ва ё меҳмонону мухбирон наоянд, мо ким-кадом чизи муқаддасамонро гум кардагӣ барин мешавем.

Сайдаброр УМАРОВ,
мудири шуъбаи мактубҳо, Аълочии маорифи халқи
РСС Тоҷикистон
(«Роҳи ленинӣ», майи соли 1983)



ФАХРИДДИНОВ САИДҶАЛОЛ

Баъди хатми Институти педагогии пойтахт (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ) чанд сол омӯзгорӣ намуд. Фаъолияти рӯзноманигориашро соли 1984 дар рӯзномаи «Ҳақиқати Хатлон» ба ҳайси мухбир оғоз кард. Аз рӯзҳои нахуст дар ин мактаби рӯзноманигорӣ аз устодони сухан нозукиҳои касбро омӯхт. Ба мавзӯъҳои доғи рӯз, аз қабили ҳифзи табиати диёр, тозагии муҳити зист рӯ оварда, маводҳои танқидӣ рӯйи коғаз меовард. Дар як муддати кӯтоҳ хонандагони доимии худро ёфт. Аз қавитарин коршиносони масоили зистмуҳитӣ буд.

Саидҷалол тавассути омӯзиш ва истодагарӣ таҷрибаи рӯзноманигорӣ андӯхта, устоди собиқадори касби журналистӣ шуд. Ӯ то оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар ин рӯзнома кор кард.

● *ПОК ДОШТАНИ МУҲИТ ҚАРЗИ ИНСОНИСТ*

ЗАҲРХӮРДАРО ПОЗАҲР МЕБОЯД

Барои солим нигоҳ доштани ҳаёт дар табиат, пеш аз ҳама, бояд обу ҳаво тоза бошад. Модоме ки манбаи асосии зиндагӣ обу ҳавост, модоме ки бе об ҳаёт вуҷуд дошта наметавонад ва базӯр 40 фоизи мардуми мо оби тоза менӯшанд, пас чӣ сон гуфта метавонем, ки аҳвол хуб аст?

Дар ҳоле ки 60 фоизи бемориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сари мардуми ноҳияи мо рост меояду аксари онҳо чун вабо, дарунравӣ, домана, салмонеллезҳо, зардпарвин, туляремия, бруселлез, табларза, як қатор бемориҳои тавассути вирусҳо сарзананда, полиемиелит, сил, як гуруҳ бемориҳои сироятии рӯда ва ғайра маҳз ба воситаи об паҳн мешаванд, мардум саросар оби ифлоси ҷӯйборҳоро менӯшанд.

Чаро чунин ҳол қариб, ки ислоҳнашаванда гаштаасту роҳи ҳаллаш дар ин солиёни наздик нопайдост. Чунки манбаи басо барои кашидани хати обгузар мувофиқи оби тозаву мусаффои зеризамини ноҳияи Калининобод дар майдони хеле калон, асосан тавассути партовҳои заводи нуриҳои азотии Вахш заҳролуд гаштааст. Ба болои ин дар ноҳия 40 корхонаи дигар мавҷуд аст, ки низ ба тозагии ин об бетаъсир намемонанд. Агар базаи нефти вилоят бо шуъбаву стансияҳои равғанпуркуниҳояш ба ин манбаъ нефту бинзину карасин «ҳадя» кунад, базаи вилоятии селхозхимия низ дар ифлоскунии он ҳиссаи худро дорад. Аммо партовҳои заводи нуриҳои азотии Вахш беҳадду ҳисобанд. Охир миқдори партовҳои бебаркаши ин корхонаро, ки дастгоҳу таҷҳизоташ дар қабати хок аз назар ниҳон аст, ҳеҷ кас аниқ гуфта наметавонад. Ва агар дар басти шабона дастгоҳе аз кор барояду тавассути қубуру рӯдаҳои вайронгашта аммиак соатҳо ба оби зеризаминӣ ҷорӣ шавад, ба ҷуз он коргаре, ки бепарвоёна ин корро мушоҳида мекунад, дигар кӣ боз аз ин амал огоҳ мешавад? Ҳеч кас.

Аз шаҳр то вилояту республика ҳамаи роҳбарони ба ин кор дахлдошта рӯйиросту бепарво арз мекунанд, ки бе нурии минералӣ зистан мумкин нест, яъне агар нурии минералӣ набошад, пахта ҳосили дилхоҳ намедихад ва бе пахта, ки маҳсулоти асосии республика аст, зистан амри маҳол мебошад. Ҳоло он, ки илми соҳаи набототшиносӣ борҳо собит гардонидааст, ки бе поруи маҳаллӣ ҳеҷ гоҳ ҳосили дилхоҳ гирифта наметавонем. Ғизои асосии ҳамагуна рустанӣ дар поруи маҳаллист ва аз истифодаи мунтазаму бебаркаши нурии минералӣ қабати ҳосилхези замин зарари зиёд мебинад.

Дар асл дар гуфтаи ин роҳбарон, ки бидуни иҷрои план аз курсиашон бенасиб мешаванд, ҳақиқате ниҳон аст. Онҳо рӯирост ошкор накунанд ҳам, ниҳонӣ гуфтан мехоҳанд, ки қабати ҳосилхези рӯйи замин аз истифодаи мунтазаму бебаркаши заҳру нурӣ кайҳо харобу вайрон гаштааст ва бе нурӣ умуман ҳосил намедиҳад.

Пас, чӣ бояд кард, то аз ин ҷанги химиявии ба хотири пахта

ба ҷони одамон давомдошта халос шавем? То ин ки худи ҳамин рӯз кори заводи нуриҳои минералиро қатъ бикунему аз баҳри маҳсулоти он бибароем? То об - манбаи асосии ҳаёт аз ин мори афъӣ наҷот ёбад. Роҳи наҷот ҳаст?

Хушбахтона, чунин илоҷ дорем, вале, бадбахтона, чунин роҳбарони дилсӯзу далер, чунин фидоиёни замон, чунин родмардоне, ки «шиша бар сар, дида бар наштар бизанад»-у замину обу ҳавои водӣ ва Тоҷикистони азизамонро поку беолоиш бигардонад, зери фишори бюрократизм ниҳон мондаанд. Овоз бароварда, мақсадашонро ошкор гуфта ё амал карда наметавонанд.

Манбаи асосии нурӣ дар поруи органикист. Дар тамоми мамлакатҳои хориҷӣ онро босамар истифода мебаранд. Илова бар ин, агар методи киштгардонро истифода бубарем, дар замини се сол беда кишткардашуда то 550-600 килограмм азоти тозаи табиӣ захира мекунем. Ҳамчунин дар тамоми мамлакатҳои хориҷӣ аз баргу пояи рустаниву дарахтон пору тайёр мекунанд, дар мо бошад, аз ин усул тамоман истифода намебаранд. Ин ҳам як манбаи фаровони нурии бебаҳо мебошад.

Агар ин ҳамаро истифода бурда, баробари ҷамъоварии ҳосили пахта дар замин кишти ҷав, ҷавдор ва дигар зироатҳои лӯбиёгиро низ ба роҳ монем, ба ягон нурии азотӣ зарурат намемонаду кор нуран алонур хоҳад шуд.

Имрӯз инро ба ҳеҷ кас ҳоҷати исбот кардан ҳам нест! Мо бошем, ба ҷойи 40-50 килограмм 250-300, ҳатто 490-килогӣ нурӣ истифода мебарему натиҷаи дилхоҳ ба даст намеорем.

Дар ивази 1 килограмм нурӣ мо бояд 16-22 килограмм пахта ба даст орем. Вале ин ҳисоб алҳол базӯр 7-10 килограмм пахтаро ташкил медиҳад. Чаро? Чунки мунтазам, бе киштгардон пахта кишт карда, таркиби заминро бакуллӣ хароб кардаем.

Дар республика чорводорӣ соҳаи дуюм ба шумор меравад. Дар вилоят алҳол 1 742 700 сар чорвои хурду калон ва 1,3 миллион паранда мавҷуд аст. Агар поруи онҳоро ҷамъ оварем, баъди пӯсидан 1,7 миллион тоннаро ташкил медиҳад, ки манбаи асосии ҳамагуна ҳосил шуда метавонад. Агар поруи тамоми чорвои

мавҷудаи хоҷагиҳо гирд оварда, бе исрофкорӣ истифода шавад, агар ҳамаи барги дарахтон, шоху панҷаи ниҳолу растаниҳо, ки ногузир тавассути борон паҳну парешон шуда нобуд мегардад ё ба коми оташ фурӯ мераванду ба ҷойи фоида овардан, баръакс, бо дуди ғализ ҳавои шаҳрҳоро ифлос мекунад, тавассути кооперативҳо гирд оварда, самаранок истифода бурда шаванд, пахтазори республика пурра бо пору таъмин мешавад.

Плани пахтасупории вилоятро ҳам мувофиқи имконият кам кардан лозим аст. Охир «кӯрпаро дида, пой дароз кун» мегӯянд. Гузашта аз ин, мо кишти пахтаро ба уҳда гирифта, чаро ба бало гирифтор шавем? Мушкилоти сангини ба сари мардум боргашта, ки чунин зироати пургард, мушкилу барои техника дастрасро парвариш мекунад, бас будагист? Тамоми сол ҳар ниҳоли онро, ки пур аз заҳру гарду чанг аст, чун ҷон парварида, 90 фоизи маҳсулотамонро ба дигар республикаҳо чун ашёи хом фиристода, магар ҳуқуқ надорем даъво бикунем, ки ба мо нурии минералӣ фиристонанд?

Охир аз нури барқи Нораки мо заводи алюминийи шаҳри Турсунзодаро таъмин карда, аз кадом як ноҳияи мамлакат ашёи хом меоранд-ку? Пас, нурии минералӣ низ овардан мумкин аст.

Таъсири гарду чанг, заҳру зукум ва маҳрумиятҳое, ки аз кишти пахта насибамон гаштааст, бас аст, ҳарчи зудтар кори заводи нуриҳои азотии Вахшро ба тартиб оварда, манбаи оби тозаи нӯшокиро наҷот диҳем. Дар амалӣ гаштани ин тақозои замон бошад, дастгирии ҳамаҷонибаи мардум зарур аст.

Заҳрхӯрдаро позаҳр мебояд. Мардуми водии мо солҳост, ки заҳроба менӯшад. Позаҳри он оби тоза аст. Аз ин рӯ, оби тозаи ноҳияи Калининободро ҳарчи зудтар наҷот додан шарт аст!

Саидҷалоли ФАХРИДДИН,
рӯзноманигор
(«Навиди Вахш»,
№8 (3058), 11 январи соли 1990)



ФИРӮЗОВ МИРЗОХОН

Мирзои Фирӯз 12 апрели соли 1949 дар деҳаи Ҳасанбеки ҷамоати деҳоти Танобчӣ (ҳоло ба номи Саидмуъмин Раҳимов), ноҳияи Совет (ҳоло Темурмалик) дар оилаи узви колхоз таваллуд ёфтааст. Соли 1965 мактаби миёнаи №3-и ноҳияи Восеъро хатм намуда, соли 1966 ба шуъбаи журналистикаи факултети филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин дохил шуд ва онро соли 1971 ба итмом расонид. Аз 3-юми марти соли 1971 ба рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ (ҳоло «Ҷумҳурият») ба кор омада, то декабри соли 1972 фаъолият намуд. Аз декабри соли 1972 то ноябри соли 1974 дар хоҷагии ба номи Ленини ноҳияи Восеъ дар вазифаҳои котиб ва мухбир-ташкилотчии радиои маҳаллӣ кор кард. 7 соли баъдӣ хабарнигори Кумитаи давлатии телевизион ва радиои ҷумҳурӣ дар вилояти Кӯлоб буд. Аз сентябри соли 1981 то моҳи июли соли 1986 дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» дар вазифаҳои хабарнигор, мудири шуъбаи маданӣ-маишӣ, ахбор ва мактубҳо фаъолият кард. Пасон, ба тариқи гузариш боз чун хабарнигори Кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ дар вилояти Кӯлоб ифои вазифа намуд. Аз соли 1993 то соли 2001 ба сифати муҳаррири барномаи «Ахбор»-и Телевизиони Тоҷикистон ба фаъолият пардохт. Аз декабри соли 2001 то ҳоло дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» кор мекунад.

Муаллифи китобҳои «Раиси Миралӣ», «Роҳи камолот», «Фоҷиаи даври қамар», «Зиндагӣ дар соҳили Вахш», «Толеъи Шариф» аст. Узви ИЖТ (аз соли 1974). Бо медали «Хизмати шоиста» ва унвонҳои «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гаштааст. Оиладор, соҳиби 11 фарзанд.

ҚИССАИ МАХСУМИ ШАХЧАНГОЛИ БАЛАНДПАРВОЗИ ВАЛӢ

(Ҳамаи номҳо бофтаанд)

Домулло Сафари нулвандӣ охири солҳои сиюм зодгоҳашро барои доираи фаъолият танг ҳисобида, тарк кард ва ба водии Кӯлоб кӯч баст. Чанде дар ноҳияи Ховалинг, пас дар деҳаи Каримбердӣ зист. Аввали солҳои панҷоҳум як қисми аҳолии деҳаро ба ноҳияҳои Фархору Чӯбек (Москва) ва Арал (ҳоло Восеъ) муҳоҷир карданду домулло Сафар ҳам аз нав рахти сафар баста, ба деҳаи Тосқалъаи ноҳияи Восеъ кӯчид.

Ҳарчанд дар урфият «гов дар диёри мардум гӯсола метобад» гӯянд ҳам, домулло баъди ба деҳаи Тосқалъа омадан худро чун муллои калон, қасидахони тасхиркунандаи ҷину аҷинаҳо ва деву парӣ муаррифӣ кард ва ин мартабааш шуҳраташро сол то сол афзуд...

Чун овозаи домулло Сафар ба дуру наздик расид, ӯ аз пайи иҷрои мақсадҳои деринааш – молу колоҷамъкунӣ ва зангирӣ афтид. Оҳиста-оҳиста орзуҳои ӯ ҷомаи амал пӯшиданд. Домулло дар деҳаи Тосқалъа соҳиби хонаи калон ва дар деҳаҳои гирду атроф соҳиби муридон гардид. Дар ҳар деҳа одамони соддақавлу гумроҳе буданд, ки ба ивази куфу суфи ӯ молу чизи зиёде медоданд ё хоҳару духтаронашонро «назру ниёз» мекарданд.

Боре мулло ба райони Қизилмазор рафта, ба хонаи Зиёдулло ном шахс «меҳмон» шуд.

- Насиби нону намак будааст, ки Худованди карим худаш маро ба хонаат овард, - гӯён домулло Сафар даст ба омин бардошт ва баъд «каромот»-е нишон доданӣ шуд:

- Дар хонаи ту, - гуфт домулло Сафар рӯ ба тарафи қибла оварда, - ҷини сафеди мард макон гирифтааст. Ҳар замон ҷин ба ту ва аҳли оилаат зиён расонда меистад. Як қасида хонда, ҷини бадкорро аз хонаат рондан даркор.

Зиёдулло ин суханони муллоро шунида, ба воҳима афтид ва илтиҷоомез гуфт:

- Тақсир, духтаракам Тозагул чанд вақт аст, ки касалманд асту ба ақлаш ҷину аҷина бошад ё деву парӣ бошад, халал расондааст. Ҳарчанд даводав карда истодаам, сиҳат намешавад. Дар дами дуоят садқа шавам, тақсир! Як коре кунед, ки духтарам сиҳат шавад, то вақте ҳастам, хизмататонро мекунам.

Домулло фармуд, ки якчанд химчаи тар ёбанд ва духтарро биёранду дасту пояшро банданд. Худ таҳорати тоза карду ҷойнамозашро паҳн намуда, бо овози баланди даҳшатнок ба «қасида»-хонӣ машғул шуд. Гоҳ-гоҳе ба чор тарафи ҳавлӣ куфу суф карда, бо химча ба бадани нозуки духтар зада, ҷини сафеди мардро мегурезонд.

Домулло Сафар баъди фориғи «қасида»-хонӣ ба Зиёдулло гуфт, ки «духтарат дар сари сол сиҳат мешавад, ба шарте, ки назру ниёзат канда нашавад».

Зиёдулло, ки он вақт ба мавҷудияти ҷину аҷинаҳо боварӣ дошт, халосии духтарашро фақат аз дуо ва даму нафаси домулло Сафар мепиндошт, духтари 16-солааш Парвинаро ба назди домулло оварда мегӯяд:

- Тақсирам, ҳамин духтарамро назри шумо кардам. Мехоҳед, ба фарзандатон диҳед, мехоҳед ба каси дигар, ихтиёр доред. Фақат гоҳ-гоҳе ба кулбаам қадам ранҷа фармуда, духтарамро аз ҷини сафед халос кунед.

Домулло Сафар ин гуна сурат гирифтани оқибати «каромот»-ашро қариб, ки чашмдор набуд, аз ин рӯ, аз дил гузаронд: «Акнун келин муфт ба даст омад, тараддуди хӯрҷинро дидан даркор». Пас, боз ду-се бори дигар куфу суф карда, фотиҳа хонду ба соҳибхона рӯ оварда гуфт:

- Насиб бошад, духтаратро ба бачаам Абдулло никоҳ карда медиҳам. Чанд вақт аст, ки худам келин кофта гаштаам. Ҳамин тавр, соли 1960-ум домулло Сафар духтари 16-солаи ноболиғи Зиёдуллоро пинҳонӣ никоҳ карда, ба писараш Абдулло дод.

ххх

Махсуми Абдулло, фарзанди калонии домулло Сафар саркаш ва якрав буд ва қариб рӯз дар миён дар деҳа «корнамоӣ»

нишон медод.

Абдулло баъди пинҳонӣ ба никоҳ даровардани духтари назркардаи Зиёдулло – Парвина ҳам, аз беодобиҳое, ки дошт, намонд. Пас аз сари қиблагоҳаш - домулло Сафар худро боз озодтар ҳис намуда, бедодгариашро дар роҳҳо ва деҳаҳои гирду атроф давом додан гирифт.

Дар баробари ҳамаи ин махсуми Абдулло ба чанд идора сар халонда, хушаш ояд як сол, хушаш наояд, як моҳ кор карда, аз нав ғайб мезад. Чун дид, ки аз ин кораш ба ӯ фоидаи дуруст намерасад, «Ман писари калонии домулло Сафар, ҷойгири қиблагоҳам ҳастам ва падарам ба даҳони ман туф карда, «қасида»-хониро иҷозат додаанд» гуфта, овоза кард. Баъди ин ягон-ягон муридони падараш Абдуллоро ба дуохонӣ ҷеғ мезадагӣ шуданд. Акнун ӯро дар ҳар тӯю маъракаю маросимҳо аз ҳама боло гузаронида менишонданд. «Аз пушти шолӣ кӯрмак об хӯрдааст» гуфтагӣ барин махсуми Абдулло аз паси номи қиблагоҳ калонгарӣ карда мегашт…

Махсуми Абдулло давлати ғункардаи падарро мавриди сарфи кайфу сафои ҳаррӯзаи худ қарор дод. Аввал ӯ мотосикл, баъдтар автомошини «Запорожетс» харида, чанги кӯчаҳои деҳаро ба осмон дакка мезанонд.

Абдулло дар хона дасташро дар оби хунук намезад. Кору бори хонаро додаронаш Кироммиддину Сангмуҳаммад ва ҳамсараш Парвина ба ҷо меоварданд. Худи ӯ фақат ба дуохонӣ ва тамошои ҳусну ҷамоли зебосанамон банд буд.

Дар давраи дуохонӣ махсум ба хонаҳое, ки духтар ё келини ҷавон доштанд, «лона» гузошта, пагоҳу бегоҳ ҳозир мешуд. Ӯ дар соатҳои аз дуохонӣ фориғ будан занону духтарони ҷавонро «сеҳр» мекард. Баъзе соддалавҳҳо ба махсум ҳасад бурда, оби даҳон резонда, аз ӯ сирри «муваффақият»-ашро мепурсиданд. Махсум бо фахр мегуфт:

- Ман китоби «Канз-ул Ҳусайн»-ро хонда, об кардагӣ. Ба гуле дуо хонда, ба дасти духтар медиҳам, ӯ худаш ба ман ром шуда, аз пасам медавад. Аммо дар асл махсум ба духтарону бонувони ҷавон макр мекард. Баъзан зимни дуохонии бемо-

ри ҷунундошта фурсат ёфта, ба ҳозирон аз боби каромоту ҷодугариаш нақлҳо карда, ба дили онҳо ваҳм меандохт. Чун махсум медид, ки суханаш ба зан ё духтари соҳибхона таъсире кард, аз нав доми тазвир мегустурд.

- Касе аз гапи ман барояд ё хоҳиши маро иҷро накунад, ман ӯро ба хар табдил дода, ба кӯча сар медиҳам ё савор шуда мегардам.

Ин суханони таҳдидкунандаи махсум баъзан беасар намемонданд ва ӯ ин суханҳоро доимо такрор карда мегашт. Абдулло бо роҳу воситаҳои маккорию қаллобӣ чандин хонаҳоро нотинҷ ва ба номуси бисёр занону духтарон иснод овард. Аммо касе садди роҳи бадаъмолиҳои ӯ гашта наметавонист. Бархе хотири қиблагоҳашро медиданду бархе аз дуо ва даму нафасаш метарсиданд.

Дар чанд соли охир махсуми Абдулло роҳи дигар макру фиреб ва чашмбандиро истифода мекард. Ӯ бо коркунони суду прокуратура, милитсия ва баъзе ташкилотҳои ҷамъиятии ноҳияҳои Восеъ, Совет ва шаҳри Кӯлоб, ки хешро аз муриди домулло Сафар ё худи махсуми Абдулло меҳисобиданд, дӯстӣ пайдо карда, аз вазифаи хидматии онҳо ба таври худ сӯиистифода мекард. Чунончи, аз рӯи ошнобозӣ номашро дар рӯйхати машваратчиёни суди халқии ноҳияи Восеъ дохил кунонд. Аз бепарвоии мақомоти дахлдор истифода бурда, дар чандин мурофиаҳо ширкат варзида, аз вазифаи «ҷамъиятӣ»-аш низ фоида мебинад.

xxx

Дар ҷамоати деҳоти Арали райони Восеъ ақди никоҳи Алишер Раҷабов ва Роҳила Булбуловаро мебастанд. Дар ин зимн хабарнигору наворбардори телевизиони ҷумҳурӣ шоҳиди маросими навхонадорон гардида, онро ба навор гирифта, ба воситаи оинаи нилгун намоиш доданд. Дар аввал гӯё зану шавҳари ҷавон аз зиндагиашон розӣ буданд ва якдигарро дӯст медоштанд. Аммо аз байн се моҳ нагузашта, арӯс Роҳила ба хонаи падараш Бозоралӣ Давлатов, ки ӯ дар ҳамсоядеҳа

истиқомат мекард, зуд-зуд мерафтагӣ шуд. Моҳи чорум аввалин аризаи Роҳила дар суди халқии райони Восеъ ба қайд гирифта шуд. Бо дахолати мӯйсафедони деҳа ва муовини раиси Совети қишлоқ Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Зулол Раҳмонова боз муддате Роҳиларо ба ҳамсараш Алишер оштӣ доданду аз нав дар оилаи ҷавон зиндагӣ аз сар гирифта шуд. Аммо Роҳила рафтуои хонаи падарро идома медод. Баъди ду моҳ Роҳила аризаи дуюми худро ба суди халқии райони Восеъ навишт ва қатъан бо шавҳараш зиндагонӣ накарданро пеш гузошт. Сабаби асосии вайроншавии оилаи ҷавон ҳамин махсуми Абдулло буд, ки инро ҳамсояҳо фаҳмиданд. Падари Роҳила Бозоралӣ Давлатов аз муридони «содиқ»-и домулло Сафари нулвандӣ ба шумор мерафт. Бозоралӣ тавлиди фарзанди нахустинашро аз дами дуо ва куфу суфи домулло Сафар медонисту махсуми Абдулло – фарзанди домулло Сафарро азизи хонадон мепиндошт. Гӯё махсуми Абдулло бо Роҳила бародару хоҳари қиёматӣ бошанд.

...Рӯзе Абдулло ба «шикор»-и гулрухон баромаду ба мақсад нарасид. Баъди дайдугариҳои зиёд дар роҳ муриди падараш Бозоралиро дида, ӯро дар мошинаш савор карда, ба хонааш меорад. Махсуми айёр дар болои чанд қабат кӯрпача нишаста, ба болиштҳои мулоим такякунон сухан оғоз кард:

- Ростомади корро бинед, ки имшаб қиблагоҳро дар хоб дидам. Он кас аз ман сахт норизо будаанд. Вақте ҷуръат карда сабабашро пурсидам, маро коҳишкунон гуфтанд, ки «Ту махсуми Абдулло, ҷойи маро гирифта, аллакай аз худ рафтаӣ. Бандаҳои муъмину мусулмон – муридони маро асло хабар намегирӣ! Агар ҳозир ба ман қавл дода, аз ҳолу аҳволи онҳо зуд-зуд хабар нагирӣ, ман туро аз пушти худам ҳисоб намекунам ва ту рӯи биҳиштро ҳаргиз намебинӣ!» Махсум гӯё ба рикъат омада бошад, бо рӯймолча оби чашмашро пок кард.

- Мақсад дорам, ки ба даргоҳи ҳамаи муридони қиблагоҳ рафта, аз онҳо узр пурсам, то ки хотири воло шод гардад. Шумо ҳам дар навбати аввал маро бубахшед, ки чанд вақт аз

хотирам фаромӯш шуда будед.

Бозоралӣ аз ин морбозии махсум бехабар худро маломат мекард, ки «чаро баъди сари пир ягон бор ба хонаводаи ӯ хидмати шоиста накардааст». Бо ҳамин «ошно»-гии онҳо аз нав ҷараён мегирад.

Ба хонандаи арҷманд шояд маълум бошад, ки Иван Хлестаков, қаҳрамони асосии мазҳакаи «Муфаттиш»-и Николай Василйевич Гогол, дар хонаи ҳокими шаҳр Антон Антонович маскан гирифта, ҳам ба зан ва ҳам ба духтари ӯ хушомадгӯӣ мекунад…

Махсуми Абдулло низ рафтуомади хонаи муридаш Бозоралиро оғоз карда, аввал ба зани ӯ Гулхоним Ҷаъфарова «ошиқ» мешавад. Қиссаи ишқи онҳо якчанд сол давом мекунад. Дар ин байн духтари Гулхоним - Роҳила ба воя мерасаду махсум домани Гулхоним - модари духтарро сар дода, дасти духтарро ба даст мегирад. Ин рафтори фосиқонаи махсумро дида, борҳо ҳамсояҳо ба Бозоралӣ рафтори ношоистаи пирзодаро хотиррасон карда бошанд ҳам, мурида «худотарс» гӯё на чизеро ҳис мекарду на чизеро медид.

Роҳила, ки аз хурдӣ дар зери суханони шайтонии «пирзода»-аш ба воя расида буд, аз хати кашидаи ӯ берун намебаромад. Аз ин рӯ, баъди шавҳар кардан низ ба суханони махсум гӯш дода, аз рӯйи гуфтаҳои ӯ амал мекард. Ҳар боре махсуми Абдулло ба хонаи Бозоралӣ «меҳмон» мешуд, хоҳар ё додараш зуд Роҳиларо ба ҳузури вай даъват мекарданд, ки духтари навхонадоршуда роҳи ӯро мепоид.

- Ту гулӣ, ту парии, ту ба беҳтарин мард зан шуда метавонӣ, ин бачаи ширмаки говгаранг сазовори ту нест! Тез аризаатро навис, ман дар суди халқӣ одам дорам, туро аз ӯ ҷудо мекунанд. Набояд ту барин духтари зебо умратро бо як колхозчии сарулибосаш арақолуд сарф намоӣ! Ту зеби ман дорӣ. Ман туро дар мошинам савор карда, дар рӯи олам мегардонам», - ваъда медод махсуми Абдулло.

Роҳила фирефтаи суханони ӯ гашта, рӯз то рӯз нисбат ба шавҳараш дилхунук мешуд.

Яке аз бегоҳиҳои моҳи март аз рӯйи ваъдагӣ махсум бо «Запорожест»-аш ба хонаи Бозоралӣ омад. Инро фаҳмида Роҳила тарки хонаи шавҳар карда, роҳи хонаи падарро пеш мегирад. Бобои Раҷаб - падари Алишер, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, аз ин рафтори беандешонаи келинаш дилтанг шуда, ба хонаи қудояш Бозоралӣ меояд. Дар ин ҷо махсуми Абдуллоро мебинад, ки бо карру фар нишастаасту аҳли оилаи Бозоралӣ бо Роҳила дар хидмати ӯянд.

Бобои Раҷаб ҳамсояҳои қудояшро ба шоҳидӣ даъват карда, мехоҳад дар ҳузури онҳо сабаби зуд-зуд ба хонаи Бозоралӣ «ташриф» овардани махсуми Абдуллоро фаҳмад. Ӯ донистан мехост, ки махсуми Абдулло ба ин хонадон чӣ муносибат дорад ва барои чӣ баъди ҳар «ташриф»-и ӯ келинаш бо аризаи ҷудошавӣ ба суди халқӣ муроҷиат мекунад? Ва чаро махсум оилаи фарзандашро аз роҳ бароварда, хонаашро вайрон карданист?

Вазъ барои махсум ногувор гашт. Ӯ хост ба мошинаш нишаста гурезад. Вале бобои Раҷаб пешакӣ ҳавои балонҳои мошинро бароварда, махсумро то гирд омадани ҳамсояҳо нигоҳ медорад. Ҳафт нафар ҳамсоя ин ҳодисаро мушоҳида карда, санад тартиб дода, онро ба Совети қишлоқ пешниҳод карданд. Аммо дар Совети қишлоқ ҳарчанд кӯшиданд, зану шавҳари ҷавонро ба мувофиқа оварда натавонистанд.

Парвандаи оилавии Алишеру Роҳиларо суди халқии ноҳияи Восеъ баррасӣ намуда, барои ҷудо шудан ё нашудан ба онҳо се моҳ муҳлат муқаррар кард. Дар ин муддат барои таъмини як фарзанд аз музди кори Алишер ба Роҳила нафақа (алимент) таъин намуд.

xxx

Яке аз василаҳои ҳаёти муфтхӯронаи махсуми Абдулло аз ҳамсояю шиносҳо, бахусус муридонаш қарз гирифтан ва мутлақо барнагардондани ӯ буд. Бо ин роҳ ӯ хеле пулу сарват ҷамъ кард. Мегӯянд, ки чун шиками махсум аз нон сер шуд, дар фикри зангирӣ меафтад. Махсуми Ҳабибулло баъди со-

дир кардани фалокатҳои зиёд дар роҳҳо «Запорожетс»-ашро шалақ ва корношоям мегардонад. Дар фикри фурӯхтани «Запорожетс» ва харидани автомошини «Москвич» мешавад. Он солҳо автомошини навро танҳо пешқадамони истеҳсолот, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҷанговарони интернатсионалист ба осонӣ дарёфт мекарданд. Ба дигарон лозим меомад, ки солҳои тӯлонӣ дар навбат истанд. Аммо махсуми Абдулло, ки на дар ягон муассисаи калон кор мекарду на сабри навбатпоӣ дошт, барои харидани мошини нисбатан куҳна қаноат карданӣ шуд. Ба мошини куҳна низ пули изофа лозим шуд. Ӯ зуд Бозоралӣ барин муридони «содда»-ашро ба ёд оварду баъди ба хонаи чанд нафар «ташриф» овардан камии пулро пур карда, соҳиби автомошини «Москвич» гардид. Ҳарчанд ки «Москвич» нав ҳам набуд, махсум онро орову торои иловагӣ дода, садои магнитофони япониро баланд карда, бо карруфар сайди навбатӣ меҷуст.

Вақте ки дар роҳҳо «Москвич»-и 00-50 КЮБ пайдо мешуд, як қисми одамони эҳтиёткор ба канори роҳ баромада, баъди гузаштани махсум «аз бало ҳазар» гуфта, ба пеши барашон туф-туф мекарданд…

Фасли тирамоҳ дар деҳаи Ободон хабаре барқвор паҳн гашт. Роҳила, духтари Бозоралӣ, бо як ронандаи «Жигули» дар рӯзи равшан гурехтааст. Чун гапу калочаи мардум андак паст шуд, ҳақиқати ҳол айён гашт. «Гурехтан»-и Роҳила низ яке аз дасисаҳои навбатии махсуми Абдулло будааст. Ин вақт ӯ худро чун «Махсуми шахчанголи валии баландпарвози нулвандӣ» муаррифӣ мекард.

Махсум маслиҳатро бо Роҳила пазонда, ба ронандаи муридаш Файзулло Абдуллоев мефармояд, ки ӯро ба ноҳияи Коммунистии вилояти Қӯрғонтеппа барад. Дар он ҷо мисли Роҳила як «хоҳархонд» доштааст.

Дар колхози «Коммунизм»-и ноҳияи Октябр махсуми Абдулло хешу табор ва шиносони зиёд дошт. Яке аз онҳо муовини раиси раёсати хоҷагӣ Қурбонхӯҷа Маҳмадҷонов буд. Ӯ аз вазифааш сӯиистифода карда, бе иҷозати раёсат гӯшаи

боғчаи бачагонро ба Махсуми Абдулло медиҳад. Махсум чанд вақт бо Роҳила умр ба сар бурда, шароити маҳал ба ӯ писанд меояд. Дар тараддуди кӯчонда бурдани зани аввалааш Парвина мегардад. Аммо зани калонӣ аз фармоиши махсум сар мепечад. Ӯ аз нағмаҳои ҳаррӯзаи шавҳараш безор шуда буд...

Аз рӯи аризаи Алишер суди халқии ноҳияи Москва парвандаро оид ба ҷудошавии ӯ ва Роҳила аз нав дида баромад. Дар толор ва берун одамони зиёде ҷамъ шуда буданд. Махсуми Абдулло низ чашмонашро морвор бозӣ доронда, дар гирду атроф мегашт.

Суди халқии ноҳияи Москва ҳалномаи суди халқии ноҳияи Восеъро дар бораи ҷудо кардани оилаи Алишер бо Роҳила бетағйир мононд. Ин дам махсум ба монанди уқобе, ки чӯҷаро чанг мезанад, Роҳиларо ба «Москвич»-аш савор карда, аз чашми ҳозирон ғайб зад.

Барои махсум, ки парвои ҳарому ҳалол намекард, дигар мамониате вуҷуд надошт. Ҳар он чи мехост, ба амал омад. Акнун фурсат меҷуст, ки Роҳиларо чун зани «ҳалол» никоҳ карда, аз худ гардонад. Аммо як мушкилӣ монда буд. Ҳанӯз бурида нашудани никоҳи шариатии Алишеру Роҳила садди роҳ шуда метавонист. Дар ин ҷо махсуми Абдулло чунин фатво додааст: «Ҳарчанд ки Алишер занашро мувофиқи шариат талоқ надодааст, никоҳи онҳо кайҳо бурида шудааст. Мувофиқи қонуни шариат, агар мард дар давоми шаш моҳ ба занаш аз ҷиҳати моддӣ кӯмак нарасонда бошад, занаш худ аз худ талоқ мешавад. Азбаски Роҳилаю Алишер бештар аз як сол аз ҳам ҷудо зиндагӣ кардаанд, агар Роҳила нахоҳад, никоҳи онҳо норавост».

Махсуми Абдулло ҳамин ҳиллаҳои шаръиро дастак карда, дар роҳи Кӯлоб-Душанбе, дар назди як чашмаи мавзеи Чормағзиякка бо Роҳила танунафсбахшиш карда, ӯро ба занӣ мегирад.

Баъди сафари чандрӯза махсум Роҳиларо ба хонаи падараш Бозоралӣ оварда, таъкид кард, ки акнун ӯ домоди хо-

надон мебошад. Ба он нигоҳ накарда, ки он замон дузанагӣ манъ буд ва барои ин амал ҷазои ҳабс то ду сол дар назар дошта мешуд, ошкоро ба назди Роҳила рафтуомад менамуд. Барои он ки фатвои додааш амалӣ гардаду никоҳашон бурида нашавад, аз ҷиҳати моддӣ Роҳиларо дастгирӣ мекард. Ин гуна ҳаёт ба сар бурдан ба махсуми Абдулло хуш наомад. Хост Роҳиларо ба хонааш бараду зиндагии якҷоя кунад ва дар амал исбот намояд, ки ӯ фарзанди домулло Сафар асту ҳарчи хоҳад мекунад. Садде нест, ки пеши роҳи ӯро гирифта тавонад. Ҳамин хомхаёлӣ ба ӯ талқин намуд, ки аз пайи амалӣ намудани фикре афтад, ки то ҳол ба каллаи ягон нафар аз аҳли башар надаромада буд ва онро ягон шахси солимфикр ба сар ғунҷонда наметавонист. «Роҳ»-и осони махсуми Абдулло ҳамон саҳлангории кормандони Совети қишлоқ ва ЗАГС-и ноҳия буд. Махсуми фитнаҷӯ чун дид, ки шиносномаи Роҳила бе «доғ» аст, дарҳол дари шуъбаи ЗАГС-и ноҳияро охурча мекунад. Ниҳоят баъди се моҳ Роҳиларо бо додараш Сангмуҳаммад аз қайди ЗАГС гузаронида, аз давлат 140 сӯм маблағи ангуштаринҳои тиллоии никоҳиро мегирад. Аҷибаш ин ки дар шуъбаи ЗАГС-и ноҳияи Восеъ расо чор моҳ қабл ба Роҳила аз рӯйи ҳалномаи суд «Шаҳодатнома дар бораи талоқ» дода буданд, онро фаромӯш сохта, боз ба Роҳила Давлатова ҳангоми никоҳи дуюми қалбакӣ 70 сӯм ҳамчун чораи ҳавасмандгардонӣ тақдим кардаанд.

Ҳангоме коғазҳо расмӣ шуданду «арӯс» ба хонаи махсуми Абдулло қадам ранҷа фармуд, махсум ба додараш Сангмуҳаммад таҳдидкунон мегӯяд:

- Ту боз ба Роҳила ба чашми бад нигоҳ накунӣ, Роҳила зани ҳаққу ҳалоли ман аст. Қайди ЗАГС бошад, ин фақат барои фиреби мардум ва чашми ҳукумат мебошад.

Сангмуҳаммад, ки аз хурдӣ аз зарби шаллоқҳои бародари ҷоҳилаш ба ҷон расида буд, магар даҳон кушода ё ба рӯи ӯ нигоҳ карда метавонист?

Дар урфият «Хонашери майдонғариб» мегӯянд. Мутаассифона, ин ибора ба махсуми Абдулло рост намеомад. Ӯ чӣ

дар хона ва чӣ дар кӯча ҳама вақт худро шери жаён мепиндошт. Ҳамин калонгарӣ ва муштзӯриашро дар он нишон дод, ки ду сол аз хоҷагӣ барои кишти пахтаю ҷуворимаккаи дон замин гирифта, ягон рӯз каланд гирифта, ба саҳро набаромадааст. Ба ҷӯяке об рост накарда, бехи ниҳолеро нарм накарда, маблағи музди меҳнати додаронашро ба киса зада гаштааст.

ххх

Падару модари Роҳиларо дуру дароз ғоибшавии духтарашон ба ташвиш гузошту онҳо ҷуръат карда, шабона ба хонаи пирашон махсуми Абдулло мераванд. Аҳволи Роҳилаву кӯдакаш ниҳоят танг буд. Махсум аз берун ба дари хонае, ки Роҳила мезист, ҳамеша қулф мезад. Агар Роҳила ба рӯйи ҳавлӣ барояд, кӯдакашро дар хона нигоҳ медошт. Агар кӯдакро ба берун бароранд, Роҳиларо аз хона баромадан намемонд.

Бозоралию Гулхоним аз тақдири талхи духтарашон гирёну нолон ба хона баргаштанду ноилоҷ хомӯширо ихтиёр карданд. Онҳо метарсиданд, ки махсуми Абдулло онҳоро ба хар табдил дода, ба нафаре барои боркашонӣ медиҳад.

ххх

Моҳи рамазони соли 1980 ба моҳи июл, айни гармии тобистон рост омад. Ба ҷуз баъзе мусулмонони сахтэътиқод, дигар касе рӯза дошта наметавонист. Дар деҳа низ шумораи рӯзадорон кам монда буд. Чанд мӯйсафеди кӯча аз рӯйи одати пешин шабҳо бонавбат ифтор ташкил карданд. Дар сари дастурхон ва баъди хондани намози таровеҳ низ мавзӯи суҳбати онҳо кору бори пахта, ғалла ва чорвои хоҷагӣ буд. Касе аз онҳо тарғиботи динӣ намебурд. Чун махсуми Абдулло мебинад, ки ҳатто мӯйсафедони рӯзадор ба ӯ эътимод накарда, ӯро имом интихоб нанамуданду ӯ аз даромади муфти бедарди миён - фитри рӯза бенасиб мемонад, мисли мор ба худ печида, аз болои онҳо ба мақомоти ноҳиявӣ ва вилоятии амнияти давлатӣ хабар мекашад. Вақте мақомоти дахлдор

ягон амали зидди қонунро дарёфт накарданд, мӯйсафедон ба раёсати хоҷагӣ ва ҷамоати деҳот омада, талаб намуданд, ки махсуми Абдулло аз деҳа бадарға карда шавад. Зеро мардуми деҳа дигар тоқати дидани дидори шуми махсумро надоштанд. Шоири бузург Сайидои Насафӣ хеле хуб фармудааст:

Ҳар, ки бо душмании халқ равон аст чу баҳр,
Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад.

ххх

Фитнаю найрангбозии махсуми Абдулло дер давом накард. Бо иҷозати прокуратураи вилояти Кӯлоб ӯро баъди содир кардани ҷинояти навбатӣ ба ҳабс гирифтанд. Баъди варақ задани дафтари аъмолаш далелҳое рӯи об баровarда шуданд, ки аз шунидани онҳо мӯйи сари кас рост мехезад. Махсум, ки дар сояи баъзе дӯстону муридонаш калонгарӣ карда мегашт, ба ҳамаи гуноҳҳояш иқрор шуд.

Аҳли толор ҳукмномаи судро маъқул дониста, «хас каму ҷаҳон пок» гуфтанд.

Мирзо ФИРӮЗОВ
(«Роҳи ленинӣ», 2 июли соли 1983)

ХОЛОВ ҚУВВАТАЛӢ

20-уми майи соли 1937 дар деҳаи Деҳбаланди ноҳияи Шӯрообод ба дунё омада, мактаби миёнаро дар деҳаи Чорбоғ (собиқ Эмомалӣ)-и ноҳияи Восеъ хатм намудааст. Соли 1953 ба омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб дохил шуда, онро соли 1957 ба итмом расонид.

Фаъолияти кориашро аз ходими адабии рӯзномаи «Мубориз»-и ноҳияи Восеъ оғоз намуда, пасон дар рӯзномаҳои «Субҳи меҳнат»-и ноҳияи Муъминобод, «Ҳақиқати Ховалинг», радиои шаҳри Кӯлоб кор кардааст. Соли 1963 ба мактаби олии партиявии шаҳри Тошканд шомил шуда, онро соли 1967 ба поён мерасонад. То соли 1974 дар рӯзномаҳои маҳаллии ноҳияҳои Темурмалик, Ҳамадонӣ ва Муъминобод фаъолият намуд. Соли 1974, баробари ташкил шудани рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб, ба ҳайси муҳаррир таъин шуда, онро то соли 1980 сарварӣ намудааст. Қувваталӣ Холов то лаҳзаи вопасини зиндагӣ - соли 2012 бо нашрияҳои даврӣ ҳамкорӣ дошт.

Муаллифи китобҳои зиёде, аз қабили «Садҳо савол барои сатре», «Қуввати дил», «Дар талоши зиндагӣ», «Чашмандозе аз меҳри дил» ва ғайра мебошад, ки аз ҳаёти мардуми меҳнатқарин, дӯстию рафоқат, ватандорию ватандӯстӣ, ваҳдату якпорчагии Тоҷикистон ҳикоят мекунанд. Шаҳрдории Кӯлоб ба гиромидошти Қувваталӣ Холов ҷоизаеро бо номи ӯ таъсис дода, ҳар сол 20 май – дар рӯзи зодрӯзаш, ба пурмаҳсултарин қаламкашони ин шаҳр тақдим мекунад.

АЛОҚАИ МУСТАҲКАМ

Дар вақти донишҷӯи омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб буданам газетаю журналҳоро бо шавқу завқи калон мутолиа мекардам. Хабару мақолаҳои газетаҳои ҳаррӯзаро доимо мехондаму аз навигариҳои илму техника ва корнамоиҳои меҳнатдӯстони деҳот ва корнамоиҳои саноатӣ хабардор мешудам. Як рӯз қалам ба даст гирифта, аз ҳаёти студентони омӯзишгоҳи худамон хабаре навиштаму ба редаксияи газетаи «Ҳақиқати Кӯлоб» бурдам. Дар идораи рӯзнома хабарро аз дасти ман мудири шуъба гирифта хонду гуфт:

- Чоп мекунем, ҳамин тавр хабару мақолаҳо навиштан гиред.

Рости гап, он вақт ному фамилия ва чикора будани дигар коркунони газетаро намедонистам, аз идораи газета ба омӯзишгоҳи худамон омадам. Ҳар пагоҳӣ назди дӯкони газетафурӯшӣ омада, газетаҳои навро гирифта нигоҳ мекардам, ки хабари ба редаксия супоридаам чоп шудааст, ё не. 19 майи соли 1957 шумораи навбатии газетаи «Ҳақиқати Кӯлоб»-ро аз дӯкони газетафурӯшӣ харида дидам, ки дар саҳифаи 2-юми он хабарам чоп шудааст ва онро хонда ниҳоят хурсанд шудам. Ҳамкурсҳоям ҳам хабари дар газета чопшударо хонда, маро табрик мекарданд ва аз ин ман хеле руҳу илҳоми тоза мегирифтам.

Рӯзи истироҳат ба колхози ба номи Карл Маркс, райони Восеъ, ки дар он ҷо модарам зиндагӣ мекард, рафтам. Бо ҳамроҳии якчанд сардори бригадаҳо ҳамсуҳбат шудам. Факту рақамҳоро гирифта, гуфтам, ки ман ба газета мақола менависам. Ҳамшаҳриҳоям аз ин гап ким-чи хел шуда, хоҳиш карданд, ки муваффақиятҳоро нависаму камбудиҳоро не. Дар бораи кори ясліҳои мавсимии бригадаҳо мақолаи танқидӣ навишта, ба идораи рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» супоридам. Мақола бо имзоҳои Қ. Холов, Ғ. Сафаров, Ш. Ёдгоров чоп шуд. Қариб дар ҳар шумораи газета гоҳо бо имзоҳои Ғ. Сафаров, Ш. Ёдгоров, Қ. Холов аз хоҷагиҳои райони Восеъ

хабару мақолаҳо чоп мегардиданд.

Як рӯз ба идораи рӯзнома рафта, хабару мақолаҳоро супорида, аз кабинет баромаданӣ шудам, ки мудири шуъбаи мактубҳо Қ. Амиров ба ман таъкид карда гуфт, ки ба назди муҳаррир С. Ашӯров дароям. Ҳамин тавр ҳам кардам. Муҳаррир С. Ашӯров бо ман суҳбат кард. Дар бораи аҳволи зиндагӣ, хонданам пурсупос намуд ва баъд таъкид кард, ки алоқаро бо газета мустаҳкам кунам ва ба идораи газета тез-тез хабару мақола нависам.

Меҳри касби журналистӣ буд, ки қариб дар ҳамаи газетаҳо хабару мақолаҳои ман чоп мешуданд, меҳри ҳамин касб буд, ки ман дар ҳамин газета ходими адабӣ, мудири шуъба, котиби масъул, ҷонишини муҳаррир ва муҳаррир шуда кор кардам. Газетаи дӯстдоштаи мо «Роҳи ленинӣ» 50-сола шуд. Бо Указӣ Президиуми Совети Олии СССР газетаи «Роҳи ленинӣ»-ро бо ордени «Нишони фахрӣ» мукофониданд. 50 сол! Ин ба гуфтан осон аст. Дар ин муддат газетаи дӯстдоштаамон «Роҳи ленинӣ» дар кори тарбияи коммунистии меҳнаткашон, тараққӣ додани ҳамаи соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, пешрафти илму техника, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, мустаҳкам кардани базаи моддию техникии коммунизм, пропаганда намудани қарорҳои партия ва ҳукумат, паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва ғайраҳо корҳои зиёдеро ба ҷо овард.

Дар зарфи 28 соли ҳамкорӣ бо газета бо одамони касбу кори гуногун, пешқадамони истеҳсолот, офарандагони неъматҳои моддӣ ҳамсуҳбат шудам ва хабару мақолаҳо, очерку лавҳаҳои бешумор навиштам. Газетаи «Роҳи ленинӣ»-ро мактаби тарбияи кадрҳои журналистӣ гӯем, хато намекунем. Бисёр журналистони номии вилоят дар саҳифаҳои ҳамин газета санҷиши қалам карданд. Аз ҳамин газета обрӯ ва шуҳрат пайдо карда, соҳиби қаламӣ тези журналистӣ, соҳиби нишони сарисинагии журналистӣ гардиданд. Хонандагони сершумор бо номҳои журналистони ҷавони касбӣ Раҳмат Ташрифов, Мирзо Гадоев, Бобоҷон Абдулвоҳидов,

Бӯрихон Амиров, Сафармад Аюбов, Давлаталӣ Раҳмоналиев, Шералӣ Умаров ва бисёр дигарон аз газетаи «Роҳи ленинӣ» шинос шуданд. Қариб дар ҳамаи газетаи районӣ дастпарварони газетаи «Роҳи ленинӣ» кор мекунанд. Имрӯзҳо ҳамаи мо дастпарварони газетаи «Роҳи ленинӣ» шоду хурсандем. Аз он хурсандем, ки партия ва ҳукумат ба кори журналистон ҳамеша баҳои баланд медиҳанд ва газетаи дӯстдоштаи мо «Роҳи ленинӣ»-ро бо ордени «Нишони фахрӣ» сазовор гардонданд.

Қ. ХОЛОВ,
муҳаррири газетаи «Субҳи меҳнат»,
(«Роҳи ленинӣ», майи соли 1983)

АЗ УМРИ ГУЗАШТААМ ШИКОЯТ НАКУНАМ…

Дар мазори «Чилтанҷон»-и деҳаи Корези Болои ноҳияи Кӯлоб, дар як гӯшаи ин водии хомӯшон рӯзноманигори шинохтаву нависандаи ҳақиқатнигор, устоди қаламкашони ҳамон ҳавза Қувваталӣ Холов хуфтааст. Инсони наҷибе, ки тамоми умр дурри сухан суфта, рӯзномаҳову маҷаллаҳоро аз хабару мақола, ҳикояву хотирот пур карда, қиссаи ватандорони ҷонфидоро гуфтааст. Дар ин ҷо қаламкаше хоб аст, ки ҳанӯз гӯраш бенишона аст, дар сари гӯраш, санги ёдгорие аз кӯҳсори кишвар нест. Гӯиё, ки зинда аст ҳанӯз, касеро ба маргаш бовар нест. Вале чӣ метавон кард, ки:

Сарогози ҳар зинда мурдан бувад,
Ки худ зиндагӣ дам шумурдан бувад.

Ҳар инсони асил медонад, ки танҳо бо роҳи некномӣ ба умри фонӣ рутбаи ҷовидонӣ бахшидан мумкин аст. Вале ба тани ин орзу ҷомаи амал пӯшонидан кори осон нест. Барои ба қуллаи мақсад расидан бояд роҳи нангу номусро пеш бигирӣ, рӯзона ба каф парчаму шабона машъал бигирӣ.

Бисӯзию шамъи хонаи дили дигаронро биафрӯзӣ. Бо дигарон хешу ба худ бегона бишавӣ, гирён ба олам биоиву шодон аз олам биравӣ.

Қувваталӣ Холов марди некном буд. Ҳангоми саҳифагардон кардани зиндагиномааш пай мебарӣ, ки ӯ пеш аз ҳама ба модари азизаш хизмат карда, дуо гирифтааст. Қувваталии хурдсол баъди вафоти падар дар тарбияи модари ғамдораш мемонад. Эҳтиёҷи рӯзгор аҳли оиларо маҷбур мекунад, ки аз зодгоҳашон Деҳаи Баланди ноҳияи Шӯрообод ба таҳдашт бикӯчанд. Айёми наврасии Қувваталӣ дар деҳаи Эмом-Аскари ноҳияи Восеъ гузаштааст. Баъди хатми мактаби ҳафтсолаи деҳа таҳсилро дар Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб давом додааст. Фаъолияти рӯзноманигории худро аз омӯзишгоҳ оғоз карда, пайваста дар матбуоти даврӣ хабару мақолаҳо чоп мекард. Офаридаҳояшро писандида, баъди хатми омӯзишгоҳ ӯро ба рӯзномаи «Мубориз»-и ноҳияи Восеъ ба кор даъват мекунанд. Дертар фаъолияташро дар рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» идома медиҳад. Дар ин рӯзнома низ бо нақши қаламаш обрӯю эътибори баланд пайдо мекунад. Кордонию масъулиятшиносияшро ба эътибор гирифта, барои омӯхтани мушкилот ва асрори кори сарварӣ ӯро ба Мактаби олии ҳизбии шаҳри Тошканд ба таҳсил мефиристанд. Баъди хатми ин дорулфунун ӯро ба идораи кинонамоишдиҳии шаҳру ноҳияи Кӯлоб сарвар таъин мекунанд, ба идорае, ки нақшааш иҷро намешуд ва даромади иқтисодияш дар сатҳи хеле паст буд.

Қувваталӣ ин вазифаро як имтиҳони ҷиддии сарварӣ пиндошта, шабу рӯз меҳнат мекард. Ӯ натанҳо роҳҳои аз бӯҳрони иқтисодӣ баровардани идораро ёфт, балки даромади соф гирифта, рушди соҳаро таъмин намуд. Оре, марди доно бе обу барқ ҳам ҷӯброни осиёбашро аз ҳисоби бод баровaрда метавонад. Ӯ аввалин шахсе буд, ки аз ин вазифа ба мансаби баланд гузашт.

Вақте ки масъалаи иваз кардани сарвари рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ»-и собиқ вилояти Кӯлоб ба миён омад, аз

байни даҳҳо рӯзноманигорони шинохта Қувваталӣ Холовро сармуҳаррир интихоб намуданд. Зеро медонистанд, ки дар қаламрави вилоят аз ӯ дида соҳибкасби таҷрибадоре нест. Қувваталӣ дар ин вазифа низ кор карда, заррае худро аз дигарон баланд намегирифт.

Рӯзноманигорони соҳибтаҷрибаи бисёр ноҳияҳо, ки хоксорию дигар хислатҳои ҳамидаашро медонистанд, бо вуҷуди дар шаҳр ҷойи зист надоштан, ба рӯзнома ба кор омаданд. Ҳафтаҳо дур аз хонавода ба таҳияи матлабҳои рӯзнома мепардохтанд. Қувваталӣ меҳру садоқати ҳамкоронро дида, бо такудав ҳар кадомеро соҳиби манзил дар шаҳр кард.

Қувваталӣ Холов рӯзноманигори мулоҳизакор ва дурандеш буд. Хусусан, дар чопи шеъру ҳикоя ва қиссаҳо мулоҳизакор буд. Дар он замон, ки гоҳо ҳар ҳарф ва ҳар сатрро тобиши сиёсӣ медоданд, барои ба доми туҳмати бадандешон наафтодан пеш аз чоп сари ҳар нукта бо дӯстони эҷодкору донишмандаш машварат мекард.

Оре, зиндагӣ худ мактаби бузург аст, ки одам аз дидагони ҳамсуҳбат қиссаҳои пандомӯзеро, ки аз ягон китоб пайдо карда наметавонад, хонда ҷаҳонбин мешавад.

Қувваталӣ Холов низ баъди гузаштан аз имтиҳони мактаби ҳаёт, мушоҳидаҳо ва хотираҳои даврони рӯзноманигориашро дар шакли қиссаву ҳикоя ва ёддошт рӯи коғаз оварда, китоби нахустинашро бо номи «Садҳо савол барои сатре» пешкаши хонандагон намуд. Китобро нашриёти «Сада», ки дар заминаи матбааи шаҳри Кӯлоб таъсис ёфта буд, чоп кард.

Хушбахтии ин марди нексиришт пеш аз ҳама дар он буд, ки дар сари роҳи марказии шаҳри Кӯлоб ва чанд кӯчаи дигар идора дошт ва қадаме бе дидору ҳолпурсӣ намегузошт. Роҳгузарон лаҳзаҳои ба коргоҳ омадану рафтанашро медиданд ва дар дил орзуи монанди ӯ буданро мепарвариданд. Қувваталӣ Холов дар ҳамин роҳҳо ҳар лаҳзаи умри худро сарфи кори неке мекард. Бо инсонҳои рӯзона рӯ ба рӯ омадааш хаёлан шабона гуфтугӯ карда, аз байнашон қаҳрамони асари навашро меҷуст. Ва билохир симои қаҳрамонони ҳаёташон

ибратбахшро дар китобҳои «Қуввати дил», «Чашмандозе аз меҳри дил», «Дар талоши зиндагӣ», «Аё Кӯлоби ман» ва ғайра офарида, ба чоп супурд, ки имрӯз дар рӯйи мизи ихлосмандонаш мебошанд.

Ҳеҷ заҳмат бе подош намемонад. Сазовори медалҳои «Барои меҳнати шоён» ва «Ветерани меҳнат», нишони «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ифтихорнома», унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» ва дигар мукофотҳои арзишманд гаштану пазируфтан ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон подоши заҳматҳои кашидаи Қувваталӣ Холов мебошанд. Ҳамчунин, он марди дурандешу дилогоҳ як қисми умри нотакрорашро ҳамроҳи ҳамсари азизу меҳрбонаш дар тарбияву хонаобод кардани 12 фарзанди кордону донишманд сарф кард. Қисми дигарашро ба эҷод ва ба роҳи рости ҳаёт ҳидоят кардани садҳо шогирд бахшида, дар боғи ҳастӣ ба чандин навъ ниҳол парвард.

Қувваталӣ Холов хуб медонист, ки маънии зиндагӣ чист. Тамоми умр ба хотири гирифтани номе, ки нишонаи нанг аст ва барои дар сари гӯраш гузоштани як санги Ватан зист.

Рӯзҳои наздик дар сари гӯраш лавҳи мармарӣ мегузоранд, аз санги кишвар. Дар он лавҳ чӣ менависанд, намедонам. Вале умри басарбурдаашро пеши рӯ оварда, хаёлан ин байтро мехонам:

Аз умри гузаштаам шикоят накунам,
Оранд маро ёд, ҳикоят накунам.

Муҳаммад ҒОИБ
(«Ҷумҳурият», №58, аз 5 майи соли 2012)



ХУДОЁРОВ РАҶАБАЛӢ

5 феврали соли 1960 дар деҳаи хушманзараи Сангтӯдаи ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Хатмкардаи Омӯзишгоҳи маданӣ-маърифатии ҷумҳуриявӣ (ҳоло Коллеҷи фарҳанги ба номи П.Ҷ.Буйдоқов) (1981) ва Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода (1986) мебошад. Солҳои 1986-1990 омӯзгори Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, пасон, то соли 1992 коромӯз-тадқиқотчии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Дар рӯзномаи вилоятии «Хатлон» солҳои 1994-1995 кор кардааст. Солҳои 1997-2000 муҳаррири рӯзномаи «Нури Сарбанд»-и шаҳри Сарбанд буда, ҳамзамон дар назди идораи рӯзнома маҳфили адабии «Гулбазм»-ро созмон дод, ки то ҳол роҳбарии онро бар дӯш дорад. Солҳои 2002-2006 саромӯзгор, муовини директори Коллеҷи омӯзгории Қӯрғонтеппа шуда кор кард ва ҳамзамон дар рӯзномаи вилоятии «Хатлон» ба ҳайси ходими адабӣ фаъолият дошт. Солҳои 2006-2007 муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва маънавиёти маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон», мудири шуъбаи таҳлилӣ ва иттилоотии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати кишвар, муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» буд. Баъдан, се сол сармутахассиси шуъбаи фарҳанги Дастгоҳи иҷроияи Президент ва солҳои 2010-2011 мудири шуъбаи таблиғотии Қумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон шуда кор кард. Алҳол роҳбарии маркази илмӣ-фарҳангии назди раёсати фарҳанги вилояти Хатлонро бар дӯш дорад.

Намунаи ашъораш дар маҷмӯаҳои дастаҷамъии «Шукуфаҳои Хатлон» (2003), «Аз Хуталон омадия» (2004) ва «Забони тоҷварон» (2008) ба табъ расидаанд. Вай ҳамчунин

мураттиби китобҳои «Забони тоҷварон» (шеърҳои шоирон дар васфи забон, 2008), «Гулистони ғазал» (ғазали муосири Эрон, 2009), «Наврӯзнома» (баҳория ва шеърҳои наврӯзии шоирони Хатлон), «Баҳористони ғазал» (ғазали муосири Афғонистон) ва муаллифи китобҳои «Лоларухсор» (маҷмӯаи шеърҳо, 2009), «Худшиносӣ, фарҳанг ва забони миллат» (маҷмӯаи мақолаҳо, 2009), «Гуфтор аз савту калом», «Таҳқиқ ва нақди осори адабӣ» (маҷмӯаи мақолаҳои нақдӣ) мебошад.

Раҷабалӣ Худоёров номзади илмҳои филологӣ (2010), узви ИЖТ (1995) ва дорандаи нишони сарисинагии «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» (2005) мебошад.

ТАХАЛЛУСГУЗОРӢ ДАР ҒАЗАЛҲОИ ЗАМОНИ РӮДАКӢ

Ғазал дар адабиёти классикии тоҷику форс мақоми намоёнро ишғол мекунад. Қариб тамоми шоирони гузаштаи тоҷику форс ба жанри ғазал рӯ оварда, баъзеашон бо ин намуди шеър машҳуру маъруф низ гардидаанд. Махсусан, аз давраи Сомониён сар карда, дар байни шоирон ғазалгӯӣ ривоҷ гирифт. Ғазал аз оғози пайдоишаш дар адабиёти тоҷику форс ҳанӯз шакли мустақили шеъриро нагирифта бошад ҳам, нишонаҳои хоси худро дошт ва бо ин хусусиятҳояш аз дигар намудҳои шеърӣ фарқ карда меистод. Ҳанӯз устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ба ин намуди шеър, яъне ғазал рӯй оварда, мавриди ситоиши дигар шоирон қарор гирифта буд. Чунончи, шоири асри XI Унсурӣ ба ғазалсароии Рӯдакӣ пайравӣ карда, ғазалҳои ӯро аз ғазалҳои худ бартар ҳисобидааст:

Ғазал Рӯдакивор некӯ бувад,
Ғазалҳои ман Рӯдакивор нест.
Агарчи бикӯшам ба бориквахм,
Дар ин парда андар маро бор нест[1].

Шоирони асрҳои IX-X дар ғазалҳои худ баъзан тахаллуси

худро намеоварданд, чунки тахаллусгузорӣ дар мақтаи ғазал он вақт расм нашуда буд. Баъд аз асри X ва ибтидои асри XI баъзе аз шуаро дар ғазалҳояшон тахаллуси худро меовардагӣ шуданд. Шоири асри X Дақиқӣ дар як ғазали худ тахаллусашро дар байти дуюми пеш аз мақтаъ овардааст:

Дақиқӣ чор хислат баргузидаст
Ба гетӣ аз ҳама хубиву зиштӣ:
Лаби ёқутрангу нолаи чанг,
Майи хушрангу дини зардуҳиштӣ[2].

Ин ғазал аз дувоздаат буда. Дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси мақсур эҷод шудааст, ки формулаи арконаш чунин аст:

У – – – / У – – – / У – –

(Мафоӣлун, мафоӣлун, мафоӣл)

Ҳар як мисраи ғазали Дақиқӣ аз ёздаҳ ҳиҷо иборат мебошад: се ҳиҷои кӯтоҳ ва ҳашт ҳиҷои дароз. Мавзӯи ғазал тасвири баҳор, ишқ, май ва манзараҳои табиатро фаро гирифтааст. Ин ҷо суоле пайдо шуданаш мумкин аст, ки чаро Дақиқӣ тахаллусашро маҳз дар байти пеш аз мақтаъ овардааст, на дар мақтаи ғазал? Барои ба ин суол ҷавоб додан, аввал сари он «чор хислат»-е, ки шоир зикр намудааст, таҳаммул мебояд кард. Он хислатҳо инҳоянд: «лаби ёқутранг», «нолаи чанг», «майи хушранг» ва «дини зардуҳиштӣ».

Шоирон пеш аз он, ки байтеро офаранд, нахуст аз қофия (агар радиф ояд, аз радиф)-и он меандешиданд, ки ин ба шеъре, ки онҳо интихоб кардаанд, бояд мувофиқати ҳам мантиқиву ҳам шаклиро дошта бошад. Ҳар як шеър ба ҷуз маънии барҷаста доштан, боз шакли хоси худро низ тақозо мекунад. Ана аз ҳамин ҷиҳат мо ашъори шоиронро ба намудҳо ҷудо мекунем.

Бозмегардем сари тахаллуси Дақиқӣ, ки дар ғазали мазкур омадааст. Чаҳор мисраи охири ғазал бо ҳам алоқаи мантиқӣ дошта, ҷамъбасти фикри шоир аст, ки ба таври хулоса омада-

[1] А. Мирзоев. Сездаҳ мақола. –Душанбе: «Ирфон», 1977. – Саҳ. 8.
[2] Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. – Сталинобод, 1958. – Саҳ. 282 – 283.

аст. Ӯ пеш аз ҳама чаҳор чизро писандида, онҳоро дар ғазали худ ёдовар шудааст. Азбаски ин «чаҳор хислат»-ро дар як байт бо тахаллус ғунҷонидан душвор аст, бинобар ин, шоир аввал тахаллуси худро дар байти пеш аз мақтаъ зикр намуда, дар байти охирин он хислатҳои писандидаашро аз рӯи вазну қофия ҷойгир кардааст. Дақиқӣ бо тақозои баҳри шеърӣ ва вазну қофия ибораи дини зардуштиро ба шакли «дини зардуҳиштӣ» табдил додааст. Агар шоир дини зардуштӣ мегуфт, он вақт мисраи охир аз даҳ ҳиҷо иборат мебуд, ки ин ба он мисраъ ноқисиеро бор меоварад ва аз ҳамин лиҳоз ӯ ба калимаи «зардуштӣ» ҳиҷои «ҳи»-ро илова карда, адади ҳиҷоҳоро дар мисраъ ба ёздаҳ расонидааст.

Дақиқӣ он «чор хислат»-и писандидаро бо сифатҳои аълояшон, бо рангу бори бадеӣ дар байти мақтаи ғазал ҷой додааст. Ӯ лаби ёрро «ёқутранг», оҳанги чангро «нола», майи сурхро «хушранг» ва дини зардуштиро «зардуҳиштӣ» гӯён зикр намудааст, ки ин далели аз санъатҳои шеърӣ фаровон истифода кардани ӯро нишон медиҳад.

Абдулғанӣ Мирзоев дар рисолаи худ «Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X- XV» оид ба пайдоиши ғазали истилоҳӣ (анъанавӣ) чунин овардааст: «Ғазал дар асри X ҳанӯз як шакли хоси назмро ташкил намедиҳад» ва дар ҷойи дигар ӯ «аломатҳои ибтидоии ғазали истилоҳӣ маҳз дар асри X ба вуҷуд меояд», - гуфтааст[3].

Дар «Осори Рӯдакӣ» дар се ғазал тахаллуси Рӯдакӣ зикр гардидааст. Дар яке дар матлаъ ва дар дутояш дар мақтаъ ҷой дорад. Дар поён байтҳои тахаллусдоштаи ғазалҳоро меоварем:

Чу Рӯдакӣ ба ғуломӣ агар қабул кунӣ,
Ба бандагӣ написандад ҳазор Дороро[4].

Биё, инак нигаҳ кун Рӯдакиро,
Агар беҷон равон хоҳӣ танеро[5].
Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ суруд андохт[6].

Мураттибони китоби «Осори Рӯдакӣ» ин ғазалҳоро ба мероси адабии Рӯдакӣ дохил карда бошанд ҳам, аз сабаби дар мақтаи онҳо зикр ёфтани тахаллус ба ӯ тааллуқ доштани ин ғазалҳоро зери шубҳа гирифта, дар повароқи китоб эроди Саид Нафисиро далел меоранд, ки гуфтааст: «Шак дорам, ки ин ғазал аз Рӯдакӣ бошад»[7]. Ба ғазали дуюм низ ҳамин хел ақида доранд[8].

Марҳум А. Мирзоев дар рисолаи «Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал…» роҷеъ ба ғазали якум ақида ронда, аз ҷумла гуфтааст: «Ин порчаи шеърӣ, чи навъе дида мешавад, тамоми талаботи ғазалсароиро дар бар кардааст - мавҷудияти матлаъ ва мақтаъ бо тахаллус, ягонагии қофия ва мазмуни ишқу ошиқӣ ба ҳамдигар алоқаманд гардида, шакли як ғазали комилро ба вуҷуд овардааст. Вале агар ба воситаҳои лафзии забонӣ ва услубӣ ифода карда шудани афкори ошиқонаи ин шеър дурусттар диққат карда шавад, бахубӣ маълум мегардад, ки он нафақат ба сабки Рӯдакӣ он қадар рост намеояд, балки аз ғазали бо ин вазну қофия сароидаи Хусрави Деҳлавӣ низ тозатар буда, ғазалҳои давраҳои хеле баъдина - ҳатто оҳанги ғазалҳои давраи бозгашти ғазалсароии Эрони асрҳои охирро ба хотир меоварад»[9]. Ӯ дар повароқи китоб ғазали дар ҳамин вазну қофия ва дар ҳамин баҳр гуфтаи Амир Хусрави Деҳлавиро ҳамчун далел оварадааст.

Аз иқтибоси овардаамон бармеояд, ки А. Мирзоев дар асоси шубҳаи Саид Нафисӣ ғазалҳои тахаллусдоштаи Рӯдакиро аз ӯ намедонад ва боз ҷиҳати услуби ифодаи афкори ошиқона ба каломи Рӯдакӣ рост наомадани онҳоро низ зикр кардааст.

Мо ин ҷо шакку шубҳаи Саид Нафисӣ ва тарафдории А.

[3] А. Мирзоев. Сездаҳ мақола, саҳ. 48, 49.
[4] Осори Рӯдакӣ. Сталинобод, саҳ. 35.
[5] Ҳамон ҷо, саҳ. 36.
[6] Ҳамон ҷо, саҳ. 48.
[7] Хамон ҷо, саҳ. 35.
[8] Ҳамон ҷо, саҳ. 36.

Мирзоевро як тараф гузошта, баъзе андешаҳои хешро иброз медорем.

Нахуст ба муқоисаи ғазалҳои Рӯдакиву Амир Хусрав пардохта, гуфтаи А. Мирзоевро, ки ғазали Рӯдакиро назар ба ғазали Хусрав хеле тозатар медонад, гуфтанием, ки осори Рӯдакӣ бо сабки хуросонӣ эҷод шуда, Амир Хусрав ашъорашро дар сабки ҳиндӣ нигоштааст. Бинобар ин, шеъри Рӯдакӣ назар ба ғазали Амир Хусрав содда, равон ва фаҳмотар буданаш лозим. Дуюм ин, ки шоирон баъзан тахаллусашонро дар матлаи ғазал низ овардаанд, ки мо чунин ғазали Рӯдакиро дар боло нишон додем. Сеюм, ақидае собит аст, ки то истилои араб шеърҳои ишқие, ки мазмуни ғазали истилоҳиро пурра дар бар мекардаанд, бо номи «суруд» ёдоварӣ шудаанд, ки худ Рӯдакӣ дар ғазалаш ба он ишора кардааст:

Рӯдакӣ чанг бигрифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ суруд андохт[10].

Ғазалҳои бетахаллуси Рӯдакӣ низ ба ғазали истилоҳӣ дохил мешаванд, чунки баъзан шоирон дар мақтаи ғазалҳояшон тахаллусашонро намеоранд.

Боз як далели дигар мусаллам аст, ки ба шеърҳои алоҳидаи Рӯдакӣ шоирони асрҳои минбаъда пайравӣ ва ҷавобгӯӣ низ кардаанд. «Аз ҷумла ба як шеъри устод Рӯдакӣ («Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме») шоирони бисёре ба монанди Муиззӣ, Вассофи Шерозӣ, Лутфалибеки Озар, Сипандӣ, Суруши Исфаҳонӣ, Моили Ҳиравӣ, Шиблии Нуъмонӣ, Маликушшуаро Баҳор, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ ва дигарон қасида ё ғазалҳои ҷавобия навиштаанд. Ба наздикӣ боз ғазали Амир Хусрав бо матлаи «Сабза навхез асту борон дурфишон ояд ҳаме, Майли дил бар сабзаву оби равон ояд ҳаме» ба даст даромад»[11].

Далелҳои овардашуда нишон медиҳад, ки Рӯдакӣ дар ғазалсароӣ устод буда, сеҳри каломи ӯ шоирони баъдинаро мафтуни худ карда, онҳоро ба назирагӯиву ҷавобгӯӣ водор кардааст. Аз ин рӯ, хулоса баровардан мумкин аст, ки шояд Амир Хусрав ба ғазали Рӯдакӣ (Зиҳӣ, фузуда ҷамоли ту зебу

ороро) низ ҷавоб гуфтааст ва ҳарду шоир ғазалҳояшонро дар як баҳр, як вазну қофия эҷод кардаанд. Ин тахмин агар собит гардад, шубҳаеро, ки ба ғазали мазкури Рӯдакӣ ба миён оварда буд, бартараф мекунад.

Яке аз шоираҳое, ки ҳамасри Рӯдакист, Робиаи Балхӣ мебошад ва ӯ дар як ғазали худ тахаллусашро чунин овардааст:

Мадор аз бинти Каъб андуҳ, ки ёр аз ту ҷудо монад,
Расан гарчи фароз ояд, гузар дорад ба чанбар бар[12].

Ғазали мазбури Робеаи Балхӣ аз ҳашт байт иборат буда, дар он матлаъ ва мақтаъ вуҷуд дошта, тахаллусаш ҳам зикр шудааст. Муроди мо аз зикри тахаллус он аст, ки ғазалсароён дар мақтаи ғазали худ тахаллуси шоирӣ ё исми шеърии худро дар замони Рӯдакӣ меоварданд ё не?! Аз далелҳои овардашуда маълум мегардад, ки шоирон дар анҷоми ғазали худ тахаллусашонро меовардаанд. Робеаи Балхӣ низ дар ин ғазалаш худро «Бинти Каъб» гӯён маълум кардааст ва хонандаи ғазал нек пай мебарад, ки ин ғазал аз Робеаи Балхист.

Ин ҷо як нуктаро низ бояд зикр намуд, ки аз осори ба меросмондаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар нуҳ шеъри ӯ зикри тахаллус ҷой дорад. Аз ҷумла, сето дар ғазал, дуто дар қасоид, сето дар рубоиёт ва якто дар байти парокандаи ӯ мавҷуданд.

Дар ашъори шоирони ҳамасри Рӯдакӣ низ мо тахаллусгузории эшонро мушоҳида мекунем. Ба ин қабил шоирон дохил мешаванд: Имории Марвазӣ, Лукарии Чангзан, Кисоӣ, Хусравонӣ ва Абӯалӣ ибни Сино. Бояд қайд кард, ки аз ашъори форсии Сино то кунун чор ғазал маълум гаштааст, ки дар сетои он тахаллуси ӯ зикр гардидаанд. Ғазали якум бо матлаи:

Ғизои руҳ бувад бодаи раҳиқ, алҳақ,
Ки ранги он кунад аз дур ранги гулро дақ,

[9] А.Мирзоев. Сездаҳ мақола, саҳ.6
[10] Осори Рӯдакӣ, саҳ. 48.
[11] А.Афсаҳзод. Ҷомӣ – шоири ғазалсаро. – Душанбе: «Маориф», 1989. – Саҳ. 52.

оғоз шуда, бо мақтаи:

Чу Бӯалӣ, майи ноб ар хӯрӣ ҳакимона,
Ба ҳаққи Ҳақ, ки вуҷудат ба Ҳақ шавад мулҳақ[13],

анҷом пазируфтааст.

Ғазали дигари ӯ бо матлаи:

Агар дил аз ғами дунё ҷудо тавонӣ кард,
Нишоту айш ба дори бақо тавонӣ кард,

шурӯъ шуда, бо мақтаи зерин ба анҷом мерасад:

Чу Бӯалӣ бибур аз халқу гӯшае бигрез,
Магар ки аз хӯйи дил аз халқ во тавонӣ кард[14]?

Шарқшиноси машҳури Шӯравӣ Бертелс доир ба тахаллусгузорӣ дар ғазалҳои шоирони асрҳои X-XI дахл карда, чунин овардааст: «Мо гумон мекунем, ки он далел хеле ҳам муҳим аст, ки дар аксари ғазалҳои аниқ ғайритасаввуфӣ тахаллус мавҷуд аст».

Донишманди олмонӣ Ҳермат Эте дар китоби худ «Таърихи адабиёти форсӣ» ба мақолае ишора намудааст, ки «Фирдавсӣ аз лиҳози ғазалсаройӣ» ном дорад. Аз ин лиҳоз диққати хонандаро ба як шеъре ҷалб карданиам, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ аз забони яке аз қаҳрамонҳояш - духтари гавҳарфурӯш, ки чомагӯй ва ҳам чангнавоз буд, овардааст. Чомае, ки духтари гавҳарфурӯш - Орзу сурудааст, аз лиҳози шакл ба маснавӣ тааллуқ дошта, аз рӯйи мазмун ба шеъри ситоишӣ қаробат дорад. Аз рӯйи шумораи абёташ ба ғазал

[12] Ҳафтавори «Омӯзгор» №10, 6 марти соли 1991, саҳ.8.

[13] Ш.Ҳусейнзода, Х.Шарифов. Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик. – Душанбе: «Маориф», 1985. – Саҳ. 43 – 44.

[14] Ҳамон ҷо, саҳ. 45.

мувофиқат мекунад. Яке аз хусусиятҳои хоси ин шеър аз он иборат аст, ки дар мақтаъ тахаллус дорад:

Тани Орзу хоки пойи ту бод,
Ҳама зиндагонӣ барои ту бод!

Мо аз шеъри фавқуззикр, ки аз ҳашт байт иборат буда, бо номи чома ёдоварӣ мешавад ва мазмуни ишқиро дар бар карда, дар мақтаи он тахаллусро низ мебинем, чунин натиҷа мегирем, ки Ҳерман Эте шояд ба чунин ашъори Фирдавсӣ ишора карда бошад. Азбаски аз ашъори шоирони ин давр қисми хеле ками он то замони мо омада расидааст, ин ҷо ҳамин қадар гуфтанием, ки дар замони Рӯдакӣ ғазалгӯӣ роиҷ буд ва тахаллусгузорӣ дар ғазалҳо баъзан риоя мешуд ва баъзан не.

Раҷабалӣ ХУДОЁР
(«Хатлон» №33-34, 30 сентябри соли 2004)

ХУДОЙБАХШОВ НЕЪМАТУЛЛО

Неъматулло Худойбахш 25 сентябри соли 1951 дар ноҳияи Москва (ҳоло Ҳамадонӣ) таваллуд ёфта, баъди хатми мактаби миёна ва хизмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ, дар Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) таҳсил кардааст. Баъди хатми донишгоҳ соли 1978 фаъолияти журналистиро аз рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ»(ҳоло «Ҷумҳурият») оғоз намуда, сипас муддати сездаҳсол дар рӯзномаҳои вилоятии «Роҳи Ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб ва «Ҳақиқати Хатлон»-и вилояти Хатлон ба сифати мудири шуъба кор кардааст. Алҳол сардории шуъбаи иқтисоди нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Ҷумҳурият»-ро ба уҳда дорад.

Неъматулло Худойбахш узви Иттифоқи журналистон ва ҳам Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буда, чанд маҷмӯаи очерку ҳикоя ва повестҳояш, аз ҷумла «Одамони барӯманди Кӯлоб», «Амаки Абдуқуддус», «Ишқи духтари Кӯлоб», «Дунё калон аст, ака», «Бе ту намемирам», «Занҷири заррини авлодӣ», «Бозгашти шери захмин» дар солҳои гуногун тариқи нашриётҳои «Ирфон», «Адиб» ва «Симурғ» ба дасти хонанда расидаанд.

● *ҲАМСОЛОНИ ТУ, ТОҶИКИСТОН!*

БОЗГАШТ

I

Он бегоҳ сари дастархони Анорхол-апа ҳамроҳи аҳли оилааш дӯстони ӯ менишастанд. Дастархон бо вуҷуди идонагӣ, ба таври оддӣ оро ёфта буд. Аслан болои он нуқлу навоҳое меистоданд, ки бо дастони худи Анорхол-апаву духтаронаш Баргинисо ва Саодат тайёр шудаанд. Аммо диққати нишастагонро пеш аз ҳама ду чиз ба худ мекашид, ду чизе, ки ҳамон рӯз Анорхол-апа тараддуд карда, то фурӯрафти офтоб пухта

гирифт, ду чизе, ки худаш, духтаронаш ва ҳам ҳамсояҳояш дӯст медоштанд: нони гарми чапотӣ ва гандумбирён буд ин ду чиз.

- Ҳамин аҷоиб хосият доштааст, - мегуфт ҳамсоя, мудири ферма Зоҳирҷон, гӯё ки гардумбирёнро бори аввал дида бошад, - мехӯрию мехӯрӣ, лекин ҳеҷ не, ки сер шавӣ. Даҳон мегӯяд, ки «омад», гулӯ мегӯяд, ки «даромад», ишкам мегӯяд, ки «ҳеҷ надидаам». Ана, як табақашро хӯрдему ҳоло ҳам меforад.

- Хосияташро намедонам ку, лекин кадбонугии хуби Анорхол-апа дар сар то сари қишлоқу район овоза шудагӣ, - гуфт, риштаи суханро аз дигарон кашида гирифта шогирди апа-Саидбегим. – Мегӯянд, ки порсол котиби райком андак бемор шудани Анорхол-апаро шунида, ба аёдат омадаасту аз гандумбирёни апа пухтагӣ чашида рафтааст. Пас, пагоҳии рӯзи дигар раиси ҷамъияти матлуботи районро ба наздаш даъват карда гуфтааст:

- Гандумбирёнро медонед?

- Ҳа, медонам, - ҷавоб додааст раис.

- Донед, хуб. Рӯзи Иди Май дар ҳама нуқтаҳои савдо гандумбирён бошад.

Дар ҳақиқат, рӯзи Иди Май дар ҳама нуқтаҳои савдо гандумбирён будааст. Вале мегӯянд, ки котиби райком аз он гандумбирёнҳо чашида, гуфтааст, ки дар маззаву лаззат ягонтааш ба гандумбирёни Анорхол-апа пухтагӣ баробар нест.

- Рост гуфтааст, - ба гап ҳамроҳ шуда, хандид шогирди дигари Анорхол-апа Кубриё. – Ба апаам ҳеҷ кас баробар шуда наметавонад - на дар гандумбирёнпазӣ ва на дар говҷӯшӣ. Апаам дар ин кор …ана, вай чӣ мегӯянд… мутахассиси баландихтисос.

Ҳозирон аз ширингӯиҳои Кубриё завқида хандиданд. Аҳли маъракаи хурдакакро хушҳолӣ фаро гирифт.

- Ин хел бошад, барои чӣ апаро ба нафақа мебарорем? Бигзор, боз кор кунанд. Ҳунарашонро мисли пештара ба дигарон омӯзонанд, боз шогирд тайёр кунанд. Ҳар як говҷӯше,

ки апа тарбия мекунанду кор ёд медиҳанд, албатта, пешқадам мешавад. Ана ҳамин Саидбегим, Кубриё, Низора, Баргинисо, Робиямо ҳама шогирди Анорхол-апаанд. Мисли Анорхол-апа говҷӯш дар райони вилоят кам ёфт мешавад.

Нишастагон ҳама чашм ба чеҳраи Анорхол-апа дӯхтанд. Фаҳмидан мехостанд, ки ба ин фикри мудири ферма худи апа чӣ мегуфта бошад.

Анорхол-апа ҳарчанд, ки ба рӯи онҳо аз шарму ҳаё, шарму ҳаёе, ки аз давраи духтариаш то имрӯз ӯро ҳеҷ гоҳ тарк намекунанд, ба рӯи ҳамкоронаш нигоҳ накарда, бо сари хам менишаст, вале натанҳо нигоҳҳои онҳоро пай мебурд, балки дар ҳар яке аз ин нигоҳҳо чӣ маъниҳо нуҳуфтанашро ҳам медонист.

- Раҳмат, Зоҳирҷон. Бисёр ҳам таърифро аз ҳад гузарондед. Намедонам, ман ба ин таърифҳо лоиқ бошам ё не. Ба ҳар ҳол, ҳозир дам нагирам, намешудагӣ барин. Ба табобат эҳтиёҷ дорам. Ку, бинем, чӣ мешавад, – Анорхол-апа табақи нахӯдбирёни духтараш Саодат ҳамин ҳоло аз ошхона овардаро ба миён гузошта, «Марҳамат, аз наваш гиред. Шабҳои ҳавлии мо дароз, мабодо боз гушна монед» гӯён ҳазли латифе кард.

Ҳозирон боз бо ҳавас ба табақ даст дароз карданд.

- Шукри замонаи серию пурӣ, бачаҳом, - гӯё худ ба худ мегуфта бошад, оҳиста ба гап даромад Анорхол-апа. - Дар давраҳои кӯдакию наврасии мо ҳар кас гандумбирён ёфта, хӯрда наметавонист. Дар баъзе хонаҳо як кафи ин аз як мушт тилло бақадру қимматтар буд. Одамон нони хӯрданӣ надоштанд. Имрӯз гандумбирён зеби дастархон шудааст. Одамон онро ба ҷойи хӯрок не, аз болои хӯрок, вақти чойнӯшакон мехӯранд. Хоки пойи ин давлата ба чашм тӯтиё бикунӣ, меарзад. Дар ягон давру замоне, ки мо ёд дорем, ин хел ободӣ, серию пурӣ набуд. Қадрдониашро ба одами меҳнаткаш намегӯед… Ана, ман, ба қавли одамони замони пеш, як «мӯйдарози ақлкӯтоҳ», бинед, ки чӣ хуш бахте дорам. Фарзандонам ҳамааш дар пеши чашмам соҳиби кору хонаву дар,

ҳамааш обод. Агар давлат ёрдам намекард, ман инҳоро ин хел хононда, сиҳату саломат тарбия карда наметавонистам. Дар давраҳои пеш агар кас ба ягон касал дучор шавад, дар баҳои молу чизи бисёр худашро табобат мекард ё аз сабаби нодонии табибҳои нохондаву нодида мурда мерафт. Дар ҳозира замона, садқааш шавам, сари касеро андак дард гирад, духтури ҳукумат давида меояд. Доруву дармонаш ҳамааш бепул. Нақл мекунанд, ки порсол як чӯпона дар Даштиҷум ғунда газидааст. Ба Душанбе хабар додаанд. Зуд аз Душанбе як вертолёт бо духтурҳояш омада гирифта бурданд. Бинед, Душанбе куҷою Даштиҷум куҷо? Дар ду рӯз заҳри ғундаро аз баданаш дур карда, ҷавоб додаанд, ки ба сари молаш баргардад. Бечора, шаҳри калонро надида будааст. Аз духтурҳо паноҳ доштааст, ки Душанберо намедонад. Як баромада, шаҳри калонро тамошо карда, пас меравам, гуфта, ҳавас кардааст. Баъд, як рӯзи дароз дар кӯчаҳои Душанбе саргардон роҳи Кӯлоб суроғ кардааст. Метарсам, ки ман ҳам мисли ҳамон чӯпон ба табобат рафта, дар кӯчаҳои Ленинобод раҳгум назанам.

- Не, Шумо раҳгум намезанед, апа, - аз нақли Анорхол-апа бозавқ хандида, гуфт Зоҳирҷон. - Шуморо самолёт аз худи Кӯлоб рост ба Ленинобод ва аз он ҷо ба Исфара мебарад. Шумо барин одами ордену медалдор ҳеҷ гоҳ дар роҳ намемонад.

- Ҳамрааша овехта равам-чӣ? Барои ин костюм пӯшидан даркор. Ман бошам, ба куртаи тоҷикӣ одат кардагӣ.

- Ҳамаашро набаред ҳам, ақаллан яктаашро гиред, кифоя. Ана, ҳамон «Нишони Фахрӣ» бошад, шуд.

- Ҳазор бор шукри даврон, шукри давлат, - сипосгузорона гуфт апа. – Исфара куҷою қишлоқамон Будёний куҷо? То районамон рафта оям, гӯям, дилама ғам мегирад. Одам мошин намеёбад, ки савор шавад.

- Парво накунед, апа. Ба қарибӣ ба участкаи мо ҳам автобус медиҳанд. Ба бисёр дигар участкаҳо ҳам автобус фиғ-фиғ равуо мекунад. Дилатон ҳар ҷое, ки хоҳад, зуд рафта меоед.

- Хайр, бо самолёт ба Исфара равам, хуб. Мошин барин самолёташ бӯйи бензин намекардагист. Ман тобу тоқати бӯйи бензин надорам.

- Вақташ расад, давлат барои Шумо мошинҳои аз «Волга» ҳам зӯртар мебарорад. Ҳозир ғами асосиаш дигар, апа - ғами муҳофизати ҳаёти мову шумо. Америкоиҳо зӯр зада, ба муқобили мо ҳархела ракетаи оламсӯз бароварда истодаанд.

- Худоё, ба он мардум ҷанги Гирмон сабақ нашуд? Чӣ қадар одам мурд, чӣ қадар шаҳру қишлоқҳо вайрон шуданд, чӣ қадар мову модарҳои мо азоби ҷанг кашидем, имрӯз доғи фарзанду акаву додари дар ҷанг кушташуда мекашем. Америкоиҳои ту мегуфтагӣ, Зоҳирҷон, модар доранд? Модарони онҳо фарзанд доранд. Наход, ки модарон ин беақлии фарзандонашонро дида, хапу хомӯш меистода бошанд? Охир, дар рӯи замин нест модаре, ки ҷанг хоҳад, агар ягон нафар бошад, он модар нест.

- Рост гуфтед, апа... Хайр, ба мо акнун иҷозати хестан. Шумо дам гиред. Шаб дер шуд.

- Хайр, - гуфт Анорхол-апа ва ҳамроҳи шавҳару писар ва ду духтари калонӣ ба рухсати меҳмонон баромад.

Шаби тобистон ситоразор буд. Моҳи пурра атрофро шир барин равшан мекард. Аз самти кӯҳи Хӯҷамуъмин насими руҳбахш мевазид.

Вақте ки ӯ баргашта, ба ҳавлӣ даромад, духтарони мактабхонаш Чамангулу Улуғбӣ рӯйи суфаи саҳни ҳавлӣ дар паноҳи меҳрубониҳои модар нафаси якдигарро шамида, осуда ба хоби ноз рафта буданд.

II

Аҷаб, ки вай Суфро Боқиеваро намешинохтааст. Номи ҳамин хел як говҷӯшзани пешқадами дар тамоми республика шуҳрату овозадор барои ӯ ношинос будааст. Барои ин Анорхол-апа худро бисёр коҳишу маломат кард.

Вақте говҷӯш будани ӯро дониста, дар санаторияи «Зумрад» гуфтанд, ки дар Исфара ҳам мисли вай ҳамин хел як

говҷӯши номии қаҳрамон ҳасту Суфро Боқиева ном дорад ва набераи ин зан ба совхози ба номи Турдиеви райони Москва келин шуда рафтааст, Анорхол-апаро аҷаб омад. Боз аз дил гузаронд, ки Исфара куҷою райони Москва куҷо? Дар ӯ хоҳише пайдо шуд, ки ҳарчи зудтар бо ин зани номӣ вохӯрад. Ва ҳамин ки фурсат ёфт, ба суроғи Суфро Боқиева баромад. Гоҳе ки ба таги дарвозаи фермаи Суфро-апаино расиду ба ӯ фаҳмонданд, ки ба ферма даромадани ҳар кас мумкин нест, як аҷаби вай сад аҷаб шуд. Баъде, ки ӯ «ба назди Суфро Боқиева аз Кӯлоб омадам» гуфт, худи Суфро-апаро ҷеғ зада оварданд ва ба хотири меҳмониаш ва ҳам хотири Суфро-апа ба вай хилъат пӯшонда, иҷозати ба ферма даромадан доданд.

Суфро-апа говҷӯш будани ӯро аз худаш дониста, хурсанд шуд ва ба тартиби кораш шинос намуд. Дар муддати кӯтоҳи меҳмониаш, ки он се-чор соатро дар бар мегирифт, бо Анорхол-апа унс гирифта, ӯро «қудоҷон» гуфта ном мебурд. Анорхол-апаро на танҳо боғайратию меҳрубонии аз ҳад зиёди Суфро-апа маъқул афтод, ҳар он чӣ, ки вай дар фермаи Суфро-апаино медид, барояш ғайриоддӣ ва аҷиб менамуд. Ферма тозаву озода, говҳо бо аппарат ҷӯшида мешаванд, хӯроки чорво ҳар қадар, ки хоҳанд, фаровон. Хӯрокро хушхӯр карда, ба чорво медиҳанд. Як кас ҷӯшидани 20-25 сар говро уҳда мекунад. Аз ҳар сар гов соле 5 ҳазор литр шир меҷӯшанд. Маоши говҷӯшҳо баланд. Онҳо дар худи ферма хонаи истироҳат доранд. Кори асосии зӯрталабро техника иҷро мекунад.

Анорхол-апа ин ҳамаро дида, ба фермаи типи куҳнаи худашон муқоиса мекарду торафт ҳайраташ меафзуд, ки чаро дар фермаи онҳо ҳам чунин тартиботро ба роҳ намемонанд? Барои чӣ аксари корҳои зӯрталаб, аз қабили говҷӯшию хӯрокдиҳии чорво дастӣ иҷро карда мешаванд? Вай чӣ ҳангоми шинос шудан ба механизмҳову тартиби кори говҷӯшони ферма, чӣ дар лаҳзаи меҳмоннавозии Суфро-апа, чи вақти хайрухуш ва чӣ дар санатория ҳамин андешаро дар сар дошт. Бисёр фикр карду ниҳоят дарёфт, ки ҳамааш ба одамон ва масъулияти

онҳо дар иҷрои вазифа вобаста аст. Илова бар ин, колхози «Правда»-и онҳо ҳанӯз аз уҳдаи дар ҳар як участка сохтани чунин типи фермаҳои нав баромада наметавонад. Барои сохта ба истифода додани чунин фермаҳо пеш аз ҳама асосу замина доштан даркор. Фермаи типи нави механиконида созанду зоти чорво маҳаллӣ мондан гирад, 5 ҳазорлитрӣ шир он тараф истад, 3 ҳазорашро ҳам орзу карда намешавад. Барои амалӣ намудани ин максадҳо маблағи калон ёфта, одамонро ба идоракунии техникаи чорводорӣ тайёр кардан, дар онҳо қабл аз ҳама, ҳисси масъулияти баланд нисбат ба кор парваридан даркор. Барои ба дараҷаи фермаи Суфро-апаино расидани фермаи онҳо вақти зиёд лозим. Вале бисёр корҳое ҳастанд, ки колхоз ба иҷро кардани онҳо имконият дорад. Беҳтар кардани зоти чорво, фаровон захира намудани ему хошок, ба чорво хушхӯр ва серғизо гардонида додани хӯрокӣ корҳоеанд, ки роҳбарону мутахассисон ва чорводорони колхоз аз уҳдааш мебароянд. «Шарм аст, ки хоҷагиҳои вилояти Ленинобод бо тай кардани садҳо километр роҳ аз райони Данғараи вилояти мо хӯроки чорво кашонда, солона аз ҳар сар гов 5 ҳазор литр шир ҷӯшанду мо худамон бо чунин захираи фаровони хӯроки чорво 2,5-3 ҳазорлитрӣ шир ҷӯшему халос, - фикр мекард Анорхол-апа. - Кайҳо вақти он расидааст, ки муносибатамонро ба чорводорӣ дигар карда, онро саросар дар асоси индустриявӣ ба роҳ монем, аз он даромади калон ба даст оварем».

Анорхол-апа дар дил азм кард, ки бисёр корҳои дар фермаи Суфро-апаино дидаашро дар фермаи худашон ҷорӣ менамояд. То вақте ки аз ҳар сар гов мисли говҷӯшҳои фермаи Суфро-апаино 4,5-5 ҳазорлитрӣ шир наҷӯшад, ба ҳеҷ кас амон намедиҳад.

Ин андешаҳо ҳам дар санатория ва ҳам дар тамоми роҳи бозгашт ӯро домангир буданд. Вай ҳоло фаромӯш карда буд, тамоман фаромӯш карда буд, ки як моҳ пеш ӯро ба нафақа гуселониданд.

III

Анорхол-апа кӯҳи Хӯҷамуъминро бо як меҳри хосу сӯзоне дӯст медорад. Дӯст медораду худаш намедонад, ки барои чӣ. Шояд барои он, ки кӯдакии хору зораш дар пошнаи ҳамин кӯҳ гузашт ва дар сари пирӣ дар ҳамин макон соҳиби обрӯю бахти баланд гардид. Шояд барои он, ки чашм кушода, Хӯҷамуъмини баландболоро дид, намаки онро хӯрда калон шуд, нахустин ишқашро, нахустин бахташро, нахустин хонаву дару нахустин фарзандашро дар пошнаи ҳамин кӯҳ дарёфт ва боз гоҳе ки (он рӯз мабод!) одам миранда асту мемирад, ӯро дар пошнаи ҳамин кӯҳ дафн хоҳанд кард… Боз кӣ медонад барои чӣ?

Ҳар як фарзанди дар домани Хӯҷамуъмин ба дунё омада бо худ суруде дорад. Суруди фарзандони Хӯҷамуъмин бо овози диловези Одина Ҳошим, Файзалӣ Ҳасан ва оҳангҳои марғуби Абдусалом Раҳим то ба дуртарин гӯшаҳои дунё рафта расидаанд. Ин суруди одами озоду бахти баланди ӯст. Ин суруди зиндагонист.

Анорхол-апа ҳам суруди худро дорад. Ҳар байти суруди ӯ маънии як давраи ҳаёти ӯро дар худ ғунҷондаанд. Бахше пураламанд ин байтҳо, бахши дигар сурурангезанд.

Ин субҳ касе ӯро аз хобаш ҷеғ зада хезонд. Вай хеста, рӯйи ҷойгаҳи хоб нишаст ва садои навбатиро интизор шуд. Касе набуд. Ҳама ғарқи хоби субҳгоҳӣ буданд. Гумон кард, ки каси ҷеғзада пушти дарвоза истодааст. Оҳиста аз ҳавлӣ берун шуд. Дар сар то сари кӯча хомӯшии том ҳукм меронд. Дар рӯ ба рӯяш ҳайкали ҳанӯз начандон равшани Хӯҷамуъмин бовиқору солор меистод. Аз ҳавлие дар пошнаи кӯҳ таронае боло мехест:

Эй кӯҳи азиз, Хӯҷамуъмин, падарам,
В-эй бо намакат хоми маро пухтагарам.
Дастам бигир, эй падар, к-андар бари ту,
Як пистаниҳоле ба умеди самарам.

Ин суруди замони наврасии ӯ буд. Зан гӯшу ҳуш шуд. Ба рӯйи Хӯҷамуъмин дуру дароз бо меҳр дида дӯхт. Яқин кард,

ки ӯро суруди Хӯҷамуъмин ё худи Хӯҷамуъмин аз хоб бедор кардааст. Аз суруду дидори Хӯҷамуъмин маъние бардошту дар лабонаш табассум дамид. Вай буд, ки дар айёми наврасии хору зораш Хӯҷамуъминро падар мехонд, ӯ буд, ки аз Хӯҷамуъмин мисли як пистаниҳол умеди дастгирию орзуи самар дошт. Вай ба мақсадаш расид ва бояд, ки акнун то нафаси охирин ҳамчун фарзанд дар хизмати Хӯҷамуъмин бошад.

Бо як азми ҷазм хилъат ба бар карду «Хезед, Ҷӯрабой, вақти кор шуд… Ман рафтам» гуфта, шавҳарашро аз хоб бедор кард ва аз дарвоза берун рафт.

Субҳи содиқ медамид. Хӯҷамуъминҷон, оне, ки ӯро ба дунё овардаасту устухонаш пухтааст ва дунё додааст, дар симои ҳақиқии падараш миннатдорона ба сӯи Анорхол-апа менигарист.

- Пир шудаам-а? Дам гирифтан даркор будааст-а? Ман дам гираму говҳоямро дигарон ҷӯшанд?... Эҳҳа, хобатонро ба об гӯед! - фарёде берун зад аз дили ӯ ва қадаммониаш ба сӯи ферма устувортар гардид.

Неъматулло ХУДОЙБАХШОВ
(«Роҳи Ленинӣ», соли 1983)

ҲАЛИМОВ ҒАЙБУЛЛО

10 сентябри соли 1948 дар ноҳияи Восеъ таваллуд шудааст. Соли 1971 факултаи филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси муаллими забону адабиёти тоҷик хатм кардааст. Фаъолияти рӯзноманигории Ғ. Ҳалимов аз соли 1981, замоне ки ба рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» ба кор омад, шурӯъ шудааст. Баъдан дар рӯзномаи ноҳиявии «Мубориз»-и ноҳияи Восеъ ба ҳайси ҷонишини муҳаррир ва рӯзномаи «Ҷумҳурият», нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мухбири махсус дар минтақаи Кӯлоб фаъолият дошт. Дар ин рӯзнома то моҳи сентябри соли 2011 кор кард. Ҳамзамон аз соли 2009 дубора ба ҳайати эҷодии рӯзномаи вилоятии «Хатлон» пайваста, то ҳоло дар ин ҷо кор мекунад ва бо матолиби таҳлилию интиқодиаш дар миёни хонандаҳо маҳбубият дорад.

Узви ИЖТ, Аълочии матбуоти Тоҷикистон аст.

● *МУШКИЛОТИ СОҲИБКОРӢ*

САНОАТ БА ДАСТГИРӢ НИЁЗ ДОРАД

Имрӯз ҳама умед бар он доранд, ки саноати маҳаллӣ ҳар чи бештар рушд мекунаду Тоҷикистони азиз миёни мамолики пешрафта тезтар мавқеи сазоворро соҳиб мегардад. Зеро бе тараққӣ додани соҳаи саноат, истифодаю коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва тавлидоти молҳои барои истеъмол тайёр, иқтисодро ба сатҳи мамолики пешрафта баланд бардоштан амри маҳол аст. Ин тафаккури аз ҷиҳати илмӣ асосёфтаро бисёриҳо ҳоло дарк карда истодаанд.

Ҳамин аст, ки ҳамеша вақти ба таҳлил гирифтани дарома-

ди ин ва ё он минтақа нақши саноат ва арқоми ин ҷабҳа дар маҷмӯи умумии дастовардҳо махсус қайд карда мешавад. Дар минтақаи шимоли мамлакат рушди саноат имрӯз, ки суръати пешрафта дорад, дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар тавозун ба комёбиҳои он пайваста рӯ ба пешравианд.

Алҳол зиёд шудаанд ташаббускорон дар тамоми манотиқи мамлакат, ки баҳри афзоиши тавлидоти соҳаҳои мухталифи саноат даст мезананд. Вале дастгирӣ ва кӯмак ба ин амали ватандӯстонаи соҳибкорони маҳаллӣ қариб, ки вуҷуд надорад. Новобаста ба дастуру ҳидоятҳои доимии Президенти мамлакат дар бисёр ҳолатҳо ташаббускорони соҳа бо мушкилот ва проблемаҳои сангини тараққӣ додани саноат худашон танҳо мемонанд.

Аввалан мавҷуд набудани қарзҳои имтиёзнок, қитъаҳои мувофиқи заминро, ки аз лиҳози коммуникатсионӣ бемушкилот бошад, барои бунёдкорон пешниҳод карда натавонистан, дар қатори монеаҳои дигари маҳал аз ҷумлаи масоили доғи соҳа ба шумор мераванд.

Соҳибкор Ғаффор Идиев шахсан ба Президенти кишвар як сол қабл ваъда дода буд, ки дар шаҳри Кӯлоб заводи шарбатбарорӣ ва корхонаи истеҳсоли шиша месозад. Бо сабабҳои номбурда ин амали барои минтақа аз ҳар ҷиҳат зарур кашол ёфта истодааст. Алалхусус, дарёфти мавзеи мувофиқ барои Кӯлоб набояд проблема бошад. Зеро аксарияти корхонаҳои бузурги хусусигардонидашуда, ки имрӯз истеҳсолашон ба ном вуҷуд дораду тавлидоти солонаашон ба миллион сомонӣ намерасад, ҳар кадом қитъаҳои калони заминро, ки дорои тамоми васоити коммуникатсионианд, банд намудаанду бештарашон дар мавзеъҳои «партов» нияти хонаҳои истиқоматӣ сохтан доранд. Бо мақсади бунёди корхонаҳои нави саноатӣ аз ҳамин «резерв»-ҳо истифода бурдан роҳи одилонаи ҳалли масъала мебошад.

Ана барои ҳамин, дар бахши таъсис додани корхонаҳои нави саноатӣ, муассисаҳои хизматрасонӣ, дастгирии ҳукумати маҳаллӣ ва дахолати фаъолонаи мақомотҳои он чун обу ҳаво

зарур аст. Бисёр вақт набудани ҳамин пуштибонӣ ва бетарафии мақомоти давлатӣ боиси дилсардии соҳибкорон мегардад, ки зиёни он дар шароити камбизоатии мардум ба тамоми ҷомеа мерасад.

Масалан, дар минтақаи Кӯлоб то тирамоҳи соли гузашта ягон сехи истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ вуҷуд надошт. Дар бозори марказии шаҳри Кӯлоб ва тамоми бозорҳои минтақа ин навъи серталаботи маводи ғизоиро аз хориҷи мамлакат ва вилояти Суғд меоварданд. Ин буд, ки дар як соли охир дар бозорҳои минтақа арзиши маҳсулоти макаронӣ аз 3 сомонӣ то 5-5,5 сомонӣ боло рафт. Ҷаҳиши нарху наворо дар маводи ниёзи аввалияи мардуми камбизоат ҷавонмарди қавиазм ва саноатчии серғайрат Ҷамшед Амиров мушоҳида намуда, барои осон намудани як паҳлӯи зиндагии мардум дар дохили заводи ордбарророрӣ сехи истеҳсоли макаронро бунёд намуд. Ногуфта намонад, ки дар дохили корхона аллакай ин сеюмин коргоҳи хурди саноатӣ мебошад ва ин таҷрибаи саноатчии оядабинро таҳкиму тақвият бахшидан вазифаи шаҳрдорист.

Азбаски ашёи асосии маҳсулотҳои макаронӣ орд мебошаду ҳамаи масолеҳи дигари таркиби он, аз қабили тухм, ашёи хоми маҳаллианд, маъмурони коргоҳ бо нархи бисёр арзон тавлидодашонро пешкаши фурӯшандаҳо намуданд: як килоашро бо нархи 2,5 сомонӣ. Дӯкондори аз қоидаҳои савдо ва фарҳанги тиҷорат огоҳ молро аз корхона бо арзиши номбурда қабул карда, 20-30 дирами дигар болояш хизматона гузорад ҳам, нархи макарони маҳаллӣ дар бозор аз 3 сомонӣ боло намеравад. Паст гардонидани нарху наво бошад, ин орзуи ҳамарӯзаи қишри мардуми камбизоат буд. Ҳар як соҳибкори ватандӯст якҷоя бо Ҳукумат дар ин роҳ мебояд талош бикунанд.

Корхонаи хурди Ҷамшед шароитеро фароҳам овард, ки нархи навъҳои маҳсулоти макаронӣ дар бозорҳои минтақа то 1,5 сомонӣ имконияти коҳиш ёфтанро пайдо намуд. Ва ҳамзамон дар сехи навбунёд 12 нафар соҳиби ҷойи кор ва маоши арзанда гардид. Аммо коргоҳи макаронбарорӣ моҳе кор накарда, иҷборан сукут намуд. Ба гуфти фурӯшандаҳои қаторӣ,

сабаби зуд бо корхона додугирашонро қатъ намудани савдогарон «оптавик»-ҳо шудаанд. Онҳо шарт мондаанд, ки агар фурӯшандаҳо макарони маҳаллӣ бигиранд, умуман барояшон гирифтани дигар номгӯи маҳсулотро манъ месозанд. Ва танҳо бо фурӯхтани як макарон корашон ҳеҷ гоҳ пеш намеравад…

Ин мушкилоти хурд нест. Агар ҳукуматҳои маҳаллӣ дар боби фаъолияти соҳибкорони мухталиф ҳамин тавр бетарафӣ зоҳир бикунанду низоми бозор ва қоидаҳои маъмули савдоро ҳотамона ба дасти «каттазанҳо», ки идеали бештарашон аз роҳи гӯл задани ҷомеа соҳиби давлату савлат шудан аст, бисупоранд, иқтисоди бозоргонӣ дар кулли ҷабҳаҳо бесару сомонӣ ва харҷу марҷро роҳандозӣ намуда, баҳри пешравии мамлакат ҳамарӯза мушкилот ва монеаҳо эҷод мекунад.

Бо таассуфи зиёд бояд гуфт, ки дар соҳаи тиҷорати минтақа то кунун ҳамин гуна «анархия» ҳукм меронад. Коргардонҳои бозорҳо ошиқони сарсупурдаи мол ва истеҳсоли колоҳои сернақшу нигор ва «хушбӯй»-и хориҷианд, ки аксаран тавлидоти маводи кимиёвӣ буда, аз ҳар ҷиҳат барои инсон зиёноваранд. Вале эшон арзонбаҳоияшро ғанимат дониста, ба хотири оне ки молҳои мазкурро арзон дастрас мекунанду аз онҳо фоидаи калон мебинанд, дар ин роҳ бисёр арзишҳои инсонию манфиати ҷомеаро қурбон мекунанд. Яъне дар бозорҳои мо кайҳо боз монополизм ҳукмрон асту бозоршинон ҳама як навъи молро бо як нарх мефурӯшанд. Ва онеро, ки ин тартиботи иҷбориро мешиканаду барои паст бурдани нарху наво ва роҳкушоӣ ба рақобат кӯшиш ба харҷ медиҳад, бо ҳар роҳу восита аз махзани пуландӯзӣ берун месозанд. Магар равост, ки дар шароити пастравии набзи ахлоқи ҷомеа ва рушди басо баланди фасодзадагӣ фаъолияти тоҷирони бозорҳоро тамоман аз зери назорати давлатӣ ва танзимсозӣ берун нигоҳ бидорему барои саноати навтавлиди кишвар, ки чун тифли навзод ба парваришу нигоҳубини дилсӯзона ниёз дорад, кӯмаку дастгириро фаромӯш карда бошем?! Ҳол он ки имрӯз дар ҳудуди вилояти Хатлон даҳҳо корхонаи навбунёд ва ҳатто истгоҳҳои хурди барқии ба фаъолият шурӯънамуда бо ҷурми набудани дастгирии давлатӣ натанҳо барои тавлидодашон бозору харидор намеёбанд, балки маҳз бо ҳамин иллат иддае аз онҳо чун сехи

макаронбарории шаҳри Кӯлоб солиён боз сар дар суқутанд.

Воқеияти кунунӣ бар он аст, ки дар баъзе бахшҳо, аз зумраи таъсиси корхонаҳои хурди тавлидоти обҳои нӯшокӣ, корхонаҳои пахтатозакунӣ, дар минтақа аз андоза зиёд гардидани нуқоти фурӯши сӯзишворӣ аз нигоҳ доштани меъёр дида, бенизомӣ равнақ пайдо кардааст. Масалан, дар як вилояти Хатлон корхонаҳои пахтатозакунӣ ба 50-то расидаанд. Ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин гуна «фарҳанги созандагӣ» наметавон баҳои мусбат дод. Зеро ҳозир дар ин байн кам нестанд корхонаҳое, ки аз нарасидани пахта бекор меистанд. Айни замон барои бунёди дилхоҳ корхонаи саноатӣ маблағҳои калон харҷ мегардад. Ақли солим бошад, дар шароити имрӯза бо мақсадҳои созандагӣ маблағҳои калонро сарф кунонидану аз он фоида оварда натавонистанро ҳеҷ гоҳ қабул надорад. Балки ҳар як сӯми барои пешравии истеҳсолот равонагардидаро бояд андеша намуд, ки оё ин маблағгузорӣ мақсаднок аст, барои рушди мамлакат ва некӯаҳволии мардум судовар буда метавонад?

Иддае аз сехҳои истеҳсоли ҳасиб ва коркарди маҳсулоти ширӣ бо ҳамин гуна сабабҳо сари ҳар чанд вақт кормандонашонро танаффус медиҳанд. Дар айни ҳол бозорҳои минтақа аксар вақт аз ҳисоби қаймоқу маска ва ҷурғоти аз берун овардашуда серобанд. Таҷрибаи дар бозорҳои дохилӣ барои истеҳсоли саноати маҳаллӣ ҳамеша имтиёз ва бартарият додан дар аксарияти давлатҳо расмияти қонунӣ дорад. Ва дар муҳити Тоҷикистони рӯбатараққӣ пайравӣ аз ин амал ба фоидаи аҳли ҷамъият аст.

Агар дар бозорҳои маҳаллӣ ба муросопешагӣ хотима бахшида нашавад, рушдиояндаи саноат дар кишвар зери суол мемонад. Ба ин мушкилот мутасаддиёни соҳа чӣ мегуфта бошанд? Зеро алҳол 12 нафар коргарони иҷборан ба таътил баромадаи корхонаи хурди макаронбарорӣ посухи ин ҷавобро бесаброна интизоранд.

Ғайбулло ҲАЛИМОВ
(«Хатлон», №6 (2899), аз 7 феврали соли 2013)

ҲАМИДОВ РАШИДБЕК

Дар соҳаи матбуоти тоҷик рӯзноманигори собиқадор ва шинохта буд.

Пайрави касби падар - Фатеҳ Ҳамидов, рӯзноманигори куҳансол, мухбири рӯзномаи ҷумҳуриявии «Совет Тоҷикистони»(ҳозира «Халқ овозӣ») мебошад.

Дастпарвари факултаи журналистикаи Университети давлатии Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст.

Аз рӯзҳои нахустини таъсиси рӯзномаи вилоятии «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» дар ин ҷо ба ҳайси мухбири суратгир фаъолияти меҳнатияшро оғоз намудааст. Дар рӯзнома то рӯзҳои оғози ҷанги шаҳрвандӣ, ки фаъолияти нашрия як муддат қатъ гардида буд, кор кардааст.

Рашидбек Ҳамидов одамони касбу кори гуногун, пешқадамони истеҳсолотро аксбардорӣ намуда, ҳамзамон аз ҳаёти онҳо очерку лавҳаҳо менавишт. Зери рубрикаи «Аксҳои гӯё» бисёр камбудию норасиҳои кори муассисаҳои хизматрасониро нишон медод. Махсусан расм-фелйетонҳои ӯ ҷолибу хонданӣ буданд.

ҲАСАНЗОД СИПЕҲРИ АБУАБДУЛЛОҲ

Соли 1957 дар ноҳияи Восеъи вилояти Хатлон таваллуд шудаву соли 1980 риштаи журналистикаи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ)-ро хатм намудааст. Дар нашрияҳои «Газетаи муаллимон», «Роҳи ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб, «Садои коргар», Ассотсиатсияи «Килк»-и Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ифои вазифа намудааст. Сипеҳр Абӯабдуллоҳи Ҳасанзод аз соли 1997 то имрӯз дар дафтари матбуоти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад. Бо мақсади дарки пурраи асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа ӯ ба Донишгоҳи андозу ҳуқуқи Тоҷикистон дохил шуда, онро бо дипломи сурх (2003-2006) хатм намудааст.

Китоби калонҳаҷми Сипеҳр Абӯабдуллоҳи Ҳасанзод бо номи «Офтобо, ба ғуруб марав…» (Душанбе, «Адиб», 2005) бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба табъ расидааст. Вай аз соли 1990 узви Иттифоқи рӯзноманигорон, инчунин узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1997), Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2001), дорандаи мукофоти олии журналистон ба номи А. Лоҳутӣ (2004) ва Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006) мебошад. Соли 2012 Сипеҳр Абӯабдуллоҳи Ҳасанзод бо медали «Хизмати шоиста» мукофотонида шуд.

ҲАСАНЗОД ВА САҲМИ Ӯ ДАР МАТБУОТ

Дар арафаи ҷашни 21-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Президенти кишвар Сипеҳр Абӯабдуллоҳи Ҳасанзод бо медали «Хизмати шоиста» мукофотонида шуд. Ба ин муносибат тасмим гирифтем, то бо чанд суол ба ин рӯзноманигор ва адиби муваффақ муроҷиат намоем.

- Шумо ҳамчун адиб ва рӯзноманигор бештар ба кадом ҷониби фаъолияти худ такя мекунед, рӯзноманигор будани худро зиёдтар эътироф мекунед ё нависанда буданро?

- Ростӣ, дар ҳар ду маврид, агар ҳамин тавр гуфтан ҷоиз бошад, эҷодкорам, зеро ҷамъи адибон муқаддаман мактаби рӯзноманигориро гузаштаанд. Ҳар ду ҷабҳаро барои худ муқаддас меҳисобам ва ин ду ҷониб ба ҳам тавъаманд.

- Шумо аз соли 1997 инҷониб дар дафтари матбуотии Хадамоти гумрук фаъолият доред. Сабаби бахши гумрукро интихоб намудан ва беш аз 15 сол дар ин соҳаи мушкил фаъолият намудани шумо дар чист?

- Тақдир маро ба мақомоти гумруки ҷумҳурӣ пайвастааст. Бо вуҷуди сангинии фаъолият, дар ин соҳа мутахассисини боҳунар фаъолият менамоянд. Ин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар боло бурдани дараҷаи зиндагии рӯзгори мардум нақши муассир доранд.

- Чӣ чиз шуморо водор сохт, ки дар Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ таҳсил кунед ва ин кор барои як рӯзноманигор бар замми ҳамаи фаъолияташ мушкил набуд?

- Фаъолият дар мақомоти гумрук ва риояи аснoди меъёрии ҳуқуқӣ водор месозад, ки мутахассисон дар ҳамин чаҳорчӯба пайкор дошта бошанд. Аз ин рӯ, таҳсил дар донишгоҳи мазкур бароям бисёр паҳлӯҳои норавшани илми ҳуқуқро кушод, ки ин дар фаъолияти минбаъдаам ёрии амалӣ расонидааст.

- Дар навиштани осори худ бештар ба навиштаҳои кадом нависандагони тоҷик пайравӣ мекунед?

- Аслан тақлидро дӯст надорам, вале агар то ҷое Худованди карим аз даричаи сахо марҳамат карда бошад, афкори дархӯр ба манофеи мардумро дар китобҳои худ рӯи саҳфа овардаам. Ҳаддалимкон ҳатто дар хабару мақолаҳоям низ кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки қолиби журналистикаи муосирро риоя намоям ва дар адабиёт низ сабк ва пайи қалами худро дошта бошам.

- Аз нигоҳи Шумо, дар тӯли 20 соли мустақилии Тоҷикистон дар бахши журналистика ва матбуот ба чӣ гуна пешрафтҳо ноил гардидем?

- Журналистикаи муосир дар давраи истиқлолият ба комгориҳои бузург шарафёб гардидааст. Бубинед, ки дар кишвари мо теъдоди зиёди чопхонаҳои хусусиву давлатӣ арзи ҳастӣ намуда, барои хабарнигорони дохиливу хориҷӣ шароити моддиву техникӣ фароҳам оварда шудааст. Агар дар ибтидои мустақилият як рӯзнома - «Чархи гардун» ба ташнагони иттилооти кишвар садои тоҷикона андохта бошад, имрӯз доираи васеи рӯзномаву маҷаллаҳо фазои иттилоотии моро пур кардаанд.

Ҳамаи ин бо шарофати истиқлол ва сиёсати дурусти пешгирифтаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, инчунин Иҷлосияи сарнавиштсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имсол ба баргузории он 20 сол пур мешавад, ба даст омадааст.

Бо истифода аз фурсати муносиб ҳамватанони азизро бо ҷашнҳои шукуҳманди 21- солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-умин солгарди баргузории Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии кишвар сидқан табрику таҳният мегӯям ва бошад, ки сулҳу субот дар сарзамини аҷдодӣ ва офтобрӯяи мо ҷовидона ва пойдор бимонад.

- Ташаккур барои суҳбат!

Мусоҳиб Афшини МУҚИМ,
АМИТ «Ховар»
(http://khovar.tj/interview/24202-1202asanzod-va-sa1203mi-1263-dar-matbuot.html)

ҲАСАНОВ ИСМАТУЛЛО

18 октябри соли 1955 дар деҳаи Гулобод (пештара ба номи Калинин), деҳоти Арал, ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ (собиқ Куйбишев) таваллуд шудааст. Мактаби миёнаи деҳаро соли 1972 хатм намудааст. Дастпарвари Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Шевченко (ҳозира ба номи С. Айнӣ) мебошад.

Солҳои 1977-1982 муаллими мактаб шуда кор кардаааст. Оғоз аз соли 1985 ба кори матбуот мепайвандад. Дар рӯзномаи ноҳиявии «Ба пеш», телевизиони вилояти Хатлон, рӯзномаи вилоятии «Хатлон» фаъолият кардааст. Айни замон муҳаррири рӯзномаи «Баҳористон»-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад. Аз соли 1984 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон аст.

ХАЙМАҲОИ ҲИКМАТБОРИ ХАЙЁМ

Рубоиёти Хайёмро аз омӣ то уламо табақаҳои гуногуни миллату ҷамъиятҳои дунё бе таваҷҷуҳи хоса варақ намегардонанд. Ва вобаста ба фаросатҳои модарзодӣ маъниҳо бикрро дармеёбанд. Рубоиҳои ӯ бо забонҳои гуногун дар давраҳои гуногун тарҷумаву нашр шудаанд. Бо ин ном коххои маданию фарҳангӣ, тарабхона, кабареҳо месозанд. Дохили толорҳо, китобхонаҳо, қироатхонаҳо, тарабхонаҳо, рӯйи лавҳаҳои сангину мармарин катибаҳоро аз рубоиёти Хайём зеб медиҳанд ва ҳар хонандаро ба андеша водор месозад. Чи ҷозибае дорад маънии онҳо, ки касро як лаҳза аз олами ҳастӣ ба олами андешаҳо меафканад.

Гар як нафасат зи зиндагонӣ гузарад,
Магзор, ки ҷуз ба шодмонӣ гузарад.
Зинҳор, ки сармояи ин мулки ҷаҳон,
Умр асту бад-он сон гузаронӣ, гузарад.

Дар чист аслу куҷост маҷоз? Оё ҳақ дорем, як умри кӯтоҳи худро, ки дар ин дунёи фонӣ ба сар мебарем, гузорем бо бадномӣ равад? Чаро накӯшем, то он сармояи ҳастиро, ки Худованд лоиқ дидааст ва метавонем онро идора кунем, андаке бошад ҳам, ба нафъи касею чизе сарф нанамоем?!

«Инак, навбати туст. Инак, мансабу инак, мансабдорӣ. Майдондорӣ кун. Танҳо некназар бош, то бубинӣ пайи онҳоро, ки пеш аз ту дар ин майдон буданд, вале имрӯз нестанд. Ҳамчунин фардо ту», - мегӯяд шоир:

Онон, ки куҳан буданд, онон, ки наванд,
Ҳар як пайи якдигар якояк бишаванд.
В-ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид -
Рафтанду равему боз оянду раванд.

Вале ба куҷо?! Ин маъниро Хайём бе ҳеҷ истилоҳаву тарс аз зимомдорони давраш бо мафҳуме ҷавоб меҷӯяд.

Дар доирае, ки рафтану омадани мост,
Онро на ниҳоят, на бадояд пайдост.
Кас меназанад даме дар ин маънӣ рост,
К-ин омадан аз куҷову рафтан ба куҷост?!

Дар шигифт аст шоир. Мехоҳад бифаҳмад, дар паси он парда (ғайб), ки гуфтугӯ дорем, кист, ки моро мунтазир аст. Ва худ ҷойи дигар дар ин бора ҷавоб мегӯяд, зеро ӯро аён аст, ки касе бозпас ҷавобдиҳӣ наомадааст ва намеояд.

Аз ҷумлаи рафтагони ин роҳи дароз,
Боз омадае ку, ки хабар пурсем боз?
Зинҳор дар ин дуроҳаи розу ниёз,
Чизе нагузорӣ, ки намеоӣ боз.

Хайём муътақид бар он аст, ки одамӣ баъди падруд бо ин дунёи пуршӯру шар боз ба ҷавҳари аслии худ - хок бармегардад. Ва он чи ки мебинему ба он по мегузорем, он мавҷудоте, ки камоли ақл мегираду месоземаш, аз ҷавҳари худи мост. «Яъне, инсон, - мегӯяд шоир, - маҳаки гардиши дунёст. Аз ҳастии ӯст ҳастии дунё».

Ин коса, ки бас накӯш пардохтаанд,
Бишкаставу дар раҳгузар андохтаанд.

Зинҳор бар ӯ қадам ба хорӣ нанихӣ,
К- ин коса, зи косаҳои сар сохтаанд.

Он чиро, ки мардум аз ин қисмати рубоиҳои Хайём мегирад, ин умеди абас надодан дар зиндагӣ, ба табобати умри одамӣ аст. Ва ин мавриди назари Хайёмро олим, адабиётшинос ва шоири шинохтаи Эрон Сиёвуши Касроӣ чунин шарҳ додаст: «Хайём табибест ҳозиқ, вале бисёр сареҳ, яъне рӯйирост, ошкоро гӯянда. Мегӯяд, ки поёни ту марг аст. Ҳарчанд мехоҳӣ табиб касали ноилоҷи туро даво ҷӯяд, вале ӯ мегӯяд: саратон дорӣ ва хоҳӣ мурд».

Қисмати дигари рубоиёти Хайём васфи «духтари раз» - майро мадҳ мекунад, ки пайдоиши онро дар «Наврӯзнома» ба қалам додааст. Кайфияти аввалинро дар аҳди Ҷамшед зиндоние аз мулки Хуросон ҳангоми санҷиши оби ангур, ки ҳанӯз таъмаш касеро маълум набуд, пайдо намуд ва баъдан собит ҳам шуд. Чун далел аз ин рубоӣ метавон баҳра бардошт:

То ҳушёрам, тараб зи ман пинҳон аст,
Чун маст шудам, дар хирадам нуқсон аст.
Ҳолест миёни мастиву ҳушёрӣ,
Ман бандаи он, ки зиндагонӣ он аст.

Ҳамин ва бисёр рубоиҳои ба он монанд мардумро ба ваҷд овардааст. Номи Хайём дар ҳалқаи нӯшбодгӯёну шодихорон ёд мешавад ва чунин рубоиҳо базудӣ дар ёдҳо нақш мебананд.

Ин ҷо мебинем, ки Хайём дигар он табиби бешафқат нест. Василае ёфтааст, то мардумро бо вуҷуди умри ҷовид надоштан, шодкомие бидиҳад. Ӯ мегӯяд:

Май хур, ки туро бехабар аз хеш кунад,
Хун дар дили душмани бадандеш кунад.
Ҳушёр будан чӣ суд дорад, ҷуз он-к
З- андешаи поён дили ту реш кунад.

Ва ҳамчунин итминон бар он дорад, ки:

Гӯянд, ки дӯзахӣ бувад мардуми маст,
Ҳарфаест хилофу дил дар ӯ натвон баст.

Гар ошиқу маст дӯзахӣ хоҳад буд,
Фардо нигарӣ биҳиштро чун кафи даст.

Гузашта аз ин, боз чун дақиқтар назарандозӣ кунем, мебинем, ки шоир намехоҳад шодихоронаш ӯро дар ҳамин поя баҳо диҳанд. Дилбастагии яктарафа ба «духтари раз»-ро хуш надорад ӯ. Бубинед, ки чи зебо мегӯяд:

Сустӣ макуну фаризаҳоро бигузор,
В-ин луқма, ки дорӣ зи касон, бозмадор.
Дар хуни касу моли касе қасд макун,
Дар ӯҳдаи он ҷаҳон манам, бода биёр.

Дар ҳақиқат, зиндагӣ бо вуҷуди мураккабиҳояш ҳамин аст. Зиндагиро маънӣ чунин бувад ва худи зиндагӣ ҳам ҳамон гунае ҳаст, ки ҷараён дорад.

Чуноне мушоҳида мешавад, маҳз қисмати ба май бахшидашудаи рубоиёти шоир тарафдорони зиёдеро ҷамъ овардааст. Ва бузургии Хайёмро низ дар ҳамин ҷода дидан мехоҳанд. Ба истилоҳи имрӯза «Гран-при»-ро ба майпарастии Хайём медиҳанд, вале шоир ба ин розӣ нест. Ӯ баҳри пешгирӣ аз баҳои барояш ногувор хулоса карда, чунин мефармояд:

Ман зоҳири нестиву ҳастӣ донам,
Ман ботини ҳар фарозу пастӣ донам.
Бо ин ҳама, аз донишi худ шармам бод,
Гар мартабае барои мастӣ донам.

Ба ҳар навъе, ки мебинем, Хайём яке аз бузургони олами илму фарҳанг буда, тавъам ба тахаллуси гирифтаву рубоиёти бешумораш, хаймаҳои ҳикмат бофтааст, ки аз он то кунун ва баъдан ҳам мардум баҳраёб мегардад. Худи шоир бошад, аз ихлосмандону ворисонаш тамманои беш аз он надорад, ки мефармояд:

Ёрон, чу ба иттифоқ меъод кунед,
Худро ба ҷамоли якдигар шод кунед.
Соқӣ чу майи маона бар каф гирад,
Бечора маро ҳам ба дуо ёд кунед.

И. ҲАСАНОВ,
соли 2011

ҲАФИЗОВА ҲУСНИЯ

29 марти соли 1959 дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст. Хатмкардаи шуъбаи журналистикаи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) (соли 1981) мебошад. Вай чун журналисти касбӣ дар ҳама зинаҳои журналистика нерӯ санҷидааст: аз мусаҳҳеҳи рӯзнома, мудири шуъба, котиби масъул то ба дараҷаи ҷонишини сармуҳаррир ва сардабир расидааст.

Ба ҷуз рӯзномаи вилоятии «Хатлон», ҳамчунин дар нашрияҳои «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият»), «Пахтакор» (ҳоло «Навиди дӯстӣ»-и ноҳияи Қумсангир), маҷаллаи занонаи «Фирӯза», ҳафтаномаҳои «Чархи гардун», «Оила» кор кардааст. Ҳоло сардабири нашрияи «ADC-Бозори эълон» мебошад.

Узви ИЖТ, Аълочии матбуот ва Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

ҶӮГӢ
(Ҳикоя)

- Ҷӯгӣ омад, ҷӯгӣ омад, - набераам ҳарсосзанон ба хона давид…

- Ҷӯгӣ омад?

- Туро фол кушодан даркор. Ин бисёр муҳим аст. Ту розӣ шав. Ин бисёр муҳим, - дарро кушодан баробар ҷӯгӣ тез-тез ба гап даромад.

- Барои чӣ? Не, лозим не.

- Ту не нагӯй. Ана бин, ман аз рӯят мехонам. Гӯшҳои ту қоқ шудаанд, бисёр вақт корҳои ту омад намекунанд, ту ғусса мехӯрӣ, биё туро як фол бинам. Ба оина нигоҳ карда, ҳамаашро мегӯям.

- Не, лозим не.

Ҷӯгӣ ранҷид.

- Ту ба ҷӯгӣ бовар надорӣ. Гумон мекунӣ, ки ҷӯгӣ дурӯғ мегӯяд? Ё гумон мекунӣ, ки ҷӯгӣ фақат барои чиз ҷамъ кардан дар ба дар мегардад?

Ӯ баргашта аз поғундаҳо поён хамид.

- Маро фол дидан лозим не, - такрор кардам. - Биё, андак нишинем. Ман дар умрам бо ҷӯгӣ ҳамнишин нашудаам. Биё, ба хона даро, шояд гурусна бошӣ?

- Ҷӯгӣ чӣ дорад? Ҷӯгӣ ҳеҷ чиз надорад. Вай одами паст, кӯчманчӣ, оворагард, - чашмони ҷӯгӣ нам шуданд. Нигоҳаш ҳалимона сӯям дӯхта шуд.

Ҷевони шишагиро кушода, халтачаҳои чормағзу кулчақанду мавизро гирифтам.

- Чойи гарм дорӣ? - пурсид ӯ.

- Не, ҳозирак меҷӯшонам. Чойникро болои манқали газ гузоштам.

- Кор мекунӣ?

- Не.

- Ба ту осон.

- Ба ту чӣ?

Ҷӯгӣ қоҳ-қоҳ зада хандид. Хандааш беғаш, холисона буд. Ӯ ҳур-ҳур чой менӯшид, нонро калон-калон мегазиду бо лунҷи дамида бепарвоёна гап мезад. Гоҳ-гоҳ мӯйҳои аз зери рӯймолаки сафедчатоби чиркини сараш ғеҷида фаромадаро бо ангушти ишоратиаш паси гӯшҳояш мегузаронд ва аснои гап задан сӯрохаки ҷойи тугмаи болои синаҳояшро, ки аз ниҳояти тангии кофтааш кушода шуда, синабандаш намуда меистод, бозӣ мекард.

- Ту чаро намехӯрӣ? - гуфт ӯ гӯшти шӯрборо аз коса гирифта истода.

- Мабодо фарбеҳ нашавам гуфта, - хандидам ҷониби ӯ.

- Воҳ-воҳ, - норозиёна чашмонашро ало намуд ҷӯгӣ.

- Не, харобии ту аз кам хӯрданат нест, ту бемор ҳам не. Ман ҷӯгӣ, дили ҳассос дорам. Ҳама чизро дарк мекунам. Рост

мегӯям. Чанд қутӣ чой биёр.

Ҷӯгӣ ангуштонашро чалап-чалап лесида тоза кард.

- Дар рӯ ба рӯи ман шин. Дастатро деҳ. Дилат пок, ниятат пок, роҳат рост, вале на ҳама роҳҳо ба рӯят кушода. Дар зиндагӣ баъзе норасоиҳо садди роҳат шудааст. Туро зӯран ба шавҳар додаанд. Шавҳарат пеш аз ту хонаву дар дошт. Ҳоло ҳам дорад. Ӯро аз ту зиёд дӯст медорад, вале аз ту майли ҷудоӣ надорад. Як ҷуфт ҷӯроб биёр.

Ӯ ба сумкаи сиёҳи фарсудааш даст андохт. Аз он ойинаи бо мурури замон ниҳоят хирашудаpo бароварда, рӯйи онро бо бари домони юбкаи сиёҳаш пок кард. Дастонашро ба ҳам молиш дода, нарагуштамро болои ойина пахш намуд. Доирачаи пайи ангуштам рӯйи ойина паҳн шуда рафт. Сипас, ба кафи дастам ишорат намуда, аз болои хатҳо бо нохун чанд хат кашид.

- Бихезу як ҷуфт калӯш биёр, ман ба ту ҳамаашро мегӯям. Туро зани морсирате чашм кардааст. Нохунеро бо пашми ҳайвон ва ресмони сиёҳ омехта, туро ҷоду бастааст. Онро дар ҷояш шикастан лозим. Ман ба ту мадад мекунам. Аз рӯйи ҳимматат ба ман чизе биёр. Ягон либосвории куртавор бошад, хуб аст.

- Ягон либосвории куртавор надорам.

- Дорӣ, бирав бикоб.

- Ин мешавад?

- Ин чӣ мешавад? Ин ҳеҷ чиз намешавад. Агар инро ба ту диҳанд, ту барои худат курта медӯзӣ? Майлаш, ҳоло, ки овардӣ, мегирам. Ба духтарам чизе медӯзам. Духтарчаи ту ҳам мисли ӯ калон шавад, ризқашро худаш меёфтагӣ шавад. Бирав, барои ман чизе биёр.

- Ба сумкаат ду қуттӣ чой, чормағзу мавизу қанд, як ҷуфт ҷӯроб, калӯш ва боз ана инро гузоштам. Бас аст! Бирав акнун, ҳозир шавҳарам ояд, ҳам турову ҳам маро меранҷонад.

- Чизҳои додаатро миннат мекунӣ? Розӣ набошӣ, он ба чизе кор намеояд. Баргашта бигир!

- Не, не. Ман розӣ, бар, насибат кунад.

- Ҷӯгӣ ба «хушк» рафтан розӣ нашуд. Ман ҳам ба ӯ дигар рӯйи хуш надодам. Ӯ танҳо вақте ба рафтан розӣ шуд, ки якду тор мӯй ва як дахтинаи аз дақёнус мондаро бар ивази як либосворӣ матои қиматбаҳо гирифтам.

- Инро нигоҳ дор. Вақте ки рангашон сурх мегардад, ҷоду шикаста, ту безарар мешавӣ, он гаҳ зани морсирати ҷодугар низ мемирад. Ҳама роҳҳо ба рӯят кушода мешаванд. Набераат дувоздаҳсола, ки шуд, ману ту ногаҳон вомехӯрем. Ман не, ту худат маро мешиносӣ. Наздам омада, ба ман ташаккур мегӯӣ.

Аз он рӯз солҳо гузаштанд. Духтарчаам ду маротиба дувоздаҳсола шуд, ба шавҳар баромад, фарзанддор гашт. Чанд зани ба ҷодугарӣ гумонбаршуда реҳлат намуд. Вале он ҷӯгизанро дигар надидам. Ранги тангакуҳна ва як тор мӯи мисли мум сиёҳи ҷӯгӣ ҳеҷ сурх нагардид. Намедонам, ки ҷоду дар ҷояш шикаст ё не. Ба ҳар ҳол, гӯшҳоям гӯштӣ нашуданд.

…Дар остонаи дар ҷӯгидухтаре пайдо шуд.

- Туро фол кушодан лозим, ин бисёр муҳим аст, ба ту аз фарзандонат нафъе нест, онҳо ғами туро намехӯранд, баръакс, тарбияи фарзандонашонро ба ту вогузоштаанд. Ҷониби набераам нигариста, ба зиракии ҷӯгиён ҳавасам омад.

Ҳусния ҲАФИЗОВА

ҲОМИДОВ ФОТЕҲ

Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 аст. Фаъолияти рӯзноманигориаш соли 1945, пас аз баргаштанаш аз фронт, шурӯъ шудааст. Котиби масъули рӯзномаи «Колхозчӣ»-и ноҳияи Кировобод (ҳозира ноҳияи Панҷ) буд. Соли 1946 дар Қӯрғонтеппа бо Абдулҳамид Ализода, собиқ муҳаррири рӯзномаи «Болшевики Қӯрғонтеппа», шинос шуда, бо даъвати ӯ ба идораи ин рӯзнома ба кор меояд. Солҳои аввал ходими адабӣ, баъдтар мудири шуъбаи саноат шуда кор мекард. Аз соли 1957 то ба нафақа баромадан (аввали солҳои 80-уми асри гузашта) мухбири махсуси рӯзномаи «Совет Тоҷикистонӣ» дар водии Вахш буд.

Хизматҳои шоёни Фотеҳ Ҳомидов дар соҳаи матбуот борҳо аз ҷониби ҳизби коммунист ва ҳукумат бо мукофотҳои зиёд қадр шудааст.

АГАР ҲАЖДАҲСОЛА МЕБУДАМ,

аз нав пешаи рӯзноманигориро интихоб мекардам, - иброз медорад меҳтари матбуот Фотеҳ Ҳомидов.

Ӯро зуд-зуд дар идораи рӯзномаи вилоятӣ дучор омадан мумкин. Фотеҳ-амак ветерани матбуот аст. Фаъолияти рӯзноманигориаш ҳанӯз аз соли 1945 оғоз ёфта. Аз ба нафақа баромаданаш беш аз даҳ сол сипарӣ гашта бошад ҳам, меҳри касбу ҳамкорон пайваста ӯро ба идораи рӯзнома меорад. Аксари кормандони рӯзнома ӯро устоди хеш медонанд.

…Тобистони тоқатфарсои соли 1947 ҳукмрон буд. Ҳавои даму гармии дашт кураи оташро мемонд. Ҷавони чорпаҳлӯи гандумгун болои аробаи якаспа нишаста рӯ ҷониби офтобшин ҳаракат дошт. Аз таъсири шуълаи офтоби сӯзон савора бо чашмони нимпӯш ба тарафи муқобил менигарист. Баногоҳ ба хотираш чӣ фикре расиду суръати дави аспро те-

зонид. Ӯ боварӣ дошт, ки агар шаб дар ин миёнароҳ монад, то пагоҳӣ аз аспу худи ӯ нишоне намемонад. Зеро сокинони доимии ин дашти беканор - шағолу паланг ва гургҳои гуруснадомон ин меҳмонони нохондаро раҳо намесозанд. Аз ин хаёли мағшуш тахтапушташро араќи сард фаро расиду бо ҳарос назар дӯхт.

- Ҳоло барвақт, иншооллоҳ, торик нашуда, ба шаҳр мерасам, - гӯён худро тасалло дод.

Ин савора котиби масъули рӯзномаи «Колхозчӣ»-и ноҳияи Кировобод (ҳозира ноҳияи Панҷ) Фотеҳ Ҳамидов буд, ки барои дарёфти коғаз ба маркази шаҳри Қӯрғонтеппа сафар дошт.

...Фотеҳ моҳи декабри соли 1941 баҳри дифои Ватан аз душманони золим ба ҷанг меравад. Аввалҳо дар фронти марказӣ, баъдтар дар фронти сеюми Украина меҷангад. Дар яке аз муҳорибаҳо сахт маҷруҳ мешавад. Баъди шифо ёфтан ба хати пеши ҷанг бозмегардад. Ин ҷавонмарди сарзамини офтобӣ бо далерию нотарсӣ, инсондӯстию поктинатӣ барин хислатҳои некаш байни ҳамяроқон соҳибэҳтиром мегардад. Дар яке аз амалиётҳо Фотеҳ дафъаи дуюм ярадор мешавад. Баъди табобати дурудароз дигар ба ӯ иҷозат намедиҳанд, ки ба фронт равад. Зеро ӯ маҷруҳи гуруҳи дуюм гашта буд.

Ӯро ба рӯзномаи ноҳиявии «Колхозчӣ» ба кор хонданд. Фотеҳи ҷавон, ки таҷрибаи рӯзноманигорӣ надошт, аввалҳо хело душворӣ кашид. Вале бо ёрию маслиҳати муҳаррири рӯзнома Ислом Эрназаров душвориҳо паси сар шуданд. Оҳиста-оҳиста ӯ чун қаламкаши бомаҳорату боистеъдод ном баровард. Имрӯз Фотеҳ-амак бо дили пурфараҳ Ислом Эрназаровро устоди касби хеш медонаду пайваста номашро бо некӣ ба забон меорад.

Соли 1946 Фотеҳ дар семинари кумитаи ҳизбии вилоят бо Ҳомид Ализода шинос мешавад. Рафтору гуфтори рӯзноманигори ҷавон ба Ализода писанд меафтад. Ӯ Фотеҳро барои кор ба идораи рӯзномаи шаҳрии «Болшевики Қӯрғонтеппа» даъват мекунад. Ба Н. Эрназаров низ ин

таклиф маъқул меафтад, зеро ӯ дарк намуда буд, ки Фотеҳ нозукиҳои пешаи рӯзноманигориро хуб аз худ кардаасту минбаъд барои фаъолияти ӯ майдони васеъ лозим аст. Рӯзномаи шаҳрӣ, ки ҳафтае се маротиба дар ҳаҷми чор саҳифа нашр мегашт, барои Фотеҳ саҳнаи санҷишу фаъолият шуд. Аввалҳо қаламкаши шуъбаи адабӣ, баъдтар мудири шуъбаи саноати рӯзнома шуда, иҷрои вазифа менамояд.

Фотеҳ Ҳомидов камбудию норасиҳои ҷомеа, рӯзгори мардумӣ, бепарвоии баъзе роҳбаронро чашми дидан надошт. Аз ин рӯ, бештар ба жанри фелйетон рӯ меовард. Нуқсону камбудиҳои кори роҳбарони бепарвои риёкорро ҳадафи танқид қарор медод. Мекӯшид, ки муаммоҳои печидаи рӯзро кушояд. Шахсони танбал, сарварони бюрократу бепарво аз теғи қалами ӯ осоиш надоштанд.

Гоҳо зумрае аз кӯрдилони соҳибмансаб кӯшиш ба харҷ медоданд, ки худи муаллифи мақоларо гунаҳкор намоянд. Магар лойи хушк ба девор мечаспад? Ҳаргиз не. Аз ин рӯ, боз худашон шармандаю рӯсиёҳ мегаштанд. Амаки Фотеҳ як воқеаро ҳеҷ фаромӯш намесозад. Директори комбинати маишии як ноҳия камомади зиёде дошт. Нисбати зердастон муомилаи бад намуда, ба асаби онҳо мерасид. Баъди санҷиши дурудароз факту рақамҳои зиёдеро рӯйи об баровард. Инак, фелйетони навбатӣ ба табъ расид. Вале, мутаассифона, котиби кумитаи ҳизбии ноҳия ба ҷойи он, ки аз пайи ислоҳи камбудиҳо шавад, баръакс, аз болои рӯзноманигор ба Кумитаи Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон шикоятҳои зиёде навишт. Фотеҳро ба комитети ҳизби ҷумҳурӣ ҷеғ заданд. Аз ин ҳодиса ёру дӯстон ғамгину руҳафтода, вале шахсоне, ки нисбати рӯзноманигор хусумат доштанд, хурсандӣ зоҳир намуданд, ки кори Фотеҳи газетчӣ тамом, вайро ҳабс мекунанд. Хушбахтона, баъди ду рӯз Фотеҳ сиҳату саломат ба Қӯрғонтеппа бармегардад. Директори корхона бошад, мувофиқи гуноҳҳояш ҷазо мегирад.

- Моҳи июни соли 1948 буд, - ба хотир меорад амаки Фотеҳ. - Ҳамон сол рӯзномаи «Болшевики Қӯрғонтеппа» муваққатан

муҳаррир надошт. Масъулони саҳифаҳои ӯзбекиву тоҷикӣ ману Толибҷон Неъматов будем. Рӯзноманигор Содиқҷон Ҳасанов як фелйетон овард. Дар он раиси ҷамъияти матлуботи ноҳия ба зери тозиёнаи танқид гирифта шуда буд. Фелйетонро хонда тахт намуда, ба матбаа фиристода, аз пайи супорише ба Душанбе рафтам. Мақолаи танқидӣ бояд дар шумораи сеюми июнии рӯзнома ба табъ мерасид. Вале, мутаассифона, шумораи онрӯзаи рӯзнома ба дасти ҳаводоронаш нарасид. Аз Душанбе чоруми июн баргашта, огоҳӣ ёфтам, ки рӯзномаи онрӯза рӯйи чопро надидааст. Директори матбаа, ки русзабон буд, ҳангоми назорати коргоҳ чашмаш ба ному насаби раиси ҷамъияти матлубот афтода аз ҳуруфчин пурсон мешавад, ки ин чӣ гуна мақола аст. Ӯ мефаҳмонад, ки дар ин фелйетон раисро танқиду мазаммат намудааст. Азбаски раиси ҷамъияти матлубот ҳамшаҳраш будааст, директор дарҳол ба кумитаи ҳизбии шаҳр занг зада, асли воқеаро мефаҳмонад. Ҳамин тавр, бо айби ду-се роҳбари корчаллон рӯзномаи «Болшевики Қӯрғонтеппа» як рӯз баъд ба табъ мерасад.

Ҳини суҳбат амаки Фотеҳ аз собиқ рӯзноманигорони кӯҳансол, боистеъдоду соҳибтаҷриба Толибҷон Неъматов, Усмон Умарӣ, Қумрии Алию Ҳаким Набӣ ва Асадулло Қосим ёдовар шуд. Коммунисти матинирода Фотеҳ Ҳамидов аз соли 1957 то ба нафақа баромадан мухбири махсуси рӯзномаи «Совет Тоҷикистонӣ» дар водии Вахш буд. Хизматҳои самарабахши ӯ дар соҳаи матбуот борҳо аз ҷониби ҳизби коммунист ва ҳукумат бо мукофотҳои зиёде қадр шудааст.

Фотеҳ-амак дар баробари фаъолияти пурсамари меҳнатиаш падари сахтгиру меҳрубонест. Тарбияи хуби ӯ баръабас нарафт. Имрӯз фарзандонаш дар риштаҳои гуногун софдилона заҳмат мекашанд.

Ҳине ки бо амаки Фотеҳ хайрухуш менамудам, аз рӯйи кунҷкобӣ пурсидам:

- Агар бо амри тасодуф ҷавони ҳаждаҳсола мешудед, маҳз кадом касбро интихоб мекардед?

Бо чеҳраи пуртабассум посух дод, ки албатта пешаи рӯзноманигориро.

Оре, рӯзноманигорӣ пешаи мушкилу пурмасъулиятест. Он бисёр хондану ҳалолу покиза будан ва бо амри виҷдон амал намуданро тақозо менамояд. Агар дар замири шахс меҳру муҳаббат набошад, адои ин вазифа мушкил мебошад. Маҳз меҳру муҳаббат ба пешаи рӯзноманигорӣ Фотеҳ-амакро шахси сарбаланду соҳибэҳтиром гардондааст.

ВАХШОНА

(«Навиди Вахш», №85, 4 майи соли 1991)

ЧОРИЕВ АБӮБАКР

10 майи соли 1974 дар деҳаи Қизил-юлдузи ноҳия Коммунистӣ (ҳозира Бохтар) дар оилаи рӯзноманигор Файзалӣ Чориев ба дунё омадааст. Соли 1996 факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусравро хатм кардааст. Баъди хатми донишгоҳ соле мудири шуъбаи ҷавонони ҳукумати шаҳри Қӯрғонтеппа буд. Соли 1997 ба кори илмиву эҷодӣ гузашта, дар Донишгоҳи ба номи Носири Хусрав аз фанни фарҳангшиносӣ дарс гуфтааст. Ҳамзамон фаъолияти эҷодиашро дар рӯзномаи шаҳрии "Набзи Қӯрғонтеппа" ба ҳайси ходими адабӣ шурӯъ намуда, дар вазифаҳои мудири шуъба ва муовини сармуҳаррири ин рӯзнома адои вазифа кардааст. Соли 2000-ум рӯзномаи "Фурӯғ"-и Донишгоҳи ба номи Носири Хусравро таъсис дода, аввалин сармуҳаррири он таъин шудааст. Соли 2005 Абӯбакри Файзалӣ ба рӯзномаи вилоятии "Хатлон" ба кор гузашта, то соли 2007 дар он фаъолият дошт. Баъдан, ба муддати як сол хабарнигори радиои "Озодӣ" дар вилояти Хатлон буд. Аз соли 2009 ба ҳайси хабарнигори оҷонсиҳои иттилоотии "TojNews" ва "Озодагон" дар Маскав фаъолият доштааст.

Аз июли соли 2012 сармуҳаррири сомонаи иттилоотии "TJinform" дар Маскав таъин шуда, то ин замон кор мекунад.

ХИЗМАТИ ХИРСОНА

Дар ноҳияи Восеъ масъулин ба тороҷу сарфи ғайрмақсадноки буҷети давлатӣ даст задаанд.

Чун нашри мақолаҳоро доир ба фасодкорӣ ва сарфи ғайримақсадноки маблағҳои буҷавӣ аз ҷониби дастгоҳҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шуъбаҳои молия афзун намудем, шумораи масъулине, ки ба ин кор даст мезананд, афзоиш ёфт ва ё кумитаи назорати давлатии молиявӣ корро беҳтар карда, онҳоро рӯйи об баровард.

«Акси калла шӯрборо зад», ки яке аз дигаре ёд гирифта, мақоли «харбуза аз харбуза ранг мегираду ҳамсоя аз ҳамсоя панд»-ро ба таври худ фаҳмида, онро барои фаъолияти давлатии «хизмати хирсона»-ашон «далелу дастак» намуданд. Бубинед, ки сарварони ноҳияи Восеъ, шуъбаи молия ва масъулини як қатор идораву муассисаҳои он, сарварону масъулини танқидшудаи шаҳрҳои Қӯрғонтеппаву Норак ва ноҳияи Носири Хусравро ба як нӯл зада, дар талаву тороҷ кардани моликияти давлатӣ ва сарфи ғайримақсадноки маблағҳои буҷа иштиҳояшонро карнай кардаанд. Агар ба далелҳои ошкорнамудаи Кумитаи назорати давлатии молиявии ҷумҳурӣ назар намоем, мебинем, ки дар давоми солҳои 2004-2006 ин холабеғамону бепарвофалакон маблағҳои зиёди давлатиро бо диди худу салоҳияти андешаашон масраф намуда, қонуну қоидаҳоро пушти дар партофтаанд. Аҷоибии кор он аст, ки бо содиру бозпосгардонии маблағҳо масъулини шуъбаи молия ба чашми давлату халқ хок пошида, маблағҳои қарзи андозро бо ин роҳ кам кардаанд. Масалан, дар давоми солҳои 2005-2006 ҳафт ҳолати ба ин тарз кам кардани маблағҳои қарз аз андоз ба маблағи умумии 72 ҳазор сомонӣ ошкор карда шуд. Тааҷҷубовар он аст, ки дар чунин кор масъулини шуъбаи молия қарори раиси ноҳияро барои худ дастак кардаанд. Чунончи, бо қарори раиси ноҳия таҳти №711 аз 27 декабри соли 2005, даҳ ҳазор сомонӣ ба суратҳитсоби КСМ №11 гузаронида шуда, ин маблағро 31 де-

кабр ба буҷа ворид намуда, бо ин восита қарзҳои андози КСМ №11 пӯшонидаанд. Ин мисоли ягона нест, ки раиси ноҳия фаъолияти ғайриқонунии масъулини шуъбаи молиявиашро тариқи қарор дастгирӣ карда бошад. Барои исботи ақидаҳо боз рӯ меорем ба далелу арқом. Айнан бо чунин «ихтироот» қарзи андози ҶММ «Бахт»(15 ҳазор), ҶММ «Бинокор»(5,3 ҳазор), КМС №31 (14,5 ҳазор), КМСО «Боғбунёд»(14,5 ҳазор) ва ҶСШК «Восеъ»(5 ҳазор), ҷамъ 54,3 ҳазор сомонии маблағи андоз пӯшонида шудааст. Ҳол он ки худи ноҳия дар соли 2005 нақшаи се намуди андозро ба маблағи 617,8 ҳазор сомонӣ иҷро карда натавонистааст.

«Харҷ агар аз кисаи мардум бувад, Хотами Той шудан осон бувад», - гуфтааст халқ. Бо масрафу ҳиллагарии сарфи ғайримақсадноки маблағҳои ноҳиявӣ қаноат накарда, ин нафароне, ки халқу давлат ба онҳо бовар карда, зимоми идора ва банақшагирии сарфу харҷи маблағҳои давлатиро ба ихтиёрашон гузоштаанд, даст ба масрафи маблағҳои аз буҷаи ҷумҳуриявӣ ҷудошуда бурдаанд. Дар соли 2004 маблағи 350 ҳазор сомонӣ барои таъмири мактаби миёнаи №1-и ноҳия аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ ҷудо гардида буд. Аз ин маблағ, ки ба инкишофи соҳаи маориф ва сатҳи донишандӯзии насли наврас мусоидат менамуд, 10 ҳазор сомонӣ барои дастгоҳи раиси ноҳия, 11,8 ҳазор сомонӣ барои хароҷотҳои ғайраи шуъбаи фарҳанг, 5 ҳазор сомонӣ барои муассисаи истифадабарии роҳҳои №34, ҷамъ 26,8 ҳазор сомониро бо салоҳдиди худ масраф кардаанд.

Бале, аз чунин кор рӯйҳо сурху табъҳо болида гаштаанду орзуи мошинсаворӣ онҳоро ба сар омад. Барои нигаҳдории ғайриқонунии автомашинаҳои хизматии раисони ҷамоатҳо маблағи 8408 сомонӣ масраф гардид, то ин орзуи роҳбарони «оқилу гумоштагони давр» амалӣ гардад.

Чунин тарзи корро дида, коршиносон ангушти афсӯсу надомат мегазанд. Зеро ин ҳолат мақоли «гургро ба гӯсфандон чӯпон таъин кардан»-ро ба хотир меорад.

Ин ҳолат аз он далолат мекунад, ки дар ноҳия назорат

аз болои ташаккули буҷет ва сарфи мақсадноки маблағҳои буҷавӣ умуман дар сатҳи паст қарор дорад. Дар чунин вазъияте, ки роҳбарон даст ба киссаи давлат мезананд, хуб мешуд, ки ба иҷрои нақшаҳои андоз, таъмини нақшаи Фонди ҳифзи иҷтимоӣ, пардохтани қарзи ташкилоту муассисаҳо дар назди буҷет машғул мешуданд. То 1 апрели соли 2006 қарзи ташкилоту муассисаҳо дар назди буҷет ба 1346,3 ҳазор, қарзи Фонди ҳифзи иҷтимоӣ 1762,3 ҳазор сомонӣ дакка хӯрда, ҳамзамон қарзи Фонди ҳифзи иҷтимоӣ дар назди ташкилоту муассисаҳо 17,8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Хонанда аз дидани чунин рақаму далелҳо нобоварона сар меҷунбонад, вале масъулине, ки аз ин маблағҳо манфиате доранд, ҳеҷ не ки сар миёни ду каф бигиранду андешаи ҷавобгарӣ, виҷдону қонун ва билохира, назди Худованд онҳоро ба ташвиш гузорад. Вақте ки дастгоҳи раиси ҳокимияти давлатии ноҳия ба маблағи 33,4 ҳазор сомонӣ маблағҳоро барзиёд масраф мекунад, пас, чӣ гуна метавонад сарфи ғайримақсадноки маблағро дар дигар муассисаҳо назорат намояд?! Агар раиси ноҳия, ки ба масрафи 32,9 ҳазор сомонӣ барои хариди сӯзишворӣ барои мошини хизматиаш иҷозат дода бошад, пас, пасомадон аз раис «ибрат» гирифтаанд. Яъне, раис зиёдтар, дигарон камтар, мувофиқ ба вазифа ва имконият, албатта. Ё ки ошкор кардани изофанависиро ба маблағи 12,2 ҳазор сомонӣ раиси ноҳия чӣ гуна шарҳ медода бошанд?!

Коргар чӣ гуна, раис намуна! Бесабаб ин мақоли халқиро тағйир надодем. Дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия Кумитаи назорати давлатии молиявӣ камбудиҳоро рӯйи об баровард. Дар шуъбаи маориф зиёда аз 4 ҳазор, дар беморхонаи марказӣ 18,7 ҳазор, беморхонаи бемориҳои сил 2121 сомонӣ, колонаи сайёри механиконидашудаи №31 3624 сомонӣ, ҶСШК «Тоҷиктелеком» 1556 сомонӣ, дар корхонаи фаръии байниноҳиявии бақайдгирии техникӣ 1296 сомонӣ, дар муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард 4310 сомонӣ зарар, изофанависӣ, азхудкунии амволи давлатӣ ва пинҳонкунии зарар ошкор карда шуд .

Шуъбаи молия, ки бевосита ба ташаккули буҷети маҳаллӣ, сарфи оқилонаву мақсадноки маблағҳо масъул аст, баръакси ваколатҳои худ амал намуда, барои талаву тороҷкунии маблағҳои буҷавӣ, сарфи ғайримақсадноки маблағҳо ва рӯпӯшкунии қарзҳо мусоидат ва ҳамкорӣ намудааст. Албатта, ҳар кор подоши худро дорад. Барои чунин муносибати «дилсӯзона» роҳбарияти шуъба шарм надошта, ба кормандони худ ба маблағи 5284 сомонӣ мукофотпулӣ ҳам дода, 1100 сомонӣ маблағи буҷаро бевосита ғайримақсаднок масраф намуда, подоши хизмати хирсонаи худ донистааст.

Албатта, бо овардани чунин далелу арқом бори дигар ба масъулини молиявии шаҳру навоҳӣ рӯ меорем ва мегӯем, ки ҳар як дирами давлат ҳисобу ҷавобгарӣ дорад. Имрӯз, ки ба шумо бовар карда, чунин вазифаро ба дӯшатон гузоштаанд, ҳисси ободгариву ватандориро аз манофеи шахсии худ боло гузоред, вагарна, чанде баъд пушти шумо асту табари қассоб!

А. ФАЙЗ

(«Хатлон», №32-33 (2565), 14 июли соли 2006)

ЧОРИЕВА ЛАТОФАТ

Зодаи ноҳияи Бохтар. Баъди хатми мактаби миёна ба ДДҚ ба номи Носири Хусрав дохил шуда, онро соли 1991 хатм кард. Фаъолияти меҳнатияшро аз мактаби миёнаи №32-и ноҳияи Бохтар оғоз намудааст. Соли 1998 ба рӯзномаи «Набзи Қӯрғонтеппа» ба ҳайси ходими адабӣ ба кор омад. Баъди чанд соли фаъолият ба ҳайси мудири шуъбаи рӯзнома корро идома додааст. Соли 2005 ба нашрияи вилоятии «Хатлон» ба кор даъват шуд. Дар ин ҷо ба сифати муҳаррири шуъбаи ахбор ва афкори умум ва аз соли 2006 муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Хатлон» таъин гашт. Аз соли 2010 то соли 2012 ба сифати сармуҳаррири нашрияи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон – «Ҳамрози халқ» фаъолият кард.

Феълан ходими адабии маҷаллаи вилоятии «Сафо» аст. Ҳамзамон намояндагии Ассотсиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон (НАНСМИТ) дар вилояти Хатлонро ба уҳда дорад.

СУБҲИ УМЕД

(Очерк)

Автомашинаи сабукрав дар канори пахтазор қарор гирифт. Аз он зани миёнасоле, ки чашмони андешаманд ва чеҳраи гарме дошт, пиёда шуд. Муддате ба паҳнои киштзор дида дӯхт. Рӯз фаро мерасид, офтоб ҳарчанд ҳанӯз намоён набуд, домони уфуқро равшан карда буд. Насими сабуки субҳгоҳон сару рӯи касро нарм-нарм навозиш мекард, ба димоғ шамими муаттари пахтазорро мерасонид ва ба кас ҳаловату фараҳмандие мебахшид.

Зан вориди пахтазор шуд. Гоҳ-гоҳ хам мешуду ниҳолҳоро бодиққат мушоҳида мекард, баъзан гулу шонаҳоро мешумурд ва қаноатмандона сар меҷунбонд. Бад-ин тартиб, ӯ та-

моми қитъаро гашт ва ба қитъаи ҳамсоя гузашт. Вақте ки аз пахтазор берун омад, офтоб низ дар уфуқ падидор гашта буд. Зан аз дил гузаронд: «Дирӯз саҳмдорон хуб кор карданд. Дасташон дардро набинад, ҳамаи онҳо одамони хубанд: одӣ, меҳнаткаш ҳалолкор. Ҳаминҳо ҳастанду заҳмати онҳо, ки хоҷагӣ чанд сол ба ин сӯ дар ноҳия пешқадам ва овозадор аст».

...Замоне ҳатто ба гӯшаи хаёли Мамлакат намерасид, ки рӯзе ӯ деҳқон, пахтакор мешавад. Ҳанӯз дар он айём, ки хеле ҷавон буд, орзу дошт духтур шавад. Ҳоло дигар дар ёд надорад, ки ин орзу чаро ва чӣ гуна дар қалби ӯ маъво гирифт. Шояд сабаби ин ҳамон пизишкзани рус буд, ки рӯз дар миён хона ба хона мегашт, аз саломатии хурду бузурги деҳаи онҳо ва ҳамсоядеҳоти дигар воқиф мешуд, гӯё ҳамдарду ҳамнафаси ҳамагон буд, маризонро на танҳо бо дору, балки ҳамчунин бо забони хушу сухани нарм ва табассуми малеҳ даво мебахшид. Оре, ин русзани солхӯрда барои сокинони деҳа ва барои Мамлакати ҷавон як навъ тимсоли накӯкорӣ, таҷассумгари отифият ва муҷассамаи меҳру шафқат буд.

Ё шояд Мамлакат хеле барвақт, бо зеҳну идроки фитрии худ дарёфта буд, ки дармон шудан ба дарди дигарон беҳтарин саодат ва арзишмандтарин бахт аст? Ё шояд ҳам ину ҳам он буд, ки дертар ӯро ба омӯзишгоҳи тиббӣ овард. Чаҳор соли таҳсил тез сипарӣ гашт. Дилаш хеле мехост, ки таҳсилро дар донишкадаи тиббӣ идома бидиҳад ва соҳиби маълумоти олии пизишкӣ бишавад.

Аммо чун ба деҳа омад, бо тамоми ҳастӣ ба кор дода шуд, амвоҷи пурталотум, маҷрои пурҷасту хез, гирдбоди пурпечу тоб, ки ин ҳамаро ном зиндагист, ӯро ба оғӯш гирифт. Мамлакат он солҳоро беҳтарин пораи умри худ медонад. Зеро ҳарчанд зиёд кор мекард ва басо хаста мешуд, гарчи бо иллати такопӯ ва ташвишҳои зиндагӣ натавонист ба донишкада равад, аз пешаи худ розӣ буд. Ҳар боре, ки нигоҳи саршор аз сипосу миннатдории модари ҷавонеро, ки фарзанди ӯро Мамлакат давою дармон бахшида буд, медид, ҳама гаронию

хастагӣ ва машаққату кудурат аз вуҷуди ӯ зудуда мегашт. Ҳар маротибае, ки маризе аз дастони ӯ шифо меёфт, дилаш лабрез аз ифтихор мешуд ва дарки он, ки аз ӯ ба дигаре бигузор андаке ҳам бошад, некие расида, ӯро ба ваҷд меовард.

Бо ин минвол солҳо гузаштанд. Дар ин байн Мамлакат шавҳар кард, соҳиби фарзандон шуд. Худро хушбахт эҳсос мекард ва аз сарнавишти худ ҳеҷ шиквае надошт.

Аммо зиндагӣ шебу фароз, ширинию талхӣ, неку бадиҳои зиёде дорад. Зиндагист, ки касро метавонад ба қуллаҳои баланди хушҳолӣ, хушбахтӣ ва саодат бирасонад ва ҳамин зиндагист, ки қодир аст дар он лаҳзаҳое, ки ҳаргиз интизор нестӣ, сарнагун афканад ва ҷоми шаҳд аз даст рабуда, паймонае пур аз заҳр ба каф ниҳад. Балки шояд ман иштибоҳ мекунам. Шояд зиндагиро айбе набошад, шояд худи мо ҳастем, ки гоҳ-гоҳе ба қадри зиндагӣ намерасем ва онро ба ҳар гунае обу ранг медиҳем?

Аввалҳои соли навадуми қарни рафта бо ҷурму тақсири чанд тан назартанг, худхоҳу ҷоҳталаб, ғофил, ҷоҳил ва ғуломи таассуб, ки омода буданд бар ивази ҷону хуни мардум аҳдофи сиёҳу ғаразноки худро пиёда сохтаю бар маснади қудрат бинишинанд ва тавонистанд бо ҳарзаҳои авомфиребонаи хеш иддае аз мардумро гумроҳ бисозанд, авзоъ дар ҷомеа ташаннуҷ ёфта, тӯфони шадиде кишварро ба коми худ кашид ва оташи бузурге, ки барафрӯхта шуд, ҳамаро сӯхт, ҳам хушку ҳам тарро, ҳам гунаҳгору ҳам бегуноҳро, ҳам калону кӯчакро. Дар баробари чандин сокинони деҳаи «Янги юл»-и ноҳияи Қубодиён шавҳар ва се нафар бародари ҷигарбанди Мамлакат низ қурбони ин даргириҳои бемаънӣ ва нанговар шуданд.

Барои Мамлакат рӯзҳои сахт фаро расиданд. Дарду алами наздикони аздастрафта, манзили сӯхтаю харобшуда, қаҳтию гуруснагӣ, биму тарс аз он, ки чӣ соату чӣ рӯзе дар пеш хоҳад буд, рӯзгори ӯро бештар талху тоқатфарсо мекарданд, фикру андешаҳои яке гаронтару ғамангезтар аз дигар ҳамвора ӯро азият медоданд, дилаш танг ва аз зиндагӣ сард мешуд. Ҳаёт

гӯё ҳамакнун барояш дигар маънии худро гум карда буд.

Ва аммо дар он лаҳзаҳое, ки аҷзу заъф саропои ӯро ба оғӯши сарди худ мегирифт, аз умқи қалбаш садое дармеомад: чаро бояд навмед шавӣ? Пеши мушкилоту санҷишҳои сангини зиндагӣ афтодаруҳу сархам шудан нашояд. Чаро ки Худованд туро Инсон офарида ва бузургию бартарии инсон ҳам дар он аст, ки баҳри рафъи ҳама гуна мушкилот, баҳри ҳаёт ва саодати худ азму талош биварзад.

Ин садои қалб ба ҷисму ҷони Мамлакат нерӯи тозае мебахшид, дарди ӯро сабуктар мекард.

Боре Мамалакат бо келинаш (ҳамсари додараш), ки ӯ низ дар асари даргириҳо шавҳари худро аз даст дода буд, машварат карданд.

- Аз ин ки мо дар қайди ғаму андуҳ малулу ноилоҷ бишинем, фоидае нест. Ҳоло ки вазъ оҳиста-оҳиста ором мешавад, бояд аз пайи зиндагӣ биравем, хона ва рӯзгори худро обод намоем. Бубин, аксари хонаводаҳои маҳаллаи мо бесаробон мондаанд. Чӣ мешавад, агар мо онҳоро сарҷамъ ва сарварӣ бикунем? - гуфт Мамлакат. - Ман зиёд мулоҳиза кардам ва ба хулосае омадам, ки бо қувваи занону духтарони маҳалла метавонем хоҷагии деҳқонӣ таъсис дода, ризқу рӯзӣ ба даст орем. Бовар дорам, занони маҳалла маро дастгирӣ хоҳанд кард.

Фикри Мамлакат ба келинаш писанд омад. Дертар раиси хоҷагии «Авасто», узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ Раҳматулло Абдуллоев ба Мамлакат дасти кӯмак дароз кард. Аввал ба ихтиёри ӯ чаҳор гектар замин доданд. Мамлакат иштибоҳ накарда буд. Занону духтарони маҳалла бо камоли майл узви хоҷагии навтаъсис, ки онро «Ҷаннат» ном ниҳоданд, шуданд. Соли аввал дар ду гектар шолӣ кишт карданд (зеро ду гектари дигари боқимонда қобили кишт набуд) ва 7 тонна маҳсул бардоштанд. Ин ибтидои кор буд. Солҳои баъд аъзои хоҷагӣ бо заҳмати ҳамарӯза тавонистанд ҳатто заминҳоеро, ки солиёни дароз бесамар мехобиданд, ба заминҳои ҳосилхез табдил бидиҳанд.

Барои Мамлакат, ки қабл аз ин бо кишоварзӣ иртиботе надошт, идора намудани хоҷагӣ, шудгору кишт, парвариши зироат, ҷамъоварии ҳосил, хулоса, он ҳама коре, ки бояд деҳқон анҷом бидиҳад, осон набуд. Аммо ӯ эҳсос мекард, ки дар замири ӯ бо замин, бо деҳқонӣ як навъ рабти ногусастание тавлид мешавад, замине, ки рӯзӣ ва ризқрасон аст, ӯро бештару бештар ба худ ҷазб месозад. Мамлакат дигар хобу хӯрро фаромӯш карда, ҳамеша дар саҳро, ҳамеша дар киштзор буд, кӯшиш мекард, ки асрори пешаи хеле қадимӣ, пешаи зарур, пешае, ки бидуни он мавҷудияти ҳаётро наметавон тасаввур кард, яъне касби деҳқониро аз бар намояд.

Баъди гузашти муддате, чун мутмаин шуд, ки минбаъд тақдири ӯ бо замин ва деҳқонӣ ба гунаи ногусастанӣ пайваст шудааст, чун бовар ҳосил кард, ки сирру асрори деҳқониро кам ё беш аз бар намудааст, замини хоҷагии худро васеъ намуд.

Имрӯз хоҷагии деҳқонии Мамлакат Зиёвуддинова 20 гектар замин дошта, дар он пахта, гандум, ҷуворимакка ва зироатҳои дигар парвариш менамоянд. Хоҷагӣ дар ноҳияи Қубодиён дар радифи хоҷагиҳои пешқадам меистад. Соли гузашта аъзои хоҷагии «Ҷаннат» аз ҳар гектар 25-сентнерӣ ҳосили пахта ба даст оварданд. Ин нишондиҳанда дар ноҳия аз нишондиҳандаҳои хуб маҳсуб мешавад. Имсол низ корҳои хоҷагӣ пешраванд. Хоҷагии деҳқонии «Ҷаннат» нақшаи пешбининамудаи истеҳсоли пахта ва зироатҳои дигарро бармаҳал ва пурра иҷро кард.

Ҳаводиси мудҳиши ибтидои солҳои навадуми қарни бист, фоҷиае, ки ин ҳаводис дар пай дошт, дар дили Мамлакат Зиёвуддинова асари сангине боқӣ гузоштанд. Захме гузоштанд, ки муолиҷанопазир аст. Аммо ин зани дарёдил тавонист дар худ қуввае пайдо кунад, ки дарди ин захмро таҳаммул намояд, шикаста нашавад, зиёда аз ин, малҳами захми дили дигарон гардад. Иродаи қавии ин зан буд, ки муваффақ шуд хонаю дари худро боз обод созад, фарзандонаш Шерзоду Шаҳнозаро хуб тарбия кардаву ба шоҳроҳи зиндагӣ ҳидоят

намояд. Хонаводаи Мамлакат аз хонаводаи беҳтарини деҳа башумор меравад. Бесабаб нест, ки соли сипаригардида дар ҷамъбасти озмуни вилоятии «Беҳтаринҳои соҳаҳои хоҷагии халқи вилоят» хонаводаи беҳтарин ва ба дарёфти мақоми аввал дастёб гардид.

Имрӯз дар деҳаи «Янги юл» хурду калон номи Мамлакатро бо эҳтироми хоса ба забон мегиранд. Зеро ӯ маслиҳатгар, дастгир ва ҳамрозу ҳамнафаси тамоми сокинони деҳ аст. Ва мардуми деҳа медонанд: ин зан аз зумраи онҳоест, ки ҳеҷ душвориро намеписандад ва дар ҳама лаҳзаҳои сангин омода аст ба дигарон дасти мадад дароз кунад. Бо ибтикори ӯ дар деҳа нахустин созмони ҷамъиятие арзи ҳастӣ кард, ки инак, чанд сол мешавад ба касбомӯзии занону духтарон ихтисос дорад. Бо кӯшишҳои ӯ ва дастгирии роҳбари корхонаи пахтатозакунии ноҳия Раҳматулло Саъдуллоев хатнасури 35 нафар тифлони ятим барпо шуд.

Имрӯз Мамлакат меҳмони азизи ҳар хонадони деҳа гардидааст. Ӯ пайваста ба занони деҳа мегӯяд: «Ҳаргиз садди роҳи таҳсили фарзандон, аз ҷумла духтарони худ нашавед. Бигузор илм биомӯзанд, дониш гиранд ва фардо диёри моро ба қуллаҳои баландтарини мурод бирасонанд». Суханони ӯ ба аксари мардуми деҳ асари зиёд дорад, ба ҳарфҳои ӯ гӯш медиҳанд, ба ҷон мепазиранд.

…Чанд сол аст, ки Мамлакат ғолибан ҳар субҳ, ҳар тулӯи офтобро дар саҳро истиқбол мегирад. Ҳар субҳи ӯ субҳи умеду ормон аст. Ҳар тулӯи тозаи офтоб барои ӯ башоратдиҳандаи рӯзи нав ва рӯзии нав аст. Мамлакат итминони қавӣ дорад: ин субҳ беҳтар аз субҳи дирӯз аст, субҳи фардо беҳтар аз субҳи имрӯз хоҳад буд.

Латофат ЧОРИЕВА
(«Хатлон», соли 2008)

ЧОРИЕВ ФАЙЗАЛӢ

22-юми марти соли 1946 дар деҳаи Қизил-юлдузи ноҳияи Коммунистӣ (ҳозира Бохтар)-и вилояти Қӯрғонтеппа чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Хатмкардаи омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Қӯрғонтеппа ва факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории Душанбе ба номи Шевченко мебошад. Пас аз гирифтани маълумоти олӣ як сол дар Кумитаи ҳизбии шаҳри Қӯрғонтеппа ба ҳайси мутахассис фаъолият доштааст. Фаъолияти рӯзноманигориро дар рӯзномаи "Коммунисти Қӯрғонтеппа" шурӯъ карда, баъд аз барҳам хӯрдани рӯзнома ба идораи рӯзномаи вилоятии "Ҳақиқати Қӯрғонтеппа" ба кор гузаштааст. Соли 1981 рӯзномаи ноҳиявии "Байрақи дӯстӣ"-и ноҳияи Коммунистиро таъсис дода, то соли 1987 сармуҳаррири ин рӯзнома будааст. Пасон, то соли 1998 ба ҳайси омӯзгори мактаби миёна ва омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Қӯрғонтеппа, муовини раис ва раиси ҷамоати "Авангард"-и ноҳияи Бохтар адои вазифа кардааст. Соли 1998 рӯзномаи шаҳрии "Набзи Қӯрғонтеппа"-ро таъсис дода, ба ҳайси сармуҳаррири он то соли 2004 фаъолият доштааст.

Тахаллуси адабияш Файзалӣ Наврӯзов аст. Узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон, Аълочии матбуоти тоҷик, муаллифи китоби "Набзи дил" мебошад.

5-уми марти соли 2006 ин ҷаҳонро падруд гуфтааст.

ПУЛИ ҲАЛОЛ
(Ҳикоя)

Ёғибек худро болои кати меҳмонхона партофт. Чашмонашро ба кунҷи шифти хона дӯхта, дурудароз назора кард. Дар кунҷи хона анкабутеро дид, ки барои худ лона метанад. Анкабуд тамоми ҳастиву ҳунарашро ба кор мебурд, то торҳои танидаашро пайвандад. Ин кор ба ӯ гоҳ ба осонӣ, гоҳ ба гаронӣ даст медод.

Лонаи анкабут. Ёғибек калимаи "лона"-ро чанд бор ба забон овард. Андешаҳои гуногуне майнаашро гиҷ кард. Лона! барои анкабут ҳам лона лозиму барои одамон ҳам. Худаш ба ёдаш омад, ки ҳанӯз хонае надорад. Умраш маҳкама гузашту бедарак монд. Аз офтоби сари кӯҳ шудани умраш афсӯс хӯрд. "Не, ҳанӯз ҳам имкон ҳаст", аз дил гузаронд Ёғибек. Вай дид, ки тортанак барои сохтани лонааш чӣ тавр ҷонканӣ дорад, ба ҷойи ӯ худашро тасаввур кард Ёғибек. Тортанак бори чандум аст, ки дар охирин тори лонаи танидааш хато мекарду тамоми торҳо гусаста мешуданд ва аз лона нишоне намемонд. Як бор, ду бор, се бор, чор бор...

Мана бори шашум ҳам анкабут охирин торро бояд танад. Зеро ҷуръат намекард. Шояд метарсид, ки ин дафъа ҳам лонааш сарнагун мешавад. Ҳамин тавр ҳам шуд.

Анкабут дар як паҳлӯи ҷойи лонасозӣ тамкин гирифт....

Ёғибек гӯшу ҳуш шуда, ба кори анкабут назора мекард.

Баъди хуб нафас рост кардан анкабут бори ҳафтум ба лонасозӣ оғоз кард. Фосилаи тӯлонӣ гузашт. Ин дафъа анкабут асосан ба таҳкурсии торҳо эътибори ҷиддӣ дод. Охирин торро бо ҳазорон эҳтиёт пайваст. Лонаро сохта тамом кард. Сонӣ, ба мобайни тӯрҳои ба чор тараф кашидааш рафта, орамид. Ёғибек ҳайрон шуд. Ин махлуқи Парвардигорро бин, шаш бор лонаи сохтааш вайрон шуд, вале ноумед нагашт. Устуворӣ карду бори ҳафтум лонаашро батамом сохт. Акнун баҳузур дар лонааш дароз кашида мехобад. Вай аз меҳнати кардааш лаззат мебарад. Ман чӣ? Чӣ дорам? Ҳамин кати хушки меҳмонхона?

Ин ҳам бошад, барои якчанд рӯз. Баъд чӣ? Боз бояд хонае дарё-бам. Умрам ба ҳаштод наздик шуду сарфи дуздӣ. Панҷ бор ҳабс шудам. Аз баданам бӯйи ҳабсхона ҳеҷ не, ки дур шавад...

Бояд пеш аз марг ҳеҷ набошад, хонае созам. Боқии умрамро дар хонаи худам гузаронам. Охир ман одамам-ку? Наход баро-бари анкабут нашавам-а?

Ин фикрҳоро аз сар гузаронда, Ёғибек оҳи пурдарде кашид. Гӯё фағонаи дуду яъсу танҳоӣ димоғашро сахт сӯзонида баро-мад.

- Бояд хона созам. Хона... Лекин бо ин пулҳо не...

Ӯ як қабза пулҳоро аз ҷайбаш бароварда, ба фарши утоқ пош дод.

- Ин пулҳои дуздиро баракаташа надидам. Ин пулҳо ҳароманд. Хонаро аз пули ҳалол бояд сохт. Вагарна, то ба охир дошт накарда, сарнагун мешавад. Пули ҳалолро аз куҷо ёбам? Бо ин синну сол аз дастам коре наояд. На нафақа, на моҳона, касбе надорам, ба ғайри дуздию маҳбаснишинӣ. Ба дилам зада-аст ин ҳама. Мехоҳам мисли дигарон хонаву дари ҳалол дошта бошам. Бе тарсу ваҳм хуфтан мехоҳам...

Ёғибек метавонист аз чеҳраҳои "ҳамкасбаш" пул қарз гирад. Вале нахост. Зеро медонист, ки пули онҳо ҳам ҳаром аст. Ҳамин дам ба ёдаш Халили оҳангар омад: "Ҳа, ана аз вай пул қарз гирӣ, меарзад. Меҳнаташ ҳалол!"

- Э, Ёғибек, ҳазл накун. Вақти мазоқата ёфтӣ. Магар ту бепулӣ? Ҳеҷ боварам намеояд, ки... - сухани оҳангарро Ёғибек бурид:

- Усто, ту маро хуб медонӣ, ки ҳеҷ вақт аз пулу пайса камӣ надорам. Вале ман хона сохтанӣ, мефаҳмӣ?!

- Хайр, кори савоб мекунӣ. Вале ман он қадар пуле надорам, ки бо он хона созӣ.

- Мехоҳам ақаллан таҳкурсии хонаамро бо пули ҳалол созам. Бо пулҳои ман пойдевор бақодор намешавад. Пир шудам, то мурданам хонае сохта, аз худ нишонае боқӣ гузорам, мегӯям.

Халил-оҳангар буду шуди пулашро ба ӯ дод. Дар тааҷҷуб буд, ки наход Ёғибек пеши ӯ қарзгирӣ омад.

Аз тарафи дигар усто шод шуд. Шод шуд, ки як пири роҳгумзада дар охири умраш кори савоб карданӣ. О, сохтани бино кори савоб аст, охир...

ГУНОҲИ БАНИКОҲ
(Ҳикоя)

- Аз Худо натарсидӣ магар?
- Кори шудагӣ, шуд!
- Ба ҳафт пуштамон иснод овардӣ. Хуб мешавад, агар онро исқот намоӣ!
- Исқот?! Ту чиҳо мегӯӣ?! Вай падар дорад, мефаҳмӣ, падар!
- Падар будааст! Боз бо фахр гап заданаша бин. Падари беникоҳ! О, ту чиҳо гуфта истодаӣ?
- Надониста ҳарф назан, апа!
- Маро апа нагӯй, кори кардагиат ба авлодамон ҳақорат овард. Ту фикр намекунӣ, обрӯю эътибори модарам, аҳли ақрабоямонро ба хок яксон кардӣ. Ҳоло ҳам дер не, худи ҳамин рӯз ҳамроҳи ман ба духтур меравиву...
- Не, не! Ман мехоҳам тифлро ба дунё биёрам.
- Чиҳо мегӯӣ, Матлуба?!
- Ҳа, мехоҳам..
- Э, сабилмондаатро гирифта напартоӣ, аз ҳамин лаҳза мову ту ҷудо. Дигар ту барои ман хоҳар не, фаҳмидӣ?!
- Охир ману Далер ҳамдигарро дӯст медорем. Ин кор бо маслиҳат...
- Э, ноқисулақл, маслиҳат будааст. Дар куҷо дидӣ, ки ин кор бе тӯю тамошо, бе розигии волидайн шуда буд?
- Хайр, ҳама як хел бахт надорад. Дар вақташ ҳарчанд фаҳмондам, касе маро гӯш накард. Илоҷи мушкили ман ҳамин зайл шуд.
- О, ту фикр накардӣ, ки таънасори мардум мешавӣ. Овозаю ҳангомаи рафтори хунук зуд паҳн мешавад. Биё, не нагӯ, пеши ин фоҷиаи қабеҳро гирифтан мумкин.
- Ҳар кас барои бахти хеш ба таври худаш мубориза дорад.

- Мурад ҳамин хел мубориза. О, аз ман ибрат нагирифтӣ?

- Вазъияти ту дигар буд. Худат аз ҳамааш дарак дорӣ. Ним сол боз ман хостгорҳоро гардонидам. Бо “маслиҳат”-и Шумо падару модари Далер ҳам аз даргоҳамон ноумед рафтанд.

- Дар рӯйи ҳамон Далер моҳ дидӣ? Ина нағз фаҳм, агар бе ризоияти падару модар кор кунӣ, дар зиндагӣ барака намеёбӣ.

- Пас, муҳаббат чӣ маънӣ доштааст? Канӣ он ҳама хондагиҳову кинофилмҳои дидаи мо? Барои муҳаббати поку беолоиш дилдодаҳо ҷон медиҳанд! Ба ёд биёр. Толибу Матлуб, Бежану Манижа, Фарҳоду Ширин, Лайливу Маҷнун, Юсуфу Зулайхои таърихиро. Худат дилхоҳатро гирифтӣ-ку?!

- Ту? Ҳамин ту, поятро ба пойи қаҳрамонҳои афсонаҳо дароз мекунӣ?! Ҳушёр шав, гунҷишк қадамашро ба пойи зоғ монда, хиштакашро даррондааст.

- Биё, Дилором, маро ба ҳоли худам гузор, мон, ки мушкиламро худам ҳал намоям.

- Номаъқул кардӣ, ман апа бошаму дар канор монам-а? Не-е! Худи ҳозир тайёр шав. Гапу калочаи кори кардагиат аз даҳон ба даҳон мегузаштагӣ. Медонӣ, дарвозаи шаҳра баста мешаваду...

- Мардум ба ман чӣ кор дорад. Ба кадом оши онҳо қатиқ шудаам, ки онҳо ба...

- Ҳой, ҳой тирмизак! Гапи як калона гир! Набошад пушаймон мешавӣ. Баъди ду-се моҳ, ки шикамат дам кард, офтоба дигар ба доманат пӯшонда наметонӣ. Хез, хез, ман духтури шинос дорам. Баъди ду соат “ту дидиву ман не” мешавад.

- Зӯри беҳуда назан, Дилором! Мо бо Далер аҳд кардагӣ!

- Ҳушат дар ҷояш-мӣ? Ҳанӯз гаронии гуноҳи кардаатро дарк накардӣ магар?

- Нокарда гуноҳ дар ин ҷаҳон кӣ ҳаст?

- Гуноҳ то гуноҳа дорад. Ту бо ҳаёти хеш оташбозӣ дорӣ? Гапама нагирӣ, ба модарам ҳамаша худам мегӯям.

- Майлаш, гутфан гир. Лекин фаромӯш накун, ки ба ҳаққи ин тифли бегуноҳ зомин шавӣ, худам аз баҳрат мегузарам...

Ғиҷҷирос зада кушода шудани дар хоҳару апаро ба худ овард. Ҳарду хомӯш монданд.

- Ҳа, чӣ ин қадар ҳардуят арбада доред?, - пурсид кампири Зарнигор. - Мерос тақсим доред?!

- Оча, ман ба ғайри Далер, ба касе намерасам!

- Боз ҳамон гапи кухна-ку!

- Не, оча, ин дафъа гапи кухна не, духтарат нағма кардааст, - ба гап ҳамроҳ шуд Дилором.

- Чӣ хел нағма будааст, боз?

- Ҳаёташро сӯзондааст, ин беномус.

- Чиҳо мегӯӣ, даҳонатро пӯш, Дилором!

- Вай бо Далер... пайвастааст.

Модар якбора шах шуда монд. Аз чашмони Матлуба ашк ҷорӣ шуд. Мадор аз пойҳои модар рафт. Худро базӯр ба девор такя дод. Сӯйи духтараш бо чашмони ашколуду ғамнок нигарист.

- Ҳа, оча, ҳамин хел...

- Вой доде, чӣ кори кардагиат буд?! Бахти худата сиёҳ кардӣ, духтарам. Ман ба рӯйи мардум чӣ хел нигоҳ мекунам?! Охир падарат шунавад, ҳамун замон сактаи дил шуда мемурад. Э, войее...

- Очаҷон, ман ҷурме надорам. Беҳуда озурда нашавед. Бегоҳ хостгорҳои Далерро хуш пазироед, ҳамааш хуб мешавад, маслиҳат шудагӣ.

- Ҷурм надорӣ? Чӣ тавр? Агар гапи Дилором рост бошад, пас, аз ин дида гуноҳи азимтаре ҳаст барои фарзанди мусулмон?

- Охир ман гуноҳи беникоҳ накардаам. Аввал пурсиш, баъд кӯшиш будагист?!

- Чӣ хел гуноҳи баникоҳ кардаӣ? Гап зан, ки дилам ҳамин ҳозир мекафад.

- Дидем, ки аз раъятон намегардед, илоҷи воқеаро танҳо дар никоҳ дидему кардем. Ду моҳ пеш. Ин тарафаш ихтиёри шумоён.

... Тӯй шуд. Ҳамаи анъанаҳои суннатӣ ба ҷо омад. Танҳо барои дубора никоҳ кардан зарурат нашуд...

Ф. ЧОРИЕВ

ҶАЛИЛЗОДА ИБРОҲИМ

10 январи соли 1936 дар деҳаи Ризқидараи ноҳияи Муъминобод чашм ба олами ҳастӣ кушодааст.

Шоир ва рӯзноманигори ҳунарманд буд.

Соли 1961 факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдулоҳи Рӯдакиро хатм кардааст.

Фаъолияти рӯзноманигориашро дар газетаи шаҳрии «Ҳақиқати Кӯлоб» шурӯъ намуда, баъдан ба ҳайси мухбир ва мудири шуъбаи адабии рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» идома дод.

Бештар дар мавзӯъҳои ахлоқию адабӣ, рӯйдодҳои фарҳангию ҳунарӣ, суннатҳо ва анъанаҳои мардумӣ матолиби таҳлилию тадқиқотӣ анҷом медод.

Охирин ҷойи кори ӯ осорхонаи таърихию кишоваршиносии шаҳри Кӯлоб буд, ки он ҷо то замони маргаш ба ҳайси директор фаъолият кард.

Ҷализода 2 феврали соли 1998 дар шаҳри Кӯлоб вафот кардааст.

ШАМСИДДИНОВ МИРЗОСАФАР

16 феврали соли 1950 дар деҳкадаи Деҳи Валии ноҳияи Муъминободи вилояти Кӯлоб, дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Соли 1978 Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Абӯабдуллои Рӯдакии шаҳри Кӯлобро хатм кардааст. Солҳои 1978-1985 ба ҳайси мусаҳҳеҳ, сармусаҳҳеҳ, ходими адабии рӯзномаи вилоятии "Роҳи Ленинӣ"-и вилояти Кӯлоб кор кардааст. Баъдан ба рӯзномаи "Субҳи меҳнат"-и ноҳияи Муъминобод ба кор кафта, то соли 1989 он ҷо фаъолият мекард. Солҳои 1989-1991 ходими адабии рӯзномаи "Хатлон"-и шаҳри Кӯлоб. Пасон, сармутахассиси Бунёди забони тоҷикии вилояти Кӯлоб (1991-1992), муҳаррир, муҳаррири варзидаи Кумитаи телевизион ва радиошунавонии ҷумҳурӣ (солҳои 1997-1998), ёвари раиси Кумитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва роҳбари дафтари матбуотии ҳамин кумита (аз соли 1997 то 2006) буд. Ҳоло дар вазифаи ёвари ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон кор мекунад.

Соҳиби ду китоб: "Машъалафрӯзи варзиш" (2005) ва "Таҳаввулот дар варзиши Тоҷикистон". "Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2007), "Корманди шоистаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон" (соли 2005), узви ИЖТ (соли 2007) мебошад.

● *МАСТӢ БА ПАСТӢ МЕБАРАД*

ШАРАФИ ОДАМИЯТРО ПОС ДОР

Қарори КМ КПСС «Дар бораи чораҳои барҳам додани бадмастию майзадагӣ» дар амал татбиқ мегардад. Ҳоло дар идораю муассисаҳо, коллективҳои коргарӣ, мактабу донишгоҳҳо ва колхозу совхозҳо масъалаи тарбияи коргарҷавонон дар руҳи оштинопазир будан нисбат ба маю майнӯшӣ, ки ба ҷамъияти мо бегона аст, дар мадди назари органҳои шуъбаи корҳои дохилӣ мебошад.

Мухбирамон Мирзосафар ШАМСИДДИНОВ аз ҷонишини сардори шуъбаи корҳои дохилии комиҷроияи шаҳри Кӯлоб оид ба корҳои сиёсӣ, капитани милитсия Файзалӣ Мирзоев хоҳиш намуд, ки дар бораи тадбирҳои андешидаи шуъба ва мубориза штаби оперативӣ ба муқобили бадмастону майзадагон нақл кунад.

- КМ КПСС бо мақсади тамоман решакан кардани майзадагӣ ва пурзӯр намудани муборизаи зидди он қарори махсус қабул кард, ки ин аҳамияти калон дорад. Бадмастию майзадагӣ қадамест ба сӯи ҷиноят. Бинобар ҳамин мо, коркунони муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ, кӯшиш мекунем, ки ба муқобили майпарастию майзадагӣ муборизаи қатъӣ бурда, дар тарбияи маънавӣ ва ба камол расонидани созандагони ҷамъияти коммунистӣ саҳми худро ҳамроҳ намоем.

Ҷамъияти баркамоли мо имрӯз ба гулистони ҳақиқӣ бадал гаштааст, вале баъзан мо одамонеро дучор меоем, ки бо хислатҳои барои ҷамъияти мо бегонаи худ нафрати касро меоранд. Ин гуруҳ одамони гумроҳро мо хоре дар гулистон мепиндорем. Партияи комунистӣ ва давлати Советӣ аз ин пеш ҳам роҷеъ ба рафъи бадмастию майзадагӣ тадбирҳои суд-

бахш андешида буданд. Вале, чуноне ки дар қарор зикр меёбад, на ҳама бо хислати накӯю виҷдони пок рафтор карданд. Аз ин бармеояд, ки дар барҳам хӯрдани чунин хислати нанговар ҷидду ҷаҳди органҳои давлатӣ ва хоҷагӣ, ташкилотҳои партиявӣ ва ҷамъиятӣ ғайрикифоя ба ҳам мутобиқ мегаштанд. Аз ин рӯ, КМ КПСС барҳам задани бадмастию майзадагиро вазифаи сотсиалии дорои аҳамияти бузурги сиёсӣ мешуморад.

Шуъбаи корҳои дохилӣ дар алоқамандӣ бо шуъбаи тандурустӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ то андозае кӯшиш ба кор мебарад, ки дар барҳам додани бадмастию майзадагӣ саҳми худро гузорад. Аз ин ҷост, ки бо ташаббуси беҳтарин кормандони соҳа штаби оперативӣ таъсис ёфтааст, ки аъзоёни он ба идораю муассисаҳо, маҳалли истиқомати аҳолӣ, мактабу омӯзишгоҳҳо ва ба дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ рафта, роҷеъ ба интизоми бошууронаи меҳнатӣ, дилсӯз будан ба моликияти ҷамъиятӣ, роҳҳои пешгирӣ кардани машрубот ҳангоми кор, лексияю суҳбатҳои шавқовар мерояанд.

Дар баробари ҳамаи ин шуъбаи корҳои дохилӣ дигар чораҳоро низ меандешад. Судҳои рафиқонаю шефигарӣ дар аксар идораю муассисаҳо ва корхонаҳои коргарӣ чандон эътимодбахш амал намекунанд. Агар ташкилотҳои ҷамъиятӣ дуруст кор мебурданд, пас, соли гузашта 798 нафар одамон меҳмони ҳушёрхона намегаштанд. Бадии кор дар он аст, ки ин турфа одамон дафъаи дуюму сеюм дар ҳолати мастӣ ба ҳушёрхона афтодаанд.

Аксари дӯстони машрубот асосан одамонеанд, ки соҳибмаълумоту сардори колективанд. Хангоми алоқа ба ҷойи корашон роҳбарон ва комитетҳои маҳаллии коргарӣ дидаю дониста, характеристикаҳои истеҳсолии хуб ё қаноатбахшро пешниҳод менамоянд, ки чунин рафтор тамоман нодуруст аст.

Дар ин хусус мо бештар аз роҳбарони муассисаи авиатсияи гражданӣ, управленияҳои сохтмонии рақамҳои 71 ва 907, трес-майдони «Кӯлобстрой», заводи пахта, комбинати хиз-

мати маишӣ, колоннаи механиконидашудаи сайёри рақами 25 ва шуъбаи маориф гиламандем.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки аксар роҳбарон коргаронашонро, ки муддати ду ё се рӯз меҳмони ҳушёрхона буданд, баъди адои ҷаримаи муайян рафтори ношоистаи шахси майзадаро дар коллектив тамоман муҳокима намекунанд. Аз ин ҷост, ки шахси майзада дафъаи сеюму чорум ба даст меафтад. Акнун шуъбаи корҳои дохилиро лозим меояд, ки дар асоси Указил Президиуми Совети Олии СССР амал карда, аз шахсоне, ки дар давоми ду сол ду маротиба, барои дар ҷойҳои ҷамъиятӣ нӯшидани машрубот ё дар ҳолати мастӣ пайдо шудан ҷазои маъмурӣ дидаанд, ба тариқи ҷазои маъмурӣ аз 50 то 100 сӯм ҷарима ситонида ё худ ба муҳлати аз як то ду моҳ ба корҳои ислоҳӣ равона намояд. Инчунин 20 фоизи музди корашро ситонида, кӯшиш мекунем, ки онҳоро аз чунин роҳи хато баргардонем.

Вобаста ба ин, ташкилотҳои партиявӣ нисбат ба аъзоёни партия, пеш аз ҳама коркунони роҳбарикунандае, ки шаробро истеъмол мекунанду пеши роҳи бадмастиро намегиранд, бояд серталаб бошанд. Аксар одамоне, ки меҳмони ҳушёрхона мегарданд, бевосита одамони соҳибмаълумот ва ҳатто роҳбарону инженерони истеҳсолотанд. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки агар худи роҳбарону мутахассисон, ки дидаю дониста ба шаробнӯшию майпарастӣ дода мешаванд, пас, аз аъзоёни коллектив чӣ тавр талаб мекунанд, ки чунин рафтор накунанд?

Масалан, инженери управленияи сохтмонии рақами 71 Руденко Анатолий Николаевичро гирем. Анатолий Руденко меҳмони доимии ҳушёрхона аст. Ӯро кормандони мо танҳо дар соли 1984 10 маротиба дар ҳолати мастӣ ба ҳушёрхона овардаанд. Устои таъмирии комбинати хизмати маишии шаҳр Бозор Амирхонов, корманди стансияи санитарию эпидемиологӣ Спетков Александр Максимович, устои меҳмонхонаи «Хатлон» Ягудин Наримон Аҳмедович, рассоми муассисаи нақлиётии рақами 10 Старостин Нико-

лай Василйевич, арматурчии трестмайдони «Кӯлобстрой» Боймад Сафаров ва боз даҳҳо нафари дигарон, новобаста ба корҳои профилактикӣ, ҷаримаю огоҳномаҳо, 7-8 маротибагӣ ҳушёрхонаро «зиёрат» кардаанд.

Магар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, идораю муассисаҳое, ки майпарастони номбурда дар он ҷо кор мекунанд, аз ин рафтори ношоями онҳо воқиф нестанд? Албатта, огаҳанд, вале мавқеи бетарафиро ишғол карда меоянд!

Яке аз ҷиҳати носуфтаи тарзи ҳаёти дӯстдорони машрубот ва кайфу сафо дар он аст, ки маҳз дар рӯзҳои корӣ шароб нӯшида, обрӯи коллективи меҳнатиашонро мерезонанд. Ба ин гуруҳи одамон Кисляков А.А аз муассисаи авиатсияи гражданӣ, Волтер Г.А., сариқтисодчии управлениями хоҷагии коммуналии вилоят, Ҳабибулло Сафаров, прораби ДСУ-4, Ҷалол Наҷмуддинов, корманди ҷамъияти матлуботи шаҳри Кӯлоб, дохиланд, ки маҳз баъди қарори КМ КПСС ва Указн Президиуми Совети Олии СССР «меҳмон»-и ҳушёрхона шудаанд.

Агар дар ҷойи корашон онҳоро муҳокима накунанду пеши роҳи майнӯшии онҳоро дарҳол нагиранд, он гоҳ шуъбаи корҳои дохилӣ ба ҷуз 25-сӯмӣ ҷарима барои ҳушёрхона ва 20 сӯм барои муолиҷаи худи майнӯш, боз ҷазои қатъитареро дар асоси нишондоди Указн Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон раво хоҳад дид.

Мирзосафар ***ШАМСИДДИНОВ***

(«Роҳи ленинӣ», № 128 (8114), аз 4 июли 1985)



ШАРИФОВ РАҶАБАЛӢ

Зодаи водии Кӯлоб аст. Солҳои зиёде дар рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» ва пасон, дар рӯзномаи «Хатлон» ба ҳайси котиби масъул ифои вазифа кардааст. Бо очеркҳои рангину таҳлилу баррасиҳои амиқу доманадораш дар миёни аудитория ва доираи рӯзноманигорон шинохта шудааст. Шогирдони зиёдеро дар арсаи рӯзноманигорӣ тарбия кардааст.

Пас аз хатми ҷанги шаҳрвандӣ аз Қӯрғонтеппа ба шаҳри Душанбе кӯчид ва машғул ба кори омӯзгорӣ шуд. Ҳоло дар пойтахт кору эҷод мекунад.

● *АЗ НЕКОН БОҒ*

…БЕ МЕҲНАТ МЕВА ХӮРДАМ

Ӯ чанд сол аст, ки ба замин сару кор дорад. Зеро хуб медонад, ки замин касро ҳам мехӯронад ва ҳам мепӯшонад.

Давлаталӣ Абдуғаффоров ба замин ва касби деҳқонӣ меҳри беандоза дорад. «Замин, - мегӯяд ӯ, - мисли тифл ғамхорӣ ва муносибати махсусро мехоҳад». Ӯ, ки худ имрӯз тамоми сирру асрори касби деҳқониро аз бар кардааст, чунин нозукиҳоро 10-15 сол қабл аз деҳқонони асилу кордон Абдулҳаким Исмонов ва Абдуғаффор Саидов омӯхта буд.

Солҳои ҳаштодум. Вақте ки сардори бригадаи пахтакорӣ Идӣ Каримов мақсади бунёд намудани боғ карду бо пули худаш дарахтони мевадиҳандаи себ, нок, чормағз, олу, гелос, бодом, зардолу, шафтолу харида овард, аввалин шуда Давлаталию шахсони дар боло зикршуда ба шинондану нигоҳубини онҳо машғул шуданд. Давлаталӣ ҳамроҳи падараш бобои Абдуғаффор, ки пайвандгари хеле моҳир буд, дарахтони боғро бо беҳтарин навъҳои мевадиҳандаи серҳосил пайванд карданд. Инак, чандин сол аст, ки боғи бунёднамудаи онҳо, ки дар масоҳати як гектар доман паҳн намудааст,

бо меваҳои шаҳдбораш коми садҳо нафар одамонро ширин мегардонанд.

Давлаталӣ, ки таҷрибаи бойи деҳқонию боғдорӣ пайдо намуда буд, чор сол пеш иқдоми наверо пеш гирифт. Ӯ назди сардори бригадаи пахтакории колхози ба номи Карл Маркс (ҳоло ба номи Холмаҳмад Давлатов)-и ноҳияи Фархор Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ Идӣ Каримов (ӯ ҳар коре, ки ба ҷо овардани шавад, аввал маслиҳати ӯро мегирад) омада, фикрашро дар бораи дар заминҳои бекорхобидаи сарсари канал бунёд намудани боғ баён кард. Идӣ Каримов «фикри оличаноб» - гуфта, ба ӯ розигӣ дод. Давлаталӣ ба ҳамвор намудани теппаҳои сар- сари канал машғул шуд. Ба воситаи каланд 33 сотих заминро ҳамвор карда, дар он 40 дона ниҳоли шафтолу, ки шаш навъи беҳтаринро дар бар мегирифт, 10 дона тути пайвандӣ, 70 дона тут барои хӯроки кирмак шинонд. Дар ҷойҳои холии замин ғалла кишт намуда, 30-сентнерӣ ҳосил бардошт. Заминро оқилона истифода бурда, ду маротиба ҳосил гирифт. Дар ҷойи замини ғалла, ҷуворимакка, каду, ҷорӯб ва тарбуз кишт намуд, ки аз онҳо ҳосили дилхоҳ ба даст овард.

Дар урфият мегӯянд, ки «Харбуза аз харбуза ранг мегираду ҳамсоя аз ҳамсоя панд». Иқдоми неки акаи Давлаталиро ҳамсояаш амаки Абдулҳаким Исмонов, ки имрӯз яке аз деҳқонони асилу кордони бригадаи И. Каримов ба шумор меравад, дастгирӣ намуд. Амаки Абдулҳаким сарсари теппачаҳои каналро ҳамвор карда, анорзор бунёд намуд. Дар ҷойи холии замин бошад, ғалла кишт карда, ҳосили фаровон ба даст овард…

Бояд гуфт, ки боғҳое, ки акаи Давлаталию амаки Абдулҳаким дар сарсари каналҳо бунёд кардаанд, аз деҳа 3-4 км дур воқеанд.

Боре аз акаи Давлаталӣ пурсидам, ки аз назди боғ одамони зиёде рафтуо мекунанд, колхозчиён аз саршавии кишту кори баҳорӣ то ғундоштани ҳосили пахта он ҷо меҳнат мекунанд, магар маҳсулоти боғ ба тороҷ намеравад? Давлаталӣ

Абдуғаффоров табассуме карду гуфт:

- Аввалан, боғ ба хотири раҳгузарону колхозчиён бунёд шудааст, ки аз саҳар то шом меҳнат мекунанд. Сониян, худи ман ҳам бе меҳнат, аз меҳнати гузаштагоне, ки боғу роғ бунёд карда буданд, мева хӯрда, борҳо дуои ҷонашонро карда будам ва имрӯз мақсади боғ бунёд намуданам низ он аст, ки роҳгузаре аз меваҳои шаҳдбор ком ширин карда, дар ҳаққам дуои нек намояд.

Акаи Давлаталӣ каме таваққуф карду сипас чунин мисраъҳоро ба забон овард:

Вақте ки бача будам,
Бе меҳнат мева хӯрдам.
Акнун тухме мекорам,
Фикри оянда дорам.
Мехоҳам, ки авлодам,
Ба некӣ орад ёдам.

Раҷабалӣ ШАРИФОВ
(«Хатлон», №4 (9473), 21 марти соли 1997)

ШАРИФОВ ТАҒАЙМУРОД

Соли 1953 дар ноҳияи Муъминобод дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст.

Солҳои 1956-60-уми садаи гузашта аҳли оилаи онҳо ба ноҳияи Восеъ кӯч баста, дар мактаби миёнаи рақами 14-и ҷамоати деҳоти ба номи Абдӣ Авазов, собиқ ҷамоати Меҳнатобод, таҳсил кардааст.

Хатмкардаи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аст.

Баъди фаъолияти сесолаи омӯзгорӣ ба рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» ба сифати мухбири суратгир ба кор даромад. Анқариб кулли навоҳии вилоятро сафар карда, фоторепортажу фотоочерк ва лавҳаҳо омода намуда, дар саҳифаҳои рӯзнома ба табъ расондааст.

Мутаассифона, марги бемаҳал Тағаймурод Шарифовро барвақт, соли 1998, аз байни мо рабуд.

ШОИМОВА МАХФИРАТ

22 сентябри соли 1983 дар шаҳри Душанбе дар оилаи хизматчии давлатӣ ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактаби №12-и шаҳри Қӯрғонтеппа, соли 2000-ум ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи методикаи таълими ибтидоии Коллеҷи омӯзгории шаҳри Қӯрғонтеппа супурдааст.

Соли 2000-ум тариқи озмун дар кумитаи телевизион ва радиои вилоят ба ҳайси натток ба кор қабул шуд. Ровии барномаи иттилоотии «Ахбор» ва намоишҳои фарҳангии «Набзи айём», «Руҳафзо», «Пайванд», «Шифо» ва ғайраҳо буд. Соли 2009-ум ба рӯзномаи вилоятии «Хатлон» ба кор даъват шуд. Ҳоло ба ҳайси нозири кадрҳо дар ин рӯзнома фаъолият дорад.

Узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (аз соли 2013) мебошад. Оиладор, соҳиби се фарзанд аст.

МАТОИ СИНТЕТИКӢ ЗАРАР ДОРАД

Занону духтарони тоҷик байни дигар қавму миллатҳои гуногун бо нафосату назокат, лутфу меҳрубонӣ ва ҳусни зебою нотакрори хеш ба куллӣ фарқ мекунанд. Аз қадимулайём бонуи тоҷик бо пӯшидани пироҳани атлас, мӯйи дарози бофташуда ном баровардаанд. Махсусан, либоси атлас ва мӯйҳои дарози бонувон ҳусни онҳоро боз ҳам мунирт ар мегардонад.

Пас, чаро имрӯз бонувони мо аз пайи «мӯд» рафта, буридан ва рангубор намудани мӯйро манбаи зебоӣ дониста, пӯшидани матоъҳои дорои симу зари зиёд, ки арзишаш қимат асту дар фасли гармо ҳаворо ба бадани инсон намегузаронад, авлотар мешуморанд?

Мусоҳибаи мухбирамонро бо чанд сокини шаҳру навоҳии вилоят перомуни ин масъала пешкаши хонандагон мегардонем.

Лола Бобоҷонова, сокини шаҳри Қӯрғонтеппа:

- Ман ҳамчун зан-модар хилофи пӯшидани матоъҳои симдорам. Чунки пай бурдам, ки ҳангоми ба бар намудани матои симдор бадан ба хориш меояду аз он асабонӣ мешавам. Албатта, дар дӯкону растаҳои бозорҳо матоъҳои гӯё «пеши бозор», ки чашмро мерабоянду назарфиребанд, хеле зиёд мебошад. Вале ин маънои онро надорад, ки маҳз бо чунин либос худро зебо гардонанд. Хислати баъзе занон ба онҳо зебанда нест. Зеро онҳо қабл аз ягон тӯю маърака, иду айём рафтанашон надоштани ин қабил либосҳои «зебо»-ро баҳона пеш оварда, дар хонадон ҷангу ҷанҷолро ба миён меоранд. Ин бошад, боиси дилсардии зану шавҳар мегардад.

Дар бораи либоси миллӣ – атласу адрас як андешаамро изҳор менамоям. Имрӯз ҷавондухтарони мо нисбати ин матои баҳорӣ дӯхтани либоси миллӣ назари аврупоӣ доранд. Яъне онҳо либосро бо тарҳи аврупоӣ медӯзанд, на миллӣ. Солҳои қаблӣ гуларӯсон атласро чунон шинам, зебо ба бар менамуданд, ки кас аз он ҳавас мебурд. Вале имрӯз ин кам ба назар мерасад. Мехостам занону духтарони мо ин пироҳани миллиро, ки тоҷикдухтар будани моро дар ҷаҳон муаррифӣ намудааст, бештар ба бар намоянд.

Фарангез, ноҳияи Қумсангир, донишҷӯ:

Агар он мӯйи додаи Худованд, ки на маблағ сарф мегардаду на соатҳои зиёд дар кошонаи ҳусн вақтро беҳуда мегузаронад, хуб парвариш намуда, бофта бошад, натанҳо ҳусни шуморо зебо мегардонад, балки дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии донишҷӯён нафъе ба бор хоҳад овард. Хуб мешуд, ки дар донишгоҳу коллеҷҳо чун солҳои Шӯравӣ озмуни мӯйдарозон ташкил карда шавад. Шояд ба ин васила буридани мӯй кам ба назар расаду занону бонувони мо боз ҳам зеботар гарданд. Зеро мӯйи дароз аз ақли расои зан шаҳодат медиҳад.

Ҳабибулло Раҷабов, мутахассиси бемориҳои пӯст:

- Хуб медонем, ки пӯшидани либосҳои синтетикӣ ҳатто ба беморӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, занону хоҳаронро мебояд, ки баҳри зиннат бахшидану аз ҳар гуна бемориҳои пӯст эмин доштани худ аз матоъҳои пахтагине, ки арзишашон ду ё се маротиба арзон асту муҳимаш роҳат ба тан меорад, истифода намоянд. Ин бошад, вазъи иқтисодиву иҷтимоии хонадонро беҳтар намуда, ҳамчунин солимии онҳоро таъмин хоҳад кард. Дар бозорҳои шаҳру навоҳии ҷумҳурии азизамон, аз ҷумла вилояти Хатлон, аз Чину Дубай молу матоъҳои қимматбаҳои синтетикӣ ва пастсифати ба саломатии инсон зараровар ворид мегардад. Аз чӣ бошад, ки занони мо кӯшиш менамоянд, ба қавли онҳо, беҳтаринашро ба бар намоянду аз ҳама зеботар бошанд. Ҳоло ки фасли гармо фаро расидааст, инсон бояд дар тан либоси пахтагин ба бар кунад, то роҳати бадан бошад. Либоси синтетикӣ дар фасли сармо бадани одамро хунук нигоҳ медораду дар фасли гармо баръакс. Аслан, бемориҳои пӯст ҳавои тозаю равшаниро мепарастанд, зеро дар ин муҳит он зудтар шифо меёбад. Биёем, сари либосҳои синтетикӣ: инсон аз онҳо худро ноҳинҷор ҳис мекунад. Агар нафаре гирифтори бемории пӯсту бадан бошад, зарар хоҳад расонд. Аксар шаҳрвандони мо агар ба ягон намуди беморӣ гирифтор шаванд, дарҳол назди ҳамсоя, хешу табор, дорухона раҳсипор мегарданд ва бе ташхису тавсия ба худтабобаткунӣ низ машғул мегарданд. Дар ин сурат метавон гуфт, ки агар он ҷойи ҷароҳат нам бошаду дар тан либоси синтетикӣ ба бар кунем, он ҷароҳат хурӯҷ мекунаду ба дигар беморӣ оварда мерасонад. Мо, мутахассисони соҳаи тиб, дар сурати бо ягон нишонаҳо муроҷиат кардани бемор, онро аз ташхис мегузаронем, пас аз намуди бемориро муайян намудан, ба табобат шурӯъ мекунем. Агар ҷароҳат намнок бошад, он намнокиро хушк мекунем, сипас малҳам мемолем, яъне ҷароҳати намнок равшаниро талаб мекунад. Мо низ тарафдори онем, ки мардум бештар аз либосу матоъҳои пахтагин истифода намоянд, зеро пешгирӣ аз табобат беҳтар аст.

Рухшона, сокини ноҳияи Колхозобод:

- Бо мақсади ширкат дар тӯйи арӯсию домодии хешовандонам барои духтарчаи сесолаам пироҳани кӯдаконаи арӯсӣ

харидорӣ намудам, ки истеҳсоли Ҷумҳурии Хитой будааст. Он либос бисёр шинам, гарон ва диққатҷалбкунанда буд. Дар рафти тӯй ногаҳон садои гиряи духтарчаам баланд шуду дарҳол наздаш шитофтам. Кӯдакро дидан замон ваҳм ба дил афтод, ки гирифтори ягон бемории сироятӣ гаштааст магар, ки дар пӯсти баданаш ягон ҷое холӣ намонда, сурхӣ дамида буд. Ба хона рафта, он куртаи зебояшро аз тан баровардам. Аёнам гашт, ки он синтетикӣ будаасту бадани нозуки кӯдакро ярадор намудааст. Ин сабаб шуду то ба имрӯз аз либосҳои пахтагӣ, ки бар нафъи мост, истифода мебарам, чунки барои инсон саломатӣ гавҳари ноёб аст.

Насиба Икромова, ноҳияи Бохтар:

- Мӯйи дарозу ақли расо зебу зиннати зани тоҷик аст. Тақрибан ду ё се сол қабл бахшида ба ҷашнҳои миллӣ озмуни ҷумҳуриявии «Бонуи сол» баргузор гардид, ки чеҳраи зебо, оилаи солим ва мӯйи дароз доштани зан аз шартҳои аслии он буд. Албатта, занҳои мо зебоянду бунёдгари оилаи ободу солим. Вале дар интихоби занҳои мӯйдароз мушкилие ба амал омад. Пас аз ҷустуҷӯҳои тӯлонӣ як нафар зан, ки дарозии мӯяш 1 метру 55 сантиметр буд, сазовори ҷойи аввал ва ғолиби озмуни «Бонуи сол» гардид.

Марҷона, сокини шаҳри Норак:

- Чаро мо, тоҷикон аз либоси миллии хеш, ки баёнгари фарҳангу маданияти мост, кам истифода мебарему либоси аврупоӣ ё аз матоъҳои симдор либос пӯшиданро авлотар медонем? Ё худ тӯйи арӯсии духтаронро гирем: Арӯс сари тахти арӯсӣ бо либоси аврупоӣ (фата), ки ба духтарони мо зебанда нест, маблағи зиёд сарф намуда, барои як соат ин либосро бо маблағи зиёд иҷора мегирад. Хуб мешуд, ки сари тахти арӯсӣ бо либоси атлас баромадани тоҷикдухтар ба ҳукми анъана медаромаду он маблағе, ки сарфа мегардад, барои камбудии тӯйдорон харҷ мешуд.

Махфират ШОИМОВА
(«Хатлон», №22, аз 3 июни соли 2010)

ЯҲЁЕВ ШЕРАЛӢ

10 январи соли 1948 дар ноҳияи Кӯлоб таваллуд шудааст. Фаъолияти кориашро соли 1964 баъди хатми мактаби №16-и ноҳияи Кӯлоб ба ҳайси котиби маҷлиси судии суди ноҳияи Восеъ оғоз намуда, соли 1965 дар ҳамин вазифа дар суди шаҳри Кӯлоб кор кардааст. Соли 1971, баъди хатми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба рӯзномаи шаҳрии «Ҳақиқати Кӯлоб» ба кор омада, то охири моҳи декабри соли 1975 ба сифати телетайпист, ходими адабӣ ва котиби масъул адои вазифа намудааст. Сипас, аз моҳи январи соли 1976, бо ташкили нашрияи вилоятии «Роҳи ленинӣ» (вилояти Кӯлоб) ба ин коллективи эҷодӣ ба таври гузариш ба сифати котиби масъул ба кор пардохта, солҳои 1978-1981 ҷонишини якуми сармуҳаррири ин нашрия буд. Солҳои 1983-1985, пас аз хатми мактаби олии партиявии назди КМ ҲКИШ дар шаҳри Тошканд, дар вазифаи инструктори шуъбаи тарғиботию ташвиқотии кумитаи ҳизби коммунисти Тоҷикистон дар вилояти Кӯлоб кор кардааст. Баъд ба кори журналистӣ гузашта, солҳои 1985-1990 дар вазифаи муҳаррири рӯзномаи «Субҳи меҳнат» (ноҳияи Муъминобод) ва солҳои минбаъда дар вазифаҳои муовини якуми сармуҳаррири нашрияи «Хатлон»-и вилояти Кӯлоб, роҳбари маркази матбуоти комиҷроияи вилояти Кӯлоб (соли 1992), сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Хатлон» (солҳои 1993-2004) ва мухбири махсуси маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» (2004-2006) кор кардааст.

Солҳои 2006-2013 вазифаҳои мудири шуъбаи мактубҳо ва қабули шаҳрвандон, мудири шӯъбаи назорати дастгоҳи раиси шаҳри Душанбе ва ёвари раиси шаҳри Душанбе ба уҳда дошт. Ҳоло муовини аввали директори Муассисаи давлатии «Фурӯш ва паҳни китобу нашрияҳои даврӣ»-и шаҳри Душанбе аст.

Дорандаи ордени «Дӯстӣ» (соли 2000), ҷоизаи ИЖТ ба номи Лоҳутӣ (1994), Аълочии матбуот (1994) ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1998) мебошад.

БАҲОРИ БЕШКЕНТ

Муҳовара бо раиси ноҳияи Бешкент И. Султонов

Замоне Бешкент биёбони касногузар буд. Ин водиро мурғони даштию ҳайвонҳои ваҳшӣ маскани худ қарор дода буданд. Аз норасоӣ ва кӯтоҳии дасти одамизод водӣ солҳои тӯлонӣ ба ин ранг ҷило медод ва асрҳо дили бирён дошт. Бо гузашти айём водӣ симояшро дигар кард. Баъди азхудкунии водии Вахшу мавзеи Ғараутӣ ҳарбу зарби меҳнатӣ ва ба замини корам табдил додани водӣ оғоз гардид. Нахустин зарбаи бозуи инсон ва ғуруши механизмҳои пуриқтидор ҳанӯз чандин даҳсола аз ин пеш ба чашму гӯш расид. Азхудкунии водӣ чун азхудкунии водии Вахш дар солҳои сиюм ба сохтмони зарбдор табдил ёфт ва он ҳамрадифи «Вахшстрой», номи «Бешкентстрой»-ро гирифт. Тахмин ду даҳсола пештар он қадар техникаҳои пуриқтор, масолеҳи оҳану бетонӣ, чӯбу тахта ва қувваи корӣ ба ин водӣ оварда шуданд, ки онҳоро ҳисобидан амри маҳол буд. Даҳҳо ташкилотҳои сохтмонӣ дар ободонии ин водӣ саҳм гирифтанд. Ҳамаи ин ба як мақсад нигаронида шуда буд. Ҳукумати он вақтаи ҷумҳурӣ ва вилоят тасмим гирифта буданд, ки водии Бешкентро ба замини корам табдил дода, чун водии Вахшу мавзеи Ғараутӣ онро ба макони «тиллои сафед» табдил диҳанд. Қариб ҳамин тавр ҳам шуда буд. Аммо низоъҳои шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба он мусоидат накард, ки азхудкунӣ ва эҳёи водӣ пурра ба анҷом расонда шавад. Ба ҳар ҳол дар водии Бешкент як қатор хоҷагиҳо таъсис дода шуданд ва заминҳои биёбоншуда ба кор даромаданд. Дар заминаи онҳо дар харитаи ҷуғрофии ҷумҳурӣ ноҳияи нав бо номи Бешкент ба вуҷуд омад.

Мутаассифона, ноҳия он солҳо хеле камбағал буд. Ҳатто идораю муассисаҳояш дар парокандагӣ мавқеъ доштанд.

Бештари корҳо аз ҳисоби ноҳияи Шаҳритуз иҷро карда мешуданд. Буҷаи ноҳия низ дар харобӣ қарор дошт. Корҳои истеҳсолӣ пеш намерафтанд. Зиндагии мардум торафт тоқатфарсо мегашт. Аксари онҳо ба душвориҳо тоб наоварда, ба дигар ҷойҳо кӯч мебастанд, зиндагиро дар мавзеъҳои ободтар ихтиёр мекарданд. Роҳбарони ноҳия ва идораю муассисаҳо тез-тез иваз мешуданд, аммо ягон натиҷаи дилхоҳ ба даст намеомад.

Ана дар ҳамин айёми сарнавиштсоз Инъомҷон Султонов аз ноҳияи Қумсангир ба ноҳияи Бешкент ба кор омад. Ӯ вазъи мураккаби ноҳияро хуб медонист ва аз душвориҳои кор воқиф буд. Аммо ба худ мегуфт:

Мард бояд, ки ҳаросон нашавад,
Мушкиле нест, ки осон нашавад.

Инъомҷон Султонов роҳбари таҷрибаандӯхта буд. Баъди хатми Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатии худро аз кори комсомолӣ оғоз бахшида, баъдтар дар корҳои ҳизбӣ, кишоварзӣ, роҳбари хоҷагӣ маҳорату роҳбариашро сайқал дода буд. Кор дар ин ташкилотҳо ҳар яке барои ӯ мактаби махсуси омӯзиш ва обутобёбӣ маҳсуб меёфт. Инъомҷон Султонов ба ноҳияи Бешкент ба сифати муовини аввали раиси ноҳия ба кор омад ва ҳамчун мутахассис ба зиммаи ӯ роҳбарӣ ба соҳаи кишоварзиро вогузор намуданд. Он солҳо ноҳия нишондиҳандаҳои ниҳоят пасти истеҳсолӣ дошт. Дар ҷадвали пахтасупорӣ миёни ноҳияҳои пахтакори вилояту ҷумҳурӣ аз охир ҷойҳои аввалро ишғол менамуд. Танҳо соли 2002 ноҳия қадре дар истеҳсоли пахта боло баромад ва иҷрои нақшаро ба 60 фоиз расонд.

Мутахассисон паст будани нишондиҳандаҳои истеҳсолиро дар бад будани ҳолати мелиоративии заминҳо медонистанд. Фаромӯшии водӣ ба он оварда расонда буд, ки заҳбӯру дренажҳо пур шуда, об боло баромада буд ва заминҳоро саросар шӯра зер карда, биёбоншавии водӣ ба чашм мерасид. Ҳатто бештар аз 800 гектар заминҳои хоҷагии «Бешкент-2» зери об монда, кӯли сунъиро ба вуҷуд оварда буд.

Соли сипаригашта бо дастгирии ҳукумати вилоят таҳти сарварии А. Миралиев ва Ҳукумати ҷумҳурӣ водии Бешкент аз нав эҳё гардид. Барои ободонии минбаъдаи он аз вилоятҳои Бадахшону Суғд ва ноҳияҳои Кӯлобу Колхозобод муҳоҷирону ихтиёриён оварда шуданд. Онҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсис дода, заминҳои биёбоншударо ба киштзор ва боғот табдил доданд. Мардуми таҳҷоӣ низ ба анъанаҳои насли калонсол пайравӣ намуда, аз тариқи ҳашарҳои умумӣ бо белу каланд ба тоза кардани каналу заҳбӯрҳо камар бастанд. Ин имкон дод, ки дар Бешкент зиндагӣ аз нав маҷрои худро ёбад. Ҳоло дар ноҳия 29 хоҷагии деҳқонии хурду калон, 3 ҷамъияти саҳҳомии шакли кушода – «Истиқлол», «Ворошилов», «Қизил кетман», 2 хоҷагии давлатӣ – «50-солагии Ғалаба» ва «44-чашма» фаъолият мекунад, ки онҳо дар истеҳсоли неъматҳои моддӣ саҳми калоне доранд. Пахтакорони ноҳия имсол азм доранд, ки нисбати нақшаи пешбинишуда бештар чигит кошта, истеҳсоли «тиллои сафед»-ро зиёд намоянд ва аз ин ҳисоб иқтисодиёти ноҳияро ғанӣ гардонанд. Тавре раиси ноҳия Инъомҷон Султонов ҳангоми суҳбат доир ба реҷаҳои корӣ ибрози назар намуда, гуфт, ки мутобиқи қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва вилоят соли равон дар ноҳия ислоҳоти хоҷагидорӣ бояд ба анҷом расад. Хоҷагиҳои давлатӣ ва ҷамоавии «Олтинсой», «Арабхона» ва «Бешкент» аллакай ба хоҷагиҳои деҳқонӣ табдил дода шуданд. Рӯзҳои наздик бошад, хоҷагии давлатии «50-солагии Ғалаба» низ ба хоҷагии деҳқонӣ табдил меёбад. Ин ислоҳот имкон медиҳад, ки дар бахши кишоварзӣ тарзи роҳбарӣ ва неъматофарӣ беҳтар гардад.

Раиси ноҳия Инъомҷон Султонов барои ҳосили фаровони имсолаи пахта аз ҳоло дар андеша аст. «Ғами ҳосилро, - мегӯяд ӯ, - аз ҳоло хӯрдан лозим меояд. Зеро таҳкурсии ҳосили фаровон аз ҳоло гузошта мешавад. Баъзеҳо дар ибтидои киштукор беparвоӣ карда, ҳангоми ҳосилғундорӣ ба ҳосили зиёд умед мебандад, ки ин хатои маҳз аст. Ҳар як тадбири фаровонҳосиро дар вақташ андешида, он гоҳ ба

натиҷаи дилхоҳ умед бастан мумкин».

Аз ин рӯ, дар ноҳия аз ҳоло «Ситоди ҳосил-2003» таъсис дода шудааст. Дар ситод роҳбарону мутахассисон шомил гашта, ҳар ҳафта ду-се рӯз рафти омодагӣ ба киштукори баҳорӣ дар хоҷагиҳо санҷида мешавад ва натиҷаи он дар маҷлисҳои сайёр ва маҷлиси ҳукумати ноҳия бо иштироки шахсони дахлдор мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ситод таҳти сарварии раиси ноҳия И. Султонов оид ба камбудиҳо ҷойдошта ва роҳбарону мутахассисони бепарвою бемасъулият чораҳои мушаххас меандешад. Ҳамин тавр, ба андешаи сарвари ноҳия, кору вазифа бояд роҳбари хубро кобад, на ин ки роҳбар аз пайи дарёфти вазифа давад.

Бо маълумотҳои оморӣ ошно гашта, аз он хулоса ёфтем, ки фаъолияти думоҳаи сарвари ноҳия натиҷа дода истодааст. Аллакай дар рақамҳои муқоисавӣ оид ба истеҳсол ва ояндабинии соҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ ва мурғпарварӣ натиҷаҳои фараҳбахш дида мешавад. Рушди сабзаваткорӣ, картошкапарварӣ, ғаллакорӣ, ниҳолшинонӣ, чун рушди пахтакорӣ эҳсос мегардад. Дар таърихи водӣ имсол бори нахуст кишти зериплёнкагии сабзавоту полезӣ ба роҳ монда шудааст. Ин кор дар майдони як гектар ҳамчун таҷриба анҷом ёфта бошад ҳам, он барои бешкентиён навигарӣ ва навоварӣ маҳсуб меёбад. Алҳол дар Бешкент обшӯйкунии заминҳои шӯр, таъмиру тоза кардани заҳбӯру дренажҳо, ниҳолшинонӣ ва омадагӣ ба киштукори баҳорӣ бо маром пеш меравад. Дар ин корҳо хоҷагиҳои деҳқонии «Бешкент», «44-чашма», «Тоҷикистон», «Арабхона», «Маҳмуд», «Беназир», «Истиқлол» ва «Рамазон» бештар саҳм мегиранд.

Вақте ки бо раиси ноҳия И. Султонов аз ҳар хусус суҳбат доштем, пайваста ҳис мешуд, ки баҳори Бешкент акнун оғоз меёбад. Ин баҳор метавонад дарояндаи начандон дур бешкентиёнро ба муроди дил бирасонад. Баҳори Бешкентро «Барномаи эҳё ва рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Бешкент дар солҳои 2003-2007», ки онро Ҳукумати ҷумҳурӣ ва вилоят тарҳрезӣ намудаанд, бештар зебоӣ ва ҷавонӣ ме-

бахшад. Ин барнома аз ҳисоби маблағи буҷаи ҷумҳуриявӣ, сармоягузорон, Бонки осиёгии рушд, Бонки умумиҷаҳонӣ ва маблағҳои худӣ амалӣ гардонда мешавад. Тибқи ин барнома, дар ноҳияи Бешкент корҳои зиёди азнавсозӣ анҷом ёфта, мафҳуми «Бешкентстрой» аз нав эҳё мегардад.

Мардуми ноҳия ҳамаи ин ғамхориҳоро аз қадами неки Сарвари давлатамон, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Э. Ш. Раҳмонов, ки ба ин ҷо сафари корӣ доштанд, ҳисобида, худро вазифадор медонанд, ки ба ин ғамхориҳо танҳо бо меҳнати ҳалолу фидокорӣ бояд ҷавоб гардонанд.

Имрӯзҳо дар водии Бешкент баҳори хуҷастапай ва Наврӯзи дилафрӯз ҳукм меронад. Мардум бо дилгармӣ ва ҳиссиёти баланди ватандӯстона ба саҳро, баромада, корҳои бузурги ободонию созандагиро ба анҷом мерасонанд. Ба он мекӯшанд, ки дар ҳамдастӣ ва ҳамбастагӣ бо мардуми гуногунмаҳалу гуногунмиллат ин водии зархезро ба макони неъматҳои моддӣ табдил диҳанд.

Шералӣ ЯҲЁ
(«Хатлон», марти соли 2003)

ЯҲЁЕВ ШЕРАФГАН

21 майи соли 1977 дар шаҳри Кӯлоб ба дунё омадааст. Соли 1994, пас аз хатми мактаби №31 ба номи С. Амиршоев, ба факултаи умумитехникии Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав шомил шудааст. Ҳамон сол ба ҳайси мудири қисми хоҷагидории рӯзномаи вилоятии «Хатлон» ба кор пазируфта шуда, дар ин рӯзнома то ба дараҷаи котиби масъул сабзид. Дар замони котиби масъул буданаш рӯзномаи «Хатлон» нахустин бор ба чопи офсетӣ рӯ овард. Солҳои 2005-2006 дар рӯзномаи вилоятии «Новий Хатлон» мухбир буд. Айни ҳол корманди маҷаллаи «Хорпуштак» дар вилояти Хатлон аст.

Соли 2000-ум ба узвияти ИЖТ қабул шуд. Аълочии матбуот ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

30 СОЛ ДАР ЯК МАКТАБ

Дар утоки корӣ машғули кори эҷодӣ будам. Ин лаҳза марди қоматбаланди газгӯшти айнакдоре вориди коргоҳ шуд ва бо хушгуфторӣ маро аз кор боздошт.

- Банда дар нафақа бошам ҳам, дар машқи шеър ҷавонам, - табассуми маънидоре карда коғазеро ба дастам дод. - Имсол ба 65 даромадам. 45-сола ҳаётам ба кори омӯзгорӣ гузаштааст. 30 сол дар як мактаб, таълимгоҳи рақами 32-и ҷамоати Авангарди ноҳияи Бохтар, ба насли наврас аз фанни забон ва адабиёти тоҷик сабақ додам. Аз касбам ифтихор дорам, аз омаду ноомади кор малул нестам. Фарзандони хуб дорам, шогирдонам низ ба ман ҳукми фарзандӣ доранд. Аз ягон нафари онҳо носипосӣ надидаам.

Аз рафти суҳбат аён гашт, ки ин марди зиндадил омӯзгори пуртаҷриба ва дар обу оташи зиндагӣ ғӯтидаю бе осеб баромада, сокини деҳаи Қизил-юлдузи хоҷагии ба номи С. Сафаров

Раззоқ Саидов буда, дар ҷодаи шоирӣ дер боз қувва меозмудааст. Чакидаҳои хомаи ӯ борҳо рӯйи саифаҳои рӯзномаҳои ноҳиявию вилоятиро дидаанд ва писанди хонандагон гаштааст.

- Устод, чаро ба ин ҷода дер камар бастед, - суол кардам аз ин муаллими садҳо муаллимон.

Раззоқи Саид табассуми маънидоре карду чунин посух дод:

- То ба нафақа баромадан масъулияти ниҳоят вазнинтаре бар дӯш доштам, ки он таълиму тарбияи хонандагон буд. Тамоми ҳастӣ, дониш, вақту эҳсосотамро сарфи он мекардам. Қарор додам, ки ин масъулият аз дӯшам камтар шавад, ба машқи шеър мепардозам, зеро илҳоми шеърнависӣ бандаро ором намегузошт. Мутаассифона, масъулияти омӯзгориам дар айёми демократии ҳаёт боз бештар афзуд. Ҳис кардам, ки дар ин айёми сарнавиштсоз омӯзгор ба тарбия зиёдтар заҳмат кашид. Зеро тарбияи ҷавонон коста гардид. Аз ин рӯ, ба нафақа баромадаму аз кори омӯзгорӣ даст накашидам. Ҳамроҳи ҳамкасбони ҷавони худ мисли пештара саҳм гирифтам. Лекин илҳоми эҷодӣ ҳар дам манро маҷбур месохт, ки қалам ба даст гираму шеър эҷод кардам, охир мақсади шеъру шоирӣ ҳам тарбия ҳаст-ку!

Омӯзгори кордида Раззоқи Саид дар ҳақиқат дар кори тарбияи насли наврас заҳмати зиёди кашидааст, саҳми зиёде дар ин кори хайр дорад. Дар водии Вахшонзамин қариб соҳае нест, ки шогирдони ӯ кор накунанд ва дар пешравии ҷомеаи имрӯза саҳме надошта бошанд. Раззоқи Саид барои заҳматҳои омӯзгорӣ бо нишони сарисинагии «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон» ва медали «Ветерани меҳнат» қадрдонӣ шудааст. Аммо барои ӯ мукофоти олӣ дигар аст: Эҳтироми шогирдон ва номи нек.

Дар ин рӯзи дониш, оғози нави соли хониш омӯзгор Раззоқи Саидро табрику таҳният гуфта, дар ҷодаи омӯзгорию шоирӣ ба ӯ бурдбориҳо таманно мекунем.

Шерафкани ЯҲЁ

(«Хатлон», №15 (9501), 31 августи соли 1998)

Ривояту ҳикояти аксҳо...

Кормандони«Роҳи ленинӣ», соли 1987

Таҷлили 70-солагии рӯзнома

П. Сатторӣ дар ҷашни 50-солагии муаллим И.Мирзоев



Р. Шарифов, С. Аттор, с. 1993

П. Сатторӣ с. 1967

Ҳавлии редаксияи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», 8.05.1980

Адибон дар Вахшонзамин

Собиқадорони рӯзнома, соли 1991

Ш. Ёдгорӣ, С. Аюбӣ, зимни таҳияи шумораи навбатӣ

Собиқадорони рӯзнома

Имрӯзи «Хатлон»

Рӯзномаи «Хатлон»-и ман, «Хатлон»-и чун бурҳони ман,
Ихлоси мардум бар ту беш, «Хатлон»-и мардумхони ман.
Эй меҳвари бунёди халқ, як умр дар имдоди халқ,
Оянда ҳам хизмат бикун, чун минбари озоди халқ.
Неъмат Шоҳзоди Сулаймонӣ, мухлиси рӯзномаи «Хатлон»



Омодагӣ ба нашри шумораи
навбатии рӯзнома

Рӯйхати нокомили кормандони нашрияи «Хатлон» («Сохтмони зарбдори Вахш», «Коммунист Курган-Тюбе», «Коммунисти Қӯрғонтеппа», «Болшевики Қӯрғонтеппа», «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа», «Навиди Вахш», «Ҳақиқати Кӯлоб», «Ҳаёти қишлоқ», «Роҳи ленинӣ», «Ҳақиқати Хатлон» ва имрӯза «Хатлон»)

А

1. Абдувоҳидов Абдувалӣ
2. Абдуқаюмов Рустам
3. Абдулвосиева М.
4. Абдулвоҳидов Бобоҷон
5. Абдуллоев Насрулло
6. Абдураҳимова Сабоҳат
7. Абдураҳмонов Масамӣ
8. Абдураҳмонов Муқимҷон
9. Абдурозиқов Собир (суратгир)
10. Абдусамадов Аскар
11. Абдухалилов Абдуллоҷон
12. Алексеева Зинаида
13. Ализода Абдуҳамид
14. Ализода Ҳуриннисо
15. Амирова Адолат
16. Амиров Бӯрихон
17. Амиров Қ.
18. Амирхонов Сафар
19. Амиршоҳӣ Мираҳмад
20. Асомиддинов Тоҳирҷон
21. Атоев Абдулфайз
22. Атоев Қурбоналӣ
23. Ашӯров Сафо (муҳаррир)
24. Аҳмадова Туҳфа
25. Аҳмадов Б.
26. Ахрорӣ Г. (муҳаррир)
27. Аъзамов К.
28. Аюбӣ Сафармуҳаммад
29. Аюбзода Сафармуҳаммад (Сафар Аюбзодаи Маҳзун)

Б

30. Барот Саид
31. Бердиева Бӯриннисо
32. Бобохонов Саидалӣ
33. Бозорова Зебо
34. Бойқузиева Инобатхон
35. Болтаев Малик

В

36. Валиев Зикруллоҳ
37. Валиев К.
38. Валиев Умар

Г

39. Гавриш В.
40. Гадоева Ш.
41. Гадоев Зуҳур
42. Гадоев Мирзо
43. Гофман Дмитрий

Ғ

44. Ғоиб Ҳақназар

Д

45. Давлатова Тоҷинисо
46. Давлатов А.
47. Давлатов Ғанӣ
48. Давлатов Карим
49. Давлатов Саидаҳё
50. Дадабоев Камол
51. Дорошев Анатолий
52. Дорошев Валентин

Ё

53. Ёдгорӣ Нозирҷон
54. Ёдгорӣ Шоҳмузаффар
55. Ёрасенов Олимҷон

З

56. Зайниддинов Зуҳуриддин
57. Зауров Сангаҳмад
58. Зокирова Маҳтоббӣ
59. Зубайдов Абдулҳаннон
60. Зуҳуров Гадо

И

61. Ибодов Исматулло

62. Иброҳимов Ашӯр
63. Иброҳимов Карим
64. Идиев Искандар
65. Икромӣ Ҷалол
(мухбири фахрӣ)
66. Имомов Аброр
67. Исломов Аслон
68. Исмоилов Кенҷа
69. Исмоилов Саймурод

К

70. Каримов Қамиш
71. Каримов Ҳотам
72. Кишварова Шарифамоҳ
73. Комилов Солиҷон
74. Коночкин Василий
75. Куканов Исмоил

Қ

76. Қарахонов Саттор
77. Қаҳҳоров Солеҳҷон
78. Қобилов Тӯра
79. Қодиров Худойбердӣ
80. Қосимов Асадулло
81. Қосимов Гурез
82. Қосимов Мирзо
83. Қосимов Шарофиддин
84. Қурбонов Гурез
85. Қурбонов Зулфалӣ

Л

86. Латифов Б.
87. Ляхович Семён

М

88. Мавлонова Ӯлмасхон
89. Маликов Ҳусейн
90. Мамедов Аюбҷон
(муҳаррир)
91. Мансуров С.
92. Маҳмудов Тӯйчибек
93. Маъмурзода Носирҷон
94. Мирзо Ғаффор
95. Мирзоева Ганҷинисо
96. Мирзоева Раъно
97. Мирзоев Бекмат
98. Мирзоев Насриддин
99. Мирзораҳимова Муҳаббат
100. Мирзораҳматов Саломиддин
101. Миршакар Мирсаид
102. Михайлова В.В.
(корманди муҳосибот)
103. Муйдинова Қ.
104. Муқимов С.
105. Муродалиев С.
106. Муродиён Ҳасан
107. Муродов Абдулло
108. Муродов Алимуҳаммад
109. Муродов Зокир
110. Муртазоева Нуринисо
111. Муртазоев Бахтиёр
112. Муслимов Акбар
113. Муҳаммадиев Шамсиддин
114. Мӯсо Абдуқаҳҳор
115. Мӯсоев Аъзам

Н

116. Набиев Аскаралӣ
117. Набиев Ҳаким
118. Насриддинов Ш.
119. Назаров Аҳмад
120. Назаров Раҷабалӣ (Роғӣ)
121. Немковский Леонид
122. Неъматов Аюбҷон
123. Неъматов Табаралӣ
124. Неъматов Толиб
125. Ниёзмуҳаммадова Давлатбӣ
126. Носирова Маслиҳат

О

127. Облоқулов Шоимкул
128. Одинаев Нурмаҳмад
129. Омонов Шоимназар
130. Орзуев Машариф

П

131. Парпоқов Бӯрибой
132. Паҳлавонова Ҳангома
(Ҳангомаи Исмат)
133. Петухова А. М. (муҳосибот)
134. Пирматов Яхшибой

Р

135. Расулов Ғафурҷон
136. Раҳимов Амиршо
(Амиршоҳи Хатлонӣ)
137. Раҳмоналиев Давлаталӣ
138. Раҳмонов Абдурасул

(суратгир)
139. Раҳмонов Саид
140. Ризоев Бойзоқ (муҳаррир)

С

141. Саидов Абдувоҳид
142. Саидов Абдусалим
143. Саидов Аскар
144. Саидҷаъфаров Ш.
145. Сайдаҳмадов Суҳбатхон
146. Сайфуллоев Сайвалӣ (матбаа)
147. Саломов Амриддин
148. Сарварова О.
149. Сарваров Мутеулло
150. Сатторӣ Пиримқул
151. Сатторов Абдулмаҷид
152. Сатторов Улуғбек
153. Сафар Ашӯр
154. Сафар Ғаффоралӣ
155. Сафарзода Наҷот
156. Сафарова Асалмо
157. Сафаров Толибшо
158. Сафархӯҷаев Саидҷаъфар (Баёзӣ)
159. Сироҷиддинов М.
160. Сироҷов Мирзо
161. Содиқов Абдулхолиқ
162. Содиқов Рустам
163. Солиева Шамъигул
164. Солиев Намоз
165. Сониев Мисралӣ
166. Сотиев Мурод
167. Соҳибов Ғулом
168. Степанова Антонина
169. Стечентсев Владимир
170. Султонов Бӯрӣ
171. Султонов Давлат
172. Султонов Темур
173. Суярӣ Зуҳуриддин (узви маҳфили «Гулбарг»-и нашрия)

Т

174. Табаров Соҳиб
175. Ташрифзода Раҳмат
176. Тимофеев Николай
177. Толибов Абдураҳмон
178. Тоҳиров Назрулло
179. Тошев Тош
180. Тошпӯлодов Мирзо
181. Турдиев О.
182. Тӯйчибоев Исмоналӣ (Усмон Билолӣ)

У

183. Убайдова Шарифа
184. Убайдуллоев Файзулло
185. Улуғзода Сотим
186. Умарова З.
187. Умаров Саидаброр
188. Умаров Шералӣ
189. Урибков Иван
190. Урозов Парда
191. Урунов Ҳабиб

Ф

192. Фахридинов Саидҷалол
193. Фирӯзов Мирзохон (Мирзои Фирӯз)

Х

194. Хатлонӣ Салим
195. Холов Қувваталӣ (муҳаррир)
196. Худоёров Раҷабалӣ (Дилҷӯ)
197. Худойбахшов Неъматулло
198. Худойбердиев Ҳаитбой
199. Худойдодова Гулрухсор
200. Худойдодова Зулфия

Ҳ

201. Ҳайдарова Х.
202. Ҳакимзода Саидҷон
203. Ҳакимов Ҳамид
204. Ҳалимов Ғайбулло
205. Ҳалимов Ашӯр
206. Ҳақбердиев Облоқул
207. Ҳамидов Рашид
208. Ҳасанзод Сипеҳр Абӯабдуллоҳ
209. Ҳасанов Ғ.
210. Ҳасанов Исматулло
211. Ҳасанов Тӯйчӣ (муҳаррир)
212. Ҳафизова Ҳусния
213. Ҳикоятов Иноят

214. Ҳомидов Фотеҳ
215. Ҳусейнов М.

Ч

216. Чориева Латофат
217. Чориев Абӯбакр
218. Чориев Файзалӣ
219. Чуркин Иван
220. Чурсин В.

Ҷ

221. Ҷалилзода Иброҳим
222. Ҷӯраева Ибодат

Ш

223. Шамсиддинов Мирзосафар
224. Шамсова Манзура
225. Шапогатова С.
226. Шарифова З.
227. Шарифова Моҳитобон
228. Шарифов Раҷабалӣ
229. Шарифов Табаралӣ
230. Шарифов Тағаймурод (суратгир)
231. Шоимардонов Абдулло
232. Шоимова Махфират
233. Шукуров М.
234. Шукуров Пирӣ

Э

235. Эркаев М.

Ю

236. Юсупова С.

Я

237. Яҳёев Дилшод
238. Яҳёев Шералӣ
239. Яҳёев Шерафган

P.S. Инчунин адибони маъруф Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев аз ҷумлаи мухбирони фахрии рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» буданд.

Аз кулли алоқамандони рӯзнома хоҳишмандем, ки дар такмили ин феҳраст барои нашрҳои минбаъдаи китоб кӯмаки худро дареғ надоранд.

МУНДАРИҶА

«Хатлон» ба манфиати халқу ватан хизмати содиқона ва софдилона мекунад......4
Абдувоҳидов Абдувалӣ. Ҳосили умр......29
Абдулвоҳидов Бобоҷон. Суруди нотамоми Муқаддас......35
Абдуллоев Насрулло. Баҳори хазонрасида......40
Абдураҳмонов Муқим. Дил гум мезанад......47
Ализода Абдулҳамид. Ализода: Аз ҳукми қатл то узрхоҳии ҳукумат......54
Ализода Ҳуриннисо Юсуфӣ. Оё модар коргар нест?......58
Амиров Бӯрихон......65
Амиршоҳӣ Мираҳмад. Ҳасрати чанори пир...... 67
Асомиддинов Тоҳир. Рафтию ному нишонат боқист......77
Атоев Абдулфайз. Ханда, ки аз дил бикушояд гиреҳ......81
Аҳмадова Туҳфа. Надомат......92
Аюбӣ Сафармуҳаммад. Андаруни як шумхабар......99
Барот Саид. Саид Барот ҳам устод ва ҳам шогирди ман аст......103
Бердиева Бӯриннисо. Бӯриннисо Бердиева - Қаҳрамони Наврӯз 107
Бобохонов Саидалӣ. Устод ба рӯзи марги хеш мегирист......112
Болтаев Малик. Ба ноҳияи Ҷиликӯл гузаштани совхози «Гулистон»......118
Валиев Зикрулло. Маънавият......121
Валиев Умар. Тафовут аз куҷо то ба куҷо......123
Гадоев Мирзо (Кӯҳдоманӣ). Ҷое, ки дарё мегузашт......127
Ғаниев Давлат......132
Ғоиб Ҳақназар. Он ки ғамини ӯем, парвои мо надорад. Порае аз достони «Суруши Хатлон»......134
Давлатова Тоҷинисо. Бонуи қаламкаш......137
Давлатов Карим Сафарович......140
Дадабоев Камолҷон Комилҷонович. Намунаҳои кори тарроҳӣ......141
Ёдгорӣ Нозир. Мулло афтол 143
Ёдгорӣ Шоҳмузаффар. Халқи ман. Оташаке зану бисӯз......151
Ёрасенов Олимҷон. Агар Айнӣ намебуд. Дӯстӣ. Хайрбод......158
Зауров Сангмуҳаммад......162
Ибодов Исматулло Холович. Зинда бодо Оли Сомон! Руҷӯъи Рӯдакӣ. Эй, қалам! 164
Иброҳимов Ашӯр 167
Иброҳимов Карим. «Чашми хатоёб кӯр шавад!»......168
Имомов Аброр Зоҳирович. Саодат......171
Исломов Аслон. Саҳифае, ки ҳамеша интизораш мешаванд......175
Исмоилов Саймурод......178
Каримов Ҳотам......179
Кишварова Шарифамоҳ. Дар мотами умед......180
Комилов Солиҷон. «Арслон»нинг қонга беланиб, «қоплон»нинг узала тушиши......186
Қарахонов Саттор. Интихоб......190
Қобилов Тӯраҷон......195

Қодиров Худойбердӣ. Ошар хунобим...196
Қосимов Гурез. Мактабе, ки моро ба роҳи масъулиятшиносӣ ҳидоят менамуд 198
Қосим Мирзо. Ду ғазал. Ба навроҳбар 206
Қосимов Шарофиддин. Қиссаи қатли «Эшони журналист»..............................208
Қурбонов Грез. Як шаби навбатдорӣ..215
Маликов Ҳусейн. Умре дар хизмати мардум..218
Маҳмудов Тӯйчибек..222
Маъмурзода Носирҷони Маъмур. Се доғи бузурги як дили кӯчаки модар.......223
Мирзо Ғаффор. Ватан. Абрувони духтари тоҷик. Шеъри ман 232
Мирзоева Ганҷинисо...235
Мирзоев Бекмат..236
Мирзоев Насриддин. Китоб. Дурӯғгӯ...237
Мирзораҳимова Муҳаббат. Ошиқи андешаи пок...240
Мирзораҳматов Саломиддин. Триумф Вахшстроя...245
Миршакар Мирсаид. Ёддоштҳои Мирсаид Миршакар. Сарчашмаи илҳоми ман. Вахш..258
Муродиён Ҳасан. Пулемётчӣ..264
Муродов Абдулло. Мо ифтихормандем 266
Муродов Зокирҷон Ҳасанович. Заамин, об: мушкилоти чандсола файсала мехоҳад...269
Муртазоева Нуриннисо. Фориғболии масъулини шаҳри Кӯлоб боиси қонуншиканиҳо дар ташаккул ва иҷроиши буҷети маҳаллӣ гардид.................274
Муртазоев Бахтиёр. «Нақби Истиқлол» ва проблемаҳои замони муосир.........279
Муслимов Акбархон. «Гулистон» чаро сермуштарист?.....................................287
Муҳаммадиев Шамсиддин. «Коммунисти Қӯрғонтеппа» - рӯзномаи дӯстии халқҳо..290
Мӯсо Абдуқаҳҳор. Дарси муҳаббат. Нигаҳи паланг. Атри роз.........................293
Мӯсоев Аъзам. Инъикосгари воқеии ҳаёти ҷомеа 295
Набиев Аскаралӣ. Зиндаву ҷовид монд, ҳарки накӯном зист..........................302
Назаров Раҷабалӣ. Деҳаи ман. Ба фардо мекунам бовар.................................305
Неъматов Аюбҷон. Фидоии истиқлоли Ватан..307
Неъматов Табаралӣ...315
Облоқулов Шоимқул Ҳамроевич. «Ёде аз усул ба дасти нағорачӣ».................317
Одинаев Нурмаҳмад. Ёди ӯ дар дилу дидаҳост...319
Омонов Шоимназар..323
Орзуев Машариф..324
Парпақов Бӯрибой. Дод аз дасти андоз..325
Паҳлавонова Ҳангома Исматовна. Нақши модари тоҷик дар сулҳи тоҷикон..329
Пирматов Яхшибой. Сир очар телевизор...336
Расулов Ғафур...338
Раҳимов Амиршо Сафарович. Ватани падарам биҳишт аст.............................340
Раҳмон Сайид. Рубоиҳо. Таронаҳо..347
Саидов Абдулвоҳид. Оғози хурсандибахш...350
Сатторӣ Пиримқул. «Гӯрӯғлӣ». Зи кӯи ёр меояд насими боди наврӯзӣ!............352
Сафар Ашӯр. Нахустин Мураббӣ...358

Сафар Ғаффоралӣ. Армуғони шоир......362
Сафарзода Наҷот.Ёднома......365
Сафарова Асалмо Журналист бояд ба дили инсони ноумед шуълаи зиндагиро барафрӯзад......370
Сафаров Толибшо Давлатович. Бо ёди Ватан......377
Сафархӯҷаев Саидҷаъфар. Занг аз қабристон......386
Сироҷов Мирзо......389
Содиқов Абдулхолиқ......390
Солиев Намоз. Оилаи намунавӣ......391
Сониев Мисралӣ. Дурӯғгӯӣ илоҷи наҷот нест......396
Сотиев Мурод. Намунаҳои корӣ......401
Соҳибов Ғулом. Дилбохтаи касб......404
Стечентсев Владимир. Намунаҳои кори В. Стечентсев......408
Султонов Бӯрӣ......410
Султонов Давлат. Ба қаламкаши рӯзномаи «Хатлон» Кашфи ситора......411
Соҳиб Табаров. Фарзанди асли даврон......416
Ташрифзода Раҳмат. Қатраҳо......426
Толибов Абдураҳмон......429
Тӯйчиев Исмоналӣ Билолович. Сайре дар дӯкони Аттор......430
Убайдуллоев Файзулло. Мактаби маҳорату истеъдод......349
Умаров Саидаброр. Марҳамат, хуш омадед!......445
Фахриддинов Саидҷалол. Заҳрхӯрдаро позаҳр мебояд......448
Фирӯзов Мирзохон. Қиссаи махсуми шахчанголи баландпарвози Валӣ......452
Холов Қувваталӣ. Алоқаи мустаҳкам. Аз умри гузаштаам шикоят накунам......465
Худоёров Раҷабалӣ. Тахаллусгузорӣ дар ғазалҳои замони Рӯдакӣ......472
Худойбахшов Неъматулло. Бозгашт......481
Ҳалимов Ғайбулло. Саноат ба дастгирӣ ниёз дорад......490
Ҳомидов Рашидбек......495
Ҳасанзод Сипеҳри Абӯабдуллоҳ. Ҳасанзод ва саҳми ӯ дар матбуот......496
Ҳасанов Исматулло. Хаймаҳои ҳикматбори Хайём......499
Ҳафизова Ҳусния. Ҷӯгӣ......503
Ҳомидов Фотеҳ. Агар ҳаждаҳсола мебудам......507
Чориев Абӯбакр. Хизмати хирсона......512
Чориева Латофат. Субҳи умед......517
Чориев Файзалӣ. Пули ҳалол......523
Ҷализода Иброҳим......529
Шамсиддинов Мирзосафар. Шарафи одамиятро пос дор......530
Шарифов Раҷабалӣ. …Бе меҳнат мева хӯрдам......535
Шарифов Тағаймурод......538
Шоимова Махфират. Матои синтетикӣ зарар дорад......539
Яҳёев Шералӣ. Баҳори Бешкент......543
Яҳёев Шерафган. 30 сол дар мактаб......549
Ривояту ҳикояти аксҳо...... 551
Имрӯзи «Хатлон» (аксҳо)......553
Рӯйхати нокомили кормандони нашрия......555

Чеҳраи Хатлон

Муҳаррир ва мураттиб *Носирҷон МАЪМУРЗОДА*

Саҳифабанд *Камол ДАДАБОЕВ*

Мусаҳҳеҳ *Ҳангомаи ИСМАТ*